Сафаралӣ КЕНҶАЕВ

# ТАБАДДУЛОТИ ТОҶИКИСТОН

Иборат аз се китоб

(Китоби аввал)

Душанбе
«Фонди Кенҷаев»
1993

ББК 63.3 (2 точик).

**Кенчаев Сафаралӣ.**

К-45 Табаддулоти Тоҷикистон: Иборат аз се китоб. Китоби аввал./муҳар. М. Фарзод/.— Душанбе; Фонди Кенчаев, 1993.— 496 с.

Китоби Табаддулоти Тоҷикистон бозгӯйи ҳодисаҳои бисёр талхи қисматсӯзи давлату миллати тоҷикон аст ки аз назари собиқ Раиси Шӯрои Олӣ ба риштаи тасвир расида. Он парда аз рӯйи даснасозону нобакоронӣ тахту чоҳҳоҳ ва ҳомиёни онҳо, ки Ватанро ба хуни фарзандарон оғушта кардаанд, бармеафканад ва иллати ашкасти давлати навинро бар асоси далелҳои мӯътамад ошкор месозад.

Китоб дастури муфидест барои сиёсатмадорон ва таърихи арзишмандест дар маърифати худшиносии миллат.

САФАРАЛӢ КЕНЧАЕВ

(на таджикском языке)

Муҳаррир *Муҳаммад Фарзод*
Мусаҳҳеҳ *И. Соҳибназар*
Муҳаррири техникӣ *И. Аҳмадов*
Муҳаррири оромш *М. Тошбеков*

Ба матбаа 20.07.93 супорида шуд. Ба чопаш 30.09.93 имзо шуд. Формати 60x84¹/₁₆. Когази № 2 Гарнитураш адабӣ. Чузъи чопии шартӣ 28,83. Чузъи нашрию ҳисобӣ 31. Адади нашр 50 000. Супориши № 1147
Нархаш шартномавӣ.

Фонди Кенчаев, Душанбе, кӯчаи Шапкин, 84.

Комбинати полиграфии Вазорати матбуот ва ахбори Чумҳурии Тоҷикистон.

Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

© Фонди Кенчаев, 1993

## ЭҲДО

*Ба шаҳидони ростин, қаҳрамонони ватанпараст ва инсоҷҳои якрӯяву якқавли мардона, ки баҳри дифои давлати қонунии ҷумҳурии Тоҷикистон ба хоби абад фурӯ рафтанд.*



# АЗ МУАЛЛИФ

Китоб номаи дод бар бедод аст, ки банда ҳаводиси қабоҳатбору даҳшатзои дар қони хеш эҳсос кардаву паси сар намудаамро ба риштаи гуфтор баркашидам.

Албатта, андешарониҳои камина сухани охир ва хулосаи қатъӣ нахоҳад буд, чунки воқеаҳои талхи ба зуҳур пайваста, ки даҳҳо ҳазор инсонро туъмаи маргу садҳо ҳазорро дар сарзамини обоиамон беватан намуд, саҳлу содда нест.

Биноан паҳлуҳои гуногунаи табаддулоти воқеии давлатӣ аз қониби муҳаққиқони соҳаҳои мухталиф ковишҳои амиқи илмиро тақозо менамояд, вале чун банда дар маркази ин ҳодисаву воқеаҳо қарор доштам, яқинан муҳаққиқинро зарур меояд, ки пиромуни андешаҳои камина бархурде дошта бошанд. Аз ин рӯ аз худои бузург барои хонандаи соҳибзавқу самимӣ андешаи рост, ба муҳаққиқини ин соҳа имони комилу бахти бедор ва гуфтори ростро таманно дорам.

# ПЕШГУФТОР

Китоби дар даст доштаи Шумо лаҳзаи маргбори сарнавишти қисматсӯзи як халқест, ки аҳли олам тоҷикаш меҳонанд, тоҷбарсару бостонӣ.

Пушида нест, таърихи ростини халқи тоҷик ба ҳазорсолаҳои пеш аз милод мерасад ва ҳамеша ин миллат бо номи пуршарафи гузаштагони ҳеш миёни оламиён фахр доранд. Ростӣ, ин мардум андар миёни тамоми қавму қабилаҳои сукунатдоштаи Моваройуннаҳру Хуросон бо илму фарҳангдӯстӣ, меҳмоннавозиву олиҳиммативу ва саховатпешагиву шуҷоатмандӣ ангуштнамоянд.

Мардуми тоҷик андаруни қавмҳои иронинажод, ки дар ин сӯи Омуя зиндагӣ доранд, асосан мардуми деҳқонанду пешаваранд ва хӯшдору ҷонибдори фарҳанганд. Чун сухан аз таъриху фарҳанг меравад, моро ёди муаррихоне чун Балъамиву Хондамир, Мирхонду Вассоф меояд. Агар аз фарҳангдӯстиву сиёсатмадорӣ ва низоми давлатдорӣ сухан ба миён ояд, Бузургмеҳру Балъамӣ, Низомулмулку Қайковус, Ҳусайн Воизу Аҳмади Дониш ва Бобоҷон Ғафуровро ҷоиз буда бошад, ки баршумурд.

Ва агар сухан аз завқу нишот ва лаззати сеҳри сухан равад, дар гахти назм қарор доштани Одамушшуаро Рӯдакӣ ва паямбарони он Фирдавсиву Анвариву Саъдиро кас мебинад.

Тоҷиконро мардумони олам оромтарин ҳалқ, закитарин қавм ва ҳассостарин миллат меҳисобанд, чунки то бад—ин рӯз аз ҷониби тоҷик нисбати халққои ҳамҷивори ҳамсоя ҳатто хурдтарин ҳаракоти ноҷоюю нобихрадонае ба вуқӯъ напайваста, дили қавмеро наёзурда. Биноан, тоҷик гузашта ба гузаштагони хеш хирадро муқаддас медонанду шахси соҳибхирадро эҳтиром менамоянд. Аз ин рӯ, бузургтарин шуарои асили ин миллат андар ситоиши хираду дониш беҳтарин абёти хешро суруда, ки мардумонамон онҳоро сина ба сина ҷовидона нигаҳ доранд.

Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-ав ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.
Ҳеҷ ганче нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ нех.

Вале бисёр ҷои таассуф аст, ки порае аз халқи орому осудаи самимонаи моро иддае мухолифини тахту кулоҳҳоҳ фирефта намуд. Сарварони давлати қонуниямонро имкони кор надод.

Чуноне ки аз мӯҳтавои китоб бар меояд, иллати асосии чунин иқдоми номубораки мухолифин заминаҳои дохилимарзиву бурунмарзии хешро молик аст, ки муаллиф ошкорову возеҳ ҳар лаҳзаи сурат пазируфтани онҳоро дар асоси далоили раднопазир мавриди баррасиву муҳокима қарор медиҳад. Аз ин нигоҳ, китоб лаҳза ба лаҳза даст ба даст додани ду қутби мантиқан мухолиф-ҳизби демократ ва ҳизби наҳзати ислом, ҳамчунин созмонҳои Лаъли Бадахшону Растохезро дар роҳи ба амал пайвастани «табаддулоти давлатӣ бисёр амиқу ошкоро нишон медиҳад. Щояд чунин сурат гирифтани воқеа дар тамоми дунё ҳодисаи талхи нодиртарине бошад!

Ба ин маънӣ асар аввалин китоби нисбатан ҷамъбастии фоҷиаи талху нангини ба вуқӯъ пайвастаи табаддулоти давлатӣ дар Тоҷикистони хуфтабахт аст, ки дар ҳамон рӯзҳои сари қудрат будани мухолифин эҷод шудааст.

Муаллифи асар касест, ки дар атрофи номаш мухолифин ин ҳама шуру шар ва ҳаёҳуву қиёмро ба роҳ андохт. Пас, саволи чаро ин тавр шуд? хопандаи воқеъбинро нороҳату безобита месозад.

Бале, муаллиф шахсияти тавонои риштаи ҳуқуқ аст, на сиёсатмадори «пролетарҳо» ва на пешвои «ашрофиюни» онҳо. Биноан, мӯҷиби қамаршикан намудани ӯ барои чанд тоифаи ҷоххоҳу манфиатҷӯ зарурати аввалиндарачаро молик будааст.

Чаро мухолифин маҳз ба С. Кенчаев часпид? Бале, дар шахсияти ӯ муқтадиртарин интелект ва масъулиятшиностарин чеҳраи командаи ҳокимияти навро медид. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ тавонист, ки аз коргузории қолабӣ даст кашида, фаъолияти Шӯрои Олиро мувофиқи талаботи қонун ба роҳ андозад. Дар оғози озод гардидани нарх тавонист бо роҳи назорати амалӣ таркишхои иҷтимоиро, ки имкон дошт дар байни донишҷӯён ва гурӯҳхои камбизоатй аҳолӣ сар бизанад, пешгирӣ намояд.

Биноан, мухолифин дар шахсияти ӯ лидери сиёсии миллатро дида, ба ҳарос афтод. Аз ҷониби дигар медонист, ки миёни дохилидарбориён бекас аст.

Аз ин рӯ, дар ҷамъи тоифаи мухолифин ахли сиёсатмаоби дохилидарборро рукни асосии бадбини ин шахсият месозад, ки баршумурд. Чаро? Зеро барои ин тоифа Сафаралӣ Кенчаев одами «бегонае» буд, ки аз молу сарвату давлати ҳафтодсолаи хизби абаркудрати коммунист танҳо билети ленинӣ ва андешаву ғояҳои солими гуманистӣ насиба намуда, ба музди дастрангӣ хеш қаноат меварзид. Из ин рӯ, барои ин тоифа чунин инсони аз берун ворид гардида, ки кайҳо иддае чоплусони сарнишиносаш мисли Михайлину Костецский тавассути ҳаракоти ҷасуронаву қалбаки ҳақталошонаи ӯ адабашонро дарёфтанд, чун маводи таркандае менамуд, ки дар сари ҳокимият будани ҳама гуна иқдоми номуборакн ишонро пешгирӣ мекард.

Аз ҷониби дигар, тоифаи мафиозе, ки наъли ҳарро ба қимати зар ба бозор мезанад, обрези дасти мухолифин гардида, ҳаммаромии хешро дар башараи талхвашонаи ишон пайдо намуд. Мӯҷиби чунин ҳаракати ин тоифа мисли рӯз равшан аст. Яъне то сари ҳокимият омадан С. Кенчаев, ки тайи кариб як сол раиси Кумитаи назорати конуниҳои Президенти ҷумҳуриро бар ӯҳда дошт, чашми ҳаромхӯрону дузду муттаҳамонро тарсонида буд. Муайян намудани нокасиҳои зиёд дар бахши кооперация, ки садҳо миллион сӯмина ба исроф рафтани боигарии ҷумҳуриро муайяну ҳамзамон даҳҳо миллионро ба хазинаи давлат ворид гардонид, гурӯҳҳои зиёди ҳаромхӯрону манфиатчӯро нороҳат сохт. Гузашта аз ин, муайян намудани нокисиҳои мавҷудаи пули арзӣ сарбории навбакиси зикршуда буд, ки калӯши иддае аз муҷримин пеши пояшон гузошта шуд. Биноан, дар сари ҳокимият қарор доштани С. Кенчаев бузургтарин хавф ва азимтарин садд барои ахли сарват ва мафия буд.

Ба ҷамъи ин ду гурӯҳ иддае ашхоси носолимакли рэкетро низ ҳамроҳ кардан ҷоиз аст, ки барои пул шуда тайёранд ба ҳар гуна дасисаву қаборхат даст бизананд. Ростӣ, барои ин тоифа чизи аз ҳама муқаддас пул аст. Биноан, касе ки ба ишон пули зиёд диҳад, ҷонибдораш бошанд ва дасти ӯ болову шахси голиб ба шумор меравад. Ана ҳамин мароми нобихрадонаи гурӯҳи рекэтро мухолифин тавонистанд, ки ба манфиати хеш сӯиистифода намоянд.

Ба замми ин, иддае зиёнёни калованда, рӯзноманигорони сарватдӯсту харис ва дигар тоифаҳои нопойдору ноустуворро мухолифин тавонистанд, ки баҳри амалӣ гардидани нақшаҳои носавобонаи хеш, яъне дар табаддулоти давлатӣ истифода баранд. Ба назарам, сабаби аввалиндараҷаи ба вуқӯъ пайвастани ин амри номуборакро пеш аз ҳама чашмгируснагии тоифаҳои зикршуда ба бор овард. Ҳодисаи бавукӯъ пайвастаи талх собит менамояд: ҷомеае, ки аз нигоҳи иқтисодӣ ва маънавиву фарҳангӣ комил нагардида, гузашта аз ин, ҳудшиносии миллӣ дар замири шахрвандони он амалан мавҷуд набошад, ба маҷрои дилхоҳи тарҳи бофтаву сохтаи ин ва ё он гурӯҳе ворид гардидаву ғелинданаш ба осонӣ даст медодааст.

Чунон ки мебинем, китоб аз дидгохи касе сурат мегирад, ки тамоми ҳодисаву воқеаҳои талхи ба зуҳур пайваставу силарӣ гардидаро дар қони хеш эҳсос намуд. Аз миёни гирдоби ҳаводиси нангини миллат имон ба саломат бурда, чун нохудон корозмудаву дурандеше бар сари қилави киштии наҷоти халқамон нишаста, онро ба сохили мурод расонидааст. Хар шахрван-

ди соҳибҳуши имондор саҳми ӯро дар қатъи ҷанги бародаркуш мисли рӯзи равшан дидааст.

Ин шахс кист? Чаро ин ҳама ҳаёҳуву даву ғеҷҳои гӯшношунидро мухолифин баҳри аз сари қудрат дур намуданаш ба ҳарҷ дод?

Бале, ӯ мардест панҷоҳсола, ки айёми ҷавониро ба нигезмандиҳои зиёде чун муздуриву мардикорӣ сипарӣ кард, ҳамзамон Донишгоҳро бо дипломи аъло хатм намуд ва соли 1980 дар риштаи ҳуқуқ номзади илм гардидаву кори докторияшро низ дар ҳамин ихтисос поён додааст.

Ҳуқуқшиносии ӯ зимни талаби ҳаким Низомӣ:

Мебош фақеҳи ҳикматомӯз
Аммо на фақеҳи ҳиллатомӯз

ба роҳ монда шудааст.

Биноан, ӯ инсонест, ки аз миёни мардуми қаторӣ ранҷбар рӯйда, заҳмату меҳнати деҳқону коргари оддиро хеле хуб эҳсос намуда, зеро аз айёми ҷавонӣ дар миёни деҳқонзодаҳо тарбият ёфта, ба тамоми қасбу кори деҳқонӣ: шудгору дарав, хирманкӯбиву бодкунӣ, хиштрезиву деворзанӣ шиносоии амиқе дорад.

Ӯ додситон аст, аксари умрашро сарфи ин пеша намуд, ғаму андӯҳи ҷомеаро бар дӯш гирифта, рӯзгоре ба олами ҷиноят даст ба гиребон аст. Бесабаб нест, ки аксари шаҳрвандони ҷумҳурӣ ӯро «Комиссар Қатани» лақаб додаанд. Дар замири ин тахаллус мардум чун рамзи ихлосу боварӣ ба ӯ, ки додситони матиннирода, ростиҳоҷ ва ҳомии қонунҳои давлат ва ҳуқуқи мардум мебошад, эътиқод бастаанд. Албатта ин гуна сурат гирифтани кор бесабаб нест. Ба назари мо, се хислати ӯро аз қабили муқаддас донистани Қонун ва бечуну чаро иҷроиши он, сониян шикастанафсиву чашмсерӣ дар тамоми ҳолатҳо ва сеюм, ҳаққи ҷомеаро аз ҳаққи хеш баланд донистану зимни ба амал пайвастани ҳоҳишҳои мардум камари ҳиммат бастан, дар ин роҳ баршумурдан лозим меояд.

Ӯ дар касби хеш соҳибмактаб аст. Саҳми ӯ дар рушди мақомоти додситонии ҷумҳурӣ ва собиқ шӯравӣ, ки солҳои 1970—1980 мумтозгарин юрист шинохта шуда, бо Ордени Дӯстии ҳалқҳо, медали барои меҳнати шоён ва Ифтихорномаҳо сарфароз гардидааст, далели ҳамин даъвост.

Ӯ дар интихоби шогирдон, пазируфтани ҳамкорон ва ҷо ба ҷо намудани кадрҳо ба лаёқату истеъдод, меҳнатдӯстиву ростқавлӣ ва покиву ҳалолкорӣ эътиқодманд буда, ҷунин талаботро ба диди фаросати нотакрори хеш мавриди санҷиш қарор медиҳад.

Ӯ олим аст хело сермаҳсул. То имрӯз 12 китоб, аз ҷумла 7 монография: «Ҳар мактуберо соҳибе ҳаст» (ба забони тоҷикӣ) Душанбе, «Ирфон», 1978, «Анализ районным городским прокурорам правонарушении непреступного характера (ба забони русӣ) Харков, 1981, «Аз хусуси кор бо мактубҳои меҳнаткашон» Душанбе, «Ирфон», 1982, «Қонун, ҳуқуқ ва инсон», «Душанбе, «Ирфон», 1984, «Ҳамоҳангии кори прокурори нақлиёт дар хусуси истодшавии вагону сицерҳо» (русӣ) Душанбе, 1986, «Делои ҷиноятии 10 895» (тоҷикӣ) Душанбе, «Маориф», 1989, «Ҷиноятнома» (тоҷикӣ), Душанбе, «Маориф», 1993; 53 очерку мақолаҳои илмӣ-публицистӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Москва ва Харков ба табъ расонидааст.

Ҷунон ки аз номгӯи монографияҳояш бармеояд, китобҳои ӯро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар ҷумҳуриҳо мисли Украина, ҷун васоити таълимӣ мавриди мутолиаву истифода қарор додаанд. Бадин маънӣ назари олимии С. Кенҷаев кайҳост берун аз остони ҷумҳуриамон доман паҳн намудааст.

Ёдовар бояд шуд, ки нақшу чеҳраи олимонаи ӯ дар риштаи ҳуқуқ басо мароқовар ва муассир аст. Биноан, силсилаи монографияҳои ӯ шахсияти воломақоми илми ҳуқуқшиносӣ будани муаллифро кайҳост, ки миёни аҳли илм собит намудааст.

Мутахассисони соҳаи ҳуқуқ ўро чун ҳуқуқшиноси комил ба дарк гирифтаву нисбати осораш баҳои мусбати сазовор додаанд.

Гузашта аз ин, шўҳрату азамати ў дар Тоҷикистон тавассути очерку мақолаҳо ва китобҳои илмиву публицистияш ба амал пайвастааст.

Очеркҳои «Мўй дар хамир», Садои Шарқ № 10. 1988, «Мардон»-и чорасозу шоҳидони дурўя», Садои Шарқ № 9. 1989, «Қаҷқаламӣ дар сабти ҳақиқат» Садои Шарқ, № 8 1989 ва китоби «Сўзи дил», Душанбе 1991 аз ҷумлаи асарҳои илмӣ-публицистии муаллифанд, ки ўро на танҳо олими соҳаи ҳуқуқ, балки нависандаи соҳибзавқу нозукхаёл ва қаламкаши ҳассос, фаросатманд андар миёни ҷомеа муаррифӣ намудаанд. Воқеъбинӣ ва ҳақиқатнигории муаллиф пайваста меҳри ўро дар дилу дидаи оммаҳои васеъ ҷойгир намуд. Аз ин рӯ, очерки «Мўй дар хамир», аввалин асари ошкоркунандаи олами ботинии қабоҳатзову шеванпарвари Қостецкий М. С. барин чоплусони ин соҳа муқаддасро ошкоро нишон дод. Шояд ба аввалин бор ҳамон шумораи маҷаллаи «Садои Шарқ»-ро аксари шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва хоса кормандони илми ҳуқуқ аз дуконҳову киоскҳо кофту ков намудаанд. Хатто кор ба дараҷае расид, ки очерки номбурдаро ашхоси алоҳида барои хеш маблағ сарф намуда, ба забони русӣ баргардон менамуданд. Фильмбардорон аз рўи он фильм бардоштанд. Чунон ки аз ахбори телевизиони тоҷик хабар доданд, ин фильмро Шабакаи Телевизионии Останкинои Руссия ба маблағи 40 миллион рубл харида дар рўзҳои наздик ба пахш намуданаш иқдом гирифтааст.

Чунон ки мебинем, муаллиф дар ин соҳа, яъне дар навиштану ба табъ расонидани эҷоди баденю публицистӣ шахси навкору тозаворид андаруни аҳли қалам набуда, балки чикидаҳои хомаи ў дарелӣ шоеъ бар онанд, ки ин шахс илҳоми ҳудододи нависандагӣ ва завқи саршори табиии модарзодӣ дорад.

Биноан, ҳамҳамаву дабдабаи мунофиқин, ки аз чопи «Овоза ва ҳақиқат» (ногуфта намонад, зиёда аз як сол аст рўзномаи «Тоҷикистон» ба интишори порае аз ин китоб пардохта, ки зиёда аз сад саҳифаашро фаро мегирад), дар кунҷи вайронаҳову таҳхонаҳо ва ғорҳову камари кўҳҳо маскан гузида, ба муаллифи ҳақиқӣ будани С. Кенҷаев изҳори шак намудаанд. Дўрўғашон бефурўғ аст. Ин ангезаҳои шайтонии ишон бори дигар қанотафшонданашон парвози мурғи хонагиро монад. Давву ғеҷашон то остонаи коҳдон фосилае беш надорад .

Чи чора, худо дар ҷони нобакори ин тоифаи зоғҳои бадмур, ки мухолифин унвонашон мебарем, ба ҷои раҳмон шайтону ба ҷои фариштаи деви хабиси кинхоҳро андаруни колбади валангори қалъаи баданашон ворид сохтааст. Ин тоифа ором намудани деви хабиси хоҳишҳои шайтонии хешро дар ҷангу нобудиҳо ва барҳам задану барбод додани дастовардҳои оромонаву осудонаи ватани хуфтабахтамон дидаанд.

Ин тударо метавон муште аз ҷамъи тоифаи маҳалгароии тоҷик маҳсуб донист, ки аз моҳияти миллат ва шукўҳу шаҳомати он бенасиб буда, кўрдиливу торикимонӣ ва яъсу навмедиро сармашқи хеш намуда, ватани азизамонро тиккаву порра сохтанд!

Ў инсонест башардўсти ҷомеапараст. Дар замири дилаш тамоми халқҳову миллатҳо ягонаву воҳиданд. Истеъдодҳову меҳнатқаринҳоро дўст медораду поси эҳтиром менамояд. Ба хусус аҳли илму фарҳангро шоиставу, гиромӣ медорад ва заҳмати ишонро мукаддас меҳисобад, зеро ба пиндори салими ў иқболу саодат ва шукўҳу шаҳомати давлату миллат дар касби ростандешонаи аҳли сухан нуҳуфта мебошад.

Дар дўстӣ ва одаму одамгарӣ ҳамто надорад. Дасткушоду харроҷ аст. Шояд ҳамин дасткушодаву дилсофияш бошад, ки инсонҳои гуногумазҳабу мухталифмиллат ўро гиромӣ медоранд. Хуллас, густариши пайвандҳои дўстиро ба қимати ҷон харидор аст, зеро:

Гуфт назди ман ҷавонмард он бувад,
Камтарин кораш фидои ҷон бувад.

Ба қадри аҳли меҳнату заҳмат мерасад, чунки худ аз миёни тӯдаҳои аҳли заҳмат рӯида, азобу машаққат ва ногувориҳову ниёзмандиҳои ононро ба чашми сар дидаву дар ҷони хеш эҳсос намудааст.

Ӯ касест, ки дар сиёсат мӯйро аз хамир ҷудо менамояд. Шояд ҳамин гуна истеъдоди фитрии ҷомеадориаш буда, ки дар душвортарин лаҳзаҳо ҳаёти намояндагони мардум бо муштзӯрии мухолифин нигоҳ накарда, се дафъа дар райъгирии пинҳонӣ ба ҷонибаш овоз доданд. Ба назарам, ин ҳо диса дар сатҳи дунё то бад-ин рӯз воқеаест бисёр муассиру такрорнопазир. Дар ин маврид низ фаросати сиёатмадорӣ ва нерӯи ақли ҷомеаписандӣ ба ӯ даст дод, то ҳар дафъа ғолиб бошад. Мухолифин яқинан ба хулосае омаданд, ки дар буданаш ӯро ҳеҷ имкон надорад, ки аз ҷой ҷунбонид, бинобан даст ба дуздии намояндагони мардум заданду куштору ғорат ва ё қаллобонаву фиребгарона дар ғайбаш ӯро сабукдӯш намудаанд, ки аз конун фарсаҳо дур ин ҳодисаи табоҳ ба амал пайваст.

Ин марди тавоно даст ба тасвири ҳодисаҳои рухдода зад. Инак, асаре дар се муҷаллад таҳти унвони «табаддулоти Тоҷикистон» ба вуҷуд омад. Муҳтавои ёддошту хотираҳои С. Ҷенҷаев «табаддулоти Тоҷикистон» бозгӯйи табаддулоти давлатӣ дар асоси далелу санади боэътимод буда, чанд андешаи судмандеро пеш меорад:

Аввалан, муаллифи китоб дидаҳову шунидаҳо ва дар ҷони хеш эҳсос намудани ҳодисаву воқеаҳои рухдодаро мавриди таҳлил қарор дода, тарзу усули ворастагӣ аз ин гирдоби балоро мантиқан ҷустуҷӯ менамояд ва тамоми пешниҳодҳои саривақтии ҷасуронаи ӯ, ки дар ҳузури шоҳидони зиёд гузошта шуда, аксаран аз ҷониби Президенту сарвазир ҷонибдорӣ наёфтаанд, боиси барҳам задани ҳукумати қонунӣ шуданд. Дар ин мавриди такрор ба такрор ба далелҳои боэътимод муроҷиат намудани муаллиф асарашро мароқовар ва саҳеҳ мегардонад.

Сониян, муаллиф фалаҷии аркони асосии давлатро мӯҷиби шикасти давлати қонунӣ дар ҷумҳуриямон мешуморад. Биноан, асар ҳуҷҷати муҳимест барои сарварони ояндаи Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ҳамҷавору ҳаммазҳабамон...

Сеюм, далелҳои овардаи муаллиф чунон мантиқан устуворанд, ки аз рӯи онҳо ашхоси муҷримро кормандони хифзи ҳуқуқ, ба осонӣ муайян менамоянд.

Чаҳорум, муаллиф ба зуҳур пайвастани табаддулоти давлатиро зина ба зина аз ҷониби аҳзобу созмонҳои «сиёсие, ки асосан дурнамои назарашон мухолифи ҳам қарор дошта, дар айни вақт баҳри аз миён бурдани давлати қонунӣ даст ба даст дода, зимни дасисаҳову қабоҳатҳо тарзи тозатарини табаддулот, яъне Президентро ҳамчун никоб барои ба ҳадафи нихоии хеш расидан нигоҳ дошта, дастгоҳу ваколат ва имкониятҳои ӯро аз миён бардоштаанд, муфассал таҳлил менамояд. Аз ин нигоҳ асар ҳуҷҷати сиёсии таърихи лаҳзаҳои ногувори Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, равнақу нумӯи «навдавлатон» (оппозисия) ва нобориҳои давлати қонуниро дар тарсӯиву лавандӣ ва форигболии роҳбарияти асосии он мебинад.

Панҷум, асар дастури шоистаи давлатдорист, ки мавҷудияти мустаҳкамии онро муаллиф дар ваҳдати ногусастании се аркон: Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирон ва Дастгоҳи Президент мебинад.

Охир, сабку услуби китоб хоси муаллиф аст. Ӯ дар тарзи нигориш роҳи саҳеҳу соддабаёниро пеш гирифтааст, ки ба оммаҳои зиёди хонандагон дастрас мебошад.

МУҲАММАД ФАРЗОД,

профессор, доктори илми филологӣ

# ОҒОЗ

Умр ба хушнудии дилҳо гузор.
То зи ту хушнуд бувад кирдугор.
Ҳаркӣ ба некӣ амал оғоз кард.
Некии ӯ рӯй бад-ӯ боз кард.

Инак, муборизаву зиддиятҳо, беадолатию муносибати нотавонбинонаи шӯъбаи идеологии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон таҳти сарварии котиби дуюми КМ ҲК Тоҷикистон Г. Веселков нисбати камина, ки гӯё аъзои ҳаракати «Растохез»-у ақидаҳои экстремистӣ дошта бошам, паси сар гардид.

Ҳақиқат бар беадолатӣ ғолиб омад, ба боварии интихобкунандагони ҳавзаи интихоботии рақами 63 Ҷӯйбодоми ноҳияи Ленин сазовор шуда, аз миёни се номзад бо аксари овозҳо депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудам. Ба арсаи сиёсат қадам гузоштам. Сари бедардамро пур аз ғаму ташвиш намудам, чаро ки дар чони покам умеди ягона химояи ҳаққу ҳуқуқи мардуми меҳнаткаш ва барқарории адлу инсоф асту бас.

Рост**ӣ**, аз таърихи башарият хуб медонам, табиатан сиёсат чизест номардона ва гоҳо нопок, ки дар умқаш дӯстию ростқавлию покию якзабонӣ мавҷуд нест, вале чӣ чора, ба хотири он ки заррае бошад ҳам ба халқам нафъ расонда тавонам, қадам андар ин майдон задам, ки задам. Зарур медонам барои сиёсатмаобон калимаи **сиёсатро** шарҳ диҳам. Шояд ба ғазаби кинхоҳии модарзодиашон, ки нисбати банда камари номардона баста, борҳо чораҳои сахт нангини тирборонашонро бароям арзонӣ доштанд, онро бихонанду лаҳзае ба кори хайр, ба манфиати мардум кӯшиш намоянд. Омин!

Сиёсат калимаи арабист, ки маъноаш идораи давлат, ба даст овардани мамлакат, нигоҳ доштан ва истифодаи ҳокимият аст. Пас, вазифаи роҳбари сиёсӣ аз ҳалли масъалаҳои зерин иборат аст:

АВВАЛ, гузориши масъалаҳои муҳим. Равшан ва муайян намудани масъалаҳои имрӯзу фардо, ки бояд дар фосилаи муқаррари вақт бо риояи қонунҳои дохилию хориҷии аҳли башар халлу фасли хешро ёбанд;

СОНӢ, ба вуҷуд овардани метод, восита, шаклҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва ташкилотҳое, ки бо ёрии онҳо вазифаҳои ба миён гузошташуда ба осонӣ ҳаллу фасли хешро дармеёбанд.

СЕЮМ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз рӯи принципи қобилият, истеъдод ва маҳорат, ки ин нишонаҳо ба дарк намудану иҷрои вазифаҳои гузошташуда вогузор мегарданд.

ЧОРУМ, мустаҳкам намудани аркони давлат, муқаддасии қонун, интизоми қатъӣ дар тамоми соҳаҳои давлатдорӣ, кафолати истифодаи амалии ҳуқуқу озодии шахрвандон қатъи назар аз миллат, мансубияти нажод, маълумот, мазҳаб, маҳалл ва ғайра.

Масъалаҳои номбаршуда фишанги асосии давлатдоранд, бидуни онҳо кор пеш намераваду муваффақият ҳам ба даст намеояд. Иҷро шудани ин фишангҳо ба валвалаву ҳамҳама, гардиҳамойиҳову террорҳо ва фаҳшгӯиҳову дурӯғбофиҳо ба даст намеоянд.

Барои сиёсатмадорони норафтароҳи камфарҳангу бехирад, яъне сиёсатмаобон иҷро намудани чунин вазифаҳо кори саҳлу осон нест ва аксари онҳоро ҳаёту зиндагӣ маҷбур месозад, ки баҳри пинҳон доштани костагиҳову камбудиҳои хизматӣ ва дар сари қудрат мондани хеш дурӯғ гӯянд, дурӯяву баъзан рӯсиёҳ бошанд, якеро ба дигаре гоҳо ҷанг андохта, худ нақши тамошобинро бозанд, манфиатҳои ночизи худро бо дасти дигарон ҳал намоянду аз вазифаю мансаб баҳра бардоранд. Бо итминон мегӯям, ки чунин ашхос ба дили мардуми меҳнатӣ роҳ намеёбанд, балки агар иҷборӣ ишонро ёд кунанд ҳам, ҷуз ёди нафратбори заҳҳоконаву аҳриманона чизи дигаре нахоҳад буд.

Азбаски иддаи зиёди «роҳбарон» дар кӯраи сиёсат напухта, зинаҳои мӯътамади онро тай накарда, фаросату хирадии казоии сарварӣ надошта, дурандеш ҳам набуданд, ба чунин иллатҳо аз ӯҳдаи идораи давлат баромада натавонистанд.

Воқеан, он чизеро, ки ҳеҷ гоҳ эътирофаш намекардаму сари гурез аз он доштам, бо амри худо гирифтораш гардидам, ки акнун дар андаруни раг ба раги ҷонам маъво дорад.

Чун дигар вакилони мардумии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои Шӯрои Олӣ ширкат меварзидам, расман ба ягон гурӯҳе ҳамроҳ нагардида, вазифаи депутатиро адо мекардам. Аз рӯи ақлу фаҳмишам нисбати масъалаҳое, ки мавриди баррасии иҷлосияҳо қарор мегирифтанд, фикру ақидаамро ошкоро, бе тарсу ҳарос иброз месохтам, камбудиву норасоии курсинишинонро фошофош мегуфтам, барои қабули қонунҳои солим, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои мардуми оддӣ пайваста нерӯи ақлу имонамро ба харҷ медодам.

Иддаи депутатҳои Шӯрои Олӣ ва роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ, ки ҳоло ҳам зери тарҳи кашидаи солҳои пешин, аниқтараш, солҳои рукуду карахтӣ амал доштанд, одатан фикру ақидаи бандаро дар бисёр мавридҳо нодуруст маънидод менамуданд ва ба гардани ман ҳар гуна гапҳои носавобро бор карда, мегуфтанд: «Сафаралӣ Ҷенчаев ба ростӣ узви «Растохез» ё аъзои ҳизби демократ», ҳол он ки аз соли 1968 то ба қувваи қонун даромадани фармони Президенти ҷумҳурӣ Қаҳҳор Маҳкамов оиди боздоштани ҳизбият дар органҳои маъмурӣ узви Ҳизби Коммунист будам, ки ба ақидаам то ба имрӯз содиқам. Вале андешаҳои зиёди демократӣ доштаму дорам, ки кулли онҳо танҳо барои беҳбудӣ ва таъмини адолату баробарҳуқуқии инсон равона карда шудаанд. Вале роҳбарияти ҚМ ҲҚ Тоҷикистон бо сабабҳои то кунун бароям номаълум аз ман хавфе доштанд, боре ҳам ҳуқуқу манфиатҳоямро ҳимоя накарда, баръакс онро поймол карданд.

Як теъдод роҳбарони кумитаи Ҳизби Коммунисти шаҳри Душанбе, ҚМ ҲҚ Тоҷикистон дар симоям шахси номатлубро дида, борҳо нисбатам санҷишҳои ошкору ниҳонӣ ба роҳ андохтанд, аз зери нохун чирк кофтанд, вале шукри худо, дар шахсиятам зарраи гуноҳе пайдо нанамуданд, зеро дар тамоми давраи иҷрои вазифаву зиндагиам дар масири рост қадам мондаву талаботи қонунро мукаддас дониста, гоме ноҷову носавоб нагузоштаам.

Ҳатто боре собиқ котиби аввали ҚМ ҲҚ Тоҷикистон, нахустин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов ба воситаи Холмурод Шарифов маро ба утоқи кориаш даъват намуд. Дар рафти сӯҳбат он кас бисёр ҳам зираконаю оромона аз ман пурсон шуд:

— Сафаралӣ Ҷенчаев, мегӯянд, ки Шумо ҳам аъзои «Растохез» шудаед?!

— Чӣ хел аъзои «Растохез»,— дар ҳайрат афтода, ба сӯяш нигаристам.

Қаҳҳор Маҳкамов дар он лаҳза ба сӯям писхандомезона нигариста қалами дасташро рӯи миз бозӣ доронда, суханашро идома дод:

— Ҳаракати мардумии «Ростахез»-дия.

Ман низ дар навбати худ бо заҳрханда гуфтам:

— Мӯҳтарам Қаҳҳор Маҳкамов, наход Шумо ба он бовар кунед, ки ман ба ҳаракати мардумии «Растохез», ки дар он Тоҳир Абдуҷабборов барин шахси «бенамоз» раису Мирбобо Мирраҳимов, ки азраҳии чашмаш аз ботини қабоҳатзояш гувоҳӣ медиҳад, ҷонишинаш бошад, аъзо бошам?! Охир, банда тоқати дидори чунин башараҳои талхавашонаро ростӣ, надорам. Агар ҷамъият ё ҳаракате ташкил медодагӣ бошам, қабл

аз ҳама раиси он худам мешавам. Вале ҳоло дар ин маънӣ хурдтарин андешаро дар хеш роҳ надодаам. Хоҳишмандам, Шумо тахминӣ, бе таҳлили дақиқу амиқ ва бе далелҳои кофӣ ба суханҳои бофтаю сохтаи хабаркашону суханфурӯшон бовар накунед. Дӯстонро ба худ душман насозед. Чуноне ки Саъдӣ гуфтааст:

Сухандони парварда пири куҳан
Бияндешад, он гаҳ бигӯяд сухан.

Ҳеҷ гоҳ бо онҳо ҳамақида набудам ва шарофатмандона мегӯям, ки нахоҳам буд. Бо ҳамин сӯҳбати онрӯзаи мо поён ёфт.

Вале аз миён ду ё се моҳ гузашту боз Қаҳҳор Маҳкамов маро наздашон хонданд. Ҳангоми сӯҳбат нисбати таъсиси ҳизби наҳзати ислом ақидаи бандаро пурсон шуданд. Ба он кас гуфтам: «Таъсиси ҳизби наҳзати ислом дар ҷумҳурии мо ҳеҷ зарурате надорад ва ин ғайриқонунӣ мебошад, чунки аз рӯи Қонуни Асосии ҷумҳурӣ «дин аз давлат, мактаб аз дин ҷудо мебошад». Бинобар ин, дин ҳуқуқи ба сиёсати давлат шарик шуданро надорад.

Бо хоҳиши Қаҳҳор Маҳкамов ҷиҳати қонунии ин масъаларо бо далелҳо дар 6 саҳифа иншо намуда, ба дасташон бурда супурдам. Ин ҳуҷҷати қонуние буд, ки баъди мутолиаи Барнома ва Оинномаи ҳизби наҳзати ислом, таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиш дар асоси талаботи қонун онро иншо карда будам Ба ростӣ, ҳамон рӯз баъди мутолиаи Барномаю Оинномаи ин ҳизб эҳсос карда будам, ки он мақсадҳои тахтонии нопоке дорад ва бо гузашти чанд моҳ, ҳатто ба сол накашида, ошкоро гардид.

Баъди ин вохӯриҳо боз чандин маротибаи дигар Қаҳҳор Маҳкамов маро наздаш даъват намуда, оиди масъалаҳои ба миён омада, вобаста ба ҳуқуқу қонун сӯҳбат орост. Сипас, рӯзе маро даъват намуда, ба вазифаи Мушовири давлатии назди Президент оиди назорати қонун, фармонҳои Президенти ҷумҳурӣ, актҳои Девони Вазирон ва ҳамонҳангии муборизаи зидди ҷиноятқорӣ таъин намуд. Сипас, бо 13 нафар коргар бо фишори оппозиция, ки гӯё президент ҳуқуқи таъсиси чунин аппаратро надорад, онро ба Кумитаи назорати назди Президент табдил дод.

Дар муддати бисёр кӯтоҳ Кумитаи назоратӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ санҷишҳои зиёде гузаронд, камбудию нуқсонҳои нобахшидании зиёдеро дар қонуншиканӣ, мардумфиребӣ, дуздию ғоратгарӣ, мафияи дохилӣ ва хориҷии бо ҷумҳурии мо алоқаманд буда ошкор сохт. Садҳо миллион сӯми ғоратшударо пайдо намуд, ҳамзамон даҳҳо миллионро ба бучаи давлат барқарор намуда, мансабдорони қаллобу ноинсофро

аз курсии мансаб маҳрум сохт, теша ба решаи мафия зад. Ин амалиёти Кумитаи назоратии назди Президенти ҷумҳурӣ ба бисёр курсинишинони зинаҳои боло, ки забонбастаи мафияи дохилию хориҷӣ буда, алоқаи ногусастании моливу қонӣ доштанд, хуш наомад. Ин гуна кор аз ҷумла ба роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ маъқул наафтод, чунки ишон низ чандон пок набуданд.

Росташ, аксари роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ: вазирон, раисон сардор ё худ аъзои ягон кооператив, корхонаи хурд, маркази тиҷоратӣ, ассоциация, биржа, корпорация, корхонаҳои муштарак бо давлатҳои хориҷӣ ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо бо ҳар роҳу восита аз мансабҳои хеш сӯиистеъмол намуда, ба хотири он, ки фардо аз ин шаҳд ком ширин намоянд, аз ҳисоби молу мулки давлат барои дах шуда, сад медоданд. Ҳамаи инро роҳбарон пеш ҳам медонистанд ва хуб дарк карда буданд, ки дар Ҷумҳурӣ чун дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ ҷунбише амал дорад ва он боиси хонахаробии мардум мегардад. Вале онҳо ин ҳамаро дида, худро ба нодонӣ ва нодида гирифтани ҳаводис мезаданд, зеро тамаъкор буда, хештанро ба тамаъ фурӯ мебурданд. Охир, шоир дар мазаммати тамаъ фармудааст:

**Тамаъ дар ҳарчи бастӣ пой бастӣ,**
**Чу даст аз ҷумла шустӣ, рав, ки растӣ.**

Кумитаи назорати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он вақт банда сарвариашро ба ӯҳда доштам, фаъолияти якчанд корхонаву ташкилотҳоро нисбати ташкили фонди арз (валюта) дар зарфи се соли охир (1989—1991) тафтиш намуд. Он вақт дар Ҷумҳурӣ 59 муассисаю корхона ва хоҷагиҳо бо пули арзӣ сару кор дошт. Маълум гардид, ки аксар вақт муомилоти арз дар ҷумҳурӣ бо иштироку миёнаравии иттиҳодияю фирмаҳои хориҷӣ ба амал бароварда мешудааст. Азбаски фаъолияти корчаллонҳои хориҷию ҷумҳурии мо дар як поя нест, аксари маврид худфиребдиҳӣ ва даст ба кисаи давлату ҷамъият задани корчаллону миёнаравон ва мансабдорони мо аён мегардид. Тафтиш собит намуд, ки заводи равғани шаҳри Қӯрғонтеппа ба маблағи 1311 ҳазор пули хориҷии категорияи якум қарздор аст. Як миллиони ин пули арзӣ аз иттиҳодияи пахтатозакунии Қӯрғонтеппа, 50 ҳазор аз заводи пахтаи Шаҳритус, 250 ҳазор аз заводи пахтаи шаҳраки Октябр, 11 ҳазор аз совхоз-техникуми ба номи Куйбишев. Одатан пули арзиро ин ё он корхонаву ташкилот ба мақсади сохтани объекти нав, таъмир ё васл намудани хати нави технологӣ қарз мегирад. Дар заводи равған бошад, пули хо-

ричиро қарз гирифта, автомашина, помбарх, рӯймол, магнитофону видеокамера, аудиотехника харида буданд.

Дар заводи нуриҳои азотии Вахш ба нарасидани нуриҳои азотӣ дар чумҳурӣ нигоҳ накарда, солн 1990 ба миқдори 18 ҳазор тонна карбамидро ба фирмаи америкоии «Экспо-инкорпорейтед» ба маблағи ночиз ба фурӯш заданд. Аҷобати кор боз дар он аст, ки завод ҳар тонна карбамидро аз нархҳои ҷаҳонӣ ду баробар арзонтар фурӯхта, дар охир бошад, фирма ба ҳар тонна карбамид ба ҷои 80 ҳамагӣ 70 доллар ҳақгузорӣ намудааст. Ва аз ин ҳисоб завод 1.548.000 доллларро аз даст дода, зарари аз ин ҳисоб ба завод расида даҳҳо не, садҳо миллион рублро ташкил додааст.

Чунин худсарӣ нисбати иқтисодиёти чумҳурӣ дар идораи овозадори «Тоҷиквнешторг» ҳукмрон буд. Солн 1990 ин ташкилот ба ивази пули арзӣ ба миқдори зиёд асбобу анҷом, таҷҳизот ва дорувор харид. Аз ҷумла, ба маблағи 2.206.706 рубл дорувори «Супвермп», 885.205 рубл. «Кокцидиовит», 1.087.001 рубл. «Феродекс» харид. Доруҷоти номбурда дар анбор пӯсиду талабгоре наёфт. Маълум гардид, ки роҳбарияти «Тоҷиквнешторг» ин ҳама доруворро бе маслиҳати мутахассисон харидорӣ намуда будааст.

Аз ҳама аламовараш дар он буд, ки солҳои 1989—1990 корхонаҳои Тоҷикистон дар ҳолате, ки иқтисодиёти чумҳурӣ бо ду пояш мелангид, берун аз чумҳурӣ, бе бозгашт 5.996 ҳазор пули арзиро дода, ба ивазаш ягон чиз ба Тоҷикистон харида наовардаанд.

Роҳбарони «Тоҷиклегпромсирё» бошанд, 16.000 тоннаи пахтаи деҳқонони тоҷикро ба 20.225 ҳазор сӯм харида, онро ба яке аз фирмаҳои Америка ба фурӯш баровардаанд. Ин муомилот ба хазинаи мардуми тоҷик 6 миллион доллар зарари маҳз овард. Чунин мисолҳое, ки ба касофатии ин гуна муомилаҳои хомакию кӯрдилона ва ғаразхоҳона сурат мегирифт, иқтисодиёти хароби чумҳуриро боз ҳам харобтар гардонда буд, хеле зиёданд. Ба хотири тӯл накашидани чунин далелу санади дилгиркунанда иктифо менамоям.

Нисбати ҳамаи ин қонуншиканию чиноятқориҳо ва рӯз то рӯз аз тарафи баъзе корчаллонҳо хароб гардидани хазинаи чумҳурӣ ба унвони Президенти Чумҳурӣ Қаҳҳор Маҳкамов, Девони Вазирон ва Раёсати Шӯрои Олӣ ба таври расмӣ чандин маротиба маърӯзаҳои хаттӣ навишта, хоҳиш намудем, ки шахсони мансабдори эшелони болоро аз сари қудрат дур созанд. Вале, чуноне ки дар хикмати халқ омада: «Бе дарди саре нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам». Дар ҳақиқат, ба худамон бори дигар душман харидему дар амал

бошад, ягон таклифу пешниҳоди кумита дастгирии худро дарёфт накард.

Нисбати ин бедодгариҳо, ки ҷумҳуриро рӯ ба қашшоқӣ оварда буданд, борҳо дар ҷаласаҳои Шӯрои Олӣ изҳори ақида кардам. Вале чун пештара касе ба додам нарасид!.. Роҳбарон пайванди мафияи дохилию хориҷӣ ба андешаҳои худ буданду парвою ғами ҷомеа надоштанд!

Бинобар ин боре дар ҷаласаи Шӯрои Олӣ баромад карда, рӯирост гуфтам: «Қаҳҳор Маҳкамов, аз ӯҳдаи ҳаллу фасли ягон масъала набаромада истодаед, обрӯю эҳтироми Шумо рӯз аз рӯз миёни мардум паст шуда, мафияи дохилӣ-хориҷӣ дар ҷумҳурӣ реша давонда, мустаҳкам мегардад. Дар чунин вазъият, ки ҷумҳуриро бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта буд, миёни роҳбарият якдилию ҳамдигарфаҳмӣ ба чашм намерасид, доираи вабои маҳалгароӣ вусъат меёфту пурқувват мегардид, оппозиция муташаккил амал карда, намегузошт, ки роҳбари аввали ҷумҳурӣ дар иҷрои вазифа озодона амал намояд.

Билохира, аз як тараф фишори гирдиҳамоии ғайриқонунии майдони «Озодӣ», ки қотеъона истеъфои Раиси Ҷумҳур Қаҳҳор Маҳкамов, Раиси Шӯрои Олӣ Қадриддин Аслонов, Раиси Девони Вазирон Иззатулло Ҳаёевро талаб мекарданд, аз дигар тараф зиддияти дохилии миёни се роҳбари ҷумҳурӣ, ки ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ надоштанд, сабаб шуду вобаста аз мавқеи онҳо депутатҳои Шӯрои Олӣ ба гурӯҳҳо тақсим гардиданд. Барои бартараф намудани чунин вазъият ва раҳо ёфтан аз бӯҳрони сиёсӣ на танҳо ба ҳама шахсони мансабдору сиёсатмадор, балки ба мардуми оддӣ ҳам маълум шуда меистод, ки дар ин кор қуввату қудрати Раиси Ҷумҳур заифӣ менамояд. Бинобар ин депутатҳои Шӯрои Олӣ истеъфои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамовро қабул намуданд ва дар асоси Конституцияи ҷумҳурӣ иҷрои ҳуқуқу ваколатҳои Раиси Ҷумҳур ба зиммаи Шӯрои Олӣ Қадриддин Аслонов гузошта шуд. Ва бо роҳи умумӣ мувофиқи талаботи Конституция дар давоми на зиёда аз се моҳ мебоист, Раиси Ҷумҳур бо роҳи интихоботи умумихалқӣ интихоб мегардид. Вале мардум аз он бехабар, ки аз борон гурехта, зери новадон мемонад. Бо рафтани Президент ҷои ӯро баъдтар маълум гардид, ки шахси худписанду мағрур, мутакаббирӯ кӯтоҳназар, ҷамъулҷамъ ҷаҳли мураккаб муваққатӣ бошад ҳам, соҳиб гаштааст, вале ӯ бехабар аз он, ки шоир гуфта:

Басо мард, к-ӯ дам зи тадбир зад.
Вале бар худ аз узви худ тир зад.

# ДАСИСАИ АВВАЛ

Вақто ки истеъфои Раиси Ҷумҳур Қаҳҳор Маҳкамов қабул гардид, роҳбарони оппозиция, гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» Тоҳир Абдуҷабборов, Шодмони Юсуф, Раҳими Мусулмониён, Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Давлат Исмон, Мирбобои Мирраҳим, Дӯстмуҳаммади Дӯст, Сафар Абдулло никоб аз рӯи хеш дур сохта, аз ақидаи худ баргаштанду изҳор намуданд, ки масъалаи истеъфои Қадриддин Аслонов ва Иззатулло Ҳаёев дар ҷаласаи Шӯрои Олӣ баргузор нагардад, онҳо омодаанд, ки бо ҳукумат ва Раиси Шӯрои Олӣ ҳамкорӣ намоянд. Яъне, нимкосаи зери коса ба пуррагӣ аён гардид ва бисёрии депутатҳои халқ мақсаду мароми мухолифин ва ташкилкунандагону ҷонибдорони тазоҳуроти онҳоро хуб дарк карданд. Аз ҳамон рӯз миёни мардуми водиҳо маҳалгарой шиддат гирифт, ки гирифт!

Рӯзе, ки Қадриддин Аслонов роҳбари Ҷумҳурӣ интихоб гардид, рафтору суханронӣ ва ақидааш ба куллӣ тағйир ёфт. Роҳбарони оппозиция ва «пешвоён»-и дини мубини ислом чун тортанак дар атрофаш тор таниданд. Дар бораи ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами ба миён омада бо ишон машваратҳо мегузаронданд. Рӯз аз рӯз таваҷҷӯҳаш ба роҳбарони оппозиция, ҷонибдорони онҳо ва ҳомиёни тангназари дини ислом меафзуд.

Ақидаи Қадриддин Аслонов рӯз ба рӯз нисбати депутатҳои Шӯрои Олӣ, сохти давлати қонунӣ, Ҳизби Коммунист ва мардуми шимоли ҷумҳурӣ тағйир меёфт. Дар гирдиҳамонҳо, рӯзномаҳо оппозиция ӯро таърифу тавсиф намуда, чун шахси оқилу доно муаррифӣ мекард.

Рафтору кирдор, муомилаю муносибати Аслоновро мардум аз рӯзҳои аввал ба сифати иҷрокунандаи вазифаи Раиси Ҷумҳур дида, ба хубӣ эҳсос намуданд, ки вай ҳанӯз дар мансаби Раиси Шӯрои Олӣ ба халқу кишвар ягон зарра нафъе нарасонида, аллакай аз паи фикру зикри тахти боло мебошад. Ва ҳамин орзую ҳавас баъдтар ҷомеаро ба роҳе бурд, ки пешорӯяш чоҳи марговар қарор дошт. Ва ин чоҳро ин мансабталоши ҷаҳли мураккаб барои худу тамоми ҷонибдоронаш бо дасту неруи ақлаки пучаш кофт.

Биноан, давуғечҳои оппозиция ва қозиёти ҷумҳурӣ ба он оварда расонд, ки пеш аз Анҷумани XIX Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Қадриддин Аслонов, ки мағзу пайвандаш ба Ҳизби Коммунист мустаҳкам гардида буд, ба намакдони солиёни дароз аз хони фарох нон хӯрдааш туф кард, Ҳизби Коммунистро «се талоқ» намуда, расман аризаи хаттӣ навишта, аз аъзогии ҲК ва ҚМ ҲК Тоҷикистон баромад.

21 сентябри соли 1992 дар шаҳри Душанбе Анҷумани XIX КМ ҲҚ Тоҷикистон кори худро оғоз намуд. Соатҳои 12 дар назди қозикалон хоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ба идораи қозиёт барои ба баъзе масъалаҳо равшанӣ андохтан ҳузур доштам. Дар утоқи кории ӯ писари эшони Абдураҳмонҷон хоҷӣ Абдулқуддус бо бародараш нишаста буданд. Ҳангоми сӯҳбат телефони ҳукуматӣ занг зад. Хоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода гӯшаки телефонро бардошта, гуфт:

— Шуморо гӯш мекунам.

Аз шеваи суханронию мазмуни сӯҳбат дарк кардам, ки бо и. в. раиси Ҷумҳур — Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қадриддин Аслонов сухан мегӯяд. Ҳангоми суханронӣ қозии Ҷумҳурӣ ба ҳамсӯҳбаташ гуфт:

— Ҳеҷ гап намешавад, ун тарафаш як фармон будааст-дия, имзо кунед, ҳа, имзо кунед, ако, худаш мурда истодааст, натарсед, мо ҳастем, намегузорем, ки як тори мӯятон кам шавад. Мард бошеду ҳеҷ вақт наҳаросед! Роҳи мо якто — дастгирӣ кардани шумо ва инро гуфту қаноатмандона гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошт.

Ба ӯ нигариста, бо заҳрханда гуфтам: «Хоҷӣ Акбар, боз сари киро хӯрданӣ ҳастед? Қадом фармонро бояд Қадриддин Аслонов ба имзо расонад?

Дар ҷавоб гуфт: «Амалиёти Ҳизби Коммунистро бояд қатъ намояду молу мулкашро мусодира. Бе ин ҳам худаш ин ҳизби бадбахт мурда истодааст!»

Ба хоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода таъкиду илтиҷо карда гуфтам:

— Илтимос, нагузоред, ки ин корро кунанд ва Қадриддин Аслоновро ба ҷиноятқорӣ тела надиҳанд, чунки иҷрокунандаи вазифаи Раиси Ҷумҳур Раиси Шӯрои Олӣ ҳуқуқу ваколати қатъ намудани амалиёти ягон ҳизбро, аз ҷумла, Ҳизби Коммунистро надорад! Ҳаллу фасли ин масъала ба ваколатҳои Суди Олии ҷумҳурӣ тааллуқ дорад. Ҳоло ҳам дер нашудааст, ба Қадриддин Аслонов сим зада гӯед, ки ба фармон имзо нагузорад, вагарна оқибаташ ба ӯ рӯсиёҳӣ меоварад!

Хоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода аз рӯи хислати деринааш ба мач бо лабханди хосааш нигариста гуфт:

— Ако, Шумо коммунисти кӯҳна, ки ҳастед, дилатон барои ҳизбатон месӯзад. Ҳозир бояд, ки мо ба пеш равем, зиёда аз 70 сол Ҳизби Коммунист хуни моро макид, пешвоёни дини мубини исломро ба қатл расонид, китобҳои диниро оташ зад. Ин, ҷабру зулмаш барои ҳафт пуштамон мерасад.

Ҳамин вақт боз телефон садо дод. Қозикалон гӯшакро бардошта:

— Шуморо гӯш мекунам,— гуфт ва илова намуд: — Ҳозир меравам.

Вай шитобон аз ҷой бархеста, ба ҳозирон рӯ овард:

«Кори зарур баромада мондааст. Маро Қадриддин Аслонов интизор, Шумо каме нишинеду хӯроки нисфирӯзӣ хӯред. Ман ҳозир расида меоям. Баъд гапзанон мекунем» — гӯён саросема баромада рафт.

Пеш аз рафтан боз ӯро таъкид кардам, ки ба масъалаи катъ намудани амалиёти ҲҚ Тоҷикистон даст наёзонанд, ки ин кору амалиёташон хилофи қонун асту ба ҳама бадбахтӣ меоварад.

Мо дар утоқи кории ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода то соати 15-и рӯз нишастем, хӯроки нисфирӯзӣ истеъмол кардем, вале аз ӯ ному нишоне набуд. Вай на танҳо ба ҷои кораш барнагашт, хатто ба қозиёт занг ҳам назад.

Сипас, бо эшони Қуддус ҳайрухуш карда, бо троллейбус ба утоқи кориам, ба бинои собиқ Госплан омадам, чунки машинаи хизматиамро ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода савор шуда, ба назди Қадриддин Аслонов рафта будааст.

Машғули кори ҳамарӯзаи идора будам, вале дар майдончи «Озодӣ» гирдиҳамоиӣ бар зидди Ҳизби Коммунист идома дошту имкони кор кардан ҳам набуд. Митинг дар рӯ ба рӯи ҷои корамон идома дошт, ки дошт! Соати 18 бо мақсади аз кор ба хона рафтан аз идора баромадам, ки дар назди даромадгоҳи Госплан дӯстам, доктори илми таърих Карим Абдуловро дидам, ки ӯ бо хашму ғазаб ба ман гуфт:

— Ҳой додар, ин чӣ бедодгарист, чӣ кор карда истодаем, дар рӯзи равшан дар гардани доҳии пролетариати ҷаҳон В. И. Ленин ба шахсе, ки тамоми ҳаёти худро ба кори наҷиб — ба мубориза баҳри аз зулму истисмор озод кардани захматкашони тамоми башарият, барои дигаргунсозии инқилоби ҷамъият бахшида буд, аз ду тараф занҷир андохта, ӯро ба дор овехта истодаанд! Ба ҳамаи ин халқи рус, сокинони Федерацияи Русия чӣ мегуфта бошанд?! Ҳоли фарзандони мо, ки дар гӯшаву канори кишвари Русия хизмат ва кору таҳсил менамоянд, чӣ мешавад?»

Шумо, калонҳо инсоф доред?! Ӯ сухан мегуфту даст меафшонд, аъзои баданаш меларзид. Ба ӯ нигариста гуфтам:

— Шумо ба ман дӯғу даранг накунед. Ин суханҳоятонро ба мо не, ба Қадриддин Аслонов даромада гӯед, нони Ҳизби Коммунистро ӯ шикамсерӣ хӯрдаву ҳумосидааст!

Аз номи ҳизб ӯ давру даврон кардаву дигаронро «панд дода», таҳқир менамуд.

Карим Абдулов дохили бинои Шӯрои Олӣ гардид.

Бо Рачаб Нуров дар остонаи бинои Шӯрои Олӣ истода, ба ҳар тарафи майдон нигарони он даҳшат будем, ки ҳамон за-

мон аз бинои рости Шӯрои Олӣ Қадриддин Аслонов, аз пасаш хочӣ Акбар Тӯрачонзода, Шодмони Юсуф, Муҳаммадшарифи Ҳимматзода, Давлати Исмон, Тоҳири Абдуҷаббор, Отахон Латифӣ, Мақсуд Икромов, Бозор Собир, Иззатулло Ҳаёев ва дигарон баромада, ба минбари майдон рафтанд.

Гирдиҳамомадагони майдон онҳоро бо доду вою кафкӯбиҳо истиқбол гирифтанд. Ҳанӯз Қадриддин Аслонов ба сухан оғоз накарда, Иззатулло Ҳаёев бо шитоб ақиб баргашта омаду ба машинааш нишаста, аз майдон рафт. Аз паси ӯ ҷонишини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ В. И. Приписнов бо ғазаб ба автомашинаи хизматиаш нишаста, ӯ ҳам аз майдон рафт.

Сипас, баранда Мирбобо Миррахимов пайғамбарвор Қадриддин Аслоновро таъриф карда, риштаи суханро ба ӯ дод.

Майдон ӯро бо кафкӯбӣ, доду фарёд, ба ҳаво партофтани тоқию либосашон истиқбол гирифтанд. Қадриддин Аслонов баландгӯякро гирифта, гуфт: «Рафиқони аҳли ислом, ба шумо фармони и в Раиси Ҷумҳури Тоҷикистонро дар бораи қатъ намудани амалиёти Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қироат мекунам». Ҳама хомӯш буд ва ӯ иброз намуд, ки: «Амалиёти Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон аз ҳамин рӯз баста ва молу мулкаш мусодира карда шавад».

Мардуми майдон зиёда аз 10—15 дақиқа «Зинда бод қаҳрамони миллат Қадриддин Аслонов!», «Мо бо Шумоем, мусулмони асил Қадриддин Аслонов!», «Қасам ба Қуръони маҷид. Намегузорем, ки дар пои Шумо хоре халад» — гӯён ҷор заданду қасам ёд карданд, ки намегузоранд аз сари ин «қаҳрамони миллат» мӯйе ба замин бияфтад.

Чунин ваҳшати гӯшношунидаро дида, бо ҳамдигар мегуфтем: «Хонаи Қадриддин Аслонов сӯхт!», «Ҳалолат бод, хочӣ Акбар Тӯрачонзода! Сари Қадриддин Аслоновро ҳам хӯрдӣ. Ӯро ба чоҳ партофтӣ». Ҳамон гоҳ ба назди мо ёрдамчии Қадриддин Аслонов Муҳаммадҷон Холиқов омада, хоҳиш кард, ки лоиҳаи фармон дар бораи қатъ намудани амалиёти Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ва мусодираи молу мулки онро тартиб диҳем. Ману Раҷаб Нуров, ки ҳамроҳ як ҷо истода будем, аз ӯ пурсон шудем, магар лоиҳаи фармон набуд?! Пас, Қ. Аслонов чиро қироат намуд?

Муҳаммадҷон Холиқов гуфт: «Сиёҳнависи Тоҳир Абдуҷабборовро қироат намуд».

Суханҳои ӯро шунида, ба афсуни оппозиция комилан гирифтор гардидани Қадриддин Аслоновро бо чашмони сар дидем ва ба он ба пуррагӣ боварӣ ҳосил карда гуфтем:

— Раведу ба Раис гӯед, ки фармонро Тоҳир Абдуҷабборов

нависад! Ҳоло мо ҳанӯз акламонро то вартаи девонагӣ нахӯрдаем!...

Дар ҳамин вақт раиси комитроияи Душанбешаҳр Мақсуд Икромов қарори комитроияи шаҳри Душанберо дар бораи бардоштани ҳайкали В. И. Ленин аз майдони ба номи В. И. Ленин қироат кард. Боз издиҳом доду фарёд мезаданду хурсандӣ доштанд ва ҳама бо як овоз дар васфи Қ. Аслонову М. Икромов суханҳои табрикӣ гуфта, бо номи онҳо қасам ёд мекарданд. Баъд ба хона рафта, шабона ростӣ, ваҳшонияти чӣ гуна кандани ҳайкали Ленинро аз оинаи нилгун дидам. Ростӣ, он лаҳзаҳо ба он ваҳшонияту кӯтоҳандешии роҳбарияти ҷумҳурӣ он шаб миҷҷа таҳ накардам. Рӯзи дигар дар толори Институти кишоварзии шаҳри Душанбе гирд омада, барои даъвати сессияи ғайринавбатии Шӯрои Олӣ имзо ҷамъ карданд. То соати 10-и саҳар ба талабнома ба ҷои 68 депутати Шӯрои Олӣ 147 депутат имзо гузошт. Барои даъвати сессия имзои лозимӣ ҷамъ омада буд ва сессияи ғайринавбатӣ мебоист рафтору кирдори ғайри инсонии Қ. Аслоновро нисбати ваҳшиёна кандани ҳайкали В. И. Ленин ҳаллу фасл менамуд.

Бо ҳамин соати II-и рӯз ҷаласаи фавқулоддаи Шӯрои Олӣ баргузор гардид, ки рафтори носавоби Раиси Шурои Олӣ мавриди интиқод қарор гирифт. Оппозиция қуввахои худро муттаҳид сохт, майдони «Озодӣ»-ро пур аз одам гардонд, гирдиҳамоиши ғайриқонуниро идома дода, гуруснанишинии сунъӣ ташкил намуд.

Ба дасту пои як гурӯҳ ҷавонписарону духтарон занҷир бастаанд, онҳо ҷанд рӯз дар назди бинои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ рост истоданд. Бо ин обрӯю эҳтироми миллати тоҷикро паст заданд. Илова бар ин, бо роҳи макру фиреб ва ошнобозӣ мири шаҳри Санкт-Петербург А. Собчак ва академик Е. Велихов бо 40 нафар муҳофизатгарон бе розигии роҳбарияти ҷумҳурӣ ба Душанбешаҳр оваронда шуданд ва онҳо дар назди гирдиҳамомадагон баромад карда, бори дигар диққати мардуми майдон ва аҳли ҷомеаро гӯё ба ноадолатию қонуншикании роҳбарон ҷалб намуданд. Дар ин рафтори демократҳои исломӣ — мақсади деринаашон — паст задани обрӯи роҳбарияти ҷумҳурият ва Ҳизби Коммунист ниҳон гашта буд.

Оиди даъвати иҷлосияи фавқулодда Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳаллу фасли масъалаҳои пешниҳодкардаи оппозиция бо кӯмаку фишори А. Собчак ва Е. Велихов ва гирдиҳамомадагони майдон Раёсати Шӯрои Олӣ қарори ғайриқонунӣ қабул кард.

3-юми сентябри соли 1992, соати 2-и рӯз дар шаҳри Душанбе иҷлосияи фавқулоддаи Шӯрои Олӣ баргузор гардид,

ки бо пешниҳоди роҳбарони оппозиция ба рӯзномаи сессия масъалаҳои зерин дохил гардид:

1. Дар бораи бекор кардани вазъияти фавқулодда дар шаҳри Душанбе.

2. Дар бораи бозгоштани фаъолияти Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, вориси он ва миллӣ кунондани моликияти ҳизб. Таъсис намудани комиссия оиди тафтиши амалиёти ҲК Тоҷикистон.

3. Дар бораи бекор кардани қарори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 5 октябри соли 1990 «Дар бораи мактуби ГАДОЕВ С., ИСМОНОВ Д. ва дигарон, ҳамчунин қисми чоруми моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии вичдон ва ташкилотҳои динӣ».

4. Дар бораи аз тарафи рафиқ Набиев Р. Н. муваққатан соқит кардани ваколатҳои Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон дар давраи маъракаи пешазинтихоботӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон ва ба зимма гонишини раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон рафиқ Искандаров А. гузоштани иҷрои вазифаи он.

Бо фишору таҳдиди гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» бемасъулиятию маҳалгароии баъзе депутатҳо сессияи фавқулоддаи Шӯрои Олӣ масъалаҳои рӯзномаро комилан ба манфиати мухолифин ҳаллу фасл намуд, ки ин ғалабаи навбатии беқонуниятӣ ва чашмбандии зоҳиронаи қонунӣ буд, ки сарвари қонунии ҷумҳурӣ Раҳмон Набиевро бар хилофи қонун аз сари қудрат дур сохтанд.

Вале касе аз демократпарастони дохилию хориҷӣ нисбати чунин амалиёти ғайридемократии ба ном «демократ» А. Собчак ва академик Е. Велихов ва роҳбарони оппозиция ҳарфе намегуфт. Давлат бе сарвар монда буд. Вазъияти ҷумҳурӣ рӯз ба рӯз мутташанниҷ мегардид, рукнҳои давлатдорӣ амал намекард. Давлат сиёсати муайян надошт. Ҳамаи ин бесарусомониҳо мавқеи оппозицияро мустаҳкам мегардонду онҳоро далертар месохт, ки бо даму нафасашон зағора мепухт. Шоир маҳз дар ҳаққи чунин тоифаи мардум фармудааст:

Зи доно мӯй арзад як ҷаҳоне,
Наярзад сад сари нодон ба ноне.

Илова бар ин, ба сабаби пастии фарҳанг ҳар минтақа номзади худро ба вазифаи Президенти Ҷумҳурӣ пешниҳод намуданд, ки ин рафтори онҳо мардуми ҷумҳуриро батамом ба маҳалҳо пора-пора сохта, дӯстию бародариро аз миён бурду маҳалгароӣ ба дараҷаи олиаш доман паҳн кард. Рақобати зиддият миёни қонибдорони номзадҳо ба Президенти Ҷумҳурӣ, алалхусус, Раҳмон Набиеву Давлат Худоназаров рӯз то

рӯз авҷ мегирифт. Сардори ситоди интихоботии номзад ба президенти ҷумҳурӣ Давлат Худоназаров Отахон Латифӣ буду аз они Р. Набиев ман. Ин зиддиятҳо рӯз то рӯз зиёд мегашту мардумро ба гурӯҳҳо тақсим мекард. Ҳоло суханҳои қозии мусулмонони ҷумҳурӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода пеши назарам меояд:

Боре, дар рӯзҳои аввали оғози пешбарии номзадҳо ба Президенти ҷумҳурӣ ман ва Нарзулло Дӯстов тасодуфан ба ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ҳамсӯҳбат гардидем. Дар рафти сӯҳбат ӯ чун ҳамеша устокорона лаҷоми суханро ба тарафи сиёсат гардонида, нисбати киро ба курсии Раиси Ҷумҳур дидан ибрози андеша намуда гуфт:

— Ҳар касе, ки дар ин рӯзу замон, ки ҷумҳурӣ ва давлатҳои собиқ иттифоқ ором нестанд, Раиси Ҷумҳур интихоб шавад, умри дароз нахоҳад дид ва миёнаш зуд хоҳад шикаст. Чунки дида истодаед, биринҷи ҷумҳурӣ оббардор нест.

Вале ӯ хуб медонист, ки ман ва Нарзулло Дӯстов тарафдори Р. Набиев будем, мавқеи худашро ӯ то ҳол равшан накарда буд, тарафдори кадом номзад буд ӯ дар он рӯзҳо ҳанӯз ба касе маълум набуд. Худаш медонисту худо. Сипас суханашро давом дода гуфт:

Имрӯз ба ақидаи халқ баҳои объективона дода, ҳоло ҳозир ҳамагӣ бояд Р. Набиевро ба вазифаи Президенти Ҷумҳурӣ пешбарӣ намуда, ӯро дастгирӣ намоем. Агар ягон ҳодисае шавад ҳам, ӯ умрашро дидагӣ...

Суханҳои ӯро шунида, мақсади ботинии ӯро фаҳмидан хоста, ба ӯ гуфтем: «Домулло, ин чӣ хел мешавад, мо номзадии Р. Набиевро дидаю дониста ба вазифаи Президентӣ пешбарӣ менамоем, агар ӯ доимӣ набошад ва дар миёни чор-панҷ моҳ миёншикан шавад, аз ин ташвишу сарсонӣ чӣ суд?! Халқро фиреб додан чӣ лозим? Биёед набошад каси дигарро ё номзадии худи Шуморо пешбарӣ менамоем. «Вай бо заҳрханда гуфт: «Ҳоло намегузорам ва ба ин вазифа тайёр ҳам нестам».

Аз сӯҳбату суханронии ӯ дарк кардем, ки дар ботинаш чизе ниҳон асту ба мо ошкоро намегӯяд. Вай ишора ба он мекард, ки бояд бар сари мардуми ҷумҳурӣ ҳодисаи нохуше ояд. Чунки дар суханронии ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода самимияте эҳсос намешуд ва ҳамеша ибораи «худо»-ро истифода мебурд. Яъне, барои ҷоман амал пӯшидани мақсади ниҳонии ӯ чанд моҳ вақт лозим буд...

Суханҳои ҳоҷӣ Акбар Туроҷонзодаро ба Р. Набиев нақл кардем. Вай ҳам аз суханҳои қозикалон ба худ хулосае бароварду афзуд, ки диндорону оппозиция дар дил аз афташ, ягон нақшае доранд, ки ҳанӯз барои сарони давлату идораҳои таъмини бехатарӣ ва аҳли ҳуқуқ номаълум аст. Идораҳои ва-

колатдор ва хусусан кормандони ҳифзи бехатарии давлат ғофил мондаву оппозиция боз ягон балоеро ба сари мардуми ҷумҳурӣ наоваранд?

Дар охири сӯҳбати онрӯза Р. Набиев моро ором намуда, гуфт:

— Ҳеҷ гап нест, вай Шуморо тарсонданӣ шудааст, ки ғалабаи Давлат Худоназаровро таъмин намояд. Шумо ба ӯ нагуфтед, ки аввал дастгирӣ намояд, ки Раиси Ҷумҳур интихоб гардем, он тарафашро ягон фикр мекунем. Ба зиддиятҳо, танқиду таҳқир нигоҳ накарда, вохӯриҳои Раҳмон Набиевро бо интихобкунандагон муташаккилона мегузаронидем, хислатҳои неку инсонигарӣ ва кордонии ӯро ба мардуми ҷумҳурӣ муаррифӣ менамудем. Ростӣ, баҳри ғалабаи қатъии Раҳмон Набиев бар ҳарифонаш хизматҳои беғаразонаи Тағоймурод Маҳмадмуродов, Абдуҳаким Ҳалимов, Карим Абдулов, Шаҳоб Набиев, Усмонқул Шокиров, Ҷӯрабек Муродов, Файзулло Қувватов, Қурбоналӣ Мирзоалиев, Адолат Раҳмонова, Абдуваҳҳоб Саидмуродов, Ғайбуллоҷон Орифов, Фаррух Ниёзов, Абдумалик Абдуллоҷонов, Ҳабибулло Орифов, Қурбон Азизов, Искандар Тӯрахоҷаев, Мавлон Мирзоев, Рукниддин Хоҷаев, Сангак Сафаров, Рустам Абдураҳимов, Муллоҳайдар Шарифов, Мирзобек Мирзобадалов ва бисёр дигарон хеле зиёд буд.

Ба тамоми фишороварихои гурӯҳҳои мухолифин нигох накарда, ҳақиқат ғолиб омад, Раҳмон Набиев дар давраи аввал аз миёни 8 номзад ба зиёда аз 58 фоиз овози интихобкунандагон сазовор гардида, Президенти аввалини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мардум интихоб гардид. Дар сессияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ки 2-юми декабри соли 1993 баргузор гардид, ӯ савганд ёд намуд ва бо амри худову дастгирии депутатҳои Шӯрои Олӣ миёни се номзад банда дар **давраи аввал бо аксарияти овозхо Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидам...**

Бо Қонуни Асосии ҷумҳурӣ савгандёдкунии нахустпрезиденти қонунии Тоҷикистон ба охир расиду мавҷи кафкӯбиҳо ба осмон печид ва хурду калон, дӯсту душман аз ҷой бархоста сарвари навро истиқбол гирифтанд ва дар ҳамин асно дурӯягии бархе аз намояндагони халкро эҳсос кардам. Зеро ана ҳамин азҷойбархестагон дар давраи аввали интихоби президент ӯро тарафдорӣ накарданд ва ҳато роҳбарияти ҳамонвақта мукобилият нишон доданд.

Ҳамин асно ҳодисаҳои бори дуюм ба арсаи сиёсат қадам ниҳодани Раҳмон Набиевро хира-хира пеши назар овардам.

Ӯ дар дафъаи аввал аз ҳавзаи интихоботии раками якуми

ноҳияи Роҳи Оҳан номзад пешбарӣ шуда буду нагузашт. Ҳарифаш котиби аввали Ҳизби коммунисти ноҳия А. Височин бо ҷонибдории аппарати ҳизб дастболо гардид.

Баъди ҳамин воқеа рӯзе дӯсти азизам, ҳофизи мумтози мардумӣ Ҷӯрабек Муродов наздам омада арз намуд:

— Ако, ҳамин Раҳмон Набиев депутат интихоб нашуда ноумед гашт. Интихоби депутат дар ҳавзаи рақами 10 вайрон шудааст, чи мешавад, ки якҷоя бо мадади бевоситаи Шумо ба ӯ дасти ёрӣ дароз кунем?

Дар ҳақиқат ман пештар Р. Набиевро нағз намешинохтам, бо ӯ нишаста пиёлаи чое нанӯшида будам. Ба ҳурмати дӯстам ба ин таклиф розигӣ додам. Зеро 20 сол боз дар Душанбе фаъолияти корӣ доштам, сокинонашро мешинохтам. Аз ин рӯ ман сардори штаб таъин шудам. Кор бурдем ва зафматамон барабас нарафт. Ҳарчанд роҳбарони ҳукумати ҳамонвақта ва сарварони ҳизби коммунист ба мо фишори рӯирост меоварданд, ноумед нашудем, натарсидем. Ҳато Набиевро ба Комитети Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон даъват намуда маҷбур сохтанд, ки номзадиашро гирад. Ӯ дудила шуд, калавид. Аммо мо нагузоштем, ки номзадиашро гирад. Ман гуфтам:

— Модоме ки моро ҳамроҳ кардед, ҷойи ақибгардӣ нест. Ниҳоят, дар давраи аввал дар байни ду ҳариф депутат интихоб гардид.

Ҳамин ки намояндаи халқ шуд, рӯзномаҳои оппозисионии «Чароғи рӯз», «Адолат», «Ҷавонони Тоҷикистон» ва ғайра ӯро аз нав «кашф» карда, ба умеди рӯзе ӯро ба арши аъло бардоштан гирифтанд. Ӯро равшанфикру демократ ном бурданд. Ҳато овоза паҳн намуданд, ки ӯ гӯё дар ким-кадом ҷаласаи Ҳизби демократ иштирок намуда сухан гуфтааст.

Намояндагони ин рӯзномаҳо медонистанд, ки кайҳост, ки Раҳмон Набиев аз Ҳизби коммунист ва роҳбарони он аламзада аст, дарду доғи зиёде дорад. Хоҳу нохоҳ барои аз байн бардоштани баъзе роҳбарон мададашон мекунад. Ҳамчунин боварӣ доштанд, ки ин марди солхӯрда ва даврахои рукуд роҳбарӣкарда, наметавонад дар муддати боқимонда ҷаҳонбинии худро нав созад. Аз ин сабаб бо ӯ ҷанги мӯшу гурба намудан осонтар мегардад.

Бале, ана ҳамин тавр Р. Набиев бори дуюм ба арсаи сиёсат қадам ниҳод ва дар муддати кӯтоҳ машҳур гардид. Ёру дӯстони кӯҳнаву нав, ҳамшаҳриҳо, мансабхоҳон баъди фаромӯшиҳои тӯлонӣ боз дар атрофаш парвона гаштанд ва ӯ зина ба зина боло баромадан гирифт. Аммо чун сари қудрат омаду мувофиқи табъи дили рӯзномаҳои оппозисионӣ кор набурд, дучори ҳуҷумашон гашт.

# ДАСИСАИ СОНӢ

Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам,
Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам.

Гирдиҳамоиҳои ғайриқонунӣ бори дигар дар майдони «Шаҳидон» аз тарафи гурӯҳҳои оппозиционӣ рӯзи 26. 03. 1992 оғоз гардид ва худи ҳамон рӯз ноиби Раиси чумҳур Нарзулло Дӯстов бо ҳамроҳии кормандони масъули дастгоҳи Президент бо ғирдиҳамомадагон ҳамсӯҳбат гардид. Мардуми боақлу заковати бадахшонӣ, ки ҷамъ омада буданд, Нарзулло Дӯстовро дуруст фаҳмиданду майдонро тарк карданд. Рӯзи дигар, 27. 03. 1992 майдони «Шаҳидон» бо роҳбарии раиси Ҳизби демократ Шодмон Юсуф, раиси Ҳизби наҳзати ислом Муҳаммадшариф Ҳимматзода, муовини ӯ Давлати Исмон, қозикалони чумҳурӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯрақонзода, раиси ҳаракати мардумии «Растохез» Тоҳир Абдуҷабборов ва раиси ҳаракати мардумии «Лаъли Бадахшон» Амирбеки Атобек пур аз мардумоне гардид, ки доимо дар гирдиҳамоиҳо фаъолона иштирок мекарданду таҷрибаи фаровоне доштанд. Дар назди даромадгоҳи бинои Раиси чумҳур баландгӯякҳо гузоштанду нотиқони «кордида» ба «сухангӯӣ» оғоз карданд.

Сипас, ман ва Нарзулло Дӯстов бо сарварони гирдиҳамомадагон Шодмон Юсуф, Давлат Исмон, Тоҳир Абдуҷабборов ва Амирбеки Атобек вохӯрӣ гузаронида, хостем аз сабаби ҷамъомад ва талабҳои онҳо бохабар гардем. Дар ҷавоб гуфтанд: «Масъалаи Вазири корҳои дохилӣ М. Навҷувонов ба мо дахл надорад, даъвои мо дигар аст. Чунки мувофиқи қарордоди аҳзоби сиёсӣ ва созмонҳои мардумӣ гирдиҳамоӣ баъди анҷоми ҷашни иди шарифи Рамазон, саҳеҳтараш 12 апрели соли 1992 таъин шуда буд. Аммо бегоҳии 25 март аз тариқи телевизион намоиш доданд, ки чӣ тавр ҷаласаи Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон фаъолияти вазири Умури дохилии чумҳурӣ М. Навҷувоновро мавриди муҳокима қарор дод ва хост, ки ӯро аз сари қудрат дур сохта, нақшаҳои пешакии моро барбод диҳад. Чунки ҳукуматдорон, хусусан С. Қенҷаев хуб медонистанд, ки М. Навҷувонов тарафдори неруҳои демократӣ ҳаст ва дар вақташ қозӣ Тӯрақонзода баҳри ба сари мансаб омадани Навҷувонов то Лигачёв баромада буд. Аз ин рӯ, танҳо бо Раиси чумҳур Р. Набиев гуфтушунид хоҳем кард. Дар раёсати ҳизбу созмонҳо чунин қарор қабул карда шуд».

Нерӯи гирдиҳамоӣ чун пештара рӯз ба рӯз боло мерафт. Мақсаду мароми сиёсиаш тағйир меёфт. Бароҳандозандагони муассисони зери парда гоҳ-гоҳ башараҳои пурмакру ҳияли хешро, ки аз дасисаву хиёнат иборат буд, ноҷавонмардона намоён мекарданд. Мақсадҳои чандинсолаи гурӯҳи амалпарасту

тахту чоҳхоҳ, ки бо роҳи истифода бурдани қувва, рехтани хуни мардуми бегуноҳу гумроҳ ғосибона тасарруф намудани ҳокимият буд, рӯи об баромад. Бинобар ин, рӯз аз рӯз дар чавкоти рӯзномаи гирдиҳамоӣ тағйиротҳои мухталиф рух медоду зуд он намуди дигаре мегирифт, талабҳои онҳо пай дар ҳам тағйир меёфтанду меафзуданд ва шаклу намуди сиёсӣ мегирифтанд.

Ҳар гоҳ ки кас баромаду талабҳои ҳаррӯзаи онҳоро меомӯхту таҳлил мекард, бидуни иштибоҳ ба хулосае меомад, ки дар дохили давлати қонунии Тоҷикистон сиёсатмандони нохондамулло, тифли норафтароҳи сиёсиеро бо номи «давлати мусолиҳаи миллӣ» рӯзе рӯи замин хоҳанд гузошт, ки мояи бедодӣ ва шикасти аҳдофи миллати тоҷикро дар кӯлвораш дошганист. Ба ин манзур рӯз аз рӯз дар майдони «Шаҳидон» дар баробари теъдоди хаймаҳо шумораи супоридани рутбаҳои ҳарбӣ ва сарбозони «гвардияи миллӣ» меафзуд. Шаб то рӯз, рӯз то шаб дар майдони «Шаҳидон», кӯчаи Рӯдакӣ ва Исмоили Сомонӣ сарбозоне, ки ба рутбаҳои майор, подполковник, полковник аз тарафи гирдиҳамомадагон сазовор гардида буданд, бо роҳбарии генерали армияи «мардумӣ» Эшони Қиёмиддин машқҳои ҷангӣ мегузарониданду мардумро ба ҷанг, ба инқилоб даъват мекарданд. Бисёр тааҷҷубовар буд, ки касе гурбаи онҳоро «пишт» намегуфт. Ҳама бетараф буданд, гӯё дар Душанбешаҳр чизе рӯй надодааст. Ҳарчанд ин на гирдиҳамоӣ, балки даъват ба ҷанг, ба табаддулоти давлатӣ буд. Ба димоғи ҳукуматдорону муҳофизаткунандагони давлати навбунёди тоҷикон бӯи хун мезад, овози гиряи тифлакону ашки модарон пеши рӯ меомад, вале боз ҳам ҳама бетараф буданд. Миёни онҳо ашхосе дида мешуд, ки аз ҳукумат нон мехӯрданду ба намакдони он туф мекарданд. Роҳбарони оппозиция вазъияти ба миён омадаро бисёр ҷиддӣ меомӯхтанду таҳлил намуда, нақшаҳои нав ба нав мекашиданд. Иштиҳояшон то дарачае расида буд, ки мардуми Душанберо аз гузаронидани иди моҳи шарифи Рамазон, ки ба 04. 04. 1992 мувофиқ омада буд, маҳрум карда, ба хоҳиши роҳбарони ҷумҳурият нигоҳ накарда, дар рӯзи ид гирдиҳамоиро қатъ нанамуданд. Агарчи бори аввал бо талабу дархости мусулмонони ҷумҳурӣ рӯзи иди Рамазон бо қарори Шӯрои Олии ҷумҳурӣ рӯзи истироҳат эълон карда шуда буд. Ва ҳукумати ҷумҳурӣ барои бошукӯҳ, гузаронидани ин ид кори зиёдеро ба анҷом расонид, вале ин ҳама нияти нек барбод рафт, ки рафт!

Кор то ба ҷое расид, ки ду ракаат намози сиёсиро бо амру пешниҳоди Қозиёт ва Ҳизби наҳзати ислом дар майдони «Шаҳидон» хонданд. Агарчи ман мутахассиси соҳаи дин нестам, вале алҳамдулиллоҳ, ки мусулмонам ва аз оҳанги суҳан-

гӯии чанд тан уламои рӯҳонӣ пай бурдам, ки ба ин тариқ эҷодгариҳо ҳатто дар ҷангҳои мазҳабии ислом (ба ёд оред, ҷангҳои Абӯмуслими Хуросониро алайҳи Насри Сайёр, ки аз ҷониби Марвон — ҳокими мутлақи Хуросони бузургро ба ӯҳда дошт), камтар дидан мумкин буд.

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» тамоми мардуми солимфикри ҷумҳурӣ ба по хеста, бо ҳар роҳ ин гирдиҳамоии ғайриқонуниро сахт маҳкум карда, талаб менамуданд, ки саркардагонашон ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Ба ин гуфтаҳо ҳазорҳо барқияю мактубҳо, мақолаҳо, эътирозномаҳо, муроҷиатномаҳо ва зангҳои тилфунӣ унвонии Садою Симои тоҷик, идораи рӯзномаҳо, Шӯрои Олӣ, дастгоҳи Раиси Ҷумҳур ва ашхоси алоҳидаи масъул мисол шуда метавонанд.

Акнун дар маҳалҳо аксари мардум ба ҷунбиш омада, ба ҳар тариқ овоз баланд мекарданд. Ҳарчанд ки мардуми майдони «Шаҳидон» шарм накарда худро намояндагони кулли манотиқи ҷумҳурӣ арзёбӣ намуда аз номи тамоми халқи Тоҷикистон ҳарзагӯӣ мекарданд, дар шаҳру навоҳии мухталифи ҷумҳурӣ мухолифинашон бештар шуда, баҳри доир намудани гирдиҳамоиҳои ҷавобӣ даст зада, пуштибониашонро аз ҳукумат ва сохти конститусионии ҷумҳурӣ иброз медоштанд.

Дар Душанбе ва навоҳии атрофи он низ ба таблиғоти дуругини шабонарӯзии қувваҳои опозисион нигоҳ накарда аксари мардум гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» ва доиркунандагонашро сахт маҳкум менамуданд.

Ҳамин буд, ки як гурӯҳ ҷавонмардони ватанпарасту ҷонсӯзи миллат аз маскунинии Душанбешаҳр ва навоҳии атрофи он баъди 2 рӯзи гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» гирд омада, «Кумитаи ҳифзи сохти Конститусионии ҷумҳурӣ»-ро таъсис доданд. Ин шермардон ба хубӣ дарк карда буданд, ки ҳадафи ниҳоии оппозитсия табаддулоти давлатӣ аст.

Аввалин коре, ки Кумитаи мазкур анҷом дод, ин қабул ва пахши муроҷиатнома ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ тавассути Садою симо ва рӯзномаи «Садои мардум» буд.

Рӯзи 2-ми апрел бо ташаббус ва даъвати Кумита дар майдони 800-солагии Маскав соати 16-00 гирдиҳамоии қонунӣ ои-ди пуштибонӣ ва ҳимояи сохти Конститусионии ҷумҳурӣ доир гардид, ки аз ҷониби оппозисия таҳти сарварии Дӯсти Дӯст ва муаллимаи Донишгоҳи Омӯзгорӣ Маҳмадшоева ба он фишор оварда шуд.

Дар ин гирдиҳамоӣ, ки бештар аз 3 ҳазор одам ҷамъ шуда буд, натанҳо аҳолии Душанбе, балки намояндагони дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ширкат доштанд. Баромадкунандагон аз вилояти Кӯрғонтеппа Замонов Амонбой — раиси созмони

«Якдилӣ»-и вилоят, Раҳмонова Сайрам ва Шарифов Абдувоҳоб аз ноҳияи Варзоб, Гулов Алӣ, Каримов Ҷунайдулло, Гулмуродов Нормуҳаммад аз ноҳияи Ленин, Мирзоев Саидвафо аз ноҳияи Кофарниҳон, Даҳбошиев Ғуломалӣ, Ғафуров Нарзулло аз ноҳияи Файзобод, Азимов Тилло аз шаҳри Норак, Тураев Саидҷон аз ноҳияи Турсунзода, Мирзоалиева Муҳаррам-раиси созмони «Дӯстлик»-и ноҳияи Бохтар, Зарифов Абдураҳмон, Ғуломҳайдаров Алишо, Абусамади Мулло, Самадов Абдуғанӣ, Саидов Маҳмадалӣ, Одинаев Ҳабибулло аз шаҳри Душанбе, холаи Қимат Дилмуродова, модари серфарзанд аз ноҳияи Панҷакент ва ғайраҳо дар баромадҳояшон зикр намуданд, ки тазоҳуротчиёни Майдони «Шаҳидон» аксаран ҷонибдорони табаддулоти давлатиянд.

Ҳамин тавр митинги қонуние, ки дар майдони 800 солагии Москва бо иҷозати Комиҷроияи ноҳияи Роҳи Оҳан 2 апрел 1992 таҳти роҳбарии аъзоёни раёсати кумитаи навташкили ҳифзи сохти конституционӣ: Наимҷон, Н. Мирзоев, И. Салоҳиддинов, Н. Холназаров, С. Зулфонов, Н. Валиев, К. Восеъ, Ҷ. Оҳунов, А. Насимов, Х. Холов, Ё.Ёралиев, С. Зарифов баргузор гардид, аввалин эътирози қатъии шаҳрвандони Тоҷикистон бар алайҳи мухолифини тахту кулоҳҳоҳ буд.

Вале рӯз ба рӯз мақсаду маром ва талаботи гирдиҳамомадагон меафзуд, даст ба бастани роҳи нақлиёт дар кӯчаҳои марказии ба номи Рӯдакӣ ва Исмоили Сомонӣ заданд, таҳқир намудан ва гаравгон гирифтани мардумони зодаи вилоятҳои Кӯлобу Ленинобод одат мешуд.

Вале бо таассуф ёдовар мегардам, ки ба чунин вазъият касе баҳои зарурӣ ва лозимаро раво надонист. Аркони давлату ҳукумат бошад, ҳама нақши мушоҳидакунандагону тамошобинони саҳнаи лӯхтакбозонро иҷро мекарданд. Бубинед: сарвазири чумҳурӣ — Акбар Мирзоев «сари вақт» бемор шуда, қароргоҳи бедаву тоз ва оромонаву судҷӯёнаро дар кунҷи мамнӯъи беморхонаи ҳукумат дарёфт кард, ки ҳамоно, бо ашхоси далхоҳу дилобхӯраш ниҳон-ниҳон тарҳи пора-пора гардонидани чумҳуриро дар он мавзеъ ҳаллу фасл менамуд. Раиси чумҳур бошад, касеро аз миёни сад оташу селборонҳои азими зиндагӣ тансиҳату бардам гузаштаву ором монда. Ӯ чун дарахти азими солхӯрда аз вазидани бодҳои пуршиддати мухолиф, ки шохчаву навдаҳои бороварашро каллапар мекард, собиронаву оромона бо таҳаммули гӯшношунид, дандон ба дандон совида, гӯши хешро ба ношунавӣ ва дидагони зарраборинашро ба нодида гирифтан зада, бо ин ҳаводиси камаршикан аҳамияте намедод. Ба назари ӯ чунин менамуд, ки гӯё дар

Хаймаҳои гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ». Сентябри 1991.



Хаймахои шайхоне, ки «гуруснанишинй» эълон карда буданд.

Хўрок барои гуруснанишинони майдони «Озодӣ». Сентябри 1991.

Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд.

Гирдиҳамомадагон дар майдони «Шаҳидон». 25 марти 1992.

Бо даъвати фундаменталистони ислом ва демократҳои мансабталаб гумроҳзадагон аз ноҳияи Қофарниҳону Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе бо кӯчаи Айнӣ дар рӯзи корӣ роҳи наклиётро баста, ба гирдиҳамоии ғайриқонунии майдони «Шаҳидон» омада истодаанд.

Майдони «Шахидон»-и назди Кохи Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳангоми хондани ду ракаат намози фарзи сиёсӣ дар майдони «Шаҳидон». Намозро раиси ҳизби Наҳзати исломи Тоҷикистон Ҳоҷӣ Муҳаммадшариф Ҳиммatзода имоматӣ кардааст.

Гумрохон шиорпарроии мекунанд.



Нишасти митингчиён дар майдони «Шаҳидон». Лаҳзае аз моҳи апрели 1992.

Намоз дар майдони «Шахидон».

Раиси Ҳизби наҳзати ислом Муҳаммадшарифи Ҳиммат-зода гирдиҳамомадагонро ба табаддулоти давлатӣ даъват мекунад.

Филнали митингхои майдони «Шахидон», ки дар назди бинои музейи киш-
варшиноси барои фишор ба майдони «Озодй» сурат гирифт.

Лахзае аз намози ғиёсӣ.



Лахзае аз намози сиёсӣ.



Аслиҳаи маҳкуравӣ ва силоҳи оташфишон такягоҳи боэътимоди мухолифин.

ҳаёти сиёсии ҷумҳурият ягон ҳодисае рух надода бошаду ҳатто шамолаке ҳам барги дарахтеро наҷунбонда.

Ҳайҳот, агарчи насими мафтункунандаи ҳамал ба машмаш бӯи муаттари мадҳушкунандаи таъриферо вонамуд мекард, дар умқаш заҳри қотил дошт, ки дошт!

Ҳайҳот, агарчи гургони маккор дар ҷоматн меш андар ямину ясораш аз муқтадириву кордонии шубон ҳарф мезаданд, интизори лаҳзаи мусоиди ба рама тохт оварданро мекашиданд, ки кашиданд!

Ҳайҳот, ӯро таърифу тавсифҳои дурӯғин, ваъдаву аҳду паймонҳои обшуста фирефтаи хеш мегардониданд. Пеши чашми ӯро пораи абри булӯрини найранги дасисабозони риёкор гирифт, ки аз остонаи қароргоҳаш фарохтарро дида натавонад. Бо ин сабабу баҳонаҳо бошад, ки ӯ фориғболонаву хунсардона бо таҳаммули хосаи хеш муносибат мекард.

Оре, чунин фалаҷиву корношоямии роҳбарияти ҳукумат, яъне ду аркони он ба тарроҳону роҳбарони оппозиция маъқулу мувофиқ омад. Аз ҷониби дигар, онҳо бо роҳбарони мафияи амалкунандаи дохилидарборӣ ва хориҷии ҷумҳурият забон як карда, ба муқобили парлумон ва Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаро ошкору ниҳон ба роҳ андохтанд. Сабаб чист?

Бале, омили асосӣ он буда, ки Шӯрои Олӣ барои мустаҳкам намудани мубориза зидди ҳаннотон, мардумфиребон, савдогарон, ҷиноятқорон қонунҳои камаршикан қабул кард.

Масалан, Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ оиди иҷрои қонунҳои қабулкардашуда санҷишҳои ҷиддиву зиёде гузаронд. Дар натиҷа ниқоби макру ҳиялу табоҳ аз рӯи як идда ҳаннотону мардумфиребон, ки солҳои дароз касе қудрати пишаки онҳоро пишт гуфтан надошт, бардошта шуд ва корҳои нопоки онҳо дар Президиуми Шӯрои Олӣ мавриди муҳокима карор гирифта ҷазои сазовори хешро дарёфт.

Қормандони Президиуми Шӯрои Олӣ аз анбори кооперативи «Автоваз»-и ноҳияи Ҳисор, ки собиқ Президенти ҷумҳур Қаҳҳор Маҳкамов вазифаи мушовириашро ба дӯш дошт, 158 ҳазор метр пилтабахмал ва суф ёфтанд, ки бо роҳи ҷӯрабозӣ аз иттиҳодияи бофандагии матоъҳои пахтагии Душанбе бо нархи арзон (як метр суф 87 тин) харида, бо нархи қимат (як метр суфро 42 сӯмӣ ва пилтабахмалро 106 сӯмӣ) мефурӯхтааст. Ин масъала дар Президиуми Шӯрои Олӣ дида шуда, роҳбари иттиҳодияи бофандагии матоъҳои пахтагӣ аз вазифа озод карда, маҳсулоти ёфташударо бо нархи бозор ба мардум фурӯхта, пулаш ба маблағи зиёда аз 15 миллион ба буҷаи ҷумҳурӣ дохил гардид.

Ё худ, мухокимаи кори кооперативҳо, ки миллионҳо сўмина боигарии давлату шаҳрвандони ҷумҳурйро ба ғорат бурда, ситораро аз осмону ширу мурғро дар замин пайдо мекарданду ҳар кадоме хону хонзода ва ё беку бекзода дар қаламрави ҷумҳурӣ барои талаву тороҷ намудани моликияти ин сарзамини бепарастор камари номардона баҳри ғараз баста буданд.

Ё аз 25 марти соли 1992 масъалаи «Дар бораи ҷиҳатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқии вазъияти ҷанҷолӣ дар заводи равғанкашии Қурғонтеппа, дар маркази шаҳри Қўрғонтеппа ва ноҳияи Кумсангир» ва ба ин монанд, даҳҳо масъалаҳои доғи рўз мавриди баррасии Шўрои Олӣ қарор гирифта, калўшу муҷриминро пеши пояшон гузошта, ҷазои сазоворро нисбати ин тоифаи тороҷгарон пешниҳод намуд ва дар пўстини ашхоси сармояпараст, ки унвони онро мафия мегўянд, кайк даромаду хатарро эҳсос намуд, ки намуд!!

Бо мақсади наҷот додани мафия ва обро гилолуд кардз моҳӣ доштан зимомдорони аҳзоби сиёсиву ашхоси тахту ҷоҳталаб бо мафия ҳамзабон гардида, худро аз ҷиҳати моддию маънавӣ пуркувват намуда, сипас, аввало истеъфои парлумонро вазифан хеш қарор дода, зиёда аз 20 рўз дар майдони «Шаҳидон» мардуми бебизоату гуруснаи гумроҳзадаро бароя истеъфои парлумон ташвикоту тарғибот карданд. Дар ҳин онҳо дарк карданд, ки парлумонро касе истеъфо додан наметавонад ва аз нигоҳи қонун ҳам ҳак надорад. Чунин ҳуқуқро конституцияи амалкунандаи ҷумҳурӣ ба Раиси ҷумҳур ва Шўрои Олӣ низ надодааст.

Пас, онҳо мўҳтавои даъвои хешро тағйир дода, матлаби дигар пешниҳод намуданд, ки парлумон ба истеъфо нараваду Президиуми Шўрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон ба истеъфо равад. Чанд рўз ин мавзўъ аз баландгўякҳои майдони «Шаҳидон» радду бадал шуда, ба оҳангҳои «Оллоҳу акбар» чўр мешуданд ва талаб мекарданд, ки агар Президиуми Шўрои Олӣ ба истеъфо наравад, онҳо ҷанг мекунанд. Барои ҳалли ин масъала якчанд маротиба ман, ноиби Президент Н. Дўстов ва худи Президент Р. Набиев бо роҳбарони оппозиция дар гирди миз нишаста сўҳбат кардем, вале талаби ягонаи онҳо даъвати сессияи Шўрои Олии ҷумҳурӣ ва истеъфои Президиуми Шўрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Аммо ишон санаде, ки гунохи Президиуми Шўрои Олиро далели кофӣ бошад, баён намекарданд.

Рўзе роҳбарони оппозиция Ш. Юсуф. М. Ҳимматзода, Д. Исмоил, Акбар Тўрачонзода, Амирбеки Атобек ва аъзоёни Президиуми Шўрои Олӣ дар зали хурди Шўрои Олӣ гирди мизи мудаввар нишастем.

Он рўз, аъзои Президиуми Шўрои Олӣ, раиси Кумитаи

фарҳанг ва муносибатҳои байни миллитҳо Д. Ашӯров, чун аксари рӯзҳо, бемор буд. Аз чӣ сабаб бошад, ки ӯро аз ҳама пеш дар сари мизи мудаввар бо роҳбарони оппозиция дида, дар ҳайрат монда, пас аз салому алейк ҳазломезона гуфтам: «Даврон Ашӯрович, бисёр кори хуб кардед, ки аз бистари беморӣ хеста, барои бо роҳбарони оппозиция гуфтушунид кардан омадед... Баракаллоҳ!».

Вақти гуфтушунид, аввало аъзои Президиуми Шӯрои Олӣ, раиси Кумитаи сиёсати аграрӣ, хӯрокворӣ ва шуғли аҳолӣ Ҳ. Насриддинов, аз паси ӯ Д. Ашӯров баромад карда гуфтанд: «Барои Шумо, барои мӯътадил гардонидани авзои ҷумҳурият шуда, тайёр хастем, худи ҳозир ба истеъфо равем...». Воқеан, ин дасисаи ғиёкоронаи ишон ба дарахти боҳашамати давлати қонунӣ табари марговар мезад. Ин суханҳои ду аъзои Президиумро шунида, дар ҷони оппозиция нерӯи тоза ворид гардид ва онҳо барои ҳалли ин масъала даъват кардани сессияро талаб карда, кафолат доданд, ки ба кори он фишор намеоваранд.

Бо ҳамин 08.04.1992 Президиуми Шӯрои Олӣ қарор қабул кард, ки сессияи сездаҳум даъвати дувоздаҳум аз таърихи 11 апрели соли 1992 даъват карда шавад.

Ба рӯзномаи сессия масъалаҳои зерин гузошта шуда буданд:

1. Дар бораи рафти тайёр кардани лоиҳаи Конституцияи нави ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Дар бораи вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Дар бораи талаботҳои иштирокчиёни гирдиҳамоӣ оиди ба истеъфо рафтани Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо таассуф ёдовар бояд шуд, ки 11.04.1992 сессияи сездаҳуми Шӯрои Олӣ даъвати дувоздаҳум кори худро сар карда натавонист, зеро роҳбарони оппозиция ӯҳдадории хаттии ба зиммаи хеш гирифтаро сарфи назар намуда, гирдиҳамомадагонро аз майдони «Шаҳидон» барои фишор овардан ба кори сессия ба майдони «Озодӣ» таҳти шиорҳои «Истеъфо парлумон», «Истеъфо Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон» оварданд. Дар ин ҷо шиори истеъфои раиси Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Кенҷаев пайдо шуд. Хуллас, нимкосаи таги коса маълум гардид. Мақсади асосиашон истеъфои раиси Шӯрои Олӣ будааст ва аз ин рӯ Д. Ашӯров ва Ҳ. Насриддинов ҳам хеле шердил будаанд. Бо ҳамин сабабҳои маълум онҳо нагузоштанд, ки сессия кори худро оғоз намояд ва депутатҳо маҷбур шуданд, ки соати 14 рӯз ба макони хеш баргарданд. Чунин иқдом намудани Шӯрои Олӣ

дар пўстини роҳбарони оппозиция кайк давонд. Онҳо бо ёрии дастгирии кормандони масҷидҳо хона ба хона гашта, одамонро бо Қуръони маҷид қасам дода, ба майдони «Шаҳидон» кашиданд. Шахсонеро, ки омада наметавонистанд ва ё раъйи омадан надоштанд, кофир ҳукм мекарданд.

Бо ҳамин майдони «Шаҳидон» рӯзона пур аз одамони гумроҳшуда буду шабона бошад, кироякороне, асосан аз баророни бадахшонӣ ва ҷавонони Душанбешаҳр пайдо мешуданд, ки ҳар шаб пул кор мекарданд,аз кошёти мусулмонони ҷумҳурӣ, ҳизби наҳзати ислом аз 100 то 200 сўм мегирифтанд. Амалиёти огоҳнамудаи оппозицияро фаҳмидаю нафаҳмида бисёр давлатҳои хориҷӣ ва рўҳониёну аҳзоби сиёсии баъзе давлатҳои собиқ Иттифоқ дастгирӣ мекарданду кўмаки моддӣ мерасонданд.

Дар рўзҳои гирдиҳамоии моҳҳои апрел — май майдони «Шаҳидон» танҳо аз вилоятҳои Намангону Фарғонаи ҷумҳурии Ўзбекистон ба унвони ҳоҷӣ Акбар Тўрачонзода аз номи зиёда аз бист масҷиди ҷумъаҳонӣ баркия дохил гардидааст.

Ба хазинаи гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» аз муфтии мусулмонони «Мовароуннаҳр»-и Осиёи Миёна ҳоҷӣ Муҳаммад Содиқ Муҳаммад Юсуф 200 ҳазор доллари америкой, ҷонишини ӯ оид ба масҷидҳои водии Фарғона ҳоҷӣ Абдурауф Ғаффоров 100 ҳазор сўм ҳадя ирсол гардидааст.

Ба ин гирдиҳамоии ғайриқонунӣ ҳукумати ҷумҳурӣ даҳонро пури об карда, ягон чизе намегуфт. Балки кормандони ургонҳои ҳифзи ҳуқуқ гирдиҳамомадагонро муҳофизат мекарданд. Мошинаҳои колхозу совхозҳо ва корхонаҳои давлатӣ ба гирдиҳамомадагон хўрок меоварданду хизмат мерасониданд. Кормандони инспексияи давлатии автомобилӣ бошанд, чунин ронандагонро муҳофизат мекарданд.

Пас, андешаи он ки дар дохили давлати мустақили Тоҷикистон боз як давлати дигар, ки на танҳо дар кошёт, балки дар бисёр нохияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Кўрғонтеппа, инчунин як қисми корхонаҳои шаҳри Душанбе таъсис ёфтааст, пинҳону ошкоро амал мекунад, дуруст буд.

Шаҳрдории Душанбе бо умеди хокимият шуда канорнишинии худро давом медод, агарчанде ба ғайр аз чанд ҳазор нафари кормандони корҳои дохилии чор нохияву шаҳри Душанбе, боз 500-то милиса дар ихтиёри мири шаҳри Душанбе бошад ҳам, вале ин вазъияти нохинҷории ҷомеаро дигар карда наметавонист. Чунин вазъияти рухдода, ки аксари кормандони давлативу хукуматӣ худро ба бетарафӣ ва канорнишинӣ мекашиданд, кам буд, ки бар болои сўхта намакоб, боз баъзе роҳбарони буздилу тарсончак ба оппозиция ҳамкориҳои чоплусонаро ба роҳ андохта, бо як тир ду нишон мезаданд. Ҳа-

маи ин, воқеан, дилгармие ба сарварони оппозиция мебахшад ва нерӯи тоза ба тозаи сиёсатбозон умедҳои ҷоҳталабонаи ишонро мустаҳкамтар мекард. Бинобар ин, яқинан, дар гирдиҳамоӣ гурӯҳи нотиқони доимӣ ба суханҳояшон илова дароварда, рӯирост ба сиёҳ кардани раиси Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Қенҷаев гузаштанд. Тамоми навоқису норасоиҳое, ки дар ҷумҳурият вуҷуд дошт, ба гардани Сафаралӣ Кенҷаев бор мекарданд.

Бубинед, ки чи мегуфтанду кадом далелҳоро пеш меовардаанд. Масалан, дар давоми 6 моҳ маош нагирифтани колхозчиён, замини наздиҳавлигӣ надодан ба онҳо, қимат будани нарху наво, дар мағозаҳо набудани қанд, орд, гӯшт, калӯш ва ғайраю ғайра... Вале, касе намегуфт, ки ҳаман ин ба ваколати ҳукумати ҷумҳурӣ дохил мешавад. Бисёр тааҷҷубовараш он буд, ки касе номи идораи ҳокимиятро ва номи сарвазирро ба забон намеовард. Аммо, аз чи сабаб буд, ки кормандони ҳукумат, аппарати президент ба воситаи радио, телевизор, газетаҳо, ё дар назди гирдиҳамомадагон баромад карда намегуфтанд, ки ин камбудиҳо ба кори ҳукумат ва аппарати президент вобастааст, на ба кори Шӯрои Олӣ ва раиси он, чунки Шӯрои Олӣ ҳамагӣ ургони қонунбарор мебошад, на иҷрояю амрдиҳанда!

Дар ин шабу рӯз радио ва телевизиони ҷумҳурӣ оиди ба мардум фаҳмонидани ҳақиқати ҳол ва ҳуқуқу вазифаҳои се ургони роҳбарикунандаи Тоҷикистон қариб бетарафона рафтор мекард. Дар бораи қонуншиканиҳои пайдарҳаме, ки оппозиция содир мекард, касе сухане намегуфт ва ё фурсату қудрати баёни фикр надошт, ки чизе гуфта тавонад.

Ба худ меандешидам: «Вой бар раёсати давлате, ки аркони он бар сари ғаразҳову дурӯғгӯиҳо ва дасисаҳову чоплусиҳо сохта бишавад! Наузанбиллоҳ, он давлат пойдор нахоҳад монд!». Ман ин гумонро борҳо хам ба Раиси Ҷумҳур, хам ба Сарвазир ошкору пӯстканда иброз доштам, вале, э вой бар ман, ки маро хаёли ғарибону бечорагон, фаровон намудани маводи хӯроквиву пӯшокӣ, баланд гардонидани сатҳи зиндагии донишҷӯёну устодон, ахли заҳмату меҳнат ва саҳеҳиву бардамии қонунҳои ҷумҳурият буду ишонро ғами чоҳи чуқур кофтан аз барои ман. Бехабар аз он, ки киштиеро, ки ба кӯмаки мухолифин аз пасаш сӯроххо карданду он дам ба дам ғарқ мегардад, ишон низ сарнишинони он буданд. Ҳамегӯям, ки вой бар Шумо!!!

Вазъияти ба миён омада касро ба як андешаи ниҳоят домонадоре мебурд, ки оё дар зери коса нимкосае нест? Оё давлати навзоди тоҷиконро ин гуна бетарафиҳо буғӣ намекунад?!

Оё хомӯшӣ аломати розигӣ нест, ки рӯзе муште табаддулотеро ба рох андозанду хуни мардум биреза?!

Вале шайтон ноумед, гуфтаанд. Дар яке аз рӯзхои мохи апрель шодравон Мавлон Олим ба назди ман даромада пешниҳод намуд, ки ако биёед як ба хонаи ҳоҷӣ Акбар меравем, бинем чӣ мехоҳад. Охир, Шумо ба хонадони ӯ одами ношинос нестед ку? Ман пешниходи ӯро пазируфтам. Мо се нафар: Ману худорахматӣ Ботур Искоқову Мавлон ғайрирасмӣ бидуни даъват ба хонаи қозӣ рафтем. Ҳоҷӣ Акбар моро дида биёед ако, гӯён ба пешвозам шитобида, зоҳиран хеле хушнудона моро пазируфт. Ба хона ворид гардидем. Падараш низ ҳузур доштанд. Қозӣ зохиран бисёр самимона сухан мегуфт. Ин ташрифи нохонда барояш хеле хуш омада буд. Ӯ ба ман муроҷиат карда гуфт: «Ако, ин хонаҳалокони мансабталош мову шуморо аз хам чудо карданиянд, вале имкон надоранд, ки гӯштро аз нохун чудо созанд.

Албатта имрӯзхо дар ҳаққи Шумо аз номи ману хамакидаҳоям гапҳои пасту баланд мегӯянд, вале имондорона мегӯям, ки ман чонибдори Шумоям ва намегузорам хоре ба пойи Шумо бихалад». Ҳамин вакт занги дар баланд шуду Қозӣ берун рафт. Мову падараш сӯҳбатро идома додем. Баъди чанд дақика қозӣ баргашта изҳор дошт, ки гӯё хамсояаш бо коре омада будааст.

Ҳамин тавр моро бо хушнудихо гуселонид. Дар рох Ботур, ки нақши шоферро мебозиду дар дохили мошин монда буд, қаноатмандии моро дида гуфт: Ин шакал намедонам, ки ба шумо чи гуфта бошад, вале ним соат пеш як жигулии сиёҳ омада аз дохилаш чор шахси мусаллаҳ баромаданду козиро даъват намуда гуфтанд: «Қозидомулло, чаро имрӯз ба ситоди митинг ташриф наовардед. Пагох сари кадом масъала бояд сухан гуфта шавад?». Ӯ дар чавоби онҳо изҳор дошт, ки мавзӯъ як аст, ин ҳам бошад истеъфои С. Ченчаев, вассалом! Ҳар кадом нотиқ ин амрро бояд дар зимни суханронияш ба такрор бигӯяд! Чунки ӯ деворест барои давлати коммунистхо. То ӯро сарнагун накунем, мақсадамон ичро нагардад. Чун ин суханро аз чониби бародари чониям — Ботур шунидам, ба беимониву дасисабозии Қозӣ ва зархариди бегонагон буданаш итминон хосил намудам.

Аз он лаҳза бабаъд ба тамоми некиҳоям, ки ба ин авлод карда будам, чониби қибла истода ишонро бо тазарро ба яздони пок супоридам!! То чазои сазоворашон бидиҳад!! Иншоаллоҳ, ки ҳар касе он даравад оқибати кор, ки киш!

# АРКОНИ ФАЛАҶШУДА

Рӯзе дар ҳузури сардори ситод омади пешгирии гирдиҳамоӣ, Ноиби президенти ҷумҳурӣ Нарзулло Дӯстов ҷамъомади навбатӣ мегузашт, ки камина ҳам ҳузур дошт. Дар он ҷо ҳама генералҳои ҳарбии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд: генерал-майор Раҳмонов Б. Р.— мушовири давлатӣ, Ниёзов Ф. Н.— раиси Кумитаи мудофиаи ҷумҳурӣ, Маҳмадҷонов М.— Комиссари ҳарбии ҷумҳурӣ, инчунин Стройкин А. П.— раиси Кумитаи амнияти ҷумҳурӣ, А. А. Қаҳҳоров — муовини Вазири корҳои дохилӣ, Н. Ҳ. Ҳувайдуллоев — Додситони кулли ҷумҳурӣ, А. Н. Мартовитский — комондони сарҳадот, Заболотний — комондони нерӯҳои ИДМ дар Тоҷикистон, А. Раҷабов — иҷрокунандаи вазифаи Вазири корҳои дохилӣ.

Сухан дар бораи мустаҳкам будани сутунҳои давлат рафт, чунки гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» рӯз ба рӯз шиддат меёфт, ташкилкунандагони он мақсаду мароми худро тағйир медоданд, вазъият дар Душанбешаҳр муташанниҷтар мегардид, шумораи гурӯҳи миллии мухолифин меафзуд. Роҳҳои нақлиётӣ баста мешуд, корхонаҳо кор намекарданд, оҳиста-оҳиста Душанбешаҳр ба зери назорати оппозиция мегузашт. Мардуми Душанбешаҳр аз ҳукумати ҷумҳурӣ дилхунук мегардид. Дар дасти аъзоёни гурӯҳи миллии оппозиция силоҳи оташфишон дида мешуд, ки шабу рӯз дар кӯчаи Рӯдакӣ ва Исмоили Сомонӣ машқҳои ҳарбӣ мегузаронданд. Ҳар рӯзу соат овозаҳо паҳн мегардид, ки оппозиция барои содир намудани табаддулоти давлатӣ тайёрии ҷиддӣ дида, бо роҳҳои гуногун силоҳи зиёде ба даст овардааст. Садои пурдаҳшати «муборизони роҳи озодӣ» демократҳои «асил», тоҷикони «покиза»-и афғониву эронилаҳҷа, исломпарастони бенамоз, «падарон»-у «модарон»-и миллати сарсахт, ҳоҷиёни ҳаҷкардаву лек аз роҳи худо каҷрафта аз майдони «Шаҳидон» ба гӯш мерасид, ки мардуми гумроҳшударо барои нигоҳ доштани «тозагии дини мубини ислом» бо шиорҳои «Е марг ё ғалаба!», «Инқилоб!» ба ҷанг даъват мекарданд. Вале касе аз ҳукуматдорон, органҳои муҳофизати ҳуқуқу муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, гурбаи онҳоро «пишт» намегуфту сари лаҷомашонро намедошт. Аз даму нафаси онҳо бӯи хун меомад. Як даҳшате буд. Наузамбиллоҳ аз ваҳму воҳимааш ҷони кас ба ларза медаромад. Сарвазир ва Раиси Ҷумҳур бетарафиро интихоб намуда, худро бемор сохта, аз паи саломатиашон буданду асабашонро ором мекарданд. Вазирони дудилаю седила масҷид ба масҷид хозию хатиб мекофтанд, то он ки «азизтарин» чизҳояшонро пеши пои эшон гузоранд ва дар мансаб бимонанду ҷон ба саломат бибаранд, агар сад ҳазор мардум бимирад ҳам, пар-

вое надоштанд. Шиорашон «Гӯр сӯзаду деги қаландар чӯшад» буд.

Бо таклифи Нарзулло Дӯстов мушовири президенти чумҳурӣ оид ба дифоъ ва органҳои муҳофизати ҳуқуқ генерал-майор Б. Р. Раҳмонов ба ҳозирон ахбор дод, ки то имрӯз ба сафи Гурди миллии ранси ҷумҳур ягон касро қабул накардаааст. Ҳол он, ки бо супориши Шӯрои Олӣ дар бораи таъсиси Гурди миллӣ фармони Р. Набиев 22 декабри соли 1991 бо шумораи 700 сарбоз ба имзо расида ва ҳукумат доири ин масъала аз буҷаи давлат зиёда аз 30 миллион сӯм маблағ ҷудо карда буд.

Сипас, аз генерал-майор Б. Р. Раҳмонов пурсон шудам:

— Шуморо нафаҳмида истодаам, агар то имрӯз ба сафи Гурди миллии президенти ҷумҳурӣ ягон нафаре қабул накарда бошед, пас чи гуна ва аз кадом ҳисоб январи соли 1922 дар назди Кохи Ранси ҷумҳур сарбозони зиёдеро чамъ оварда будеду подполковник С. Шарофутдинов ба шумо, дар навбати худ шумо ба ноиби президент Нарзулло Дӯстов рапорт дода гуфтед, ки Гурди миллии президенти ҷумҳурӣ саф оростааасту барои қабул тайёр. Баъд шумо ва Н. Дӯстов Гурди миллиро қабул кардед, онҳо дар назди шумо савганд ёд карданд, пас, бигӯед, онҳо киҳо буданд?!

Охир, ин намоишро бо чашмони худ дар оинаи нилгуни ҷумҳурӣ дидам?!

Генерал Б. Р. Раҳмонов ба ман нигариста заҳрхандае карду бо забони русӣ гуфт:

— Мӯҳтарам ранси Шӯрои Олӣ, дуруст гуфтед, аммо бо мақсади чашми оппозицияро тарсондан аз двизияи 201-и Федерацияи Русия ва полки ҳарбии Вазорати корҳои дохилӣ сарбозони зиёдеро даъват намуда, саф ороста ва чун Гурди миллӣ ба Нарзулло Дӯстов ҳисобот додему онҳо савганд ёд карданд.

Суханони генералро шунида дилам тах кашид, ҳолам дигаргун шуду баданам ларзид, бо худ гуфтам: «Эй фалаки шӯъбадабоз, эй сипеҳри бемеҳру найрангӣ, ту маро бо кӣ ҳамтабаку ҳамкор кардай?! То кай ва то чанд азобам медиҳӣ?!

Охир, Ранси Ҷумҳур солҳӯрда, сарду гармии рӯзгор чашидаву таҷрибадор буд-ку?!

Чаро ба чунин бемасъулиятию форигболӣ роҳ дода бошад?!

Магар дилаш ба халқе, ки ҳаёташро ба ӯ бовар карда, сарвари худ интихоб намуд, намесӯхта бошад?!»

Фикр мекунам, ки дар хусуси то чи андоза пок будану набудани ин генерал хонанда бояд хулоса барорад, чаро ки аз рӯзи баромадани фармони Президент зиёда аз чаҳор моҳ сипарӣ шуда бошад ҳам, ӯ шарм надошта мегӯяд, ки то ба он

рӯз касеро ба сафи Гвардияи миллӣ қабул накардаанд. Ва касе аз ӯ пурсон нашудааст, ки чаро дар чунин вазъияти мутаҳанниҷ фармони Президентро ичро накардааст?!

Аз ин рӯ, аз эҳтимол дур нест, ки дар хуну мағзу пайванди генерал Раҳмонов хиёнат кардан ба халқу Ватан хело пеш қойгир шуда будааст ва мо бехабарем ва бо дасти худ теша ба решаи давлати қонунӣ мезадаем!

Генерал-майор Ф. Н. Ниёзов ахбор дод, ки ду моҳ пеш ҳукумати ҷумҳурӣ барои муҳофизати сохти конституционӣ 37 мошини зиреҳпӯш (БТР) харидааст ва онҳо дар полки мудофиаи граждании ҷумҳурӣ воқеъ дар деҳаи Қаратоғ маҳфузанд. Аз ӯ пурсон шудам:

— Мошинҳои зиреҳпӯш ронанда доранд ва оё дар холати корӣ ҳастанд ё не? Ӯн кас дар ҷавоб гуфтанд:

— Ҳаман мошинҳои зиреҳпӯш нав ҳастанд, вале то имрӯз ягон ронандаву мутахассисони ин соҳаро наёфтаем, ҳарчанд ки нисбати масъала комиссари ҳарбӣ генерал-майор М. Маҳмадҷонов вазифадор карда шуда буд.

Бубинед, тайи ду моҳ 37 мошини зиреҳпӯшро гирифта, ин мутасаддиёни «дурбину» кӯтоҳандеш яке ба дигаре фармон дода, байни худ харҳаша намуда, ронандае пайдо накардаанд. Охир, хунукназарӣ, мусолиҳакорӣ ва бемасъулиятӣ аз ин ҳам зиёд мешавад?! Ин хунукназарию бемасъулиятӣ не, чиноят нисбати халқу Ватан буд.

Боз дар куҷо?! Дар даргоҳи Раиси ҷумхур?! Агар генералҳои зердасти Раиси ҷумхур то ин дараҷа беинтизому хунукназар бошанд, дигар ба кӣ арз бояд кард, аз кӣ гила?!

Генерал М. Маҳмадҷонов ахбор дод, ки зиёда аз 1000 офицерҳои эҳтиётӣ даъват кардааст. Вақто ки дар куҷо будани онҳоро пурсон шудему ба чӣ корҳо машғул будани онҳоро муайян кардем, маълум шуд, ки ҳоло танҳо номи 1000 касро рӯйхат карда будааст халос. Вале, то он рӯз касе онҳоро даъват накардааст. Аз ин рӯ, (онҳо) дар куҷо ва зинда будану набудани ин ё он офицери номнависро танҳо худи худо медонист! Як бор фикр кунед, оё бо чунин парокандалашкар қаноти кас намешиканад? Охир, аз сари инсоф гӯем, кӣ бояд ин корро ичро мекард?! Раиси ҷумхур, нонбаш, Сарвазир ва ё Раиси Шурои Олӣ?!

Генерал А. А. Стройкин гуфт:

— кормандони ҚАМ (ҚНБ) мавқеи бетарафиро ишғол менамоянд ва бигзор гирдиҳамоӣ гузаштан гирад, ин ягон чои тарсу харос ба вуҷуд намеоварад. Як андеша кунед: раиси Кумитаи бехатарии давлат аввалан бетарафӣ дорад ё нияти душманона нест? Оё ин касе, ки вазифаи масъули бехатарии

давлатро бар ӯҳда дорад, чунин иқдоми бепарвоёна доштанаш ба аркони давлат рахна намеоварад?

Маро, ростӣ, ин ахбори Стройкин бисьёр ба изтироб овард, ки бо чиддият он рӯз чанд сухане нисбати мавқеи ин ташкилоти азими давлат иброз доштам.

Генерал Л. Н. Мартовитский гуфт: — хизматчиёни сарҳад Ба масъалаҳои дохилии давлат сару кор надоранд вассалом.

Ба андеша фурӯ рафтам: — оё ба ин гуруҳи генералҳо, ки танҳо пагонҳояшон онҳоро аз сарбози оддӣ фарқ мекунонад ва асоси низоми ҷомеаро вазифаҳои онҳо муайян мекунад, дар рӯзи нофарҷом ба ишон рӯйи ниёз овардан мумкин бошад? Вале «шайтон ноумед» гуфтаанд, аз онҳо муносибати чиддӣ намудаиро тақозо кардем. Он сӯҳбати навмедкунанда, ростӣ, гӯё галаи гургонро дар раман қалбам ворид намуд!

Генерал А. А. Қаҳҳоров ҷонишини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва А. Рачабов иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқрор шуданд, ки қисми зиёди кормандони Вазорати корҳои дохилии дар шаҳри Душанбебуда мардуми Бадахшону Қаротегин мебошанд, ки амалиёти майдони «Шаҳидон»-ро дастгирӣ мекунанд. Ва ҳатто вакте ки Ш. Юсуф ба кормандони Вазорати корҳои дохилии дар майдони «Шаҳидон» буда, муроҷиат карда, мегӯяд: «Агар тарафдори мо бошед, майдонро холӣ намоед», милисионерҳо саф кашида, бо командирҳояшон аз майдон баромада мераванд. Андеша кунед: дар вазорате, ки тартибу низоми ҷомеа бар ӯҳдааш аст, агар аз рӯи маҳалчигӣ кормандони он аксаран гирдоварӣ шуда бошанд, ин чӣ маънӣ дорад?

Полковник Заболотный — сардори гарнизони Душанбе иброз дошт, ки бе иҷозати сарфармондеҳи ҳарбии СНГ Шапошников ва президенти Русия Б. Ельцин ба корҳои дохили давлати Тоҷикистон ягон кӯмаке расонда наметавонад. Барои ин фармони президенти Тоҷикистон Р. Набиев лозим аст. Ва ин фармон то рӯзи вопасини шикасти давлати қонунӣ нашуд. Агарганде сарфармондеҳи ҳарбии ҷумҳурӣ мувофиқи Конституция президент Р. Набиев мебошад ва борҳо аз ӯ илтимос намудам, ки барои таъмини амнияти мардуми Тоҷикистон чунин фармонро имзо намояд. Вале ӯ рад кард...

Ёдовар бояд шуд, ки навоқиси зикргардида бе санҷишу муҳокима ва сарзаниш қазо монданд, ки монданд!

Охир, онҳо (роҳбарони ВКД-и ҷумҳурият), шахсан аз президент ва ноиби ӯ супориш гирифтанд, ки чун мавқеи ОМОНҳо ояди дастгирии ҳукумати қонунӣ муайян нест, бинобар ин онҳоро аз шаҳри Душанбе ба вилояту районҳо фиристонанд, яъне ба тариқи таъҷилӣ табдили ОМОНҳо зарурати аввалиндараҷа дошт.

Бо бадбахтӣ изҳор менамоям, ки ин супориши Президент ҳам иҷрои худро наёфт.

Суханҳои генералҳоро шунида, дар вуҷудам як навъ нобоварӣ ба пойдории давлат пайдо шуд, зеро хавфи бузург мондани давлат аниқу аниқ ошкор гардид. Дасисабозиро бинед, ки баъди чанд дақиқа фикру мулоҳизаҳои иброзшуда бо фасеҳияти фарохтари худ, нарезондаю начакконда, аз баландгӯяки майдони «Шаҳидон» садо дод. Оппозиция аз нотавонии аркони давлат бори дигар хабардор гардид, бинобар ин иштиҳои он қозгир шуда, ба матлаби хеш иловаҳо зам менамуд.

Хулоса, дар ситоди қароргоҳи Президент рӯзе ду маротиба ҷамъомад мегузашту вазъият рӯ ба беҳбудӣ намеомад баръакс, ҳаракати гирдиҳамомадагон шиддат мепазируфту талаботашон зиёд мегашт.

Оҳир, аз рӯи инсофу адолат бигӯем, генералҳои мазкур аз рӯи вазифа ба раиси Ҷумҳур итоат мекарданд, на ба раиси Шӯрои Олӣ. Раиси Ҷумҳур мувофиқи Конституция сардори давлати Тоҷикистон, роҳбари олии амрдиҳанда ва иҷроия буд ва чаро иҷрои фармонҳои худро талаб накард?!

Сарвазир бошад, дар беморхона асабҳояшро табобат менамуду одамони ба худаш лозимиро қабул мекард...

Сина моломоли дард аст. эй худоро марҳаме,
Дил зи танҳой ба ҷон омад, худоро ҳамдаме.

## РАЪЙИ СОНӢ

Дар муддати 29 рӯзи гирдиҳамой 6 маротиба бо қозикалон ҳочӣ Акбар Тӯрачонзода, Саид Абдуллои Нурӣ, Давлат Иэмон, ҳочӣ Саид Қиёмиддин, Шодмони Юсуф, Сафар Абдулло, Абдунабӣ Сатторов вохӯрдам ва аз онҳо илтимос кардам, ки ҳамрохашон ба «Шаҳидон» рафта, ҳақиқати ҳолро ба гирдиҳамомадагон бифаҳмонам. Онҳо як шартро гузоштанд: «Агар Шумо дар майдони «Шаҳидон» президент Р. Набиевро танқид намоеду истеъфояшро пурсида, ба мо ҳамроҳ шавед, дигар Шуморо касе таҳқиру танқид намекунад, аз майдони «Шаҳидон» то бинои Шӯрои Олӣ Шуморо сари даст мебарем, дар вазифаатон кор мекунед ва оянда мавқеатон бисёр хуб мешавад, оппозиция Шуморо чун одами худ дастгирӣ мекунад».

Албатта, ба онҳо чавоби ғайриқаноатбахш дода гуфтам: «Шумо иштибоҳ кардаед, ҳеҷ гоҳ ба роҳи номардӣ қадаме нахоҳам гузошт!» Сипас, амалиёташонро ба муқобили Шӯрои Олӣ ва раиси он боз ҳам шиддатнок карданд. Чун диданд, ки ба ин пешниҳод аз тарафи банда чавоби қотеъонаи рад дода шуд, онҳо ҳамаи ручӯашонро чониби Президент гардонидаанд.

Аз мулоқоти Президиуми Шӯрои Олӣ даст кашида, гуфтушунидро бо Президент мегузарониданд.

Ва рӯзе Президент ба ман сим зада, хоҳиш карданд, ки Президиуми Шӯрои Олӣ барои дида баромадани талабномаҳои гирдиҳамомадагон сессияи навбатиро даъват намояд. Президиумро даъват намудем. Аъзоёни Президиум бо як овоз талаб карданд, ки роҳбарони оппозиция агар талаби даъват кардани сессия дошта бошанд, бо Президиуми Шӯрои Олӣ вохӯранд, на бо президент. Чунки аз рӯи қонун ҳуқуқи даъват кардани сессияро Президиум дорад. Баъд роҳбарони оппозиция Шодмон Юсуф, Давлат Исмон, Муҳаммадшариф Ҳиммататзода, ҳочӣ Акбар Тӯрачонзода, Тоҳир Абдуҷаббор ва намояндаи «Лаъли Бадахшон» Амирбеки Атобек бо аъзои Президиуми Шӯрои Олӣ вохӯрданд.

Ҳамин сӯҳбат талаб намуданд, ки сессияи навбатӣ даъват карда шавад барои ҳаллу фасли талабу дархости гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» ва забонхат доданд, ки ба кори сессия қатъиян халал намерасонанд ва чӣ гуна ҳалномаеро, ки сессия қабул намояд, итоат мекунанд. Сипас, ҳар яке аз роҳбарони оппозиция ба Президиуми Шӯрои Олӣ забонхат доданд, ки ба кори сессия даҳолат намекунанд ва рӯзи кори сессия баландгӯяки майдони «Шоҳидон» хомӯш карда мешавад.

Бо ҳамин Раёсати Шӯрои Олӣ дар бораи 20 апрели соли равон дар шаҳри Душанбе даъват намудани сессияи Шӯрои Олӣ барои баррасӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳое, ки аз тарафи гирдиҳамомадагон пешниҳод гардидааст, қарор қабул намуд. Аз ҷумла:

1. Ахбори Раиси Ҷумхур Р. Набиев «Дар бораи вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».

2. Истеъфои Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон С. Кенчаев ва Раёсати Шӯрои Олӣ.

3. Ба ҳайати Раёсати Шӯрои Олӣ дохил намудани вакилони оппозиция: С. Қаххоров, ҳочӣ Акбар Тӯрачонзода, Аслиддин Сохибназаров ва Сайфидин Тӯраев.

4. Беэътибор донистани шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби гузаронидани гирдиҳамоиҳо, митингҳо ва рохпаймоиҳо».

5. Оиди бекор кардани тағйироти ба модаи 139 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сессияи XII Шӯрои Олӣ дохил гардида.

6. Мӯҳлати интихоботи парламенти ҷадидро муайян карда шавад (даҳаи аввали моҳи декабри соли 1992) ва ба комиссияи конститутсионӣ панҷ нафар аз аҳзобу созмонҳои сиёсӣ дохил карда шавад.

7. Дар сессияи навбатии Шӯрои Олии Тоҷикистон масъалаи ба Ҷумҳурии Мухтори Бадахшон (ҶМБ) табдил додани ВАБҚ мавриди баррасӣ карор гирад.

8. Онди таҳқиқи ҷиноятномаи М. Икромов комиссия таъсис дода шавад.

Масъалаҳои аз тарафи гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» пешниҳодгардидаро депутатҳо тарафдорӣ намуда, барои ба рӯзномаи сессия ҳамроҳ гардидан ба ғайр аз масъалаи дуюм, дастгирӣ карданд.

Сессия масъалаҳои якум, сеюм, панҷум, шашум, ҳафтум ва ҳаштумро пурра аз рӯи хоҳиши оппозиция ҳаллу фасл намуд. Масъалаи чорум барои омӯхтан, гузаронидани экспертизаи қонунӣ ба кумитаҳои Шӯрои Олӣ супорида шуд.

Агарчӣ бо овози аксарияти депутатҳои Шӯрои Олӣ масъалаи дуюм ба рӯзномаи сессияи Шӯрои Олӣ дохил нагардида буд, вале депутатҳо А. Соҳибназаров, Т. Абдуҷабборов, И. Зиннатшоев, Р. Каримов, А. Ҳабибов, Қ. Аслонов ва роҳбарони оппозиция Ш. Юсуф, М. Ҳиммагзода, Д. Исмон аз баҳри истеъфои раёсати Шӯрои Олӣ баромада, қотеъона талаб карданд, ки истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ С. Кенҷаев боовоздихии пинҳонӣ гузошта шавад. Чӣ тавре ки депутатҳо ҳал намоянд, онҳо розӣ ҳастанд. Сипас, 21 апрел, дар оғози маҷлиси бегоҳӣ бо илтимоси ман масъалаи истеъфои сарвари парлумон бо овоздиҳии пинҳонӣ гузошта шуд. Дар натиҷаи раъйдиҳӣ 54 депутат ба тарафдории аз вазифа сабукдӯш кардани С. Кенҷаев ва 131 депутат ба мукобили он овоз дод. Се бюллетени овоздиҳӣ беэътибор дониста шуд. Ҳамин тавр, парлумон ба мукобили тарки вазифа намудани Раиси Шӯрои Олӣ овоз дод.

## ГАРАВГОНГИРИИ НАМОЯНДАГОНИ МАРДУМ

Вакто ки раиси комиссияи ҳисоботӣ депутат Э. Раҳмонов хулосаи овоздихии пинҳониро оиди аз вазифа озод кардани Раиси Шӯрои Олӣ С. Кенҷаев ба депутатҳо эълон кард ва он ба фоидаи оппозиция анҷом наёфта буд, ҳамон лаҳза Давлат Исмон, Шодмон Юсуф, Муҳаммадшариф Ҳиммагзода толорро тарк карданд. Пас аз рафтани онҳо тахминан 30—35 дакика нагузашта буд, ки одамони дар майдони «Шаҳидон» ҷамъ омада, ба майдони «Озодӣ» бо доду фарёд, чун сели дамон шӯриданд. Бо кормандони Вазорати умури дохилӣ дар назди бинои Шӯрои Олӣ задухӯрд сар шуд. Онҳо бинои Шӯрои Олиро муҳосира карданд. Бо душворӣ як қисм депутатҳоро ба мехмонхонаҳояшон бо автомашинаҳо гусел кардем. Қисми дигарашон аз Шӯрои Олӣ баромада натавонистанд. Аз паҳлӯи

бинои Вазорати корҳои хориҷӣ садои силоҳ баромад. Бо илтимоси ман ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзода баромада, гирдиҳамомадагони майдонро хомӯш кард, аз задухӯрд боздошт.

Пас, чамъомадагон бо доду фарёд ба майдони «Шаҳидон» баргаштанд. Яъне, роҳбарони оппозиция бори дигар қонунишиканӣ карданд, аҳдномаашонро ноҷавонмардона шикастанд.

Ҳамон шаб дар утоқи кориам ҳуҷҷатҳои сессияро барои фардо меомӯхтам, соатҳои 21 хабар доданд, ки 17 депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ду ҷонишини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ. Саидмуродов ва С. Х. Хайруллоев аз тарафи оппозиция ба ҳабс гирифта шуданд.

Чи бояд кард?

Сарвазир А. Мирзоевро кофту ков кардем. Мутаассифона, пайдо накардам. Президент дар хонааш бемор буд. Пас, ба хонаи ноиби президент Н. Дӯстов сим задам, чунки ӯ раиси штаб онди гузаронидани чорабиниҳо нисбати гирдиҳамомадагон буд. Хушбахтона, он касро дарёфт карда, ҳодисаро фаҳмонидам ва хоҳиш намудам, ки зуд ба утоқи корӣ бинёяд.

Мо дар утоқи кории Н. Дӯстов вохӯрдем, ба ҳама чо сим задем. Лекин аз аъзоёни ҳукумат касеро наёфтем. Ба назди худ раиси Кумитаи амнияти миллӣ А. А. Стройкин ва роҳбарони Вазорати корҳои дохилиро даъват намуда, аз онҳо талаб кардем, ки барои аз ҳабс озод кардани 17 депутати Шӯрои Олӣ ва ду ҷонишини сарвазир чорахо биандешанд.

Вале онҳо қотеъона гуфтанд, ки дар майдони «Шаҳидон» зиёда аз 15-ҳазор одам ҷамъ омадааст ва қувваи органҳои муҳофизати ҳуқуқ ба онҳо намерасад, ҳазорҳо бегуноҳон шаҳид мегарданд. Суханҳои онҳоро таҳлил кардем, ба хулосае, омадем, ки дигар илоҷе нест, чунки Раиси Ҷумҳур ва ҳукумат дигар қувваи иловагӣ надоштанд.

Сипас, бо роҳбарони оппозиция, аз ҷумла, бо муовини Раиси ҳизби наҳзати ислом Давлат Исмон дар бораи аз муҳосира озод кардани депутатҳои Шӯрои Олӣ ва ҷонишинҳои сарвазир маслиҳат кардем. Ба Давлати Исмон фаҳмонидам ки депутатҳои Шӯрои Олӣ мувофиқи конституция шахсони дахлнопазиранд ва касе ҳуқуқи ба гаравгон гирифтани онҳоро надорад ва мувофиқи қонун ин ҷиноят аст.

Бинобар ин, қотеъона гуфтем, ки дар амалиёти Шумо унсурҳои шадиди ҷиноят аст, ин корро накунед, онҳоро ҷавоб диҳед. Дар ҷавоб гуфт: «Ҳамаашро медонам. То он даме, ки Шумо аз вазифаи раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаи истеъфоатонро нанависед, ман онҳоро ҷавоб намедиҳам!».

Пас бо рафиқ Дӯстов маслиҳат кардем ва ин ҳодиса соати 4 субҳ буд, Сипас, аз Давлат Исмон хоҳиш кардем, ки

якчанд депутатҳову ду ҷойнишини сарвазири гаравгирифтаро назди мо биёранд, то бо онҳо сӯҳбат кунем. Дар он сурат ман аризаи аз вазифаи ранси Шӯрои Олӣ ба истеъфо рафтанамро менависам. Таклифи маро Давлат Исмон бо хушнудӣ қабул карда гуфт:

— Агар ариза нанависед, онҳоро ҷавоб намедиҳем ва яқин бидонед, ки ҷанг мешавад, хуни мардум мерезад, ҷавобашро Шумо медиҳед.

Бори дигар ба ӯ дар шоҳидии Н. Дӯстов гуфтам: «Мардуми бегуноҳро аз асирӣ озод кун, аризаро бошад, ман менависам!».

Давлат Исмон пас аз чанд дақиқа бо дуто ҷондораш (телохранител), ки вокеан мардони бисёр азимҷуссаву паҳлавоннусха буданду дар чаккаҳояшон бо хуруфи форсӣ «ё марг ё ғалаба» навишта шуда буд, дар гардан занҷирбанди тиллоӣ, бо силоҳ, ва аз чашмонашон хун меборид, шаш нафар депутати халқи Тоҷикистонро чун бандӣ пеш-пешкунон ба назди мо оварданд. Бо онҳо мо салом кардем Ҳолу аҳволи онҳоро дида, кас дар ҳайрат мемонд, яке либосҳояш дарида, дигаре аъзои баданаш хуншор. Ҳар яке бо чашмони имдодталабона ба мо менигаристанду барои аз гаравгон халосӣ ёфтан имдод металабиданд. Аз ҷумла, депутати Шурои Олӣ Сайфуддин Тӯраев, ки рангу рӯяш парида, ҳолаш дигаргун гашта буд, монанди одами моргазида мепечиду меларзид ва аз ман хоҳиш кард, ки ба талаботи Давлат Исмон розӣ шуда аризаи истеъфоро нависам. Дигарон ором буданду бо имою ишора суханҳои ӯро тарафдорӣ мекарданд. Ба онҳо менигаристаму ба андеша фурӯ рафтам: «Худоё, дар мамлакате, ки ба ҷои хирад — ҷаҳл, ба ҷои ростӣ — дурӯғ, ба ҷои самимият — ғазаб мехоҳад сари қудрат ояд, магар нишони одамиро ҷустан равост?!»

Оё он тоифае, ки бо ин роҳ мехоҳанд тахту салтанати миллати тоҷикро гиранд, дар сурати сари қудрат омадан фашизми маҳалгароёнаро ба роҳ намеандозанд?!

Ба гирдогирди худ чандон, ки бинам,
Бало ангуштариву ман нигинам.

Ман ба ҳолу аҳволи депутатҳои ҳалқи ҷумҳурии Тоҷикистон нигариста, ба Давлат Исмон гуфтам: «Мебинам, ки ту аз ҳукумат ва қонунҳои он наметарсӣ, вале чун шахси мусулмон оё аз худо ҳам наметарсӣ, афроди бегуноҳро, ки чун ту садҳо ва ҳазорҳо нафарро дарси заҳмату меҳнат омӯхта, дар хони муборақи тоҷик саҳми арзанда доранд, бадин ҳолу аҳвол гардонидӣ?! Оё аз худо шармат намеояд?! Охир ин афрод мӯяшонро дар роҳи зиндагии мардум сафед кардаанд!». Дарво-

қеъ, ман ба аҳволи марди кордида, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, раиси колхози номдори ноҳияи Ашт Хӯҷаназаров нигариста, дар қаъри дилам хун мегиристам, хазорҳо маротиба ба худ лаънат мехондам, ки чаро ба снёсате, ки то бадин ҳад ифлос будаст, ҳамрох шудам?!

Ба дарёи фикр фуру рафта, ба Давлат Исмон нигариста гуфтам: «Эй номард, эй ҳаромзодаи модарбахато, чаро коре, ки натичаи бех надорад, карда истодай. Бо ин рафтор нафрати мардумро зиёд хохй кард, ҳеч гох сари қудрат нахохй омад»!

Тфу бар ту, эй чархи гардун, тфу!

Давлат Исмон ба ман нигаристу гуфт: «Устоди мӯҳтарам, маро таҳқир накунед, ин мубориза аст. Метавонем Шумо ва Нарзулло Дӯстовро ҳам ба гаравгон гирем, давлати Шумо қуввае надорад, ки мукобили мо истодагарӣ намояд. Охир, ҳукумати шумо худро дифоъ карда наметавонад, кормандони милисаю амнияти миллӣ ба тарафи мо гузаштаанд... То ариза дар бораи ба истеъфо рафтанатонро аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон нанависед, ман ягонтои онхоро ҷавоб намедиҳам ва боз баргардонида ба майдон мебарам. Вассалом!»

Ба Давлат Исмон гуфтам: «Бисёр афсӯс мехӯрам, ки ту барин шогирдро ҳарфе омӯзондам, агар ту номард бошӣ, ман номард нестам, арзиши тори мӯи ҳар яке аз ин вакилони мардум, ки ба онхо зиёда аз даҳ ҳазор сокини ҷумҳурӣ овоз додааст, аз ҳазор мансаби раиси Шӯрои Олӣ волотару арзишмандар меистад ва ман хозирам ба истеъфо равам! Вале худи ҳозир шумоён депутатхои мӯҳтарами халкро, ду чонишини сарвазирро аз гаравгонӣ озод намоед ва нисбати онхо тахдидро бас кунед!»

Давлат Исмон сарашро бардошта гуфт: «Шумо, ки барои ба истеъфо рафтан ариза додед (навиштед), ман 17 нафар депутатро озод мекунам!» Сипас, илова кард: «Вале бояд гӯям, ки мо ду чонишини сарвазир Саидмуродов ва Хайруллоевро бо хамрохии 4 вакили майдони «Шахидон» ба хонаи Президент фиристодем, то раъйи ӯро дар бораи аз вазифаи раиси Шӯрои Олӣ озод намудани Шумо гирем. Дар назди онхо низ мо шарт гузоштем, ки агар ризогии Президентро оиди ин масъала гирифта тавонанд, аз асирӣ озод карда мешаванд»

Ва бояд бидонед, ки ба мо хабар расид: «Президент ҳам ризогиашро додааст, бинобар ин мо онхоро ба хонахояшон ҷавоб медихем».

Бо ҳамин сӯхбати мо ба охир расид. Давлат Исмон бо лабхои пур аз ханда ба штаби оппозиция, ки дар майдони «Ша-

ҳидон» воқеъ гашта буд, рафта, хабари «хушро» ба воситаи баландгӯяк дар майдон эълон кард.

Ману Нарзулло Дӯстов ба хонаҳоямон рафтем ва субҳи содиқ дамида буд. Соати 6-и субҳ матни аризаи ба истеъфо рафтанамро ба воситаи телефон ба кормандони радио дикта кардам ва хоҳиш намудам, ки ба воситаи радиои ҷумҳурӣ шунавонида шавад.

Соати 7-и саҳар матни аризаро пай ҳам қироат карданд, ки он чунин буд:

## БА СЕССИЯИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аз номи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Кенҷаев**

### Ариза

Аввало, ба депутатҳои халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо талаби роҳбарони оппозиция рӯзи гузашта дар овоздихии пинҳонӣ бозхонди маро қабул накарданд ва бо аксарияти овозҳо депутатҳои мӯҳтарам бори дигар маро дар вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ интихоб карданд, ташаккури худро баён мекунам. Вале баҳри ба даст овардани ваҳдати миллат, аз маҳбусии мухолифин озод кардани 17 депутати Шӯрои Олӣ ва ду ҷонишини сарвазири ҷумҳурӣ, беҳ намудани вазъи кунунии ҷумҳурӣ, нарехтани хуни инсон, ҳамчунин бо мақсади ҳарчӣ зудтар холӣ намудани майдони «Шаҳидон» аз гирдиҳамомадагон аз мансаби Раисии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даст мекашам. Аз депутатҳои мӯҳтарам хоҳиш мекунам, ки ба истеъфо рафтани маро аз вазифаи Раисии Шӯрои Олӣ бо вуҷуди он, ки ба ҳар яки Шумо душвор аст, қабул намоед. Ман кӯшиш мекунам, ки аз арсаи сиёсат дур наравам. Дар ҳузури Шумо ба ҳамаи он мардуми шарифи ҷумҳурӣ, ки дар давоми 29 рӯз маро дастгирӣ карданд, гирдиҳамоиҳо таъсис намуданд, баркияхою мактубҳои зиёд фиристоданд, ташаккур мегӯям. Вақте мешавад, ки ҳақиқату адолат рӯи об мебарояд, боз мо муборизаамонро давом медихем ва ҳақ ба ҳақдор хохад расид».

Соати 10-и субҳ сессия ба кори худ оғоз кард ва ман ин матнро хонда, бори дигар аз депутатҳои арҷманд илтичо намудам, ки бе муҳокима аризаи маро ба овоз монанд ва шахсан худам ҳам ба истеъфо рафтанамро раъй додам. Онхо низ нюлоҷона ин райъи маро дастгирӣ намуданд.

Пас аз он, ки ба курсии депутатии худам нишастам, ба депутат Ғоибназар Паллаев гуфтам: «Ғоибназар Паллаевич, вақто ки Шумо аз мансаби Раиси Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабукдӯш мешудед, шояд бо мақсади заррае бошад ҳам хотиратонро болида доштан, Шуморо ба ҳах-

вахонаи Чормағзи ноҳияи Варзоб бурда будам, ки хамроҳи мо А. Сохибназаров низ буд. Дар он ҷо, дар сохили дарёи Варзоб сеямон чанд лаҳза истироҳат кардем. Ва дар он ҷо нафаси чуқур кашида, Шумо гуфта будед: «Оббо, падари мансабба лаънат! Хонаи мансаб сӯзад! Аз рӯи мансаб шуда, чанд сол буд, ки соҳилҳои дарёи Варзобро надида будам. Имрӯз хуб шуд, ки аз мансаб дур шудаму муяссарам гардид, ки аз ин манзараи зебои табиат лаҳзае истифода барам!». Бародар, имрӯз агар Шумо қарзи худро адо карда, маро ба соҳили дарёи Варзоб мебурдед, интиҳои лутф мебуд.

Албатта, инро ман нимшӯхӣ иброз доштам. Ғоибназар Паллаев бо заҳрханда ба ман нигариста, гуфт:

— Имрӯз мазаам нест, каме шамол хӯрдаам!

Пас, ба тамоми номардихои дунё пуштипо задам...

Аз сессия баромадам ва дар ошёнаи якуми бинои Шӯрои Олӣ дӯстони бегарази худ Қурбон Восеъ ва Шарифи Хамдампурро дидам, ки гуфтанд: «Бародар, салтанати давлат чун танӯри оташ аст, бисёр наздик равӣ, бисӯзӣ! Биёед, аз барои худо лаҳзае фориғ бошем! Ҳаволаи салтанатхоҳону партфелчуёни даргоҳро ба Яздони пок биспорем!», ки шоири форсизабон Ибни Ямин хуб гуфтааст:

Ин ду рӯзе, ки хаёт аст чунин бояд зист,
Ба халонк, ки каму беш саное арзад.
Вақти рафтан чу расад низ, чунин бояд рафт,
Ки зи бегонаву аз хеш саное арзад.

Ҳамроҳи дӯстони номбурдаам ба қаҳвахонаи «Чормағз» рафтем. Тавре мегӯянд, ҳама фикрҳо дар рох пайдо мешаванд. Қурбони Восеъ, ки бисёр шахси сохибмаърифату хирадманд аст, бо максали дили манро тасалло додан хикояеро аз гузаштагон, номардӣ ва нисфӣ будани хақиқат нақл карда гуфт:

— Бародар, ин номардихо танҳо имрӯз сурат нагирифта, порапорашавии ягона давлати Сомониёнро маҳз хамин кашмакашихову ҷоҳу тахтхоҳихо ба Хоки сиёҳ яксон кард. Худи давлати Ғазнавиву Темурӣ, Шайбониву Манғитӣ ва хамсоягони мову шумо — Ирониёну Афғонистон сари хамин зормондаи портфелу тахту ҷоҳ сарҳоро ба бод доданд. Бинобар ин, ман бар онам, ки Ҳусайн Воиз барҳақ гуфта: «Ҳар он касе ки хирад дар ӯ тиҳӣ монад, муҳаббати ҷоҳу мансаб андар ӯ голиб бошад ва баръакс хар он, ки соҳиби фазлу хиради воло бошад, талоши ҷоҳу мансаб дар ӯ камтар воқеъ гардад!».

Дар қаҳвахонаи «Чормағз» дӯсти бегаразу бачагинам Анвар кор мекард, ки аллакай аз ҳодисаи рӯйдода ба воситаи ахбори умум бохабар гашта буд, моро бо оғӯши кушод истиқбол намуда гуфт:

— «Валлоҳ, чун мебинӣ, зиндагиам бад нест. Ба худо рост, ки ту дастатро ба оби хунук назада, ҳар рӯз ҳамроҳи ҷӯраҳоят ҳамин тараф биё, ману авлодони ман сари мову қадамат». Ростӣ, ҷавонмардиву лутфи бисёр хуби Анвар риштаҳои гиреҳбастаи асабамро, ки дар сӯҳбати дӯстони ҷонам мулоим гардида буданд, боз ҳам оромтар гардонид.

Ҳамдампур, ки низ як нафар фарди маърифатпарвар ва воқеан журналисти хуб аст, гуфт: «Ако, ин ҳама гузарон аст, вале дар муддати кӯтоҳ Шумо дар дилу дидаи мардуми гуногуни ҷумҳуриамон маъво гирифтед. Охир, аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳуриамон ба дастгирии Шумо садҳо барқияҳо дар Садо ва симо, рӯзноман «Садои мардум» ва шӯъбаи мактуботи Шӯрои Олӣ мавҷуданд. Ин амри дили халқи ҷумҳурӣ аст, халқ тарафдори муборизаҳои Шумо ба муқобили дуздону ҳаннотон, қонуншиканону ҷиноятқорон аст. Инро касе ки набошад, агар нодида бигирад, нони халқ кӯраш мекунад!!!».

* * *

Сабр бехтар мардро аз ҳарчӣ ҳаст,
То биёбад бар муроди хеш даст.

Ҳамин тавр, якчанд соат аз ҳавои тозаю форами соҳили дарёи Варзоб ва аз сӯҳбати мардуми беғаразу бекинаи он нафас гирифта, ҳаловат бурдем ва ҳар яке бо фаҳмишу ақлу заковати дурандешонаи худ ба он неруҳои демократияи сохтаю бофтаи мансабталош нафрат хондем.

Сипас, маро ба хона гуселониданд. Муддати се рӯз дар хона нишаста, ба ҳеҷ куҷое нарафтам ва сим назада, саргарми мутолиаи китоби «Ахлоқи мӯҳсинӣ» ва «Футувватномаи султонӣ» ва «Рисолаи ҳотамия» будам. Ин асарҳо саропо китобҳои панду ахлоқианд, ки Ҳусайн Воизи Қошифӣ онҳоро дар тарғиби беҳтарин суннатҳои волои ҷомеадорӣ ва ҷомеашиносӣ пешкаши аҳли рӯзгори хеш намудааст. Алҳақ, ки имрӯз ҳам онҳо дар тарбияи камолоти маънавии инсон саҳмгузоранд. Бубинед, ки чӣ мегӯяд: «Ҳаё шохе аз дарахти имон аст. Он инсонро дар низом нигоҳ медорад. Чун ҳаё аз миён равад, инсон бенизом гардад. Хоса, низоми ҷомеа ба низоми ҳаёи он вобаста аст». Ин андарзҳоро хонда, беҳаёии гурӯҳи тахту мансабхоҳеро, ки бо номи демократия худро ба беҳаёӣ зада, ба мақсадҳои нопок ноил гаштанианд, ба нафрат ёд кардам!

Иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров «дилсӯзона» ду маротиба ба ман сим зада гуфт: «Мо қарор додем, ки бодгардон (телохранитель) ва автомашинаи хизматиатон дар хизмати Шумо мемонанд». Ба он кас ташаккур гуфта, хабардор кардам, ки ман

аз вазифа сабукдӯш гардидаам ва бинобар ин бодгарду (чондору) нақлиёти хизматӣ лозим надорам. Дӯстони беғаразу шояд ғаразноки зиёде ба хона сим зада, аз ман ҳолу аҳвол мепурсиданд, барои хабаргирӣ меомаданд, қариб, ки ҳисоб надошт.

## ВАЗИФАИ НАВ

Рӯзи 24 апрел, соати 11 рӯз буд, ноиби Президент Нарвулло Дӯстов ба ман сим зада, пас аз ҳолу аҳволпурсӣ гуфтанд, ки бояд ба назди президенти мӯҳтарам Р. Н. Набиев равам.

Дар ҷавоб, ба ӯ гуфтам:

— Президент рақами телефонҳои хонаро медонад...

— Пас аз якчанд дақиқа телефони ҳукуматӣ занг зад. Гӯшакро бардоштам, ки Президент. Пас аз салому аҳволпурсӣ ӯ маро ба наздаш даъват кард.

Ба назди ӯ рафтам, ки Н. Дӯстов низ дар он ҷо ҳузур дошт. Пас аз гуфтушунид ба ман вазифаи раиси Кумитаи амнияти миллиро (ҚАМ) пешниҳод кард. Розӣ шудам. Чунки зиёда аз 26 соли ҳаёти худро ба кори ургонҳои муҳофизати ҳукуқи инсон ва муборизаи зидди қонуншиканию чиноятқорӣ додаам ва кори ҚАМ ба тахассуси ман алоқаи ногусастанӣ дорад. Худи ҳамон рӯз Президент фармонро онди таъин намудани ман ба вазифаи раиси ҚАМ ва додани рутбаи генерал-майор имзо кард ва маро Ноиби президент ба коллектив муаррифӣ намуд. Сипас, корро сар кардам.

Ҳуҷҷатҳои «махсуси» КАМ-ро варақ зада чашмам ба номҳои Мирбобо Миррахимов, Тоҳир Абдуҷабборов, хочӣ Акбар Тӯрачонзода, Дӯстмуҳаммади Дӯст, Муҳаммадшариф Ҳиммататзода, Саид Абдуллоҳи Нурӣ, Давлат Исмон ва чанде дигарон афтид, ки чун «агент» қайд шуда буданд. Сипас, парвандаи шахсии яке аз онҳо — хочӣ Акбар Тӯрачонзодаро аз сандуқи фӯлодии собиқ раиси ҚАМ А. А. Стройкин дарёфтам ва он аз ду ҷилд иборат буд. Ҳар як ҷилдаш зиёда аз 350—400 варақи пур аз «ахбор» дошт, ки чандин чавонмардони сарсупурдан милллатро рӯсиёҳу даҳонталх гардонда буд. Дар ин ду ҷилд маҳсули «хизмати» чандинсолаи қозиқалони чумҳурӣ бо номҳои маҳории «Абдукарим» ва «Тоҳир» ҷамъ шуда буд. Ҳар як ҳуҷҷати онҳоро таҳлил карда, гиребон медоштам ва ба худ меандешидам: «Худоё, ин чӣ даҳшатест, бо чашми худ мебинаму мутолиа менамоям, ки хиёнате нисбат ба бародарони ҳамдину ҳаммазҳаб, ки сарсупоридан ривоҷу равнақ ёфтани мазҳаби Имоми Аъзам буданд, бо дасти худи қозиқалони чумҳурӣ сабт гардидааст. Охир, аз рӯи фармудаи Оллоҳи таъ-

оло ва Қуръони мачид хабаркаш, тўҳматчӣ, дурўғгўй душмани худост, Мусулмон онест, ки аз забон ва аз дасти ў марди мусулмоне озор наёбад. Ҳак таоло мефармояд: «Тарсед, эй бандагон аз худо ва ба якдигар хиёнат накунед. Агар касе нисбати бародари худ хиёнат намояд, худованди Кариму Раҳим дар ин дунё ва охират ба ў рахм нахоҳад кард ва ўро вориди дўзах гардонад». Наузамбиллох!

Ҳамон рўз дар бораи ин хуччатхо Раиси Чумҳур Р. Набиев, ноиби ў Н. Дўстовро хабардор намудам ва кӣ будани роҳбарони оппозиция, хатарнокии онҳоро ба ҷамъият чун раиси ҚАМ фахмонда додам ва хохиш намудам, ки чорахои лозимӣ биандешанд...

## ЧАШМАКЗАНИИ КОЗӢ — ОҒОЗИ ҶАНГИ БАРОДАРКУШ

Ҳамон рўз аллакай тавассути ташкилотхои дар нохияву вилоятхо мавчуд будани ҚАМ хабар расида буд, ки амалиётхои ғайриконунии гирдихамомадагони майдони «Шахидон» ва чашмакзанихои хочӣ Акбар Тўрачонзодаро бо Акбаршох Искандаров дар сессияи Шўрои Олӣ тавассути оинаи нилгун дида, мардуми вилоятхои Кўлоб, Ленинобод, нохияхои Ёвон, Ҳисор, Шахринав, Турсунзода, Ленину Варзоб, Файзободу Кофарниҳон ва ғайраҳо дар гирдихамоихо ғазаби худро баён намудаанд. Ва котеъона талаб карда истодаанд:

1. Қарори Шўрои Олии Чумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи Раиси Шўрои Олии Тоҷикистон сабукдўш кардани Сафаралӣ Кенчаев бекор ва ў дар вазифааш баркарор карда шавад.

2. Қарори Шўрои Олӣ дар бораи ба аъзогии Президиуми Шўрои Олии Чумҳурии Тоҷикистон интихоб кардани вакилони оппозиция депутатхо С. Тўраев, А. Сохибназаров ва Ҳ. Тўрачонзода бекор карда шавад.

3. Шахсоне, ки 17 депутати Шўрои Олии Чумҳурии Тоҷикистон ва ду ҷонишини сарвазири чумҳурӣ С. Хайруллоев ва Ҳ. Саидмуроловро гаравгон гирифтаанд, ба чавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

Гирдихамомадагон аз нохияю шахру вилоятхо садхо мактубу баркияхо фиристоданд ва аз хукуматдорон талаби катъӣ намуданд, ки масъалаи гузоштаи онҳоро хал намоянд ва ба онҳо тавассути Садою симо чавоби мушаххас гардонанд. Вале боиси таассуф аст, ки хукуматдорон сари вакт ба доди мардум нарасида, гурўҳхои таблиғотӣ ташкил нанамуданд ва

умуман, ба ин талабу дархости заҳматкашони саросари ҷумҳурӣ саҳлангорӣ зоҳир карданд.

Сипас, кор ба ҷое расид, ки гирдиҳамомадагон аз ноҳияю шаҳру вилояти Кӯлоб, Ленинобод, Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ҳукуматдорони маҳаллӣ итоат накарда, барои барқарор намудани ҳақиқату адолат нияти ба шаҳри Душанбе омадан карданд. Чун кор аз кор гузашту қайла аз маззa, зоҳиран бо мақсади пешгирӣ кардан ва гуфтушунид ба гирдиҳамомадагон, то ба Душанбеҳр набиёянд, сарвазир Акбар Мирзоев, ҷонишинаш Саъдулло Хайруллоев ва депутати халқи Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Шодӣ Шабдолов ба вилояти Кӯлоб рафтанд. Гуфтушунидҳои зиёде баргузор гардид. Чи тавре, ки мо иттилоъ ёфтем, ин даву ғеҷи ҳукуматдорон натиҷа набахшид, чунки онҳо ваколати ҳаллу фасл намудани талабҳои мардуми вилояту ноҳияҳои ҷумҳуриро надоштанд. Бинобар ин ба хоҳиши роҳбарони вилояту ҷумҳурият нигоҳ накарда, мардуми адолатхоҳ марду зан, пиру ҷавон савораю пиёда ба Душанбешаҳр раҳсипор шуданд.

Роҳбарони ҳукумат бори дигар хостанд, ки пеши роҳи мардумро дар ноҳияи Совет гиранд, вале ҳаракаташон беокибат монд, чунки онҳо ба пурсиши халқ мушаххас посух надоданд. Чунин муносибати саҳлангоронаи ҳукуматдорон ба он оварда расонид, ки аллакай дар як қисм қишлоқҳо норозигӣ ва ихтилофҳо миёни тазоҳуротчиёни майдони «Шаҳидон» ва дигар мардуми меҳнаткаш ба вуҷуд омад. Онҳо аъзоёни ҳизби демократ ва ваҳҳобиёнро радди маърака ҳисобида, аз қишлоқҳо пеш мекарданд. Чунин ҳодисаҳои нохуш ҳар соату дақиқа дар деҳаю ноҳияҳо меафзуду вазъи ҷумҳуриро номӯътадил мегардонд. Вале роҳбарони ҷумҳурӣ монанди пештара ба вазъияти ба миён омада аз паси панҷа нигариста, баҳои ҷиддӣ надоданд ва барои пешгирӣ кардан чораҳои зарурӣ наандешиданд. Барои иҷрои талаботи гирдиҳамомадагон ба манфиати умумии шаҳрвандони ҷумҳурият иқдом накарданд.

Ин ҳама боис бар он гардид, ки аз ҳар гӯшаю канори ҷумҳурӣ 25 апрел ба майдони «Озодӣ» одамони зиёди касбу кори гуногун бо шиору транспарантҳо омаданд. Ба онҳо як қисм меҳнаткашони Душанбешаҳр ҳамроҳ шуданд.

## ДАСИСАИ СЕЮМ

Роҳбарони оппозиция барои муташанниҷ намудани вазъияти сиёсии ҷумҳурӣ қуръон ба даст гирифта, хона ба хонаву масҷид ба масҷид гашта, ба мукобили гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» дар майдони «Шаҳидон» бори дигар гирди-

ҳамой ташкил карданд. Ба мардуми гумроҳзада фаҳмондзанд, ки гўё дар майдони «Озодӣ» коммунистони бехудо, кофирон ҷамъ омадаанд, мақсадашон бастани масҷидҳо, аз миён бурдани дини мубини ислом, ба ҳабс гирифтани эшону уламоҳо, пешвоёни дини муқаддаси ислом. Рақобати бародарро бо бародар, писарро ба падар зиёд карданд, ба оташ керосин пошиданд, ки харчи тезтар алангааш ба фалак барояд ҷанги бародаркуш оғоз ёбад. Агарчи аз назар пўшида набуд, ки дар ду майдон гирд омадани афкори ба ҳам мухолиф боиси сар задани нохушии гўшношунид мегардад. Агар воқеан онҳо тарафдори оромии авзои ҷумҳурӣ мебуданд, майдони «Шаҳидон»-ро ташкил намекарданд, аз рўи инсофу адолат мегузоштанд, ки мардуми меҳнатӣ дарди дилашро баён мекарданду мерафтанд. Пўшида нест, ки инсони ранҷбар ба бекористиву шўру валвала вақт надорад ва мудлатҳои тўлонӣ ба ҷонзаниву сафсатафурўшӣ иқдом намеварзад. Дар «Шаҳидон» як моҳ гирдиҳамоӣ буду ҳеҷ кас ба кори онҳо дахолат накард-ку! Ҳар чи хостанд — гуфтанд... Вой бар ҳоли демократия! Охир, меҳнаткаши бечора савдогару моли мардумхўр, найрангбозу мансабталаб нест, ки аз дари масҷидҳову «сандуқҳои хайрия» ва ҷанозаҳои пурдабдаба пулу мол ҷамъ намояду моҳҳо муқимпишини майдон гардад!

Рўзи аввал бо мақсади рух надодани нохушӣ ба Шўрои Олӣ рафтам, дар назди гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» баромад карда, онҳоро ба оромиву бурдборӣ даъват кардам, сипас, дар ҳузури роҳбарони гирдиҳамомадагони ин майдон аз иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шўрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров хоҳиш кардам, ки ҳоло дар майдони «Озодӣ» одамон кам ҷамъ омадаанд ва барои рўҳ надодани ягон нохушӣ беҳ мешуд, ки талабномаи онҳоро гирифта, рўзи сессияро тахминан 20 маи соли 1992 муайян намуда, мардумро ҷавоб медоданд, зеро дар ду майдон гузаронидани гирдиҳамоӣ кувваҳои ба ҳам мухолиф албатта оқибатҳои нохушро ба бор хоҳад овард. Сари ин масъала розигии роҳбарони гирдиҳамоии майдони «Озодӣ»-ро гирифта будем, вале ақидаи маро касе тарафдорӣ накард. Ҳалли ин масъала ба ваколати Президиуми Шўрои Олии Тоҷикистон иртибот дошт, ки ў бетарафиро интихоб карда буд. Бинобар ин ман бо дили ғаш пеши иҷрои вазифаи худ рафтам.

Дар ду майдон гирдиҳамоии мардуми бо ҳам мукобил идома дошт. Рўзи 28-апрел, соати 16 Ноиби Раиси ҷумҳур маро ба назди худ даъват намуд. Вақто ки ба утоқи кории ў рафтам, он ҷо роҳбарони ургонҳои мухофизати ҳуқуқ ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, ҳарбиён, роҳбарони оппозитция, май-

дони «Озодӣ» ва козикалони ҷумҳурӣ хоҷӣ Акбар Тӯрачонзода бо падараш эшони Тӯрачон ҷамъ омада буданд. Пас аз як чанд дақика Раиси Ҷумҳур Р. Набиев омаданд. Аснои сӯҳбат Раиси ҷумҳур ва ноиби ӯ аз роҳбарони оппозитсия хоҳиш намуданд, ки гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон»-ро ҷавоб диҳанд, зеро дар ду майдон ҷамъ омадани куввахои ба ҳам мухолиф нохушиеро ба миён хоҳад овард. Сипас, мо чорахо меандешем, ки мардуми майдони «Озодӣ»-ро бо хушу хурсандӣ гусел кунем ва дигар мардуме, ки дар ноҳияхон худ аз кору зиндагӣ монда гирдиҳамоӣ гузаронда истодаанд, ором намоем.

Вале роҳбарони оппозитсия — Шодмон Юсуф, Муҳаммадшариф Химмatзода, Давлат Исмон, Тохир Абдуҷабборов, Амирбеки Атобек ва Аслиддин Сохибназаров таклифро кабул накарданду котеъона изҳор намуданд, ки аввал бояд гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» пароканда гарданд. Баъд гирдиҳамоӣ дар майдони «Шаҳидон» катъ карда мешавад, агар ҷанг шуда монад, ҷавобашро роҳбарони ҷумҳурӣ медиханд. Сангак Сафаров, ки аз паҳлуи чапи Аслиддин Сохибназаров нишаста буд, ба онҳо мурочиат карда гуфт: «Бародарон, аз рӯи худо каме инсоф намоед. Дар давоми зиёда аз як мох дар майдони «Шаҳидон» гирдиҳамоӣ ташкил кардед, хар чӣ дар дил доштед, ба мардуми ҷумҳурӣ ва берун аз он гуфтед, ба воситаи радиостанцияи хусусӣ касеро хостед, сиёх кардеду аз вазифа рондед, рӯзноманигорону рӯзномаҳои калаванда Шумоёнро таърифу тавсиф намуда, ба фалак бардоштанд, Кохи Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазиронро муҳосира кардед, мардуми бечораро ба шӯр овардед. Касе пеши рохи Шуморо нагирифт, пишакатонро «пишт» нагуфт, хукуматдорон ба Шумо шароит муҳайё карданд. Имрӯз, ки мардуми оддӣ аз сари кор каланду трактор, мошину досу болғаашро монда омадааст, ки суханҳои дар дил доштаашро бигӯяду дилашро холӣ, асабашро ором намуда ба ҷои кораш баргардад, ба Шумо маъкул нест. Охир, онҳо бо амри дил бароя акида, барои адолат омадаанд ва кӣ метавонад онхоро аз майдон бironад. Онҳо барои ҷанг наомадаанд, касеро ба ҷанг даъват накардаанд ва нахоҳанд кард, ба худ сухану ақидаи мардуми мехнаткашро оварданд, на силох. Охир каме инсоф кунед, аз худо тарсед...»

Аслиддин Сохибназаров гуфтахои Сангак Сафаровро инкор намуда, нисбати ӯ ноҷавонмардона калимахои дағалро истифода бурд...

Сипас, хоҷӣ Акбар Тӯрачонзода суханхои роҳбарони оппозицияро тарафдорӣ карда, гуфт: «Мардуми майдони «Шаҳидон»-ро мо ҳамин шом ҷавоб медихем, саҳар дар майдон

касе наметонад, танҳо ба шарте ки то саҳарӣ гирдиҳамомзадагони майдони «Озодӣ» ҳам пурра пароканда шаванд». Бо чунин таклиф Раиси ҷумҳур розӣ шуд. Дар рафти гуфтушунид сухан аз хусуси ғайриқонунӣ аз вазифа сабукдӯш намудани Раиси Шӯрои Олӣ Сафаралӣ Кенҷаев рафт. Қозикалон ки рӯ ба рӯи Раиси ҷумҳур менишаст, ба ӯ нигариста, гуфт: «Мӯҳтарам Раҳмон Набиев, ҷумҳуриро Шумо ноором касод карда истодаед, аз рӯи методҳои ҳизбӣ зиёд дурӯғ мегӯед ва мардумро ба ҳамдигар ҷанг андохта истодаед.

Охир, Шумо, дар утоқи кориатон, пеш аз гирдиҳамонҳо дар вақти сӯҳбат ба ман гуфтед-ку: — Сафаралӣ Кенҷаев одами суханфаҳм не, гапҳои маро намегирад, якрав аст, илоҷе ёфта ӯро бояд аз мансабаш озод намуда, ба ягон давлати хориҷӣ сафир таъин намоям. Боз маро таъкид кардед, ки ин суханҳоро ба С. Кенҷаев нагӯям.

Пас, ҷаро имрӯз мегӯед, ки бо гуноҳи оппозитсия Сафаралӣ Кенҷаев аз вазифа сабукдӯш гардид...»

Раҳмон Набиев ин суханҳоро шунида ҳолаташ дигаргун гашт, ранги рӯяш боз ҳам сурхтар шуду чашмонаш паридан гирифт ва ба Тӯраҷонзода нигариста гуфт: «Дафъаи дигар Шуморо дар ҳузури шоҳид қабул мекунам». Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода бошад, қатъиёна ҷавоб дод, ки агар дар суханҳои ман заррае дурӯғ бошад, ба покизагии хонадонатон қасам ёд карда, сари дастатонро диҳед!..

Суханҳои онҳоро шунида, ба аз ҳақиқат дур ё наздик будани он баҳо надода, андешидам: «Худоё, наход дар замин бандаи муъмину мусулмонро то ин дараҷа пасту намакбаҳорам офаридай, ки чашмони ӯро ба ғайр аз хоки гӯр чизи дигаре сер нахоҳад кард.

Охир ин бозиҳо ба кӣ лозим буд?

Ҷаро ба ман рӯирост нагуфтанд, ки бо рафтору кирдор ман маъқул нестаму аризаи истеъфоро бидиҳам?!

Охир, монанди дигарон вазифаи Раиси Шӯрои Олиро нахарида ва аз он то ҳол баҳрае набурда будам-ку. Роҳбарони оппозитсия ё касе дигар агар ҷавонмард бошанд, бигӯянд ва мардум бидонанд, ки оё дар давоми чор моҳи мансабдориам ба манфиати дӯстону хешовандонам коре кардаам? Имондорона мегӯям, ки не, накардаам, аз роҳи ҳақиқат қадаме кач нагузоштаам ва нахоҳам гузошт.

Худоё, ман медонистам, ки сиёсатмаобӣ ҳаромтарину фаҳштарин чизест ва ҳамеша дар ҳаракате будам ба он наздик нашавам, вале чи гуноҳе дар назди оллоҳи таъоло содир карда будаам, ки маро ҳамнафасу ҳамкори сиёсатмаобону номарду фитнаангезон кард?!»

Бо ҳамин ҷамъомад ба охир расид. Роҳбарони ҷумҳурӣ аз

пан андешидани чораҳо барои пароканда намудани гирдиҳамомадагони ҳар ду майдон шуданд. Бо ҳамроҳии Нарзулло Дӯстов ба Шӯрои Олӣ омада аз Акбаршоҳ Искандаров хоҳиш намудем, ки талаботи гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ»-ро дар Раёсати Шӯрои Олӣ дида бароянд. Рӯзи даъвати сессияи Шӯрои Олиро ба 20-май гузорад ва гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ»-ро ҷавоб диҳад. Қарори Раёсати Шӯрои Олиро бо воситаи ахбори умум дастраси мардум карда, мардуми шаҳру ноҳияҳоро барои қатъ гардонидани гирдиҳамоиҳо даъват намоянд. Аммо вай розӣ нашуд. Сипас, ман ва Н. Дӯстов дар назди гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» баромад карда, онҳоро барои рионя намудани интизом, оромию ҳамдигарфаҳмӣ даъват кардем.

Баъд аз пан иҷрои вазифаи худ рафтем. Нисбати хоҳиши хайрхоҳонаи моро инкор кардани А. Искандаров ба худ андешидам:

— Оё Искандаров намехост, ки дар ҷумҳурӣ оромӣ фаро расаду сулҳу салоҳ бошад? Вале ҷавобе ёфта натавонистам...

Аз Раёсати Шӯрои олӣ ба ман хабар доданд, ки рӯзи 1-май сессияи Шӯрои Олиро барои ҳалли масъалаи гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» даъват кардаанд. Ин ахбор маро нороҳат кард ва ба худ андешидам: «Чаро авзоъро то ба ҳадди иртифо расонида, баъд ба ором кардани он мекӯшанд?!

Чаро мумкин набуд, ки дар оғози омадани мардум ба майдони «Озодӣ», яъне дар давоми як ҳафта, барои ҳаллу фасли дархости онҳо кӯшанду заҳматкашон сиҳату саломат ба хонаҳояшон баргарданд?».

Тааҷҷубовар буд, ки дар гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» якчанд аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ рӯзҳои дароз роҳбарони оппозитсияро ҷустуҷӯй доштанд, даъват мекарданд, ки Раёсати Шӯрои Олӣ тайёр аст ҳар лаҳзаи ба онҳо мувофиқ ҷамъ шаваду таклифу пешниҳодҳояшонро ҳаллу фасл намояд. Роҳбарони оппозитсия бошанд, хоҳиши бо Раёсати Шӯрои Олӣ вохӯрдан надоштанд. Вале роҳбарони гирдиҳамоии майдони «Озодӣ», ки барои муҳофизати давлати қонунӣ аз гӯшаю канори ҷумҳурӣ омада буданд, ҳар дақиқа тайёр буданд, ки бо Раёсати Шӯрои Олӣ агар ҷамъ ояд, масъалаҳоро баррасӣ намояд. Агарчи масъалаи пешниҳодкардаи онҳо дар доираи чорчӯбаи қонун буд, бо сабабҳои то ҳол номаълум Раёсати Шӯрои Олӣ аз ҳамсӯҳбат шудан ба онҳо худдорӣ мекард.

Охир тайи як ҳафта дар ду майдон гирд омадани мардуми зиёди ақидаашон ба ҳам мухолиф, ба ҳар як одами солимақл пӯшида набуд, ки меваи талх ба бор меоварад, ки оварда!

Вале ҳукуматдорон, махсусан Раёсати Шӯрои Олӣ, огоҳона муташанниҷ гардидани авзои ҳарду майдонро чун тамо-

шобин пойда истода, баъд ба кушодани гирехи бисёр чигилшуда ибдом кард. Ба пиндори ман, дар ин чо кўшиши сахлангоронаи Раёсати Шўрои Олй барои рафъи ходисахои ба зухур пайваста бе риё набуд. Ҳар соату дакикахои рўзхои якум, дуюм, сеюм, чорум ва панчуми май вазъият дар харду майдон пуршиддат мегардид. Гирдихамомадагони майдони «Шахидон» рўирост барои чанг, резондани хун даъват мекарданд.

Теъдоди одамон дар майдони «Озодй» зиёд мешуд. Нафарони гирдихамомадаи майдони «Шахидон» даргохи Президент ва Девони Вазиронро мухосира карданд. Дигар коргаронро нагузоштанд, ки ба утоки кориашон дароянду вазифаи худро ичро намоянд. Байраки чумхурии Точикистон дар мухосира буд. Дар назди бинои Президент ва Девони Вазирон байраки хизби нахзтаи исломй, ки бисёриро андеша карданд парчами Чумхурии Исломии Ирон бошад, гузошта шуда буд.

Акнун кормандони идораи Президент ва Девони Вазирон тамоман кор намекарданд. Дар дохили идораи президент ва Девони Вазирон зиёда аз 20 коргарони масъули аппарати президент ва Девони Вазирон ва зиёда аз 450 харбиёни бо силох таъмини назди президент буда, 4 (БТР) мошини зирехпўш бо сардории мушовири давлати президент оиди мудофиа ва органхои мухофизати хукук, генерал-майор Б. Р. Рахмонов асир монданд. Рўзхои охир ба дасти мардуми гирдихамомадаи майдони «Шахидон» силох дода мешуд. Рохбарони онхо бо шиорхои «Ё марг, ё галаба» баромад карда, мардумро ба чанг даъват мекарданд. Дар давоми шаш рўз президент ва сарвазир бо чонишинхояш дар Шўрои Олй чой гирифтанд, аппарати кории онхо умуман фалач шуда буд. Имондорона мегўям, ки ин ибдоми аввалини госибона гирифтани хукумат аз чониби оппозитсия буд, ки унвони онро хатмй унсурхои табаддулот хисобидан равост!!

Вале ба чунин амалиёти конуншиканонаю чиноятхоронаи онхо касе аз рохбарони чумхурият, ургонхои мухофизати хукук ахамияте надод ва парвое хам накард .Бадбахтиаш он, ки ягон чорае хам наандешид. Чунин бетарафию холабегамй ва тарсончакию сатхй нигаристани рохбарияти хукумат ба рохбарони оппозитсия вокеан бисёр хуш омад. Онхо шердил шуданд ва акнун рўирост дар майдони «Шахидон» бо силох баромаданд ва мардуми чамъомадаро ба чанг ба муқобили мардуми бесилохи майдони «Озодй» даъват карданд. Дар зерхонаи театри ба номи Лохутй махбасхона кушоданд. Гарчанде хукумат рўзхои охир бо сад азобу укубат зиёда аз ду миллион пул ёфта, таъмири онро ба охир расонда, барои кабули тамошобинон тайёр намуда буд. Шахсоне, ки тарафдори майдони «Озодй» буданд, ё ин ки одамони бегуноҳе, ки аз вилоя-

ти Ленинобод ё Кӯлоб пайдо мешуданд, бе ягон асос дастгир карда, ба зиндон партофта, истинтоқ мекарданд. Ба ин бедодию қонуншиканӣ ва ҷиноятқорӣ ҳукумат даҳон пури об карда, ягон баҳое надод, аз ургонҳои муҳофизати ҳуқуқи инсон ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ иҷрои қонунро талаб накард ва барои пеши роҳи ин бедодиро гирифтан чорае ҳам наандешид. Бо ин сабабу баҳонаҳо оппозитсия қадами дигарро ба пеш гузошт: дар шаҳри Душанбе ҷиноятқорона ҳаракати тамоми нақлиётро бастанд, Душанбешаҳрро зери назорат гирифтанд. Ба ин ҳам ҳукумат бепарвой зоҳир намуда, нақшн тамошобинро бозид, ки бозид.

Аз ин сабаб ҳар лаҳза вазъият тағйир меёфту муташанниҷтар мегардид. Бӯи хун ба машом мерасид. Касе ба сухани дигаре гӯш намедод.

Дар дасти ҳар касу нокас, марду номард силоҳ пайдо мешуд. Пешониашонро матои сафед бо навиштаҷоти «фидой», «ё марг ё ғалаба» зеб медод.

Падару модарон, зану фарзандон бехабар аз он буданд, ки баъди чанд соате ё чанд рӯзе тӯфоне бармехезаду аз фарзандони ҷигарбанд, шавҳарони меҳрубон, падарону бародарони ҷонсӯз якумрӣ ҷудо мешаванд ва либоси мотам ва бар мегиранду аз хонаҳо фиғону нолаи ҷонҳарош баланд мехезад. Бо ҳасрату алам аз дидагон ашки хунин чун резаборон ҷорӣ мешавад.

Ростӣ, дар шаҳр акнун ба тамоми маънӣ анархия шурӯъ гардида буд. Ҳам ҳукумат ва ҳам дастгоҳи президент ин гуна қонуншиканиҳои оппозитсияро бетарафона назорат мекарданд. Аз тарафи ургонҳои маъмурӣ ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ барои пешгирии чунин бедодгариҳову ҷиноятқориҳо ақаллан ба хотири мукаддас донистани сару либос ва маоше, ки аҳли оилаашонро мехӯронанду мепӯшонанд, ягон ҳаракату амалиёт эҳсос нагардид.

Ҳама ба фармони Президент, Сарвазир ва иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интизор буданд, вале онҳо ягон фармоне намедоданд. Во ачабо: — яке аз дигаре мегурехт ва ҳаракат мекард, ки худро бетараф вонамуд кунаду ба ягон коре шарикӣ надошта бошад. Ҳар сухану қадами Президент, Сарвазир ва иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ ба оппозитсия комилан маълуму муайян буд, чунки аз се аркони роҳбарияти давлат дутоашон пурра бо оппозитсия ҳамфикр ва розу ниёзи воҳид доштанд, сеюмаш аз кардааш пушаймон буд, чунки бо дасти худ тарафдоронашро пароканда сохта яккаву танҳо монда буду сарашро ба сад дар мезад, то он ки оппозитсия худи ӯро дар курсии мансаб бимонад. Аз чунин вазъият истифода бурда, бо мақсади шаҳрро

пурра зери назорати худ гирифтан қозиёт рухсатнома бо имзои нозири қозии ҷумҳурӣ бо тамғаи идораи қозиёт баровард. Яъне, даромаду баромад ва воридоту содирот ба Душанбе-шаҳр танҳо бо рухсатномаи қозиёти ҷумҳурӣ мумкин буд.

Аз ин сабаб дар шаҳри Душанбе касе оромона гашта наметавонист, нақлиёт намегашт, корхонаю муассисаҳо кор намекарданд, шаҳрвандон барои ба кӯча баромадан метарсиданд, дар ҳар тарафи шаҳр садои ваҳмангези силоҳ ба гӯш мерасид. Ба ҳаман ин Президенту ҳукумати ҷумҳурӣ гӯё ки дар намоишномаи театрие барои қабул ҳузур дошта бошанд, бо фароғату оромӣ менигаристанд. Ва интизори антракт буданд, вале бехабар аз он, ки «Чун парда дарафтад, на ту монию на ман! Охир, кучо шуд, он ҳама масъулият ва ҳуқуқе, ки сессия ба Конституция илова намуда, аз 20 апрели соли 1992 қарор қабул карда буд:

Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ба банди 27 моддаи 99 баъди калимаҳои «бехатарии давлатии мамлакат» калимаҳои «Ба президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон додани рутбаи ҳарбӣ» илова шавад.

2. Ба банди якуми моддаи 120 абзаци дуюм ба мазмуни зайл илова шавад: «Сарфармондеҳи ҳамаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад».

Бояд зикр кард, ки сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 1992 дар бораи ба президент Р. Набиев — Сарфармондеҳи ҳамаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон додани рутбаи генерал-полковник қарор қабул карда буд. Ростӣ, шаҳрвандон аз ин гуна бетарафии роҳбарони Ҳукумату Президент, ки шаҳр ба як маҳбасхонаи таърих табдил ёфта буду миллиятҳои ӯзбеку ғайри тоҷикзабон ва ҳатто як идда тоҷикон (!) ба фирору кӯч бастан шурӯъ намуданд, таҳлукаовару ваҳмангез менамуд. Акнун бесару сомониҳои зиёд ҳар дақиқа рух медод.

Роҳбарони оппозитсия аз бесалоҳиятии Ҳукумат рӯҳ гирифта, боз як қадами номуборакӣ дигар ба пеш гузоштанд:— Ба гаравгонҳои дар бинои Президент ва Девони вазирон буда додани хӯрокро манъ карданд. Агарчанде Сарвазири Президент оиди ҳалли ин масъала аз онҳо хоҳиш ва илтиҷо намуда бошанд ҳам, вале онҳо ин хоҳишро нодида гирифтанд.

Раёсати ҳукумат, Президент ва Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин амалиёти ғайриқонунии онҳо ягон чораи ҷиддиву ҳалкунандае наандешиданд. Барои гирифтани пеши роҳи хунрезӣ ба воситаи садою симо ба мардуми ҷумҳурӣ мурочиат накарданд, барои таъсис намудани урдуи миллӣ қадаме ба пеш нагузоштанд, иҷрои фармони Раиси Ҷумҳурро оиди даъват намудани сарбозон ба урдуи миллӣ та-

лаб накарданд. Вазъияти ба миёномадаро ба давлатҳои ҳамсояи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нафаҳмонданд, аз онҳо расондани ёрии амалиро хоҳиш накарданд, агарчи қисме аз онҳо тайёр буданд ба мардуми Тоҷикистон кӯмаки зарурӣ расонанд. Вале хайҳот, роҳбари ҷумҳурӣ намехост, ки ба замин нигараду пояшро аз узангу бигирад...

Кор ба ҷое расид, ки ба одамони дар муҳосира буда тавассути вертолёт хӯрок мепартофтанд, то ин ки аз гуруснагӣ ҳалок нашаванд.

Ҳамин тавр, ягон амалиёти дар қонун пешбинишуда нисбати он ҳаракатҳои ғиноятқоронаи гирдиҳамомадагон, ки қонуншиканӣ карданд, дида нашуд. Бесарусомонӣ дар Душанбешаҳр давом мекард, роҳбарони оппозитсия аз зафарҳои хеш қабат-қабат гӯшт гирифта нақшаҳои тоза ба тозаи айёронаи дигар мекашиданду ба содир намудани табаддулоти давлатӣ наздик мешуданд.

Штаби назди ноиби президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Дӯстов ҳар рӯз ҷамъ меомад, генералҳои зиёде маслиҳат мекарданд, вале ягон масъалаеро ҳал намекарданд, барои озодона баён кардани ақида яке аз дигар метарсид, барои озод кардани бинои Президент ва Девони вазирони ҷумҳурият хурдтарин иқдоми амалӣ сурат намегирифт. Пешниҳодҳои боисрори ман дар бораи ҷорӣ намудани вазъияти фавқулода ва соати комендантӣ дар пойтахт ва андешидани дигар чораҳои мушаххас дастгирӣ намеёфт.

Роҳбарони Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи амнияти миллӣ, Кумитаи дифоъ ҳамеша бо як мазмун ҷавоб медоданд: «Ҳукумат қувва надорад», «Органҳои ҳифзи ҳуқуқ бетарафанду ба бозиҳои сиёсӣ ҳамроҳ намешаванд». Дар ҳаққи ҷунин вазирону соҳибмансабони чандрӯяю ҳиёнаткор касе чорае намеандешид, кафшҳояшонро пеши пояшон намегузошт, таклифҳои Н. Дӯстов, Н. Ҳувайдуллоев ва маро ба ҳисоб намегирифт. Ҳамеша дар ҳаракати он буд, ки зарратарин доғе ба ӯ нарасад.

Бинобар ин баъди ба охир расидани кори штаб, бо сари пасту дили пурдарду алам баромада мерафтем. Чӣ илоҷ ҳам доштем? Арзамонро ба кӣ ҳам мегуфтем. Замин сахт буду осмон баланд.

Бо сабабҳои номаълум Сарвазир А. Мирзоев ва ҷонишинони ӯ боре ҳам дар кори штаб иштирок намекарданд, огоҳона худро ба нодонӣ мезаданд ва ҳатто барои раҳонидани ҷои корашон хурдтарин иқдомро раво намедонистанд.

Роҳбарони оппозитсия аз бесарусомониҳои ҳукуматдорон истифода бурда, бо гурӯҳи рэкетёрони Шоҳмансур, маҳаллаи Қаротегин ва дигарон забон ёфта, ба ичрои нақшаи деринаи

худ — ғасб намудани студияи телевизион гуфтугӯ намуданд. Натиҷаи ин иқдом он шуд, ки онҳо гирдиҳамоии сеюминро дар майдони 800-солагии Москва ташкил намуданд. Рӯзи якум барои санҷиш ва дарк намудани қувваи ҳукумат 200—300 кас ба назди студияи телевизион омада, суханронӣ карданд, ягон муқобилияте аз тарафи ургонҳои муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ эҳсос нагардид. Сипас, рӯзи дигар бо сардории рэкетёрҳои Шоҳмансуру кӯчаи Қаротегин ба ҳуҷум гузаштанд. Яке аз сардорони ғасб намудани дастгоҳи телевизион Миралӣ Закиряев буд ки баъди чанд рӯзи он воқеа дар сари тақсими пули иҷъомшуда, аз ҷониби ҳамкораш Ёрмаҳмад Асоев қатл карда шуд ва ҳоло аз ҷониби додситони ноҳияи Роҳи Оҳан тафтиш меравад. Ё худ Қ. Рачабов ва дигарон дар мақолаи «Шоҳмансурихо чӣ гунох доранд?». («Ҷумҳурият» 15 июни соли 1992) навиштаанд: «Душанбегиён (Шоҳмансуриёнро дар назар дорад), бе ягон қурбонии тарафайн телевизионӣ ба ном халқию дар асл фитнакору дурӯғбофро гирифта, бо ду дасти адаб ба оппозитсия супориданд».

Чуноне ки мебинем, бе ягон муқобилият озодона студияи симоӣ тоҷикро ғасб намуданд. Қормандони Вазорати корҳои дохилӣ вазифаи муқаддаси худ — муҳофизати студияи симоро иҷро накарданду ягон муқобилият ҳам ба забткорон нишон надоданд. Ҳол он ки ба роҳбарони Вазорати корҳои дохилӣ, аз ҷониби Раиси Ҷумҳуру ноиби Ӯ супориши қотеъ дода шуда буд, ки вазифаи муқаддаси онҳо муҳофизати студия аст. Аз ин рӯ рэкетёрҳо студияи телевизиониро тасарруф намуда, ба дасти оппозитсия супориданду муҳофизати онро низ ба ӯҳдаи хеш гирифтанд.

Қормандони телевизионро ронда, оппозитсия кори худро ба воситаи телевизион шурӯъ кард.

Ҳоло ҳам Ҳукумат мулоҳизакорона амал мекард. Раёсати Девони вазирон ва Шӯрои Олӣ бошад бетарафиро ихтиёр карда буданд ва ҳатто дар чунин лаҳзаҳои марговар сукут доштанду дар гирди Раиси Ҷумҳур муттаҳид намешуданд. Ягон чорае барои гирифтани пеши ин табаддулот намеандешиданд. Қормандони Вазорати корҳои дохилӣ, ки аз вилояту районҳо барои ҳимояи ҳукумати қонунӣ даъват шуда буданд, ҳамчунин офицерони эҳтиётӣ, ки аз ҷониби комиссариати ҳарбии ҷумҳурӣ даъват шуда буданд, бе ягон амалиёт, бе яроқу аслиҳа дар утоқҳои казармавӣ нишаста, фармонро мунтазир буданд. Вале касе аз роҳбарони ҷумҳурият барои пешгирии чунин бадбахтиҳо фармоне надод ва ё қодири бар ӯҳда гирифтани масъулият набуд.

Пан ҳам ба роҳбарияти ҷумҳурият ахбор мерасид:

«Генерал-майор Б. Р. Раҳмонав нияти ба оппозитсия таз-

лим шудан ва супоридани яроку аслиҳаи дар дохили бинои Президент ва Кабинети Вазирони Ҷумҳурӣ бударо дорад». Ба ин ахбори шадиди камаршикан ҳам касе аз роҳбарият аҳамияте надод. Вазъияти Душанбешаҳр бисёр муташаннич гардида бошад ҳам, то ин вақт холати фавкулодда ва соати комендантӣ дар Душанбе эълон карда нашуда ва коменданти шаҳр таъин нагардида буд.

Бо сабабҳои номаълум Раиси Ҷумҳур то ҳол ба чизе интизор буд. Нисбати ким-кадом масъалае бо шахсони бовариноку маслиҳатчиёни худ пинҳон-пинҳон маслиҳат мекард. Алалхусус бо якчанд сарварони дини ислом, «генералҳои мардумӣ» дар ҷойҳои номаълум ҳамсӯҳбат мегардид, вале барои андешидани чораҳои амалӣ, гирифтани пеши роҳи амалиётҳои ғайриқонунӣ, ба эътидол овардани вазъият қадаме ба пеш намегузошт, ки нагузошт!

Бояд иқрор шуд, ки ба Президент тамоми ҳуқуқҳо дода, мувофиқи қарори Шӯрои Олӣ дар ҷумҳурӣ идоракунии президентӣ ҷорӣ карда шуда буд. Қонун дар бораи «Шакли идораи президентӣ» аз 30 апрели соли 1992 таҳти рақами 638 ба тасвиб расида буд, ки чунин аст:

«Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати 6 моҳ шакли идоракунии президентӣ ҷорӣ намуда, дар ин давра ичрои ваколатҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар бандҳои 8, 9, 10, 13, 19, 20, 21, 24, 25, 27, ва 31 моддаи 99 Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд ва ваколатҳои Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бандҳои 9, 10 ва 12 моддаи 108 Конуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шаванд».

Бо ин хама ҳуқуқи фаровон ва рукни муайянкунанда буданаш Президент ба таври ҳамешагӣ аз ҳаллу фасли масъалаҳо худро канор мегирифт. Чунин иқдомаш давлатдории Султон Муҳаммади Хоразмшоҳро ба ёд меовард.

Шаби 5 май соли 1992 генерал-майор Раҳмонов бо ҳамкории командири полки назди президенти ҷумҳурӣ полковник Миллер савганди дар назди Президент ба давлат додаи худро се талоқ карда, ночавонмардона ба тарафи оппозитсия гузашту 450 автомати «Калашников», знёда аз 26000 патрон, 4 мошини зиреҳдор ва дигар аслиҳаи ҷангиро низ таслим намуданд.

Сипас, хоини миллати тоҷик генерал Раҳмонов ба назди гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» баромада бо ранги парида, аз талвосаи чон гуфт: «Эй аҳли ислом, эй мардуми озодихоху часур! Ман фарзанди эшону эшонзодаам, бобокалонам дар вақти ҳаҷҷи акбар дар Маккаи мунаввара ба номи

худованди кариму Муҳаммад расули барҳақ ҷон ба ҳақ супоридааст. Падрамро коммунистони беинсоф, бедину беимон барои эшонзода буданаш ва тоату ибодат карданаш зиндонӣ карда, китобҳояшро оташ зада буданд. Имрӯз чун авлоди эшонзода, арвоҳи падару бобоямро шод намуда, барои ғалабаи дини мубини ислом, барои озодӣ бо Шумо мардони майдон, ҷасурони миллат ҳамроҳ гардида, Қохи Раиси Ҷумҳур, Девони вазирон ва яроқу аслиҳаи зиёдро аз ҳисоби ҳукумати ҷумҳурӣ тӯҳфа менамоям ва то қатраи охирини хунам бо Шумо якҷоя ба мукобили коммунистони беимон муборизa мебарам. Ба кешу мазҳабам қасам, ки рост мегӯям!..»

Суханҳои ӯро шунида майдони «Шаҳидон» ба ваҷд омад. Ба тарафи онҳо гузаштани генерал Раҳмонов бароямон як бозёфти гаронбаҳое буд, чунки теша ба решаи давлати навзоди тоҷикон мезад. Эшону эшонзодаҳо, авлиёю авлиёбачаҳо, хоҷиёну қориёни «Қуръон» даст ба рӯ бурда гуфтанд:

— Омин, худоё, худованди карим, генерал Раҳмоновро аз нури биҳишт мушарраф гардону аз ҳурҳои ҷаннат бенасибаш нагардон. Ба номи худои яккаву ягона қасам ёд мекунем, ки ҳеҷ гоҳ намегузорем ба пои ӯ хоре халад ва чораҳое меандешем, ки вазифаи вазири дифо нисибаш гардад...

Аз шунидани ин ҳарфҳо Раҳмонов қабат-қабат гӯш мегирифт, дигар касон дар ҳайрат монда меандешиданд: — Худоё худовандо, чаро бандагонатро то дараҷае ҷоплусу ноҷавонмард офаридай, ки барои соҳиби мансаб шудан ҳар лаҳза дигар мешаванд ва дар як шабонарӯз чун қурбоққа ҷома сабз мекунанд.

Ҳарчанд ин эшонзода аз забони модарӣ ҳарфе ва аз «Қуръон»-и маҷид ояте намедонист, калла меҷунбонд, чаро — худаш медонисту худо.

Оппозитсия бинои Президент ва Девони вазиронро пурра гирифт. Утоқҳои кории аппарати президент ва Девони вазиронро талаву тороҷ намуданд.

Аввалин шуда ба ин биноҳо Давлат Худоназаров ва Давлат Исмон дохил гардиданд.

Яроқу аслиҳаро худи ҳамон шаб генерал-майор Раҳмонов—Мушовири Давлатии президент оиди мудофиа ва сардори полки ҳарбии президент полковник Миллер бо ҳамроҳии роҳбарони оппозитсия ба «Гвардияи миллӣ», ки аз ҳисоби «фидоиён» таъсис шуда буд, бе ягон ҳисобу китоб бидуни ба қайдгирӣ ва муайян намудани шахсият, донишу малакаи ҳар яки онҳо тақсим карда, ҷанги рӯи ростро бо номи табаддулот ба роҳ андохтанд.

Чӣ тавре ки муайян гардид, қисми зиёди «Гвардияи миллӣ»-и оппозитсия аз ин пеш бо яроққои ҷангӣ сару кор на-

доштанд ва ба дасти онҳо додани чунин адад яроқҳои ҷангӣ ҷиноятӣ азиме буд, ки барои ҷамъият хавфи камаршиканро ба бор меовард. Барои ин «хизматҳояш» мардуми гирдиҳамомадаи майдони «Шаҳидон» ба генерал-майори ҳарбӣ Б. Раҳмонов унвони генерали мардумӣ доданд ва ӯро сардори ситоди қувваҳои мусаллаҳи оппозиция таъин карданд. Ӯ савгъаҳди ҳарбии худро шикаста, кору амалиёти худро ба муқобили мардуми худ ва давлати конституционӣ сар кард. Худи ҳамон шаб ба чор БТР, ки бо яроқу аслиҳаҳои ҳозиразамон мусаллаҳ карда шуда буданд, аз ҳисоби гвардияи миллии оппозиция чор шӯъбаи ҷангӣ таъсис намуда, ба ҳар яки онҳо куртаҳои ҷангӣ (бронежилет) пӯшонид. Чунки зиёда аз 350 бронежилети ҷангӣ аз ҳисоби полки ҳарбии назди президент дар дасти ӯ монда буд. Ҳамин тавр қувваҳои генерали мардумии оппозиция бо автомату мошинҳои зиреҳдор ба шаҳр бахри шикори одамони майдони «Озодӣ» ва тарафдорони ҳукумати қонунӣ баромаданд. Дар ҳар кӯчаву канор лозиму нолозим ба тарафи одамони беяроқ аз автомату БТР тир холӣ мекарданд. Вале пеши роҳи ҷиноятқоронро касе намегирифт, ҳама зери парда ниҳон гардида, рафти вазъиятро мушоҳида мекарданд.

Қувваҳои Вазорати корҳои дохилӣ, ки аз бемасъулиятию буздилӣ ва нопокии роҳбаронаш дар сухан бетарафиро интихоб карда буданд, дар асл амалиёти оппозицияро дастгирӣ мекарданд.

Рӯзи дигар генерал Б. Раҳмонов чун сардори ситоди қувваҳои мусаллаҳи оппозиция конфронси матбуотӣ даъват кард ва бо мухбирони дохилию хориҷӣ мусоҳиба намуд. Дар вақти ба саволҳои онҳо посух додан беихтиёр давлати қонуниро сиёҳ намуда, гуфт: «Роҳи пешгирифтаи оппозиция қобили қабул аст ва мо барои озодӣ мубориза мебарем». Мухбирони дурӯяю риёкор, ҳаромзодаву модарбахато ба генерал Раҳмонов бо хушнудию дастгирии амалиёти ноҷавонмардонааш савол медоданд. Барои он ки ба дасти худобехабарон силоҳи зиёде дода, ба муқобили мардуми бесилоҳ фиристод ва сабабгори рехтани хуни инсон гардид, бо ӯ чун қаҳрамони миллат муносибат мекарданд.

Яке аз иштирокунандагони конфронс, директори киностудияи «Тоҷикфилм» Саъдулло Раҳимов ҳангоми додани савол гуфт: «Мӯҳтарам Баҳром Раҳмонов, иҷозат бифармоед, барои қаҳрамониатон шумороро генерали худам ҳисобида, муроҷиат намоям...» Имрӯз, ки Б. Раҳмонов чун хоини миллат аз сари қудрат дур гардидаасту курсии судшаванда интизораш мебошад, Саъдулло Раҳимов боз киро «генерали худ» меномида бошад?!

Худоё агар бандагонат аз як хок офарида шуда бошанд, пас чаро яке ҷавонмардонаю дигаре номардона ҳаёт ба сар мебарад?..

Хулоса, ин амалиёти оппозитсия шоҳиди воқеии он буд, ки ишон бо роҳи истифода бурдани яроқ табаддулоти сиёсӣ кардани ҳастанд.

## ИҚДОМИ ПРЕЗИДЕНТ

Қаблан президенти ҷумҳурӣ Р. Набиев барои муҳофизат кардани дастгоҳи Президентӣ ва мардуми Душанбешаҳр, роҳ надодан ба хунрезӣ дар бораи ташкил кардани баталони ҷудогона фармон бароварда, иҷрои онро ба раиси Комитети мудофиаи назди Президенти Тоҷикистон генерал-майор Ф. Н. Ниёзов ва комиссари ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майор М. Маҳмадҷонов супорида буд, ки матни он чунин аст:

«Фармон дар бораи баталони ҷудогона дар ҳайати бригадаи таъиноти махсус.

1. Дар мӯҳлати 2 ҳафта дар ҳайати бригадаи таъиноти махсус, баталони ҷудогона ташкил карда шавад.

2. Полковник Ҷобиров Бӯрихон командири баталони ҷудогона таъин карда шавад.

3. Қумитаи мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва комиссариати ҳарбии ҷумҳурӣ баталони ҷудогонаро бо ҳайати шахсӣ (аз ҷумла, ҳайати офицерӣ) техникӣ ва аслиҳа таъмин намоянд.

4. Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нигоҳдории бригадаи таъиноти махсус маблағи зарурӣ диҳад.

5. Қумитаи иҷроияи шаҳри Душанбе дар мӯҳлати 5 рӯз барои ҷойгир намудани ҳайати шахсии баталони ҷудогона бинохои зарурӣ диҳад.

Душанбе, 1 майи 1992, № ФП-76,
Президент Набиев Р. Н.».

Дар асоси ин фармон бо иштироки кормандони мудофиаи граждани ва комиссариати ҳарбӣ аз ҳисоби хоҳишмандон аз рӯи тартиботи муайянкардашуда ба сафи Гвардияи навташкил одам қабул карданд.

Аз рӯи ахбори роҳбарияти Гурди миллӣ аз ҳисоби офицерони ҳарбӣ ба онҳо командирони отделения (шӯъба) ва командирони взвод таъин карда, бо сару либосҳои ҳарбӣ таъмин намуданд. Пас, генерал Ниёзов ба ман, ки он вақт вазифаи раиси Қумитаи амнияти миллиро иҷро мекардам, дар бораи аз ҳисоби КАМ таъмин намудани Гурди миллӣ бо силоҳ— автомат тақозо кард. Ман дархости ӯро қатъиян рад карда,

ба ӯ фаҳмонидам, ки иҷрои фармони Раиси Ҷумҳур ба ҳукумат супорида шудааст ва ҳукумат онро бояд бечуну чаро иҷро намояд. Силоҳи Кумитаи амнияти миллӣ бошад, барои иҷрои вазифаи кормандони худаш зарур аст. Аз ин рӯ, ман ҳамчун Раиси Кумитаи амнияти миллӣ аз ҳисоби он мусаллаҳ намудани Гурди миллии навтаъсиси назди Президентро ба ӯҳдаи худ намегирам, зеро таъмини он ба ӯҳдаи ҳукумат вогузор аст.

Сипас, ҳукумати ҷумҳурӣ Гурди миллиро аз ҳисоби қисматҳои эҳтиётӣ бо силоҳ таъмин кард.

Аз рӯи қоидаи ҳарбӣ ба онҳо машғулияти ҳарбӣ мегузаронианд ва масъалаи таъминотро ҳал менамуданд...

Гирдиҳамоӣ дар ҳар ду майдон шиддат мегирифту пурдаҳшат мегашт, дар гӯшаю канори Душанбешаҳр аз тарафи силоҳбадастони гурди миллии оппозитсия шахсони бегуноҳ кушта, хонаашон ғорат карда мешуд. Барои ба даст овардани силоҳ ба шӯъбаҳои корҳои дохилӣ ва корхонаҳои дорои силоҳу аслиҳа ҳуҷум меоварданд. Майдони гирдиҳамоӣ оҳиста-оҳиста ба майдони ҷанг табдил меёфт.

Гурӯҳи оппозитсия ба воситаи мошини зиреҳдор ва аслиҳа ба шӯъбаи милисияи ноҳияи Октябр барои гирифтани яроқ ҳуҷум овард. Вале натавонистанд, ки ба мақсад бирасанд.

Вале пас аз ҳуҷуми навбатӣ ба шӯъбаи корҳои дохилии Кофарниҳон ба мақсад ноил гардиданд ва силоҳҳои мавҷударо бе ягон муқобилият гирифтанд. Оиди ин масъала протоколи дутарафа (байни роҳбарони оппозитсия ва роҳбарони ШКД-и ноҳияи Кофарниҳон) тартиб дода шуд. Бо чунин роҳ, аз рӯи ахбори расида, оппозитсия дар давоми ду шабонарӯз аз кормандони Вазорати корҳои дохилӣ 275 автомат, 180 таппонча, 10 мошин гирифт. Магар ин хиёнаткорӣ ва ҷиноят нисбат ба халқу миллати ҷумҳурӣ нест, ки кормандони Вазорати корҳои дохилӣ аз ҳисоби аракӣ ҷабини мардуми меҳнаткаш зиндагонӣ мекунанду боз силоҳи дасташонро ба ошхосе доданд, ки онро ба муқобили халқи худ истифода бурда, хуни ҳазорҳо мардуми бегуноҳро резонданду аз хона бехона кардаанд. Агарчи аз рӯи талаботи қонуни милиса ҳар як коргари Вазорати корҳои дохилӣ бояд хун медоду силоҳ не.

Барои ба чунин амалиётҳои ҷиноятқорона ақдом варзидан кормандони Вазорати корҳои дохилӣ сазовори мукофот гардидаанд, на ҷазо.

Тааҷҷубовар он аст, ки оппозитсия ба воситаи садою симои ҷумҳурӣ, воситаҳои ахбори умум мардуми ҷумҳурию хориҷиро ба рафтору гуфтор ва кирдори гӯшхарош дилбазан кардааст, ки гӯё, Раиси ҷумҳур кори ғайриқонунӣ карда бошаду ба 750 нафар гвардияи миллии худ силоҳ дода бошад.

Вале онҳо то ҳол ба даҳон об гирифта, ояди амалиёти ҷиноят-коронаи хеш, ки зиёда аз 450 силоҳи кормандони Вазорати корҳои дохилӣ ва наздики 450 силоҳ, 4 мошинаи зиреҳпӯши полки ҳарбии назди Раиси Ҷумҳурро гирифтаанд, сухане нагуфтаанд. Магар ин аз рӯи адолату ҳақиқат аст. Магар рафтори онҳо ноҷавонмардона ва чоплусона нест?

Оё бо чунин иқдом намуданашон метавонанд сазовори обрӯю эҳтироми мардум гарданд? Имондорона мегӯям, ки ҳеҷ гоҳ не ва боз не! Ҳеҷ гоҳ!!!

...Чӣ тавре ки мегӯянд, «иштиҳо дар вақти хӯрок меояд», бо фармони генерал-майор Б. Раҳмонов боз се БТР-и дигар, ки дар ҳисоби ДОСААФ буд, низ таслими оппозитсия гардид.

Ҳосили кӯрдилиҳо ва бесарусомониҳои Ҳукумат ва Раиси Ҷумҳур ба он оварда расонд, ки акнун оппозитсия соҳиби 7 мошинаи зиреҳпӯш гардид ва худи ҳамон соат барои онҳо ронандаҳо ва гурӯҳи ҷангӣ дарёфт намуд.

Ҳукумат бошад, агарчи зиёда аз 37 БТР, полки муҳофизати граждании ҷумҳурӣ дар Қаротоғ дошта бошад ҳам, дар давоми се моҳ ба онҳо ҳанӯз ронандагон пайдо накарда, онҳоро ҳамчун боигарии мурда нигоҳдорӣ мекард. Бинобар ин, дар лаҳзаҳои заруриву ҳассос аз ин «боигарии мурда» истифода накард.

Магар ин бемасъулитию холабеғамӣ нест?! Оё ин содир намудани ҷиноят дар назди халқу миллат нест?!

Дар ҳар ду майдон вазъият тезу тунд мегардид, дар баромадҳои нотиқон истилоҳоти норавою қабеҳ истифода бурда, тарафи мухолифро ба шӯр меовард. Аз забони нотиқони майдони «Шаҳидон» пан ҳам таҳқири мардуми майдони «Озодӣ» садо медод. Мардумро даъват мекарданд: «коммунистҳоро қир бояд кард», «чашмони онҳоро кофтан даркор», «коммунистҳо кофир мебошанд», «ҷанозаи коммунистҳо хонда нашавад», «дар майдони «Озодӣ» ҳама коммунистону кофирони беимон ҷамъ омадаанд», «ба муқобили дини муқаддаси ислом мубориза мебаранд», «Муллоҳайдар Шарифзода, Рустами Абдураҳим, Сангак Сафаров, Субҳон Туйғунов, Абдусалом Қурбонов, Муҳаррама Мирзоалиева Ботур Исҳоқов номусулмонанд» ва ғайра ба гӯш мерасид, ба воситаи радиостанцияе, ки дар майдони «Шаҳидон» ғайриқонунӣ таъсис ёфт, ба тамоми мардуми ҷумҳурӣ расонида мешуд. Шукри беҳад худои бузургро, ки қалбҳои аҳлу аҷдоди моёнро дини мубини ислом равшан сохтааст ва мардуми Мовароуннаҳр ҳанӯз аз қадим ба мазҳаби ҳанафӣ (имом Абуҳанифа ибни Собит

Ҳайбонӣ 699—767) гаравида буданд. Ва ин мазҳаб, ки аз умдатарин шохаи равияи тасаннун мебошад, таи асрҳои аср, ки таърих гувоҳ аст барои мусулмонони Бухоро ягона мазҳаби маъбуд ҳисоб меёфт. Аз ин рӯ кӣ кӣ аст, кӣ мусулмон асту кӣ номусулмон танҳо худои таъоло метавонад гӯяд. Ҳеҷ кас мағрур ба хондани намозу доштани рӯза нашавад ва онро чун меҳнат миннат накунад. Имондорона мегӯям, ки Рустам Абдураҳимов, Субҳон Туйғунов, Абдусалом Қурбонов, Муҳаррама Мирзоалиева, Ботур Исҳоқов, Сангак Сафаров, Муллоҳайдар Шарифзода, Бобоҷонови Қонибодомӣ, Қодирови Ёвонӣ, Абдуллоҷонови Ҳуҷандӣ, Фозили Мастчоҳӣ, Шехсафо Бобоеви колхозчиёнӣ, Нуъмонови Айнигӣ шахсони дақику ҳақгӯ, ростқавлу имондор, бохираду баруманд ва сарсупурдаи миллат буданд ва ҳастанд, ки чун шамъ нурафшонӣ карда дар миёни ҷомеа месӯзанду ҳазорон мардуми бенаворо аз роҳи марг гардондаанд. Дар кадом вазъияте, ки набуданд, аз рӯи садоқату масъулият, бо дили поку забони тоза ба халқу миллати худ ҷасурона хизмат карданд. Номи онҳо, кору кордонии ҳар яке аз онҳо дар дилу дидаи ҳар як сокини Тоҷикистон нақш бастааст. Пас, барои чӣ ҳомиёни дини мубини ислом, «демократҳо» нисбати чунин ҷавонмардони миллат санги маломат мезананд.

Агарчи пайғамбарамон мефармояд: «Мусулмон онест, ки аз забон ва аз дасти ӯ мусулмоне озор наёбад ва бародарии муъмин аз бародарии насабӣ қавитар аст». Аз ин ҷиҳат ҳақтаоло фармудааст: «Тарсед, эй бандагон, аз худо ва ба якдигар ҷангу таҳқир накунед». Пас, худ қазоват намоед, ки чи гуна ҳомиёни дини ислом бар муқобили фармудаи худою пайғамбар амал намуда, ба воситаи баландгӯякҳо роҳбарони гирдиҳамоии майдони «Озодӣ»-ро таҳқир карданду номусулмон гуфтанд. Пас, аз гуфтаи худою расул худи онҳо чи гуна мусулмон будаанд?! Халқ довар аст, баду некро хуб мефаҳмад...

Чунин фикру акидаҳои беандешаю пур аз бухтону ба иззати нафси дигарҳо мерасидагӣ ҳеҷ гоҳ омили иттиҳоди сиёсӣ ба хотири ормонҳои наҷиби иҷтимоӣ ва сулҳу осоиш дар миёни мардум ва гуруҳҳои мухталифи иҷтимоӣ шуда наметавонад. Онҳое, ки мардуми ҷумҳуриро ба шур меоварданд, миёни ҷомеа нифоқ меандохтанд, даъватҳо мекарданд, магар фикр намекарданд, ки дар гузашта худи онҳо кӣ буданд, хешу табор, ҳамсояю хамшахриҳои коммунист доранд. Ба рӯи онҳо чи тавр, бо кадом рӯ нигоҳ мекарда бошанд? Адлу инсоф, раҳму шафқати мусулмонӣ кучо мешавад? Ё аз қаҳру ғазаб, ҷоҳилӣ, ки кори шайтон аст, фаромӯш карда бошанд, ки оллоҳи таъоло раҳмону раҳим, ғафуру карим аст?!

Ба фаҳмиши банда, дар ин дунё касе, ки аз пеши худ худсарона бандаи муъминро кофир меномад, бо як таъна, наузанбиллоҳ, дар назди оллоҳи таъоло гунаҳкору муҷрим аст, чунки ба ҳаққи худо шарик шудааст ҳукм мекунад. Дафтари аъмоли ҳар як инсонро танҳо худои яккаву ягона медонад, ва фардо рӯзи қиёмат кӣ дӯзахӣ асту кӣ биҳиштӣ, танҳо зоти поки худаш — худованди кариму раҳим медонаду халос!..

Магар ақли солим шаҳодат медиҳад, ки бигӯянд, дар майдони «Озодӣ» ҳама кофирону дӯзахиён ҷамъ омадаанду дар майдони «Шаҳидон» мусулмонону ҷаннатиён?! Не, ҳеҷ гоҳ!!

Ин худобехабарию аблаҳист...!!

Барои чунин суханҳои дилхарошу пур аз фитна, ки неш ба дили инсон мезананд, фардо рӯзи қиёмат ҷавоб хоҳанд дод. Наузанбиллоҳ, касоне, ки дар ин дунё майдонро фарох дида, худро козию қозикалон, эшону эшонзода, уламои дини мубини ислом ҳисобида, ба ҳаққу ҳуқуқи худованди карим шарик мешаванд, сакароти мавтро чӣ тавр аз сар гузаронанду дар гӯри торик ба саволҳои мункар ва накир чӣ ҷавоб медода бошанд?!

Охир, дар он ҷо онҳо дурӯғ гуфта, гуноҳашонро ба гардани каси дигар партофта наметавонанд-ку? Ҳама узви бадани онҳо ба забони ҳол омада, аз кори баду некашон шаҳодат медиҳад-ку?! Наузанбиллоҳ!

Охир, дигаронро аз азоби дӯзах метарсонанд, пас чаро худашон наметарсанд...?!

Мушкиле дорам зи донишманди маҷлис бозпурс:
Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?

Ҳазрати Муҳаммади мустафо байни умматони худ ҳаргиз фарқе нагузошта ва ҳеҷ вақте иддаеро бар дигаре тарҷеҳ надода. Зеро дини мубини ислом ба зоти поки худ имон, эътиқод, андеша, тафаккур ва ибодат намудан дар роҳи оллоҳ аст ва агар ба хотири ҷомеаро аз ҷомеа ташхис дода, як иддаи муслиминро бар зидди дигаре гузоранд, гуноҳи азим аст.

Қазовати мусулмонии мо ба дасти худованди карим аст на ба дасти қозикалону эшону эшонзодаҳои пургуноҳ ва сохтаю бофта. Охир, парвардагори ҳаждаҳ ҳазори олам ба ҳеҷ бандаи худ, ҳатто ба пайғамбари охири замон ҳазрати Муҳаммади мустафо ҳуқуқи ба дини муқаддаси ислом маҷбур намудани касеро надодааст, чунон ки дар ояти муборак омадааст: «Ва лав шои раббука лаомана ман фил арзи куллуҳум ҷамиъан афоанат тукриҳу ан-носа ҳатто якуну муъминин» (эй расули худо, мо худои ту агар мехостем, аҳли замин ҳама яксара имон меоварданд, (чун нахостем) ту кай тавонӣ то ба ҷаб-

ру икроҳ ҳамаро мӯъмину ҳудопараст гардонӣ») (Сураи «Юнус», ояти 99).

Чунин рафтори ноҷавонмардонаи як идда нотиқони майдони «Шаҳидон» воқеан ба дини мубини ислом хавфу хатар мебиёрад, итминон дорам, рӯзи бозпурсе хоҳад буд ва онҳо фардо рӯзи қиёмат ба ин ҳама ҷавоб хоҳанд гуфт!

Дар Қуръони азимушшаън, ки барои ҳидояти башарият парвардигор нозил фармудааст, оятҳои зиёде ҳаст, ки ҳамаи мусулмонҳоро ба якдигар бародар эълон дошта. Дар ин китоби муқаддас парвардигор фармудааст: «Ҳамаи шуморо аз як падару модар ба дунё овардем». Ҳикмати илоҳӣ будааст, ки моро ба миллатҳои гуногун тоҷик — форс, турк, ӯзбек, араб, англис ва ғайра тақсим кардааст.

Дар ояти дигаре парвардигори азимушшаън ба тамоми инсоният хитоб карда мегӯяд: «Эй мардумон! Эй мардумон! Эй инсонҳо!. Бидонед, ҳамаи Шумо аз як падару модар ба дунё омадед: аз Одаму Ҳавво, Одаму Ҳавворо аз хок, Шуморо аз як падару модар ба дунё овардем». Ин хитоб маънои онро дорад, ки ҳеҷ як инсон қатъи назар аз мансабу боигариаш мағрур, саргаранги худнамоишдиҳӣ нашавад, ман-манӣ накунад, худро аз дигарон боло наҳисобад.

Дар назди оллоҳи таъоло бақадртарини Шумо, баландмартабатарини Шумо шахсе ҳаст, ки тақводор, ростқавлу бекина ва худотарс бошад.

Агар ин тавр бошад, мехостам аз ҳомиёни дини муқаддаси ислом, ки имрӯз муҳофизони худ Ҳизби назҳати исломро ҳисобиданд, пурсон шавам: «Дар асоси кадом ояту ҳадис худро мусулмони биҳиштӣ, аксарияти мардуми ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар майдони «Озодӣ» ҷамъ омада буданд ва ё ақидаи мардуми ин майдонро дастгирӣ мекарданд, кофиру дӯзахӣ номидаанд?! Алалхусус он шахсоне, ки арақи ҷабин резонда бо меҳнати ҳалол маҳсулот истеҳсол мекунанду шоҳу гадо, қозию қозизода, эшону эшонзода, ҳоҷию ҳоҷизодаҳо ва зиёиёни «ҷонкоҳи» миллатро мехӯронанду мепӯшонанд. Охир, дар майдони «Озодӣ» ҳар ним соат аз Қуръони шариф ояте қироат мекарданду гирдиҳамомадагонро ба худотарсӣ, парҳез аз кори бад, инсондӯстӣ даъват мекарданд. Пас, онҳо чӣ гуна муборизи дини муқаддаси исломанд ва ин бар хилофи ояти Қуръони муқаддас, ки аз ҷониби парвардигори азимушшаън офарида шудааст, амал намуда мардуми мусулмонро гумроҳ карда, даъват мекунанд, ки бар даст силоҳ бигиранд ва муқобили бародарони худ биҷанганд, хуни якдигар бирезонанд!

Охир, чаро онҳо Қуръони азимушшаънро хуб медонанду ба гуфтаи он амал намекунанд?!

Худоё, чаро дар вуҷуди мухолифин то ин дараҷа шайтони

бадбахт лона кардааст ба мағзу пайвандашон ҷой шудааст, ки аз хурдтарин ҳаракоти нолоиқу бад гаштанӣ нестанд!...

Аз ҷониби дигар бояд ёдовар шуд, ки агар мо халқро эътироф намоем, бояд Раиси Ҷумҳуре, ки онро халқ баргузидааст, эътироф намоем. Охир, шоҳ сояи худо дар рӯи замин аст ва ривоҷу равнақ ёфтани кори ӯ танҳо ба шахсияти худаш не, балки ба кӯмакрасониву ҳамкории самимонаи ҳар нафар шаҳрванди ин сарзамини тоҷик вобаста аст!

Имондорона арз мекунам, агар аз рӯи ҳақиқату адолат назар афканем, номзадҳо ба Раиси Ҷумҳур яке аз дигаре бартарӣ надоштанд. Дар муддати се-чор моҳ аз ҷиҳати мустаҳкам намудани иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва шинохтани он дар миқиёси ҷаҳон қадамҳои хело судбахше ба пеш гузошта шуда буд. Ба манфиати ҷумҳурӣ нақшаҳои хуб кашида ва шартномаҳо баста шуда буд, ки бе карзи хориҷӣ зиндагию некӯахволии мардуми ҷумҳурӣ рӯ ба беҳӣ оварда буд. Вале мухолифин намонданд, ки Президент хотирҷамъона ифои вазифа намояд!

Агар Раиси Ҷумҳур каси дигар ҳам интихоб мегардид, дар муддати 4—5 моҳ вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ беҳтар намегардид, зеро ҳар соҳаи хоҷагии халқ камаш дар давоми як сол метавонад, ки хосили хоҷагиро ҷамъбаст намояду сипас хулоса барорад...

Таърих гувоҳ аст, ҳар замоне, ки миллатҳои исломӣ ба гуфтаҳои Қуръон амал накарданд, мақсадҳои ғаразноки худро болотар аз ояти Қуръон донистанд, оёти Қуръонро ба суди кӯчаки хеш шарҳ дода, мардуми бесаводро гумроҳ карданд, оллоҳи таоло ба сари он миллат мушкилиҳои зиёд, азобу ранҷ, кулфату нохушиҳои гӯшношунидаро ато карда!...

Сиёсат комилан кори дунявист на динӣ. Дин (ислом) роҳнамои охират аст ва ҳар як мусулмон барои охират шуда, ба дини ислом таваҷҷӯҳ зоҳир менамояду аз корҳои нопок даст мекашад...

Дини ислом натанҳо аз сиёсати зоҳир ҷудо, балки мухолиф бар он аст. Пайғамбари охириззамон ҳазрати Муҳаммад саллалоҳу алайҳи васаллам фармудааст: «Дунё ва охират чун шарқу ғарб аст, ба яке наздикшавӣ, аз дигаре дур хоҳӣ шуд» (ҳазору як ҳадис, саҳ. 33). Ҳар кӣ амали охиратро (кори динро) василаи ба даст овардани дунё қарор диҳад, дар охират баҳрае надорад...

Исломи асил ин пеш аз ҳама дастури охират аст, баъд дунё...

Ба ситоди ҳарбии оппозитсия полковники кумитаи бехатарии давлати Руссия Аминов Ҷӯрабек, ки солҳои дароз дар

разведкаю контрразведка кор мекарду хуб обу тоб ёфта буд ва дар Тоҷикистон ба ӯ ягон мансабро лоиқ намедонистанд, ҳамроҳ гардид.

Аз ин рӯ амалиёти мухолифини давлати қонунӣ ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ ошкоро нерӯяш боло рафта, пуркувват гардид. Албатта, ин ҷиҳати рӯшангардидаи ҳодиса мебошад, вале ҳоло зери парда чанд генералу сарҳанги ватаниву хориҷии дигар ба ин амал дастандаркороне буданду ҳамроҳӣ менамоянд, ки алҳол аз назарҳо пинҳонанд!!!

Ва онҳо нақшаи зери назорат гирифтани фурудгоҳи шаҳри Душанбе, вокзали автомобил ва роҳи оҳану даромадгоҳи ш. Душанберо ҷорӣ намуданд. Дар назди диспетчерҳои давлатии фурудгоҳ, истгоҳи қатора (вокзали роҳи оҳан) ва автомобилӣ нозирони мушаххаси силоҳдори худро гузоштанд, ки танҳо бо иҷозати ишон нақлиётҳои ҳавоӣ, роҳи оҳан ва автомобилӣ ба ҳаракат медаромаданду аз ҳаракат боздошта мешуданд. Тамоми намуди нақлиёт пурра зери итоати оппозитсия гузашта буд, кормандони Вазорати корҳои дохилӣ чун тамошобин ба онҳо менигаристанд.

Танҳо ба рухсатномае, ки аз тарафи — қозиёт дода шуда буд, убури шаҳрвандон ба Душанбешаҳр рӯи кор омад.

Ин амалиёт шаҳодати онро медод, ки оппозитсия бо роҳи зӯроварӣ ҳукумати худро дар асоси табаддулоти сиёсӣ дар ҳама ургонҳои давлат сохта истодааст. Вале, роҳбарияти ҷумҳурӣ ҳоло ҳам хомхаёлона амал намуда, умедвори он буданд, ки бо роҳи гуфтушунид, бастани созишномаҳо, қурбон кардани як-ду роҳбари дар сиёсат нопухтаю бекас бе хунрезӣ масъалаи ба миёномада ҳаллу фасли худро меёбад. Бисёр ва бисёр афсӯс!!!

Барои тезонидани хунрезӣ, амалӣ гардонидани нақша оппозитсия гурӯҳи махсуси иборат аз 100—150 касро аз ҳисоби «фидоиёни миллат» таъсис намуд, ки қисми зиёди онҳо бо силоҳ мусаллаҳ карда шуда буданд. Яке аз ин гурӯҳҳоро бо роҳи Кӯлобу Кофарниҳон, ағбаҳои Шаршару Чормағзак, дигареро ба даромадгоҳи Душанбе кӯчаи 40-солагии Тоҷикистон, мавзеи комбинати гӯшт ва сеюминро ба роҳи ноҳияи Ленин фиристоданд. Дар он ҷо онҳо мардуми бе ярокеро, ки аз вилояти Кӯлоб ба мардуми худ, ба майдони «Озодӣ» хӯрок меоварданд, тирборон карданду мошинҳояшонро оташ заданд.

Чуноне ки мебинем, аллакай хуни мардуми бегуноҳ рехт, бародар ба муқобили бародари бегуноҳу бесилоҳ силоҳ бардошт, якчанд кас дар гирду атрофи шаҳри Душанбе ярадор ва ҳатто ҳалок ҳам шуд, ки ҷасади шаҳидонро ба майдони «Озодӣ» оварданд. Мардуми ба шӯр омада ин ноадолатиро

чинояткориро дида, бори дигар ба шўр омада, аз хукуматдорон талаб мекарданд, ки барои пеши роҳи хунрезиро гирифтан чораҳои таъчилӣ андешанд ва нобоварии худро нисбати кормандони Вазорати корҳои дохилӣ иброз доштанд. Дар аркони давлат бесарусомонӣ, бемасъулиятӣ пурра ҳукмфармо буд, аз ашхоси хукумат касеро дидан маҳол буд. Ростӣ Раиси Ҷумҳур танҳо монда буд, ҳатто дар рӯзи равшан сӯзан гирифтаву фонус гиронда Сарвазирро мекофт. Сарвазир Мирзоев А. бошад, аз худ ба Раиси Ҷумҳуру ноиби ӯ аз ҷою иқдомаш иттилое намедод. Танҳо якчанд шахс, ки дилашон ба давлату миллат месӯхт, қатъи назар аз мансабашон дар гирди Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ҷамъ омада буданд. Акнун Р. Набиев ба хулосае омад, ки мақсадҳои оппозитсия хело чукуру дурбин аст ва ҳаракат мекардагӣ шуд, ки чорахо бианделшад, вале афсӯс корд ба устухон расида буд... Чунин вазъияти ба миён омадаро мушоҳида карда, кас бо хубӣ дарк мекард, ки кӣ-кӣ аст, дӯст кӣ асту душман кист! Қошкӣ ҳамаи ҳамдастону муқарработи Президент мисли Тошматова Мукаррама ҷавонмарду ватандӯст мебуданд!..

Ба ақидаи камина дар ҳамон ҳолат Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ба фикре фурӯ рафта, камбудиҳои худро оиди чобаҷогузории кадрҳо аз пеши чашм мегузаронид. Яқинан ба худ меандешид, ки ӯ ин дафъа ҳам дар интихоби ҳамкорону ҳамдастон иштибоҳ намудааст.

Сипас, бо мақсади боздоштани хунрезӣ, 4.05.92 ба назди Президенти Ҷумҳурӣ омада қатъиян талаб кардем, ки Фармонро дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати фавқулодда ва вакти комендантӣ дар Душанбешаҳр имзо намояду коменданти Душанбешаҳрро таъин намояд. То он ки кувваҳои мавҷудаи давлат барои муҳофизати сохти конституционии Ҷумҳурӣ дар дасти шахси муайян ҷамъ оварда, аз рӯи нақша истифода бурда шавад. Чунки то ҳол касе ба касе итоат намекард, ҳар рохбари идораҳои муҳофизати сохти конституционӣ кувваи зердасти худро ба фаҳмиши худ истифода мебурд. Аз тарафи дигар дар вуҷуди баъзе роҳбарони Вазорати корҳои дохилӣ, Комиссариати ҳарбӣ, Кумитаи дифои назди Раиси Ҷумҳур, гарнизони Душанбешаҳр, Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шайтоне ҷойгир шуда буд, ки яке дигареро чашми дидан надошт.

Ҳар яке аз генералҳо, ки сутуни пойдории аркони давлат буданд, ба ғарази нафс гирифтор гашта, худро аз дигаре болою тавоно медонист, аз паси яке дигаре ғайбат мекарду саяги маломат мезад. Қариб ҳаман онҳо дар ҷустуҷӯи вазифаю рутбаҳои баландтар буданд. Чунин вазъият дар миёни ашхосе, ки бехатарии сохти конституционии давлат, осудаҳолию

оромии мардуми онро ба зиммаи худ доштанд, аз рӯзҳои ба сари қудрат омадани ҳокимияти Р. Набиев амал мекард. Муносибати ғаразноку дилсиёҳонаи онҳо ба кормандони зердасташон бе таъсир наемонд, ки он интизоми ҳарбию давлатиро сусту заиф мекард.

Вале, рӯзҳо мегузашту касе ба вазъияти бамиён омада, бозҳои лозима намедод, барои табобати он қадаме ба пеш намегузошту оқибати онро дарк намекард. Ба ақидаи камина ин яке аз сабабҳои бохти давлат буд, чунки қувваҳои давлат пароканда буду фалаҷ!

Лоиҳаи фармон тайёр бошад ҳам, Президент фикри роҳбарони ВКД, ҳукуматро ки ҳоло асос ва қувва барои ҷорӣ намудани ҳолати фавқулоддаю соати комендантӣ нест, мегуфтанд, бори дигар ба ҳисоб гирифта ба андешае фурӯ рафту аз имзои он худдорӣ карда ба роҳбарони Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи амнияти миллӣ ва дигарон бо чашму абрӯвонаш имою ишора намуда, талаби қатъии моро оиди ҷорӣ намудани ҳолати фавқулодда ва соати комендантӣ ба ҳисоб нагирифт, ҳол он ки ҳар як дақиқа вазъият тағйир меёфту рӯй додани табаддулоти давлатӣ равшантар мегардид, задани бӯи хун ба димоғ зиёд мешуд.

## РАЪЙИ СЕЮМ

Рӯзи 4.05.92 гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ», аксари депутатҳои Шӯрои Олӣ аз раёсати сессияи Шӯрои Олӣ котеъона талаб мекарданд, ки масъалаи якуми сессия дар бораи бекор кардани қарори сессияи сенздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабукдӯш кардани С. Кенҷаев дида баромада шавад ва ӯ ҳатмӣ дар вазифааш баркарор гардад. Он гоҳ онҳо ба хонаҳои худ бармегарданд.

Пеш аз сар шудани сессия бо иштироки аъзоёни Президиуми Шӯрои Олӣ, Сарвазир ва ҷонишинҳои ӯ, Президент ва ноиби Президент маҷлис баргузор гардид. Дар он ҷамъомад пас аз баррасии дигар масъалаҳо аввало аз Раиси Ҷумҳур, аъзоёни Президиуми Шӯрои Олӣ хоҳишу илтиҷо кардам, ки вазъиятро ба назар гирифта, якҷоя ба пеши мардуми гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» баромада ба онҳо фаҳмонем, ки дар ин шабу рӯз, ки дар ду майдони ба ҳам муқобил гирдиҳамоӣ давом дораду вазъият хеле муташанниҷ гардидааст. С. Кенҷаевро дар вазифаи пештарааш баркарор кардан ягон зарурияте надорад, чунки ба наздикӣ (яъне, дар декабри соли 1992) интихоби нави парлумони Ҷумҳурият баргузор ме-

гардад. Дар он чо метавонанд С. Кенчаевро пешниход ва интихоб намоянд. Инчунин, ваколатхои Шўрои Олй кариб, ки нурра ба Президент дода шудааст, дар чумхурй идоракунии президентй чорй карда шуда буд, чй хочат аст, ки Кенчаевро аз Раиси Кумитаи амнияти миллй баргардонем. Гузашта аз ин, имрўз С. Кенчаев дар идораи бисёр хам масъулу хассос ва яке аз рукнхои пайдории давлат анчоми вазифа карда истодааст. Ў дар Кумитаи амнияти миллии Точикистон манфиати бештаре ба халк хохад овард.

Ва бо хамин кори сессияи чордахумро ба охир расонему мардум ва депутатхоро сихату саломат ба хонахояшон чавоб дихем.

Вале, намедонам аз чй сабаб буд, ки Раиси Чумхур фикри маро тарафдорй накарданд. Сипас бо чунин акида ба рохбарони Кабинети Вазирон ва аъзоёни Раёсати Шўрои Олй мурочиат кардам, вале касе аз онхо бо хамрохии ман ба пеши мардум баромадан нахост ва хамаашон бо сабабхои номаълум дар чунин вазъияти мухим бетарафиро интихоб карданд. Рафтору муносибати хар яки онхоро мушохида карда, ба худ андешидам: «Худоё, чй сирре ин чо ниход асту ман бехабарам?». Охир, бахри мўътадил гардонидани вазъи майдонхо, гирифтани пеши роки хунрезй магар кори мушкил аст, ки Раиси Чумхур, Сарвазир ва Раёсати Шўрои Олии Чумхурй ба назди гирдихамомадагони майдони «Озодй» баромада, рохи бо хушу хурсандй халлу фасл намудани масъаларо пеш гирем!

Пас чаро онхо оиди ин масъала пешниходоти маро рад карданд?!

Магар кисме аз онхо чунин ранг гирифтани вазъиятро медонистанд ва хабар доштанд ки мазза аз кайла гузаштаасту Хизби назхати ислом накшаи понздахсолаашро амалй мегардонад ва максади хуни мардумро резондану содир намудани табаддулоти давлатй дорад?. Пас чаро бахри нарехтани хуни инсон хакикатро аз якдигар пинхон карданд?

Чаро силохдории онхоро аз якдигар пинхон кардем? Дар он шабу рўз, аллакай, якчанд тўп ва ракетаи чангии хукумагро, ки ба мукобили абрхо истифода бурда мешуданд, оппозитсия гирифта, ба чойхои хоса гузошта буданд. Вале, оиди ин масъала Хукумат чизе намегуфт.

Чаро?

Бо кадом максад?!».

Чунин «чаро»-хои зиёде пеши назари ман мегузашту ба онхо чавоби каноатбахш ёфта наметавонистам. Чунки ёфтани чавоби мушаххасу мантикан дуруст ба ин «чароко» ба имону виҷдони рохбарони думравакони се аркони давлат вобаста

буд. Дилу забони қисми роҳбарони аркони давлат бо ҳам мухолиф буданд, дурўғ мегуфтанд, яке мехост дигареро бифиребад. Хандаю ба оғўш гирифтан ва бўсидани якдигар зоҳирфиребии маҳз буд, на аз рўи меҳр!

Онҳо ба ақидаи худ устувор набуданд. Дар миёни роҳбарони аркони давлат хабаркашу мардумфурўшон пайдо шуданд ва хар роҳбари аркони давлат бо фаҳмишу ақлу заковати худ суханҳои онҳоро бовар мекарду об медод, маслиҳати имрўзаро оиди ҳалли масъалаҳои давлатй, ҷо ба ҷо кардани мансабдорон пагоҳ тағйир медоданд. Чун дар миёни роҳбарони аркони давлат дурўғ гуфтан, якеро фиреб додан, якеро ба дигаре ҷанг андохтан, суханҳои хабаркашони давлатию ғайридавлатиро бо оби тилло навиштану ба манфиати ғаразноки худ истифода бурдан ба миён омад, дарк кардам, ки ба давлати навбунёди тоҷикон футур афтид. Чунки он чизе, ки ман ҳамеша метарсидам, ҳамин буд.

Тарсидани моро ҳама аз бими бало буд,
Акнун зи чй тарсем, ки дар байни балоем.

Вақто ки дар вазифаи ҷонишини прокурори наклиёти Осиёи Миёна кор мекардаму оиди баъзе ақидаҳо гўё дар оппозитсия будам, боре мўҳтарам Қаҳҳор Маҳкамов, ки барои вазифаи Раиси Шўрои Олии Ҷумҳурй муборизаи мебурданд, маро ба назди худ даъват карданд. Дар вақти сўҳбат аз ман пурсон карданд, ки аз он кас чй мехоҳам? Агарчи интизори ҷавоб буданд, ки ин ва ё он вазифаро бигўям, гуфтам: «Мўҳтарам Қаҳҳор Маҳкамович, танҳо як чиз мехоҳам: — Шумо хабаркашону гапфурўшонро аз гирду атрофи худ дур намоед, ба суханҳои онҳо бовар накунед, ҳеҷ гоҳ коргузорони зередасти худро ба одамони худию бегона, боваринаку ғайрибоваринак тақсим накунед. Қасе дар ҳақи каси дигаре сухан фурўшад, ўро рў ба рў кунед». Бояд икрор шуд, ки ин камбудии роҳбарони органи давлатиро оппозитсия ҳам аз ҷиҳати назарй ва ҳам амалй бисёр моҳирона истифода бурд.

Рўзе, пас аз анҷоми кори Раёсати Шўрои Олй (тахмин охирҳои моҳи март) Нарзулло Дўстов ба утоқи кории ман даромад. Вақти сўҳбат вазъияти ба миён омадаро бо ў таҳлил карда гуфтам: «Нарзулло Дўстов, дар миёни роҳбарони аркони давлат хабаркашону одамфурўшон пайдо шуда, корандонро ба шахсони худию бегона, боваринаку ғайрибоваринак тақсим карда истодаанд. Дили ман гувоҳй дода истодааст, ки оқибат онҳо сари ману туро хоҳанд хўрд, чунки дар сиёсату роҳбарии давлат одамони нав ҳастему таҷрибаи корй надорем ва «бекасему» морбозиро ёд нагирифтаем». Вай табассум

карду гуфт: «Сафараличон, парво накунед, хамааш хуб мешавад».

...Алқисса, вақте онҳо таклифи маро дар хусуси ба назди гирдиҳамомадагон баромадан рад карданд, худам ба назди мардуми майдони «Озодӣ» баромадам. Пеши зиёда аз садҳо ҳазор кас изҳори ақида кардам. Онҳо фикри маро қабул накарданд ва қатъиян талаб намуданд, ки ба вазифаи пештараам барқарор карда шавам. Сипас, бо роҳбарони мардуми миллатҳои гуногун, ки аз ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурият ҷамъ омада буданд, ҳамсӯҳбат шуда, хоҳиш ва илтичо намудам, ки бо мардумонашон маслиҳат намоянду масъалаи ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ барқарор кардани маро аз миён бардоранд, ё ин ки ҳалли ин масъаларо ба сессияи ояндаи Шӯрои Олӣ, пас аз озод шудани майдонҳо гузоранд. Онҳо ҳам ба гуфтаҳои ман розигӣ намедоданд ва барои ҳалли чунин масъала ба назди мардум баромаданашонро қатъиян рад карда, гуфтанд: «Мардум ба шӯр омадааст, аллакай хуни инсон рехтааст, касе суханҳои моро оиди ин масъала гӯш кардан намехоҳад». Ман дигар ба кӣ мурочиат карданамро надониста, ба КАМ рафта, сари ҳалли ин муаммо ба фикр фурӯ рафтам. Чӣ бояд кард, ки мардум маро дуруст дарк кунанд, аз ман наранҷанд? Охир, бузургтарин вазифа ҳам ба як тор мӯи инсон, ашки модарону гиряи тифлон намеарзад-ку?

Бо хамин, соати чордаҳи рӯз сессия кори худашро сар кард ва маро боз ба кори сессия даъват намуданд. Бо талаби депутатҳо ва вакилони гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Искандаров масъалаи аввали рӯзномаи сессия — бекор кардани қарори сессияи қаблии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ озод кардани С. Кенҷаевро ба муҳокимаи депутатҳо гузошт.

Вобаста ба ин масъала ман се маротиба дар сессия баромад карда, қатъиян аз депутатҳои мӯҳтарами халқ хоҳиш намудам, ки модоме дар ду майдон гирдиҳамоии ба ҳам муқобил гузашта ва имрӯз хело тезу тунд шуда истодааст, ҳалли ин масъала имконнопазир мебошад. Ман дар суханҳои худ се роҳи ҳалли ин масъаларо пешниҳод кардам: яке он буд, ки ҳалли ин масъала, яъне ба вазифа барқарор кардани ман ба сессияи оянда гузошта шавад, то вақте ки майдонҳо аз гирдиҳамомадагон озод гарданд. Роҳи дуюм — ин масъала аз рӯзномаи сессия пурра бардошта шавад. Барои ҳалли он аз ҳисоби депутатҳо барои гуфтушунид кардан бо роҳбарони гирдиҳамомадагон ва ба воситаи онҳо бо худи гирдиҳамомада-

гон комиссия таъсис гардад, то онҳо аз баҳри ин масъала тамоман бароянд ё ин корро ба сессияи дигар гузоранд.

Роҳи сеюм: ба моддаи 109 Конституцияи ҶТ илова дароварда, вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то интихоботи навбатии парламенте, ки он бояд дар моҳи декабри соли 1992 баргузор гардад, ҷамъиятӣ карда шавад.

Қисми депутатҳои халқ оиди масъалаи якум маро дастгирӣ карданд. Қисми дигари депутатҳои халқ акидаи маро оиди масъалаи дуюм ва сеюм дастгирӣ карданд. Вале гурӯҳи депутатҳои халқии ҷумҳурӣ фикри маро оиди роҳи сеюм пурра дастгирӣ накарданд ва онҳо гуфтанд, ки Раиси Шӯрои Олӣ набояд ҷамъиятӣ ё фахрӣ бошад. Раисикунанда бар хилофи талаботи регламенти Шӯрои Олӣ таклифҳои маро ва фикрҳои депутатҳои халқиро ба овоз нагузошт. Қисми депутатҳо такроран таклиф намуданд, ки ба моддаи 109-и қонуни асосии ҶТ тағйирот дароварда шавад ва маро ҳамчун раиси фахрӣ интихоб намоянд. Ба чунин таклиф роҳбарони гирдиҳамомадагон ҳам розӣ шуданд. Барои тайёр кардани тағйирот ба Қонуни Асосӣ ва тартиб додани қарори Шӯрои Олӣ оиди ҳалли ин масъала ба Кумитаи қонунбарорӣ, қонуният, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ ва дида баромадани мурочиатномаи шаҳрвандон супориш дода шуд. Сессия танаффус эълон кард. Ман бошам, ба ҷои корам — Кумитаи амнияти миллӣ баргаштам.

Соати 16 рӯз дар Кумита масруфи вазифа будам, ки аз Раёсати Шӯрои Олӣ маро даъват карданд, ки ба кори сессия иштирок намоям. Вақто ки ба маҷлисгоҳи сессия дохил гардидам, муҳокимаи масъалаи рӯзнома оиди Раиси Шӯрои Олӣ рафта истода буд. Депутатҳои зиёде баромад карданд. Баъзеҳо акидаи маро дастгирӣ карда, пешниҳод медоданд, ки «масъалаи Раиси Шӯрои Олӣ дар сессияи оянда мавриди муҳокима қарор ёбаду ҳалли худро дарёбад». Гурӯҳи дуюм ҳамчунин таклифи маро дастгирӣ карда, пешниҳод мекарданд, ки бо роҳбарони мардуми гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» маслиҳат карда, ҷиддӣ фахмонида, аз рӯзномаи сессия онро бардошта ба дигар сессия гузоштан лозим аст.

Гурӯҳи сеюми депутатҳо баромад карда, пешниҳод намуданд, ки вазифаи Раиси Шӯрои Олиро ҷамъиятӣ кардан мумкин нест. Алалхусус, онро бо вазифаи Раиси Кумитаи амнияти миллӣ якҷоя кардан боиси он мегардад, ки дигар мамлакатҳо моро шояд нодуруст бифаҳманд. Ин як дараҷа унсурҳои демократияро дар назди давлатҳои мухталифи дунё поймол менамояд.

Раиси Кумитаи қонунбарорӣ, қонуният ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ А. Ҳабибов (аз гурӯҳи оппозитсия) бисёр ҳам

маккоронаю пардапӯшона баромад карда, депутатҳоро бовар кунонид, ки ҳеҷ гап нест. Иҷро кардани даъвои гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ»-ро лозим мешуморам ва масъаларо ошди бекор кардани қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба истеъфо рафтани Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Қенҷаев ва ба вазифааш барқарор кардани ӯ ба овоз монда шавад.

Роҳбарони гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» баромади Ҳабибовро дастгирӣ карданд, аз раисикунанда талаб карданд, ки масъала ба овоз монда шавад, вале дарк накарданд, ки зери ин баромади «беғаразонаи» А. Ҳабибов чизе ниҳон буд. Аксари депутатҳо низ инро дарк накарданд.

Суханҳои А. Ҳабибовро шунида, ба худ ларзидам. Зеро, ӯ ҳеҷ гоҳ дар ҳаққи ман сухани неку хайрхоҳона нагуфта буд ва ба пиндорам мақсади ӯ ва ҳаммаслаконаш дигар буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ намехост, ки ман барқарор шавам ва таклифи ӯ ба фикрам, бо маслиҳати роҳбарони оппозитсия ё каси дигар буд. Ӯ бо як тир ду нишон мезад; дар сурати амалӣ гардидан ё нагардидани пешниҳодашон медонист, ки аз рӯи нақшаи кашидаи оппозитсия бояд табаддулоти давлатӣ рӯй диҳад ва хуни мардум биреза д. Аз тарафи дигар, дар назди интихобкунандагонаш худро сафед карда, талаботи онҳоро қонеъ гардонд. Бинобар ин, онҳо сабаби ҳаводиси ғайричашмдошту гӯш ношунидро интизор буда, чашмнигари гунаҳкори бегуноҳ буданд. Аз ҷониби дигар, аз вазифаи Раиси Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчӣ зудтар дур намудани ман ҳамон қадар барои қувваҳои сиёҳи оппозитсия мароқовар буд. Чунки Кумитаи амнияти миллӣ қудрату тавоноии чиддиву фарохе дошта, ҳамагуна зӯроварию содир шудани табаддулоти давлатиро пешгирӣ карда метавонист. Рӯзе, ки дар рӯзномаҳо, садову симои ҷумҳурӣ ишғоли ин вазифаро бо рутбаи генерал-майор Раиси ҷумҳур ба исми ман иттилоъ дод, ростӣ, роҳбарону пешвоёни оппозитсия мотам гирифта буданд ва ниятҳои нопок доштанд.

Агарчанде барои фикри аниқу ҳамаҷониба кардан фурсат ҳам набуд, вале таклифи А. Ҳабибов барои ман мисли селборони чиллаи тобистон аз назардошт дур буд. Ва ин ақидаҳоро ман аз дил гузаронидаму бисёр таассуф хӯрдам, ки фурсати баён ва гӯши шунавои намояндагони мардуму роҳбарияти гирдиҳамомадагон набуд. Бо вуҷуди ин, бе ихтиёр аз ҷой бархоста, аз садри маҷлис барои суҳан гуфтан иҷозат пурсидам. Ба минбар баромада, таклифи А. Ҳабибовро рад карда, ба депутатҳои мӯҳтарам мурочиат ва илтимос намудам, ки онҳо ақидаи пештараи маро дастгирӣ намоянд ва коре карда,

роҳи ҳаллу фасли онро биёбанд, мардуми майдони «Шаҳидон»-ро ҳам аз хотир фаромӯш накунанд.

Дар ҳамин вақт касе аз роҳбарони гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» ба ман луқма партофта гуфт: «Мӯҳтарам Кенҷаев, оё Шумо дарк карда истодаед, ки зиёда аз 1 миллион мардуми ҷумҳурӣ аз тамоми ноҳияҳои ҷумҳурият барои ҳимояи Шумо ва давлати қонунӣ омадаанд, боқимондаи мардуми ҷумҳурӣ аз кору бор монда, дар ноҳияҳои худ хайма зада гирдиҳамоӣ карда истодаанд. Шумо мефаҳмед, ки онҳо як мақсад доранд: Шуморо ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намудан. Дар акси ҳол касе аз ин майдон намеравад ва вазъият боз ҳам муташаннич шуданаш мумкин аст. Агар Шумо ва депутатҳои мӯҳтарам ба муқобили ақидаи халқи меҳнаткаш, пиру ҷавон, зану мард, тоҷику ӯзбек, русу украин ва дигар миллатҳои муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон рафтор мекарда бошед, пас мо чӣ тавр он мардумеро, ки дар зери борон истодагарӣ карда, чашми умедворӣ аз кори сессия доранд, ба хонаашон баргардонем. Ин аз тарафи Шумо беҳурматӣ нисбат ба мардум мешавад, худо накунад, ки аз даҳони мардум афтед! Мардум барои беадолатӣ, он беадолатию чашмакзаниҳое, ки қозикалони ҷумҳурӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ва иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров дар вақти истеъфои маҷбурии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Кенҷаев карда буданд, ба шӯр омадаанд. Ва инро тамоми халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи оинаи нилгун тамошо карда, ба ғазаб омада, худи ҳамон саҳар ба майдони деҳаю ноҳияҳо баромада, нисбати чунин беадолатию конуншиканӣ эътироз баён карданд. Ба унвони Президент, Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан ба С. Кенҷаев садҳо мактубу баркияҳо фиристоданд, ки пеши роҳи ин беадолатӣ гирифта шавад, ҳақиқат барқарор гардад»!

Ба суханҳои он кас ҷавоби қотеъ ёфта натавонистам. Зеро, кӣ ҳам метавонист ба муқобили ақидаи халқи аз беадолатӣ ба шӯр омада чизе бигӯяду худро бо хости мардумаш муқобил гузорад, алалхусус дар он шабу рӯз.

Ба хусус барои ман, ки дар миёни ҳамин заҳматкашон афтодаву хеста, то ин зина омадаам. Бисёр мушкилу даҳшатовар буд, ки ба муқобили райъи мардуми кишвари азизам, намояндагони он — гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ», хусусан дар он шабу рӯзи бисёр хассосу нозук чизе бигӯям ва ба касе бифаҳмонам.

Лаҳзае хомӯш истода, чӣ гуфтанамро надониста, худро ба даст гирифта, гуфтам: «Ҳеҷ гоҳ ман ба муқобили ақидаи халқ

нарафтаам ва дар оянда ҳам нахоҳам рафт. Ба ҳаман онҳо, ки барои ҳимояи ман, барои ҳимояи давлати конституционӣ, барои ҳимояи адолату ҳақиқат ва қонуният бархостаанд, сари таъзим фурӯд меоварам. Агар дар давоми 4—5 моҳи корам, дар вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ, ки аз ин қариб ду моҳашро гирдиҳамоиҳо ташкил мекарданд, ба халқи меҳнаткаш, мардуми шарифи ҷумҳурӣ дилгармиву муҳаббат ва самимияте пайдо карда бошам, ба ихлосашон сарбозона ташаккур мегӯяму шукри онҳо мекунам. Ва аз райъи онҳо қадам берун нахоҳам гузошт. Вале ман танҳо ақидаи онро дорам, ки азбас дар ду майдон қувваҳои ба ҳам муқобил вуҷуд доранд ва ҳама мардуми моянд, бо мақсади нарехтани хуни касе (агарчанде, аллакай дар роҳи ноҳияи Кофарниҳон хуни мардуми вилояти Кӯлоб ҳини интиқоли хӯрок рехт) илтиҷо ва боз илтиҷо карда истодаам, то ҳалли ин масъала ба сессияи оянда гузошта шавад ва ё роҳи дигари ҳалли масъаларо ёбанд, ки ҳарду майдонро қонеъ созад».

Пас, аз гурӯҳи оппозитсия депутати дигар Ҳайдаршо Акбаров баромад карда, ақидаи маро инкор намуд ва таклиф кард, ки пешниҳоди раиси кумитаи Шӯрои Олӣ А. Ҳабибов қабули аст ва ба овоз монда шавад. «Мӯҳтарам С. Кенҷаев дар сессияи гузаштаи Шӯрои Олӣ аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонун сабукдӯш карда шуд. Ва имрӯз аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ мардум барои барқарор кардани ин беадолатию қонуншиканӣ бархестааст. Бинобар, ин, хоҳиш мекунам, таклифи раиси кумитаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Ҳабибовро дар бораи бекор кардани қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди қабули истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ мӯҳтарам С. Кенҷаев ба овоз монда шавад». Шумораи зиёди депутатҳои мӯҳтарами халқ дарк накарданд, ки дар баромаду таклифҳои А. Ҳабибов ва Х. Акбаров зери коса нимкосае ҳаст.

Бинобар ин, аз ҳар тарафи маҷлисгоҳ депутатҳо садо медоданд. «Ба овоз монда шавад», «Таклифи А. Ҳабибов ба овоз монда шавад», «Рафиқ Искандаров, чаро Шумо яктарафа рафтор карда, регламенти Шӯрои Олиро риоя намекунед! Таклифи депутатҳоро ба овоз наметонед?!...»

Сипас, раисикунанда А. Искандаров таклифи раиси кумитаи Шӯрои Олӣ А. Ҳабибовро дар бораи бекор кардани қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди аз вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ сабукдӯш кардани С. Кенҷаев ба овоз монд. Дар натиҷа, бо аксарияти овози депутатҳои мӯҳтарами халқ, ду кас муқобил, қарори сессияи 13-уми Шӯрои Олӣ бекор карда шуд ва ман боз ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор гардидам.

Шояд дар таърихи давлатдории дунё камтар сурат гирифта бошад, ки се маробита дар давоми сеюним моҳ ман ба тарзи пўшида шарафёби ин вазифаи олии давлат гардидам. Албатта, ин бадбахтй аст! Чунки аз рўи қонун ҳуқуқи талаб кардани истеъфои Раиси Шўрои Олиро танҳо депутатҳои халқи ҷумҳурй доранд, на мардуми гирдиҳамомада. Вале дарре буд, ки ҳар талаби гирдиҳамомадагон нисбати ин ва ё он роҳбари ҷумҳурй пешниҳодкарда, бе каму кост ба муҳокимаи сессияи Шўрои Олй гузошта мешуд. Қумитаи назорати конституционй ба дахон об гирифта, хомўширо афзал медонист.

Аз сари имону виҷдон шукри мардуми ҳалолкору покизарўзгор мекунам! Шукри онҳое, ки ҳоло ҳам чашми онҳоро найранги дасисакорону гўши онҳоро садои шўъбадабозон кўру кар накардааст.

Ба кори сессияи Шўрои Олй раисиро давом додам. Дар рўзномаи сессия кайҳо, ки масъалаи дигар намонда буд. Вале вазъият дақиқа ба дақиқа пуршиддату ҳассос мегардид. Бинобар ин, ба хулосае омадам, ки ба кори сессия хотима дода, депутатҳои мўҳтарами халқро сиҳату саломат ба хонаҳояшон фиристодан лозим асту коре карда, ба роҳбарони гирдиҳамомадагони майдони «Озодй» маслиҳат намуда, онҳоро низ сиҳату саломат ба хонаҳои худ гуселонидан зарурият дошт.

Бо ин мақсад ман бо депутатҳои Шўрои Олй маслиҳат кардам, ки ба кори сессия хотима диҳем, ҳар кас ба ноҳияи худ баргардаду аз паи кору зиндагй шавад. Онҳо аз ман дар кўчо будани Раиси ҷумҳур мўҳтарам Р. Набиевро пурсон шуданд. Аз рўи ахбороти ба ман расида ба онҳо гуфтам:» Мўҳтарам Р. Набиев дар тафреҳгоҳи Девони Вазирон бо роҳбарони оппозитсия дар сари миз гуфтушунид карда истодааст. Натичаи гуфтушунид ҳоло муайян нест». Ҳамон рўз Р. Набиев бо «генерали армия» қорй Қиёмиддин ҳам гуфтушуниди ғайрирасмй дошт.

Депутатҳои халқ қатъиян талаб карданд, ки аз натичаи гуфтушунид бояд онҳо хабардор гарданд ва дар чунин вазъияти хассосу номуайян онҳо ҳуқуқи маънавй надоранд, ки пойтахти ҷумҳурият — шаҳри Душанберо партофта раванд.

Сипас, дигар илоҷ набуд, депутатҳо ба ақидаи ман розй нашуданд ва то соати 10-и саҳарии рўзи дигар ба кори сессия танаффус эълон кардем. Депутатҳои халқи ҷумҳуриро, ки дар миёни мардуми вилояти Бадахшон обрўю эҳтиром доштанд, ҷамъ овардам ва бо сардории муовини Раиси Шўрои Олии ҷумҳурй А. Искандаров гурўҳи таблиғотй таъсис намудем,

то дар миёни ҷавонони Бадахшон сӯҳбат карда, онҳоро аз ақидаҳои ғаразнокашон баргардонанду бинои Раиси ҷумҳур, Девони Вазирон ва студияи телевизиони ҷумҳуриро озод намоянд. А. Искандаров ахбор дод, ки гӯё ҷавонони Бадахшон изҳори ақида намудаанд, ки дигар ба гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» ҳамкорӣ нахоҳанд кард.

Дар назди Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои олимону нависандагон ва шахсони маъруфи ҷумҳурӣ амал мекард. Худи ҳамон рӯз онҳоро даъват кардам, чӣ гуна аз вазъияти бамиёномада бе хунрезӣ баромаданро маслиҳат кардем. Бо маслиҳати онҳо асосан аз ҷумлаи шахсоне, ки ба гурӯҳи оппозитсия иртиботи наздик доранд, ба онҳо ҳамеша маслиҳат медиҳанду машварат мекунанд, миёнравонро интихоб кардем.

Бо камоли хурсандӣ Отахон Латифӣ, агарчӣ аъзои Шӯрои олимону нависандагон набуд, ба ин гурӯҳ номи худаш, Лоиқ Шералӣ, Муҳаммадҷон Шукуров ва Акбари Турсонзодро ба забон гирифт. Шӯрои олимону нависандагон ва инчунин ман бо мақсади заррае ҳам бошад ба хунрезӣ рох надодан ба чунин ҳайат розӣ шудему танҳо академик Р. К. Раҳимовро ҳамроҳ кардам. Пас, ман аз шахсони миёнрав хоҳиш ва илтичо кардам, ки тезтар бо роҳбарони оппозитсия маслиҳат намоянд. Барои нарехтани хуни мардум шахсан ман розӣ ҳастам кадом мансабе, ки онҳо хоҳиш доранд ба онҳо диҳем. Танҳо барои мансаб шуда, хуни мардумро нарезонанд, дар миёни миллати тоҷик ғавғо наандозанд, ба пора гардидани ҷумҳурии Тоҷикистон сабабгор нашаванд. Бо сабабҳои ба ман номаълум аз ин суханҳои ман Отахон Латифӣ ва Муҳаммадҷон Шукуров ранҷиданду гуфтанд: «Ин тавр нагӯед, ба ягон каси оппозитсия мансаб лозим нест, барои мансаб шуда, касе дар майдони «Шаҳидон» ҷамъ наомадааст, онҳо барои «демократия», «озодӣ» ҷамъ омадаанд».

Ба суханҳои онҳо илова намудам: «Агар барои соҳиби мансаб шудан мардумро гумроҳ карда, ба гирдиҳамоӣ даъват накарда бошанд, пас барои чӣ, барои ҳаллу фасли кадом масъала ҷамъ омадаанду мардумро рӯирост бо шиорҳои «Ё марг, ё ғалаба!» ба ҷангу хунрезӣ ва бародаркушӣ даъват карда истодаанд. Амалиётҳои онҳо ба кадом «демократия», «озодӣ» дохил мешавад? Онҳо зери кадом зулманд, ки барои озодӣ ҷанг мекардаанду хун мерезондаанд?

Охир, Шумо академики мӯҳтарам, роҳбари идеявии майдони «Шаҳидон» ҳастед?!

Барои Шумо чӣ гуна «демократия», чӣ гуна «озодӣ» лозим аст?! Агар демократия ва озодӣ вуҷуд намедошт, чӣ гуна Шумо сазовори унвонҳои олӣ мегардидед?!

Суханамро давом дода гуфтам: «Мӯҳтарам Отахон Латифӣ, боре аз рӯи инсофу адлу адолат, аз худованди карим битарседу бигӯед, ки магар амалиёти онҳо ба фоидаи халқу миллат аст?! Магар рафтору гуфтори онҳо ба ягон чорчӯбаи демократия, давлати ҳуқуқбунёд, давлати дунявӣ мувофиқат дорад?! Аз рӯи кадом қонуни башар аст? Биёед он қонунҳоро таҳлил мекунем. Марҳамат карда, ҷанобони мухолифин, бигӯед, то он ки мову мардуми заҳматкаш бифаҳмем! Вале худи Шумоён хуб медонед, ки ин рафтори оппозитсия танҳо ба фоидаи шахсони алоҳидаи ҷоҳу мансабхоҳ аст, на халқу миллати ҷумҳурии Тоҷикистон! Аз амалиётҳои онҳо бӯи хун меояд, на демократия!

Мункири бедастӯпоиҳои маъзурон мабош,
Очизон коре, ки натвон кард, пайдо кардаанд.

Ба Отахон Латифӣ ва Муҳаммадҷон Шукуров мурочиат карда гуфтам: — Ҳар касе, ки бо фикру ақидаи ғаразноки худ халқу миллатро ба шӯр оварда, авзои ҷумҳуриро номӯътадил карда, барои манфиати худаш истифода мебарад ва хуни халқро мерезаду аз хона бе хона намуда соҳиби мансаб мешавад, худо ӯро мезанад!

Аз ин суханҳои ман академик Муҳаммадҷон Шукуров бори дигар ранҷид ва хост маҷлисгоҳро тарк намояд, лекин олимон аз ҳар тараф гуфтаҳои маро дастгирӣ намуда, моро ором карданд. Чунки агарчанде ҳақиқат талх аст, вале онро бояд гуфт.

Гурӯҳи шахсони миёнарав бо сардории Отахон Латифӣ бисёр хостанд бо Раиси Ҷумҳур вохӯранду таклифҳои пешакӣ тайёр кардаи худро ба ӯ пешниҳод намоянд. Пурсидам: «Таклифҳое доред, ки аз ман пинҳон медоред?».

Муҳаммадҷон Шукуров, Отахон Латифӣ гуфтанд: «Мебахшед, Сафаралӣ Кенҷаев, таклифҳоро ба Шумо нишон дода наметавонем, онро танҳо ба Раиси Ҷумҳур Р. Набиев нишон медиҳему бо ӯ маслиҳат мекунем». Як қисми олимону нависандагон гуфти онҳоро рад карданд. «Чӣ гуна таклиф будааст, ки аз мо аъзоёни Шӯрои олимону нависандагон ва Раиси Шӯрои Олӣ пинҳон медоред».

Аз суханрониҳои Муҳаммадҷон Шукуров, Отахон Латифӣ бисёр хуб дарк кардам, ки таклифҳо аз тарафи роҳбарони оппозитсия ба назди мо омадаанд ва ҳоло гандумнамои ҷавфурӯшӣ карда истодаанд. Ва якин масъалаи асосӣ ин — истеъфои камина аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон будагист, чунки онҳо хело хуб медонистанд, ки аллакай Раиси Ҷумҳур Р. Набиев маро аз вазифаи Раиси Кумитаи амнияти миллии ҷумҳурӣ озод кардааст ва ин вазифа

Ризо Шарипович Турсуновро аз Москав оварда, таъин намудааст. Ман бояд аз ин ҷо мондаю аз он ҷо ронда шавам. Онҳо бисёр шароити хубе ба даст даровардаӣ буданд, ки бо як тир ду нишонро зада, каминаро аз сиёсат дур намоянд, то дар майдони сиёсат бе тарсу ваҳм қадамҳои худро калон-калон гузошта, ҳукмронӣ намоянд. Онҳо мунтазири ба миён омадани чунин вазъияти бисёр ҳам ба мақсадашон мувофиқ буданд.

Бо вуҷуди ин ба онҳо рӯирост гуфтам: — Агар ҷамъият ором шавад, хунрезию бародаркушӣ бозгошта шавад, ҳозир тайёр ҳастам, ки ба истеъфо равам. Чунки бисёр хуб медонам, халқ худаш довари ҳаққӯст, вазъиятро дида истода, ба ҳар фард баҳои объективона хоҳад дод, ки кӣ кӣ аст!

Сипас, ба онҳо фаҳмондам, ки ҳалли масъалаи ташкил намудани вохӯрии онҳо бо Раиси Ҷумҳур ба ваколати ман дохил намешавад, чунки Раиси Ҷумҳур мақсади бо онҳо вохӯрдан надошт. Шӯрои олимону нависандагон ва маъруфони назди Шӯрои Олӣ ба онҳо маслиҳат доданд, ки бори дигар бо роҳбарони оппозитсия ҳамсӯҳбат шуда, таклифу дархости онҳоро ба таври мушаххас гирифта, баъд бо Раиси Ҷумҳур сӯҳбат кардан ва фикру ақидаи ӯро фаҳмидан салоҳдиди ақл аст.

Бо ҳамин Шӯрои олимону нависандагон ва маъруфони ҷумҳурӣ кори худро ба охир расонид ва гурӯҳи шахсони миёнаравро барои гузаронидани гуфтушунид бо роҳбарони оппозитсия ба майдони «Шаҳидон» фиристод. Ва умедвори он буд, ки онҳо танҳо аз рӯи адолату ҳақиқат ба ҳаллу фасли масъалаҳои ба миён омада кӯмак мерасонанд. Дар он вазъият ҳар як дақиқаву соат вазъи ҷумҳурӣ тағйир меёфту муташанниҷтар мегардид. Ба ман хабар расид, ки дар қишлоқи Олий Совети ноҳияи Ленин аз майдони «Шаҳидон» гурӯҳи чавоноҷи мусаллаҳгардида, ки дар чакҳаҳои сарашон «фидоӣ», «ё марг, ё ғалаба» навишта шудааст, рафта, мошинаҳои аз аз вилояти Кӯлоб хӯрок меовардагиро боз дошта, оташ заданд, роҳи автомобилгардро канда, мардуми беяроқи онро парронданд. Хабари нохушу нанговарро шунида ба худ андешидам: «Худоё чӣ камбуде аз миллати рӯзнадидаи ман гузашт, ки имрӯз ба гузашти чаҳордаҳ қарн аввалин маротиба фазои солими ин ватани муқаддас ва бостониро ҳаёҳуйҳои авомфиребонаи мунофиқоне дар ниқоби ислом чун абрҳои заҳролуд пур аз зулмат кардаанд ва аҳли исломро бо ҳам душман сохтаанд, бо силоҳ мусаллаҳ намуда, барои куштани бародари бегуноҳи худ фиристодаанд...».

Барои муайян кардани ҳақиқат ва пеши роҳи хунрезиро гирифтан ба иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои дохилаи

Тоҷикистон полковник Абдусаттор Рачабов сим зада, ахбор гирифтанӣ шудам.

Дар воқеъ, ба он кас ин хабари нохуш расида будааст. Ман аз ӯ сахеҳии масъаларо такозо кардам. Ӯ ба ман ваъда дод, ки кормандони вазорати корҳои дохилиро равона кардааст ва пеши роҳи чунин рафторҳои авбошонаи «гвардияи миллӣ»-и майдони «Шаҳидон»-ро гирифтааст. Пас аз якчанд дақиқа боз депутатҳои халқии ҷумҳурӣ аз вилояти Кӯлоб назди ман даромада, шикоят карданд: «Он ҷо босмачигӣ, одамкушии рӯирост сар шудааст, ҳукумат вуҷуд дорад ё не?! Дар кишлоқи Олий Совети ноҳияи Ленин роҳи автомобилгардро канданд, ҳама мошинаҳои аз вилояти Кӯлоб омадагиро оташ зада, мардуми беяроқи онро, ки барои хешу ақрабои худ ба майдони «Озодӣ» хӯрок меоварданд, аз яроқҳои оташфишон парронда, кушта ва маъюб карданд!».

Боз ман барои муайян кардани ин вазъият ба А. Рачабов сим задам, вале он касро дарёфт накардам, депутатҳои назди ман истодагӣ гуфтанд: «Ба А. Рачабов сим задан хочат нест, чунки мо худамон он касро хуб мешиносем, ба он кас чанд маротиба ояди ин масъала сим зада гуфтем, ки барои пешгирӣ намудани хунрезӣ чорае андешад, вале ӯ ягон чорае наандешид, касеро аз кормандони милиса ба ҷои ҳодиса нафиристод, мою шуморо фиреб дод. Дар коргузории ӯ ва самимияте, ки ӯ нисбати давлати қонунӣ дорад, мо шубҳа дорем, ба ӯ дигар бовар надорем», Гуфтаи онҳо бори дигар маро ба шубҳа андохт, ки ба фикр фурӯ рафта, ба худ андешидам: «Наход, А. Рачабов ба мардуми вилояти Кӯлоб хиёнат кунад, охир ӯ зодаи Кӯлоб мебошад-ку! Мумкин фармони ӯро касе дар ВКД ичро намекунад?...». Аз роҳбарони ҷумҳурӣ, аъзоёни хукумат касе набуд. Ба гумонам ҳама дар канори завқаҳои худ нишаста нигарони он буданд, ки кӣ ғолиб мебарояд.

Сипас ба ҷонишини вазири корҳои дохилии ҷумҳурӣ генерал-майори милиса Абдураҳим Қаххоров сим зада, аз ӯ хоҳиш кардам, ки ҳатман ба қишлоқи Олий Совети ноҳияи Ленин кормандони Вазорати корҳои дохилиро фиристонанд, то ҳақиқати ҳолро муайян намуда, пеши роҳи хунрезию одамкуширо гиранд.

Вай дар ҷавоб гуфт:

— Ҳозир ман муайян намуда, сипас ба Шумо сим зада ахбор медиҳам.

Пас аз якчанд дақиқа ба воситаи телефон ӯ ба ман хабар дод, ки ҳақиқатан дар қишлоқи Олий Совети ноҳияи Ленин задухӯрд шуда истодааст ва ҳозир зиёда аз сад нафар кормандони вазорати корҳои дохилиро фиристодааст.

Баъд бо мақсади ин хабарро ба қозикалони ҷумҳурӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯрақонзода расонидан, то он ки пеши роҳи хунрезиро аз ҷониби мухолифин бигирад, бо телефони ҳукуматӣ ба масҷиди Ҳоҷӣ Ёқуб сим задам. Гӯшаки телефонро Отахон Латифӣ бардошт, ки аз овозаш фаҳмидам. Ҳоҷӣ Акбар Тӯрақонзодаро пурсидам, «он кас нестанд», ҷавоб дод. Пас ман ба Отахон Латифӣ худро шинос карда, задухӯрди дар қишлоқи Олий Совети ноҳияи Ленин шударо нақл кардам ва хоҳиш намудам, ки барои нарехтани хуни мардумони бегуноҳ ба ҳоҷӣ Акбар Тӯрақонзода ва ба роҳбарони оппозитсия бигӯяду аз ҷониби худ низ сари ин масъала кӯмаки хешро арзонӣ дорад. Гӯшаки телефонро гузошта, ба худ андешидам: — Ин чӣ рӯзест, ки ҳама масҷидрав шудааст мусулмонтарошӣ мекунад, майзада ҳам азон мекашад, ғару дузд ҳам, оқи падару дайюс ҳам.

Пас аз якчанд дақиқа боз ба ман хабар расид, ки дар қишлоқи Олий Совет задухӯрд давом дорад ва аз коргарони Вазорати корҳои дохилӣ барои пеши роҳи хунрезиро гирифтан касе нарафтааст. Нарзулло Дӯстов аз ҳодиса хабардор гардида, ба Сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоев сим зада, хоҳиш намуд, ки оиди бездоштани хунрезӣ дар деҳаи Олий Совет чораҳои мушаххас андешанд. Вале А. Мирзоев ба Н. Дӯстов гуфт: «Шумо ба ин корҳо овора нашавед, вақти ин корҳо нест, кӣ киро куштааст, кори ман чӣ!». Ин суханҳои сардори ҳукуматро шунида, гӯё мо кару гунг шудему садҳо сатил оби сард ба сарамон рехт, ки рехт!

Сипас, ман ба Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ дигар сим назадам. Чунки онҳо маро фиреб доданд ва суханҳои сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоевро шунида, бори дигар бовариӣ ҳосил кардам, ки зери коса нимкоса ҳаст.

Чӣ бояд кард? Ба кӣ бояд арз кард? Раиси Ҷумҳур дарёфт нашуд. Хуни мардуми бегуноҳу беяроқ бошад, барои баён намудани ақида нисбати ҳукумати қонунӣ рехта истодааст. Чӣ гуна чорахо бояд андешид?! Сарвазир, роҳбарони Вазорати корҳои дохилӣ супориши ман ва Н. Дӯстовро иҷро накарданд. Ҳамроҳи депутатҳои Шӯрои Олӣ аз вилояти Кӯлоб чун моргазида мепечидем, вале аз дастамон чизе намеомад.

Сипас, ба сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ленин, полковники милиса Ҳамза Холмӯъминов сим задам, ки ӯро хуб мешинохтам ва хоҳиш кардам, ки пеши роҳи хунрезиро дар деҳаи Олий Совет гирад. Ҳ. Холмӯъминов бо кормандони шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ленин ба ҷои ҳодиса рафта, барои мӯътадил кардани вазъият кӯмак расонид. Дар задухӯрд ӯ ҷароҳат карда, аз тири нохалафон яарадор шуда, чанде халоку захмӣ шудаанд. Шахсонеро, ки дар қишлоқи Олий Совет ҳа-

локу яродор шуда буданд, ба майдони «Озодӣ» оварданд, ки дар дохили онҳо мӯйсафедон буданд. Онҳоро дида мардум бори дигар ба шӯру ғавғо бархестанд, ҳаракати ба тарафи майдони «Шаҳидон» ҳамла оварданро пеш гирифтанд. Бо роҳи гуфтушунид ва қироат кардани сурае аз Қуръони маҷид аз тарафи Муллоҳайдар Шарифзода мардумро ба оромӣ, сабру тоқат даъват карданд, ки танҳо ба шахсияти ишон садҳо ташаккур мегӯям!

Дар бинои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ депутатҳо бесару сомон гашта буданд, аз гуфтушунидҳое, ки гӯё рафта истода буд, ҳало ягон ахбори мушаххасе набуд. Бинобар ин, депутатҳоро ба толори Шӯрои Олӣ даъват карда, кори сессияи Шӯрои Олиро давом додем. Депутатҳо хабардор буданд, ки мардуми гирдиҳамомада бинои Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, Симои Тоҷикистон, фурӯдгоҳи Душанбешаҳр (аэропорт, вокзали роҳи оҳан ва дигар нуқтаҳои асосиро бо таври зӯроварӣ гирифтанд, яъне табаддулоти давлатӣ дар бисёр нуқтаҳо кайҳо ба анҷом расидааст. Дар дигар нуқтаҳо бошад, сурат гирифта истодааст.

Гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» мақсади гирифтани бинои радиоро доштанд. Бо БТР-ҳо дар шаҳр ҳукмронӣ мекарданд. Бинобар ин бори дигар муташанниҷ гардидани вазъиятро ба депутатҳои халқ фаҳмондам ва аз онҳо илтимос кардам, ки ба бастани кори имрӯзаи сессияи Шӯрои Олӣ розӣ шаванду то давраи мӯътадилӣ, ба ҷойҳои худ баргарданд, вагарна ҳаёти шахсии онҳо дар хатар хоҳад монд. Дили онҳоро тасалло дода гуфтам, ки Шумо ором бошед, давлати конституционӣ қувваи лозимиро дорад, то ба мукобили қонуншиканону ҷиноятқорон муборизаи барад. Чунки бовариамро аз мардуме, ки савганд ёд карда, муҳофизати сохти давлати конституциониро ба ӯҳдаи худ гирифта буданд, пурра наканда будам. Афсӯс ки онҳо савганди ба халқу Ватан додаашонро чун генерал-майор Б. Раҳмонов ва полковник Миллер се талоқ карда, ба оппозитсия чанд сад силоҳ ва ҳазорҳо тирро супориданд. Ҳоло ба худ меандешидам: — афсӯс, давлат аз лӯхтаке беш набуваду мо бехабар! Онҳо ба акидаи ман розӣ шуданд. Бо ҳамин кори сессияи Шӯрои Олӣ хотима ёфт. Агарчанде қисми депутатҳои Шӯрои Олӣ норозигӣ баён карда гуфтанд, ки онҳо ба ҳеҷ кучо намераванд, ҳуқуқи пойтахти ҷумҳурӣ ва мардуми онро дар ин вазъияти муташанниҷ гузоштан надоранд, ба онҳо ман фаҳмонидам, ки бояд ҳар кас дар сари корхонаву ҷойҳои худ бошаду ба мардуми башӯромада дар ҷойҳо кор бурда онҳоро ба сулҳу салоҳ даъват намояд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, қисми депутатҳои халқ ба ноҳияҳои худ барнагаштанд, қисме ҳамроҳи мо дар Шӯрои Олӣ

монданд, қисми дигари онҳо баргашта натавонистанд. Аз тарафи оппозитсия қисми депутатҳоро дастгир карда ба қозиёт бурданд, қисми дигареро ба маҳбасхонаи оппозитсия — ба зерхонаи театри Лоҳутӣ.

Депутатҳои вилояти Ленинобод Ю. Аҳмедов, М. Орипов, М. Ситников, А. Ҳабибов, А. Муҳиддинов, С. Каримов ва дигаронро аз дохили самолёт дастгир намуда, аввал ба қозиёт, сипас ба маҳбасхонаи майдони «Шаҳидон» — ба зерхонаи театри Лоҳутӣ бурда истинтоқу таҳқир намудаанд...

Шаби чорум ба панҷуми маи соли 1992 дар утоқҳои корӣ бо депутатҳои вилояти Кӯлоб, Кӯрғонтеппа, Ленинобод ва дигар ноҳияҳо шаби ялдои интизориро ба рӯз овардем. То дамидани субҳ аз чор тараф садои автомат ва парронданди тир аз БТР ба гӯш мерасид. Аз болои бомии бинои почтахонаи марказӣ (главпочтамт), кинотеатри ба номи Ҷомӣ ва сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Ирон ба тарафи мардуми майдони «Озодӣ» аз автомат ва БТР тирпаронӣ идома дошт, ки вазъияти майдонро ноором муташанниҷ мекард. Дар натиҷаи ҳамон шаб аз гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» якчанд кас ярадор шуданд, онҳоро ба беморхонаҳо бурданд. Оху фиғони мардуми «Озодӣ» ба авҷи сурайё расид. Чунин беадолатиро дида, ҳар як фарди боақлу заковат, бориқбину ҳақиқатҷӯй ашк мерезонду ба худованди кариму раҳим муноҷот карда мегуфт: — Эй худованди мутаъол! Магар қудрат надорӣ, ки ба ин дасисабозони маккору хунхор ва нӯкарони ким кадом дастгоҳҳои тахрибкори хоричӣ зарбаи қонкоҳе бизанӣ ва Тоҷикистонро аз ин шайтонҳо дар амон нигоҳ бидорӣ?! Охир, кирдори ин авомфиребон дасисае беш нест-ку!

Саҳарии 5 маи соли 1992 аз амалиётҳои кормандони идораҳои муҳофизати ҳуқуқ ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, машварати роҳбарони гирдиҳамомадагон ва роҳбарони ҳукумат ягон натиҷаи муайяну мушаххасе набуд. Онҳо гӯё ба ягон хулоса наомада буданд. Аз қишлоқи Олий Совети ноҳияи Ленин боз як мурда ва якчанд каси парронданиро аз мардуми вилояти Кӯлоб ба майдони «Озодӣ» оварданд ва гирдиҳамомадагон ин ҳодисаро дида, аз тахти назорат баромаданд, вазъият боз тезу тунд гардид ва ба ҳукумати Раиси Ҷумҳурӣ даъвоҳо пешниҳод карданд, ки чаро ба мардумони гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» чорае намеандешанд, чаро онҳо ба бародаркушӣ даст зада истодаанд?! Қувваҳои низомии корҳои дохилии ҳукумату Раиси Ҷумҳур дар дасти кӣ аст?! Чаро онҳоро касе намебинад?! Ба чонибу фоидаи кӣ онҳо кор карда истодаанд?! Онҳо даъво мекарданд, ки мардуми майдони «Шаҳидон» бо силоҳ мусаллаҳ гардонида шудаанд ва

онҳо ҳам мусаллаҳ карда шаванд, то ин ки ба мардуми гирдиҳамодагони майдони «Шаҳидон» ҳучум намоянду касоси хуни бародарони шаҳидшудаи худро гиранд. Вазъият то дараҷае муташанниҷ гардида буд, ки касе ба касе итоат намекард, қайла аз масза гузашта, корд ба устухон расида буд. Сар задани ҷанги бародаркуш миёни ду майдон дур набуд. Гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» тайёр буданд, ки бо дасти холӣ ба мардуми майдони «Шаҳидон» ҷавоб гӯянд. Бо як илоҷе, пас аз гуфтушунидҳои дуру дароз, илтимосу илтиҷоҳо Муллоҳайдар Шарифзода, Рустам Абдураҳимов, Муҳаррама Мирзоалиева, Сангак Сафаров ва раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб Қурбоналӣ Мирзоалиев ва дигарон мардуми ба шӯр омадаро ором мекарданду аз роҳи хунрезию бародаркушӣ нигардонданд.

## ҚУРБОНИИ АВВАЛ

Аз вазъияти нохуш пайваста бӯйӣ талхи мусибати хунини гӯшношуниде шаҳодат медод. Бинобар ин ман бо Н. Ҳувайдуллоев, Н. Дӯстов, мушовири давлатии Раиси Ҷумҳур А. Ҷабборов, депутатҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ. Мирзоалиев, Ҳ. Шарифов, Муллоҳайдар Шарифзода, М. Шерализода, М. Олимов, Ф. Ниёзов, М. Муҳаммадҷонов ва дигарон ба утоқи ҷонишини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон В. И. Приписнов рафтем, чунки Раиси ҷумҳурӣ Р. Набиев баъди мухосираву забт кардани қароргоҳаш «меҳмон»-и Шӯрои Олӣ буда, дар он ҷо кор мекард. Хостем, ки ба он кас вазъияти ҳар дақиқа муташанниҷ гардидаистодаи ҷумхуриро нақл намуда, дар бораи ба Душанбешаҳр ҷорӣ намудани ҳолати фавқулодда ва соати комендантӣ маслиҳат намоем, чунки вазъият бисёр ҳам муташанниҷ гардида буд. Душанбешаҳр пурра бо зери назорати оппозиция гузашта буд. Вале мутаассифона, дар он ҷо рафиқ Р. Набиевро наёфтем. Аз гуфтаи Н. Дӯстов муайян гардид, ки гӯё он рӯз Р. Набиев бо миёнравии вазири сохтмони хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ Раҳимҷон Ғафуров дар утоқи кории ӯ бо генерали армияи мардумӣ корӣ Қиёмиддин се маротиба вохӯрӣ гузаронидааст. Чӣ масъала мавриди мухокима қарор гирифтаасту ба кадом хулоса омадаанд, ҳоло номаълум аст. Сипас, ноиби Раиси Ҷумхур Н. Дӯстов ба хонаи Р. Набиев сим зада гуфтанд: «Мӯҳтарам Р. Набиев, Шумо чӣ кор карда истодаед, мефаҳмед, ки дар ин ҷо ҷанг рафта истодааст, хуни мардумони бегуноҳ рехта истодааст, оппозиция шаҳрро зери назорати худ гирифта, дар роҳи ноҳияи Ёвону Ленин ҷанд касро парронданд. Шумо тезтар ба ин ҷо, ба Шӯрои Олӣ биёед, то ки ягон чорае андешем, пеши роҳи

хунрезиро бигирем». Дар ҳамин вақт ногоҳ садои тир ба гӯш расид. Ҳама аз тирезаи ошёнаи сеюм ба тарафи ҳавлии Шӯрои Олӣ нигаристем, ки депутати халқии ҷумҳурӣ, сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Муродуллоҳи Шерализода дар кунҷи бинои Шӯрои Олӣ аз тарафи ҳавлии Шӯрои Олӣ афтидааст. Ӯ ҳамроҳи мо буд ва кай, барои чӣ ба берун баромадааст, барои ман муаммо буд. Ҳамон лаҳза Р. Набиев омаданд, одамон бо тезӣ Муродуллоҳи Шерализодаро бардоштанд, ки аллакай ҷон ба ҷонофарин супурда буд. Равонаш пок боду манзилаш обод!

Ин ҳодисаи гӯшношунидду чашмнодидаро дида, дунё ба назарам торик гардид, худам ба мисли одами моргазида печутоб мехӯрдам.

Ростӣ, ашкам рехт, банди дилам ларзид, ҳолам дигаргун гашт, монанди одами ба оташ афтода месӯхтаму лаънат ба мансабталошон мехондам, зеро ҷавонмардеро ба мисли Муродуллоҳи Шерализода ба он қадар фарҳанги олӣ ва ширинзабони калом, маърифату маданияти бисёр фарох, ҷавонмарди асилу покиза ва сарсупурдаи миллат кам дидааму кам шунидаам, худо раҳматаш кунад. Чун инсони сиёсатмадор хело закӣ буд. Фикр мекунам, ӯ яке аз он фидоиёне буд, ки баҳри осудагиву оромӣ ва истиқлоли воқеии тоҷик умри хеш мефарсуд. Ба назар мерасид, ки аз ин мусибат, аз марги ҷавонмарди ҳақгӯёву ҳақҷӯй, покзамиру поккирдор, ки аз сад гулаш як гулаш нашукуфта буд, ҳатто шохони дарахтон ҳам гаштанду парпандагон хомӯшу лол монданд. Он шаб ҳуш аз сару хоб аз чашмони ҳазорҳо мардону занони ҷумҳурӣ, ки хайрхоҳи халқу миллати Тоҷикистон буданд, парида буд. Ин шахсият дар таърихи мардумамон ҳамчун инсони тавонову бино ва мӯнису дардошноҳи ҳамагон дар қалби авлодони миллатамон ҷовидона хоҳад монд.

Ҳеҷ гоҳ аз хотир фаромӯш нахоҳам кард, вақто ки Муродуллоҳ ба минбари сессияи Шӯрои Олӣ ё Раёсати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ мебаромад, аз он ақлу заковати фитрӣ, фарҳангу маданияти нотакрор, ёфтану ҷо ба ҷо гузоштани калимаҳо ва талаффузи сухан кас ҳаловат мебурд. Ба ибораи дигар, вай ҷони гапро мегуфт. Ӯ метавонист таваҷҷӯҳи сомеъонро ба худ ҷалб намояд. Қудрати суханро накӯ эҳсос мекард ва ба қадри сухан мерасид. Дар кадом вазифае, ки набуд, аз рӯи адолат ва садоқату масъулият сухан мегуфту кор мекард. Ҳамеша бо суханҳои бурроюу тавоно ва қалами тез ба муқобили ашхоси дурӯя, мансабпарасту мазҳабфурӯш, нопоку дасисабозон мубориза мебурд.

Муродуллоҳи Шерализода дар нутқи охиринаш, аз мич-

бари Шӯрои Олӣ чанд соат пеш аз қурбон шуданаш чунин гуфта буд:

— Ман дирӯз аз ҳавзаи интихоботиам баргаштам. Халқ ташнаи чист? Имрӯзҳо халқ пеш аз ҳама ташнаи оромиву осудагӣ, ташнаи қонунҳои одилона дар бораи замин, тартиботи ҷамъиятӣ ва интизоми давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқи инсон, молу ҳоли ӯ. Вақто ки бо мардум вомехӯрдам,— мегуфт Мурадуллоҳ,— аз ман мепурсиданд, ки чаро баъзе депутатҳо дурӯягӣ мекунанд, дар бораи ягонагии Тоҷикистон суханбозӣ менамоянду дар асл дар байни вилоятҳо ва ноҳияҳо ҷудоӣ меангезанд, фақат мегӯянд, ки роҳбарони ҷумҳурӣ ҳатман аз фалон ҷой шаванд... Бигузор шаванд,— изҳор мекард нотиқ,— агар сазовор бошанд, агар аксари мардум онҳоро қонибдорӣ намояд... Боз онҳо шарм накарда аз хусуси сарнавишти миллат суханҳо меронанд, худро ғамхору пешвои миллат мешуморанд. Аммо ҳамин, ки аз ин толор мебароянд — ин зарафшонӣ, вай бадахшонӣ, дигарашонро ҳисориву кӯлобӣ ва хуҷандиву каротегинӣ мегӯянд. То кай, ҳамватанони азиз, мазҳабсавдогариву имонфурӯшӣ мекунем?! Хато намешавад, агар гӯем, ки ҳама нобаробариҳои рӯзгори мардуми мо аз нотифоқӣ, зиёдтар аз он аз ноустуворӣ ва калавишҳои назариявӣ, сиёсӣ ва мазҳабии вакилони мардумист. Ин бештар ба роҳбарону мансабталошони мо ҳам дахл дорад. Кам нестанд онҳое, ки ба хотири мансабе як вақтҳо аз дину мазҳабашон гашта буданд ,акнун аз ақидаҳои хизбиашон даст мекашанд, барои онҳо «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» кифоя. Ибораҳои муқаддаси «қисмати миллат», «беҳбудии ватан» барои онҳо суханбозии рӯякӣ асту бас.

Вақте Мурадуллоҳ аз минбар фаромад, дӯсте аз ӯ пурсон шуд: «имрӯз хеле бо алам гап задӣ?»

— Чаро, ако, аламнок нашавам? Худатон қазоват намоед, баъзе вакилон то чӣ андоза аз ҳалли масъала канорагирӣ мекунанд, агар баромад кунанд ҳам, на аз мавқеи акли солим, роҳи дурусти ҳалли масъала, балки фақат аз дидгоҳи танги гурӯҳбозӣ, шӯҳратпарастиву худнамоӣ минбарро ишғол менамоянд. Онҳо ба танқид усто шудаанд, аммо роҳи дурусти ҳалли масъала кадом аст, парвое надоранд, ба гуфтан очизӣ мекунанд. Аксар мешавад, вакилон то қабул гардидани қонуну қарорҳо талошҳои зиёде мекунанд, беҳад тезу тунд ҳам мешаванд, аммо баъди қабул шудан он қонунҳо иҷро мешаванд ё намешаванд ба хаёли касе намерасад,— гуфта, оҳи сарде кашид Мурадуллоҳ.

Чунин буд Мурадуллоҳ ҳам дар кор, ҳам дар доираи хонавода, ҳам дар ҳалқаи дӯстону ҳамкорон. Вай атрофиёнашро беҳад дӯст медошт, чон меканд, ки онҳо хориро набинанд,

азияти накашанд. Аммо агар касе аз ҳадди одобу тамиз ва ахлоқ барояд, намебахшид, бо усулҳои мувофиқ танбеҳаш медод, аз пастиву баландии зиндагӣ, ҳастиву нестии он сабақ меомӯзонд. Борҳо аз ҳамкорону рафиқони ҳаммаслакаш шунидам, ки мегуфтанд: «Муродулло нисбат ба ҳама ҷонсӯзу ғамхору меҳрубон аст. Вале ҳаромкорҳо, дурӯяҳо, мунофиқон, дасисабозонро чашми дидан надошт ва чунин мекард, ки худашон аз нобакориҳояшон пушаймон мешуданд».

Дар мавридҳои қулай, дар сӯҳбатҳо такрори сатрҳои ҳикматангези зеринро дӯст медошт Муродуллоҳ:

Ислом ба зоти худ надорад айбе,
Ҳар айб, ки ҳаст, дар мусулмонии мост.

— Ман ин ақидаро ба аксари узвҳои фирқа низ нисбат медиҳам,— мегуфт Муродуллоҳ.— Зеро замона аз касоне қасд шуд, ки имрӯз барои улчаи ҷузъӣ шуда, дар як ақидааанду рӯзи дигар ақидаашонро тағйир медиҳанд. Одами асил барои эътиқоду ихлосаш ҷон медиҳад, мо чӣ? Имрӯз ба як сӯз рақс мекунему пагоҳ зери сози дигар юрға меравем.

Ҳар вақте бо шиносону ҳамкоронаш рӯ ба рӯ мешавам, бо як ҷаҳон афсӯсу ҳасрат Муродуллоҳро ёдоварӣ мекунанду ба қотилон нафрату лаънат мегӯянд.

Модари Муродуллоҳ имрӯз қоматхамида, оҷизу пажмурда гардида, дар кунҷи хона яккаву танҳо мондааст. Табассумҳои ширину латифаш ҳамроҳи Муродуллоҳи ҷигарбандаш дар гӯри хунук беҳаракат хобидаанд. Ӯ орому хомӯш дар кунҷи хонае, ки бо ҳазорон орзуву умед Муродуллоҳ бино карда буд, нигариста, нақши дастони ҷигарбандашро андар дару девору шифти хона мекобад. Ин оромӣ оромии ҷонкоҳ аст. Дили модар танӯраи пуроташи дарду нолаву алам аст!

Мардуми шарифу барӯманди тоҷик, «падарон»-у «модарон»-и миллат! Бигӯед, канӣ инсофу адолат?! Ку меҳру муҳаббати инсонӣ?! Оё чунин ҷаллодони силоҳбадасте, ки зери ниқоби нерӯҳои «демократӣ» ва дини мубини ислом баромад мекунанду амалиёт мегузаронанд, зодаи инсонанд?! Аз пистони модар шир хӯрдаанд?! Не, ҳеҷ гоҳ! Ба дараҷае тарбия ёфтаанд, ки барои онҳо куштани инсон як бозии муқаррарӣ гаштааст. Ба онҳо фарқ надошт, ки инсони рӯ ба рӯяш кист ва оё заррае гуноҳе содир кардааст? Онҳо бо ҷоҳилӣ, қаҳру ғазаб гулҳои сари сабади миллати тоҷикро дар айни шукуфтан решакан мекарданду бо ин амали вахшиёнаи худ мефахриданду меболиданд. Вале он кӯрдилону куррахарон дарк намекарданд, ки миллати тоҷикро даҳҳо сол ба ақиб кашида бадбахт мекунанд.

Вақто ки мо барои мансаб шуда, мардумро ба шӯр меова-

рему бо дасти худ бародарони ҳамзабону ҳамдил, ҳаммазҳабу ҳамхуни худро қурбон месозем, вақте бехтарин фарзандони миллатамонро, ки барои муттаҳидии мо шояд дар як гӯшаи танҳой бо алам шабро рӯз кардаанд, зери тиру лату кӯбу шиканча мекашем, магар бедодӣ нест? Шайтон дар мағзу пайванди мардуми мусулмон ҷой шудааст?

Ин ҳодисаи чашмнодидаву гӯшношунидаро дида, дилам зорзор бигирист, ки бигирист!!

Касе ба худ намеандешид, аз касофати фаъолияти номардонаи кадом сиёҳкорони худхоҳ шаҳри мо — Душанбе таи ду сол аст, ки ба мотамсарои шаҳидони гулгункафан гирифтор шудааст? Аз касофатии кадом ашхоси мансабталаб ва сиёсатмаобони кӯрдилу норафтароҳ аст, ки кӯчаҳои Душанбешаҳр, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурию вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб пур аз хуни инсон шудааст?!

Эй мардум! Эй мусулмонон! Чун шайтони лаин ба дили иддае аз ҳамватанони мо роҳ ёфту ба мағзу устухонашон ҷойгир шуд ва эшонро васвосӣ кард, худо накунад, ки дилҳову ақлҳои солими Шуморо низ ба шӯр биёварад. Шуморо ҳушдор медиҳам ва ин абёти алломаро пеш меоварам:

Ибни одам чист? Як мушти хас аст.
Мушти хасро як шарар аз ман бас аст.

Биандешед, эй қотилон, ки хуни ҳазорон бародарону падарон, модарону хоҳарон ва тифлакони бегуноҳи хешро бе ҳеҷ андешаю таҳлил рехтед, чароғи дили онҳоро абадӣ хомӯш кардед, тифлаконашонро ҷигарбирёну рӯсиёҳ ва бепарастор мондед, то кунун зери осмони соф байни мардум қадам мезанед Биандешед, он куштаҳо ва бехонумоншудагон чӣ гуноҳ доштанд? Магар гуноҳашон он буда, ки ҳақгӯиву ҳаққӯйӣ карда, бо азамати фитрии худ пардаи сиёҳро аз рӯи чанд ашхоси нохалафу нопок ва қаламбадастону курситалабон бардошта кӣ будани онҳоро ба халқ нишон додаанд?!

Эй нохалафон! Эй номардон! Эй куррахарон! Магар Шумо умедворед, ки орому осуда дар рӯи замин қадам мезанеду хуни касро мерезонеду боз аз ҳавои софи он нафас гирифта, айшу ишрату кайфиятатонро давом медиҳед? Не! Ин хобатонро ба об гӯед!!

Ҳеҷ гоҳ не! Ҳар амал мукофоти худро дорад!

Худои кариму раҳим, ҳакиму ҳабиб ҳамабину ҳамасанҷ аст, барои корҳои разилонаатон ҷазои сазоворе хоҳед гирифт.

Иншооллоҳ он «тӯҳфаро» парвардигор ба Шумо тақдим менамояд, маззаашро бо фарзандону дӯстонатон мечашед.

Ҳилолӣ хуб гуфтааст:

Адолат бояд ғалаба бикунад!

Кори Шумо хак аст!

Чонибдорони ҳокимияти конуни.

Аз хашми зан бихаросед, эй кӯрдилон!

Мо бо шумоем, С. Кенчаев.

Муродуллохи Шерализода ҳангоми сӯҳбат бо депутати халқи Ҷумхурии Тоҷикистон Мадиброҳимов дар маҷлисгоҳи Шӯрои Олӣ.

Муродуллохи Шерализода, намояндаи халки Точикистон, зодаи дехаи Кулолии нохияи Панчакент

$14\frac{IV}{1945}$ $05\frac{V}{1992}$

Чурабоев Холик Рахматчонович, зодаи хочагии ба номи Урунхочаеви нохияи Хучанд

$10\frac{X}{1960}$ $05\frac{V}{1992}$

Портретхои аввалин курбониён

Ҷасади шодравон Муродуллохи Шерализода

Гирдиҳамоии рӯзи 14-май 1992 дар майдони «Шаҳидон».

«Шаҳраки хаймаҳо» дар шаҳри бедарвоза. Хиёбони Исмоили Сомонӣ.

Эй шахри дилогох, чарогох кй кардат?!

Огози харобкорихо.

Фиребхурдагон аз тарси силох дар майдон карор доранд.

Мучохид ё рэкет?!

Лаҳзае аз маросими устувор кардани парчами Ҳизби наҳзати ислом дар майдони «Шаҳидон».

Нуфузи силохбадастон дар майдони «Шахидон» меафзояд ва табаддулоти давлатиро метезонад.

Музди майдонидаги соатбайъ аст.

Моро ба ҷафо кушта пушаймон шуда бошӣ,
Хуни дили мо рехта ҳайрон шуда бошӣ.

Худоё, ин чӣ гуна фитна, ин чӣ шӯр буд, ки байни як миллати бисёр хам кӯчаку рӯзнодидаи ман офат омад, фарзандони бехтаринашро чун Муродуллохи Шерализода аз миён бурд, модарону падаронро ашкрезону ҷигарбирён намуд. Фарзандону ҷигарбандон агар чӣ шеърдӯст буданд, на шеърнавис, ғаму андӯх меҳру муҳаббат ба қиблагоҳи худ, беадолатию ноинсофӣ онҳоро бар он дошт, ки қалам ба даст бигиранду нисбати падарони меҳрубони худ шеър нависанд. Ба ҳасрати тамом ва меҳри пок нисбати ҷавонмарди ҳақикӣ — Муродуллохи Шерализода шеъри иншо намудаи ҷигарбанди Ӯ Эраҷҷонро чун нишонаи ҷигарбирёнихои авлодон меорам:

## ДАР СӮГВОРИИ ПАДАРАМ

Ай рӯҳи равон, зи тан рамида рафтӣ,
Чун боди сабо даме вазида рафтӣ,
Аз ҷоми аҷал чу чуръае нӯшидӣ,
Мастона сӯи аҷал давида рафтӣ.
Дар лонаи ғам нихода чӯҷаҳоят,
Ай мурғаки паршикан, парида рафтӣ.
Аз тири ҷафои душмани бешафқат,
Ту синашикофу саркафида рафтӣ.
Гулшан зи сафои дил намуда ҳар ҷо,
Гулдастаи бахти худ начида рафтӣ.
Момо магарат надода шири серӣ,
Хуни ҷигари худат макида рафтӣ.
Чун оҳуи чусти сайди ночавонмард,
Накши кадамат ба кӯҳ кашида рафтӣ.
Парда бикашад ба чашми котилонат,
Хуноба, ки аз барат чакида рафтӣ.
Алхамдулиллох бихиштии падарҷон,
Покизагухар будӣ, хамида рафтӣ.

Эраҷи Муродуллохи **ШЕРАЛИЗОДА**,
5—6 маи соли 1992, Душанбе — Кулолӣ.

Ҳар соату хар дакика марги инсони бохираду хакгӯй ва ҳақҷӯ Муродуллохи Шерализодаро пеши назар мебиёраму ба худ меандешам: — оё ман гунаҳкори марги Муродуллоҳҷон набошам? Чунки хамон рӯз Муродуллоҳҷон ҳамеша бо ман буд ва бисёр монанд будем. Бағайр аз шабеҳи ҷисм боз бо сару либос хам монанд будем. Дар тани ӯ костюми сиёҳи рахдор, куртаи сафед ва галстуки сиёҳи холдор буд, ки айнан дар тани ман низ чунин либосхо буд. Шояд он душмани қаттоли хунхор касди ҷони ман дошту тир синаи бародари манро чок намуд, ки чигари маро пора-пора кард.

Зикри хайрашро наслхои ояндаамон бар сари забонҳо хо-

ҳанд бурд. Охир, тире, ки дили ӯро кишофид, ҷигари наслҳоро хоҳад сурох кард, чунки ин гуна инсони дардошнову соҳибхирадро камтар ёфтааму бештар ҷуста. Ҳеҷ кас набояд фаромӯш кунад, ки чархи гардун ҳаргиз бесарпараст нест, қавитарин ва нишонрастарин силоҳ оҳи мардумон аст, оҳи мазлумону бенавоён ва ранҷурон, ки тавоне дорад ҳамагуна мансабталошону фитнагарон ва моҷароҷӯёни миллатро, ки хиёнате ба халқу Ватан кардаанд, ба хок яксон гардонад.

Бингаред чӣ сон Бедили ҳақиқатнигор аз умқи қалби шафқатпарвараш ин мисраҳои ахтардиҳандаро ба самъи мо расонида, таваҷҷуҳамонро ба ин нукта ҷалб намудааст:

Алҳазар аз фитнае, к-аз табъи мардум гул кунад,
Иттифоқи ин ғубор аз барқ ҳам вазнintар аст.
Аз ҳуҷуми оҳизон ғофил набояд зистан,
Мӯри мискин ҳар куҷо ҷӯшида бо ҳам, аждар аст.
Имтиёзи неку бад маҳз аст дар ҷӯши амал,
Чун баланд афтод оташ хушку тар хокистар аст.

Худоё, кош ин миллати меҳнатрӯзӣ, ки муште дасисабозону ҷоҳталабон аз номаш гулӯ даронида, хешро фарзандони «содиқаш» қаламдод менамоянду агар сӯзан гирифта ботинашонро ковӣ ғайр аз ҷаҳлу нодонӣ, кӯрдиливу мардумфиребӣ ва шайтониву рӯбоҳӣ чизи дигареро нахоҳӣ ёфт, зумраи муродуллоҳҳоро ба бор меовард. Вале бисёр афсӯс ва бисёр дареғ, ки ин тавр нест дар ин рӯзгори нобасомон, ки саг соҳибашро намеёбаду акка аз хиромидани кабк рашк мебарад, чуғз аз булбул кина мечӯяд. Танҳо бо надомату ҳасрат ёдовар мешавам, ки:

Булбул ба боғу чуғз ба вайрона мондааст,
Ҳар кас ба ҳасби ҳиммати худ лона мекунад.

## ТАДБИРИ БАРБОДРАФТАИ ПРЕЗИДЕНТ

Пас, ҳама аз ин гуна ваҳшоният ба изтироб омада, аз Р. Набиев қотеъона талаб карданд, ки хуни мардуми бегуноҳ рехта истодааст, чаро он кас барон ургонҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва зидди ҷиноятқорӣ, пеш гирифтани хунрезӣ, ба итоати як кас додани қувваҳои мавҷудаи ҳукумат, барҳам додани парокандагӣ фармонро дар бораи эълон кардани ҳолати фавқулодда ва ҷорӣ кардани соати комендантӣ дар Душанбешаҳр имзо намекунанд. Р. Набиев чун пештара ба роҳбарони Вазорати корҳои дохилӣ муроҷиат карда мепурсид: «— Қувва хаст-мӣ?» Онҳо ба монанди «партизан на допрос» чизе намегуфтанд. Сипас, мо, ҷамъомадагон ба ӯ гуфтем: «Раҳмон

Набиев, дигар илоҷе надоред, давлататон аз даст рафта истодааст, онҳо тайёранд, ки пагоҳ мову Шуморо сар зананд, бо ҳамин фориғболию мусоҳилакорӣ ба ин рӯзи бад расидем, хуни мардуми бегуноҳ рехта истодааст. «Меомӯзем», «фикр мекунем» ҳам андоза доштагист?!»

Вазъиятро дида, Раиси Ҷумҳур ба хулосае омад, ки дигар илоҷе надорад. Вазъияти шаҳри Душанбе, як қисми ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз зери назорат баромада, ба таҳти назорати оппозиция гузаштааст, хуни мардуми бегуноҳ рехта истодааст. Бинобар ин, ӯ ба ноиби худ Н. Дӯстов мурочиат карда гуфт: «Фармон дар дасти кист?! Онро тайёр кунед!»

Нарзулло Дӯстов ба вай нигариста посух дод: «Раҳмон Набиевичи мӯҳтарам, фармон дар бораи эълон кардани ҳолати фавқулодда ва соати комендантӣ дар шаҳри Душанбе чанд рӯз аст, ки тайёр асту ба имзои Шумо мунтазирӣ мекашад. Агар лозим донед, ҳозир ба Шумо онро мерасонам».

Бо фармоиши Н. Дӯстов шӯъбаи ҳуқуқию маъмурии Девони Вазирони ҷумҳурӣ А. Д. Серебняков лоиҳаи фармонро оварда. Аввал онро роҳбарони ургонҳои муҳофизати ҳуқуқ ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ-Қумитаи амнияти миллӣ, Раиси Шӯрои Олӣ, идораҳои харбӣ имзо карданд ва баъд Раиси Ҷумҳур имзои худро гузошт. Агарчанде мувофиқи модаи 99 Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори сессияи Шӯрои Олӣ ва Қонун дар бораи таъсис намудани идоракунии Президентӣ дар ҷумҳурӣ, ки дар сессияи чаҳордаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 мая соли 1992 бо мақсади мӯътадил гардонидани вазъи сиёсии ҷумҳурӣ ва ба даст даровардани ваҳдати миллӣ қабул карда шуда буд, эълон кардани ҳолати фавқулодда ва соати комендантӣ танҳо ба ваколати Раиси Ҷумҳур дохил мешуд. Аз ин сабаб ҳоҷат барои ҷамъ кардани имзои дигар кормандони масъул, аз ҷумла Раиси Шӯрои Олӣ набуд, вале бори дигар онҳоро вазифадор мекард, ки иҷрои фармонро таъмин намоянд. Албатта чунин намуди кордонию корбариро ҳам донистан лозим аст, ки ба танӯри оташ равию насӯзӣ ва ба дарёи пурталотуми ваҳшатҳо мӯза накашида дароиву хушку хушнуд ба соҳили мурод бирасӣ!!

Сипас Раиси Ҷумҳур фармонро имзо кард. Масъалаи ба вазифаи коменданти Душанбешаҳр таъин кардан аз чӣ сабаб бошад, ки боиси баҳси тӯлонӣ гардид. Мувофиқи Қонуни Асосии Ҷумҳурӣ ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ ба зиммаи Вазорати қорҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Аз рӯи қонун бояд иҷрокунандаи вазифаи вазири қорҳои дохилии ҷумҳурӣ полковники қорҳои дохилӣ Абдусаттор Раҷабов коменданти Душанбешаҳр таъин мешуд.

Вақто ки ба ин вазифа номи ӯро гирифтанд, авзои А. Раҷабов бечо шуд, чун мурғи посӯхта дар ҷояш истода натавониста, зорию илтичо мекард, ки ӯро ба ин вазифа таъин нанамоянд. Вале барои исботи фикраш ягон далели боварибахш пеш намеовард.

Изтироби А. Раҷабов афзун ва хаёлаш парешон буду гӯё, ки соатҳои охирини умраш бошад, аз табларза дандон ба дандон мезад. Он дабдабаву суханварӣ, нишасти Сӯҳробу Сиёвушвори ӯро ҳангоми ба вазифаи ҷонишинӣ аввал, сипас иҷрокунандаи вазифаи Вазири корҳои дохилии ҷумҳурият таъин шуданаш пеши назар овардам.

Он рӯз Абдусаттор Раҷабов тамоман дигар хел буд. Худро бисёр ҳам ҷасуру доно, мутахассиси соҳаи худ мешумурид, тайёр буд, ки худи ҳамон рӯз ба кори Вазорати корҳои дохилӣ тағйиротҳои ҷиддие ворид кунаду ситораро аз осмон биканад. Сарвазири ҷумҳурӣ Акбар Мирзоев ба ҷасурию кордонии ӯ ҳамагонро бовар кунонида гуфт: «Абдусаттор Раҷабов на танҳо аз ӯҳдаи ҷонишинӣ, балки боз аз иҷрои вазифаи вазирӣ ҳам хуб мебарояд!» Яъне, аз тарзи суханронии А. Мирзоев пурра дарк карда мешуд, ки масъала ҳал гардидааст... Ин фикрро худи Раиси Ҷумҳур ҳам тасдиқ кард. «Азбаски ман ва Нарзулло Дӯстов бо Абдусаттор Раҷабов пеш шиносой надоштем ва ҳамроҳ кор накарда будем, ба гуфтаҳои А. Мирзоев бовар намудем».

Аз суханрониҳои онҳо возеҳ дарк намудам, ки дар асоси хулосаи санҷиши Кумитаи Шӯрои Олӣ оид ба қонуният, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ ва дида баромадани муроҷиати шаҳрвандон, ки якҷоя бо кормандони Вазорати корҳои дохилӣ ва прокуратураи ҷумҳурӣ, аз рӯи шикоятҳои кормандони ВКД дар давоми ду моҳ гузаронда шуда буд, бояд Навҷувонов М. аз вазифаи Вазири корҳои дохилии ҷумҳур сабукдӯш карда шавад ва дар оянда ба ҷои ӯ А. Раҷабов таъин гардад.

Ин фикрро рӯзи дигар баъди муҳокима дар Раёсати Шӯрои Олӣ, дар сӯҳбати хоса худи М. Навҷувонов тарафдорӣ карда изҳори ақида намудз буд, ки аз муовинҳои ӯ. А. Раҷабов аз ӯҳдаи иҷрои вазифаи Вазири корҳои дохилии ҷумҳурӣ баромада метавонад, А. Қаҳҳоров бошад, камбудии зиёде дорад.

Аз ин сабаб хоҳиш карданд, ки масъалаи ВКД ҷумҳурӣ мавриди баррасии Раёсати Шӯрои Олӣ гардад, чунки М. Навҷувонов ба осонӣ ва оромӣ аз вазифа рафтан нахост. Ва бе розигии роҳбарони оппозитсия наметавонист, ки бо хоҳиши худ ба истеъфо барояд. Ин ба касе пӯшида набуд. Ва дар асоси қарори якҷояи Ҳизби Наҳзати ислом, Ҳизби Демократ,

ҳаракатҳо ва ҷунбишҳои мардумии «Растохез», «Лаъли Бадахшон», «Носири Хисрав» бояд, ки 12-апрели соли 1992 дар Душанбешаҳр гирдиҳамоии ғайриқонунии умумиҷумҳурӣ баргузор мегардид, ки дар он масъалаи содир намудани табаддулоти давлатӣ гузошта мешуд. Бинобар ин дар мансаби вазири корҳои дохилӣ мондани М. Навҷувонов барои оппозитсия чун обу хаво лозим буд, чунки ӯ зархариди дасти онҳо буд. Аз ин сабаб роҳбарияти ҷумҳурӣ аз пай он шуд, ки ҳарчӣ тезтар М. Навҷувонов аз сари қудрат дур бигардаду дар кори ВКД тағйироти куллӣ ба амал ояд. Аз тарафи дигар, маслиҳат шуда буд, ки гуноҳи М. Навҷувонов ба воситаи оинаи нилгун ба халқи ҷумҳурӣ фаҳмонда дода шавад, то он ки мардум бифаҳманд ӯ чигуна гуноҳҳо доштааст ва дигар ба фиреби ҳар касу нокас ба майдон ҷамъ наоянд, гирдиҳамоӣ нагузаронанд. Ман, ки дар рӯҳияи ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ тарбия ёфтааму кор кардаам ва ҳама чизро дар тарозуи адолату қонун баркаш намудаам, ҷиҳати таҳтонӣ доштани масъалаҳо ба назар нагирифта онро ба муҳокимаи раёсати Шӯрои Олӣ гузоштам.

Агарчӣ ман ҳам метавонистам ба ҳамаи он чашм бипӯшам, монанди дигарон аз об хушк бароям, вале ман имондорам, ҳуқуқшинос ҳастам, ҳеҷ гоҳ сиёҳро сафед нагуфтаам ва нахоҳам гуфт. То он даме, ки худои раҳиму карим ҷони покро дар ҷисми ман ҳифз доштааст, барои раҳонидани ҷамъият аз ҳаргуна ноҷавонмардию фиребу дасиса ва қаллобиву ҳаромхӯрӣ мубориза мебарам... Вале, бори дигар имондорона тасдиқ менамоям, ки дар давоми ду моҳ аз тарафи шахсони масъул, кормандони додситони ҷумҳурӣ, ВКД, мутахассисони чандин вазоратҳо бо роҳбарии мутахассисони калони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи шикоятҳои ворид гардида санҷиши ҳаматарафа гузаронида шуда буд, ки аз рӯи хулоса ва далелҳои кофӣ ҷамъоварида камбудӣ, бемасъулиятӣ ва хунукназарӣ дар фаъолияти кории М. Навҷувонов исбот гардида буд. Пеш аз ба муҳокимаи Раёсати Шӯрои Олӣ баровардан ҳар як банди хулосаи комиссияро бо далелҳои мавҷуда муқоиса намуда ба М. Навҷувонов нишон додам. Аз ин рӯ гуноҳи ӯ пурра тасдиқ гардида буд. Ва инро худаш ҳам инкор намекард. Охир, Вазорати корхои дохилӣ ва роҳбари он чӣ гуна камбудиҳо доранд, халқ медонад. Чи тавре ки мегӯянд, он чӣ ки аён аст, ҳочат ба баён нест... Барои сазовори ҷазо гардидани Навҷувонов, ки ӯ аз иҷро кардани қарори Раёсати Шӯрои Олӣ дар бораи конуншиканиҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа худсарона беэътиной кард ва ба зинаҳои поён расидани интизом миёни кормандони ВКД, зиёд гардидани чиноятқорию бесарусомонӣ кам набуд. Магар аз рӯи инсоф буд, ки дар

давоми ним соли гузашта 139 автомашинаи ВКД-ро бо нархи арзон ба мардум фурӯхтааст. Агар нархи кӯҳнаи автомашинаи Газ-24 16 ҳазор сӯм буд, 32 ҳазор сӯм шуд. Вале, аз ҳисоби нархи кӯҳна, яъне як автомашинаи «Волга»-ро қисмҳои эҳтиётии нав гузошта аз 2000 то 4000 сӯм фурӯхтаанд. Ҳол он ки тамоми кормандони шӯъбаҳои милиса чор мезананд, ки ба мақсади самаранок бар зидди чиноятқорону вайронқунандагони тартиботи ҷамъиятӣ мубориза бурдан мошинаи хизматӣ намерасад. Ҳозир чумҳурӣ ин гуна мошинаҳоро ба даҳҳо миллион сӯм ҳам харида наметавонад...

Магар ин хиёнат ба давлат набуд? Аз кадом ҳисоб М. Навчувонов дар шаҳри Душанбе соҳиби се дар хона (ҳар яке аз се то панҷ ҳуҷра), ду истироҳатгоҳ (дача) ва хонаи сеошёнаи шахсӣ гардидааст? Чӣ гуна ва аз кадом ҳисоб комичроияи шаҳри Душанбе бе бозгашт ба ӯ зиёда аз даҳҳо ҳазор сӯм пул додааст?! Чӣ гуна ӯ УАЗ-468 ВКД-ро ба номи худ гузаронида шахсӣ кардааст?!...

Бояд ҷавонмардона бигӯям, ки ба мардуми Бадахшон ягон зиддияте надоштам, бо ҳаман онҳо дӯсту бародар будам ва ҳоло ҳам ҳастам. Бисёр бадахшониҳое, ки ба ман аҳди бародарӣ доштанд, доранду имрӯз ҳам омада маро хабар мегиранд. Ба М. Навчувонов ягон ғаразе надоштам ва итминон дорам, имрӯз ҳам надорам. Дар кучое кор накарда бошам, танҳо аз рӯи ҳақиқат кор кардаам. Агар бародарам гунохе содир намояд, тайёр ҳастам, ки ҷазоашро бигирад. Дар ҳамин рӯҳия тарбия ёфтаам, танҳо роҳи ростро эҳтиром мекунам... Ва М. Навчувонов бояд ҳақиқатро мефаҳмиду камбудии худу дигаронро дарк мекарду ба гардан мегирифт ва барои ислоҳашон чораҳо меандешид. Бо ин роҳ метавонист аз гирдоби мафияи оппозитсия барояду дар забони мардум ба номи нек монад:

Ба пиндори ман ин ҷангҳо ногузир вокеъ мешуд, чунки оппозитсия солҳо ба ин тайёрии ҷиддӣ дида буд. Он гоҳ М. Навчувонов дар назди мардум рӯсиёҳ намегашт. Афсӯс ки ин тавр нашуд... Вале дар як муддати кӯтоҳ бар ивази кулфату бадбахтиҳои зиёде, ки сари мардуми бенавои чумҳурӣ гардон шуд, худи ҳаёт собит намуд, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории мо, ки дифои ҳаёту мамоти мардумро ба ӯҳда дорад, то ба чӣ андозае фалачу корношоям шудааст. Зиёда аз ин, магар метавон дар ҷомеаи солиме, ки сохторҳои ҳуқуқмуҳофизатии давлаташ аз ӯҳдаи таъмини осоиши мардум мебароянд, тасаввур кард, ки садҳо яроқи ба кормандони умури дохила вобасташуда ба дасти авбошу чиноятқорон гузарад. Вақте шахсоне, ки дар мақомоти зикршуда ифои вазифа мекунанду савганди ба халқу Ватан додаашонро бо чунин хун-

сардиву беҳаёии гӯшношунид поймол мекунанд, бадбахтие ав ин зиёд оё мешавад?

Ҳолатҳои зиёдеро ёдовар метавон шуд, ки кормандони умури дохила аз рӯи ғараз ба савганди додаашон ба халқу Ватани хеш хиёнат кардаанд. Чунончӣ, 5 июли соли равон капитани хизмати дохила, сардори қисми навбатдории управленияи корҳои ислоҳии ВКД Усмонҷон Комилович Юсуфов дастгир шудааст, ки ҷанде пеш 2 автомату ҷиҳози лозимаи онро дуздида буд. Барои истифодаи киҳо ин силоҳ лозим буд? Магар силоҳе, ки бад-ин тариқ ба дасти ҷиноятқорон афтидааст, то ба ҳамин рӯз ҳуни одамони бегуноҳро намерезонад?

Агар бенизомиву футур дар мақомоти умури дохилаи ҷумҳурӣ ба авҷи аълояш намерасид, магар дар рӯзи равшан дар яке аз кӯчаҳои серодами пойтахт разилоне ҷанд ҳаёти Додситони Кулли ҷумҳуриро қатъ мекарданд?! Чӣ тавр метавон, пас аз ин кафолати бехатарии мардумро дод?! Ва, ниҳоят, барои тасдиқи хулосаҳои Раёсати Шӯрои Олӣ мавриди муҳокимаи фаъолияти М. Навҷувонов ба шахсоне, ки бериё ва ба хотири гумроҳ кардани мардум аз хусуси «говсуд намудани» ин шахс ҷор мезананд, боз чӣ гуна далел лозим аст? Оё барои камбудиҳои ҷиддӣ ба таври бояду шояд ҳаллу фасл накардани масъалаи дар вазифааш нигоҳ доштани сардори Управленияи умури дохилаи вилояти Кӯрғонтеппа Ш. Маҳрамов аз М. Навҷувонов домангир шудани Раёсати Шӯрои Олӣ аз рӯи хусумат буд? Амри воқеъ ин аст, ки ҳақиқатро пинҳон доштан натавон. Пас, хусумат на, кӯшише буд баҳри беҳбудии фаъолияти мақомоти давлатӣ, пурсише буд аз ноҳҳдабароиву бемасъулиятӣ, пешгирие буд аз харобии сохтори муҳими ҳукуматӣ. Вагарна, пас аз сипарӣ шудани муддате худи мардум аз бесалоҳиятии ургонҳои дохила ба дод омада, ав вазифа сабукдӯш кардани Маҳрамовро ба исрор тақозо намекард ва ин ба яъсу навмедии бо оҳу шеван олуда амалӣ намегардид.

Қори давлатдорӣ ҳамин аст. Вақте чунин мақомоте, ки ҷони вазифааш дифои бехатариву осоиши мардум буда, ба хотири «дирмократия» хештанро барканор меандозад, одамон маҷбуранд баҳри ҳимояи хеш силоҳ ба даст бигиранд!

Имони комил дорам, агар тан солҳои охир ургонҳои умрн дохилаву амнияти давлатӣ дар асл роҳбарони кордону ғамхор медоштанд, чунин қисмати талх насиби мардуми азияткашидаи сарсахтамон намешуд. Бечуръатӣ, ноҳҳдабарой ва бемасъулиятии онҳоро маҳз сабабгори муқовимати шадиду душманигарии маҳалҳои ҷудогона, ки ба хунрезиву кушокушӣ табдил гардидааст, медонам. Агар роҳбарони ургонҳои ҳифзи ҳуқуқ, мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва таъмини бехатарии

ҷумҳурӣ ба Ватани худ, ба халқи он содиқ мебуданд, ба роҳи ҳиёнату разолат намерафтанд, чӣ гуна оппозитсия дар давоми 15 сол тайёрӣ медиду силоҳ ҷамъ меовард, ки касе хабардор намешуд?! Охир, пӯшида набуд-ку, дар хонаи ҳар як мухолиф силоҳ буд. Боз чӣ гуна силоҳ? Силоҳҳои хориҷӣ...

Охир, чаро Бадахшон кӯҳистон будааст Ҳисору Зарафшон не? Фикр мекунам, ки ин ҳама суханҳои сохтаю бофтааст. Имрӯзу фардо камбудию норасоиҳои ВКД пеши назари М. Навҷувонов гузашта истодаанд.

Азбаски М. Навҷувонов бо маслиҳати роҳбарони оппозитсия омодагии амику мустаҳкам дида будааст, дар маҷлиси Раёсати Шӯрои Олӣ дилпурона, «ҷасурона» чӣ тавре ки мегӯянд, беҳтарин ҳимоя ҳамла кардан аст, яку якбора ба ҳамла гузашт, суханҳои ноҷою нораворо истифода бурда ба ҳиссиёти маҳалгароии мардум маводи нафтӣ пошид. Ҳақ ба ҷониби кӣ аст, вақту таърих нишон медиҳаду худи халқ баҳо медиҳад ва аллакай баҳо дода истодааст. Ҳар як фард дар он сурат сазовори номи ҷавонмард мегардад, ки агар пастию баландии ҳаётро дида гуноҳи худро ба гардан гирифта тавонад...

Аз мухокимаи масъалаи М. Навҷувонов Сарвазир А. Мирзоев хабардор буд. Пешакӣ ману Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ӯро огоҳ карда будем, ки ҳатман бояд дар маҷлиси Раёсати Шӯрои Олӣ иштирок намояд ва фикру ақидаи худро оиди аъзои ҳукумат, Вазири корҳои дохилӣ рафиқ М. Навҷувонов иброз намояд. Аз тарафи дигар, хулосаи санҷиш оиди М. Навҷувонов ба ахбори Раиси ҷумҳур Р. Набиев, ноиби ӯ Н. Дӯстов ва Сарвазир А. Мирзоев расонда шуда буд. Раиси Ҷумҳур ваъдаи қатъӣ дод, ҳамон соате, ки Раёсати Шӯрои Олӣ муҳокимаи масъалаи М. Навҷувоновро ба охир расонида қарор қабул менамояд, фармони аз вазифа сабукдӯш намудани ӯро имзо намуда ба ахбори умум месупорад. Хулоса, мо ки дар остонаи сиёсат акнун қадам гузошта будем, ба гуфтаҳои шахсоне, ки дар сиёсат гурги борондида буданд, бовар кардем. Вале бехабар будем, ки яке бар дигаре чоҳ мекобад...

Дар маҷлиси Раёсати Шӯрои Олӣ А. Мирзоев ва Н. Дӯстов даъват шуда буданд ва ваъда дода буданд, ки ҳатман иштирок мекунанд. Рӯзи маҷлиси Раёсат Н. Дӯстов ба ноҳияи Шаҳритус барои ҳалли ҷанҷол миёни раиси комиҷроияи ноҳия ва якчанд роҳбарони хоҷагӣ рафт. А. Мирзоев бошад, шабона худро бемори бистарӣ сохта хешро ба беморхонаи ҳукуматӣ гирифт, баҳонаҷӯи карда, худро канор кашиду ҷонишинаш Саидмуродов Ҳ. С. иштирок намуд. Бубинед, Раиси Девони Вазирон вақте қисмати вазир ҳал мешуд, дар маҷли-

си Раёсат иштирок накард, ба ҷои ӯ муовинаш омад. Мувофиқи ваъдаю қавл соати 10 саҳар Раёсати Шӯрои Олӣ муҳокимаи масъаларо оид ба ВКД ҷумҳурӣ сар карда, соати $11^{20}$ дақиқа хотима дод. Ва соати 12 қарори Раёсати Шӯрои Олиро ба Р. Набиев фиристондам, сипас ба ӯ сим зада нисбати суханронии М. Навҷувонов хабар дода, ба имзо расидани фармонро пурсон шудам. Раиси ҷумҳур гуфт: «Фармон ҳозир ба имзо мерасад». Ҳамон рӯз бегоҳ мешуд, хабаре аз фармон дар бораи аз вазифа сабукдӯш намудани М. Навҷувонов набуд. Сипас ба назди Р. Набиев рафтам, ки дар утоқи кориаш Н. Дӯстов, Н. Ҳувайдуллоев, А. Абдуллоҷонов ва чанд каси дигар, ки исми шарифи онҳоро фаромӯш кардаам, ҳузур доштанд. Ман аз Р. Набиев нисбати ба имзо расидани Фармон дар бораи аз вазифа сабукдӯш намудани М. Навҷувонов пурсон шудам. Он кас дар ҷавоб гуфтанд: «Чаро М. Навҷувонов пас аз маҷлиси Раёсати Шӯрои Олӣ ба назди ман наомад ва ким-кӣ хабар дод, ки гӯё ӯ варақаи беморӣ кушода ба хонааш рафтааст». Аз суханронии Раиси Ҷумҳур дарк кардам, ки зери коса нимкосае ҳаст». Ба ӯ гуфтам». «Раҳмон Набиевич, чаро М. Навҷувонов ба назди Шумо наомадааст ва барои чӣ ба назди Шумо меомадааст, ба ман торик аст. Вале аз рӯи қонун имрӯз метавонед, ки Фармонро имзо намоед, чунки то соати 12 рӯз М. Навҷувонов дар Раёсати Шӯрои Олӣ буд».

Суханҳои маро Абдумалик Абдуллоҷонов дастгирӣ карда гуфт: «Раҳмон Набиев, шумо Раиси Ҷумҳур ҳастед, касе ҳуқуқи муҳокима кардани Фармони шуморо надорад, бо вуҷуди он М. Навҷувонов то соати 12 рӯз дар Раёсати Шӯрои Олӣ буда, баъд ба вазорат рафтааст. Муносибати М. Навҷувонов ба ВКД, ба ҳукумати имрӯза чӣ гуна аст, ҳоҷат ва баёнот нест. Бинобар ин, фармонро имзо намоед». Ба ҷасурию мардигарии А. Абдуллоҷонов қоил шудам, ки суханашро натарсидаю навоҳмида гуфт. Р. Набиев риштаи суханро ба дигар ҷо тоб дода, гуфт: «Як омӯзем». «Реакция нашавад. Реакция». Алқисса, рафтори нобихрадона карда, каси дигарро фиреб дода, ба оташ партофтан ва худ аз миёни обу оташ чун мусичаи бегуноҳ баромаданро донистан даркор будааст. Бадбахтона, ин ҳам «фаросатмандиву сиёсатмадорӣ» будааст, ки онро омӯхтану истифода кардан корест бароям қабеҳ ва ноҷавонмардона! Ба чунин сиёсат, ба чун фаросат, ба чунин ҷавонмардӣ, рости гап, ҳайфам меояд! Ҳеҷ гоҳ аз рӯи фиреб, номардӣ нон нахӯрда будам ва нахоҳам хӯрд!..

Некномию неккомии худро аз бадномию бадкомии каси дигар начустаам, нахоҳам ҷуст ва ҳазару парҳез дорам, ки дорам!

Охир, ягон хешованд ё дӯсте надоштам, ки талабгори вазифаи вазири корҳои дохилии ҷумҳурӣ бошад?

Охир, ба вазифаи вазири корҳои дохилӣ номзадии А. Раҷабов гузошта шуда буд-ку? Аз ин ҳодисаҳо пеш ӯро намешинохтам.

Пас, ҳақиқати талхро ба фаросати худи хонанда ҳавола мекунам, то ба худ биандешанд, ҳодисаҳои рӯйдодаистодаро таҳлил намуда, баҳои мантиқӣ диҳанд, ки чаро дар гирдиҳамоии якуниммоха ва то имрӯз гурӯҳҳои оппозитсионӣ боре ҳам номи сарвазир А. А. Мирзоевро ба ёд наовардаву нагирифтаанд, истеъфои ӯро напурсидаанд.

Оё А. Мирзоев аз дигар роҳбарон босаводу бохирад, кордону сарсупурдатари миллат буд?

Оё бо сарварию кордонии Акбар Мирзоев иқтисодиёти ҷумҳурӣ баланд рафта буду зиндагии мардум беҳ?

Не, ҳеҷ гоҳ!..

Вале бартарии ӯ он буд, ки вазъияти ҷумҳуриро ба фаҳмиши нотавонаи худ баҳо дода, бисёр чоллусона ба осиёби оппозиция об рехту мунтазири он буд, ки бе мехнат ганҷ баддаст биёварад.

Хайхот, фиребгар ба фиреби худо гирифтор гардид...

Алкисса, агар кас ин вазъияти ба миён омадаро таҳлил намояд, бе ягон мушкилӣ ба хулосае мебиёяд, ки дар ҳаёти «вазир»-и корҳои дохилии ҷумҳурӣ Абдусаттор Раҷабов дар ин муддати бисёр ҳам кӯтоҳ тағйироти чиддӣ ба миён омадааст. Он ҳавою ҳаракат, он ҷасурию кордонӣ дар рафтору кирдори ӯ дида намешуд. Ба мо номаълум буд аз чӣ сабаб бошад, ки имрӯз акидаи ӯ ба давлати конституционӣ хизмат кардан, ба он давлате, ки ба ӯ маош медиҳад ва ӯро тарбия намуда, то ба ин поя овардааст, тағйир ёфтааст.

Ӯ ҳаракат мекард, ки худро ба канор гирад, ба ҳаллу фасли вазъияти рӯйдода, ки миллат зери хатар мондааст, ҳамроҳ нашавад. Ҳама рафтору суханронии ӯ шаҳодат ба он медод, ки аз нақша ва кувваҳои гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон», роҳбарони оппозиция ҳолдону воқиф аст. Вале ин сирри ботиниро аз роҳбарони ҷумҳурият, алалхусус Президент, ноиби ӯ ва Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурият пинҳон медошт. Як тарсу вахме ӯро пахш карда буд, ки аз баён кардани фикри худ ва амалиёти ҷасурона намудан мехаросид. Ба пиндори ман чунин намуд: — А. Раҷабов чизеро нисбати нақшаю кувваи оппозиция медонисту аз мо пинҳонаш медошт, маслиҳат намекард ё метарсид, ки маслиҳат намояд, шояд ӯ ҳамфикре дошт ё ба кормандони ВКД ҷумҳурӣ боварӣ надошт... Аз ин сабаб мунтазири он буд, ки миёни давлат ва оппозиция зад-

хӯрди ҷиддие рӯй медиҳад ва касе аз тарафҳо ғолиб барояд, ба он тараф майл хоҳад намуд. Ва илоҳо ғалат бошад...

Аз чунин рафтори А. Раҷабов як қисми роҳбарони ҳукумат ва ҳар як шахси солимфикр пурра дарк мекард, ки дар ин бозиҳои сиёсӣ қувваи сеюм амал карда истодааст, ки ҳалқунандаи авзои нотинчи ҷумҳӯри аст. Вале он қувва агарчанде зери парда амал кунаду ниқоби сиёҳро аз рӯи худ набардошта бошад ҳам, вале акси сиёсии он аллакай аз амалиётҳояш маълуму мушаххас буд. Мақсади табоҳокронаи асосии он қувва равшан мегардид, яъне ду қувваи ба ҳам муқобилро ба ҳам ҷанг андохта, ба мақсади ниҳоии худ ноил гардад. Чӣ тавре ки дар халқият мегӯянд, мехост «обро лой карда, моҳӣ дорад». Бо ин роҳ мавқеи худро дар ҳукумат мустаҳкам созад. Сардор, иҷрокунанда ва нақшаи ин гурӯҳ муайян мегардид. Аз андеша дур нест, ки А. Раҷабов ба иродаи ҳалқи ҷумҳур нодуруст баҳо дода, ба А. Мирзоев боварӣ карду ба он дом афтод ва як тан аз аъзои ин қувва низ гардид. Бо ин сабаб, агарчӣ кори Вазорати Қорҳои Дохилӣ фалаҷ буд, он боз ҳам фалаҷтар гардид.

Ба пиндори банда, вуҷуд доштану амал кардани чунин қувва, мақсаду мароми онро пеш аз ҳама бояд ки Президенти Ҷумҳурӣ дарк мекард ва дарк накардани он аз ақл дур буд. Чаро? Зеро роҳбарони ин қувва пеш аз саршавии кори сессияи чаҳордаҳуми Шӯрои Олӣ дар маҷлиси ғайрирасмии Президиуми Шӯрои Олӣ ва дар дигар ҷамъомадҳо бисёр ҷиддиву ҷасурона баромад карда, санги маломатро ба сари Президиуми Шӯрои Олӣ ва Президенти Ҷумҳурӣ парронданд. Чӣ тавре ки гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» дар давоми якуним моҳ айби ошро дар маош зада, паст шудани некӯаҳволии мардум, зиёд шудани қонуншиканию чиноятқорӣ, аз миён рафтани интизоми меҳнат, нарасидани маҳсулоти хӯрокаю пӯшокӣ, холӣ будани мағозаҳо, ба қарз ғӯтидани ҷумҳурияту ғайраву ғайраро ба сари Шӯрои Олӣ ва Президиуми он мепартофтанд. Инчунин Президент ва Президиуми Шӯрои Олиро ба он гунаҳкор мекарданд, ки гӯё онҳо ҳуқуқу ваколатҳои ҳукуматро маҳдуд кардаанд. Бинобар ин, боре А. Мирзоев риштаи суханро ҳам ба он тараф ҳавола дода, гуфта буд, ки гӯё аз як тараф, ҳамаи органҳои дахлдоре, ки ба ҳайати ҳукумат бояд дохил гарданд, Президент зери итоати худ гирифтааст, аз тарафи дигар, ҳуқуқу ваколатҳои ҳукуматро дигар органҳо ба ӯҳдаи худ гирифтаанд. Оиди ин масъала ӯ нозигии худро ҳанӯз дар сессияи сенздаҳуми Шӯрои Олӣ ҳам пешниҳод карда буд, вақто ки сухан дар бораи қабули Қонуни саруправленияи инспексияи давлатии оид ба андози назди Раиси Ҷумҳур мерафт, ӯ талаб намуд, ки саруправленияи

инспексияи давлатии оид ба андоз зери итоати Девони Вазирон бошад, на Президенти ҷумҳурӣ.

Илова бар ин, вақтҳое ки сессияи чаҳордаҳум кори худро сар кард, Сарвазири ҷумҳурӣ рафиқ Акбар Мирзоев бе ягон сабаб, агарчӣ давлат ба чунон ҳолати вазнини сиёсию иқтисодӣ гирифтор шуда буд, истеъфои худро гузошт, дар зери ин коса нимкосае буд, истеъфо пурсидани ӯ беасос ва аз сидқи дил набуд, балки дасисаи иҷбории мухолифини давлати қонунӣ буд, ки дар амалиёти Акбар Мирзоев ошкор мегашт.

Афсӯс ки ба ҳамаи ин рафторҳои зери пардаю ноҷавонмардона Президенти ҷумҳурӣ баҳои саривақтию ҳаққонӣ ва нишонрасро ё раво намедид ё намедод. Ба назарам, хайрхоҳонаю софдилона рафтор кардани Президент, ки дар пеши рӯяш як сухану дар пасаш рафтори дигар аз ҷониби Сарвазир зоҳир мегашт, гандумнамои ҷавфурӯшро ба ёд меовард, ки овард!

Сипас, Президенти Ҷумҳурӣ, баъди моҷароҳои зиёде вазифаи коменданти шаҳри Душанберо ба ҷонишини Вазири Корҳои Дохилӣ Абдураҳим Қаҳҳоров пешниҳод кард.

Он кас ҳам сабабҳои қонунӣ ҷустанд, ки бояд аз рӯи қонун коменданти Душанбешаҳр иҷрокунандаи вазифаи Вазири корҳои дохилии ҷумҳурӣ полковник А. Рачабов, ё ин ки комиссари ҳарбӣ генерал-майор М. Маҳмадҷонов таъин карда шавад, ӯ бошад, бидуни шубҳа ба онҳо муовин ё сардори ситод, шуда, ёрии худро тайёр аст шабу рӯз бирасонад. Вале ҳеҷ намехост, ки ин вазифаи бисёр ҳам масъулиятнокро ба зиммаи хул гирад, бо ҳар роҳ ҳаракат мекард, ки таклифи Президент ва ноиби ӯро бисёр ҳам мохирона рад намояд ва бо далелу бурҳонҳои зиёде битавонист, ки инҳову дигаронро бовар кунонад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Президент ва ноиби ӯ ба пешниҳодоти А. Қаҳҳоров розӣ шуданд. Бояд гуфт, ки рафтори А. Қаҳҳоров дар ҳамин гуна вазъияти бисёр хассосу нозуку бузранҷи ҳаёти ҷумҳурият ва халқи он, ки худро дар канор кашид, бисёр таассуфовар буда, он сабаби тахтониеро молик аст, ки ҳоло сари ин масъала месазад бахсе сурат гирад. Ба назарам Абдураҳим, ки худ аз хонадони зиёии асили миллат аст, набояд чунин мекард ва шояд барои ин гуна рафтори як нафар сарбози асилзода баҳои объективона додан зарурият дорад. Амалиёту беамалиётии ӯро пас аз 5-уми мои соли 1992 пурра тахлил карда, ба конунхои 'хаёт, муносибатҳои шахсии ӯ бо атрофиёнаш ҳаматарафа мукоиса кардан лозим аст, чунки талаботи ӯ ҳам аз ҳақиқат дур набуд ва маътикан дуруст буд. Вакто ки иҷрои вазифаи Вазири Корҳои Дохилии ҷумҳуриро А. Рачабов ба дӯш гирифтааст, чӣ гуна ва

аз рӯи кадом мантиқу этикаи инсонӣ коменданти Душанбешаҳр А. Қаҳҳоров мешудааст А. Рачабов қонишини ӯ?!

Мавқеи А. Қаҳҳоров дар вазъияти рӯйдода бояд дар асоси таҳлили далелҳо баҳои ҳаққонӣ гирад, ки он лаҳза дуруст буд.

Сипас, ноиби Президент Нарзулло Дӯстов ба вазифаи коменданти Душанбешаҳр таъин кардани комиссари ҳарбии ҷумҳурӣ, генерал-майори ҳарбӣ М. Маҳмадҷоновро пешниҳод кард. Ҳама сарашонро ҷунбонда, маъқул донистанд, Президент ба номзадии ӯ низ розӣ шуд. Вале М. Маҳмадҷонов норозигии худро мантиқан объективона ва дуруст пешниҳод карда гуфт: «Барои вазифаи коменданти Душанбешаҳрро ба ӯҳдаи худ гирифтан мухолиф нестам, вале бовар кунед, ки комиссариати ҳарбӣ бисёр ҳам қувваи кам дорад, ҳама қувва дар дасти Вазорати Қӯрҳои Дохилӣ мебошад ва системаи кории Вазорати Қӯрҳои Дохилӣ, ҷо ба ҷо гардидани қувваҳои он ба ман ториқу норавшан мебошад.

Аз дигар тараф, сухан дар бораи мустаҳкам намудани тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ меравад, ки он ба ваколату салоҳияти Вазорати Қӯрҳои Дохилии ҷумҳурӣ гузошта шудааст ва онҳо мутахассиси ин соҳа мебошанд. Бинобар ин, хуб мешуд, агар комендант аз роҳбарони Вазорати қӯрҳои дохилии ҷумҳурият таъин мегашту ман ба ӯ ёрдамчӣ мешудам.

Дар вақти муҳокима, азбаски дигар кас набуд, рафтори соддалавҳонаи М. Маҳмадҷоновро истифода бурда, ба хулосае омаданд, ки М. Маҳмадҷонов комендант, А. Рачабов ва А. Қаҳҳоров муовини коменданти Душанбешаҳр таъин карда шаванд, ки ба кори М. Маҳмадҷонов А. Қаҳҳороб ва А. Рачабов ёрии амалӣ дар ҷо бо ҷо намудани қувваҳо расонанд, чунки вазъияти Душанбешаҳр ва кори Вазорати қӯрҳои Дохилиро бисёр хуб медонанд. Бо ҳамин коменданти Душанбешаҳр мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев генерал-майори ҳарбӣ М. Маҳмадҷонов соати 17 бегоҳии 5 маи соли 1992 таъин гардид.

Азбаски Симои тоҷик аллакай дар дасти оппозиция буд, матни фармони Президент танҳо тавассути радиои ҷумҳурӣ ба мардум шунавонида шуд. Ба коменданти Душанбешаҳр генерал-майор М. Маҳмадҷонов ва роҳбарони Вазорати Қӯрҳои Дохилии ҷумҳурӣ (А. Рачабов ва А. Қаҳҳоров) Президенти ҷумҳурӣ Р. Набиев ва ноиби ӯ Нарзулло Дӯстов дар ҳузури иштироккунандагони маҷлис супориши қатъӣ доданд:

— дар бораи тартиб додан ва баровардани фармони коменданти Душанбешаҳр ояди муайян кардани соати комендантӣ дар шаҳри Душанбе;

— тартиби иҷро гардидани онро ба мардуми шарифи Тоҷикистон ба воситаи радио ва ахбори умум фаҳмондан;

— даромадгоҳ ва баромади Душанбешаҳрро пурра баста, назоратчиён гузоштан, ки касе даромадаву баромада натавонад;

— барои ба Душанбешаҳр даромадан ва баромадан рухсатномаи махсус тартиб додан, бо имзои коменданти Душанбешаҳр;

— ба роҳбарони вилояти Қӯрғонтеппа, Қӯлоб ва ноҳияҳои гирду атрофи Душанбешаҳр супориш дода шавад, ки роҳҳоро бибанданд, нагузоранд, ки касе ба Душанбешаҳр биёяд;

сипас, ҳамин шаб ба воситаи истифода бурдани автомошинҳои водомет, сӯхторхомӯшкунанда ва дигар техникаю қувваҳои мавҷудаи дар Вазорати Корҳои Дохилӣ мавҷудбуда озод кардани студияи телевизион, идораи симои ҷумҳурӣ аз дасти оппозиция иқдом намуда, аз натиҷааш ба ӯ ахбор диҳанд.

Президент қарор дод, ки ситоди коменданти Душанбешаҳр бояд дар Вазорати Корҳои Дохилӣ ҷой гирад ва ҳар соат дар бораи вазъияти Душанбешаҳр ва ҷумҳурӣ шахсан ба ӯ ё ба ноиби Президент Нарзулло Дӯстов ахбор дода шавад.

М. Маҳмадҷонов бо ҳамроҳии Р. Рачабов ва А. Қаҳҳоров итоат, гуфта, даст ба чакка бурда, пошнаҳоро ба ҳам зада, паи якдигар аз дар баромаданд.

* * *

Пас аз ин Президенти ҷумҳурӣ Р. Набиев барои маслиҳат кардан бо ҷустуҷӯи зиёде Президенти Федерацияи Русия Б. Н. Елцинро дар автомашинаи хизматиаш дарёфт кард. Дар натиҷаи гуфтугузори зиёди телефонӣ Б. Н. Елцин розигӣ дод, ки ба сарфармондеҳи Қувваҳои Муттаҳидаи Мусаллаҳи ИДМ, маршали авиация Е. Шапочников сим зада, супориш медиҳад, ки барои муҳофизат кардани идораю корхонаҳои давлатӣ ва объектҳои ҳарбӣ иҷозат диҳанд, ки техникаи ҳарбии дивизияи 201 гарнизони Душанбешаҳр истифода бурда шавад. Баъди якчанд дақиқа бо супориши Елцин Б. Н. Сарфармондеҳи Қувваҳои Муттаҳидаи Мусаллаҳи ИДМ, маршали авиация Е. Шапочников ба Р. Набиев сим зад. Пас аз сӯҳбатҳои тӯлонӣ Е. Шапочников ҳам розигии худро ояди истифода бурдани техникаи ҳарбии дивизияи 201 гарнизони Душанбешаҳр танҳо барои муҳофизати объектҳои давлатӣ ва аъзоёни оилаҳои ҳарбиён дод. Аммо пас аз чанд дақиқа Е. Шапочников бо сабабҳои номаълум боз ба Р. Набиев сим зада аз гуфтааш гашт ва дивизияи 201-уми гарнизони Душанбешаҳр барои нигоҳ дош-

тани тартиботи ҷамъиятӣ ва муҳофизат кардани объектҳои давлатӣ аз ғоратгарону дуздон аз ёрӣ расондан қатъиян даст кашид. Фикр мекунам, таъсири нерӯҳои «демократӣ» ба Президенти Федерацияи Русия Б. Н. Елцин ҳам расид...

Вазъият тезутунд мегардид, Р. Набиев ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Н. С. Назарбоев сим зад, он кас гӯшаки телефонро нагузошта, бо дигар телефон ба маршали авиация Е. Шапочников хеле ҷиддӣ гуфтугузор намуд, вале натиҷа надод...

Хулоса, Р. Набиев ба ҳама ҷойҳои даркорӣ сим зада, гуфтугузор кард, кӯшиши зиёде ба харҷ дод, вале натиҷаи судбахш ба даст оварда нашуд. Вазъият ҳар соат тағйир меёфт, Душанбешаҳр пурра дар зери назорати оппозиция монда буд. Мухолифин ба чунин амалиёти бераҳмона истифодаи силоҳро ба муқобили мардуми бегуноҳ маҳз ба хотири ба тарсу воҳима андохтани шаҳрвандон ба кор бурд. Ҳар соате хабар мерасид, ки гурӯҳҳои оппозиционӣ дар гӯшаю канори Душанбешаҳр ба кормандони ВКД ҳуҷум карда, онҳоро бесилоҳ карда истодаанд...

Баъд аз ин, ақидае ба миён омад, ки барои пеши роҳи хунрезиро гирифтан Президенти Ҷумҳур бояд, ки фавран бо фармони худ дивизияи 201 гарнизони Душанбешаҳрро зери итоат бигирад ва ҷавобгариро ба зиммаи худ гирифта, барои муҳофизати объектҳои давлатӣ, оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ истифода барад. Чунин таклифро ба Президенти ҷумҳурӣ ман пешниҳод кардам, чунки роҳи дигаре набуд. Ва ин бо талаботи қонун мувофиқ буд. Сардори дивизияи 201-уми гарнизони Душанбешаҳр полковник Заболотнийро даъват карда будем, дар гуфтушунид ҳузур дошт ва изҳор намуд, ки агар Президенти Ҷумҳурӣ чунин фармонро имзо намояд, ӯ вазифадор аст, ки техникаи ҳарбии дивизияро барои муҳофизати объектҳои давлатӣ, нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ сафарбар намояд. Фармонро пешакӣ тайёр карда ва ҳама дар нусхаи он имзои худро гузошта буд, аз ҷумла ман ҳам имзо карда будам, агарчӣ ин ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ дохил намегардид. Аз шахсоне, ки дар гуфтушунид иштирок доштанд, қисмашон пешниҳодро маъқул шумориданд, қисми дигар бошанд, чун ҳамеша аз тарси оппозиция бетарафиро ихтиёр карданду чизе нагуфта, хомӯш истоданд. Дар ин сӯҳбат Мукаррама Тошматова иштирок доштанд, ки бе тарсу ларз чанд маротиба аз Р. Набиев котеъона талаб карданд, ки пешниҳоди маро қабул намуда, ба чунин фармон имзо гузоранд. Ин ягона роҳе буд, ки ба воситаи истифода бурдани техникаи ҳарбӣ мустаҳкам кардани муҳофизати идораю корхонаҳои давлатӣ, Душанбешаҳр ба низом дароварда мешуд, то ин ки рехтани

хуни мардуми бегунох, зада гирифтани силоху техникаи вазнини ҷангии кормандони Вазорати Корҳои Дохилии Ҷумҳурӣ аз тарафи мансабталошону мансабпарастон боздошта шавад.

Бо сабабҳои номаълум ё ҷихати иқтисодии онро ба назар гирифта, Президент Р. Набиев таклифи маро ба ҳисоб нагирифт ва ҷавоб ҳам надод, гӯё ки нашунида буд. Яқинан, ҳоло ҳам андешаи ман бар он аст, ки саҳви асосӣ ва нобахшидании навбатии Раиси Ҷумҳур Р. Набиев маҳз сари ҳамин амал сурат гирифт. Ҳатто командири дивизияи 201-уми гарнизони Душанбе Заболотний дар ҳузури моён такрор ба такрор изҳор намуд, ки бе фармони Президенти Ҷумҳурӣ аз пеши худ ҳукуқи ягон намуди ёрӣ расондан надорад!..

Ин ақидаи софдилонаю дилсӯзонаи Заболотний ба он шаҳодат медод, ки ба фармони сардори Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии он, генерал-полковник Р. Набиев мунтазир мебошад. Ва ҳамон рӯз баҳри гирифтани фармон зиёда аз чор соат ҳамроҳи мо буд. Амри ман ва Нарзулло Дӯстовро ҳуҷҷати ҳукукӣ намеҳисобид, чунки саркори давлат Раиси Ҷумҳур мебошад.

Дар ҳамин вақт раиси Кумитаи давлатии телевизиону радиошунавонии ҷумҳурият Атахон Сайфуллоев бо тани ларзону ранги парида вориди кабинети Президент гардида гуфт: «Мухолифин ҳозир ба Хонаи радио ҳамла карда, меҳоҳанд, ки онро гиранд, кормандони милиса бетарафию каноранишиниро интихоб кардаанд, ба онҳо боварӣ нест, онҳо бо оппозиция яканд. Чӣ тавре ки идораи Симоро супурданд, ҳамин тавр Садоро ҳам месупоранд. Ягон чораи таъҷилӣ андешидан зарур аст!»

Бо мошини зирехдор омада, ба тарафи бинои радио тир холӣ карда истодаанд, тирезаҳои биноро шикастанд, онҳо мусаллаҳ мебошанд. Ягона кормандони кумита бесилоҳ ба онҳо муқобилият нишон дода истодаанд. Ҳамаи ин амалиётҳои оппозиция ба он шаҳодат медод, ки онҳо аз рӯи нақшаи пешакӣ кашидашуда, бо максади табаддулоти сиёсии давлатӣ кардан ҳаракат карда истодаанд, ки пас аз идораи Симо Садоро ҳам бигиранд. Вале ҳукумат мусолиҳакорӣ ва ҳолабеғамӣ карда, то он лаҳзаҳо ягон амалиёте муқобили ҳаракатҳои чиноятқоронаи онҳо накарда буд, худи ҳукумат ҳам набуд, то ҳол аз амалиёти коменданти Душанбешаҳр хабаре набуд.

Суханҳои Атахон Сайфуллоевро шунида, Президент сари ғазаб омада, Сарвазири худро бо максади он, ки ба ӯ барои муҳофизат кардани Хонаи радио супориш бидиҳад, ҷустуҷӯ кард. Ба ӯ хабар доданд, ки он кас бо ҷонишинҳои худ, Вазири Корҳои Дохилӣ М. Навҷувонов, Давлат Худоназаров ва Отахон Латифӣ дар Вазорати Корҳои Дохилии Ҷумҳурӣ бо

дари шўшида сари кашидани нақшаҳо ва ҳаллу фасли кимкадом масъалаҳое ё «кандани чоҳе» ба мо номаълум банд буданд. Инро хуб дарк карда будам, вале имондорона ба тантанаи ҳақиқат боварӣ доштам, ки оқибат «чоҳкан зери чоҳ аст»!

Ин ахборро шунида, ранг аз рухи Президенти Ҷумҳурӣ Р. Набиев парид, худдорӣ карда, чӣ тавр баҳо дод, номаълум буд, чунки чизе нагуфт. Вале шахсоне, ки дар ҳузури ӯ буданд, яке ба дигаре нигариста сабаби дар як ҷо нишастани ду қувваи бо ҳам муқобилро фаҳмида, дар ҳайрат монданд. Ҳар кас бо фаҳмишу аклу заковати худ ба чунин рафтори Сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоев, ҷонишинони ӯ баҳо медоданд ва ба таъсис ёфтану аз зери парда берун омадани қувваи сеюм гумон ба ҳақиқати талх медаромад. Зери коса нимкоса набошад, пас чӣ гуна ташкилкунандагони табаддулоти давлатӣ метавонанд дохили бинои ВКД гарданд... Бо супориши Президент ва гвардияи миллии нав таъсисёфта якчанд кас барои муҳофизати бинои Радиои ҷумҳурӣ фиристонда шуд, чунки ба кормандони ВКД-и ҷумҳурӣ дигар боварӣ набуд, онҳо тайёр буданд, ки Радиои ҷумҳуриро ҳам бисупоранд.

Боз бегоҳии 5-уми маи соли 1992 соати 22-и шаб роҳбарони оппозиция дастаи махсуси чангӣ тартиб дода, бо силоҳ (автомат) мусаллаҳ гардонида, барои гирифтани бинои радиои ҷумҳурӣ фиристоданд. Дар ин даста Ширинҷони Аҳмадҷон ва Олими Заробек буданд ва касе аз онҳо фармонфармои дастаи чангӣ буданд. Дар автомошини УАЗ-462 8 нафар, як автобус (ки аз кадом бечорае ё корхонае зада гирифта буданд), пур аз ҷанговарони «гурди миллии» майдони «Шаҳидон» ва гурӯҳи зиёди ҷанговарон пиёда бо роҳбаладии мошини зиреҳдор, ки дар пешаш «Оллоҳ» навишта шуда буд, аз майдони «Шаҳидон» ба тарафи бозори «Баракат» ва сӯи Хонаи радио барои гирифтани он равон шуданд.

Вақто ки онҳо ба Хонаи радио наздик шуданд, ба бинои радио, ки дар он кормандони бесилоҳ кор мекарданду онро гвардияи миллии навтаъсиси ҳукумат муҳофизат мекард, аз силоҳ ва мошини зиреҳдор тир парронданд, ки якчанд кас яродор ва як кас халок гардид. Сипас, мухофизаткунандагон ба онҳо ҷавобан тир парронданд, ки дар натиҷа якчанд кас захмӣ шуд. Нисбати ин ходиса рӯзноманигор Ҷовиди Муким дар рӯзномаи «Тоҷикистон», № 18 аз 24-июли соли1992 зери сарлавҳаи «Олими Заробекро кӣ кушт? овардааст: «...намедонам чӣ хел худро аз машина ба берун задам. Аллакай чанд нафар захмӣ шуда буданд. Худи ман низ аз ду поям се тир хӯрдам. Дар пеши чашмам Шодмон, ки аз паси дарахт баромада

тир парронданӣ буд, ярадор шуд. Ӯ болои асфалт афтида ва «оллоҳу акбар» гуфта, ҷон меканд. Ҳамин вақт яке аз сарбозони майдони «Озодӣ» ба наздаш омада, модари мардуми майдони «Шаҳидон»-ро ҳақорат дод ва ду-се тири дигар ба тани ӯ андохт. Ин ҳодисаро дида, беҳуш шуда... ба худ омадам, ману Олими Заробек ва як нафари дигарро, ки аз пояш захмӣ шуда буд, ба ситоди майдони «Озодӣ», ки дар бинои Шӯрои Олӣ ҷойгир шуда буд, оварданд. Олими Заробек аз банди дасти чапаш захмӣ шуда буд...»

Мӯҳтарам рӯзноманигори «ҳақиқатчӯй» Ҷовиди Муқим, аз Шумо маъзарат мехоҳам, ки намедонам Шумо аъзои кадом ҳизб-ҳизби демократ ҳастед ё ҳизби наҳзати ислом. Фикр мекунам, ҳар кӣ набошед ҳам, худро аз «нерӯҳои демократӣ» мешуморед. Бо ақидаи банда нерӯҳои «демократӣ» ҳамеша дар ҳаракати он аст, ки бо роҳи демократӣ, гузаронидани интихобот, сазовор гардидан ба боварии халқ сари қудрат биёянду сазовори ин ва ё он курсии мансаб гарданд. Бо роҳи зӯроварӣ, силоҳ ба даст гирифта, хуни каси дигарро резонда, ба идораҳои давлатӣ ҳучум карда, соҳиби мансаб гардидан, ин **табаддулоти давлатӣ аст, ин содир кардани ҷинояти сахт дар назди давлат** ва халқи ӯст. Агар ба гуфтаи банда бовар накунед, метавонед луғатҳои ҳуқуқшиносиро гирифта, бо амалиёти худатон муқоиса намоед.

Шумо ва «нерӯҳои демократӣ» хуб медонед, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохти давлатдории он дар асоси Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сессияи Шӯрои Олӣ тасдиқ гардидааст ва амал мекунад ва ӯро зиёда аз 111 давлати ҷаҳон шинохтааст. Идораи Садо ва Симои Тоҷикистон корхонаи давлатӣ буда, зери муҳофизати давлат мебошад ва оё ба худ боре имондорона савол додед, ки силоҳ гирифта, ба хонаи радиои давлатӣ барои забт карда гирифтани он рафтан ин аз рӯи кадом инсофу имон аст ва нанавиштаед, ки ин чӣ маъно дошт?

Оё ин гирдиҳамоӣ буд ё табаддулоти давлатӣ?!

Агар гирдиҳамоӣ ҳисобед, силоҳ чӣ лозим буд, гирифтани идораи давлатӣ чӣ мазмун дошт?

Охир, Шумо фикр накардед, ки барои парронданва куштани кӣ силоҳ гирифта, ба Хонаи радио рафтаанд?! Барои парронданву куштани бародарону хоҳарони худ, резондани ашки модарону падарон, хоҳарону бародарони онҳо?!

Магар дар оинномаи «нерӯҳои демократӣ» навишта шудааст, ки силоҳ ба даст гирифта, ба корхонаю идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳучум намоед, ки хуни мардуми бегуноҳро резондаву соҳиби мансаб гардед?! Мӯҳтарам Ҷовид Муқим ва

«нерӯҳои демократӣ»! Барои сазовори мансаб гардидан пеш аз ҳама ақлу заковат, хираду меҳнати ҳалол ва сазовори бовари мардум гардидан лозим аст. Монанди Мирбобои Мирраҳим, Давлати Исмон, Аслиддин Соҳибназаров, Давлат Худоназаров ва ғайра хуни мардумро резонда, мансаб гирифтан номардист ва нобахшиданӣ!!

Афсӯс ки дар аввал мардум нафаҳмид, суханҳои «нерӯҳои демократӣ» яке будаву амали ишон дигар, ки дигар!

Чаро Шумо дар маколаатон имондорона намегӯед, ки аз тири силоҳи «нерӯҳои демократӣ» мошини зиреҳпӯш бо тамға «Оллоҳ» чанд нафар ҷавонмардони бегуноҳ, ки барои ҳимояи давлати қонунӣ, баён намудани ақидаи худ, на барои соҳиби мансаб шудан, омада буданд, дар назди Хонаи радио ҷон ба ҳақ супориданд? Магар онҳо падару модар, хоҳару бародар надоштанд? Охир, «нерӯҳои демократӣ», мазҳаби «Ваҳҳобия» бо тиру туфанг, мошини зиреҳпӯш ба Хонаи радио омада, ба сари онҳо ҳамла оварданд-ку?!

Чаро Шумо бӯҳтон задед, ки сарбозе аз майдони «Озодӣ» ба ҷавонмарде, ки аз майдони «Шаҳидон» захмин шуда буд, боз ду-се тири дигар андохт»? Охир Олими Заробек ва дигаре ҳам захмин гардида буданд-ку. Пас, чаро сарбози майдони «Озодӣ» ба тарафи онҳо тир холӣ накард? Шумоёнро накуштанд? Чаро докапеч карда, ба беморхона фиристоданд?! Сухани рост чӣ гуноҳ дорад, ки садҳо бор дурӯғ мегӯеду як бор ба забон онро мардона намегиред?!

Чаро имрӯз ҳомиёни «нерӯҳои демократӣ», мазҳаби «Ваҳҳобия», Олими Заробек ва дигар ҷавонмардоне (аз хешованд-дон, фарзандон ва дӯстони онҳо узр мехоҳам, илоҳо ҷояшон ҷаннат шавад), ки аз майдони «Шаҳидон» буданду барои мансаб ҳалок гардиданд, «шаҳидони гулгункафан» номиданду ба воситаи рӯзнома, Садою симои чумҳурӣ борҳо номи онҳоро бо ёд оварда, навозиш карданд, гӯё онҳо барои озодии «халқ», барқарор намудани дини мубораки ислом ба муқобили бедину кофирон ҷангида, ҷон ба ҳақ супориданд. Вале номи ҷавонмардоне, ки аз майдони «Озодӣ» буданду барои муҳофизати давлати конституционӣ ҷон ба ҳақ супориданд «шаҳидони гулгункафан» наменоманд, номи онҳоро дар саҳифаҳои рӯзномаҳо, Садою Симо ба забон намегиранд ва таҳкирашон ҳам мекунанд?!

Ҳой, «бародарон»-и ҳаммазҳабу ҳамкеш ва ҳамхун! Ҳой, «бародарон»-и «нерӯҳои демократӣ» ва мазҳаби «Ваҳҳобия»!!! Шумо бояд фикр бикунеду хуб дарк намоед, ки мардумро наметавонед як умр бифиребед. Мардум аллакай фаҳмида истодааст, ки киро шаҳиди гулгункафан номидан мумкин аст, киро не. Чормағзҳое ки 15 сол бо он доманашонро пур кар-

да будед, ҳушдоратон бидиҳам, ки онҳо пуч баромаданду рехта истодаанд...!!

Ба пиндори банда киро шаҳид ҳисобидану киро не, ин ҳақку ҳукуқи оллохи таоло мебошад, ки фардо рӯзи қиёмат маълум мегардад. Вале аз рӯи гуфтаи Қуръони мачид, ҳадиси ҳазрати Муҳаммад мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ашхосе, ки барои баркарор кардани дини мубини ислом, дар роҳи оллохи таъоло мубориза мебараду худро қурбон мекунад, ба мартабаи шаҳидӣ хоҳад расид. Вале имрӯз онҳо намедонанд барои кадом ислом мубориза мебаранду кадом кофирро, киро мекушанд?! Охир, шукри худои каримурраҳим, ки пас аз ҳазор сол давлати Тоҷикистон истиклолияти худро ба даст оварда, масҷидҳо, шумораи намозхонҳо дар давоми ду соли охир 10—12 маротиба зиёд шуд; Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, мустақилона амал менамояд; мадрасаҳо озодона амал карда истодаанд; Қозиёти Ҷумҳурӣ муносибати дохилию хориҷии худро бо дигар мамлакатҳо озодона, чӣ тавре ки дилаш мекашад, ҳамон тавр бурда истодааст; омӯзиши дини мубини ислом дар мактабҳои миёнаю олӣ чорӣ хоҳад гардид; сессияи Шӯрои Олӣ рӯзи иди «Рамазон» ва «Қурбон»-ро рӯзи истироҳатӣ ва иди давлатӣ эълон кард; барои рӯзи истироҳат эълон кардани рӯзи ҷумъа ба кумитаҳои Шӯрои Олӣ супоришҳо дода шуда буд; заминҳои мадрасаву масҷидҳо аз андози давлатӣ озод гардид; аз рӯи кудрату тавоной, касе ки нияти ҳаҷ рафтан мекард, ягон мамониат ва ё зиддияте аз тарафи давлат зоҳир намегардид, баръакс давлат кӯмаки худро дареғ намедошт; танҳо заводи нуриҳои минералии Вахш соли 1991 ба Қозиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба ҳаҷ фиристодани аҳли ислом 100 ҳазор арзи америкоиро ба нархи панҷоҳ фоиз арзон дод; касе намоз мехонад ё рӯза мегирад, ягон таҳқире набуд; дар Садою Симо барои ташвиқи дини мубини ислом вақти муайян чудо карда шудааст; аз хонаи як қисм кормандони дини ислом соле то 7—8 кас ба Хонаи Каъба ба ҳаҷ мерафтанд, вале ҳукумат намепурсид, ки ҳар яке онҳо 171 ҳазор сӯмиро аз кучо ёфтаанд, аз ҳисоби кадом бечораи деҳқону коргар; соли чорӣ зиёда аз 80 фоизи кормандони Шӯрои Олӣ бо ҳамроҳии банда рӯзадор буданд; рӯзҳои иди Рамазону Курбон Раиси Шӯрои Олӣ хаттӣ ва шифоҳӣ масҷид ба масҷид гашта, аҳли дини исломро табрику мубораквод мекард ва ғайраю ғайра. Пас, имондорона бигӯянд, барои кадом «озодӣ», аз кадом «нуқсонҳо озод кардани дини ислом», кадом «озодиро ба халқ додан», нерӯҳои демократӣ ва мазҳаби «Ваҳҳобия» танҳо дар майдони «Шаҳидон» зиёда аз 45 рӯз дар соли равон гирдиҳамоӣ карданд, мардумро ба ҷангу хунрезӣ даъват карданд, силоҳ

дода, ба муқобили падари худ, бародари худ равон карданд?! Охир, мо, роҳбарони ҷумҳурӣ бо роҳи интихобот, демократия сари қудрат омада, ҳамагӣ 3—4 моҳ кор карда будем-ку?! Пас, чӣ гуноҳ доштем?! Алҳамдулиллоҳ, ҳамаи мо мусулмон будем, луқмаи ҳалол доштему бо номи худо кору зиндагӣ мекардем, монанди дигарон худоро барои мансаб нашинохтаем, аз рӯзи соҳиби ақл шудан аз худо тарсидаву ҳаққи худу ҳаққи ҷомеаро фарқу дарк кардем, рӯзе 11—12 соат ба манфиати мардум кор мекардем, решаи дуздону қаллобон ва мафияро, ки халқу давлатро хароб мекарданд, мекофтему теша бар решаи дузду муттаҳам мезадем, хобгоҳ ба хобгоҳ, беморхона ба беморхона гашта, аз аҳволи мардуми бебизоату камбағал ва бекасу кӯй хабардор мегардидем, барои ҳалли мушкилоти онҳо то имкону қудрат буд, кӯмак мерасондем...

Вале боре ба дини мубини ислом, наузанбиллоҳ, ба Қуръони мачид, баробархуқуқии инсон, демократия заррае хиёнат карда бошам, хомиёни дини мубини ислом ва «нерӯҳои демократӣ» аз козикалони мусулмонони ҷумҳурӣ ҳоҷиакбар Тӯрачонзода ва Шодмони Юсуф сар карда, мардонавор бо далелҳои шайъӣ бигӯянд, дар кучо, кай ва оиди кадом масъала муҷрим гаштаам. Имондорона мегӯям, чизе бофтаву ёфта наметавонанд. Ин ҳама лозунгу шиорҳо, суханҳои болохонадоре, ки дар майдони «Шаҳидон», «хонаҳои худо» нотиқон мегуфтанду якеро шаҳиди гулгункафану бихиштӣ, дигареро кофиру дӯзахӣ хукм мекарданд, аз барои худо, танҳо мардумфиребчи беш набуд! Наузанбиллоҳ, худи онҳо ба хаққу ҳукуки худо шарик шуда, гунаҳкори ин дунёву охират гардидаанд. Муайян кардани он ки кӣ бихиштӣ асту кӣ дӯзахӣ ба ҳаққу ҳукуки оллоҳ таъоло вобаста аст. Магар ин риёкорӣ нест? Дар сураи «Араайталлази» омадааст: «Вой бар он намозгузороне, ки дар намози худ саҳлангоранд, онон, ки риё мекунанд...»

Давлатро кашшоқу мардумро безобита карданд, ба гуруснагӣ оварда истодаанд...

Ҳаман ин бозихоро, «Обро лой карда, мохӣ доштан»-и онхоро мардум бисёр хуб фаҳмида истодааст ва бояд оҳи мардум мазҳаби «Ваххобия» ва чандин «нерӯҳои демократӣ»-ро бигирад!!

Ҳозир қисме аз «нерӯҳои демократӣ» ба монанди Мирбобои Миррахим, Муҳаммадалӣ Хаитов, Шодмон Юсуф, Отахон Латифӣ, Давлат Худоназаров, Амирбеки Атобек, Додочон Атовуллоев, Салим Аюбзод ва чанд ашхоси дигар барои соҳиби мансабе гардидан худро чонсупори дини мубини ислом ҳисобиданду масчид ба маєчид аз паси хочӣ Акбар Тӯрачонзода чун мурғони посӯхта метозанд. Хой, мардуми аҳли ислом! Боре ба худ биандешед, дар назди Қуръони мачид, дини му-

бини ислом онҳо кӣ ҳастанд, чандон сидқан иродаи мустаҳкам ба дини мубини ислом ва Қуръони маҷид доранд?! Онҳо ду-се сол пеш атеист буданд, ба Худованди карим шакку шубҳа доштанд, навиштаҷоташонро хонед, ки танҳо дар тавсифи Ҳизби коммунисту танқиди Худо буд.

Мирбобои Мирраҳим ва Шодмони Юсуф дар рисолаи номзадии илми фалсафа (атеизм) садҳо маротиба бо ҳарфи калон номи Ҳизби Коммунист, асосгузорон ва доҳиёни ақидаи партияи коммунистӣ — К. Маркс, Ф. Энгельс ва В. И. Ленинро бо таърифу тавсиф сабт намудаанд ва набудани худованди каримро бо фаҳмиши худ исбот кардаанд.

Наузанбиллоҳ!

Охир, Шодмони Юсуф, котиби аввали ташкилоти Ҳизби коммунисти АФ Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва шояд даҳҳо каэро барои дини мубини исломро пос доштан ҷазои ҳизбӣ ҳам додагист...

Вале имрӯз авомфиребанд, ки ҷавфурӯшӣ карда, гандумнамойӣ мекунанд!! Агарчӣ, имондорона мегӯям, аксари онҳо бинои мусулмонӣ, нияти ғусл, нияти намозу рӯза, усули динишонро, наузанбиллоҳ, намедонанд. Охир, самимона гӯем, боре рӯяшонро нашуставу ботаҳорат набудаанд! Агар пойи ботаҳорат мебуданд, чунин ҷоҳили мураккаб намегардиданд.

Ҳамаи Шумо шоҳиди он будед, ки дар пленуми феврали соли 1990-уми Қумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Отахон Латифӣ, ки ҷонишини Сарвазири ҷумҳурӣ буд, иброз дошт: «Ман ду чизи муқаддас дорам — билети партиявиам, ки ба ҳизби комунист содиқам ва модари якқаву ягонаам ва ба номи онҳо қасам мехӯрам, ки рост мегӯям!» Вале мӯҳтарам Отахон Латифӣ нагуфта буд, ки Худо дорам, ки дунёро, замину осмонро офаридааст, пайғамбари охири замон Ҳазрати Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам дорам, ки рӯзи қиёмат дастгири умматонаш мебошад. Ба номи онҳо қасам нахӯрд, чунки дар курсии мансаб нишаста буд ва Ҳизби Коммунист ба ӯ мансабу обрӯ дода буд... Бисёр таассуф! Бубинед...

Не кофири мутлақ на мусулмони тамоманд ин тоифаи табоҳкор! Албатта, сарнавишти ҳар нафар аз ин ҷонзодҳо қиссаи тӯлоние мехоҳад, вале фурсату ғунҷоиши ин рисолаи кӯчак ҳайфу нокифоя, пасонтар сари ин мавзӯъ таърихи гузаштаи ҳар яке аз ин сиёсатмаобону «исломшиносон»-ро варақ зада башараҳои номатлуби онҳоро ба хонандаи арҷманд муаррифӣ хоҳам кард.

Вале чизеро бояд хотиррасон кард, ки ҳар ночинсе, ки дар зиндагӣ як ҳизбу ду ҳизбро фурӯхт, мисли он аст, ки нон ме-

хӯраду ба хони муборак туф менамояд. Он дӯстоне, ки бо онҳо зиёда аз 20—30 сол ҳаққи нону намак буд, ба намакдон туф кард, ҳеҷ гоҳ ба дини мубини ислом фоида нахоҳад овард. Чӣ тавре ки дигаронро фурӯхт, ҳамон тавр дини ислом ва Шумо, мӯҳтарам ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзодаро низ хоҳад фурӯхт!

Онҳо барои Шумо ҳеҷ гоҳ такяву шаҳсутун шуда наметавонанд, чунки замирашон нопоку решаи онҳо кайҳо пӯсидааст, худ бехабаранд.

Охир, Шумо хуб медонед, ки онҳо дӯстони беғараз нестанд. Дар мағзу пайванди ҳар яке ғарази маҳалгароию мансабталошӣ ниҳон аст. Вагарна як ҳизб, як ҷамъиятро намефурӯхтанду аз паси дигарон намедавиданд. Агар дӯстӣ аз рӯи ғараз ба миён биёяд, оқибат он дӯстӣ хазон хоҳад шуд. Вақто ки ғараз ичро гардид, дӯстӣ аз миён меравад, худо накарда ғараз ичро нагардад, он дӯстӣ ба душманӣ мубаддал мегардад! Барои мақсади ғаразноки онҳо шуда, хуни ҳазорҳо одамони бегуноҳ рехт, садҳо ҳазор мардум хонаю ҷои худро партофта гуреза шуданд, мардуми тоҷикро ба маҳалҳо тақсим карданд, қозиёт зарари моддии зиёд дид, вале имондорона мегӯям, ки ҳеҷ гоҳ онҳо дилсӯзи дини мубини ислом ва қозиёти мусулмонон набуданд ва нахоҳанд шуд. Худо шоҳид аст, ки имрӯз такя ба онҳо кардед, рӯзе мерасад чун душмани миллат шумо яккаву танҳо, бе хонаю дар, бе хешу ақрабо, сарсону саргардон хоҳед монд. Мулло Акбар, чаро ки дӯстони ҳақиқӣ ва нону намакро дида натавонистед ва шояд ғурури ҷавонӣ имконият надод! Борҳо оиди ин масъала ба Шумо гуфта будам, хоҳиш намудам, ки ба доди худо шукр карда, ба кори давлату давлатдорӣ шарик нашавед. Вале ҳайҳот, мақсад хело таҳтонӣ будааст!!

Охир, агар мехостед, ки номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоӣ шаваду Шумо Раиси Ҷумҳур, ҷангу одамкушӣ чӣ лозим буд? Баъд аз се-чор сол бе ҷангу ҷидол, рехтани хун ҷумҳурӣ рохи худашро аниқ мекард, аз назар дур набуд, ки дар интихоботи оянда шояд вазифаи Раиси Ҷумҳурӣ насибатон мегардид.

Барои ин бояд сабру тоқат мекардеду бо дили соф ба дилу дидаи халқ наздику ворид мешудед...

Чуноне ки дар сӯраи Бақара омадааст: «Ё айюҳал лазина оману таину биссабри вассалоҳ, инкаллоҳа маас собирин». Яъне, «Эй ононе, ки ба худои таъоло имон овардед, паноҳ баред ба сӯи сабр кардан ва ба некӯкорию салоҳият, худованд ба сабркунандагон мададгор аст».

Бо ин мазмун Анварӣ гуфтааст:

Сабр кун, эй дил, ки он бедоди ҳичрон бигзарад,
Рохати тан чунки бигзашт, офати чон бигзарад.

Хайр, Шуморо ба Худованду имонатон месупорам. Омин!!

* * *

Боз меоем, ба сари воқеахо. Он рӯз Президент, ноиби ӯ ва гоҳо камина бо мақсади фаҳмонидани вазъияти Душанбешаҳр, рафти иҷрои фармонҳои Президент оиди озод кардани студияи телевизионӣ аз дасти оппозиция ва ҳаллу фасли дигар масъалаҳои гузошташуда чандин маротиба ба ситоди Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурият сим зада, коменданти Душанбешаҳр М. Маҳмадҷонов ва ёрдамчиёни ӯ А. Қаҳҳоров ва А. Рачабовро кофтуков кардем. Бо сабабҳои номаълум касеро ёфтан намешуд, навбатчии ситоди ВКД полковник Лохутшох Одинаев ҳамеша ҷавоби якхела медод: «Онҳо дар коридор сӯҳбат карда истодаанд, ҳозир ба коридор баромаданд, ба онҳо хабар дода мешавад, онҳо хатман ба Шумо сим мезананд», Вассалом...

Кор ба дараҷае расид, ки Президент Р. Набиев ва аз номи Президент ноиби ӯ Нарзулло Дӯстов ба ситоди Вазорати корҳои дохилӣ борҳо сим зада, хоҳиш карданд, ки М. Маҳмадҷонов, А. Қаҳҳоров ё А. Рачабов ба Президенти ҷумҳурӣ Р. Набиев фавран сим зананд. Вале касе аз онҳо худро вазифадор наҳисобид, ки ба Президенти интихобкардаи халқ, ба роҳбари ягонаи давлат сим зананд. Ин вазъиятро дида, Президент ва дигар шахсони масъуле, ки дар ҳузураш буданд, дар ғазаб омада, ангушти ҳайрат газида, «дар таги коса будани нимкоса»-ро дарк мекарданд. Баъд Нарзулло Дӯстов дар ғазаб омада, ба телефонҳои «ВЧ»-и Вазири корҳои дохилӣ, муовинҳои ӯ сим зад, касе ҷавоб надод, вазъият ҳар соат тезутунд мегардид. Сипас, бори дигар бо фармони Президент ба ситоди Вазорати корҳои дохилӣ сим зада, супориш дод, ки рафиқ М. Маҳмадҷонов, Р. Рачабов ва ё А. Қаҳҳоров таъҷилан ба назди Президент биёянд. Қорманди масъули ситод супоришро қабул карда гуфт: «Итоат, фавран супориши Шумо ба онҳо расонида мешавад!» Вале ин супориш низ чун супоришҳои пештара бечавоб монд, касе ба назди Президент наомад ва сим хам назад. Студияи Симо озод нашуд, ягон фармони Президент иҷро нагардид, коменданти Душанбешаҳр ягон амалиёте ба манфиати мӯътадилии Душанбешаҳр накард, оппозиция барои телевизионро ба мақсади ғаразноки худ истифода бурдан шурӯъ кард.

Бисёр ҳам даҳшатовар буд, ки коменданти Душанбешаҳр ва муовинони ӯ ба фармони Президент, ноиби ӯ итоат кар-

данро раво надида, ба тамоми супоришу фармони онҳо на сим мезаданду на ҳозир мешуданд. Раиси Ҷумҳур ва дигарон дар бораи вазъияти тағйирёбандаи ҷумҳурӣ ягон ахбори муфассал надоштанд. Ба чунин қонуншикании рӯирост иқдом варзидани онҳо касро ба андешаҳои дур мебурду омили асосии рух додани чунин бенизомиро ҷустуҷӯ мекард. Охир, аз рӯи инсофу Қонуни Асосӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори давлат ҳисоб мешавад, дар вақтҳои лозимӣ ӯ сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ ва дорандаи рутбаи генерал-полковники ҳарбӣ мебошад, тамоми шаҳрвандони мамлакат, алалхусус, ҳарбиён бояд, ки ба Президент итоат кунанд ва фармони ӯро бидуни чуну чаро, қитъиян иҷро намоянд. Вале аз Вазорати корҳои дохилӣ, Сарвазири ҷумҳурӣ ва коменданти Душанбешаҳр ягон садое ба гӯш намерасид, ҳомӯшии ваҳшатзое ҳукмфармо буд. Охир, қонуни ҳарбӣ ҳам талаб мекард, ки онҳо ба Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ, ба генерал-полковники ҳарбӣ итоат намоянд.

Бино бар ин, кас ба фикр фурӯ мерафт, ки оё роҳбарони Вазорати корҳои дохилӣ, Сарвазир, коменданти Душанбешаҳр, агар дар дил кудурате надоштанд, бе шакку шубҳа дар ин соатҳои ҳассос, ки ҳаёти мардуми ҷумҳурӣ, давлати навзоди тоҷикон дар зери хавфу хатар аст, дар сари ҳаллу фасли кадом масъалаҳое бошанд.

Магар дар назди онҳо ягон масъалаи душворе ба миён наомадааст, ки барои ҳаллу фасли он маслиҳати Президент, нонби ӯ ва ё дигарон лозим бошад?! Оё мушкил аст ва ё вақт намеёбанд, ки онҳо бо воситаи телефон гуфтугӯзор намоянду оиди рафти иҷрои фармонҳои Президенти ҷумҳурӣ ба ӯ ахбор диҳанд?!

Ё ба онҳо таъсири қуввае ҳаст, ки намегузорад ба Президент сим зананду ба назди ӯ биёянд?!

Хулоса, вазъияти ба миён омада аз марказгурезии як идда кормандони аркони давлат гувоҳӣ медод, ки ин хатари чиддӣ буд...

Дар Вазорати Корҳои Дохилӣ ба чӣ корҳо машғул будани сарвазир А. Мирзоев ба касе, ҳатто ба Президент ва нонби ӯ маълум набуд, алалхусус, ӯ дар як уток бо ҳамроҳии лидерони оппозиция Давлат Худоназаров ва Отахон Латифӣ нишаста, номаълум буд, кадом масъалаҳоро ва ба фоидаи кӣ ҳал мекард?!...

Чаро ба Президент сим зада, аз худу чунин иқдомаш хабар намедод?! Раиси Ҷумҳур борҳо аз ману Нарзулло Дӯстов хоҳиш мекард, ки дар куҷо будани А. Мирзоевро ёбему хоҳиш намоем, ки ба Р. Набиев сим зананд... Агар ягон масъалаи барои давлати қонунӣ фоидабахшро ҳал мекард, чаро бе мас-

лиҳати Президент ба ҳаллу фасли он камар бастааст?! Охир, Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ чунин ҳуқуқу вазолатро надода буд-ку?! Давлат ҳоло Раиси Ҷумҳур, Раиси Шӯрои Олӣ дошт...

Пас, сабаб чист?

Чаро ин корҳо бе маслиҳати якдигар орӯзу анҷом ёфта истодааст?

Чаро?! Чаро?!

Чунин чароҳои беохир ба ҳар кас пайдо мешуд, вале ҳалли онро касе ёфта наметавонист. Бо ҳамин Президент ва шахсони дар ҳузури ӯ буда аз вазъияти ба миён омада, аз муносибати сарвазиру як қисм аъзоёни ҳукумат, коменданту ҷонишинҳои ӯ ягон чизро нафаҳмида ва ё роҳати яклаҳзаинаро авло дониста, тахмин соатҳои 24-и шаб ба хонаҳояшон рафтанд. Дигарон ҳам барои шабро рӯз кардан ба ҳар кӯчое пароканда шуданд. Ман ҳамроҳи депутатҳои бокимондаи халқии Тоҷикистон, аз ҷумла аз вилояти Кӯлоб дар Шӯрои Олӣ шабро ба рӯз овардем. Овози тири мошини зиреҳдор, автомат ва дигар намуди силоҳ то рӯз гоҳо аз тарафи Хонаи радио, лаҳзаи дигар аз тарафи филармония, мухобироти марказию кинотеатри Ҷомӣ ва сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Ирон ба гӯш мерасид, ки ба тарафи мардуми майдони «Озодӣ» парронда мешуд. Ростӣ, ин гуна иқдоми ноҷавонмардонаи мухолифин даҳшату ғазаби мардумро ба бор меовард. Шабона чанд маротиба ба қозиёти ҷумҳурӣ ва ситоди генерал-майор Б. Р. Раҳмонов, ки ба тарафи оппозиция гузашта буд, сим зада, хостам аз онҳо илтиҷо намоям, ки пеши роҳи силоҳбадастону БТР (мошини зиреҳпӯш) саворонро бигиранд. Чунки онҳо малакаи мошини зиреҳпӯшро рондан ва аз он оташфишонӣ карданро худо медонист, ки бидонанд ва шабона бисёр ҷойҳоро вайрону валангор карданду яканд ҷавонмарди бесилоҳро захмин. Вале касеро наёфтам. Роҳбарони майдони «Озодӣ» ва мардуми он ин рафтори авбошонаи ашхоси зиреҳпӯшсаворро дида, дар ғазаб омада, мехостанд, ки бо дасти холӣ ҳам бошад, ба мардуми майдони «Шаҳидон», ба он ашхосе, ки аз мошини зиреҳдор ба тарафи онҳо тир мепарронданд, ҳуҷум намоянд. Мо мардуми гардиҳамомадагони майдони «Озодӣ»-ро ба оромӣ даъват мекардем, дили онҳоро тасалло медодем, ки зиреҳпӯшсаворони номаълум мумкин як гурӯҳи авбошон бошанду бе иҷозати роҳбарони мухолифин ин корро карда истода бошанд. Пагоҳӣ саҳар ҳамаашро муайян менамоем.

Барои он, ки ҷавонони майдони «Озодӣ» дар сари қаҳру ғазаб тарафи майдони «Шаҳидон» шабохун назананд ва ягон ҳодисаи ғайричашмдошт ба бор наояд, аз ҳисоби мардуми гирдиҳамомадагони майдони Озодӣ ҳоҷӣ Мулло Ҳайдар Ша-

рифов, Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров, Саид Салимов Бӯрихон Ҷобиров, Ботур Исҳоқов, Муҳаррама Мирзоалиева, Абдусалом Курбонов, Қурбон Азизов, Шавкат Қаҳҳоров ва дигарон гурӯҳҳо таъсис намуда, дар кӯчаи ба номи Рӯдакӣ, бинои Вазорати хоҷагии қишлоқ ва комиҷроияи Душанбешаҳр посбонҳоро гузоштанд. Инчунин ба ёрии онҳо якчанд кас аз кормандони Вазорати Қорҳои Дохилӣ ва Кумитаи Амнияти Миллиро сафарбар кардем. Агарчанде ҳамон шаб аз зарбаи силоҳи мошинҳои зиреҳдор якчанд кас захмдору ҳалок гардид, вале илоҷе карда нагузоштем, ки дар миёни ду майдони ба ҳам муқобил ягон задухӯрде рӯй диҳад ва хуни ноҳақ бирезад. Чунки оппозиция дорои 7 мошини зиреҳпӯш ва силоҳу аслиҳаи зиёди ҷангӣ буд. Дар майдони «Озодӣ» наздики як миллион мардуми бесилоҳ буд. Агар миёни ду майдон задухӯрд сар мешуд, Душанбешаҳр зери селоби хуни инсон мемонд. Агарчӣ ба воситаи ахбори умум аз тарафи ҳар кас ақидаҳое ҳам ба гӯш мерасид, ки пеши роҳи мардуми майдони «Озодӣ»-ро гирифтан лозим набуд, бигузор майдони «Шаҳидон»-ро пахш мекард. Вале чӯб ду сар дорад. Ба муқобили мошинҳои зиреҳдор, автомату гранатомёт чӣ гуна мардуми бесилоҳ истодагарӣ мекард...

То субҳ даҳҳо маротиба барои хабардор гардидан аз вазъияти сиёсии Душанбешаҳр ба коменданту ситоди Вазорати Қорҳои Дохилӣ сим задам, роҳбарони ВКД-ро ҷустуҷӯ кардам, вале касеро ёфта натавонистам. Суханронии навбатчии ситод ҳам тағйир ёфт. Акнун ҳамеша бо як оҳанги дағалу ғаразнок ҷавоб медод: «Маҳмадҷонов М., Қаҳҳоров А. ва Раҷабов А. дар ситод нестанд, дар кучо будани онҳо ба ман маълум нест, онҳо ба ман доклад намекунанд».

Бубинед, ситоди шаҳре, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурӣ ҳолати фавқулодда ва соати комендантӣ ҷорӣ шудааст, то чӣ дараҷа бенизом аст! Аз рӯи имон мегӯям, ки рафтори чунин ашхосро танҳо рафтори нопокона, ғаразнокона чизи дигаре номидан камоли ҳоҳилист!

Ҳамин тариқ, бо якчанд депутатҳои халқи ҷумҳурӣ аз вилояти Кӯлоб ва Ленинобод шабро бе хобу хӯрок рӯз кардем ва мунтазири омадани Президент будем.

Агарчӣ ноинсофона Симои «мардумӣ» ба халқи ҷумҳурӣ муаррифӣ кард, ки гӯё он шабу рӯз дар бинои Шӯрои Олӣ «майнӯшию ишқварзӣ» карда будем.

Ҳой гурӯҳи дасисабозу беимон, ҳангоми суханронӣ аз худо тарсед. Он шабу рӯз ба дили кӣ чӣ ҳам мегунҷид? Аз чор тараф тир чун жолаборон мерехт, чанд ҷавонмард захмину ҳалок гардида буд...

Субҳ аз Кумитаи Амнияти Миллӣ хабар доданд, ки оппо-

зиция аз ноҳияи Кофарниҳон бо қувваи силоҳ аз дасти посбонҳои харбӣ се установкаи ракетӣ ва ду пушкаи артиллерияро бо тирхояш, бо мақсади истифода бурдан ба муқобили мардуми Тоҷикистон, бародарони мусулмони худ зада гирифтааст. Вале оиди ин ҷинояти вазнини давлатӣ кормандони Вазорати Корҳои Дохилӣ ва ноҳияи Кофарниҳон чизе намедонистанду чун пештара гӯё дар хоби гарон буданд... Вой бар ҳоли он халқе, ки чунин муҳофизатгари бесадоқат дошта бошад!

Ин хабар аз он шаҳодат медод, ки оппозиция мақсади гуфтушунид кардан бо ҳукумат, Раиси Ҷумҳур надорад, ба табаддулоти давлатӣ, хунрезию бародаркушӣ қотеъона тайёрӣ дида истодааст. Вагарна тӯпу ракета ба кӣ ва барои чӣ лозим буд?

Мутаассифона, ашхосе ҳастанд, ки дар ахбори умум, Садою Симо, кӯчаю паскӯча, донистаю надониста мегӯянд, ки: «гуноҳи асосии Президенти ҷумҳурӣ Р. Набиев дар он аст, ки назди мардуми майдони «Шаҳидон» набаромад ва суханҳои онҳоро гӯш накард, ба саволҳояшон ҷавоб надод, талабҳояшонро ҳал накард.

Не, бародарон, имондорона мегӯям, ки Шумо аз асли воқеа бехабаред, аз навиштаҷоти рӯзноманигорони дайдую беимон аз ҳақиқати ҳол чизе нашунидаед, ё зери суханҳои Шумо ғаразе, наузанбиллоҳ, ниҳон аст, ки ба оташ мехоҳед равған пошеду авзои пошхӯрдаи ҷамъиятро боз ҳам номӯътадилтар гардонед!

АВВАЛО, борҳо аз рохбарони оппозиция хоҳиши дар майдони «Шаҳидон» баромад карданро пурсидем, онҳо ба мо кафолат надоданд, ки баъди дар майдони «Шаҳидон» баромад кардан зиндаю саломат бармегардем ё не? Охир, Шумо шоҳид будед, чӣ гуна депутатҳои Шӯрои Олӣ, вазиронро гаравгон гирифтанд, чӣ гуна азобашон доданд... Агарчӣ аз аксарияти онҳо чунин кафолатро пурсидам, онҳо ҷавоби ғайриқаноатбахш доданд.

ДУЮМ. Онҳо ба майдони «Шаҳидон» мардумро на барои масъалаҳои ба дарди халқи меҳнаткаш давобахшанда, балки барои содир намудани табаддулоти давлатӣ ва сохиби мансабҳои калони давлатӣ гардидан даъват намуда буданд. Талабҳои онҳо камчинии орд, канд, равған ва кашшокии халқ, холигии мағозаҳо, киматии нарх ва ғайра набуд, балки монанди ҳодисаҳои бахманмоҳи соли 1990-ум, ки ба арманиҳои аз берун омада хона доданд, сабабҳои сохтаю бофтае буду халос. Мақсади асосиашон табаддулоти давлатӣ буд ва бо ин

мақсад таи солҳои дароз мусаллаҳ шуданд. Вақти роҳбариашон ба ҷойи арзоншавӣ нарху наво якчанд маротиба боло рафт, баъзе мавод 80—100 маротиба қимат гардид, мардум якчанд моҳ маош нагирифт, ба мазмуни томаш халқ кашшоқу бенаво гардид, беадолатӣ сар ба фалак кашид, хуни ноҳақ рехт. Пас, чаро онҳо ба майдон намебароянд, гирдиҳамоӣ ташкил намекунанд, аз ҳолу аҳволи халқ хабардор намешаванд, дардашро намешунаванд? Агар маромашон мансабу табаддулоти давлатӣ намебуд?!

Не, онҳое, ки гирдиҳамоиро ташкил карда буданд, он рӯзу имрӯз гуруснаю қашшоқ нестанд! Онҳо тавонистанд аз ҳисоби халқу аз ҳисоби қӯмакҳо доро шаванд.

Бале, ба онҳо вазифаҳои С. Қенҷаев, Н. Дӯстов, Н. Ҳувайдуллоев, В. Воҳидов, А. Сайфуллоев, Л. Қаюмов ва дигарон лозим буд. Чун ба мақсад расиданду соҳиби мансаб гардиданд, дигар парвои он камбағалону бечорагҳолон накарданд...

Бародарро ба бародар ҷанг андохта, хуни ҳазорҳо мардуми мусулмонро резонда, дини мубини исломро хор карда, миллати сарсахти тоҷикро шарманда сохта, боз бешармона мегӯянд, ки «ҳар чӣ дар Тоҷикистон рӯй дод, ин табиисту ризои худо. «Дар давраи гузариш бояд чунин ҳодисаҳо рӯй медод...»!

Агар Р. Набиев ба наздашон мебаромад, чун пештара хӯрокию либосӣ, арзонии нарху ғайраро талаб намекарданд. Талаб мекарданд, ки Раиси Шӯрои Олӣ С. Қенҷаев, ноиби президент Н. Дӯстов, прокурори Кулли ҷумҳурӣ Н. Ҳувайдуллоев ва якчанд вазирон хатман ба истеъфо раванду ба ҷои онҳо намояндагони «нерӯҳои демократӣ» ва Ҳизби наҳзати ислом ба сари қудрат оянд.

Магар иҷрои чунин талабҳо ба ваколати Президент дохил мешуд?! Метавонист талаби онҳоро қонеъ гардонад?!

Не, ҳеҷ гоҳ!! Сипас, масъала ранги дигар мегирифт, ҷавоб медоданд, ки ҳаллу фасли ин масъала ба ваколати ӯ дохил намешавад. Он гоҳ истеъфои худи Раиси Ҷумҳурро талаб мекарданд. Борҳо ба ман дар вақти сӯҳбат «мӯҳтарам» А. Соҳибназаров, Шодмони Юсуф ва дигар сарварони оппозиция гуфта буданд: «Шумо зиёда аз 3—4 моҳ роҳбарӣ карда наметавонед. Ба монанди Президенти Ҷумҳурии Гурҷистон Гамсахурдиа бадарға мешавед, бадбахтии Тифлис дар Душанбе такрор мешавад!» Борҳо аз ишон пурсон шуда будам, чӣ бояд кард, ки бадбахтии ба сари мардуми Гурҷистон омада дар Тоҷикистон такрор наёбад?! Ҳамеша бо захрханда мегуфтанд: «баъд мефаҳмед...»

Агар нақшаҳои пешакӣ намедоштанд, нияти нопоки хешро бо хри сарнагун сохтани ҳукумати қонунӣ дар дил намепарварианд, оё чунин пешгӯиҳо намуда, баъди чанде онро ама-

лӣ месохтанд? Ҳар як намояндаи оппозиция борҳо дар саҳифаҳои ҳафтавори «Адолат», «Чароғи рӯз», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Дунё», «Сухан» аз ин нақшаю ниятҳои манфуру нопоки хеш ҳарф зада буданду аз гуфтаи шоир бехабар:

Чу бинӣ тирабахтеро сияҳрӯз,
Шабашро ҳамчу курси маҳ барафрӯз.

Онҳо нақшаҳои ваҳшатафзо доштанду вале мо фориғболона амал карда, ба ниятҳои нопоку таҳтонии ишон аҳамияти зарурӣ надода, ба гуфтаҳои онҳо бовар накарда, аз паи баланд бардоштани иқтисодиёту некуаҳволии мардуми ҷумҳурӣ будем. Чӣ тавре ки мегӯянд:

Мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл,
Мо аз пайи корему фалак вайронкор.

Онҳо мақсади вайронкорӣ доштаанду мо баҳри бунёдкорӣ бо дузду каллобон, фиребгарону ҳаққи мардумхӯрҳо ва мафияи дохилию хориҷӣ даст ба гиребон мешудем.

СЕЮМ. Барои ташкили гирдиҳамоӣӣ дар майдони «Шаҳидон» дар давоми зиёда аз 45 рӯз, шахсони алоҳида барои амалӣ гардидани мақсадҳои нопоки худ маблағи зиёде ба харҷ доданд ва мебоист ба чизе, ба ғаразе ноил бигарданд. Аз ин сабаб ба онҳо баромадҳои беманфиати роҳбарияти ҷумҳурӣ лозим набуд.

ЧОРУМ. Миёни гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» чиноятқорону роҳзанон ҳам буданд, ки барояшон номӯътадилии ҷамъият, бесару сомонӣ дар ҳукумат лозим буд, зеро ризқу рӯзиашонро аз ин ҷо меёфтанд, на аз суханронии Раиси Ҷумҳур ё Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ дар майдони «Шаҳидон».

ПАНҶУМ. Давлатҳои хориҷа барои ташкил ва нигоҳ доштани гирдиҳамоӣ дар майдони «Шаҳидон» сари қудрат омадани мазҳаби «Ваҳҳобия» миллиёнҳо доллар сарф карданд. Танҳо давлатҳои исломӣ миллионҳо доллари америкоӣ додаанд (рӯзномаи «Известия», апрели соли 1993).

Аз ин истифода бурда, бо хости дили худ майдони чиноятқориро васеъ намуда, силоҳ дар даст гирифта, «давр» ронда, молу чизи мардумро ба ғорат бурда ва ҳанӯз ҳам молу пули бедардимиёнро гирдоварӣ карда истодаанд.

Иддаи зиёди кормандони идораи муҳофизати ҳуқуқ, муборизаи зидди чиноятқорӣ, таъмини амнияти миллӣ бошанд, аз бесарусомонӣ, бемасъулиятӣ, камталабиву бечуръатии роҳба-

рияти ҷумҳурӣ истифода бурда, савганди хешро се талоқ карда, қисмашон аз пайи «зиндагии худ шуданд, ба муште ашхоси нобакор кӯмак ҳам расонданд.

Илова бар ин, агарчӣ ҳар соату дақиқа вазъият тезутунд мегардиду дар бисёр зинаҳо табаддулоти давлатӣ ошкоро амалӣ гардида истода буд, бо сабабҳои номаълум ҳимояткунандаи давлати қонунӣ — коргарони Вазорати Корҳои Дохилӣ дар лаҳзаҳои ҳалкунанда бо супориши роҳбаронашон бесилоҳ карда мешуданд. Дар натиҷа мавқеи оппозиция пурқувваттар мегардид. Ин чӣ мазмун дошт?!

Магар ин маънои таслим шудан ба оппозиция набуд?!

Чаро дар чунин шароити муташаннич, ки ҳаёти давлат ва халқи он зери хатар буд ва бӯйи хун ба димоғ мезад, кормандоне, ки аз рӯи вазифа савганд ёд карда буданд, ки ҳаққу ҳуқуқи халқи ҷумҳурӣ ва сохти давлати қонуниро то қатраи охирини хун ҳимоя мекунанд, бе иҷозату розигии Раиси Ҷумҳур силоҳҳоро супурданду бетарафиро интихоб карданд?!

Магар ин хиёнат ба давлати конституционӣ ва ба халқи шарифи он набуд?! Магар ин поймол намудани савганд нест?! Бисёр афсӯсу таассуф!!

Магар он роҳбаре, ки чунин фармон додааст ҷумҳуриро ба ин варта ворид сохта, ҳоло дар курсии мансаби давлат нишастааст, хоини давлату душмани халқи худ нест?! Магар виҷдон ӯро азоб намедиҳад? Яқин аст, чунин палидон имону виҷдон надоранд!! Аз чунин инсонҳои чоплусу хасакӣ харосидану дурӣ ҷустан андарзест, «ки аз мурғи бад канда бех пару бол».

Давлате, ки дар он интизом нест, ҳеҷ гоҳ пойдор нахоҳад монд. Фикр мекунам, ки таърих гунаҳкоронро муайян мекунад, вақт лозим... Чунон ки дар ҳикмати халқ омадааст: «Ҳақиқат сад сол зери хок монад ҳам, боз мисли алмос рӯзе хоҳад дурахшид».

Р. Набиев роҳбарони оппозицияро ба гуфтушунид даъват намуда, бо онҳо соатҳои тӯлонӣ паси сар мекарданд. Дар ҳар як сӯҳбат намояндаҳои оппозиция даъвоҳои нав ба нав пешниҳод мекарданд, ҳамаи ин танҳо бо мақсади гузарондани вақт буд, то ки ба онҳо барои силоҳ ҷамъ овардан шароит муҳайё гардад. Разведкаро пухта намуда, баъд сарҷамъонаю дилпурона ба ҳуҷум бигзаранд. Фикрамро нисбати ин нақшаҳои мухолифин борҳо ба роҳбарони ҷумҳурӣ, органҳои мухофизати ҳуқуқу муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, таъмини амнияти давлатӣ гуфта будам. Вале бо сабабҳои номаълум касе аҳамият намедод, гӯё гӯшҳо кару дидаҳошон нобино буданд. Ин мисраъҳо амали онҳоро собит месохт:

Чунон аз по фиканд имрӯзам он рафтору қомат ҳам,
Ки фардо барнахезам, балки фардои қиёмат ҳам.

Тахминан соатҳои 10-и рӯзи 6 май Президент ба кор омад. Дар утоқи муовини Раиси Шӯрои Олӣ Приписнов В. И., ки он чо Президент қарор дошт, ҳама ҷамъ омадем. Сарвазир Акбар Мирзоев ва ҷонишинҳояш наомаданд. Аз аъзоёни Президиуми Шӯрои Олӣ низ касе набуд.

Дар назди Президент Н. Дӯстов, Н. Ҳувайдуллоев, Ф. Ниёзов ва якчанд депутатҳои Шӯрои Олӣ ҳузур доштанд. Вазъияти Душанбешаҳр ва ҷумҳуриро касе намедонист ва ахбор ҳам намедод. Шаҳсони мутасаддӣ — коменданти Душанбешаҳр ва муовинҳои ӯ то ҳол аз фаъолияти хеш хабари ночизарине нарасонда буданд. Як рӯз пеш Р. Турсунов Раиси ҚАМ-и ҷумҳурӣ таъин гардида буд, ки ҳоло касе ӯро надида буд.

Ба касе маълум набуд, ки аз чӣ сабаб бошад, дар давоми се-чор рӯзи охир ба назди Президент ягон вазир ва ягон аъзои ҳукумат, мушовирони давлатии ӯ ба ғайр аз Абдусаттор Ҷабборов, ки дилаш барои халқаш месӯхту доимо ҳамроҳи мо дар давутози он буд, ки баҳри боздоштани шиддатнок гардидани вазъи ҷумҳурӣ чорае андешад, дигар касе намеомад, аз вазъият хабар намедод, ҳолу аҳвол намепурсид, роҳҳои аз ин вазъияти мушкил раҳо ёфтани ҷумҳуриро ҳаллу фасл намекард.

Чанде пеш, 30 апрели соли 1992 бо фармони Президент аз ҳисоби ашхоси сиёсӣ, олимон ва мутахассисон, сиёсатмадорон Шӯрои Президентӣ таъсис ёфта буд. Вале «Президент вакт намеёфт, ки барои маслиҳат онҳоро ҳам даъват намояд». Ҷустани ворастагӣ аз вазъияти рӯйдода, қабул кардани ин ё он ҳалнома вуҷуд надошт. Ба миён омадани чунин нобасомониҳо кабл аз ҳама ба он шаҳодат медод, ки ҳокимият батамом фалаҷ шудааст. Илова бар ин, на ҳамаи роҳбарони ҷумҳурӣ аз як гиребон сар мебаровардану тарафдори мӯътадил гардидани авзоъи ноҳинҷори ҷумҳурӣ буданд, қисмашон умед ба он тараф ҳам баста буданд. Мехостанд, ки хизматгори ду хоҷа бошанд ва коре кунанду курсии мулоимро аз даст надиханд. Оре, чунин ноҷавонмардони беинсофу мурдадил теша ба решаи давлати конунӣ заданду ба номӯътадил гардидани вазъи кишвари азизи тоҷикон мусоидат намуданд, халки бечораро ба чунин рӯз андохтанд.

Раиси Чумҳур хуб дарк мекард, ки инони саманди давлатро аз даст дода истодааст. Интизом дар зинаҳои болоии давлат намондааст. Аз ин рӯ, аспи бадхӯ савори хешро дар роҳи нопайдоканори биёбон паррон-паррон мебурд, ки мебурд!



10. Майи 1992. Пеш аз хучум ба ҚАМ.

Ба чехраи гирдихамомадагони майдони «Шахидон» лахзае бингареду казоват намоед вакто ки 10-уми октябри соли 1992 ҷенерали мардумӣ корӣ Киёмиддини Ғозӣ эълон дошт, раёсати оппозиция қарор қабул кард: «Дар боран ҳучум намудан ва забт карда гирифтани бинои КАМ ва ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон». Хама бо як овоз чор мезананд: «Чиход, ба пеш, барон ғалаба, барон ба даст гирифтани хокимият!»

Сарбози «Гурди миллӣ»-и майдони «Шаҳидон» дар камин.

«Гурди миллӣ»-и оппозиция ҳангоми тайёрӣ ба ҳучуми КАМ 10 май 1992.

Натича аз хучум ба КАМ.

Натича аз хучум ба КАМ.

Намоиши шўрангези ҷанозаи халокшудагони ҳуҷуми КАМ дар майдони Шаҳидон. 10 май. 1992.

Ин ҷаноза барои гурӯҳе намоиши сиёсӣ аст, вале барои пайвандонаш мусибати азим.

Исёни «падарону модарони» миллат (Д. Худоназаров, Г. Сафиева) ва дигарон, ки мардуми аз сиёсат дурро гумрох сохта, ба майдонхо даъват намуда, ба сари миллат бадбахти оварданд.

Ҷонишини хизби демократи Тоҷикистон А. Сохибназаров ҳангоми маслиҳат бо роҳбарони оппозиция Сафар Абдулло ва дигарон дар майдони «Шаҳидон» онди роҳҳои ба сари қудрат омадани оппозиция.

Хочӣ Мулло Абдуғаффор ва хочӣ Акбар Тӯрачонзода ҳангоми мутолиаи рузномаҳо

Чашмбандӣ дар рӯзи равшан.

Аз паттокии шоира Гулрухсор Сафиева Исмои Давлат оромиш меёбад.

Раиси Хизби наҳзати исломи Тоҷикистон Муҳаммадшариф Ҳимматзода дар майдони «Шаҳидон» гирдиҳамомадагонро ба ҷиҳод даъват карда истодааст.

Раиси Хизби демократи Тоҷикистон Шодмон Юсуф.

Давлат Худоназаров — асосгузори хамаи бадбахтихо дар Чумхурй.

# ҚУВВАИ СЕЮМ

Қувваи сеюм бошад, бисёртар муташаккилона, аз рӯи нақшае, ки аз паси парда таҳия мегардид, амал мекард. Роҳбарони гуногунмақоми дудилаю бадбин, ки бо сабабҳои мухталиф дар давраҳои гузаштаю кунунӣ аз Раиси Ҷумҳур ранҷида буданд, ё гумон доштанд, ки Президент аз онҳо ранҷидааст, ғаразомезона вазифаашонро бо дили нохоҳам иҷро мекарданд. Ба суханҳои ғапфурӯшон бовар карда интизори он буданд, ки имрӯз ё фардо Раиси Ҷумҳур онҳоро аз сари мансаб дур мекунад. Вақтро ғанимат дониста, аз вазъияти мутаҳшанниҷ айёрона истифода бурда, барои мустаҳкам кардани мавқеи хешу ҳаммаромони худ дар давуғеҷ буданд. Ҳамчунин иддае кормандони ургонҳои муҳофизати ҳуқуқу муборизаи зидди ҷинояткорӣ, амнияти давлат, ки худ сиёҳкор ва дузду ғоратгар буданд, ба талаби сахтгиронаи давлати қонунии кунунӣ тоб оварда наметавонистанд. Иддаи сиёҳи курсинишин хуб дарк мекарданд, ки гуноҳашон анқариб аст, ки фош гардад, бад ин манзур ниқоб аз рӯяшон бардоштаву дар назди ҷамъият рӯсиёҳ хоҳанд гардид. Аз ин рӯ, роҳи раҳо ёфтани худро танҳо дар ҳамроҳӣ ҷустан бо қувваи сеюм дарёфтанд ва барои зафар ёфтани он ҳеҷ чизро дареғ намедоштанд, ба ҳама пастиҳо, ноҷавонмардиҳо даст мезаданд, ки заданд.

Қувваи дигаре, ки сар бардошта буду қувваи сеюмро аз дуру наздик дастгирӣ мекард, ин мафияи дохиличумҳурӣ, яъне роҳбарони як қисм кооперативу корхонаҳои хурд, савдою ассоциацияҳои нопоку ҳаромхӯр буд, ки аз ҳисоби мардуми бенаво миллионер шуда буданду ҳукумати қонунӣ инро аз рӯзҳои аввал хубу равшан дарк намуда, пой ба болои думи онҳо гузошта буд...

Онҳо мақсаду мароми роҳбарони ҳукумати қонунӣ, аз ҷумла Шӯрои Олӣ ва раёсати онро амиқ дарк карданд, ки имрӯз ё фардо оташи ҳақиқат бунёдашонро хоҳад сӯзонд. Аз ин боис, барои номӯътадил гардидани ҷамъият, наҷот додани худ камар бастанд, зеро номӯътадилии давлат ба онҳо фоидаи иқтисодӣ меовард, баҳри амалӣ гардондани корҳои нопокашон роҳ мекушод ва метавонистанд бо роҳи фиреб маблағи зиёде ба даст оваранд. Бо роҳбарони оппозиция забон як карда, аз ҳисоби ҷиноятқорони Душанбешаҳру ҳаммаслакони онҳо гурӯҳи зархарид таъсис намуданд. Ва ин гурӯҳи зархаридро барои тарсондану ба воҳима андохтани мардуми беяроқи майдони «Озодӣ», тарафдоронашон ва барои гузаронидани ҳар гуна амалиёти беадолатона сафарбар менамуданд...

Онҳо ба хонаҳои ашхоси намоёни Душанбешаҳр рафта, молу мулки ононро талаю тороҷ намуда, таҳдиди қатлу куштор мекарданд.

Гурӯҳи дигари ин снёҳкорон аз ҷумлаи онҳое буданд, ки дар даврахои гузаштаю кунунӣ камбудию норасогии чиддии хизматӣ, ҳизбӣ ё ҷиноятe содир намуда, гунаҳкор гардида, дар назди давлат, ҳизби Коммунист муттаҳам ва аз вазифа конунан сабукдӯш шуда буданд. Имрӯз вазъияти номӯътадили снёсии давлат ба онҳо шароит мухайё кард, ки чун сағурон аз хоби гарон хеста, ба майдон оянд ва овоз баланд бикунанду ҳукумати қонуниро зери тозиёнаи танқид бигиранд. Барои онҳо фарқе надошт, киро танқид намоянд, рохбарони ҳозира ё каблӣ ва чун рӯбохи маккор думи дарозу пағмоқи худро гоҳ ба ин тарафу гоҳ ба он тараф алвонҷ дода, ба қувваи сеюм ҳамроҳ мешуданд. Худро чун ҷабрдидаи сохти тоталитарӣ, режими коммунистӣ муаррифӣ намуда, чун актёрони театр ашки сунъӣ мерехтанду сухан ба рнё гуфта, рохбарони давлатро танқид менамуданд.

Вале боре имондорона намеандешиданд, ки дар гузашта худи онҳо кӣ буданд?! Чӣ кори неку бошарафе нисбати халқи худ кардаанд?! Оё поксиришту поквичдон буданд?! Охир, худи эшон дар зинаҳои гуногуни мансаб кор мекарданду рохбалади режими тоталитарии Ҳизби коммунистӣ буданд, мардуми бенаворо авомфиребона истисмор мекарданд, ба чашмаш хок мепошиданд ва кӯри худу бинои дигарон буданд.

Намеандешиданд, ки устухон, рагу пайвандашон ба нони Ҳизби коммунист чӯшида мустаҳкам шуда, худову пайғамбарашон билети ҳизбӣ буд. Ба ҷои каллаҳои холию бемағз билетҳои ҳизбиашон кор мекарданд-ку?! Имрӯз ҳам дар хонаҳои барҳавои ҳизби Коммунист бо карру фар зиндагӣ карда истодаанд. Магар онҳоро худо намезанад? Намаки ҳизб намезанад? Магар онҳо ба дигар ҳизбу ба дигар сохти давлат содиқу устувор монда метавонанд?! Ҳаргиз!

Ба ақидаи ман, шахсе ки аз як дасторхон нон хурда, баъд ба он туф кардааст, дӯстро фурӯхтааст, дар оянда низ дасторхони дигареро пеши мо мезанад, дигаронро мефурӯшад. Онҳое, ки дирӯз худро аъзои содиқи Ҳизби коммунист ном мебурданду имрӯз боз овоз баланд мекунанд, ки мо демократем ё наҳзати ислом, аз ҷумлаи чунин ашхосанд ва шояд ин мисраъҳо маҳз ҳастии қабоҳатандешонаи онҳоро ифода намоянд:

Пеш аз ин гар ҷоми ишрат доштам, холо чӣ суд?
Аз фалак даври дигар хоҳам, ки даврони ман аст.

Имрӯз боз ба хотири он камар бастаанд, ки бо дасти дигарон мор дошта, табаддулоти давлатӣ рӯй диҳад, хуни ҳазор-

ҳо кас бирезӑд, садҳо ҳазор мардуми ҷумҳурӣ бе хонаю ҷой, аз Ватан беватан гарданд ва илоҷе ёбанду боз сари қудрат биёянд. Вале онҳо дарк намекарданд, ки бо рафтори ноҷавонмардонаи худ, ки сабабгори бадбахтию хунрезиҳо гардидаанд, дар ин дунёву охират беимону рӯсиёҳ хоҳанд гардид, ки иншоаллоҳ, мегарданд!

Ашхоси дигар, иддае зиёии илҳоқӣ, аз ҷумла як зумра рӯзноманигорон, шоирону навқаламон ва олимон буданд, барои пулу мансаб шуда, имонфурӯшӣ карданд, ба ҳукумати қонунӣ бӯҳтону иғво зада, мавқеи худро ба ҳомиёни дини муқаддаси ислом ва қувваи сеюм наздику мустаҳкам менамуданд ва ба мардуми гумроҳгардида хештанро ҳомиёни миллат шинос менамуданд...

Агарчӣ худ майзадаю фосиқ, ҷинояткору ба миллат нодаркор буданд, вале барои хизматҳои ноҷавонмардонаашон соҳиби пулҳои бедардимиёни дохилию хориҷӣ гардида, борҳо ба мамлакатҳои хориҷӣ сафар карданд, аз ҳисоби қозиёти ҷумҳурӣ барои зиёрати Хонаи Каъба рафта, хоҷӣ шуданд.

Охир, агар пули бедардимиёни қозиёти ҷумҳурӣ ва хориҷа намебуд, пас чӣ гуна, аз ҳисоби кадом сарчашмаҳо бинёдгузор ва мудири масъули рӯзноманаи «Чароғи рӯз» «ҳақиқатҷӯй» Дадоҷони Атовулло метавонист, ки дар давоми як сол хонаи С. Улуғзодаро ба 2 миллион сӯм бихарад, соҳиби якчанд то автомашинаи сабукрав гардад, илова бар ин, зиёда аз 200 ҳазор сӯм дода, ба ҳаҷ ба Маккаву Мадина биравад...

Хулоса, дар атрофу ҷониби гурӯҳи сеюм аксаран шахсони сиёҳкору ноҷавонмарди ҷамъ омада буданд...

Алқисса, ҳар кас аз рӯи фаҳмиши худ вазъияти рухдодаро токӣ болои зону гузошта, таҳлил мекарду нигарони он буд, ки оё Раиси Ҷумҳур чӣ хулосае мебароварда бошаду ҳаллу фасли ворастагии гиреҳи печ дар печи рӯйдодаро бо кадом самтҳо медида ва мекушода бошад, ки миллат аз ин бало бе талафот халос гардад.

Телефонҳои кории Президент қариб, ки садо намедоданд. Қасе ба ӯ сим намезад, чизе намепурсид ва пешниҳод ҳам намекард. Президенти ҷумҳурӣ Р. Набиев ва роҳбароне, ки дар ҳузури ӯ буданд, интизори сим задани сарвазири ҷумҳурӣ ва коменданти Душанбешаҳр, генерал-майор М. Маҳмадҷонов ва муовинони ӯ буданд, вале аз ишон иттилое ҳам намерасид. Охир, онҳо бояд дар бораи гуфтушунид бо роҳбарони оппозиция ва вазъияти Душанбешаҳр, чораҳои андешидаашон ахбор медоданд. Вале касе сим намезад ва чизе намегуфт.

Бо супориши Президент, нозири ӯ Н. Дӯстов ба ситоди Вазорати Қорҳои Дохилӣ бори дигар сим зада, онҳоро кофтуков

карданд. Танҳо М. Маҳмадҷоновро ёфта, ба назди Раиси Ҷумҳур даъват карданд. Вазъияти майдонҳо акнун соат ба соат не, балки ҳар дақиқа тезутунд мегашту тағйир меёфт.

## ҶИҲОД, «ИНҚИЛОБ»

Роҳбарони оппозиция дар назди гирдиҳамомадагон баромад карда, бо макру афсун мардумро ба ҷиҳод, инқилоб ва ҷанг даъват мекарданд.

Нотиқони гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон», ки барои нӯзил гардидан ба мақсадҳои нопоку хиёнаткоронаи худ 49 рӯз бо суханҳои бофтаю сохта ва пур аз бӯҳтон мардуми камсаводу аз сиёсат дурро гумроҳ сохта, дар дили онҳо тухми нафрату маҳалгароӣ коштанд ва дар ҳақиқат ҳезумкашони ҷанги бародаркушӣ гардиданд. Дар натиҷа даҳҳо ҳазор мардуми ҷумҳурӣ кушта шуда, садҳо ҳазор аз Ватани худ фирор карданд, ба халқу давлат зиёда аз 300 миллиард сӯм зарари моддӣ расонда шуд.

Аз ҷумла, дар майдони «Шаҳидон» корӣ Муҳаммадҷон изҳор дошт, ки гӯё дар майдони «Озодӣ» шиори «Нест бод дини ислом!» садо дода бошад. Дар асл ин дурӯғест барои сиёҳ кардани тарафи мукобил. Ҳама огоҳанд, ки дар майдони «Озодӣ» мусулмонон ҷамъ омадаанд ва рӯзе даҳҳо бор аз оёти Қуръони маҷид қироат мекарданд. Вале ба хотири манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ шуда, корӣ Қиёмиддини Ғозӣ мардуми дар майдони «Озодӣ» ҷамъшуда ва роҳбарони ҷумҳуриро «номусулмон», «кофир», «ғайриҷочик» меномиду мардуми майдони «Шаҳидон»-ро ба «ҷиҳод», ҷанг даъват мекард, ки он на дар чорчӯбаи ахлоқи инсонӣ меғунҷаду на исломӣ.

Нотиқи майдони «Шаҳидон» Саидмахсум ҳангоми суханронӣ ба қатл расонидани С. Кенҷаев, Н. Ҳувайдуллоев, А. Сайфуллоев ва мардуми майдони «Озодӣ»-ро талаб менамуд. Аз ин бандаи саид ва махсум бояд пурсида мешуд, ки барои кадом гуноҳҳояшон ба онҳо ҳукми қатл мефармояд?!

Шаҳрванд Идибек аз ноҳияи Панҷ изҳор менамояд, ки «Коммунистонро ба дор бояд кашид». Ин гуфтаро Ҷӯраев аз ноҳияи Колхозобод тақвият медиҳад ва мегӯяд: «Депутатҳоро ба қатл бояд расонд». Чунин гуфтаҳо дар суханрониҳои Саъдулло (ноҳияи Қумсангир), Саидмуҳиддин, эшони Алломаи регарӣ, эшони Саидашраф, эшони Салоҳиддин ва ҷанде дигарон садо доданд.

Домулло Аномат бошанд, ҳамаи гирдаҳамомадагони майдони «Озодӣ»-ро «майзада» номиданд, ки ин таҳқири рӯирост аст. Домуллои мӯҳтарам ақаллан наандешиданд, ки дар май-

дони «Озодӣ» ба чуз мардон, шумораи занҳо низ кам нестанд ва то ба ҳол чунин таҳқирро ба домани поки модари тоҷик касе дарбеҳ накарда буд. Магар чунин намуди баёни ақида аз рӯйи дини мубини ислом, оёти Қуръони маҷид аст?! Не, ҳеҷ гоҳ!...

Мардум мӯътақид буданд, ки ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода бехбуди рӯзгори мардуми тоҷик, аз вартаи бӯҳрон баровардани Тоҷикистонро мехоҳанд. Бисёр суханрониҳои он кас аз минбари иҷлосияҳои Шӯрои Олӣ ба ин амал даъват мекарданд. Аммо суханронии қозӣ Акбар Тӯраҷонзода 30-юми апрел дар майдони «Шаҳидон» касро ба андеша водор месозад. Ӯ изҳор намуд, ки ба давлатҳои мусулмон барқия равон кардааст, ки бо Тоҷикистон ҳамкорӣ накунанд. Ба Покистон низ барқия фиристодааст, ки 500 миллиён доллари ваъдашударо ба Тоҷикистон надиҳад. Аз ин бармеояд: оне, ки талоши беҳбуди рӯзгори мардум дошту гӯё дар роҳи ҳақ қарор дорад, барои мафоди шахсӣ, мансаб шуда, тайёр аст манфиати мардуми тоҷикро пеши по занад. Чунин изҳорот на танҳо ба шаъни шахсияте чун қозӣ Акбар Тӯраҷонзода, балки ба ҳеҷ фарде, ки дастовардҳои мардуму чумҳуриашро мехоҳад, намезебад.

Бояд дарк намуд, ки дар ин мубориза ҳеҷ гурӯҳе бурд нахоҳад кард. Вале афтодани мӯе аз сари шаҳрванде фочиаи миллати тоҷик хоҳад буд.

Ҳатто кор ба ҷое расид, ки гирдиҳамоиро Инқилоб, гирдиҳамоии охирин номиданду ба мардум таклифи барои «ҳифзи миллат» даст ба силоҳ заданро намуданд. Шиорпартоиҳои бемазмуну бемантиқ, аз рӯи хабарҳои давраи Инқилоби Хумайнӣ дар Ирон хонда ҳар касро ба хулоса мебарад: ақидаи бегона, ба сарпаноҳи тоҷикистониён маскуншуда, дасти бегона бо зӯрӣ сиёсатро идора менамояду сӯяш мекашад...

Ва беҳуда нагуфтаанд, ҳар касу дави аспаш. Аспаш бодпову сиёсатмадори навбаромад худ беҳунар бошад, гумон аст, ки ба марра расаду шаҳди ғолибӣ чашад. Ғолибӣ насиби фарде мешавад, ки ҳунари хуби аспдавонӣ дошта бошад, ҳатто хуб пойро ба рикоб мондану пушт ба зин мустаҳкам бастан, лаҷомро сахт қапидану қамчинро сахт ба рони бодпо задан суде намебахшад. Ҳунарманд бе зину лаҷом ҳам ба мақсад мерасад. Имрӯз бошад, майдони аспи ин турфа сиёсатмадорон майдони «Шаҳидон» гашта, бубинед ки чи қиёмате ба бор овардааст:

Оппозиция тавассути дастгоҳи ғасбнамудааш — оинаи нилгун ҳар гуна хабарҳои пур аз бӯҳтонро паҳн мекард. Зиреҳпӯшсаворони генерали «мардумӣ» Б. Раҳмонов бо автоматҳо дар кӯчаҳои Душанбешаҳр чун тири аз камон ҷаста аз як самт ба самти дигар «парвоз» мекарданд, аз ҳар кунҷу канор

тирпарронӣ ба ҳукми қонун даромада, мардумро ба изтироб оварда буд. Душанбешаҳрро пурра зери назорати худ гирифта буданд.

Қорхонаҳои махсус, ки роҳбаронашон ба қувваи сеюм ҳамроҳ шуда буданд, онҳоро бо сӯзишворӣ ва дигар лавозимот таъмин мекарданд. Дигар корхонаву муассисаҳо кор намекарданд, ягон намуди нақлиёти давлатӣ ҳаракат намекард. Қисми нақлиёти автомобилии Душанбешаҳр, вилояти Қӯрғонтеппа, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ғайр аз Ҳисору Шаҳринав, Ленину Варзоб бо сарварии роҳбаронашон дар ихтиёри роҳбарони оппозиция буданд.

* * *

Мухолифин паи ҳам чун гурги гуруснаи вориди қӯтани мешон шуда девонавор ҳамла мекард, ки бинои Шӯрои Олӣ ва Хонаи радиои ҷумҳуриро бигиранд, ба тарафи Хонаи радио ва бинои Шӯрои Олӣ аз мошини зиреҳпӯшу автоматҳо тир холӣ мекарданд.

Чуноне ки пеш гуфтем, бино ба ҳабари ҷонишини сардори идораи муҳофизати граждании ҷумҳурият полковник С. Шарофиддинов, ӯ ба прокурори Душанбешаҳр С. Шарофов хабар дод, ки Ҷӯрабоев Холиқ Раҳматҷонович, соли таваллудаш 10-уми октябри соли 1960, аз бригадаи таъиноти махсус ва батальони алоҳидаи назди Президент дар назди даромадгоҳи дари бинои концерни «Ғалла» аз ҷониби шахси номаълум бо снайпер аз тарафи бинои сафоратхонаи давлати исломии Ирон парронда шуд, ки тир аз сараш задааст. Ӯ дар ҷояш ҷон ба ҳақ супорид.

Баъди Муродуллоҳи Шерализода ин шаҳиди дуюм буд. Холиқ Ҷӯрабоев корманди иттиҳодияи «Хуҷандатлас»-и вилояти Ленинобод буда, барои баён кардани ақидаи худ ба гирдиҳамоии майдони «Озодӣ» омада будааст. Ӯ соҳиби ҳамсару ду фарзанд буд. Чунин ҳаракати ваҳшиёна ин ҷавони бегуноҳро, ки сад орзуву ҳаваси зиндагӣ дар дил дошт, аз ҳаёт маҳрум, аз ҷигарбандонаш ҷудо сохт, ҳамаро ба изтироб оварда.

Худоё, чӣ касофатию иқдоми номатлуб моро ба ин вартаи ҳалокатбор оварда. Он чӣ гуна қувваи сиёҳкоре буд, ки тавонист байни як миллати бо ҳам бародар низоъ хезонад, то ба муқобили якдигар силоҳ бигиранд ва якдигарро бикушанд. Нисбати амалиётҳои ноҷавонмардонаи мухолифин, ки барои курсии мансаб шуда, хуни мардуми бегуноҳро рехта истодааст, оиди ин ҳодисаи аламовар ба қозии мусулмонони ҷумҳурӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода тавассути телефони ҳукуматии

«205» сим задам. Хостам, ки бори дигар илтичо намоям, пеши роҳи резонидани хуни бегунохонро ҳарчӣ бошад ҳам, бигирад.

Гӯшаки телефонро чун пештара ба ном «миёнарав» Отахон Латифӣ гирифта гуфт, ки ҳочӣ Акбар дар дигар хона банд аст, масъалаҳои муҳимро ҳал карда истодааст, омада наметавонад. Сипас ман ҳодисаи рӯйдодаро ба Отахон Латифӣ нақл карда, аз он кас хоҳиш кардам, ки барои пеши роҳи чунин амалиётҳои хунинро гирифтан кӯмаки шаҳрвандии хешро расонад ва ҳочӣ Акбар Тӯрақонзодаро хабардор намояд. Ба он нерӯҳои «демократӣ»-и ноинсоф ва мазҳаби «Ваҳҳобия»-и хунхор бигӯяд, ки аз ин кори ноҷавонмардонаву ноасл даст бикашанд, адлу инсофро риоя бикунанд. Охир, рафтори онҳо ба халқу миллати ҷумҳурӣ бадбахтӣ меорад, аз назар дур нест, ки агар чунин бенизомиҳо идома ёбад, ҷанги граждани шурӯъ мешавад. Он гоҳ тарру хушк ҳамааш месӯзад, дар назди таърих онҳо рӯсиёҳ мегарданду миллати тоҷик шарманда ва ин мисраъҳоро ёдрас намудам:

Мазан раҳ, то бурун аз раҳ наафтӣ,
Макан чаҳ, то даруни чаҳ наафтӣ.

Он кас чун ҳамеша гуфт: «Хуб шудааст, дида мебароем. Ин хабарро шунида, роҳбарони гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» боз ба шӯру ғавғо омада, ба назди Президент даромада, аз беқонуниятию беҳокимиятӣ шикоят карданд. Ва қатъиян талаб намуданд, ки дар хакки роҳбарони оппозиция, ки силоҳ ба даст гирифта, хуни фарзандони бегуноҳи халқро резонда истодаанд, чораҳои зарурӣ андешида шавад. Е ба онҳо барои мубориза бурдан ба мукобили издиҳоми майдони «Шаҳидон» ва ба хун хун гирифтан иҷозат дода шавад. Мардум аз назорати мо баромада истодааст, дигар онҳоро боздоштан наметавонем, бо изтироб гуфт Рустам Абдураҳимов, илочи дигареро бояд ёфт... «Дар ҳамин вақт коменданти Душанбешаҳр генерал-майор М. Маҳмадҷонов ба назди Раиси Ҷумҳур Р. Набиев даромад, ки соат 10-и саҳар буд. Пас аз салому алек онҳо аз назди мо ба хонаи истироҳатии Раиси Ҷумҳур даромаданд, паси онҳо Н. Дӯстов низ вориди он чо гашта, дарро пӯшид.

Мо дар утоқи кории Раиси Ҷумҳур нишаста будем, вале миёни Президенту ноиби ӯ ва М. Маҳмадҷонов сари кадом масъала сӯҳбати тулонӣ барпо гардид, ба ман мушаххасан маълум набуд. Пас аз якчанд дақиқа дари хонаи истироҳатӣ кушода шуду Н. Дӯстов маро ба он чо даъват кард. Ба назди онҳо даромадам, ки дар чеҳраашон осори хушӣ буд. Ба худ андешидам, дар давоми як шабонарӯз М. Маҳмадҷонов кори

хубе ба харҷ расонидааст, ки боиси хушнудии Раиси Ҷумҳур гардидааст.

Сипас, рафиқ Р. Набиев сӯям нигариста гуфт: «Ба ман ахбор доданд, ки генерал Б. Раҳмонов бо чанд тани мухолифан мусаллаҳ гардида, ба идораи Мудофиаи Граждании ҷумҳурӣ омада, худашро ҳамчун мушовири давлатии президент оид ба мудофиа ва муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ муаррифӣ карда, хостааст кормандони милитсияе, ки аз вилояти Ленинобод даъват шудаанд ва дастаи гвардияи миллии Раиси Ҷумҳури дар он ҷо бударо бо яроқу аслиҳааш гирифта, ба ситоди оппозиция барад.

Ба ягон ҷои камодам рафта, бо рафиқ М. Маҳмадҷонов маслиҳат кунед ва роҳҳои дастгир карда, назди ман овардачи генерал Раҳмоновро муайян кунед.

Ман ба асли масъала баҳо надода «хуб шудааст», гуфта бо ҳамроҳии генерал М. Маҳмадҷонов ва боз каси дигаре (ҳоло дар ёд надорам), аз назди Р. Набиев ва Н. Дӯстов баромада, ба қабулгоҳи утоқи Президент гузаштем, он ҷо пур аз одам буд ва барои сӯҳбат намудан шароит муҳайё нашуд. Сипас, ба хонаи дуюм, ба утоқи либосовезӣ даромадем, он ҷо ҳам пур аз одамони ношинос. Ошёнаи сеюм баромадем, ҳамчунин серодам буд. Сипас, мо ба маҷлисгоҳи ошёнаи сеюми Шӯрои Олӣ даромадем, акнун сӯҳбатро сари мавзӯи генерал Б. Раҳмонов сар кардем, ки дар ҳамин вақт аз бригадаи таъиноти махсус ва батальони алоҳидаи назди Президент Мирзо Самиев ворид гардида, бо забони русӣ ахтор дод: «Генерал-майор Махмаджанов, руки вверх! Прошу без сопротивлений сдать оружия!» Ин гуна садоро шунида, дар хайрату изтироб монда, ба Мирзо Самиев, ки ӯро хуб мешинохтам, нигариста, чизе гуфта натавонистам. Ба худ андешидам, ки амалиёти ӯ ҳазломезона нест, ҳама хун мегиристу вақти ҳазл набуд.

Пас фармоне ҳаст.

Фармони кӣ?

Барои чӣ? Кадом гуноҳ? Охир, ӯ генерали ҳарбӣ, депутати халқи Тоҷикистон буд, ҳуқуқу ваколатҳои зиёд дорад... Чӣ гуна ӯро дастгир мекардаанд. Генерал-майор Маҳмадҷонов ҳазломезона гуфт: «Идите, занимайтесь своим делом, не время шутить». Дар ҷавоб Самиев бо ғазаб гуфт: «Я с вами не шучу, все шутки прошли, Вы предались, из-за Вас невиновные люди погибли, немедленно сдать оружия!» Маҳмадҷонов ба Самиев нигариста гуфт: «Шумо ба даҳонатон нигоҳ карда сухан гуед. Дар бораи маро беяроқ кардан кӣ ба Шумо фармон додааст, равед, ба сӯҳбати мо халал нарасонед...?!» Ва хост суханронишро нисбати рафторҳои хоинонаи Б. Раҳмонов да-

вом диҳад. Дар дохили зал дигар одамони шиносу ношинос ҳам буданд, ки ин хитобаҳои онҳоро шунидаанд.

М. Самиев ларзида, бо ғазаб пистолетро ба тарафи М. Маҳмадҷонов рост карда гуфт: «Ҳой, генерал Маҳмадҷонов! Шумо бо ман бозӣ накунед, Шуморо Президент коменданти Душанбешаҳр таъин карда буд, аз миён як шабонарӯз гузашт, вале Шумо ягон коре накардед, давлату давлатдориро фурӯхтед. Мардуми бегуноҳ аз тарафи намояндагони майдони «Шаҳидон» кушта шуда истодаанд. Чаро 180 нафар иштирокчиёни ҷанги Афғонистонро фиреб дода, бо баҳонаи вазъият мӯътадил шудааст, соати 4-и шаб бесилоҳ намуда, ба хонаҳояшон гуселонидед?! Чаро соати комендантиро дар Душанбешаҳр муайян накардед, шаҳрро набастед?! Агар ҷунбед, мепарронам!» Ин суханҳои қотеъонаи М. Самиевро шунида, М. Маҳмадҷонов дарк кард, ки масъала ҷиддӣ будааст. Панҷаҳояшро ба ҳам қулф андохта, ба ман нигариста ту ман ба ӯ. Сипас, ман ба М. Самиев нигариста гуфтам: «Чӣ, Шумо аз ягон кас фармон гирифтед?» «Ҳа, гирифтам, бале»,— таҳдидомезона ҷавоб дод сухани маро бурида. Боз М. Маҳмадҷонов ба М. Самиев мурочиат карда гуфт:

— Шумо гапро ошкоро гӯед. Фармонро аз кӣ гирифтед?— Самиев ҷавоб дод:

— Аз Раиси Ҷумҳур мӯҳтарам Р. Набиев!!

Суханҳои Самиевро шунида, генерал Маҳмадҷонов бори дигар такрор карда гуфт: «Ин фармонро Раиси Ҷумҳур Р. Набиев додааст»? Самиев: «Ҳа, чунин фармонро Раиси Ҷумҳур Р. Набиев дод»,— гуфта ба ноиби Раиси Ҷумҳур Н. Дӯстов, ки дар даромадгоҳи толор пайдо шуда, бо Додситони Кулли Ҷумҳурӣ Н. Ҳ. Ҳувайдуллоев истода буд, нигарист. Он кас ба мо назар афканда, сарашонро ҷунбонида, гӯё ин суханони Самиевро тасдиқ кард, ки аз тарафи Раиси Ҷумҳур Р. Набиев чунин фармон дода шудааст... Ин ҳолатро фаҳмида, ман шах шуда, дар ҳайрат монда, аз дил гузарондам, ки чаро Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ва ноиби ӯ Н. Дӯстов асли мақсадашонро аз ман пинҳон дошта, барои ба ҷои беодам бурдани М. Маҳмадҷонов маро чун бозича истифода бурдаанд. Чаро хостанд, ки миёни ду шахси босилоҳу бо ҳам мухолиф ман бошам? Чаро ҳақиқати ҳолро пинҳон дошта, масъалан Б. Раҳмоновро ба ман гуфтанд... Вале фармони Президент барои кадом гуноҳҳояш дастгир карда шудани Маҳмадҷонов барои ман сирре буд номаълум.

М. Маҳмадҷонов ба ман нигариста гуфт: «Шумо медонед, барои кадом гуноҳҳоям маро бесилоҳ мекардаанд?!» Ман, ки ба ҳаяҷону хашм омада будам, китфонамро ба ҳам кашида бо ғазаб гуфтам: «Намедонам, аз Президент пурсед. Магар

барои он будагист, ки чун коменданти Душанбешаҳр як шабонарӯзи бисёр ҳам ҳассос аз худатон ба Президент ахбор надодед, Шуморо кофтанд, наёфтанд...»

М. Самиев силоҳи генерал Маҳмадҷоновро гирифта, ӯро аз дар баровард, Додситони Кулли чумҳурӣ Н. Ҳувайдуллоев ва Н. Дӯстов дар бораи даъват кардани прокурори ҳарбии гарнизони Душанбешаҳр барои бурдани тафтишоти пешакӣ нисбати генерал Маҳмадҷонов ва муайян кардани ҳақиқати ҳол сӯҳбат карда истода буданд. Аз суханҳои онҳо зери коса нимкоса буданро ба хубӣ дарк кардам. Вале маро он ҳолате, ки гуноҳи генерал Маҳмадҷоновро аз ман пинҳон карда ва аз ман дастёри хуб сохта буданд, бисёр хавотиру ношод кард. Худо шоҳид, ки ин ҳодиса то ба имрӯз пеши ман муаммоест сарбаста, чунки бемантиқона манро дар ҳолати ногувор дар назди М. Маҳмадҷонов ва М. Самиев, ки ҳарду мусаллаҳ буданд, гузоштанд. Ва масъалаи дастгир кардани касе ба салоҳияти ман дохил намешуд. Пас, чаро ман шоҳиди чунин ҳодиса гаштам? Агар онҳо ба муқобили ҳамдигар ё каси дигар силоҳ истифода мебурданд, пас ман дар кадом вазъият қарор мегирифтам?!

Хулоса, генерал Маҳмадҷоновро ба кучое бурданд ва прокурори ҳарбии гарнизони Душанбе расида омад, кори тафтишоти пешакиро нисбати ӯ сар кард.

Тавре, ки баъдтар маълум гардид, генерал М. Маҳмадҷонов аз тарафи органҳои тафтишотӣ бегуноҳ ҳисобида шудааст.

Дар ин асно як гурӯҳ ҷавонони майдони «Озодӣ» бо шӯру ғавғо ва қаҳру ғазаб собиқ ҷонишини Раиси Қумитаи Амнияти Давлатӣ полковник Белоусовро ба назди дари утоқи Раиси Ҷумҳур, ки дар он ҷо Н. Ҳувайдуллоев, Н. Дӯстов ва чанд тани дигар истода буданд, кашон-кашон оварданд.

Ба ҳозирон арз карданд: «Белоусов дар сари рули автомашинаи «Жигули» нишаста бо ду шахси дигар аз майдони «Озодӣ» гузашта истода, ба миёни гирдиҳамомадагон граната (норинҷи тарканда) партофтанд, ки он таркиду якчанд кас маҷрӯҳ гашт. Ин хоини миллатро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан лозим...»

Онҳоро оромонида, барои аник намудани ҳақиқати ҳол Белоусовро ба толори маҷлисгоҳи Шӯрои Олӣ, ки дар ошёнаи сеюм воқеъ аст, бурда бо ӯ сӯҳбат кардам, он кас дар ҳолати мастӣ буд, ки аз тарс аъзои баданаш чун мурғи зери об монда меларзид, забонаш бо ҳаракати зиёд печу тоб мехӯрд, ки суханҳояшро ҳам дуруст фаҳмидан мушкил буд, танҳо такрор ба такрор мегуфт: «Сафаралӣ Ҷенджаевич, поверьте мне, я не в чем невиноват. Вы же знаете меня. Я же работал за-

местителем Председателя Комитета Государственной Безопасности республики, являюсь полковником КГБ, долгие годы работал и жил в Таджикистане, никак не смог что-то сделать против своего народа. Нет, я не в чем не виноват, поверьте...!!». Уро ором карда, асли ҳодисаро пурсидам. Дар ҷавоб Белоусов бо кафи даст ашкони чашмонашро тоза карда, сар боло карду ба ман нигариста гуфт: «Ман аз кӯчаи Чапаев ба фурудгоҳи шаҳр рафта истода будам, ногаҳон аз тарафи кӯчаи Путовский, аз ҷониби бозори «Баракат» гурӯҳи ҷавонони миллаташон тоҷик ба роҳи автомобилгард баромада, автомашинаи маро боздошта дутоашон дар курсии паси сарам нишаста таҳдид карданд, ки машинаро ба тарафи майдони «Озодӣ» ронам. Дар сурати саркашӣ намудан исрор карданд, ки маро мекушанд. Ман бесилоҳ будам, биноан ғайри ба гапи онҳо гӯш кардан, дигар илоҷе надоштам.

Аз афту башараи онҳо ростӣ тарсидам, бисёр бадҳайбат буданду бо худ силоҳ доштанд, дарк кардам, ки ба ҳар кор қудрат доранд, чунки солҳои дароз дар КАД кор карда, ба чунин ҷавонони ноаҳлу ҷоҳил боре дучор наомада будам. Аз чашмони онҳо хун меборид, аз ин рӯ, ноилоҷ фармонашонро иҷро карда, автомашинаро ба тарафи майдони «Озодӣ» рондам. Вале аз граната (нохинчи тарканда) доштани онҳо хабардор набудам. Ҳангоми аз майдон гузаштан онҳо аз автомашина чизеро ба дохили майдон, миёни тӯдаи мардуми беяроқ партофтанд, он таркид, чанд касро маҷрӯҳ кард. Доду фарёде ба гӯшам расид, дигар чӣ гузашт, намедонам. Маро ҷавонмардони майдони «Озодӣ» дастгир карданд. Он ашхосе, ки гранатаро партофтанд, ба куҷо ғайб заданд, ба ман чомаълум, ба фикрам онҳо ҳам аз тарафи мардуми майдони «Озодӣ» дастгир шуданд. Вале қасам ба модарам, намедонистам, ки онҳо граната доранд ва чунин қабоҳатро содир менамоянд. Дар Тоҷикистон солҳои дароз хизмат кардам, нону намаки халқи Тоҷикистонро хӯрдам, аз корманди қаторӣ то муовини Раиси Кумитаи Бехатарии Давлатии Ҷумҳурӣ расидам. Дар давоми хизмат ба бисёр ҷиноятҳокорони давлатӣ, ҳоинони миллату давлат вохӯрдам, дар тафтиши парвандаи ҷиноятии онҳо иштирок намудам, гумонбарону айбдоршавандагони зиёдеро истинтоқ кардаам. Вале чунин ашхоси ноинсофу бадкирдорро ва палиду ҷоҳили ҳаромзодаро надида будам, ки дар миёни мардуми бегуноҳу беяроқ, пиру ҷавон граната партоянд. Бовар кунед, дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ афсарону сарбозони Германияи фашистӣ ҳам ҳатто даст ба чунин кори пасту ноҷавонмардона нисбати мардуми бесилоҳу бенаво назада буд.

Не, барои то ин дарача ашхосро ба бародару волидайни

худ душмани қаттол намудан мухолифин даву ғеҷи зиёд, кӯшиши басо камаршикан ба харҷ додаанд. Онҳо солҳои зиёд тайёрӣ дидаанду «институте» хатм кардаанд, дарсе аз давлатҳои хориҷа омӯхтаанд. Битавонистанд, ки аз фарзанди мӯъмину мусулмон «фанатики» якраву гарданшах бисозанду душмани қаттоли чашмнодиду гӯшношуниди бародари худ, падару модари худ «тарбия» карда, ба «камол» расонанд.

Вой бар ҳоли мо, кормандони КАД ва ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нони худро ҳалол нахӯрдаем, солҳои дароз маоши калон гирифтему бехатарии давлатро таъмин накардем, асоси давлатро нотавон намудем, халқро фиреб додем, бемасъулиятию холабеғамӣ ва хиёнаткориву дасисабозӣ карда, онди иҷрои вазифаи муқаддасамон саҳме нагузошта, ба решаи чунин душманони миллат, ташкилкунандагону таълимдиҳандагони «фанатикҳо» заҳр напошидему ниҳоли душманвойи ин зоғҳои бадмурро барнакандаем.

Қисми кормандони нопоки ургонҳои муҳофизати ҳуқуқи инсон, сохти конституционии давлат ва зидди ҷиноятқорию қонуншиканӣ аз бемасъулиятии роҳбарони давлат истифода бурда, баҳри манфиатҳои шахсӣ, аз ҷумла пуркувват намудани пояҳои маҳалгароӣ, манфиатҷӯӣ ва дигар ғаразҳои нопоку бадкешонаи хеш, ки онро имрӯз оппозитсия унвон додаанд, фурӯхта шудаанд...»

Суханҳои собиқ корманди ҚАМ Ҷумҳурӣ полковник Белоусовро шунида, кас беихтиёр ба фикр фурӯ мераваду ба худ меандешад: «...Аркони давлати тоҷикон кайҳо пӯсида, фарсуда шуда будаасту сад афсӯс, ки мо бехабар будаем...»

Рӯзи нахусти корам дар вазифаи Раиси Кумитаи Амнияти миллии Ҷумҳурӣ аввало ба муовини аввали раиси КАМ полковник Алиҷон Солибоев ҳамсӯҳбат гардида, ҷавоби чанд суолро аз ӯ пурсиданӣ шудам:

— Вазъияти амнияти Ҷумҳурӣ дар кадом зинаҳо қарор дорад? Оё ягон хабаре нисбати задани теша ба решаи сохти давлати конституционӣ вуҷуд надорад? Нақшаҳои асосии оппозитсияи имрӯзаи Ҷумҳурӣ (қозиёт, Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократ, ҳаракатҳои мардумии «Растохез», «Лаъли Бадахшон») дар чист? Бо кадом роҳ онҳо мақсади ба сари ҳокимият омадан доранд? Бо роҳи риоя кардани қонунҳои демократия, интихобот аз тарафи халқ ё бо истифода бурдани силоҳ содир намудани табаддулоти давлатӣ? Муносибати онҳо ба давлатҳои мусулмони хориҷа, мақсаду мароми онҳо нисбати давлати тоҷикон, тарзу тариқи кӯмаки онҳо ба қозиёти ҷумҳурӣ, Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократ, ҳаракатҳои мардумии «Растохез», «Лаъли Бадахшон»? Гирдиҳамома-

дагони майдони «Шаҳидон» чӣ гуна нақша, қувва ва силоҳ доранд ва чанд саволи дигар...

Ба ин саволҳо А. Солибоев ҷавоб дода натавонист, танҳо гуфт:

— Ҳоло ҳозир ҚАМ оиди фикру ақидаи Шумо дар ҳаст ягон ахборе надорад... Ва дар охири ҳар як сӯҳбат Аличон Абдуллоевич гаштаву баргашта исрор карда мегуфт, ки кормандони ҚАМ нисбати вазъияти сиёсии имрӯзаи ҷумҳурӣ бетараф ҳастанд, ва бо ин бисёр мехост, ки ман ба гуфтаи ӯ бовар кунам. Вале ман дар ҳайрат будам, ки чӣ тавр мешудааст идорае, ки мувофиқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи ӯ ҳифзи бехатарии давлат вогузор шудааст ва ин вазифаи аввалиндарачааш мебошад, нисбати давлату сохти конституционии он бетарафиро ишғол менамудааст. Ман пас ба Аличон Абдуллоевич ва роҳбарони ҚАМ қотеъона хотиринишон намудам:

— Шумо набояд дар чунин рӯзҳо бетараф бошед ва кормандони Шумо ҳуқуқи бетараф будан надоранд. Дар қонуну оинномаи Кумитаи Амнияти Миллӣ чунин нишондод нест. Мувофиқи талаботи қонун вазифаи ҷонии Шумо таъмин намудани бехатарии сохти давлати конституционӣ мебошад.

Охир, Кумитаи Амнияти Миллӣ, ВҚД идораи ҳарбӣ мебошанд, давлат бо мақсади он, ки амнияташ таъмин бошад, ба Шумо аз ҳисоби халқ маошҳои калон медиҳад...

Вале сад афсӯс, баъзе онҳо қарзи виҷдон ва талаботи уставрро ба ҷо наовардаанд! Манфиати давлатро ба манфиати шахсии худ иваз карданд. Ин чизро Раиси Ҷумҳур Р. Набиев дар сесияи XV Шӯрои Олӣ бори дигар ёдовар шуд:

«Шумо медонед, ки дар гузашта Созмони Амният чӣ номаъқулиҳое накард, ба чӣ бедодгариҳои сиёсӣ роҳ надод. Ҳозир доираи амали ин созмон хеле маҳдуд шудааст. Лекин бо вуҷуди ин қудрат ва имконияти онро сарфи назар кардан мумкин нест... Шуморо намедонам, вале ман шахсан худам як чизро намефаҳмам. Чунки Созмони Амнияти Миллӣ муассисаи ҳарбист ва бояд ба фармону супориши мақомоти олӣ бечуну чаро итоат кунад... Кумитаи Амнияти Миллӣ дар тарзу тариқи коргузории ҳозирааш боқӣ монда наметавонад. Аз афташ ҳам структура ва ҳам ҳадафу вазифаҳои ин созмонро бори дигар мавриди баррасӣ қарор доданамон лозим будагист»!

Воқеан, кайҳо чунин иқдом намудан лозим буд. Охир, ҳар чизе, ки аз А. Солибоев пурсон шуда будам, рӯзи дигар аз баландгӯяки майдони «Шаҳидон» садо дода, сипас дар рӯзномаи «Чароғи рӯз» чоп гардид.

Ҳанӯз ҳамон вақт ман дар ақидае будам, ки А. Солибоев, О. Пояндашоев ва чанд ашхоси дигар аз ҚАМ нисбати тақдири Ҷумҳурӣ ва мардуми он садоқату самимият надоранд ва гуфтор ба рафторашон ҳеҷ рост намеояд. Охир, дар он рӯзҳо ҳар касу нокас номи маро ба забон гирифта, ба гуноҳи набуда гунаҳкор намуда, истеъфои маро аз вазифаи раиси ҚАМ-и ҷумҳурӣ қотеъона талаб мекарданд. Боз худи А. Солибоев ба ман ахбор медод, ки дар майдони «Шаҳидон» истеъфои Шуморо фалон одамон пурсида истодаанд. Бо ин ҳаракат мекард, ки нисбати майдони «Шаҳидон» супориши назбатӣ бигираду ба роҳбарони оппозитсия бирасонад...

Бесабаб набуд, ки роҳбарони оппозитсия ҷонкоҳониҳои знёде ба харҷ доданд, то он ки Аличон Солибоевро ба курсии раиси ҚАМ-и ҷумҳурӣ бинишинонанд... Чӣ тавре ки дидем, тавассути чунин «хизматгорияш» сазовору соҳиби унвони генерал-майор гардид! Аз тарафи дигар, рӯзе Ҷӯрабек Аминов, ки ҳоло муовини аввали Раиси ҚАМ Ҷумҳурӣ мебошад, барои ягон вазифаи мувофиқеро ба ӯ муносиб донистан ба назди ман омад.

Дар вақти сӯҳбат А. Солибоев даромад. Пас аз он, ки сӯҳбат хотима ёфту Ҷӯрабек Аминов рафт, А. Солибоев ба ман рӯ оварда гуфт: «Мӯҳтарам Сафаралӣ Ҷенчаевич, вазифадорам Шуморо хабардор намоям. Ҷӯрабек Аминов бисёр ҳам шахси хавфноку палид аст ва фикри нопок дорад, шахси наздиктарини қозикалон ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, Отахон Латчфӣ, Давлат Худоназаров мебошад. Дар ҳодисаҳои феврал ҳиссагузор буд. Бинобар ин, хоҳишмандам ӯро ба кор нагиред, ки сирри ҚАМ-ро ба дӯстонаш мефурӯшад». Пас аз чанде дар ҳайрат монда, ба худ андешидам: — худоё, чаро ба мағзу пайванди бандагонат ба он дараҷа шайтони лаънро ҷой кардай, ки онҳо бо гуфтору рафтори худ шайтонро ҳам фиреб медиҳанд. Охир, чӣ гуна ва аз рӯи кадом имон шахс метавонад як забону якчанд рӯву дил дошта бошад, чунки пас аз як ҳафта А. Солибоев ба вазифаи ҷонишини аввали раиси ҚАМ-и ҷумҳурӣ Ҷӯрабек Аминовро қабул намуд...

Дар як муддати кӯтоҳи фаъолиятам бо чашми сар дидам, ки дар ҚАМ мардони ҳалолу поквичдон, дилсӯзи халқу миллат зиёданду вале чуноне ки одатан «биринч бе курмак намешавад» ашхоси нопоку сияҳдил ва фиребгару дасисабози дурӯя низ ба он роҳ ёфта будаанд. Вақте ки худ шоҳиди фаъолияти чунин ашхос гаштам, дар ин хусус ба Раиси Ҷумҳур ва ноиби ӯ изҳори ақида намудам. Мо якчоя аз паи ислоҳи кор, решакан кардани нопокон будем, вале вақт даст надод ва нақшаҳо хубобе рӯи об монданд.

Сипас прокурори шаҳри Душанбе рафиқ Саломуддин Шарофовро даъват карда, ба он кас супориш дода шуд, ки ойди ин масъалаи вобаста ба Белоусов тафтишот барад. Баъд ба утоқи корӣ худам рафта, суханҳои Белоусов ва шоҳидони ҳодисаро таҳлил карда, ба осмони софу пур аз ситора назар афканда, ба фикр фурӯ рафтам, ки чаро он ду ҷавонмарди мӯъмину мусулмон, ки ҳоло аз ҳазор гул як гулашон нашукуфтаасту мумкин, ки барои ҷамъияту Ватан ва миллату падару модарашон заррае кори шоям накардаанд, ба ин роҳи пурдаҳшату нанговар ҷони худро зери хатар монда, инҷдом намудаанд?!

Чаро ба муқобили падару модару хоҳару бародари бегуноҳу бегароки худ, бо мақсади куштани онҳо силоҳи аз ҳама пурхатар — граната (нориҷӣ тарканда)-ро истифода бурданд?! Ин гранатаро аз куҷо ёфтанд, кадом разиле, кадом душмани дохилӣ ва ё хориҷие ба онҳо додааст?! Магар онҳо падару модар, хоҳару бародар надоштанд?! Магар онҳо дар назди муаллим тарбия нагирифтаанд?! Худоё, ин миллати овозадору бомаърифат ва тоҷдорро кӣ ба ин рӯзи сиёҳ расонид?! Кӣ дар як қисми ноҳияҳо сабабгори ҷорӣ шудани хуни бегуноҳон гардид? Имрӯз аз чор тараф бӯи хун ба димоғ ва нолаи модарону тифлакон ба гӯш мерасад. Сари миллати тоҷикро кӣ ба замин зад...?! Ин ҳамаро сабабгор кист?! Мардум умедвори онанд, ки ба чунин ашхос на танҳо дар қиёмат, балки имрӯз ҷазояшон ба кафи дасташон гузошта шавад, ки мардум шоҳиди он гарданд.

Охир, ҳама медонем, дини мубини ислом бо рехтани хуни мардум обрӯю эътибор пайдо накардааст. Аз ин рӯ, динро чун воситае ва ё пардае ба рӯй кашида, хун рехтан кору рафторест носавоб ва номардона! Ин нуктаро ҳеҷ гоҳ набояд аз ёд баровард.

Охир, чаро ки чунин бадбахтӣ ба сари халқу миллати бе ин ҳам берӯзию безамини бисёр хурди ман омадааст, ки як гурӯҳ мансабталошони нохалаф бо мақсади обрӯ лой карда моҳӣ гирифтан ӯро ба бадахшонию қаротегинӣ, кӯлобию хуҷандӣ, зарафшонию ҳисорӣ тақсим карданӣ ҳастанд. Бародар ба бародар, писар ба падар ногапу ҷангӣ, ҳаммилатони мо ба низои маҳалгароӣ гирифтор гардидаанд. Во дареғо, ба ин миллати таърихдору фарҳангзойи ман... Куҷоед, олимону шоирони фарҳангдор! Куҷоед он наберагони асили Абӯабдуллоҳи Рӯдакиву Шайхурраис Ибни Сино, Хоҷа Ҳофизу Саъдӣ ва дигарон, ки пеши роҳи ҷанги бародаркушро бигиред! Баракс, иддаи зиёди олимону шоирон нақши хабаркашию дасисабозиро сармашқи худ қарор дода, дар оташи маҳалгароӣ нафтпошӣ намуданд...

Бисёр хуб мефаҳмам, ки ҳама дамдамаю васвасае, ки гоҳо аз аҳлоқу гоҳо аз ҳадиси пайғамбар ва гоҳо оёти Китоби осмонӣ зумраи «нотиқон» баҳс мекунанд, рӯҷӯъест мардумфиребона, Таҳ андар таҳи «шарҳи» ин оёту ҳадис ва андарзномаҳои ҷолиб сиррест ниҳонӣ ва махфӣ, ки ба бештари иштирокиюни майдони «Шаҳидон» низ аниқу амиқ ошкор нест. Асли воқеа дар он аст, ки ин ҳама хунрезиҳо, бародаркушиҳо танҳо барои соҳиби мансаб гардидану ҳокимиятро зери даст гирифтани як идда куррахарони шӯрапушту мансабталош буд! Онҳо хуб дарк карда буданд, ҳеҷ гоҳ бо роҳи ҳақиқату адолат, демократия, гузаронидани интихобот наметавонанд, ки соҳиби ин ва ё он мансабе гарданд. Онҳо ба даҳони халқ нарасида буданд. Аз ин сабаб солҳои дароз барои ҷанги бародаркушӣ тайёрӣ дида буданд. Чӣ тавре ки яке аз сарвароне Ҳизби демократ, профессор Раҳими Мусулмониён дар рӯзномаи «Тоҷикистон» (№ 21 аз 4.08.1992) худ иқрор шудааст. «...авалло ба ҳукумат шомил шудани вакилони оппозитсия амри тасодуф набуд, балки натиҷаи муборизаҳои доманадору шадид буд, ки дар баҳои хуни чандин бародарони шаҳиди мо ҳосил шудааст...»

Эй мардуми бофарҳангу бохиради шарифи Тоҷикистон! Гуфтаи ин сарвари демократҳо, мудири кафедраи адабиёти муосири Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро таҳлил намуда, мақсаду мароми онро бифаҳмед, ки онҳо аз рӯи нақшаи пешакӣ кашидашуда амал карда, барои ба ҳукумат шомил гардидани чанд тан ашхоси аз оппозитсия дидаю дониста бар зидди ҳукумати қонунӣ силоҳ гирифта, хуни чандин шахсони бегуноҳро резондаанд. Бо ташвику тарғиботи чунин олимони «бофарҳангу» ноасл ва бадзоту беимон имрӯз сафи шаҳидон ба чанд ҳазор расид. Садҳо ҳазор мардуми бенавою бегуноҳ тарки хонаю ҷой карда, аз зодгоҳи хеш гуреза шуда, ба дигар давлатҳо фирор кардаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи ӯ бадбахту бадном шуд, дар арсаи ҷаҳон сари мардуми сарбаланди тоҷик паст гардид.

Магар ин ҳама бадбахтию фоҷиае, ки ба сари миллат омад, арзиши ба ҳукумат шомил шудани якчанд вакилони оппозитсияро дорад?!

Магар нерӯҳои «демократӣ», наҳзати ислом бо ин рафтори худ обрӯи дини мубини ислом ва демократияро, агар он обрӯй дар асл мавҷуд бошад нарезонданд?!

Магар афтидани як мӯи инсон, қатраи ашки модарону падарон, нолаи тифлакон, доғи хоҳарону бародарон аз сад мансаб болотар набуд?! Шуморо хуни шоҳидон дар ин дунёву охират қарор намегузорад. Инро бояд ҳеҷ гоҳ аз хотир набароред!..

Охир, Шумо худро «демократ, муборизи адолату ҳақиқат» ва наҷотбахшандагони дини мубини ислом меҳисобед. Пас, чаро нагузоштед, ки Конституцияи нави ҷумҳурӣ қабул гардад дар моҳи декабри соли равон бо роҳи демократия интихоботи ҳайати нави вакилони халқ баргузор гардад. Оиди ин масъала бо талаботи оппозитсия сессияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ қарори махсус қабул карда, рӯзи интихоботро 6 декабри соли 1992 муайян карда буд. Дар он интихобот вакилони оппозитсия метавонистанд ба дили софу нияти нек, бо ақлу заковат ба дили мардум роҳ ёбанду соҳиби мандати депутатӣ гарданду ба ҳукумат шомил шаванд ё пурра сазовори роҳбарии Ҷумҳурӣ бигарданд?! Дар он сурат ба тақдирамон тан медодему мардонавор хизмат мекардем.

Мӯҳтарам Бӯрӣ Каримов («Чароғи Рӯз», № 31 (52) 1992 с.) бисёр хуб гуфтааст:

«Ё ба хотире, ки чанд нафар соҳиби мансаб шавад? Чаро мардуми оддиро боз фиреб доданд? Ҳама корро, аз ҷумла мансаберо, ки бо роҳи қонуншиканӣ ба даст овардед, дертар бо роҳи интихобот соҳиб шудан мумкин буд, лекин бе хунрезӣ!» Акидаи Бӯрӣ Каримов дар ҳақиқат акидаи аксарияти кулли шаҳрвандони ҷумҳурист.

Охир, вақто ки духтар ба шавҳар мебарояд, ба тақдираш тан медиҳаду санги осиё ба сараш гардад ҳам тоқат мекунад. Чаро Шумо, мардумони «бофарҳанг» — Давлат Худоназаров, Аслиддин Соҳибназаров, Отахон Латифӣ, Шодмони Юсуф, Акбар Тӯрақонзода, Муҳаммадшариф Ҳиммататзода, Давлати Исмоил ва чанд тан ашхоси дигар вақто ки дар интихоботи Раиси Ҷумҳур бохтед, ба тақдиратон тан надодед, қонунро риояву ақидаи халқро эҳтиром накардед?! Ба муқобили ҳукумати қонунӣ тиру туфанг кашидед!

Не, Шумо хуб дарк кардед ва дидед, ки халқ хело хуб фаҳмидааст, ки Шумо чӣ касонед!!!

Чунки дар назди мардум демократтарошҳо эҳтироми ин ҳам набудаву колои обшустаи худро гум карда буданд. Охир, халқ гавҳаршинос аст, мумкин аст яке ё гурӯҳи одамонро фиреб кард, вале халқро фиреб додан ҳеҷ гоҳ ба касе ва ё тоифае муяссар нахоҳад гашт, хоса ба васвасаву дабдабаи чанд нохондамуллои семишкафурӯшу каровул... Тфу бар ту, эй чархи каҷрафтор!!!

Бо чунин фикру хаёл боз баргашта ба утоқи Раиси Ҷумҳур омадам, ки дар он ҷо чун ҳамешагӣ Н. Дӯстов, Н. Ҳувайдуллоев, генерал-майор Ф. Н. Ниёзов ва дигарон нишаста буданд.

Хама мунтазири он буданд, ки Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ба ягон хулосае мебиёяду ягон фармон нисбати муҳофизат кардани сохти давлати Конституционӣ ва мардуми он бар алайҳи табаддулотгарон медиҳад. Вале Раиси Ҷумҳур чун хислати ҳамешагиаш орому бесадо ва бетағйир буд, гӯё ки дар ҷумҳурӣ ягон ходисае рӯй надода бошад, бо захрханда, имову ишора, парронданн чашму абрӯ сари масъалаҳое харф мезад, ки ба мӯътадил гардонидани авзоъи ҷумҳурӣ заррае манфиатбахш набуданд. Аъзоёни хукумат, шахсони масъули давлатӣ, ки дилу дидаашон ба давлати конунӣ ва мардуми он месӯхт, аз бемасъулиятию найрангбозии Раиси Ҷумҳур дасту дилашон хунук шуда, ба ғалабаи оппозитсия акнун пурра боварӣ ҳосил карда, бо ҳар бахонае аз назди ӯ дур мешуданду асои худро ба рӯшанӣ мезаданд, ки заданд!

Аммо Раиси Ҷумҳур хуб медонист, ки ду рукни асосии аркони давлат (ВКД, ҚАМ) пурра аз итоати ӯ ва хукумат баромада, худро дар сухан бетараф эълон карда дар асл зери нақоби оппозитсия рақс мекарданд. Рукни сеюм — армияи миллии ҷумҳурӣ бо гуноҳи роҳбарони хукумат то ҳол таъсис наёфта буд. Яъне, давлат бе сутун буду иктидори Раиси Ҷумҳур пуффаке беш не!!

Хулоса, боз Раиси Ҷумҳур ягон ҳалномаи ҷиддӣ дар хусуси муҳофизат намудани сохти давлати конституционӣ, гирифтани пеши роҳи табаддулоти давлатӣ ва рехтани хуни мардуми бегунох наандешид. Агарчанде мувофиқи Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Ҷумҳур — ин роҳбари ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб мешуд. Охир, ӯ сардори давлат буд, хост, ки масъала бо гуфтушунид ҳал бигардад. Бори ғаму андуҳи тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон бар дӯши ӯ буд, бинобар ин ҳалли масъаларо бо роҳи гуфтушунид ҷустуҷӯ карданаш амали носавоб буду кӯшишҳои нобароронаву зиёнаш хастакунанда.

Ҳақиқат ин буд, ки роҳбарони Ҷумҳур бемасъулиятию холябеғамӣ зоҳир намуда, талаботи Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намекарданд. Охир, инсоф бидиҳед, ба ғайр аз онҳо дигар касе ягон ҳукуки гузаронидани ин ва ё он амалиётро дар саросари ҷумҳурӣ надошт, зеро дар ҷумҳурӣ шакли идоракунии Президентӣ чорӣ гардида, тамоми ҳукукҳо бар ӯҳдаи Президент ва хукумати Чумҳурӣ ҳамчун роҳбарони ҳокимияти иҷроия ва амрдиҳанда гузошта шуда буд.

Аз ин вазъияти ба миён омада истифода бурда, оппозитсия, ки дар ихтиёрашон 7 мошини зиреҳдор (бояд изҳор кард, ки ба ҷуз 4 мошини зиреҳдор боз сетои дигар мушовири давлатии Президент генерал-майор Б. Раҳмонов аз идораи ДОСААФ зери ихтиёри худ гирифта буд), доштанд. Зиреҳпӯшсаворон бо

фармони хоини миллату Ватан Б. Раҳмонов ба Душанбешаҳр баромада, гохо ба Хонаи радио, гоҳ ба бинои Шӯрои Олӣ ҳамла карда, тирпарронӣ мекарданд, мардумони бесилоҳ захмӣ мегардиданд, дигар мошиниҳои зиреҳдор бошанд, фурудгоҳи Душанбешаҳр, роҳҳои Қофарниҳону Ҳисор ва Қӯрғонтеппаро зери назорат гирифта, одамони ба чашми онҳо номақбулро дастгир карда, ба маҳбасхонаҳои оппозитсия меоварданд. Чунин маҳбасхонаҳо кариб дар ҳар як гӯшаю канори шаҳри Душанбе вуҷуд дошт.

Кор ба дараҷае расид, ки оппозитсия дар назди диспечерҳои фурӯдгоҳи шаҳри Душанбе, вокзали (қатораҳо) роҳи оҳан ва автобусҳо вакилони худро гузоштанд, ки ҳаракати нақлиёти ҳавой, роҳи оҳан ва автомобилро дидбониву назорат мекарданд.

Ягон самолёт, вертолёт бе иҷозати онҳо аз фурӯдгоҳи Душанбешаҳр парвоз намекард ва ба фурӯдгоҳ онҳоро қабул намекарданд. Кор ба дараҷае расида буд, ки кормандони оппозитсия асосан мардуми ба тарафи вилояти Ленинобод, Кӯлоб парвоз мекардагиро бармегаштагиро бе ягон асос аз салонҳои самолёту вертолёт танҳо барои он, ки онҳо зодаи вилояти Ленинобод, Кӯлоб ҳастанд, ё ин ки миллаташон ӯзбек аст, фароварда, бо автомат ба автомашинаи зиреҳпӯшдор шинонда, рост ба маҳбасхонаҳо — таҳхонаи театри ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ё ба қозиёт — масҷиди Хоҷа Ёкуби Чархӣ барои истинтоқу зиндон кардан меоварданд. Дар он ҷо мардуми бегуноҳро ваҳшиёна истинтоқ мекарданд, дашномҳои қабеҳ медоданду мезаданд ва молу мулкашонро кашида мегирифтанд. Таъкид мекарданд, ки аз Душанбешаҳр кӯчида бираванд. Дар он рӯзҳои мудҳиш танҳо аз ноҳияи Конибодом фақат дар як рӯз зиёда аз 65 касро дастгир карда, дар таҳхонаи театри ба номи Абдулқосим Лоҳутӣ оварда, хуб истинтоқ карданд, баъд онҳоро зада маъюб карданд. Кор ба дараҷае расида буд, ки оппозитсия дар қозиёт органҳои маъмурии худро таъсис карда буд (додситон, кумитаи амнияти миллӣ, армия, суд, милиса ва ғайра), дар дохили давлат давлати дигар амал мекард. Мардуме, ки ба дасти онҳо меафтид, ҳар чӣ мехостанд, мекарданд, аз хуни ба ғайри ҳақ намегаштанд, бе суду тафтишот ба қатл мерасонданд. Ҳама «мусулмонӣ», «демократия» дар он буд, ки ҳар чӣ мехостанд, ҳамон корро мекарданд. Зоҳиран, барои якқаву ягона худо ва Муҳаммад Расули барҳақ ниёзмандӣ изҳор намуда, имону биҳишт металабиданд, аз тарафи дигар ба таҳқиру куштан ва ғорат кардани мардуми бегуноҳ даст мезаданд. Қасе, ки гирифтори он таҳхонаҳои «зоҳидони навбаромад» гардида, худаш медонаду худо... Чуноне ки шоҳидон баъдтар нақл намуданд, дар он таҳхонаҳо корҳое дар ҳаққи фарзанди инсон

раво дида мешуд, ки онро ба забон гирифтану рӯи коғаз овардан ҳатто номатлуб аст.

Дар чунин вазъияти бағоят вазнин давлати қонунии тоҷикон, ки онро зиёда аз 111 давлати ҷаҳон ба расмият шинохтааст ва дар Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида парчами ӯ бардошта шудааст, боиси таассуф аст, ки аз тарафи як муште ашхоси бенмону мансабталаб сарнагун карда шуда истодааст. Мардуми бегуноҳи азияткашидаи он маъюбу халок гардида, молу мулкашон ба талаву тороҷ рафта истодааст, ургонҳои муҳофизати ҳукук, сохти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ давлату халқҳоро ҳимоя намекунад, қариб ки дар ягон ҷо онҳоро дида намешавад. Ба ғайр аз Раиси Қумитаи дифоъ генерал-майор Ф. Ниёзов дигар касе аз он генералҳои мутакаббиру бовиқори абулвоҳима дар гирду атрофи Президенти ҷумҳурӣ дида намешуд.

Танҳо Ф. Ниёзов ҳаракат мекард, ба чор тараф медавиду мехост, ки ба фоидаи мардум барои гирифтани пеши роҳи хунрезӣ кореро анҷом диҳад, вале дар итоати ӯ ба ғайр аз шумораи хурди кормандони мудофиаи граждани дигар қуввае набуд. То ҳол гурди миллӣ таъсис наёфта буд, агарчӣ фармони Раиси Ҷумҳур дар хусуси таъсиси гурди миллӣ 22-декабри соли 1991-ум барои 1050 сарбоз интишор гардида, аз тарафи ҳукумат маблағи лозима 298606 ҳазор сӯм ҷудо шуда буд. Вале баҳри амалӣ гардидани фармон касе иқдоме ба харҷ намедоду иҷроиши онро Раиси Ҷумҳур ва дастгоҳи он аз касе талаб ҳам намекард.

Баъд аз ду рӯз, яъне 24-уми декабри соли 1991 генерал-майор Б. Раҳмонов бо фармони Раиси Ҷумҳур мушовири давлатӣ оиди масъалаҳои дифоъ, бехатарӣ, органҳои маъмурии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Қумондони артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид.

11 январи соли 1992 тавассути симои ҷумҳурӣ дидам, ки дар майдони назди бинои Раиси Ҷумҳур, гурди миллии Раиси Ҷумҳур бо сарварии мушовири давлатии Раиси Ҷумҳур генерал-майор Баҳром Раҳмонов саф ороста, дар ҳузури ноиби Раиси Ҷумҳур Н. Дӯстов қасам ёд карда истодаанд. Росташ, хело шод гаштам, вале рӯзҳои мудҳиши моҳи май фаҳмидам, ки ин ҳама сохтакорию мардумфиребӣ будааст. Дар асл бошад, онҳо гурди миллии навтаъсисро аз ҳисоби сарбозони полки махсуси харбии Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ ва ротаи қаровули фахрии дивизияи 201-уми дар шаҳри Душанбе будаи Русия ташкил дода будаанд. Натиҷа ин шуд, ки он сарбозон таҳти сарварии генерал-майор Баҳром Раҳмонов бинои Раиси Ҷумҳурро бо яроқу аслиҳааш ба оппозиция 4 маи соли 1992-юм супориданд. Ин ҳақиқати талхро фаҳмида, дар тану тавo-

нам маҷол намонд ва лол гашта, ба андеша фурӯ рафтам: «Парвардигоро, дар ин дунёи бӯқаламуни инсонҳои пастфитрату ноасли каҷрафтор чаро ворид гардидам! Охир, наход инсон бад- ин кӯтоҳандешиву хомхаёлӣ асоси давлати худашро барбод диҳад. Магар ин лӯхтакгенерал қасами ҳарбӣ нахӯрдаву нисбати вазифаи муқаддасаш бепарвост? Не, ба назарам ин тавр нест, балки ӯ якбора ҷонибдори оппозиция нашуда, қаблан ба онҳо ҳаммаром буда аст, ки бисёр айёронаву чопалусона амал намуда, Раиси Ҷумҳуру нонбаш ва билохира моро низ фиреб дод!

Барои аз Қаротоғ овардани мошинҳои зиреҳдор аз забони Ф. Ниёзов ва Н. Дӯстов фаҳмидам, ки дар он ҷо 37-то БТР вуҷуд доштааст, бо мушкилоти зиёде Ф. Ниёзов аз ҳисоби гвардияи миллии дар назди Президент аз ҳисоби ҷавонмардони майдони «Озодӣ» таъсисёфта 13 ронандаи БТР ёфта, бо Қаротоғ гуселонид. Вале Вазорати корҳои Дохилӣ, Кумитаи Амнияти Миллӣ ва дигар ургонҳои давлатӣ, ки вазифадор буданд сохти давлати қонуниро муҳофизат намоянд, ба чӣ кор машғул буданд, касе намедонист ва худи Президент ҳам фикр мекунам, мадҳуши ҳодисаҳо буд. Дар роҳбарияти ҷумҳурӣ бесарусомонии гӯшношунид ҳар дақиқа афзун мегардид, ки ба муташанниҷ шудани вазъияти ҷумҳурӣ тазъйиқ меовард.

Роҳбарияти ҷумҳурӣ барои муттаҳид кардани қувваҳои мавҷудаи давлатӣ ҳаракат намекард. Қасри муайяну мушаххасе, ки ин ургонҳоро, қувваи онҳоро сарвариву сардорӣ мекарда бошад, аниқу амиқ нашуда буд. Ҳатто мушовири давлатии Президент оиди қувваҳои ҳарбӣ ва муҳофизати ҳуқуқи инсон генерал-майор Б. М. Раҳмонов, ки ду рӯз пеш савганди ҳарбиро се талоқ карда, бо 7 БТР ва зиёда аз 450 автомату дигар аслиҳаи ҷангӣ ба тарафи оппозиция гузашта, сардори ситоди ҳарбии оппозиция шудааст, ҳанӯз ҳам аз вазифаи мушовири давлатӣ озод нашуда буд.

Рӯзи 4-уми маи соли 1992 роҳбарони оппозиция бо роҳҳои номаълум битавонистанд, ки як автомошини КамАЗ-и пур аз силоҳу аслиҳаро ҳангоми аз анбори дивизияи 201-уми гарнизони Душанбешаҳр баромаданаш дастгир намуда, ба майдони «Шаҳидон оварданд. Генералҳои мардумӣ корӣ Қиёмиддин, корӣ Муҳаммадӣ бо ҳамроҳии Муҳаммадшариф Ҳиммататзода, Давлати Исмон, Шодмони Юсуф силоҳу аслиҳаро ба гурди миллии оппозиция тақсим намуданд. Яъне, боз зиёда аз 500 нафар аз гурди миллии оппозиция соҳиби силоҳ (автомати Калашников) гардид, ки ин вазъиятро боз муташанниҷтар мегардонд.

Соатҳои 8—9 саҳари 6 маи соли 1992 қумондони Душанбешаҳр генерал-майор М. Маҳмадҷонов бо супориши Президент

аз вазифааш сабукдўш гардонида шуда бошад ҳам, вале ба чои ў каси дигар таъин нагардид. Душанбешаҳр дар ин вазъияти мудҳиш бе роҳбар монд, агарчанде бо супориши Раиси Чумхур Р. Набиев лоиҳаи фармонро Н. Дўстов дар бораи коменданти Душанбешаҳр таъин намудани сардори умури кофтукови чиноятии Вазорати Қорҳои Дохилии чумҳурӣ полковник Р. З. Зоиров тартиб дода буд. Вале Раиси Чумхур ин фармонро имзо накарда, гуфт: «Агар Раҳмонқул Зоировро коменданти Душанбешаҳр таъин намоем, А. А. Қаххоров ва А. Рачабов малол шуда, «реакция» мешавад».

Бо ҳамин Душанбешаҳр бе қумондону ургонҳои ҳарбӣ, бехатарии давлатӣ, муҳофизати тартиботи чамъиятӣ ва муборизаи зидди чиноятқорӣ, бе роҳбари ягонаву асосӣ монд. Ва ин омили асосии сарнагун гардидани давлати қонунӣ ва содир кардани табаддулоти сохти давлатӣ шуд. Рўзҳои охир, алалхусус, 4—5—6 маи соли 1992 мақсади оппозитсия бисёр ҳам равшану амиқ ва мушаххас буд, ки онҳо барои табаддулоти давлатӣ кардан тайёрии бисёр чиддиву амиқ дидаанд ва амалӣ гардидани он аз амал дур нест. Чунки сарияти кормандони Вазорати корҳои дохилии чумҳурӣ ва Душанбешаҳр ба қувваи оппозитсия бовариӣ ҳосил карда, рўзи 5 майи соли 1992 ҳамфикри онҳо шуданд. Аз рўи принципи гўр сўзаду дег чўшад амал намуда, зиёда аз як миллион мардуми бесилохи майдони «Озодӣ»-ро паси сар карда, кормандони милисаи дар шаҳри Душанбе бударо бесилоҳ гардониданд.

Ба пиндори ман, чунин ба вукўъ пайвастани вокеа аз навари Робҳарияти Чумҳурӣ дур набуд, вале якинан чунин менамуд, ки миёни ўву мухолифин иртиботи нихоние, сирре мавчуд буда, танҳо барои аз миён бардоштани «мояи дарди сарашон» (ман дар ин чо худамро дар назар дорам), ки садди азим барои мафияи дохилидарборӣ ва хоричии он гашта, мухити фарохи ишонро махдуд сохтанист, ин ҳама фочиаи хузнангезу ғамовареро ба саҳнаи намоишномаҳо баркаш намудаанд. Барои исботи ин пиндор чанд далели боэътимоде пеш хохам кашид:

Рўзе дар утоқи кории ноиби Раиси Чумхур Нарзулло Дўстов роҳбарони майдони «Шаҳидон», майдони «Озодӣ», органҳои муҳофизати ҳуқуқу зидди чиноятқорӣ бо мақсаде, ки тарафҳо ба як хулосаи даркорӣ биёянду майдонҳоро озод намуда, мардумро сиҳату саломат ба хонаҳояшон баргардонем, чамъ омада будем. Дар ин гуфтушунид, ки ман пештар қиссаи онро викр кардам, Раиси Чумхур Р. Набиев, ноиби ў Н. Дўстов, сарвазири чумҳурӣ Н. Мирзоев ва дигарон низ иштирок доштанд. Ҳини сўҳбат қозикалон хочӣ Акбар Тўрачонзода ба Раиси Чумҳур Раҳмон Набиев нигариста гуфт:

— Шумо методи кори коммунистиатонро монед, Сафарали Кенчаевро ба мо ҷанг наандозед, кайҳо боз мехостед, ки ӯро аз сари қудрат дур намоед. Магар рӯзи гузашта, вақте ки бо ман ҳамсӯҳбат шудед, нагуфта будед, ки «С. Кенчаевро сафир карда, ба ягон кишвар фиристода, аз ӯ халос шудан даркор». Боз маро таъкид кардед, ки ин суханҳоро ба С. Кенчаев нагӯям.

Суханҳои ӯро шунида, Р. Набиев гуфт: «Пас аз ин зарур медонам, ки бе шоҳид бо шумо сӯҳбат надошта бошам». Вале қозикалон Акбар Тӯраҷонзода ин сухани Раиси Ҷумҳурро рад намуда, ҳақиқат доштани андешаи иброз намудаашро пофишорона таъкид мекард.

Ман ҳам шоҳиди ин гуфтугузор гардидам ва баъд ба фикре фурӯ рафта, ба худ андешидам. Охир, агар гуфтаи ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода рост бошад, агар чӣ ӯ ба ман ё каси дигар боварӣ надошт, магар лозим буд чунин шӯъбадабозиву найрангро ба кор бурдан?! Агар Президент чашми адолатбин медошту вокеан ба мардумашу ҳамкорон аз таҳти дил ҷонсипор мешуд, оё хуб набуд, ки ба качравиҳо роҳ надода, ошкоро бигӯяд: «бародар, назари мову шумо воҳид нест, биё ҳар кас ба роҳи худ биравад». Вале ӯ аз ҷумлаи онҳое будааст, ки ҳам лаъл ба даст ояваду ҳам ёрро наранҷонад»! Ман ин тоифа одамонро ҳеҷ пазириш надоштам, ҳамеша аз онҳо мегурехтам, вале чӣ илоҷ, ҳаёт маро ҳамнишину ҳамхези онҳо кард.

Далели дигар. Вақто ки дар майдони «Шаҳидон» гирдиҳамоӣ идома дошт, раиси Ҷумҳур бо сабабҳои номаълум бо генерали мардумӣ Қорӣ Қиёмиддин, Муҳаммадшариф Ҳиммат-зода ва дигар сарварони оппозитсия дар танҳоӣ, берун аз қароргоҳи президентӣ дар ҷойҳои интихобнамудаи мухолифин якчанд маротиба ҳамсӯҳбат гардид. Аз натиҷаи сӯҳбатҳояш ба Президиуми Шӯрои Олӣ, Ҳукумати Ҷумҳурӣ иттилое ҳам надод. Ба ману Нарзулло Дӯстов низ дар ин хусус чизе нагуфт. Бино бар ин, оиди кадом масъалаҳо бо онҳо ҳамсӯҳбат гардид, ба кадом хулоса омаданд, чӣ гуна тактикаю стратегияро интихоб карданд, то ҳол ба мо равшан нест. Агарчӣ ҳадафи асосии гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» дар мадди аввал ин аз сари қудрат дур сохтани Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ буд (яъне, ман). Аз инрӯ, ҳама маслиҳату машваратҳо бо оппозитсия бояд, ки дар гирду атрофи истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ мегузашт, Раиси Ҷумҳур аз рӯи Қонун ва адолату инсоф чунин маслиҳатҳоро пинҳонӣ аз ману Президиуми Шӯрои Олӣ оғоз намекард, ба ҳаллу фаслаш камар намебаст.

Натиҷаи пинҳону ошкоро ҳамдасту ҳамсадо гардидани Президент бо мухолифин яқин як ҷиҳати масъаларо ошкор мекард. Ин ҳам бошад, сабукдӯш намудани Раиси Шӯрои Олӣ

аз вазифа, вале итминон дорам, ки кӯтоҳназариву тарсуӣ ва кӯрдиливу намакбаҳаромии ин шабаҳи сиёҳи таърихи халқу миллат теша бар решаи давлати қонунии тоҷикон мезад, ки зад!

Дареғо, ин ҳақиқати талх, ки аз мӯҳтавои далелу асноди дар даст дошта зуҳур мекунад, на танҳо камари Раиси Шӯрои Олиро мешикаст, балки мавҷудияти давлати қонунӣ ва билохира мақомоти олӣ — Раиси Ҷумҳурро гӯрков мегардид, ки ӯ ба бадбахтии бехирадона ва кӯрдилӣ онро эҳсос накард.

Ин гуна далелҳо кам нестанд, ки агар ба шарҳу тафсири онҳо пардозам, вақти азиз сарф мегардаду торҳои асаб кашида, вале чӣ чора:

Дар ин гетӣ саросар гар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона.

Ёдовар бояд шуд, ки мувофиқи талаботи Конституцияи Ҷумҳурӣ сарфармондеҳии қувваҳои дохилию ҳарбии ҷумҳуриро Президент ба зимман худ мегирифт. Охир, ба ӯ сессияи Шӯрои Олӣ рутбаи генерал полковникро дода буд. Вале бо сабабҳои номаълум ин вазифаи худро Президент иҷро накард, ҷавобгариро ба ӯҳдаи худ гирифтан нахост, ягон амали судбахшона накард. Тарсончакиву ноӯҳдабароии роҳбарият ба сари халқаш бадбахтии бисёр камаршикану ҳузноварро ба бор овард!!!

Сарвазир А. Мирзоев бо ҳамроҳии ҷонишинҳояш Ҳ. С. Саидмуродов ва С. Ҳ. Хайруллоев дар куҷо буд, Президент намедонист, бо телефон онҳоро ёфта наметавонист. Он рӯзҳо ин суханонро Президент чандин маротиба ёдовар гардида, дар куҷо будани сарвазиру ҷонишинҳои онро мепурсид. Дар ҳақиқат вазъият пуршиддат мегардид. Мошинҳои зиреҳпӯши дар дасти оппозитсия буда гоҳо аз тарафи кӯчаи Свериденко, гоҳо аз тарафи Хонаи радио ва кинотеатри ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ омада, ба тарафи майдони «Озодӣ» — ба тарафи халқи беяроқи дар он ҷо ҷамъомада тир холӣ мекарданду мардумро ба тарсу харос оварда, миёни онҳо шӯру ғовғо бар меангехтанд.

Президент Р. Набиев ба Кумитаи Амнияти Миллӣ рафт. Ман бо ҳамроҳии депутатҳои Шӯрои Олӣ аз вилояти Кӯлоб, Қ. Мирзоалиев, А. Шарифов, А. Сафаров, Х. Шарифов, аз вилояти Кӯрғонтеппа Исломиддин Аслонов, Муҳаррама Мирзоалиева, Сафаралӣ Раҷабов ва дигарон, генерал майор Ф. Ниёзов ва ноиби Президент Н. Дӯстов дар Шӯрои Олӣ мондем. Бинои Шӯрои Олӣ ва депутатҳои дар он ҷо мондаро бояд, ки кормандони Вазорати Қорҳои Дохилӣ посбонӣ мекарданд. Аз чӣ сабаб буд, ки он шаб ягон корманди Вазорати Қорҳои

Дохилӣ дар Шӯрои Олӣ намонда буд. Ба ман хабар расид, ки бо фармони роҳбарияти Вазорати Корҳои Дохилӣ онҳоро аз бинои Шӯрои Олӣ гирифта, беяроқ намудаанд. Ва як мошини зиреҳпӯши дар ҳавлии Шӯрои Олӣ бударо гирифта, ба рӯи ҳавлии ВКД ҷумҳурӣ бурдаанд. Барои муайян кардани сабаби чунин рафтори хоинона ба вазири корҳои дохилӣ М. Навҷувонов, ҷонишинҳои ӯ А. Раҷабов, А. Қаҳҳоров ва А. Хайруллоев сим задам, вале мутаассифона касеро наёфтам.

Навбатдори ситоди Вазорати корҳои дохилӣ ҷавоб медод, ки онҳо дар Вазорат ҳастанд, аммо дар кучо, намедонад. Хулоса, як гирдоби бисёр хам номаълум буд, ки кас наметавонист дарк намояд дар ҳақиқат, дар Вазорати Корҳои Дохилӣ чӣ ҳодиса рӯй дода истодааст!!!

Ҳама бало ба сари мардуми беяроқи майдони «Озодӣ» монда буду халос, дигарон канораниишиниро парчами беномусонаи асосии хеш қарор дода буданд.

Сипас, Н. Дӯстов ба Раиси Кумитаи Дифои (оборона) назди Президент генерал-майор Ф. Ниёзов супориш дод, ки бо ҳамроҳии Депутатҳои Шӯрои Олии аз вилояти Кӯлоб ва Ленинобод буда ба Вазорати Корҳои Дохилӣ рафта бифаҳманд, ки кормандони милиса, ки аз вилояти Кӯлобу Ленинобод чанд рӯз пеш барои ҳимояи Душанбешаҳр даъват карда шуда буданд, дар кучоянду машғули кадом коранд.

Генерал-майор Ф. Ниёзов бо ҳамроҳии ҷонишини сардори муҳофизати граждани полковник С. Шарофиддинов, сардори ситоди муҳофизати граждании шаҳри Душанбе подполковник Н. Қодирқулов, корманди кумитаи дифоъ А. Ермонов, Сангак Сафаров ва Мирзо Салимов ба Вазорати корҳои дохилӣ рафтанд.

Дар утоқи корӣ Вазири Корҳои Дохилӣ М. Навҷувоновро бо ҳамроҳии Отахон Латифӣ, Давлат Худоназаров бо муҳофизаткунандагонаш, Акбар Мирзоев, М. Маҳмадҷонов, А. Қаҳҳоров диданд, ки онди ҳалли ким-кадом масъала сӯҳбат доштанд. М. Навҷувонов номаълум барои ҳалли кадом масъалаҳо аз беморхона хеста омада буд. Ба пиндори ман, сӯҳбаташон онди ҳарчӣ бештар кӯмак расондан барои амалӣ гардидани табаддулоти давлатӣ аз тарафи як гурӯҳ мансабталошону ҷиноятқорон буд. Полковник С. Шарофиддинов ба Акбар Мирзоев, М. Маҳмадҷонов, М. Навҷувонов ва А. Қаҳҳоров муроҷиат карда гуфт: «Раиси Ҷумҳур талаб карданд, ки рафиқ А. Мирзоев, М. Маҳмадҷонов ва А. Қаҳҳоров ба назди ӯ ҳозир шаванду кормандони ОМОН-ро барои муҳофизати бинои Шӯрои Олӣ сафарбар намоянд». Вале касе ба гуфтаи С. Шарофиддинов аҳамият надод ва талаботи Раиси Ҷумҳурро иҷро накард. Ба ақидаи ман, дар Вазорати Корҳои Дохи-

лӣ масъала хело пеш ҳалли худро ба фоидаи мухолифин ёфта буд, вагарна Отахон Латифӣ, Давлати Худоназарро бехуда бо муҳофизатгарони босилоҳ дар Вазорати корҳои дохилӣ чун меҳмони азиз қабул намекарданд.

Ба ҳама, аз ҷумла, ба роҳбарони ВКД чун оина равшан буд, ки роҳбарону нақшакашони гирдиҳамоиҳои доманадор ва табаддулоти давлатӣ онҳо буданд. Сипас чи гуна, бо кадом мақсад душманони асосии сохти давлати конституционӣро иҷозат додаанд, ки бо муҳофизатгаронашон ба утоқи кории Вазири корҳои дохилӣ дароянд?! Ба он вазорате, ки бо режими ҳарбӣ кор мекунад, боз дар ҳолате, ки вазъияти фавқулодда эълон карда шуда буд. Имондорона бо далелҳои зиёди кофӣ исбот хоҳам кард, ки ин ҳама аз рӯи нақшаҳои пешакӣ амалӣ гардида буд...

Сипас, Ф. Н. Ниёзов бо дигарон ба стадиони «Динамо» рафта, баъд аз чанд муддат кормандони милисаи вилояти Кӯлобро ёфта, бе иҷозати роҳбарони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурӣ барои муҳофизати Шӯрои Олӣ оварданд. Аз суханҳои генерал-майор Ф. Н. Ниёзов муайян гардид, ки кормандони милисаи аз вилояти Кӯлоб даъват шуда ба ӯ арз кардаанд, ки бо фармони роҳбарияти Вазорати Корҳои Дохилӣ гӯё вазъият дар Душанбешаҳр мӯътадил шудааст, ёрии Шумо лозим нест, гуфта нагузоштаанд, ки онҳо аз казармаи стадиони «Динамо» берун бароянд. Илова бар ин, ба онҳо супориш додаанд, ки силоҳҳояшонро бисупоранд. Вале онҳо ояди ин масъала фармони роҳбарони Вазорати Корҳои Дохилии Ҷумҳуриро ҳарфу накарда гуфтаанд; ки бе иҷозати роҳбарияти вилояти Кӯлоб силоҳҳояшонро намесупоранд. Кормандони милисаи вилояти Ленинобод бошанд, дар бинои кумитаи Душанбешаҳр ва мудофиаи граждании ҷумҳурӣ бо фармони роҳбарияти Вазорати Корҳои Дохилӣ бесилоҳ карда шуда, дар муҳосираи оппозитсия мондаанд. Бори дигар ин далелҳои раднашаванда ба он шаҳодат медоданд, ки роҳбарони Вазорати корҳои дохилӣ ва шумораи зиёди кормандони он агарчӣ дар хизмати давлати қонунӣ буданд, вале ба мукаддасии вазифа, обрӯю эътибори чандинсолаи милиса туф карда, ҳатто ба хотири сипоси пуле, ки давлат аз хазинаи худ ба онҳо маош медоду онҳо ҳар кадом савганд хӯрда буданд, гӯё ба ҳамааш пушти по заданду халқи ҷумҳуриро дар ҳолати вазнин гузошта, хизмати дигар «хоҷа»-ро зимни масали «сари кӯи ту набошад, сари зулфи дигаре» анҷом медоданд. Ҳама чиз акнун пурра маълум буд, аксари курсинишинон либоси занона пӯшида, чун занҳои фоҳиша худашонро бисёр хам «арзон» ба гурӯҳи чинояткорон фурӯхтанд, ба мардуми ҷумҳурӣ бадбахтии зиёде оварданд...

# ПРОТОКОЛИ СОЗИШ — ГУРКОВИ ДАВЛАТИ ҚОНУНӢ

Сипас, ман бо ҳамроҳии Н. Дӯстов барои фаҳмидани чигунагии ақидаи охирини Президент ба Кумитаи Амнияти Миллӣ рафтам. Раиси Кумитаи Амнияти Миллӣ Р. Турсунов бо Президент интизорӣ протоколи созишномае, ки гӯё сарвазир А. Мирзоев дар бӯстонсарои Девони Вазирон бо роҳбарони оппозитсия тартиб додаанд, буданд. Ман ба Нарзулло Дӯстов нигаристаму ӯ ба ман, чунки дар бораи чунин гуфтушунид мо иттилое надоштему ваколатҳои худамонро ба кас ҳам надода будем. Боз бар замми ин, чаро дар гуфтушунид бо роҳбарони оппозитсия Президенти Ҷумҳурӣ Р. Набиев иштирок накардааст. Хайр, мумкин ба сарвазир А. Мирзоев чунин ваколатро Раиси Ҷумҳур бе маслиҳати мо дода бошад. Ин кори Президент аст, вале мо, ки ҳамчун шахсони масъули давлатӣ будем, дар бораи қисмати моро ба дасти дигарон ҳал кардан чӣ тавр андешида бошад?! Илова бар ин, Шӯрои Олӣ ва Раиси он ба тобеияти Раиси Ҷумҳур дохил намешавад-ку?! Ӯ ба назарам ин чо ҳам мехост, ки аз рӯи мақоли «ба дасти касон мор бояд гирифт» амал намояд. Боз ба хаёл рафтам, ки чаро дар ин гуфтушунид вакилони майдони «Озодӣ» иштирок накардаанд. Ин кори кӣ бошад?...

Хулоса, чунин ақидаҳо саропо вуҷудамро фаро гирифта буду ба аъсобам панҷа мезад. Ба мо ҳарфе назада Р. Набиев бо Р. Турсунов ба утоқи истироҳатии Раиси Кумитаи Амнияти Миллӣ даромаданду мо дар утоқи кории Раиси ҚАМ мондем, чунки моро даъват накарданд, гӯё барояшон одами бегона будем. Аз рафтори онҳо хуб дарк кардем, ки масъалаи моро бе мо кайҳо халлу фасл кардаанд. Замин сахту осмон баланд буд, ҳамаро аз тақдиру насиб дониста, такя ба худо карда нишастему танҳо хотирпарешони он будем, ки илоҷе карда, мардуми майдони «Озодӣ»-ро сиҳату саломат ба хонаҳои худ баргардонем. Тахминан соатҳои 2 шаби 7 мои соли 1992-юм протоколи созиши байни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оварданд. Дар ин созиш ва тартиб додани протокол Раиси Ҷумҳур, нояби ӯ ва аз Президиуми Шӯрои Олӣ касе иштирок накарда буд. Шахсан ман ва Н. Дӯстов даъват ҳам нашуда будем. Бадбахтиро бинед, ки қисмати моро ба дасти дигарон ҳал карданианд. Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Мирзоев бо муовинони худ: Ҳ. Саидмуродов, С. Хайруллоев ва аъзои Девони Вазирон И. Давлатов дар он гуфтушуниду тартиб додани созишнома иштирок карда бу-

данд. Агарчанде талаботҳои оппозитсия аз табаддулоти давлатӣ хурдтарин фарқе надошт, вале бо максади он, ки протоколи созиш амалӣ мегардаду пеши роҳи хунрезиро мегирад ва барои мӯътадил гардидани вазъи ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад, нооиби Раиси Ҷумҳур Н. Дӯстов ва ман ба он имзо гузоштем.

Аз рӯи қонун бошад, ҳеҷ гоҳ сарвазир ҳуқуқи ҳал намудани масъалаи истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ, нооиби Президент ва додситони Кулли Ҷумҳуриро бо кадом роҳе, ки набошад, надоштанд! Охир, ин масъала танҳо ба ваколати Шӯрои Олӣ ва Раиси он дохил мешавад. Дар он машварат бояд, ки Раиси Шӯрои Олӣ, Президент ё нооиби Президент даъват карда мешуд, гуноҳашонро ба онҳо мегуфтанду фикру ақидаи онҳоро гӯш мекарданд, сипас ба хулосае омада, протоколи созишро тартиб медоданд.

Ҳатто пеш аз он ки ҷинояткорро ба ҷавобгарии ҷиноятқорӣ кашанд, ба ӯ айбнома эълон мекунанд ва баёноти ӯро мешунаванд, далелҳои пешниҳодкардаи ӯро месанҷанд, баъд ба як хулосаи даркорӣ меоянд.

Илова бар ин, протоколи созиш байни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, ахзоби сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон буд, на байни Шӯрои Олӣ ё Президиуми он.

Сипас онҳо ҳуқуқи ба муҳокима гузоштани масъалаи истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ ба додситони Кулли Ҷумҳуриро надоштанд, чунки ин ду масъала мувофиқи Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва регламенти кории Шӯрои Олии он танҳо ба ваколати ургони Олии қонунбарории Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Дигар касе ҳуқуқи ба ин кор даст заданро надорад.

Органи иҷроия ва амрдиҳандаи Ҷумҳурӣ мувофиқи Конституцияи Ҷумҳурият ин органи ҳисоботдиҳанда дар назди органи олии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Пас, кучост мантиқ, ки сарвазири ҷумҳурӣ, ки худ дар назди Шӯрои Олӣ ҳисобдиҳанда асту Шӯрои Олӣ ӯро ҳамроҳи ҷонишинҳояш ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад, масъалаи ба истеъфо рафтани Раиси Шӯрои Олиро ва Додситони Куллро ҳал мекардааст. Ва худро вазифадор намеҳисобанд, ки ояди ин масъала Раиси Шӯрои Олӣ ё Президиуми Шӯрои Олиро даъват намоянд, ё ин ки ба воситаи телефон бо онҳо гуфтушунид кунанд!

Мувофиқи нуктаи 9 моддаи 99 Конституцияи Ҷумҳурият Додситон ин органи Шӯрои Олӣ мебошад. Додситони Куллро сессияи Шӯрои Олӣ таъин менамояд. Бино бар ин, ба сарвазир ва ҷонишинҳои ӯ касе ваколати муҳокима кардан ва ба истеъфо равон кардани Додситони Куллро надода буд.

Инчунин бояд хотиррасон кард, ки дар бюллетени овозгирии пинҳонии оиди интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев ном ва фамилияи ноиби Президент Нарзулло Дӯстов нишон дода шуда буд. Бано бар ин, тартиби аз вазифаҳои ноиби Президент озод кардани Нарзулло Дӯстов бояд, ки монанди аз вазифа озод кардани Президент сурат мегирифт. Чунки то имрӯз дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқу вазифаҳои ноиби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби бозхонди ӯ ва таъин ё интихоби ноиб дигар чизе гуфта нашудааст ва касе ҳуқуқи аз вазифа сабукдӯш кардани ӯро надорад. Сипас, ба сарвазир кӣ ваколат дода буд, ки масъалаи истеъфои ноиби Президентро дар Протоколи созиш гузорад?...

Ҷунин ранг гирифтани амалиёти сарвазир А. Мирзоев табиӣ буд, чунки барои ба мақсади таҳтонии нобихрадонаи худ расидан барои онҳо шикастани қонун, гусастани ришгаи ҳаёти инсон хурдтарин арзише надошт. Ба пиндору кирдори онҳо танҳо васеъ намудани ҳуқуқу манфиатҳои сирф шахсӣ ва чавкии мансаби худ чизи дигаре намеғунҷид. «Дунё сӯзаду деги девона ҷӯшад»-ро дастуруламали худ қарор доданд. Онҳо фикр накарданд, мумкин аст имрӯзу фардо ҳам ғурури мансаб нагузорад, ки андешае бикунанд, вале ҳақиқат рӯзе хоҳад расиду чунин кӯрдилони қонуншикан дар назди ҷомеа посухи ин амали нобихрадонаро хоҳанд дод!!

Бояд гуфт, ки ба чунин ранг сурат гирифтани протоколи созиш, ки дар он оппозитсия ҳарчӣ хост ғайриқонунӣ манфиатҳои худро таҳмил кунад, ба бадбахтии бузург, аз ҷониби раёсати давлати қонунӣ муқобилияте эҳсос нагардид. Аз ин лиҳоз, ба пиндори ман, гуноҳи роҳбарони давлат кам нест, чунки масъала дар бораи вуҷуд доштан ва ё сарнагун кардани ҳокимияти қонунӣ мерафт, онҳо бошанд бемасъулиятонаву хунукназарона муносибат намуда, қурбон намудани дигаронро омили идомаи умри тахту ҷоҳи хеш пиндоштанд. Бояд бо исрор бигӯям, ки чунин беназокативу кӯтоҳандешии Раиси Ҷумҳур то ба он ҳад расида, ки дар гуфтушунид иштирок накард, ё хост, ки боз бо дасти дигарон обро лой намуда, моҳӣ дорад. Ҳамчун Раиси Ҷумҳур, ки зиёда аз 58 фоизи мардуми Тоҷикистон бо ҳазор умеде раъйи худро ба ӯ дода буданд, ақидаи худро рӯйрост пешниҳод накард, дар сари ҳар як банди протоколи созиш муборизаи набурд, коргарони зердасти худро ҳимоя накард, чӣ тавре ки мегӯянд: «Шубон рамаро ба гургон супурд», бо мақсаде, ки худ сари қудрат бимонаду ҳузуру ҳаловати шоҳиро бибинад. Оё чунин рафтори зишту ноҷавонмардона нисбати ашхосе, ки шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта

баҳри пешбурду рушди давлат қонсупорӣ мекунанду заҳмат мекашанд, аз рӯи инсофу адолату одамгарист?

Оё сарнавишти давлати қонунӣ, ки сарриштаи ғаму шодӣ, бурду бохт ва омаду ноомадҳои хешро ба ду дасти адаб баровардаа, таслими Раиси Ҷумҳур намудаасту чавобгӯи ҳақиқии тамоми инҳоро роҳбарони ҳукумат бар ӯҳда доранд, имону виҷдони шаҳрвандиаш, пеш аз ҳама дар пеши худ ва сониян дар назди мардуми азиз ӯро домангир нест?

Аммо Президент Р. Набиев ва сарвазир А. Мирзоев он лаҳзаҳо дарк накарданд, ки рафтори сатҳиву кӯтоҳандешонаю ноҷавонмардонаашон оқибат балои азиме бар сарашон мегардад. Ин заҳрест қотил, тор ба тори рагу пай ва устухонҳо. Чунон мемакаду хушк мекунад, ки ба будану набудани шахсияти онҳо зарурат наметмонад! Онҳо бо соддагӣ ва ё муғамбирии соддалавҳонаи хеш киштиеро ба дасти нохудое супоридаанд, ки ҳамдастонаш ноаён зери онр осӯрох карда, ба ғарқ намудан тайёр кардаанд. Бубинед, ҷафопешагиву кӯрдилӣ ва нодида гирифтани хаводиси рӯзгорро, ки киштиеро, ки бо амру хоҳиши худ ба ғарқ намуданаш мусоидат менамоянд, сарнишини он худашонанд. Худоё, оё ин рафтор ва кирдори як шахсе, ки сарварии ҷомеаро бар дӯш гирифтаасту мехоҳад мардумашро ба соҳили мурод бирасонад, зебанда аст?! Не! Ҳазор дафъа мегӯям, ки не! Пас, ба худ меандешам, ба ин тариқ будану чунин бенамакона рафтор намудани Роҳбарият магар азалӣ буда ва ё фитрӣ, ки мани содику самимона боварӣ доштаи ӯро ба чоҳи ноаёни кофтаи сари роҳ андохтанист?! Магар ба ин бозингари сиёсӣ, ки ман ба чунин бозиҳо ба чашми нафрат менигарам, шахсияти ман маъқул наомад? Саволҳои беохир маро безобита мегардонанд. Вале ба пиндори ман, ӯ инсонест бисёр содда, ғаразу, тарсу, лаванд ва ба афсуни Наҳзати ислом афтида! Дар лаҳзаҳои ҳассос ба ҷои ворастани гиреҳи муаммоҳои рухмедода чунон аз ҳар тарафи тур бармедорад, ки хештанро андаруни тур дармеёбад. Бидуни шубҳа дар ёфтану боз намудани гиреҳи ҳодисоту воқеоти сиёсӣ тафаккури ӯ ба тариқи шахшудзкор мекунад, ки ин шояд гуноҳи ӯ нест, балки гуноҳи рӯзгорони тоталитарии режими пешинаи давлатдорист, ки онҳо ҳамеша бо фармони болою бо дасти дигарон кор карда, ҳаёти миллатро ҳаллу фасл мекарданд. Вале боиси таассуф ва нишони самимияти банда низ буда, ки содиқона худу дӯстони худро дар атрофи ин ҷаҳли мураккаб андохтаем! Бисёр ва бисёр таассуф!!!

Чӣ чора, танҳо он самимият ва садоқате, ки баҳри наҷоти заифону бечорагон, мазлумону ҳоҷатмандон ва хулоса руш-

ди миллати тоҷик дар ҷони мост, моро ба ӯ бо чанд далел пайваст:

— якум, ӯ собиқ сарвари Ҷумҳурӣ ва зоҳиран кордон буд;

— дуюм, ӯ ба диди ман таҷрибаи ғании ҳаётӣ дошт;

— сеюм, мехостам, ки мо ҳама дар гирди ӯ ҷамъ омада, тарзи давлатдориро ҳарчӣ ҳам бошад, ёд бигирем.

## ПРОТОКОЛИ

**созиши байни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон. Аз тарафи ҳукумат протоколро имзо карданд:**

| | |
|---|---|
| 1. Набиев Р. | — Раиси Ҷумҳур |
| 2. Кенҷаев С. | — Раиси Шӯрои Олӣ |
| 3. Дӯстов Н. | — Ноиби Раиси Ҷумҳур |
| 4. Мирзоев А. | — Сарвазир |
| 5. Саидмуродов Ҳ. | — муовини сарвазир |
| 6. Хайруллоев С. | — муовини сарвазир |
| 7. Давлатов И. | — аъзои Шӯрои Девони Вазирон |
| 8. Хайруллоев Ш. | — муовини вазири корҳои дохилӣ |
| 9. Назиров Д. | — ёвари Сарвазири Ҷумҳурӣ |

**Аз тарафи намоишгарони майдони «Шаҳидон» ва аҳзоби сиёсӣ:**

| | |
|---|---|
| 1. Муҳаммадшариф Ҳиммат-зода | — раиси Ҳизби наҳзати ислом |
| 2. Юсуфов Шодмон | — раиси Ҳизби демократии Ҷумҳурӣ |
| 3. Абдуҷабборов Тоҳир | — раиси ҷунбиши мардумии «Растохез» |
| 4. Давлат Худоназаров | — раиси иттифоқи кинематографистони Тоҷикистон |
| 5. Атобеки Амирбек | — раиси созмони «Лаъли Бадахшон». |

**Шахсони миёнарав**

| | |
|---|---|
| 1. Акбари Турсунзод | — узви вобастаи АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 2. Отахон Латифӣ | — рӯзноманигор |
| 3. Лоиқ Шералӣ | — шоир. |
| 4. Раҳимов Р. | — академик. |

Протокол 7 маи соли 1992 дар шаҳри Душанбе имзо шуд ва дар он чунин омадааст:

«Раиси Ҷумҳур ҳамчун кафили вахдату якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири раҳоӣ аз бӯҳрони сиёсӣ ва барқарор кардани сулҳу осоиш дар Ҷумҳурӣ бо назардошти талабҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумӣ ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Сафороии кунунии нирӯҳои сиёсӣ, миллӣ ва мазҳабиро ба назар гирифта, Ҳукумати Муросои миллӣ таъсис дода шавад, ки он дорои ҳуқуқу салоҳияти васеъ мебошад, Ҳукумати мазкур бар асоси принсипҳои зерин фаъолият мекунад:

1. Даст кашидан аз зӯроварӣ, яъне эълон мешавад, ки Ҳукумати Муросои миллӣ, аввалан, барои пароканда кардани гирдиҳамомадагон силоҳро истифода намекунад ва сониян аз ҳама гуна таъқиби онон (таъқиби ҷиноӣ, миллӣ ва интизомӣ) барои иштирокашон дар гирдиҳамоиҳо худдорӣ мекунад.

Чорахои таъчилӣ дар татбиқи амалии ин принсип:

1а) Миёни нирӯҳои ба ҳам муқобил фавран оташбас эълон мешавад;

1б) Фармони пешинаи Раиси Ҷумҳур дар бобати ташкил додани баталони махсус бекор карда мешавад;

1в) ҳамаи нерӯҳои ба ҳам муқобил фаврӣ ва бечунучаро бесилоҳ карда мешаванд;

1г) муҳосираи майдони ҳавоӣ (аэропорт) ва истгоҳи қатора (вокзал) бас карда мешавад;

1д) Кохи Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазирон, инчунин студияи телевизион аз тазоҳуркунандагон озод карда мешавад.

2. Омода сохтани заминаҳои давлати миллӣ, ҳуқуқбунёд ва демократии тоҷикон, даҳолат накардани давлат ба фаъолияти мазҳабии қозиёт ва низ ба фаъолияти сиёсии давлат даҳолат накардани қозиёт.

3. Таъмин кардани баробарии ҳуқуқӣ ва хизматии сиёсии ҷамеи ҳизбҳо, созмонҳо ва ҷунбишҳои мардумӣ, аз ҷумла даст кашидан аз манъи ҳизбу созмонҳо дар сурати амали онҳо дар чорчӯбаи қонун.

4. Таъмин кардани ҳамзистии бародаронаи тамоми мардумони гуногунзабону гуногунмазҳаб, ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ҷамеи халқҳо, ақалиятҳои миллӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ.

5. Таъмин кардани озодии сухан, фаъолияти озодона ва холисонаи ҳамаи расонаҳои ахбор, аз ҷумла, ширкати Садою Симо, ки низ минбари озод эълон мешавад.

II. Азбаски ҳайат ва ваколатҳои Шӯрои Президентӣ ягон тарафи муқобилро қонеъ намекунад, ин дасттоҳ барҳам дода мешавад ва ба ҷояш Мушоваи Олӣ аз ҳисоби намояндаго-

Раиси харакати мардумии «Ростохез», депутати халқи Чумҳурии Тоҷикистон Тоҳир Абдуҷабборов дар назди гирдиҳамомадагон.

Суханронии имом-хатиби масчиди чомеъи вилояти Кургонтеппа хочӣ Саид-ашраф Абдулахадов дар хузури Давлат Исмоил, Мирбобо Миррахимов ва писари Ланкпонсади босмачӣ аз кишлоки Афғони нохияи Ленин.

Шоир Бозор Собир гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон»-ро ба ҷанг даъват карда истодааст.

«Генерали мардумӣ» хочӣ Корӣ Саид Қиёмиддини Ғозӣ дар либоси низомӣ.

Латифӣ дар назди гирдиҳамомадагон.

Ҷенерали мардуми хочӣ Қорӣ Муҳаммадҷон.

Аъзои ҳаракати мардумии «Растохез» Мамлакат Чавчиева аз имтиҳони чонишини раиси Ҳизби наҳзати ислом Давлат Исмон мегузарад.

Нависанда Бурҳон Ғанӣ.

Пирон ҳам фиреб меҳўранд. Сбкини колхози ба номи К. Маркси нохияи Бохтар, вилояти Кўрғонтеппа.

Сафар Абдулло ва Мирбобо Миррахимов дар гирдихамони майдони ба номи С. Айни, ки аз номи ҷавонони шаҳр барои фишор ба майдони «Озодӣ» ва ҳукумати қонуни ташкил карда буданд. 3 май 1992.

Зарабек Олим ва дигарон дар майдони «Шахидон».

Корӣ Киёмиддини Ғозӣ, ҷенерали мардумӣ корӣ Муҳаммадҷон ва дигарон ҳангоми дар майдони «Шаҳидон» зам-зама намудани гимни ифротиюн, ки гирдиҳамомадагонро афсун намуда, ба ҷанги бародаркуш даъват мекарданд.

Полковник Раҳматуллоев ва авбошони демократмаоб дар оғози ғасби Телевизиони тоҷик.

Телевизиони ғасбшуда дар хидмати табаддулоти давлати.

ни обрӯманду салоҳиятдори давлат, улум, фарҳанг ташкил карда мешавад, ки дар ҳузури Президент ва Ҳукумати Муросои миллӣ амал мекунад.

III. Кумитаи амнияти миллӣ, Кумитаи дифоъ ва Кумитаи Садою Симо ба Ҳукумати муросои миллӣ тобеъ карда шавад.

IV. Бо назардошти вазъи муташанниҷи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ ва ба хотири таъмини сулҳу салоҳ дар ҷомеа тақозо мешавад, ки Н. Дӯстов ва Ф. Ниёзов, А. Сайфуллоев фавран ба истеъфо раванд. Масъалаи истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ С. Қенҷаев; Н. Ҳувайдуллоев дар сессияи фавқулоддаи Шӯрои Олӣ гузошта шавад.

V. Раёсати аҳзоби сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумӣ ҳамзамон бо ба имзо расидан ва ба амал татбиқ шудани нуктаҳои Протоколи мазкур, ки бояд зери назорати тарафайн сурат гирад

а) барои фавран ва комилан озод кардани майдони «Шаҳидон» ва «Озодӣ» чорабинии муассир меандешанд;

б) то охири соли 1992 ҳамагуна гирдиҳамоӣ ва роҳпаймоиҳоро бас мекунанд (ба ҷуз маъракаҳои пешазинтихоботӣ).

**Эзоҳ: Моддаҳои 1а, 1б, 1в, 1г, 1д ҳамзамон бо имзои протоколи мазкур иҷро мешаванд.**

Вақте ки кас протоколи созишро таҳлил мекунад, агарчанде он мафҳуми ноқиси ҳуқуқию сиёсӣ ва ҳаётӣ дошта бошад ҳам, бе ягон мушкилӣ дарку фарқ мекунад, ки ҳар як банди он пур аз беадолатию қонуншиканист. Ба чунин беадолатию поймол кардани ҳуқуқи инсон, аз вазифа озод кардани шахсони бегуноҳ, аъзоёни ҳукумат чашм пӯшидани Сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоев, Раиси Ҷумҳур Р. Набиев бо «командаташ» ва роҳбодани сарони оппозитсия ҳоҷати шарҳ додан нест, шояд ки қисме аз онҳо аз рӯи нақшаи пешакӣ андешидаву тарҳрезӣ намудаашон якҷоя амал мекарданд.

Вале мавқеи шахсони холису миёнарав: Отахон Латифӣ, Лоиқ Шералӣ, академик Рашид Раҳимов ва Акбари Турсун маро ба ҳайрат меорад.

Охир, Отахон Латифӣ, Акбари Турсун, Лоиқ Шералӣ ва Рашид Раҳимов, ки пастию баландии ҳаётро хуб чашидаанд ва то андозае аз сиёсату сиёсатмадорӣ сабақ гирифтаву таҷриба андӯхтаанд, чаро яктарафа амал намуда, ба чунин Протоколи пур аз беадолатию қонуншиканӣ имзо гузоштаанд? Бахусус, Отахон Латифӣ, ки дар ин чода лофи яккатозӣ зада; ба дигарон ақли сиёсӣ меомӯхт. Охир, тафаккури онҳо тафаккури давраи «тоталитарии режими коммунистӣ» нест-ку?! Чӣ тавре ки бо ин дигаронро гунаҳкор мекунанд. Онҳо худро

муборизи демократия, ҳимоякунандаи ҳуқуқи инсон, адлу адолат меҳисобанд, пас чаро ба фоидан гурӯҳи мансабталабу чиноятқор амал карда, ҳақиқатро, ҳокимияти қонуниро тарафдорӣ нанамуданд. Дар протоколи созиш ақидаи шахсии худро баён нанамуданд. Не, аз андеша дур нест, ки онҳо бо мақсади рост кардан ва тезонидани корҳои ғайриқонунии оппозитсия худро ба ин майдони ҳарбу зарб задаанд. Аз ҷумла, Отахон Латифӣ ва Лоиқ Шералиро касе барои миёнарав шудан даъват накарда буд. Онҳо солҳои дароз, алалхусус, пас аз он, ки дар интихоботи президентӣ бохтанд, дӯстони ҷонии онҳо Давлат Худоназаров ва Аслиддин Соҳибназаровро халқи ҷумҳурӣ дастгирӣ накард, мунтазири фаро расидани чунин рӯз буданд.

Онҳо бо мақсади ба чашми давлати қонунӣ хок пошидан ва ичро кардани нақшаи кашидаи худ, ки дар вақти интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда натавонистанд, худро ба гурӯҳи шахсони миёнарав ҳамроҳ карданд. Бояд бигӯям, ки ин вазифан «муқаддас»-и худро бисёр ҳам моҳиронаю «ҷавонмардона» ичро карданд, ҳар чӣ хостанд ба табъи дили худ дар протоколи созиш навиштанд. Зеро онҳо, махсусан Отахон Латифӣ, ки барояш аз тарафи роҳбарони оппозитсия мукофоти бисёр ҳам фароху мутакаббир, аниқтараш курсии аз ҳама равғанӣ — Вазири корҳои хориҷӣ ва алоқаҳои байналхалқиро ваъда карда буданду ӯ ин мансабро шаб дар хобу рӯз дар хаёл медид, бисёр ҷонбозихо намуд. Ба дӯстони онҳо Абдунабии Сатторзода бошад, курсии Вазири Маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ваъда карда буданд. Ҳамин буд, ки пеши чашми ҳақбини ишонро парда ва димоғашонро ғурури мансаб баста буд.

Рафтори сиёсатмадоре чун Латифӣ боиси даҳшат аст, зеро дар ба роҳ андохтани тамоми кашмакашҳо ва бозиҳои сиёсӣ нақши нангини ӯ ба тарзи бебозгашт маҳфуз хоҳад монд ва хуни ноҳақи рехтаи мардум бигзор, ки имону (агар дошта бошад) виҷдони ӯро азият диҳад. Худоё, чӣ тавр Отахон Латифӣ дар чунин вазъият аз яздону бандагонаш шарм надошта, даъвои мансаб кард?!... Охир, чаро ӯ ба худ наандешид, ки Вазири корҳои хориҷӣ ва алоқаҳои байналхалқӣ Лаким Қаюмов аз ӯ на паст меистад, балки бартарӣ дошт.

Хулоса, агарчӣ протоколи созиш сар то по ғайриқонунию ғаразнокона буд ва чӣ тавре ки дар боло тазаккур додам, ин ҳуҷҷати қалбакист. Вале бо мақсади нарехтани хуни инсон, якпорчагии Тоҷикистон, сиҳату саломат ба хонаҳои худ баргаштани мардуми гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ»-ю «Шаҳидон» ба он имзои худро гузоштам. Чаро?

Барои ба замин наафтодани ҳар тори мӯи инсон, нарехта-

ни ашки модарону хоҳарон садҳо мансабро қурбон мекунам. Охир, ҳазор мансаб ба як тори мӯи фарзанди инсон, ба як қатраи ашки модарону тифлакон намеарзад!

Чунки мансаби Раиси Шӯрои Олиро аз касе нахарида будам, бо амри худо насиби ман будааст, ки депутатҳои мӯҳтарам бори дигар бо талабу таклифҳои зиёда аз як миллион гирдиҳамомадагони аз тамоми ноҳияҳои Ҷумҳурӣ дар майдони «Озодӣ»-и Душанбешаҳр ва дигар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурӣ, ба муқобилиятҳои қотеъонаам дар сессия нигоҳ накарда, маро интихоб карда буданд. Ҳол он ки ман ҳеҷ майлу хоҳиши дигар бор ба сари мансаб омадан надоштам.

Бояд иқрор шуд, ки пеш аз имзои худро гузоштан, имондорона боварии комил доштам, ки ҳар як моддаи протоколи созиш танҳо аз рӯи талаботи Конституция ва қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро мегарданд. Фикр ҳам накарда будам, ки дар як рӯз Президенти Ҷумҳурӣ зери фишору таҳқир бар хилофи Конституция ва қонуни онди меҳнат ба фармонҳои зиёде имзо мегузорад. Бе аризаи шахсӣ дар бораи аз вазифа сабукдӯш гардидан шахсони масъулу аъзоёни ҳукуматро ва ҳатто депутатҳои Шӯрои Олиро бе розигии сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ аз вазифа сабукдӯш менамояд. Ё ин ки Президиуми Шӯрои Олӣ Конститутсияро поймол карда, ҳукуқу ваколатҳои Шӯрои Олиро ба зимман худ мегираду дар зери фишори оппозитсия қарорҳои ғайриқонунӣ мебарорад. Вой бар ҳоли он аъзоёни Президиуми Шӯрои Олӣ, ки барои нигоҳ доштани пои худ дар узангуи мансаб ҳама вуҷудашонро, шарафи инсониашонро фурӯхта, ба чунин пастиҳо рафтаанд!..

Дар протоколи созиш роҳбарони оппозитсия, ҳукумат ва шахсони миёнарав имзо гузошта, ҷавобгарии амалӣ гардидани ҳар як моддаи онро ба зиммаву ӯҳдаи худ гирифта буданд. Бояд ки баъди ба имзо расидан, яъне пас аз соати 2 шаби 7 мои соли 1992 протоколи созиш миёни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон ва оппозитсия амалӣ мегардиду майдони «Шаҳидон» ва «Озодӣ» гирдиҳамоиро қатъ мекарданд, микрофонҳоро хомӯш намуда, аз паи ҷамъ намудани чодару хаймаҳо, кушодани роҳи наклиёт, аз муҳосира озод кардани Душанбешаҳр, супоридани силоҳ шурӯъ менамуданд. Ҳамла оварданро бар алайҳи хамдигар қатъ мекарданд ва ниҳоллоҳ, хуни ягон кас намерехт! Ман сари ҳамин мавзӯъ фикр карда, софдилона ба амалӣ гардидани нуктаҳои протоколи созиш бовар кардам ва ба он имзо гузошта будам. Пас аз имзо гузоштан, шабона ба майдони «Озодӣ» рафта, ба мардуми гирдиҳамомадагон, роҳбарони онҳо ва депутатҳои Шӯрои Олии аз вилояти Кӯлоб буда фаҳмондем, ки протокол ба имзо ра-

сид, гирдиҳамой қатъ карда шавад. Агарчанде ин корро бояд роҳбари комиссияи босалоҳият, ки протоколи созишро имзо кардаанд, сарвазири ҷумҳурӣ А. М. Мирзоев ва дигарон, ки протоколро тартиб дода буданд, ба иҷро мерасонданд.

Мардуми гирдиҳамоии майдони «Озодӣ» норозигии зиёде изҳор намуданд, ки чунин протоколи созиш байни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон ва оппозиция бар хилофи қонуну адолат аст ва оиди ин созиш касе ба онҳо маслиҳат накардааст. Ба онҳо депутатҳои Шӯрои Олӣ аз вилояти Кӯлоб ва роҳбарони гирдиҳамой фаҳмонданд, ки Шумо на барои ҷанг кардан, балки барои баён кардани ақидаи худ нисбати қонуншиканиҳо ва тарафдории ҳукумати қонунӣ омада будед. Мардуми майдони «Шаҳидон» бошанд, мӯҳлати зиёде ба ҷанг омодабошӣ карданд — силоҳи зиёде дар даст доранд. Аз ин сабаб, барои пеши роҳи хунрезиро гирифтан ба чунин мақсад омадем, ки ҳама нақшаҳоро бояд бо роҳи демократӣ, гузаронидани интихобот ба даст овардани мақомот салоҳидиди ақлу имон аст.

Хулоса, пас аз гуфтушунидҳои зиёде бо роҳбарони гирдиҳамоии майдони «Озодӣ» онҳо розӣ шуданд ва соати 5-и саҳари 7-уми маи соли 1992 гирдиҳамоиро қатъ карда, ба ҷамъ кардани ҷодару хаймаҳо сар карданд. Ва соати 7-и саҳар қариб ҳамаи автомошинҳо бор карда шуда, ба ҳаракат тайёр буданд. Роҳбарони гирдиҳамомадагон Рустам Абдураҳимов, Бурихон Ҷобиров, Абдусалом Қурбонов, ҳоҷӣ Ҳайдар Шарифзода, Сангак Сафаров, Муҳаррама Мирзоалиева, Ботур Исҳоқов, Исомиддин Аслонов, Мавҷуда Бобоева, Бобоҷонов, Қодиров Р, Фозил, Шавкат Қаҳҳоров, Саид Салимов, Шехсафо Бобоев, Абдуғанӣ Абдуллоҷонов, Бадалов Ҷумъа, Шариф Ниёзов, раиси кумиҷроияи вилояти Кӯлоб, депутати халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ. Мирзоалиев, депутатҳои Шӯрои Олӣ Н. Назаров, Ҳ. Шарифов, А. Шифоев, А. Сафаров, ҷонишини раиси комиҷроияи ноҳияи Ёвон, депутати халқии ҷумҳурӣ А. Қодиров ва дигар депутатҳои Шӯрои Олӣ кори зиёде дар миёни «гвардияи миллӣ»-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи супурдани силлоҳое, ки давлат ба онҳо барои муҳофизати мардуми майдони «Озодӣ» додааст, бурданд.

Онҳо розӣ шуданд, ки силоҳҳоро месупоранд ва танҳо 10—12 силоҳро барои ҳамроҳӣ кардан ба мардум то вилояти Кӯлоб бо худ мемонанд, то ин ки аз амалиётҳои эҳтимолонаву нохалафонаи гурди миллии майдони «Шаҳидон», мардуми беяроқро муҳофизат кунанду сиҳат ва саломат ба хонаҳояшон, ба назди падару модар ва фарзандонашон бирасонанд. Сипас, дар вилояти Кӯлоб боқимонда яроққоро ба Управлениян корҳои Дохилии вилоят месупоранд. Ин таклиф қобили қабул гардид.

Бадбахтона, бояд гуфт, ки дар ҳамин вақт ногоҳ аз тара-

фи қотилони майдони «Шаҳидон» аз бинои Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо силоҳи «снайпер» боз як ҷавонмарди бегуноҳи дигар ба монанди Муродуллоҳи Шерализода ва ҷавонмарди ҳуҷандӣ аз иттиҳодияи «Ҳуҷандатлас» парронда шуд, ки шаҳид гардид.

Ин ҳодисаро дида, мардуми оромгардида, ки ҳамаро паси сар намуда, роҳи хонаҳои худро пеш гирифта буданд, боз ба шӯру ғавғо даромаданд ва ҳама силоҳдору бесилоҳ ба тарафи майдони «Шаҳидон» равона шуданд. Ҳазорҳо ташаккур ба роҳбарони гирдиҳамомадагон: Ҳоҷӣ Ҳайдари Шарифзода, Сангак Сафаров, Рустам Абдураҳимов, Исломиддин Аслонов, Абдусалом Қурбонов, Ҷумъа Бадалов, Миршариф Шарифов, Наврӯз Восиев, Саидмир Нарзиев, Бӯрихон Ҷобиров, Муҳаррама Мирзоалиева, Ботур Исҳоқов, Шавкат Қаҳҳоров, раиси комиҷроияи вилоят Қ. Мирзоалиев ва дигар вакилони ноҳияҳои шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ ки бо зориву илтиҷо сари роҳи мардуми ба ҳашму ғазаб омадаро гирифтанд ва нагузоштанд, ки онҳо ба майдони «Шаҳидон» ҳамла биёваранду ҷанги бародаркушӣ сар бишавад. Дар он вақт як касу ду кас не, балки ҳазорон нафар ҳалок мегардиданд. Чунки гурди миллии оппозиция бо роҳбарии генерал-майор Баҳром Раҳмонов аллакай соҳиби 7 мошини зиреҳпӯш бо тиру тӯпаш, хазорҳо дона граната ва силоҳи (автомат) зиёде гардида буданд, ба ғайр аз он силоҳҳое, ки солҳои дароз оппозиция ҷамъ оварда, ба ҷанги бародаркуш тайёрӣ дида буд.

Мардуми майдони «Озодӣ»-ро гурӯҳи хурди гурди миллии навтаъсиси Раиси Ҷумҳур муҳофизат мекард, ки ба ғайр аз шумораи хурди силоҳ (автомат ва тири бисёр ҳам бошумор) дигар чизе надошт.

Ва дар давоми зиёда аз ҳафт моҳ ҳар касу нокас донистаю надониста ба воситаи идораи Садою Симо, матбуот санги маломатро ба тарафи бародарони кӯлобӣ мепартоянд, онҳоро бе асосу бе далел, кӯр-кӯрона аз рӯи ғараз дар чашми мардуми ҷумҳурӣ ва ҷаҳон сиёҳ мекунанд, тӯҳматест ноҳақ ва ноҷавонмардона! Ҳар фард агар хоҳад, ки номи некеро касб намояд ва сазовори ба некӣ ёд кардани мардум гардад, ҳеҷ гоҳ бояд аз рӯи ғараз барои мансабе ё пуле шуда, санги маломатро ба сари дигарон назанад, чунки чунин иқдом зебанда ва хоси номардону куррахарон, даллагону харомзодагон ва хунсоён аст!! Туф, бар чунин афроди палид!! Туф!!!

Аввало, бояд ки пас аз имзои протоколи созиш Сарвазири Ҷумҳурӣ А. Мирзоев, муовинони ӯ Х. Саидмуродов ва С. Хайруллоев, аъзои Президиуми Девони Вазирон И. Давлатов, муовини вазири Корхои Дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Хайруллоев ва дигарон, ки худро вакили «ростини» давлати Тоҷи-

кистон ҳисобида, аз номи Раиси Ҷумҳур, ҳукумат протоколи созишро тартиб додаанд ва дар он ҳаёти дигаронро чӣ тавре, ки хостанд, ҳамон тавр ҳал кардаанд, ҳатто ба органи Олии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурӣ ҳам панҷаи сиёҳкоронаи хешро пахш намудаанд, бо ҳамроҳии ду нафар (аз чор кас) аз ашхоси миёнарав ба майдони «Озодӣ» (дигарон ба майдони «Шаҳидон») ҳозир мешуданд. Барои амалӣ гардидани нуктаҳои протоколи созиш ба мардуми гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» ва «Шаҳидон» сӯҳбат мекарданд. Ва шоҳиди он мегардиданд, ки чӣ гуна депутатҳои Шӯрои Олӣ аз вилояти Кӯлоб, Раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб рафиқ Қ. Мирзоалиев ва роҳбарони гирдиҳамомадагони ин майдон ҷонбозиҳо карда, барои пеши роҳи хунрезиро гирифтан, мардумро ба сулҳу салоҳ даъват кардан ва силоҳҳоро баргардонидан чӣ чораҳое андешиданд ва роҳбарони гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» чи гуна ба алангаи оташ рӯған рехта, мардумро ба давом додани ҷанг даъват карданд. Вале онҳо барои иҷро кардани вазифаи муқаддаси худ нақӯшиданд, ҷои гармашонро ҳунук накарданд. Бо ҳамроҳии Давлат Худоназаров ва Отахон Латифӣ аз утоқи кории Вазири Қорҳои Дохилии Ҷумҳурӣ берун набаромаданд, барои дар амал татбиқ гардидани протоколи созиш ягон чорае наандешиданд. Аз рӯи ахбори расида вақто фаҳмиданд, ки протоколи созиш ба имзо расидааст, бароятан ғалаба буд, чунки хукуки Девони Вазирон зиёд мегардид ва шахсоне, ки ба қонуншиканӣ кардани кормандони Девони Вазирон роҳ намедоданд, аз вазифаашон сабукдӯш мешуданд.

Охир, мувофиқи протоколи созиш давлат пурра ба дасти Девони Вазирони Ҷумҳурӣ гузашта буд. Бояд ки он ва Раиси Ҷумҳур давлатро сарварӣ мекарданд. Дар миёни мардуми ду майдон истода, онҳоро сиҳату саломат ба хонаҳояшон гусел мекарданду ҷанги бародаркушро бозмедоштанд. Вале ин тавр нашуд. Онҳо ба майдонҳо набаромаданд ва барои орому сиҳат ва саломат гуселонидани халқ ягон чорае наандешиданд. Гумон мекунам, дар фикри он буданд, ки ба курсиҳои холигардида киҳоро нишонанд. Аммо шахсоне ки мувофиқи протоколи созиш аз вазифаҳои худ сабукдӯш мешуданд, ба ин нигоҳ накарда, баъди имзои протокол ба майдони «Озодӣ» омаданд ва барои амалӣ гардидани нуктахои протокол, гирифтани пеши роҳи хунрезӣ ва сиҳату саломат гусел кардани мардум чораҳо андешиданд. Чунки дили онҳо на барои вазифа, балки барои тансиҳативу бардамии мардуми меҳнаткаши беяроқи дар майдон буда месӯхт.

Бо ҳамин, пас аз он ки боз як ҷавонмарде дар майдони «Озодӣ» аз тарафи ашхоси нохалафи майдони «Шаҳидон» куш-

та шуд, Гвардияи Миллии Президент дигар касеро гӯш накарданд ва гуфтанд: «то он даме, ки мардуми майдони «Озодӣ»-ро сиҳату саломат ба хонаҳояшон нарасонем, ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки силоҳро бисупорем, чунки мардуми майдони «Шаҳидон» дар ҳар қадам метавонанд, ки моро тирборон кунанду хуни садҳо бегуноҳонро бирезонанд. Онҳо ба созиши басташуда итоат накарда истодаанд. Гирдиҳамоӣ ва парронданн тирро аз автомату мошини зиреҳдор давом дода истодаанд. Дар ҳақиқат, гуфтаҳои Гурди миллии Президенти Ҷумҳурӣ дуруст буд. Чунки пас аз имзои протоколи созиш дар майдони «Шаҳидон» ягон тағйироте ба вуҷуд наомада буд. Монанди пештара аз майдони «Шаҳидон» ба воситаи баландгӯяк овози нотиқон, аз ҷумла, генерали армияи илҳокӣ қорӣ Қиёмиддин, қорӣ Муҳаммадӣ, Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Давлати Исмон, Шодмони Юсуф ва дигарон шунида мешуд, ки мардуми гирдиҳамомадагонро табрик ба ғалаба карда, идома додани ҷангу хунрезиро дар роҳи дини мубини ислом даъват мекарданд, шумораи фидоиёни дар сар матои сафед баста, бо ҳуруфоти арабӣ «ло илоҳа иллаллоҳ», «ё марг ё ғалаба» навиштагӣ ва ҷавонони мусаллаҳ меафзуд.

Онҳо бо тафаккури ҳарзаандешонаву забони ботилгӯнаашон ҳар чӣ меомад, мегуфтанд. Вале фикр намекарданд, ки ин ҳарзаҳову лофу газофҳо аз рӯи кадом оёту ҳадис буда бошанд, ки мусулмон дар даст силоҳ бигираду бародари мусулмони хешро бикушад.

Чуноне ки ҳар яке ба хубӣ медонем ҳар як дину оин ба тамоми вуҷудиёти худ мекӯшад, ки мардумро бо ҳам бипайвандад, риштаи ҳамкориву дӯстии ононро мустаҳкам намояд, то ки касе ба торҳои он ришта осеб расонида натавонад. Масалан, ҳаракати ин ҳукми намоз дорои маъниии зер аст: «андар саф ҳампаҳлӯи ёри хештан будан суннат аст, то дев андар миён роҳ наёбад, далел аст бар мувофиқат ва якдил будан мӯъминонро то мухолиф дар миён нағунҷад».

Гузашта аз ин, дин одамонро ба тартибу низоми муайян медарорад ва ҳамеша хилофи тафриқаандозӣ баромад мекунад.

Вале Қорӣ Қиёмиддин ва ҳаммаслакони ӯ дидаву дониста таълимоти дини мубини исломро аз рӯи ҷаҳлу ғазаб ба гӯшаи фаромӯшӣ дода, даст ба тафриқаандозӣ дар байни мардум зада, якеро ба дигаре душман сохтанӣ буданд. Наузамбиллоҳ, фардо рӯзи қиёмат онҳо ба чӣ ҳол гирифтор мешуда бошанд?!...

Онҳо беимонона мардуми майдони «Озодӣ»-ро кофирон, беимонон, коммунистон ва муқобилони дини мубини ислом қалмдод менамуданд. Аз ҷумла, қорӣ Қиёмиддин, ҳоҷӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ мардумро ба он даъват мекард, ки ҳар фар-

де дар ин роҳ силоҳ гирифта, ба муқобили мардуми Кӯлоб ва ҳамфикрони онҳо ба ҷанг барояду ҳалок гардад, ҳафт пушташро шафоат хоҳад кард тире, ки аз силоҳи тарафдорони дини мубини ислом мебарояд, агар кач парронед хам, онро худои ҳаждаҳ ҳазори олам рост менамояд, ки ба синаи тарафдорони майдони «Озодӣ» бизанад.

Бо ин роҳ мардумро ба гумроҳию бародаркушӣ мебурданд. Вале касе ёфт намешуд, ки пеши забони хунчакони чунин ашхоси ба ном ишону ҳочӣ, дар асл нохалафу беимонро бигирад. Баръакс ашхосе буданд, ки чунин хуношомони миллатро пайғамбарвор навозиш мекарданд. Аз чумла, шоир Бозор Собир иброз дошт:

«Садсолаҳо қабл дар Руми бостон воизи бемисл буд ба номи Сицерон. Баъди ӯ чун ӯ боз яке дар Майдони Шаҳидон кашф шуд, ки он Ҳочӣ Саид Қиёмуддини Ғозист.

Ӯ ишон, саидзода аст, аз ъуруқи ҳазрати Расули акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам. Аз рӯзе, ки худро шинохтааст, осори таъқибу таҳдидро эҳсос мекунад. Бекина, беғараз, бегумон, ки ҳаст, ҳама чизе хоҳад, аз ҳақу ҳақиқат мегӯяд, вале гӯё намедонад, ки нн ҳама ба сари ӯ чй балохое меоранд. Не, ӯ медонад, вале аз ин роҳ гашта наметавонад. Ва ҳамеша таъкиди расулуллоҳ дар гӯшҳояш садо медиҳад: «Бигӯ ҳақро, агарчанде бошад талх!». Гуфтаҳояш ба сараш шиканҷа меоранд, ӯро ба маҳкама мекашанд».

Аз чаҳор тарафи майдони «Озодӣ» садои тирҳои автомату мошинҳои зиреҳдор садо медод. Қасе намедонист, ки он ашхоси мансабталабу пешвоёни каламдод гардида, ки гӯё барои «демократия» ва таъсис намудани давлати исломӣ дар Тоҷикистон мубориза мебурданд, дар кучо бошанд, ки пеши роҳи чунин бадбахтиеро, ки сабабгори хунрезӣ гардида, ҳар лаҳза қабоҳатеро ба бор меоваранд, бигирад. Ба мардуми майдони «Шаҳидон» бифаҳмонад, ки онҳо ба мақсади ниҳонии хеш расидаанд, протоколи созишро имзо кардаанд, Раиси Ҷумҳур таъботи протоколи созишро ичро намудааст, бе ягон мушкилӣ бо ёрию дастгирии қувваи сеюм давлатро ба дасти худ гирифтаанд ва ҳоҷати дигар давом додани гирдиҳамой ва ҷанги бародаркушӣ намондааст!!!

Ба фикри банда, вақте ки Раиси ҳизби наҳзати ислом Муҳаммадшариф Ҳиммататзода, Раиси ҳизби демократ Шодмони Юсуф, ҷонишини Раиси ҳизби наҳзати ислом Давлати Исмон, Раиси ҷунбиши мардумии «Растохез» Тоҳири Абдуҷаббор, Раиси созмони «Лаъли Бадахшон» Атобеки Амирбек ва Раиси Иттифоқи кинематографони Тоҷикистон Давлат Худоназаров бо ёрии шахсони миёнарав: рӯзноманигор Отахони Латифӣ, шоир

Лоиқи Шералӣ, узви вобастаи АУ Ҷумҳурӣ Акбари Турсун, академики АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон Рашид Раҳимов ва сарвару ҳамкорони қувваи сеюм, ки ба халқи худ хиёнат карда, ба оппозитсия ҳамфикр гардидаанд, протоколи созиш, ки якинан онро протоколи табаддулоти давлатӣ, гӯркови давлати қонунӣ номидан мумкин аст, ба имзо расид, онҳоро ба муваффақиятҳо ноил гардонида, саргаранг кард.

Ин шабеҳи он тақводории ёдбуди баҳманмоҳи хунинро дошт, ки онҳо рӯзона хешро зоҳид вонамуд карда, дар сари мазори шаҳидон Қуръон қироат намуда, дастро ба рӯ бурда, аз худои ҳаждаҳ ҳазори олам тавфиқ металабанд ва ба сари мардуми бе ин ҳам бадбахти тоҷик дигар тақрор нагардидани ҳодисаҳои баҳманмоҳи хунинро аз худо хостгор гардида, вале ҳанӯз ашки модарону хоҳарони шаҳидони баҳманмоҳи хунин нахушкида буд, ки онҳо шомгоҳ дар ресторани «Тоҷикистон» гирд омада, аз ҳисоби пули комичроияи Душанбешаҳр риндона айшу тараб карданду якдигарро ба он табрику муборакбод менамуданд, шоду масрур буданд, ки бо ин роҳ як дараҷа халқи гумроҳро гӯё аз ҳоби гарон бедор карданд ва нотиқон битавонистанд, ки ба воситаи баландгӯякҳо дар назди мардум рохбарони Ҷумҳуриро заррае ҳам бошад, бадному сиёҳ бинамоянд.

Албатта, ин рафтори зоҳиднамоёни айёш аз назари заррабини ходисачӯёни воқеи пинҳон намонд. Он дар саҳифаи рӯзномаи «Садои мардум» фасеҳу аниқ, ба мутолиаи шаҳрвандон пешкаш шуда, башараҳои талхи ин зумраро ба мардум ошкор намуда буд... Хулоса, чун гурги гуруснаи ба болои маслуқ афтида, ба тақсими мансабҳо, тартиб додани фармонҳои Президенти Ҷумҳурӣ дар бораи аз вазифа сабукдӯш намудани ин ва ё он аъзои ҳукумат, ки зодаи вилояти Ленинобод буд, саргаранг шуда, байни худ мубориза мебурданд...

Агар онҳо дар асл сиёсатмадори бегараз мебуданд, мақсади беҳбудию осудаҳолии халқу миллатро мехостанд, аҳду паймон нашикаста, тақсими вазифаро як тараф мемонданду аз пан ичрои моддаҳои 1а, 1б, 1в, 1г, 1д ва банди 5 моддаи 1 протоколи созиш мешуданд, ки дар он имзои эшон буд ва барои амалӣ нагардидани моддаҳои номбурда онҳо худро дар назди қонуну миллат ҷавобгар меҳисобиданд. Чуноне ки қаблан ёд кардам, дар ин моддаҳо пешниҳод гардида буд:

— ҳамзамони ба имзо расидани протоколи созиш ичро мешавад;

— миёни нерӯҳои ба ҳам мукобил фавран оташбас эълон мешавад;

— ҳамаи нерӯҳои ба ҳам мукобил фавран ва бечунучаро бесилоҳ карда мешаванд;

— Кохи Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, майдони ҳавоӣ

(аэропорт), истгоҳи қатор (вокзали роҳи оҳан), инчунин студияи телевизион аз тазоҳуркунандагон озод карда хоҳанд шуд;

— барои фавран ва комилан озод кардани майдонҳои «Шаҳидон ва «Озодӣ» чораҳои муассир меандешанд.

Вале онҳо вазифаи муқаддаси худро иҷро накарданд, мардуми майдони «Шаҳидон»-ро ба қатъ кардани гирдиҳамой ва қатъ намудани тирпарронӣ аз силоҳу БТР-ҳо даъват накарданд, Қохи Президент, Девони Вазирон, майдони ҳавоӣ, вокзали роҳи оҳан, нақлиёт ва студияи телевизионӣ аз муҳосира озод карда нашуд, мардуми майдони «Шаҳидон» бесилоҳ гардонида нашуд, яъне ягон моддаи протоколи созиш амалӣ нагардид. Баръакс амалиёти чиноятқоронаи худро идома медоданд, чуноне ки мегӯянд, иштиҳо дар вақти хӯрдан қозгир мешавад. Онҳо амалиётҳои худро давом дода, худи ҳамон рӯз ба майдони «Озодӣ» дохил шуда, бинои Шӯрои Олиро муҳосира карданд ва то 18 май соли 1992 зери дасти худ нигоҳ доштанд, ки ин ҳама сабаби номӯътадилию хунрезии баъдина дар ҷумҳурӣ гардид.

Аз дасти муҳофизатгарони ҳарбии ноҳияи Кофарниҳон гуғӯҳи бо силоҳ ва сипар мусаллаҳгардидаи опозиция аз соати 01-и шаб то соати 18-и 7-уми май соли 1992-юм боз 6 тӯпи артиллериро бо тираш зада гирифтанду ба муқобили мардуми беяроқ истифода бурданд. Бинобар он оппозиция мақсади созиш бастан надошт, нақшаи ҷангро мустаҳкам карда истода буд. Аз ҳар кучое, ки метавонист, силоҳ ҷамъ оварда, шумораи гурди миллӣ ва фидоиёнро зиёд мекард.

Барои роҳбарони оппозиция тартиб додани ҳар протоколи созиш ин ҳама маккорию фиребгарӣ, вақтро ба фоидаи худ истифода бурдан ва ҷамъ овардани силоҳ ва қувваи иловагӣ буд. Гуфтори онҳо ҳеҷ ба рафторашон мувофиқ намеомад... Аз ин сабаб бригадаи таъиноти махсус ва баталони алоҳидаи назди Президент дар Душанбешаҳр ба супоридани силоҳу аслиҳа розӣ нашуданд ва роҳи интихобкардаи онҳо дурусту ба вазъият мувофиқ буд.

Бо ҳамин мардуми майдони «Озодӣ» ба роҳ баромаданд, онҳо, аз ҷумла Сангак Сафаров, Рустам Абдураҳимов, Муллоҳайдар Шарифзода, Қосим ва дигарон бисёр хоҳишу илтичо карданд, ки ман бо ҳамроҳии онҳо ба вилояти Кӯлоб равам, гуфтанд, ки дар Душанбе мондани Шумо хавфнок аст, мардуми мансабталоши майдони «Шаҳидон» ва мафияи дохилидарборӣ аз гумон дур нест, ки ба Шумо зарари қатъӣ расонда, то ба нест кардани Шумо иқдом намоянд. Ба таклифи онҳо розӣ нашудам ва ҳазломезона гуфтам: «Чонро худо медиҳад ва худо мегирад, ман аз ягон касу нокас наметарсам, ҳама

чизро аз тақдиру насиб мебинам». Вале ҳеҷ гоҳ ман фикр намекардам, ки дар майдони «Шаҳидон» чунин андешаҳои ваҳшиёна ва бадтару нантинтар аз ҳаракати фашистон вуҷуд дошта бошад, ки барои куштани ману фарзандонам дастаи махсусе аллакай таъсис намудаанду амал мекардааст...

Ҳамин тавр, таклифи бародарони кӯлобиро рад намуда, дар бинои Шӯрои Олӣ мондаму Нарзулло Дӯстов ҳамроҳи онҳо ба вилояти Кӯлоб рафт. Чӣ тавре ки баъд Нарзулло Дӯстов ба ман нақл кард, дар роҳ гурӯҳи мухолифин ба муқобили мардуми вилояти Кӯлоб тир холӣ карда, якеро боз захмин намудааст.

Дар бинои Шӯрои Олӣ аз ононе, ки аз ҳисоби Вазорати корҳои дохилӣ муаззафи амнияти бино буданд, касе набуд.

Сипас, ба муовини Вазири Корҳои Дохилӣ Абдураҳим Қаҳҳоров се маротиба сим зада гуфтам: «Дар бинои Шӯрои Олӣ аз кормандони Шумо касе намондааст, барои муҳофизати он кормандони Вазорати корҳои дохилиро фиристонед. Дар давоми зиёда аз як соат ӯ ба ман ваъда кард, ки ҳозир мефиристонам, ҳозир рафта мерасанд, рафта истодаанд ва ғайра. Вале касе ба Шӯрои Олӣ наомад.

Бо фармони ман муҳофиз (телохранитель) Самеъҷон Орифов ба хонаи мудири корҳои Шӯрои Олӣ Нарзихӯҷа Наботов сим зада, даъват кард, ки ба Шӯрои Олӣ биёяд, ки гирдиҳамомадагон майдонро холӣ карданд, вале Н. Наботов ҳам наомад. Дар ҳайрат монда, ба фикр фурӯ рафтам, сабаб дар чӣ бошад, ки Абдураҳим Қаҳҳоров, ки дӯсти бисёр наздики ман асту Нарзихӯҷа Наботов коргари зери дастам мебошад, фармони маро ичро накарда истодаанд. Оё дар саркашии онҳо розе нуҳуфта нест? Боз кадом санги осиёбро ба сари ман гардонданианд?

Боз худро тасалло дода, ором мекардам, ки наход А. Қаҳҳоров чизеро аз ман пинҳон намояд. Охир, агар боз ягон хавфу хатаре интизори ман бошад, бояд ки ӯ барои рафъи ин хатар иқдоме менамуд. Вале ҳеҷ гоҳ ба хотир намеовардам, ки пас аз ба имзо расидани протоколи созиш (табаддулоти давлатӣ), ки дар он чо имзоҳои роҳбаронн оппозитсия ва шахсони миёнарав вуҷуд дораду онҳо барои қатъ кардани гирдиҳамоӣ ва ҳар гуна ҳуҷуму ҳамлаҳо кафолат дода буданд ва майдони «Озодӣ» озод шуда, касе намонда буд, ба кӣ ҳамла мекарданд. Аммо бодгардонҳо С. Орифов ва М. Убайдуллоев ҳамеша маро таъкид мекарданд, ки истодани Шумо дар Шӯрои Олӣ хавфнок аст. Бояд аз ин чо ҳарчӣ тезтар биравем, то ин ки ягон ҳодисаи нангину хунине рӯй надиҳад.

Дар ҳамин вақт дидем, ки мошинҳои зиреҳдор пешопешу

мардуми майдони «Шаҳидон» аз тарафи комиҷроияи Душанбешаҳр ба майдони «Озодӣ» бо шӯру ғавғо дохил шуда, аз автоматҳо ба тарафи бинои Шӯрои Олӣ тир мепарронданд ва тир чун жола меборид.

Сипас, чӣ будани ҳодисаро дарк кардам ва маҷбур шудам, ки бо тезӣ илоҷе карда, аз ҳавлии Шӯрои Олӣ баромада, ба автомашина нишаста, аз тарафи кӯчаи Орҷоникидзе роҳи бинои Кумитаи Амнияти миллиро пеш гирам.

Дар роҳ ба фикре фурӯ рафтам, ки худоё, чаро мусулмонон, хомиёни дини мубини ислом, нерӯҳои «демократӣ» то ин дараҷа ҳунхору бедодгар ва ваҳшатзада мешуда бошанд, ки аз хуни ба ғайри ҳақ рӯ намегардонанд! Қуҷост он мусулмонӣ? Қуҷост он оёту ҳадиси Қуръон...? Чаро дӯсти ман Абдураҳим Қаҳҳоров чунин ранг гирифтани ҳодисаро ба ман хабар надод? Охир, «шербачаҳо»-и оппозитсия метавонистанд маро ваҳшиёна ба қатл расонанд ва ин яқин буд. Имондорона мегӯям, ки ба касе ғаразе ва бадие накардаву наандешидаам. Дар куҷое ки будам, дар кадом вазифае кор кардам, касам ба авлодам, қасам ба миллатам, ки танҳо бо дили соф, нияти пок кор кардаву ба мардум муносибат кардам ва ҳамеша суханамро рӯирост бе пардапӯшиву ғараз, дар ҳама ҷо гуфтаам.

Пас, чаро Абдураҳим Қаҳҳоров ба ман росташро нагуфт?! Ман аз ӯ боре чизеро напӯшидаву пинҳон надошта будам, ҳамеша ӯро чун бародар мепиндоштам ва имрӯз ҳам мепиндорам. Фикр мекунам, Абдураҳим Қаҳҳоров аз нақшаҳои ноҷавонмардонаи онҳо шояд огоҳ набуд. Дар акси ҳол, бо имони комил гуфта метавонам, ки худаш бевосита ба ҳифзи бехатарию танасиҳатии ман камар мебаст. Ҳеҷ гоҳ бовар намекунам, ки ӯ марги ману бодгардонамро мехоста бошад ва ё нисбати ман дар дил кинаву адовате дорад.

Ҳамин тавр, ба сар андешаю фикр то ба бинои ҚАМ расидем. Ман ба утоқи Раиси Кумитаи Миллӣ даромадам, ки дар он ҷо Раиси ҚАМ М. Турсунов бо Президенти Ҷумҳурӣ Р. Набиев нишаста, нисбати ҳал намудани ким кадом масъала сӯҳбат доштанд. Дар он ҷо каме нишастам, Р. Набиев ва Р. Турсунов намедонам аз чӣ сабаб бошад, ки нахостанд аз сӯҳбаташон бохабар гардам, ба хонаи истироҳатии утоқи Раиси ҚАМ даромаданду маро даъват накарданд. Мумкин аст нахоста бошанд, ки аз сӯҳбаташон бохабар гардам. Тахминан пас аз 30 дақиқа Р. Турсунов аз он ҷо баромада, ба берун, ба утоқе, ки дар он ҷо бодгардҳои ман ва Раиси Ҷумҳур нишаста буданд, даромад.

Ба онҳо чӣ гуфт ба ман маълум нест, боз баргашта ба ман чизе нагуфта, ба назди Р. Набиев даромад.

Аз ин рафтори шубҳаноки Р. Турсунов чизеро пай бурдам

мумкин буд. Чаро маро ба назди Р. Набиев даъват намекунад? Чӣ гуна маслиҳате дар байни онҳо бошад, ки аз ман пинҳон карда истодаанд? Охир, ҳоло касе маро аз вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ сабукдӯш накарда буд-ку?! Аз тарафи дигар, ман бо онҳо дар як киштӣ савор будам-ку? Охир, дар муборизаҳо барои мандати депутати Шӯрои Олӣ ва Раиси Ҷумҳур раиси ситоди ӯ ман будам-ку?! Наход, ки инсон то ба ин дарача кӯтоҳандеш бошад?!

Дар ҳамин вакт ба назди ман яке аз бодгардҳои босадоқати ман Самеъҷон Орифов даромада гуфт:

— Муаллим, мо бояд аз КАМ ба дигар ҷо биравем.

Ба ӯ нигариста, бо заҳрханда гуфтам:

— Семеъҷон, дар ин вазъияти муташанниҷ ба кучо ҳам меравем, ба берун баромадан хавфнок аст. Магар садои тирро нашунида истодаед? Илова бар ин, онҳо роҳҳоро пурра бастаанд-ку?! Ҷои аз ҳама бехатар КАМ мебошад, агар мурем, бигузор ҳамаамон якҷоя мурем. Ё ягон сухани дигар шунидед?!

Аввал ӯ қоил нашуд, «не ҳеҷ гап не», гуфт. Сипас, баъди пурсишҳои зиёд ба ман рӯ оварда гуфт:

— Муаллим, биёед аз ин ҷо меравем, ба ягон ҷои дигар, ҳаман онҳо маккору номард мебошанд, Шумо одами софдилу содда ба ҳар касу нокас, ба ҳар нохалафу мурдадил бовар мекунед.

Ба ӯ бо гӯшаи чашмам нигариста гуфтам:

— Самеъҷон, чӣ шуд, ягон чӣ шунидед?! Ноилоҷона ба ман нигариста гуфт:

— Ҳа, шунидам, ҳозир Ш. Р. Турсунов баромада, ба ман гуфт, ки ба Шумо хабар диҳам, ки «бояд аз ин ҷо ба ягон ҷои дигар равед, гӯё кормандони Кумитаи Амнияти Миллӣ гап кардаанд, ки Раиси Шӯрои Олӣ ва Раиси Ҷумҳур дар як ҷо набошанд. Суханҳои ӯро шунида, ба худ андешидам, ки ин ақидаи худи Раиси Ҷумҳур аст, на кормандони КАМ ва ба хулосае омадам, ки ман ба Раиси Ҷумҳур, Раиси КАМ ва дигарон лозим набудаам, худи онҳо аз ӯҳдаи пеши роҳи хунрезиро гирифтан, ҷумҳуриро мӯътадил кардан, силоҳро аз дасти мардум гирифтан мебаромадаанд. Ба ёрии ман онҳо мӯҳтоҷ набудаанд, яъне масъалаи ман ҳал шуда будааст.

Ин фикрро собиқ раиси КАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Алиҷон Солибоев ба мухбирон тасдиқ намуда, чунин ҷавоб додааст:

— Бале, чунин факт ҷой дошт, мо ба онхо вазъиятро фаҳмондем, ки дар ҳақиқат ҳимояи Раиси Ҷумҳур яке аз вазифаҳои мост, вале мо барои ҳифзи дигарон кафолат дода наметавонем, барои ташаннуҷ наёфтани вазъи сиёсӣ ва бори дигар бадном накардани КАМ онҳо, яъне Раиси Шӯрои Олии ҷум-

ҳурӣ С. Кенҷаев бояд биноро тарк бигӯянд. («Чароғи рӯз», № 25 (46), 1991 с.).

Сипас, ба назди онҳо, ба хонаи истироҳатӣ даромадам, ки нишаста чой менӯшиданд. Аз сандуқи фӯлодии ҚАМ ҳуҷҷатҳои шахсии худро гирифтам. Якчанд ҳуҷҷатҳои давлатие, ки аз собиқ Раиси ҚАМ А. А. Стройкин қабул карда будам, аз ҷумла парвандаи дуҷилдаи агентии ҳочӣ Акбар Тӯраҷонзодаро ба Р. Турсунов супурдам ва гуфтам, ки ба воситаи котибот аз номи ман ба номи худаш гузаронад... Сипас, калиди сейфро ба Р. Турсунов додам, чунки то ҳол калиди сейфу идора дар дасти ман буд, фурсат барои супурдани калид ва ҳуҷҷатҳо ба Раиси ҚАМ Р. Ш. Турсунов, ки 5. 05. 1992 с. бо фармони Раиси Ҷумҳур ба ҷои ман таъин гардида буд, фароҳам наомада буд. Сипас, аз ин ҷо меравам, гуфта бо онҳо хайрухуш кардам. Бо ин хостам покии дили онҳоро бори дигар нисбати худ бифаҳмам, чунки то ҳол соддалавҳона ба софдилии онҳо шубҳае надоштам. Мунтазири он будам, ки Р. Набиев ё Р. Турсунов аз ман пурсон мешаванд, ки дар ин вазъияти муташанниҷ, пурхавфу хатар, роҳҳо аз тарафи оппозиция пурра баста шуда, ҳар дақиқа садои тири автомат ва ё мошинҳои зиреҳпӯш аз чор тараф ба гӯш мерасад, ба куҷо меравам? Бехтараш бо онҳо биистам! Ҳалли масъалаҳои мӯътадил намудани ҷумҳуриро таҳлил намуда, роҳҳои ҳаллу фасли онро ёбем. Вале онҳо ягон сухане аз ман напурсида, танҳо гуфтанд:

— Хайр!!

## ТАКЯ БА ЗОТИ ҲАҚ

Ба тақдиру насиби худ тан дода, такя ба худо карда, аз назди онҳо баромада, боз ба фикр фурӯ рафтам, ки чаро онҳо аз ман чизе напурсиданд ва рафтани маро хостанд?

Гар нигаҳдори ман он аст, ки ман медонам,
Шишаро дар бағали санг нигаҳ медорад.

Магар бехабар буданд, ки мухолифини девсират барои панҷа ба чони ман задан маблағи калоне ҷудо карда, гурӯҳи махсусе таъсис карда буданд?! Не! Ё садои тири автомату мошинҳои зирехпӯшро намешуниданд?! Не, мешуниданд. Алалхусус, худи ҳамон соат оппозиция автомошинаи хизматии президент — ГАЗ24—10-ро аз дасти ронандаву бодгардонаш кашида гирифта буд.

Пас, сабаб дар чӣ буд, ки онҳо дидаю дониста нагузоштанд, ки ман бо ду бодгардон дар ҚАМ биистаму шабро рӯз намоям?! Боз ба ёдам суханҳои бародарони кӯлобӣ Сангак Сафаров, Рус-

там Абдурахимов ва Мулло Хайдар ва дигарон расид, афсўс хўрдам, ки чаро бо онҳо ба Кўлоб нарафтам. Аз тарафи дигар, намедонистам, ки фарзандону бародаронам чй ҳол доранд...

Ба худ андешидам, ки онҳо бо ин роҳ мехостанд, ки ману бодгардонҳо ба дасти оппозиция афтида, оламро падруд гўему фарзандонамон бепарастор монанд?

Не, бовар намекунам, ки онҳо чунин роҳи ноҷавонмардонаи ифлосро пеш гирифта бошанд.

Охир, Р. Турсунзодро то 6 май соли 1992 намешинохтам ва дар умрам ягон муносибат надоштам, пас чаро бовар кунам!

Р. Набиевро дар давраи интихоботи депутати халқй ва президенти ҷумҳурй шуданаш аз наздик шинохта будам, аз дастамон хар чй меомад, дар ҳаққи ў кардем, ягон зиддияте дар миёни мо вуҷуд надошт. Ба хурмати Яздони пок, нисбати ў бародарвор, содикона хизмат кардаам. Хурдтарин кудуратеро дар дилу дидаам ҷой надодаам. Шояд сари ҳамин ахди содикона мухолифин нисбати ман селвор шўридаанд, чаро ки борҳо пешниҳод карданд, ки ман Раиси Ҷумҳуриро бад гўяму осоиш дар кори хеш ҷўям, вале шукр ба зоти пок мекунам, ки роҳи шайтониву кабоҳатандешй ва аз шикасти дигарон равнаку нуфузу тахту тоҷ накардаам. Шукр мекунам, ки суди хешро аз зиёни дигарон наҷустаам. Шукр мекунам, ки салоҳи корро аз табоҳи он дарку фарқ мекунам ва ҳаққи мардум, хоса хамкорро аз худ боло медонам. Танҳо гуноҳи ман он буд, ки хушомад намекардам, хабаркаш набудам, суханамро рўирост ба Раиси Ҷумҳур мегуфтам. Агарчй талх буд, вале суханонам рост бахри фоидаю бехбудии давлату халқи ҷумҳурй буд. Вале қисми зиёди он ба онҳо намефориду бе амал мемонд...

Бо чунин фикру хаёл ба назди бодгардонҳои худ М. Убайдуллоев ва С. Орифов рафтам, ки дар он чо ду-се коргари КАМ истода буданд. Яке навбатдори раиси КАМ буд, дигарон кормандони ким-кадом шўъбаи КАМ буданд, ки барои ман онҳо ношинос менамуданд. Ба бодгардонҳои худ гуфтам:

— Рафтем, ба хона меравем. С. Орифов пурсид:

— Муаллим, бо кадом роҳ меравем, роҳҳо ҳамашон аз тарафи оппозиция баста шудааст. Ба онҳо гуфтам:

— Дигар илоҷе надорем, вақт рафта истодааст. Пас аз як соат бевакт мешавад, онҳо хоҳиши шаб дар ин ҷо мондани маро надоранд.

Онҳо роҳҳои автомобилро бастаанд, роҳҳои пиёдагард зиёд аст. Ман дар Душанбешаҳр калон шудаам. роҳҳои зиёдеро медонам. Лекин аз ҳама роҳи бехатар, ба фикри ман ин аз миёни шаҳраки Хлопзаводская гузашта, ба роҳи оҳан баромадан аст. Сипас бо роҳи оҳан рост ба тарафи заводи равған

меравем, аз он ҷо аз миёни микрорайони 103 гузашта, ба микрорайони 101 мебароем. Дар он ҷо ман истиқомат мекардам.

Вале худ бехабар аз он будем, ки кайҳо аз идораи ҚАМ-и ҷумҳурӣ ба штаби оппозиция, ки яке аз сарварони Ҷӯрабек Аминов буд, хабар расидааст гурди миллии оппозиция қасд ба ҷони ману бодгардонҳоям карда, бо силоҳу мошини зиреҳпӯш ба пешвозамон баромада, роҳамонро мунтазирӣ мекашанд. Дастаи дигаре бо мошини зиреҳпӯш барои дастгир кардани фарзандону бародаронам ба шикор баромада будаанд...

Ин маслиҳатҳои моро он ду корманди ҚАМ шунида бошанд ҳам, мо аз онҳо ягон шубҳае набурдем. Мошини хизматиро дар ҚАМ мондему аз рӯи нақшаи кашида ба роҳ баромадем. Вақто ки аз Хлопзаводская фаромада, роҳи оҳану ипподромро гузашта, ба кӯпруки хиёбони Ҳофизи Шерозӣ наздик омадем, М. Убайдуллоев, ки якчанд қадам аз мо пеш мерафт, ногоҳ ба ақиб гашт ва дидам, ки тахминан 15—20 метр ба кӯпрук нарасида як мошини зиреҳпӯше омада истод, ки дар пешаш навишта шуда буд: «Ло илоҳа иллаллоҳ» ва дар болояш зиёда аз 15 нафар фидоиёни бо автомат мусаллаҳи майдони «Шаҳидон» нишаста буданд.

Онҳо моёнро дида, бо тезӣ аз мошинаи зиреҳпӯш мисли даррандаҳои ташнаи хун ба замин ҷаста, ба тарафамон садҳо тири автоматро сар дода, давиданд. Мо ба қишлоқи дар паҳлӯи ипподром буда даромадем, ба кучо рафтанамонро намедонистем, қишлоқ ва роҳҳои баромаду даромади он барои мо ношинос буд. Тири автомат ба болои сарамон чун жола меборид. Ҳайрон шудем ба кучо равем, бо худ ду автомату як тапончча доштем, ба хулосае омадем, ки то будани тир мубориза мебаремў тирҳои охиринро барои худамон мемонем, то он ки онҳо моёнро зинда дастгир накунанд.

Вақто ки ба қишлоқ даромадем, ҷавонмарде пайдо шуд, ки маро шинохт ва аз паси худ ба кӯчаҳои тангу каҷала, аз дохили хонаҳои мардум гузаронда, ба ипподром бароварда ва мо аз он ҷо ба як қисми ҳарбӣ даромада, пинҳон шудем.

Онҳо бошанд, моро гум карданд, дар давоми зиёда аз ду соат ҳамон қишлоқ ва гирду атрофи онро тирборон карда, моро ҷустуҷӯ менамуданд.

Онҳо, ки моро наёфтанд, сипас ба хонаи ронандаи автомошинаи хизматиам Акрам Исҳоков, ки дар кӯчаи Ломоносов зиндагонӣ мекард, рафта, хонаи ӯ ва хонаи падарашро тирборон карда, тамоми лавозимоти зиндагонии ин ду оиларо пурра талаву тороҷ карданд, хатто ду гову се гӯсфандашро тирборон намуда, кушта, ба майдони «Шаҳидон» кашонида, «худой» карданд. Автомашини шахсиаш «Волга» ГАЗ—24—10-ро ба масҷиди Ҳоҷӣ Ёқуб бурданд. Ва то имрӯз ӯ ягон чизашро

наёфтаасту мошини шахсии ӯ дар «хизмати» оппозитсия мебошад.

Сипас, аз он чо ҳам ин дастаи хунхору авбошу роҳзан ба хонаи чаҳор бародари ман, ба қишлоқи Чорякқорон, колхози «Победа»-и ноҳияи Ленин рафта, тирборон карда, ҳатто батареяҳои хонаи онҳоро парронда, сӯрох намуданд. Хуллас, ҳар чӣ, ки ёфтанд, ба ғорат бурдаанд. Дар хонаи онҳо чизе намондааст. Магар ин мусулмонӣ аст? Не, воллоҳ, ки ин ваҳшоният аст!

Гар мусулмонӣ аз ин аст ,ки Ҳофиз дорад,
Оҳ агар аз паси имрӯз бувад фардое.

Магар талаботи дини мубини ислом ва демократия чунин будааст?! Магар оёту ҳадиси Қуръони маҷид чунин рафторро дуруст меҳисобад?!

Охир, аз рӯи кадом принсипи демократия ва кадом оёту ҳадиси дини мубини ислом роҳбарони мухолифин ин гуна амали носавобро ба роҳ андохтаанд, ки мардумро бо силоҳу мошинҳои зиреҳпӯш мусаллаҳ карда, барои одамшикориву хуни бегуноҳро рехтан, хонаҳояшонро тирборону молу мулкашонро талаву тороҷ кардан мефиристонанд. Канӣ вичдону имони он роҳбарони оппозитсия, шахсони миёнарав ва қувваи сеюм, ки баъди ба имзо расидани протоколи созиш ба чои қатъ намудани гирдиҳамой, супурдани силоҳ гвардияи миллии оппозитсияро бо силоҳу БТР мусаллаҳ карда, таҳти оёти азимушшаъни ва никоби «ло илоҳа иллаллоҳ» барои куштани одамони бегуноҳ, талаву тороҷ кардани хонаҳои онҳо мефиристонанд ва супориш медиҳанд, ки молу мулки талаву тороҷ кардаро ба масҷиди Ҳоҷӣ Ёқуб биёранд?! Гову молро кушта, ба майдони «Шаҳидон» баранду ҳаққу ҳалол «худой» намоянд. Ҳой, ҳомиёни дини мубини ислом! Боре аз рӯи савоб бигӯед, ки Шумо мувофиқи кадом оёту ҳадиси Қуръони маҷид, гуфтаи ҳазрати Муҳаммад амал карда истодаед?! Магар бо ин амалиёти ғайридиниатон ба решаи дини ислом теша зада, дини исломро хору эътиқоди мардумро аз он нагардонда истодаед?!

Охир, деҳқон ё коргари бечора бо хуни чигар заҳмат кашида, барои рӯзи баду некаш молу мулк чамъ намуда, автомашина харидааст, ки он имрӯз як миллион сӯм арзиш дорад. Бигӯед, ки аз рӯи кадом моддаи қонун ва кадом оёти Қуръони маҷид ё гуфтаи пайғамбар ғорати онҳо дуруст аст? Ё задану куштани мардуми бегуноҳ дар таҳхонаҳои масҷидҳо танҳо барои он, ки онҳо кӯлобианд ё ленинободӣ, ӯзбеканд ё ҳисорӣ аз рӯи кадом шариат аст?

Магар ин резондани хуни бағайри ҳақ нест? Не, худи Шумо кофиру номусулмон ҳастед, фардо рӯзи қиёмат кундаи дӯ-

зах гаштан насиби Шумо, сарварони Ҳизби наҳзати ислом ва хомиёни дурўғини дини ислом мебошад. Дини ислом ба зоти поки худ ҳеҷ гуноҳе надорад, ҳама гуноҳҳо дар сарварону баном пешвоёни он мебошад.

Пас, дару девори масҷиди Ҳоҷӣ Ёқуби Чархӣ, Ҳазрати Мавлоно, ки пур аз хуни мўъмин шудааст даҳону нафаси такводорон ба гўшти он гову моли бе иҷозат овардаи роҳзанон расидааст, оё нафасашон макрўҳу лукмаашон ҳаром нест?! Оё тоату ибодати ин тоифа мусулмонон, ки дар масҷиди фавқузикр намоз мегузоранду ба худованди кариму раҳим рўи ниёз оварда, бо ў роз мегўянд, ба даргоҳи оллоҳи таъоло қабул мешавад? Алҳамдулиллоҳ, чун мусулмон ва ҳуқуқшинос қотеъона мегўям, ки ин гуна рафтор дар шариати мо ҳарому дар Сарқонун табоҳкорӣ, чиноят ва қонуншиканист!!! Эй мардуми мўъмину мусулмон, ки ба масҷид рафта, барои фардо — рўзи киёмат намоз мехонед, бидонед, ки аз паси кй истодаед, ба кадом имом намози худро иктидо мекунед? Ба Мулло Абдуғаффор, Акбар Тўрақонзода, Саидашраф, Қорӣ Қиёмиддин, Қорӣ Муҳаммадӣ, Қорӣ Аллома...? Онҳо, ки худ ба дини мубини ислом иснод овардаанд, миёни бародарони мусулмон нотифоқию хархаша андохтаанд, молу мулки беваю бечораро талаю тороҷ кардаанд, бародарони мўъмину мусулмони худро ба қатл расонданд. Ба дидаи ақлу хирад ва дили бино нигаред, дару девори зерхонаю дохил ва беруни масҷидҳое, ки Шумо намоз мехонед, пур аз хуни инсонҳои ноҳақ ба қатл расонда, нолаҳои модарону тифлакони бепарастормонда мебошанд. Ҳўди Шумо метавонед нолаи онҳоро бишнавед, рўҳи поки он шаҳидони қатлгардида Шуморо ҳар рўз пешвоз мегираду гусел мекунад. Нисбати ин гуна имомҳое, ки Шумо ба онҳо намоз ният мекунед, мардум лаънат мехонанд.

Бидонед, дар он масҷидҳое, ки инсонҳои бегуноҳ, бародарони Шумо ба қатл расонда шудаанд, ягон малоика ҳузур надорад, ҳама пур аз шайтони лаин шудаанд. Аз сабаби он, ки ҳар яки Шумо ба монанди мо ба дини мубини ислом боварии комил дореду, яккаву ягонагии худованди карим, Муҳаммад расули барҳақро эътироф мекунед, набояд нисбати он бедодгариҳое, ки «ҳомиён»-и зоҳирфиреби дини муқаддаси ислом бар сари мардуми бе ин ҳам бадбахту камрўзии ҷумҳурии мо овардаанд, хомўшу бетараф бошед. Ҳар фарде, ки барои ў Ватанаш, миллаташ ва халқи ҷумҳурӣ азиз аст, барои ҳарчӣ бештару зудтар мўътадил гардидани вазъи ҷумҳурӣ ақидаи худро ба воситаи ахбори умум, дар ҷои кору истиқомат, сўҳбат ба мардум, масҷиду чойхона бояд баён намояд.

Афсўс ки холо миёни мардуми мо бетарафон, дудилаҳо, ноустуворақидаҳо кам нестанд, ки ин бадбахтии миллат аст...

Ман ҳам тарафдори демократия будам ва ҳастам. Вале демократияи хунхору ифлосро, ки сабабгори бадбахтии чомеа гардидааст, чашми дидан надорам. Роҳбарони Ҳизби демократ ва дигар нерӯҳои ба ном «мардумӣ» бояд бифаҳманд, ки бо ин роҳе, ки онҳо пеш гирифтаанд (даъват кардани мардум ба ҷанги бародаркуш) ҳеҷ гоҳ вазъияти ҷумҳуриро ором карда, ба дилу дидан мардум роҳ ёфта наметавонанд. Вақте мерасад, ки халқ ба онҳо ҷавоб хоҳад дод!...

Вақте мерасад, ки халқ кӣ будани роҳбарону аъзоёни Ҳизби демократро хуб мефаҳмад. Охир, бе таҳлили на он қадар чуқур ҳам кӣ будани онҳо чун оина равшан аст. Дар Ҳизби демократ асосан аламзадагон ҷамъ омадаанд. Онҳое, ки онди ягон масъала аз Давлати Ҷумҳурӣ, Ҳизби Коммунист ранҷидаанд, соҳиби ин ва ё он вазифаву мукофот нашудаанд. Имондорона тасдиқ мекунам, ки сарвари Ҳизби демократ Шодмони Юсуф соҳибтамиз нест, ӯ ба маризии рӯҳӣ гирифтор аст. Боз инро вакт нишон медиҳад!...

Хулоса, офицерони он қисми ҳарбӣ маро шинохтанду хуш қабул карданд. Аз он ҷо ба Кумитаи Амнияти Миллӣ сим зада, ба Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ҳодисаи рӯйдодаро нақл карда, ҷо ва рақами телефонро гуфтам. Дар ҷавоб Раиси Ҷумҳур гуфт: «Аҳволи ман ҳам бисёр вазнин аст». Бори дигар ақидаи ӯро фаҳмида, ба сардори сарҳадчиён сим зада, хоҳиш кардам, ки барои аз Душанбешаҳр баромадан ба ман кӯмак расонад.

Бо кӯмаки он кас 8.05.92 с. мо аз Душанбешаҳр баромада, ба вилояти Қаршӣ омадем ва аз он ҷо ба вилояти Ленинобод...

* * *

7 мая соли 1992 Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Мирзоев бо ҳамроҳии роҳбарони оппозитсия бо мақсади тезтар амалӣ гардонидани нақшаи кашидашуда онди усулҳои иҷрои моддаҳои протоколи созишномаи имзошуда хайати комиссияи тафтишотро тартиб дода, ба имзо расонид. Баҳри таҳлилу муайян намудани то ба кадом дараҷа ба қонун мувофиқ будану набудани моддаҳои пешниҳодгардида онди иҷрои протоколи созиш ва аз тарафи кадом гурӯҳи мухолифин иҷро нагардидани он лозим донистам, ки ба хонандагони мӯҳтарам аввало усулҳои иҷрои моддаҳои протоколи созиши ба имзорасида ва комиссияи тафтишотиро дар шакли аслаш чун ҳуҷҷати таърихӣ пешкаш намоям.

Усулҳои иҷрои протоколи созишномаи имзошуда, ки аз ҷониби комиссияи мусолиҳаи миллӣ пешниҳод мешавад:

А. МИРЗОЕВ — Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон.
М. ҲИММАТЗОДА — раиси Ҳизби наҳзати ислом.
Ш. ЮСУФ — раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон.
Т. АБДУҶАББОРОВ — раиси созмони «Растохез».
А. АМИРБЕК — раиси созмони «Лаъли Бадахшон».

## КОМИССИЯИ ТАФТИШОТӢ

замима ба моддаи 7 Усулҳои иҷрои протоколи
созишномаи имзошуда

1. Файзулло Абдуллоев — (раис).
2. Абдусамадова В. И. — (муовини раис).
3. Соҷидаи Мирзо — рӯзноманигор.
4. Панфилов О. — рӯзноманигор.
5. Николаев К.— ҳуқуқшинос.
6. Бобоназарова О. — декани факултаи ҳуқуқшиносии ДДТ.
7. Ёқубов О. — депутати халқии ҷумҳурӣ.
8. Мирзоев С. Б. — ҳуқуқшинос.
9. Муродалиев М. — додситон.
10. Давлат Исмон — муовини раиси ҲНИ.
11. Камолов С. — ҳуқуқшинос, коргари гумрук.
12. Серебряков Д. А.— сардори шӯъбаи дастгоҳи Раиси ҷумҳур.
13. Музаффаров А.— депутати халқи ҷумҳурӣ.
14. Нуров Р.— мудири шӯъбаи ҳуқуқи Шӯрои Олӣ.

1. Матни протоколи баимзорасида ба воситаи телевизион ва радио хонда мешавад, дар мутбуоти ҷумҳурӣ чоп мешавад, дар майдонҳои «Озодӣ» ва «Шаҳидон» эълом мегардад.

2. Дастгоҳи Раиси ҷумҳур дар бобати бекор кардани фармони ӯ оид ба ташкил додани баталъони махсус фармон тайёр мекунад.

3. Вазорати дифоъ, Кумитаи Амнияти Миллӣ, Вазорати Корҳои Дохилӣ, штаби ҷумҳурии мудофиаи шаҳрвандон байни ҳамаи нерӯҳои муқобил фаврӣ оташбас эълон мекунанд.

4. Вазорати дифоъ, Кумитаи Амнияти Миллӣ, Вазорати Корҳои Дохилӣ, Штаби ҷумҳурии мудофиаи шаҳрвандон барои бесилоҳ кардани фаврии дастаҳои мусаллаҳ амал мекунанд. Ҷараёни бесилоҳгардониро комиссияи муштараки парламентӣ, ҳукуматӣ, ҳизбҳо ва созмонҳои мардумӣ зери назорат мегиранд.

5. Дар майдонҳо кандани хаймаҳо фавран шурӯъ мешаванд, комиҷроияи шаҳр ва раёсати ҳарду майдон тоза кардани майдонҳоро ба ӯҳда доранд.

6. Дастгоҳи Раиси Ҷумҳур барои барҳам додани Шӯрои

президентӣ ва таъсис додани Мушоваран олӣ дар ҳузури президент ва Ҳукумати муросои миллӣ фармон омода месозад.

7. Раёсати Шӯрои Олӣ барои тафтишӣ сабабҳо ва гунаҳкорони ба амал омадани вазъияти шадиди сиёсӣ ва оқибатҳои ғарони он комиссия месозад. Ҳайати комиссияро гурӯҳи корие, ки протоколи созишномаро тайёр кардаанд, пешниҳод мекунад.

8. Аз лаҳзаи ба имзо расидани протокол амнияти ба манзилҳо баргаштани гирдиҳамомадагонро Вазорати Қорҳои Дохилӣ ва Вазорати Нақлиёт таъмин мекунанд.

9. Раёсати опозитсия (Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократ, созмонҳои «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон») баъд аз имзо шудани протокол фурудгоҳ ва истгоҳи қатораро фавран аз муҳосира озод мекунанд.

10. Раёсати оппозитсия (Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократ, созмонҳои «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон») баъд аз имзо шудани протокол кохи Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон ва студияи телевизионро озод мекунанд.

11. Дастгоҳи Раиси Ҷумҳур барои ба Ҳукумати муросои миллӣ тобеъ кардани Кумитаи Амнияти Миллӣ, Кумитаи Дифоъ ва Кумитаи садою симо фармон тайёр мекунад.

12. Баъд аз озод кардани майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ» аз гирдиҳамомадагон фармони Раиси Ҷумҳур дар бораи ҷорӣ кардани вазъияти фавқулодда беэътибор мешавад.

13. Азбаски баъди пароканда шудани гирдиҳамоиҳо вазъияти сиёсӣ дар ҷумҳурӣ мӯътадил мегардад, барои идораи бевоситаи президент зарурате боқӣ намемонад. Аз ин рӯ, ваколатҳои Раиси Ҷумҳур, Шӯрои Олӣ ва ҳукумат аз рӯи Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор мегардад.

14. Дар асоси протоколи имзошуда Раиси Ҷумҳур истеъфои Н. Дӯстов, Ф. Ниёзов ва А. Сайфуллоевро қабул мекунад.

15. Дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ масъалаи истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ С. Кенҷаев ва додситони кулл Н. Хувайдуллоев гузошта шавад.

16. Раиси Ҷумҳур бо фармони худ моликияти Хизби коммунистро то рӯзи номнавис шуданаш моликияти миллӣ эълон мекунад.

17. 8 май дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи мотам эълон гардад.

ТАВЗЕХ: шахсоне, ки номашон дар моддаҳои 14 ва 15 зикр шудаанд, минбаъд ба мақомоти олии давлатӣ таъин нашаванд.

Вақто ки кас усули иҷрои моддаҳои протоколи созишномаи имзошударо таҳлил намуда, ба тарозуи ақлу хирад мегузорад, сар то по пур аз беадолатию беҳуқуқӣ ва бар хилофи қонун-

ҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли башар будани ҳар моддаи он пурра ба чашм мерасад. Барои ин ҳатто сиёсатмадору ҳуқуқшинос ё файласуф будан шарт нест.

Усулҳои иҷрои моддаҳои протоколи созиш, чун худи протокол бо шакле ва муҳтавое тартиб дода ва ба имзо расидааст, ки **табаддулоти давлатиро ҳарчӣ тезтар ва пардапӯшона, бо роҳи хок пошидан ба чашми мардуми ҷумҳурӣ ва қувваҳои демократии ҷаҳон амалӣ мегардонад.** Дар усулҳои иҷрои протоколи созиш аз номи ҳамаи рукнҳои ҷумҳурии Тоҷикистон сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоев имзо гузоштааст, ки ӯ дар асоси моддаи 125 Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ургони иҷроия ва амрдиҳандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин ҷиҳат ҳуқуқу ваколатҳое, ки Қонуни Асосии ҷумҳурӣ ба ӯ надода буд, истифода бурдааст, чунки Кабинети Вазирон, Сарвазири он бояд зери назорати Раиси Ҷумҳур, Шӯрои Олӣ ва Президиуми он амал намояд.

Чунки дар асоси моддаи 99, 108 Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин органи олии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба ӯ ваколати олии қонунбарорӣ ва назоратӣ онди иҷрои қонун аз болои ҳамаи ургонҳои давлатию ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвазири он дода шудааст. Президиум ва кумитаҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — ин органи доимоамалкунандаи Шӯрои Олӣ мебошад, ки аз номи Шӯрои Олӣ ҳамчунин иҷрои қонунҳоро назорат мекунанд.

Раиси Ҷумҳур, мувофиқи моддаи 117 Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳокимияти олии иҷроияю амрдиҳанда мебошад. Бар замми ин ҳама, он рӯзҳо сессияи Шӯрои Олӣ роҳбарии Президентиро дар ҷумҳурӣ қорӣ намуда, ҳама ҳуқуқҳоро ба Раиси Ҷумҳур дода буд.

Аз қониби дигар, яъне аз нуқтаи назари Қонун ҳар он ҳуҷчате, ки танҳо бо имзои сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоев ба тасвиб расидааст, қудрату қувваи амрдиҳанда ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президиуми он, аппарати Раиси Ҷумҳур ва ҳалли масъалаҳои сиёсию давлатиро надорад!

Агарчи усулҳои иҷрои моддаҳои протоколи созиш миёни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои мардумӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо имзои Сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоев ба тасвиб расида бошад ҳам дар бандҳои 2, 6, 11, 12, 13, 14, 16 он ба Раиси Ҷумҳур фармонҳои қотеъона онди иҷрои ин ва ё он масъала, ба имзо расонидани як қатор фармонҳо, ки аксари онҳо ғайриқонунианд дода шудааст. Ҳамчунин, дар бандҳои 3, 4 усулҳои иҷрои прото-

коли созиш ба Кумитаи Амнияти Миллӣ (КАМ) низ як қатор фармонҳои қатъӣ дода шудааст, ки иборат аз: «байни нерӯҳои муқобил фаврӣ оташбас эълон кардан», «ба таври фаврӣ бесилоҳ кардани дастахои мусаллаҳ» ва ғайраҳо мебошанд. Ҳол он, ки дар ин супоришҳо ночизтарин унсурӣ мантиқ нест, мазмуни ҷумлаҳо бо ҳам муқобил мебошанд ва додани чунин амру супоришҳо аз ҳуқуқу ваколати Сарвазиру Вазорати Дифоъ, Вазорати Корҳои дохилӣ ва штаби ҷумҳурии Мудофиаи шаҳрвандон, ки онҳо низ органҳои иҷроия мебошанд, берун буда, танҳо ба ваколати Раиси Ҷумҳур дохил мешаванд. Инчунин механизми амалӣ гардидани банди 3 ва 4 муайян карда нашудааст. Аз тарафи дигар, А. Мирзоев хуб медонист, ки то 7.05.1992 с. КАМ дар назди Раиси Ҷумҳур амал мекард ва ба ҳайати Девони Вазирон дохил набуд ва ваколати додани чунин супориш ба КАМ аз ҷониби Сарвазир танҳо кӯтоҳандешиву иштибоҳе буду бас.

Саволе ба миён меояд, ки чаро ва ба кадом далел вай аз доираи ҳуқуқу ваколатҳои худ берун омада, ҳуқуқу ваколатҳои Раиси Ҷумҳур ва Шӯрои Олиро ба зиммаи худ гирифт? Магар аз чунин иқдоми парвози кӯршапаракона манфиатдор буд? Чаро нагузошт, ки ба ин протокол Раиси Ҷумҳур ва Раиси Шӯрои Олӣ имзо гузоранд?!...

Инчунин, дар бандҳои номбурда ба Вазорати Дифоъи ҷумҳурӣ фармонҳои зиёде оиди иҷрои ин ва ё дигар масъала дода шудааст. Ҳол он, ки рӯзи ба тасвиб расидани ҳуччати мазкур Вазорати дифоъ (мудофиа) вуҷуд надошт, ин мардумфиребии навбатӣ буд. Охир, агар ҷумҳурӣ Вазорати мудофиа медошт, ба чунин бадбахтӣ гирифтор намешуд-ку?! Магар инро Сарвазири ҷумҳурӣ намедонист?

Не, хуб медонист, бо ин роҳ мехостанд, ки бори дигар мардуми гумроҳшударо боз гумроҳтар намоянд.

Кумитаи дифоъ бошад, дар назди Раиси Ҷумҳур амал мекард ва сарвазир дар ин хусус ягон салоҳияте надошт.

Дар банди 7 ба раёсати Шӯрои Олӣ супориш дода шудааст: «барои тафтиши сабабҳо ва гунаҳкорони ба амал омадани вазъияти шадиди сиёсӣ ва оқибатҳои гарони он комиссияи тафтишотӣ таъсис карда шавад. Ҳайати комиссияро гурӯҳи корие, ки протоколи созишномаро тайёр кардаанд, пешниҳод мекунад». Яъне шахсоне, ки ба комиссияи тафтишотӣ дохил мешаванд, раису муовини раис ва аъзоёни он аз тарафи А. Мирзоев ва оппозитсия аллакай муайян карда шудаанд, ки ин мутлако ғайриқонунӣ буд. Президиуми Шӯрои Олӣ бе масъулиятона буздилона, аз рӯи принципи «гӯр сӯзаду деги қаландар чӯшад» амал карда, қонунро зери по намуда, «фармонро иҷро кард», амалиётҳои ғайриқонунии онҳоро бе ягон тағйиру илова, он

чӣ онҳо пешниҳод карданд, бо қарори худ қонунӣ намуд. Бо ин амалиёти ноҷавонмардона садоқатмандии худро ба оппозитсия равшан намуда ,пояҳои курсии худро «мустаҳкам» намуд. Аз ин рӯ, ба ҳайати комиссияи тафтишотӣ аз раиси он сар карда, асосан қонибдорону ҳамфикрони оппозитсия дохил гардиданд, ки он ҳам бе сабаб набуд. Мақсади асосӣ он буд, ки тамоми қонуншиканиҳо ва ҷиноятқориҳое, ки аз тарафи онҳо ва лаганбардорону думравонашон содир карданд, ҳамчун рози нангин зери парда ниҳон монаду ба чашми халқи ҷумҳурӣ ва қувваҳои ҳақиқатан демократии ҷаҳон хок пошанд.

Шахсони солимақли майдони «Озодӣ»-ро, ки барои ҳимояи сохти давлати қонунӣ ва конституцияи он омада буданд, бо далелҳои сохтаю бофта, ҳамчун шоҳидони зархарид гунаҳкор созанду ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида, ба маҳбасхонаҳо партофта, аз арсаи сиёсат дур созанд, то он, ки дар интихоботи оянда бо роҳи «демократия» ба сари қудрат оянд...

Онҳо ақаллан як чизи бисёр муҳимро донистан намехоханд. Ҳой бародарон, ҳар фард аз рӯи тақдиру насиби азалӣ амал мекунад, касе қудрати чархи ҳаётро ба ақиб гардондан надорад, ҳарчӣ ки хости худо бошад, ҳамонро инсон хоҳад дид. Халқ бисёр бузург аст, ҳама чизро медонаду мебинад ва хуб дарк мекунад ва таърих нишон медиҳад кӣ кӣ аст!...

Пас аз бародарро бо бародар ҷанг андохтан, бо силоҳ таъмин кардану рехтани хуни садҳо бегуноҳу номурод ба хотири амалӣ сохтани ниятҳои нопоки худ, бо роҳи миёнаравӣ мардумро ба сулҳу салоҳ хостан аз мардумфиребию чоплусии навбатӣ беш набуда, «ба мурда тани сиҳат хостан»-ро монад ва фикр мекунам, ки бо чунин замири фосид маҳбубу азизи халқ гардидан корест басо ношуданӣ.

Дар ҳадиси 141 пайамбари ислом ҳазрати Муҳаммад алайҳиссалом (китоби «Ал-мавоъиз-улададия») омадааст: «хӯйи мӯъмин чоплусӣ нест».

Мумкин онҳо фикр кунанд, ки чунин рафторҳои пардапӯшонаашонро мардум дарку фарқ намекунанд, вале ин чоераст хато ва зишт! Иқдомест мисли ҳубобчаҳои бороне баҳор, ки сонияе беш умр надоранд.

Набояд фаромӯш кард, ки касоне халқро фиребдиҳанда оқибат ба ғазаби худо гирифтор хоҳанд гардид, зеро халқу худо гуфтаанд.

Агарчӣ супоришҳо бар хилофи Конституцияи ҷумҳурӣ буд, Раиси Ҷумҳур бо мақсади нарехтани хуни инсон, оғоз наёфтани ҷанги граждани, зери фишор савганди худро шикаст, бо мақсади дар курсии мансаб мондан, ба гуфти оппозиция бовар ҳосил намуд, ки бо чунин роҳ гӯё якпорчагии Тоҷикис-

тон таъмин мешуда бошад, ба чунин иқдом ризоият дод. Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев ба як зумра фармонҳои қонунию ғайриқонунӣ имзо гузошт. Аз ҷумла, фармон «Дар бораи бекор кардани вазъияти фавқулодда ва вақти комендантӣ дар қаламрави шаҳри Душанбе», «Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира кардани яроқи дасти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи барҳам додани бригадаи таъиноти махсус ва батальони алоҳидаи ҳайати он», «Дар бораи аз салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтиёри Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор кардани Кумитаи Амнияти Миллӣ, Кумитаи Садою Симои ҷумҳурӣ ва Кумитаи Мудофиаи ҷумҳурӣ», «Дар бораи аз вазифа сабукдӯш кардани ноиби Президент Н. Дӯстов, раиси Кумитаи Садо ва Симои ҷумҳурӣ А. Сайфуллоев, раиси Кумитаи Мудофиаи ҷумҳурӣ генерал-майор Ф. Ниёзов» ва дигарҳо.

Хулоса, ҳар чӣ ки хостанд, ҳар фармоне, ки тартиб доданд, Раиси Ҷумҳур «чавонмардона» агарчӣ ҳамаи он фармонҳо мутлақо ғайриқонунӣ буданд, ба ҳамаи онҳо имзо гузошт. Барои Раиси Ҷумҳур лозим буд, ки хуни инсон нарезад. Нохалафони модарбахато ӯро фиреб доданду зери фишор гирифтанд...

Вале саволе ба миён меояд: — чаро ва бо кадом мақсад Сарвазир А. Мирзоев ваколатҳои Раиси Ҷумҳуру Президиуми Шӯрои Олиро ба зиммаи худ гирифта, ба ҳуҷҷати номбурда имзо гузошт ва барои ҳарчӣ тезтар амалӣ гардидани табаддулоти давлатӣ даву ғеҷ кард?

Чаро аппарати кории Девони Вазирон аз тартиб додани чунин фармонҳои ғайриқонунӣ саркашӣ накарданд? Чаро онҳо ба решаи давлати қонунӣ, ки хизматгораш буданду аз дастархони он нон мехӯрданд, теша заданд? Охир, ӯ Сарвазири ҷумҳурӣ буд-ку?

Амалиётҳои ӯ аз он шаҳодат медиҳанд, ки вай ҷонибдори амалӣ гардидани табаддулоти давлатӣ гардидааст. Оё вазифаи сарвазирӣ барои ӯ кам буд? Оё ҳуқуқу ваколате, ки Конституция ба ӯ дода буд, барои ҳаматарафаю самаранок ба ҳарҷ додани маҳорататаш камӣ мекард? Оё миёни Раиси Ҷумҳуру Раиси Шӯрои Олӣ ва Сарвазир ихтилофе мавҷуд буд? Охир, ҳуқуқу ваколатҳои ин органҳо аз рӯи Қонуни Асосии ҷумҳурӣ тақсим карда шуда буд-ку? Гузашта аз ин, худи ӯ қобилияти ташкилотчигию кордонии баланд надошт, дар миёни аъзоёни ҳукумат қариб, ки эҳтиромашро гум карда буд-ку? Худ, ки аз ӯҳдаи иҷрои вазифаи сангини ба дӯшаш гузошташуда намебаромаду дар лаҳазоти ҳалкунандаву тақдирсоз хешро ба беморхона мезад, аз он, ки баъзеҳо аз ҳолу аҳволи халқ аз наздик бохабар буданду чораҳои амалӣ меандешиданд, нисбаташон дар дил мори бухлу ҳасадро мепарварид. Магар ӯ намедонист,

ки кофири саховатманд аз мӯъмини бахил дида ба заҳматкаш наздиктар аст!?

Чунин саволҳои пай дар ҳам зиёд мебошанд, вале ба ҳар яки он ҷавоби мукаммалу қаноатбахш ёфтан амрест муҳол.

Ба ҳар ҳол, далелҳои мавҷуда, мушоҳидаи шахсӣ ва таҳлили мантиқи онҳо, хоҳу нохоҳ шаҳодат бар он медиҳанд, ки дар амалиёти А. Мирзоев элементҳои ғаразнок ва норозигии ӯ нисбати Раиси Ҷумҳур мавҷуданд. Аз ин рӯ, санги зери бағал ниҳон доштаро А. Мирзоев бар алайҳи роҳбарияти эшелони боло сари вақт партоб кард, ки кард!

Чаро? Зеро вақтҳои охир, ба гуфтаи баъзеҳо гӯё курсии Раиси Ҷумҳур ба Раҳмон Набиев хурдӣ кард, вазъияти сиёсии ҷумҳуриро ба назар нагирифта, чун даврахои «рукуду карахтӣ» худро шоҳу сояшро вазир ҳисобида, бе маслаҳати раёсати Девони Вазирон, Шӯрои Олӣ ва розигии сессияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ як қисм ваколатҳои Девони Вазиронро ба зиммаи худ гирифт, ки он табъи Сарвазири ҷумҳурӣ Акбар Мирзоев, муовинони ӯро хира кард. Онҳо ва атрофиён ба хулосае омаданд, ки «гӯё» Раиси Ҷумҳур ба сарварони Девони Вазирон бовари надошта бошаду зери маҳдуд гардондани ҳукуқу ваколатҳои Сарвазир нимкосае бошад. Аз ҷумла, Кумитаи давлатии Садою Симои ҷумҳурӣ, Кумитаи Амнияти Миллӣ, Кумитаи Дифоъ (мудофиа), Сарумури инспексцияи андози ҷумҳурӣ ва ғайраро зери назорати худ гирифт, агарчӣ борҳо сарвазир А. Мирзоев, муовинҳои ӯ дар ҷамъомадҳои хурду калон, сӯҳбатҳои хосса аввало пардапӯшона, сипас ошкоро изҳори норозигӣ менамуданд. Ҳатто, боре дар яке аз ҷаласаҳои Шӯрои Олӣ ҳангоми муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарумури инспексцияи андози ҷумҳурӣ» Акбар Мирзоев норозигии худро нисбати маҳдуд кардани салоҳияти Девони Вазирон баён карда буд.

Албатта, як қисм идоротро ба Раиси Ҷумҳур тобеъ кардан боке надорад, агар ки аз ҷаҳорчӯбаи қонун берун набошад. Чунки мувофиқи Конституцияи ҷумҳурӣ агар Девони Вазирон ҳокимияти иҷроия ва амрдиҳанда бошад, Раиси Ҷумҳур сардори давлати Тоҷикистон ва ҳокимияти олии иҷроия ва амрдиҳанда мебошад.

Аз ин нуқтаи назар зери назорати Раиси Ҷумҳур гузаштани баъзе ташкилоту идораҳои органи иҷроия ва амрдиҳандаи ҷумҳурӣ аз чорчӯбаи қонун берун набуд.

Вале барои ин асос лозим аст. Вақтҳои охир Раиси Ҷумҳур Р. Набиев якчанд маротиба изҳори ақида карданд, ки бояд ҳукуқу ваколатҳои ӯро зиёд карда, вазифаи сарвазир дар ҷумҳурӣ барҳам дода шаваду Кабинети Вазирон дар назди Раиси Ҷумҳур шавад ва вазифаи Раиси Кабинети Вазирон ба

эимман Раиси Ҷумҳур гузошта шавад. Чунин ақида дар лоиҳаи Конституцияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидааст.

Илова бар ин, дар рӯзномаи сессияи чордаҳуми Шӯрои Олӣ бо таклифи Раиси Ҷумҳур Р. Набиев масъалаи ҳуқуқу ваколатҳои иловагӣ додан ба ӯ дохил гардид. Сессияи чаҳордаҳуми Шӯрои Олӣ фикру ақидаи Раиси Ҷумҳур Р. Набиевро дастгирӣ карда, ҳуқуқу ваколатҳои ӯро зиёд намуд ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии Президентӣ ҷорӣ намуд. Ҳамаи ин ҳаракатҳои Раиси Ҷумҳурро мушоҳидаву эҳсос карда, ақраби озурдагӣ дар қони А. Мирзоев неш мезад. Ӯ ба хубӣ дарк карда буд, ки оқибат бояд аз курсии мансаб дур гардад, чунки дар миёни кормандони Девони Вазирон ва роҳбарони вазорату корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо обрӯ ва эҳтироми дурусте пайдо накарда буд. Малакаи ташкилотчигӣ ва кордониаш дар панҷ-шаш моҳи кориаш зоҳир нагардид. Ба А. Мирзоев курсии сарвазирӣ обрӯ набахшид, иқтисодиёти ҷумҳурӣ рӯз ба рӯз ба зинаҳои поён мерафт, кундфаҳмӣ, саводи казоии сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳоҷагидорӣ ва ҳуқуқӣ надоштани ӯ дар вохӯриҳо, маҷлису ҷамъомадҳо ва сӯҳбатҳои хоса ба мардум аён гардид, ки гардид!

Алалхусус, мардуми ҷумҳурӣ кӣ будани А. Мирзоевро дар сессияи дувоздаҳуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ки он моҳи марти соли 1992 баргузор гардида буд, аз маърӯзаи ӯ дар бораи «Самтҳои асосии сиёсати аграрии ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба бозори иқтисодӣ ва сохти комплексии агросаноатӣ» бисёр хуб дарк карданд. Дар бисёр мактубҳо, вохӯриҳо, сӯҳбатҳои хоса мардум норозигии худро нисбати Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ва депутатҳои халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба мансаби сарвазири ҷумҳурӣ саросемавор таъин намудани А. Мирзоев баён карда буданд. Вале Раиси Ҷумҳур ақидаи халқро ба ҳисоб нагирифта, танҳо бо бахонаи он ки А. Мирзоев вакили мардуми Кӯлоб мебошад, иктифо кард.

Бе чуну чаро ақидаи Р. Набиев дуруст буд, ки бояд касе аз мардуми Кӯлоб сохиби курсии сарвазири ҷумҳурӣ бошад, чунки «протоколро» бояд риоя кард.

Вале ҳеҷ гоҳ шарт набуд, ки ин вазифаи олӣ насиби А. Мирзоев мешуд, чунки дар тан чанд соле, ки ӯ вазифаи раиси кумитаи вилояти Кӯлобро ба ӯҳда дошт, хоҷагии халқи вилоят дар бисёр соҳаҳо ақибмонда буд ва нақшаҳои ба ҳисоб гирифта иҷро намегаштанд.

Миёни мардуми Кӯлоб ҷавонмардони дорои малакаи олии сиёсатмадорӣ, одаму одамгарӣ, мутахассисони бехтарини соҳаи иқтисодиёт, хоҷагии халқ, ташкилотчиёни хуб хеле зиёд буданд. Вале бояд иқрор шуд, ки бо гуноҳи сохти тоталитарӣ бисёрии онҳо зери парда буданд, касе онҳоро намедид, мала-

каи кордонию ташкилотчигиашонро дарк намекард. Ва баҳри ба арсаи сиёсату давлатдорӣ гом задани онҳо қувва ба харҷ намедод.

Агар мо номенклатураи пештараро аз хотир фаромӯш мекардему ба чашми дурбин кадрҳои вилояти Кӯлобро мавриди таҳлилу санҷиш қарор медодем, якчанд чавонмардони болаёқат ба миён меомаданд, ки мумкин чанд сару гардан аз А. Мирзоев болотар меистоданд. Шояд ин тифли навзод, ки исми онро Тоҷикистон мегӯянд, ба ин бадбахтӣ гирифтор намешуд!!...

Алкисса, донишу малакаи ташкилотчигии А. Мирзоев ё «бемории» дуру дарози ӯ сабабгори он шуд, ки ҳукумат фалаҷ гардид, интизом ба зинаҳои поён фуромад, роҳбарони вазорату корхонаҳо фармону дастурҳои ӯро иҷро накарданд. Қонуншиканию чиноятқорӣ ба зинаҳои баланд баромад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафия рӯз ба рӯз чун захрпечак медавиду чун алэфи саломалек ва ачирик реша мегирифт.

Кор ба дараҷае расид, ки мафия аз тарафи баъзе ҳукуматдорон ва органҳои муҳофизати ҳукук, муборизаи зидди чиноятқорӣ дастгирию ҳамкорӣ меёфт, касе барои ошкор намудани онҳо қадаме ба пеш нагузошт. Рӯз аз рӯз шумораи кооперативу ассоциацияҳои савдогару қаллоб меафзуд, маҳсулоти зарурии халкро аз корхонаҳо харида, берун аз ҷумҳурӣ бо нархи баланд мефурӯхтанд, аз ҳисоби халқ миллионер мешуданд. Бо иҷозату бе иҷозат пахтаи бо арақи ҷабини деҳқонон ҷамъовардаи колхозу совхозҳоро бо нархи арзон харида, қимат мефурӯхтанд. Кор ба дараҷае расид, ки Сарвазир ва ҷонишинҳои ӯ бисёри савдогаронро бо имзоҳои худ ғайриқонунӣ аз андозҳои давлатӣ озод мекарданд. Ҳамаи ин чун яроқ дар дасти ҳизбу ҷамъиятҳои нопоку ғаразнок ва бар зарари мардуми мехнаткаш буд...

Вазъяти ногуворо ба амал омада, яъне батадриҷ ба дасти мафия гузаштани давлатро депутатҳои Шӯрои Олӣ дарк карда, дар сессияҳои сенздаҳуму чаҳордаҳум баъзеи онҳо дар суханрониашон А. Мирзоевро сабабгори чунин беҳокимиятиҳо дониста, истеъфои ӯро талаб намуданд.

Аз ҷумла, чунин таклиф аввалин маротиба аз забони депутати халкии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ситников садо дод. Ин ҳама А. Мирзоевро ба он водор сохт, ки пуштибоне, ҳимоятгаре дошта бошад. Бад-ин манзур сарвазир кӯшид, ки такягоху пуштибонҳоро, аз рӯи мушоҳида ва таҳлили мантиқии ман. дар симои оппозитсия бубинад ва яқинан дарёфту дид, ки дид!

Барои исботи ин фикр ба муҳокимаи хонандагони арҷманд далоилеро пешкаш карданиям:

Пас аз анҷоми сессияи чаҳордаҳуми Шӯрои Олӣ ниман дуюми рӯзи 5.05.92 с. 12 нафар депутати халқи Тоҷикистон аз

вилояти Ленинободро аз самолёти ТУ-154, ки бояд аз фурудгоҳи Душанбе ба Ленинобод парвоз мекарданд, бо силоҳ, зеро фишор аз самолёт мефароранд, ки дар дохили онҳо мӯҳтарам Ситников ҳам буд. Онҳоро ба автомашинаи «Тайёта»-и нав (шояд аз дасти касе, бечорае зада гирифта бошанд, ки бароям ҳоло аён нест), савор карда, аз кӯчаи «Дӯстии халқҳо» ба тарафи масҷиди Ҳоҷӣ Ёқуб мебаранд. Дар назди заводи машруботбарорӣ автомобили онҳоро посбонони оппозитсия бо силоҳ бозмедоранд. Роҳбари посбонҳо мебинад, ки дар автомашина депутатҳои Шӯрои Олиро бо силоҳ (автомат) ба қозиёт бурда истодаанд, бо заҳрханда мегӯяд:

— Ҳа, коратон калон-ку, одамони калон-калонро дастгир кардаед, аз махрачаш ҳаққи моро ҳам чудо кунед. Ба Қозӣ домулло гӯед, мо ҳам ҷони худро зери хатар монда, мардак барин дар хизмат истодаем. Ҳа, фаҳмидед, гап як-то...

Роҳбари гурӯҳе, ки депутатҳои халқии ҷумҳуриро мебурд, табассум карда, ба ӯ мегӯяд: «Албатта, ба домулло ҳамаашро гап мезанам, ҳаққи шуморо чудо карда мемонад...»!

Бо ҳамин 12 депутати Шӯрои Олиро ба масҷиди Ҳоҷӣ Ёқуб мебиёранд, дар он ҷо яке аз саркорони оппозитсия депутат Ситниковро шинохта мегӯяд: «Ана, ин ҷаноби Ситников аст». Сипас ӯро дашномҳои қабеҳи ғайриинсонӣ дода, чанд муште ба сандуқи синааш мезананду истинтоқ мекунанд, ки чаро ӯ дар сессияи Шӯрои Олӣ сарвазир А. Мирзоевро танқид карда, истеъфои ӯро талаб кардааст?!

Бубинед, аз ин гуфтугузор ҳамдасти оппозитсия будани сарвазир ошкор аст, ки аз ҳақиқат чандон дур нест.

Чаро саркорони оппозитсия А. Мирзоевро зери ҳимоя гирифтанду депутати халқӣ Ситниковро зери истинтоқ? Чаро онҳо боре масъалаи истеъфои Сарвазирро нагузоштанд? Агарчӣ дар гирдиҳамоиҳо ҳамеша аз нарасидани маҳсулоти пӯшокиву хӯрока, паст будани иқтисодиёти ҷумҳурӣ, қиматию баландии нарху наво шикоят мекарданд ва ҳамаи ин даъвоҳо пеш аз ҳама ба ҳукумати ҷумҳурӣ дахл дошт.

Бинобар ин, бесабаб набуд, ки А. Мирзоев то метавонист, бо ҳар роҳу восита хизмати оппозитсияро ба ҷо меовард. Вале ҳалли он масъалаҳое, ки дар протоколи созиш дарҷ гардида, вазъияти ҷумҳуриро мӯътадил мекарду пеши роҳи хунрезию бародаркуширо мегирифт, аз хотири ишон фаромӯш гардид.... Аз ҷумла, дар усулҳои иҷрои протоколи созиш, ки пештар зикр кардам, омада буд:

— ҷараёни бесилоҳгардониро комиссияи муштараки парлумонӣ, ҳукуматӣ, ҳизбҳо ва созмонҳои мардумӣ зери назорат мегиранд;

— дар майдонҳо кандани хаймаҳо фавран шурӯъ мешавад, ҳарду майдон тоза карда мешавад;

— аз лаҳзаи ба имзо расидани протоколи созиш амният ба манзилҳо баргаштани гирдиҳамомадагонро Вазорати Корҳои дохилӣ ва Вазорати нақлиёт таъмин менамоянд;

— раёсати опозитсия (ҲНИ, Ҳизби демократ, созмонҳои «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон») баъд аз имзо шудани протокол фурӯдгоҳ, истгоҳи қатора, кохи Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон ва студияи телевизионро фавран озод мекунанд;

Вале ягон нуқтаи ин пешниҳодҳои созишнома аз тарафи роҳбарони оппозитсия ва шахсони миёнарав иҷро нагардид ва бо сабабҳои номаълум А. Мирзоев бо гурӯҳи корӣ худ, ки ҷавобгари амалӣ гардидани усулҳои иҷрои протоколи созишнома буданд, ягон чорае наандешиданд. Аммо А. Мирзоев ва гурӯҳи корӣ ӯ битавонист дар давоми як рӯз як даста фармонҳои ғайриконуниро тартиб бидиҳаду тавассути фишороварӣ имзои Раиси Ҷумҳурро бигирад. Вале бо сабабҳои маълум нахост, ки иҷрои протоколи созишро, ки ба зиммаи роҳбарони оппозитсия ва шахсони миёнарав гузошта шуда буд, талаб бикунад, то ки рехтани хуни мардуми бегуноҳ боздошта шаваду силоҳ аз дасти мухолифин ҷамъ карда шавад ва ҷумҳурӣ рӯ ба мӯътадилӣ бигардонад.

Ин ҳамон нимкосаи ғаразноки зери косае мебошад, ки аз чашми шахрвандони ҷумҳурӣ ниҳон буд.

* * *

Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун органи назоратӣ, ойди якшакла иҷро гардидани нормаҳои Конститутсияи Ҷумҳурӣ мавқеи бетарафиро гирифту худро ба нодонӣ зада, чунин ҳуҷҷатҳои ғайриқонуниро «нодида» гирифту ба таҳлилу мухокимаи онҳо хурдтарин рағбате зоҳир накард ва ҳатто нисбати фармонҳои Президенти Ҷумҳурӣ, ки 7.05.92 с. ба имзо расида буд, бедалелу мантиқ, ягон нормаи Конститутсияро дастрас накарда, хулоса бароварда, ки гӯё онҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд. Хулосаи Кумитаи назорати конститутсионӣ танҳо ба он асоснок карда шудааст, ки гӯё вазъи сиёсии ҷумҳурӣ ҳаминро талаб мекунад».

Мутолиаи хулосаи нодурусту яктарафаи Кумитаи назорати конститутсионӣ, ки дар зери он имзои «мубораки» ҷонишини Кумитаи назорати конститутсионӣ, ҳуқуқшиноси шинохта, номзади фанҳои ҳуқуқшиносӣ Ашӯрбой Имомов сабт гардидааст, беихтиёр касро ба фикру андеша мекашонад...

Охир, кормандони Кумитаи назорати конститутсионӣ дар назди депутатҳои мӯҳтарам, дар вақти ба вазифа таъин гар-

диданашон, дар сессияи Шўрои Олӣ бо Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қасам ёд карда буданд, ки онро чун гавҳараки чашм эҳтиром мекунанду танҳо аз рўи Конуни Асосӣ амал мекунанд, на аз рўи талаботи вазъиятҳои снёсии ҷумҳурӣ, ки ҳар рўз тағйир меёбад.

Пас, кучост он садоқату самимият? Кучост он имону эътиқоду вазифашиносӣ?!

Инсоф диҳед, магар ҳар чизро «вазъияти снёсии ҷумҳурӣ талаб менамояд»,— гуфта Кумитаи назорати конституционӣ бо он мазмун хулоса мебарорад? Агар вазъи снёсии ҷумҳурӣ тағйир ёбад, хулосаи онҳо ҳам тағйир меёбад ва бо ин роҳ мардуми ҷумҳуриро ба иштибоҳ меандозанд? Яъне, кас ба хулосае меояд, ки дар Кумитаи назорати конституционӣ шахсоне курсинишинанд, ки дар замири онҳо ақидаи мустақилро дар рўзи равшан бо чароғ кобед ҳам, ёфтанатон муҳол аст. Ин тоифа аз кадом ҷониб боди мухолиф шиддатноктар вазад, ба ҳамон ҷониб кеманаи хешро меронанд, яъне ба равиши об бел мезананду бар хилофи қонуни муқаддаси ҷумҳурӣ амал мекунанд?

Чӣ тавре ки мегўянд: «Гўр сўзаду дег ҷўшад». Бо мақсади он ки дегашон биҷўшад, дар мансабҳо бинстанд, (шояд қисме аз онҳо соҳиби курсии баландтар гардиданро умедвор буданд), гўри худро сўзонданд, савганди ёдкардаашонро шикастанд, Қонуни Асосии ҷумҳуриро зери по карданд, бо роҳи ба каси дигар бадбахтӣ овардан хостанд, ки худ некбахту шодком ва дар назди оппозитсия чеҳрагарму забондароз гарданд. Ҳайфи номи неки инсон, ки аз рўи амалиётҳои ноҷавонмардонаи баъзе нохалафону куррахарон хору нобуд мегардад. Вале онро нодида гирифтанд, ки ҳаёт қоунуни худро дорад, дар натиҷаи овардани фишор ҳақиқат қат мегардаду ҳеҷ гоҳ намешиканад. Охир, Кумитаи назорати конституционӣ каме биандешад, ки ҳоҷати ба истеҳсоли худ қабул кардани якчанд фармони Раиси Ҷумҳур дар чӣ буд? Сипас, онҳо чӣ гуна дар муддати 2 рўз, бе таҳлили қонунӣ ва гузарондани санҷиш, бо касе ҳамсўҳбат нагашта дар асоси се калима «вазъи снёсии ҷумҳурӣ» ба якчанд ҳуҷҷатҳои расмии Раиси Ҷумҳур бо имзои ҷонишини раиси Кумитаи назорати конституционӣ Ашўрбой Имомов хулоса баровардаанд, ки гўё «фармонҳои 7.05.1992 с. Раиси Ҷумҳур имзо кардаги ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хилоф нест». Агар онҳо ҳар як фармони Раиси Ҷумҳурро таҳлили қонунӣ мекарданд, ба монанди суди конституционии Федерацияи Русия, ки тайи чанд моҳи охир фармони Президенти Федерацияи Русия Б. Елсинро ойди манъи ҳизби коммунист таҳлил ва тафтишоти судӣ карда истодааст, дар он сурат бо чунин кўрдилӣ ва тезтасбӣ ба мазмунҳои сохтаву бофта хулоса баровардаанашон муҳол буд. Кумитаи назора-

ти конституционӣ аз рӯи қонун вазифадор буд, ки оиди ҳар як фармони Раиси Ҷумҳур алоҳида тафтишоту таҳлили қонунӣ гузаронад. Баёноти шахсони лозимиро дар кумита гӯш намуда, далелу бурҳонҳое, ки онҳо пешниҳод менамоянд, санҷида барояд. Яъне, чун органҳои тафтишоту судӣ барои хулоса баровардан далелҳои кофии раднашаванда ҷамъ оварад. Дар сурати муносибати ҷиддӣ намудану дар маҷлиси кумита даъват намудан ва гӯш кардани фикру ақидаҳои Н. Дӯстов, А. Сайфуллоев, Ф. Ниёзов, Л. Қаюмов, В. Воҳидов бар хилофи Конституцияи ҷумҳурӣ будани фармонҳои Раиси ҷумҳур равшан мегардид. Барои возеҳу аён ва ошкоро нишон додани иштибоҳоварии фармонҳои дар он рӯзҳо имзокардаи Раиси Ҷумҳур ба таҳлилии яктои он мекӯшам, ки хонанда худаш хулоса барорад. Ҳамчун намуна фармони аз вазифа сабукдӯш кардани ноиби президент Нарзулло Дӯстовро меорем.

## ФАРМОНИ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
дар бораи аз вазифаи ноиби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод кардани Дӯстов Н.

Аризаи Дӯстов Нарзулло дар бораи озод кардани ӯ аз вазифаи Ноиби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад.

Фармони мазкур барои тасдиқ ба рӯзномаи сессияи навбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев.
7 майи соли 1992. ш. Душанбе.

Аввало ном ва фамилияи ноиби Президент Нарзулло Дӯстов мувофиқи талаботи Қонуни интихоботи Раиси Ҷумҳур ба бюллетени овоздихии пинҳонӣ бо ҳамроҳии номзад ба Президенти ҷумҳурӣ Р. Набиев дохил карда шуда буд ва мардуми шарифи ҷумҳурӣ ҳар як президентро бо ноибаш санҷида, сипас аз нӯҳ нафар номзадҳо якеро интихоб карда, ба тарафдориашон овоз додаанд. Президенти ҷумҳурӣ Р. Набиев ва ноиби ӯ Нарзулло Дӯстовро зиёда аз 58 фоиз мардуми ҷумҳурӣ дастгирӣ намуданд. Яъне, Н. Дустов бо роҳи интихобот аз тарафи халқ ба курсии Ноиби Президенти Ҷумҳурӣ сазовор гардидааст.

Аз тарафи дигар, дар Конституцияи амалкунандаи Ҷумҳурию Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳое, ки то 1 октябри соли 1991 дохил гардидааст, оиди Ноиби Президент танҳо як норма Қонунӣ вуҷуд дорад: «Дар вақти набудани Президент ва ё дар

ҳолатҳое, ки ӯ бо сабабҳои объективӣ вазифаи президентиро иҷро карда наметавонад, вазифаи президенти ҷумҳуриро ноиби Президенти Ҷумҳурӣ иҷро мекунад». Дигар чизе дар бораи ҳуқуқу ваколатҳои ноиби Президенти Ҷумҳурӣ, механизми корӣ ва процедураи аз вазифа сабукдӯш кардани ӯ нишон дода нашудааст.

Илова бар ин, аз 2.XII.1991 вақто ки Президенти Ҷумҳурӣ ва ноиби ӯ ба иҷрои вазифа шурӯъ карданд, то имрӯз Шӯрои Олии ҷумҳурӣ «Қонун дар бораи Ноиби Президенти ҷумҳурӣ» қабул накардааст. Ҳатто ба кумитаҳои дахлдори Шӯрои Олӣ то ҳол чунин супориш низ дода нашудааст, ки лоиҳаи қонун дар бораи Ноиби Президенти ҷумҳуриро тайёр намоянд. Аз ин сабаб, масъалаи он, ки ноиби Президент депутати Шӯрои Олӣ шуда метавонад ё не, муайян нашуда буд.

Сипас, то имрӯз дар ҷумҳурӣ «Қонун дар бораи Ноиби Президент», ки ҳуқуқу ваколатҳо, тартиби аз вазифа сабукдӯш кардани ӯро ба танзим медарорад, вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, то қабули қонун дар бораи Ноиби Президент, ҳеҷ кас, на Президент ва на сессияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ҳуқуқу ваколатҳои аз вазифаи ноиби Президент сабукдӯш кардани Нарзулло Дӯстовро надорад.

Аз тарафи дигар, Н. Дӯстов ариза дар бораи ба истеъфо рафтанро надодааст. Агар ӯро шахрванди оддӣ ҳисобем, дар асоси «Қонун дар бораи меҳнат» ягон роҳбар, аз ҷумла Президент, то он даме ки гуноҳаш бо далелҳои кофӣ исбот нагардад ва розигии иттифоққои касаба набошад, ҳуқуқи каси дигарро аз вазифааш сабукдӯш кардан надорад. Илова бар ин, Н. Дӯстов депутати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ буд ва бе розигии сессияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ касе ӯро аз вазифааш сабукдӯш карда наметавонист.

Сипас, роҳбарони оппозитсия, қувваи сеюм ва Президенти ҷумҳурӣ Р. Набиев агар амалиёти худро воқеан башардӯстона ҳисобанд, натарсидаю навоҳмида ба мардуми ҷумҳурӣ бояд бигӯянд:

— Гуноҳи Нарзулло Дӯстов дар чист? Кадом кори ғайриконунӣ карда буд? Хонаи ӯ ва бародаронашро кӣ бо мошини зиреҳпӯш ва силоҳ рафта, талаву тороҷ кард? Кӣ гаҳвораи набераашро пора-пора намуд? Худи ӯро кӣ чандин маротиба қасди куштан кард?

Вакилони Қозиёти ҷумҳурӣ?!

Ҳомиёни Ҳизби наҳзати ислом?!

«Наҷотдиҳандагони миллат» — Ҳизби демократ?!

Ҳаракати мардумии «Лаъли Бадахшон»?!

Пуштибонҳои «Растохез»?!

Биёед, роҳбарони оппозиция, қувваи сеюм ва шахсони миёнарав! Ҳоло ҳам дер нашудааст, ба гуноҳи худ иқрор шаведу ба халқи шарифи ҷумҳурӣ бигӯед, ки ба ин кори паст кӣ, аз тарафи кадом ҳизбу ҳаракатҳо даст задааст, то он ки дар рӯи дигарон бардошта шавад. Ҳоло ҳама гумонбар аст... Ва рӯзе мерасаду халқ ва ашхосе, ки дар майдони «Шаҳидон» нишаста буданд, мефаҳманд, ки «кӣ кист!!» Барои ин далелҳои раднашавандаро кас пеши назар оварда хоҳ нохоҳ ба фикр фурӯ мераваду аз дил мегузаронад: «Худоё, агар табаддулоти давлатӣ нашуда бошад, чӣ тавр ҳомиёни оппозиция ба воситаи ахбори умум, дар кӯчаю паскӯчаҳо ҷор мезананду ин чизро бо ҳар роҳу восита инкор мекунанд. Ва исбот карданӣ мешаванд, ки ҳама амалиётҳояшон гӯё дар асоси Қонуни Асосии Ҷумҳурӣ сурат гирифта бошад. Пас, чаро бе аризаю вуҷуд надоштани қонун «Дар бораи Ноиби Президент» роҳбарони оппозиция, Сарвазир А. Мирзоеву ҳамдастонаш, шахсони миёнарав ва Давлат Худоназаров дар банди IV протоколи сохтаи байни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон истеъфои Нарзулло Дӯстовро гузоштанд? Чаро Раиси Ҷумҳур Р. Набиевро зери фишору таҳқир маҷбур сохтанд, ки ҳуқуқу ваколатҳои мансабии худро сӯиистифода карда, савганди президентиашро шикаста, бар хилофи Қонуни Асосӣ ба фармон дар бораи аз вазифаи ноиби Президент сабукдӯш кардани Н. Дӯстов имзо гузошт?!

Зери ин саволҳои пай дар ҳам ҷавобе ниҳон аст, ки фаҳмиши онро ба ақлу заковати худи хонандагони соҳибзавқу бофаҳми мӯҳтарам ва он мансабталабони кӯтоҳандеш ҳавола мекунам...

Дилам ба ҳоли зор ва нотавонию кӯтоҳандешии Кумитаи назорати конституционии ҷумҳурӣ, ки чунин қонуншиканиро ба «вазъияти сиёсии ҷумҳурӣ» асос карда, «қонунӣ» ҳисобид, бисёр ҳам месӯзад. Месӯзаду таассуф ба вичдону имони чунин шахсоне чун ҳуқуқшиноси шинохта А. Имомов мехӯрам.

Вале ҳар як фарди боақлу заковат, бохираду фарҳанг хуб дарк мекунад, ки ҳаёт қонуни худро дорад, дар натиҷаи беадолатию овардани фишор ҳақиқат ба монанди навдаи дарахти соҳили дарё ҳам мешавад, вале ҳеҷ гоҳ нахоҳад шикаст...

Ба тадбир коре тавон сохтан,
Ки натвон ба теғу синон сохтан.
Макун такя бар ганҷу теғу силоҳ,
Зи фарзонагон рою тадбир хоҳ.

* * *

Пўшида нест, ки он шахсони масъули давлатию ҷамъиятии зери усулҳои иҷрои протоколи созишнома имзогузошта бешубҳа, бо сабаби мағрурии «зафарҳо», тақсими мансабҳо ва ҷо ба ҷо гузоштани хешовандону акрабои худ имону виҷдон ва қонуну ҳуқуқи инсонро се талоқ карданд. Охир, агар онҳо имону инсоф медоштанд, бояд ки соддатарин чизро аз хотир фаромӯш намекарданду дар усулҳои иҷрои протоколи созиш мушт ба иззати нафси маънавии инсон намезаданд. Вале онҳо то дараҷае худро соҳибқудрат ҳисобиданд, ки марзи инсофу инсониятро зери по карда, дар ҳуҷҷати расмӣ навиштанд: «Шахсоне, ки номашон дар моддаҳои 14 (Н. Дӯстов, Ф. Ниёзов, А. Сайфуллоев) ва 15 (С. Кенҷаев ва Н. Ҳувайдуллоев) зикр шудаанд, минбаъд ба мақомоти олии давлатӣ таъин нашаванд».

Қас чунин тавзеҳро дар ҳуҷҷати расмӣ, ки дастраси омма гардидааст, мутолиа карда, беихтиёр ба фикр фурӯ меравад, ки худоё, чӣ ночизтарин, аблаҳтарин ва кӯрдилтарин инсонҳое офаридайӣ, ки барои манфиати хеш шуда, ба чунин қабоҳату разолати ноодилона даст мезананду инсононеро, ки мехоҳанд ба нафъи умум бикӯшанд, буғӣ намоянд... Пас, куҷост он адолату демократия?! Ку он имондориву шарафияте, ки Қуръони шариф ба муслимин пешкаш намудааст?!

Охир, наход ки онҳо ба ин андоза кӯрдилу кӯрсавод бошанд ва надонанд, ки танҳо бо ҳукми суд, ҳангоми баррасии ҷиноятномаи дар як мӯҳлати муайян метавон шахси гунаҳкорро дар вазифаҳои мақомоти давлатӣ таъин накард. Ҳоло он ҷо эъломияи ҳуқуқи аҳли башарро ёдоварӣ намудан ҳоҷат нест.

Охир, дар ҳаққи мо касе парвандаи ҷиноятӣ накушодааст гуноҳи моро нагуфта. Қанӣ он ҳукми суд, ки моро гунаҳкор кардааст ба маҳбас шинондааст?!

Ба чунин пастӣ, поймол кардани оддитарин ҳуқуқҳои инсонӣ қадам гузоштани роҳбарони оппозиция тасодуф набуда, ҳоҷати таъкид ҳам нест, **чунки онҳо бо мақсади соҳиби қудрат шудан ба қабеҳтарин ҷиноятҳо даст зада, бо роҳи зӯроварию хунрезӣ табаддулоти давлатӣ карданд.** Пас, чӣ гуна ба амалиёти Сарвазири ҷумҳурӣ ва шахсони миёнарав, ки чунин навиштаҷотро дастгирӣ кардаанд, баҳо хоҳем дод?! Оё ин ҳама амалиётҳои қабоҳатандешонаи онҳо ҳамақидаю ҳаммаром будан бо мухолифин нест?!

Фарзандони хубу боистеъдоди миллатро дар назди шаҳрвандон рӯсиёҳу гунаҳкор ба гуноҳи набуда ва аз арсаи снёсат дур кардан магар имону виҷдонашонро азоб намедода бошад?! Магар бо чунин роҳҳои нопоку ғайридемократӣ соҳиби мансабҳои баландтар шудан ишонро маҳбуби мардум менамояд?!

Не, ҳеҷ гоҳ не!

Охир, аз конуну низоми конунии ҷамъият агар натарсанд, ақаллан аз худо шарм мекарданду аввал гиребони худро бӯй мекарданд, ки чӣ ғализ бӯйе дорад. Сипас ба дигарон санги маломат мепарронданд!

Вале табиат қонунҳои худро дорад, чоҳкан оқибат зери чоҳи худ хоҳад афтид, ки иншооллоҳ меафтанд.

Мардонагӣ, ҷасорат, қавииродагию шаҳомати мардуми Кӯлоб, Вахшонзамин, водии Ҳисору Ғозималик, Шаҳритузу Ҷилликӯлу Қубодиён, ӯзбекзабононро ҳар дақиқа ба ёд меоваранду ба худ меандешам, ки вой бар ҳоли кормандони Кумитаи назорати конституционии ҷумҳурӣ. Вой бар ҳоли хуқуқшиноси «шинохта» Ашӯрбой Имомов!... Вой бар ҳоли сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоев!... Вой бар ҳоли роҳбарони Ҷумҳурӣ ки худ ҷавонмардзодаанду ҳаёти ноҷавонмардона ба сар бурданро асоси «равнақ»-и зиндагӣ хондаанд...

Хулоса, зери фишору таъсири оппозитсия бо ёриву дастгирии кувваи сеюм ҳар рӯз Раиси Ҷумҳур Р. Набиев як даста фармонҳои ғайриқонунӣ имзо мекарду шахсони соҳиблаёқати бегуноҳро аз вазифа озод менамуду шахсони хасакӣ, бесарнавишту белаёқатро, ки оппозитсия пешниҳод мекард, сари қудрат меовард, ки оварда!

* * *

Фармони дигари Раиси Ҷумҳур Р. Набиев — таъсис намудани ҳукумати Муросои миллӣ буд. Барои тартиб додани фармони мазкур ва соҳиби курсии мансаб гардонидани якчанд бемансаб гурӯҳҳои оппозитсия ду шабонарӯз дар тафреҳгоҳи Девони Вазирон, дар хузури Раиси Ҷумҳур ва кувваи сеюм чун гургони гуруснаи рӯи маслуқ афтида ба ҳамдигар меғурриданду кашмакашиҳо мекарданд. Ҳар кадом гурӯҳи мехолифин мекӯшид, ки коре бикунаду одами худро соҳиби курсии мансаб бигардонад, қатъи назар аз он, ки:

— мутахассис ҳаст ё не?;

— лаёқати корӣ, ақлу заковат дорад ё не?

— малакаи ташкилотчигӣ дорад ё не?...

Аз ин сабаб, дӯстони бо ҳам пайвастаю қонӣ мехостанд ҳамдигарро фиреб бидиҳанду одами худро пешниҳод намоянд. Дар ҳамин вазъият ҳисси маҳалгарой ба дараҷаи баланд расида, дӯстию бародариро зери тозиёна гирифт, ки теша ба решаи ягонагии Тоҷикистон мезад. Дар миёни роҳбарони мухолифин тақсимоти маҳал ба вуҷуд омад, агарчӣ ҳаман онҳо зоҳиран худро муқобили маҳалгарой ба мардум ҷилва медоданд. Онҳо ба Бадахшонӣ, Зарафшонӣ ва Ғармию дигарҷойи так-

сим шуданд. Давлат Худоназаров дар ин ҷамъомад, ки ягон муносибате надошт, аз чӣ сабаб бошад, рӯзҳои охир бӯи «ғалаба»-и оппозитсияро ҳис карда, барои ҳалли ким-кадом масъалаи «давлатӣ» ба оппозитсия ҳамроҳ шуда, ҳаракат мекард, ки дар он чо ҳам сарвар бошаду чилавро ба дасти худ бигирад. Чӣ тавре, ки мегӯянд, ақл ақлҳоро ёрӣ медиҳад. Ӯ ҳам ёрии «хоксорона»-и худро дареғ намедошт...

Азбаски дар набардҳову бозиҳои сиёсии Маскав анча «пухтаю» суфта шуда буд, монанди химчаи заранг тоб мехӯрду дар ҳар вазъият ҳаракат мекард, ки ба курсии мансаб шахсони ба худ наздикро пешниҳод намояд. Аз рӯи мақоли «Аввал хешу баъд дарвеш» амал карда, ба номзадҳои дигарон камбудӣ ёфта, чунон моҳиронаю сиёсатмаобона ба сари онҳо санг мезад, ки худи онҳо дарк намекарданд, ҳатто кор ба дараҷае расид, ки ҳангоми мувофиқи ваъда ба мансаби Вазири корҳои хориҷӣ ва алоқаҳои иқтисодии байналхалқии ҷумҳурӣ пешниҳод намудани Отахон Латифӣ ва ба вазифаи Вазири маорифи ҷумҳурӣ пешниҳод кардани аъзои раёсати Ҳизби демократ профессор Абдунабӣ Сатторзода ва муҳокимаи ин таклифҳо раиси Ҳизби наҳзати ислом Муҳаммадшарифи Ҳиммататзода, раиси Ҳизби демократ Шодмон Юсуф, муовини раиси Ҳизби наҳзати ислом Давлат Исмон ва раиси иттифоқи кинематографони Тоҷикистон Давлат Худоназаров номзадҳои болоро дастгирӣ накарда, чунин ақидаро рӯирост баён намуданд:

— Чаро ду мансаби аз ҳама муҳимро ба зарафшониён медодаем?!

— Ин ақида қобили қабул нест!

— Ҷангу муборизаро асосан мо, ҷонибдорони Ҳизби наҳзати ислом кардаем!

— Мансабҳои дурустро бояд ҳамдиёрони мо бигиранд!

— Пас, чаро мансабҳои асосиро ба дигарон медодаем?!

— Не, бояд чуқур фикр кард!...

— Зеро «ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт».

Чунин кашмакашиҳоро дида, «бародарон»-и зарафшонӣ Отахон Латифӣ, Сафари Абдулло ва гурӯҳи мухолифин аз бародарони Мастчоҳ, ки барои сурат гирифтани табаддулоти давлатӣ хизмати «шоён»-е карда буданд, чун мурғи посӯхта, ки гирифтори дарди тухм асту аз худо наҷот металабад, ба рӯи дӯстони «ҷонӣ»-и худ бо чашмони имдодталабона нигариста оҳи сард аз дили пурдард мекашиданду аз худованди карим ҳалли масъалаҳоро илтичо менамуданд. Отахони Латифӣ дар курсӣ нишаста, по болои по гузошта, паи ҳам сигор мекашид ва гӯё ки дар болои мехе нишаста бошад, гоҳо ба як тарафи курсӣ, гоҳо ба тарафи дигари он чисми хешро партофта, бо чашмони имдодталабона ба рӯи қозикалони ҷумҳурӣ Ҳоҷиакбар

Тўрақонзода ва Давлат Худоназаров нигариста, орзўи дар курсии Вазири корҳои хориҷӣ ва алоқаҳои иқтисодии байналхалқии ҷумҳурӣ нишастанро мекард. Ба рў тамаллуққоронаи ў нигариста, роҳбарони оппозитсия ваъдаи кешро ба ёд наоварданд, зеро онҳо ду мансаби бисёр арзандаву зебандаро аз даст доданӣ набуданд ва роҳи наранҷондани дўстони «ҷониро» меҷустанд. Каме ба фикр фурў рафта, яке аз онҳо гуфт:

— Роҳашро ёфтам, ду вазифаро ба зарафшониён додан имкон надорад, вале як вазифаро додан мумкин. Бино бар ин, таклиф мекунам:

— Вазифаи Вазири маорифи ҷумҳуриро ба Вазиров З. корманди хуби Вазорати маориф, ки ба гуфти М. Ҳимматзодаву И. Давлатов бисёр ҳам марди шарифу кордон мебошад, дода шавад, мансаби Абдунабӣ Сатторзода мудири кафедра, профессори донишкадаи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи паст нест. Вазифаи Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои (алоқаҳои) иқтисодии байналхалқӣ ба Отахон Латифӣ доданро лозим мешуморам, чунки ў сиёсатмадори санҷидашуда аст. Ба чунин ақида, роҳбарони оппозитсия ва Отахон Латифӣ ҳам розӣ шуданд. Сипас роҳбарони оппозитсия ба гурўҳи кории ҳукумат гуфтанд:

— Ба вазифаи Вазири маорифи ҷумҳурӣ Вазиров З. ва Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии байналхалқӣ ба Отахон Латифӣ навишта шавад ва фармони Раиси Ҷумҳур тартиб дода шавад!

— Ба чашм,— гўён гурўҳи кории ҳукумат ба тартиб додани фармон шурўъ кард. Табассум аз чеҳраи Латифӣ дур намерафт, вале ин мисли он буд, ки «Бар сари мижгон чу ашк истодай, ҳушёр бош».... Ў китфонашро ба поён кашида, гарданашро аз миёни шонаҳояш бароварда, ба роҳбарони мухолифин ва қувваи сеюм тамаллуққорона табассум намуда, изҳори миннатдорӣ менамуд.

Ин саҳнаи талхи сохтаю бофтаро лида, кас дар ҳайрат немонад. Охир, наход профессор А. Сатторов, ки воқеан дар ҷумҳуриамон шахсияти шинохташуда асту китобҳову мақолаҳои зиёди илмӣ ва шогирдони зиёде дорад, аз Вазиров З., ки ўро на дар илм тахт асту на дар методика кулоҳ, пасттар бошад? Аз ҷониби дигар, вақте буд Отахон Латифиро символи миллат менамиданд-ку?! Ба ў чӣ шуд? Чаро ў мансабталош шуд?!

Чаро ў дидаву дониста ба чунин иқдом рох дод?! Бубинед, дар берун хуни мардуми бегунох мерезаду «соҳибони, миллат»-и бесарнавишт бошанд, дар такопўйи мансабанд.

Боз соҳиби кадом мансаб? Он мансабе, ки моломоли хуни инсони бегунох аст!

Охир, Латифӣ чӣ гуна дар вақти тақсими мансаб битаво-

нист аз баҳри дӯст ва хеши хунин худ Абдунабӣ Сатторзода барояду худ соҳиби мансаб гардад?

Магар инсофу одамият он набуд, ки ӯ аз баҳри вазифаи Вазири корҳои хориҷӣ мебаромаду Абдунабӣ Сатторзодаро ба вазифаи Вазири маорифи ҷумҳурӣ пешниҳод мекард.

Ӯ олими шоиставу шинохтаи ҷумҳурӣ буд, кори маорифро бисёр хуб медонист. Бехуда нисбати мансабу мансабталошӣ нагуфтаанд, ки «Ҳар он кас аз илму фарҳанг дур монад, меҳри ҷоҳу мансаб дар дилаш аланга занад».

Аз тарафи дигар, аз рӯи ҳақиқат нигарем, сиянну соли О. Латифӣ ба ҷое расидааст, ягон забони хориҷиро намедонад, мутахассиси соҳаи Вазорати корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии байналхалқӣ ҳам набуда, соате ва ё рӯзе дар ин маслак коре накардааст. Гузашта аз ин, аз рӯи мақолаҳои яктарафаю бе далели ӯ як қисм давлатҳои хориҷӣ ҷумҳурии моро ба чашми нек наменигаранд. Пас, аз рӯи кадом асосу далелҳо даъвои соҳиби вазифаи Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии байналхалқӣ шудан дорад?!

Ин ҳаракати ноҷою бемантиқ ба монанди он аст, ки вақто ба пои асп наъл мезананд, курбоққа ҳам пайравӣ ба асп карда, даъво мекунад, ки ба пои ӯ ҳам наъл зананд. Охир бародар, агар ҳар буз хирман мекӯфт, хоҷат ба барзгов набуд-ку!

Бо ҳамин дӯстон Отахон Латифиро ба муносибати ба вазифаи Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии байналхалқӣ таъин гардиданаш ба оғӯш гирифта, табрику муборакбод карда, лабони пур аз кина ва чеҳраи як банди беда мӯйдорашро бибӯсиданду гуфтанд:

— Устод, субҳ саҳари 11. 05. 92 с. бо амри худои ҳаждаҳ ҳазори олам, тавассути дастгирии мою Муҳаммад саллалоҳи алайҳи васаллам бо имзои Раиси ҷумҳур мӯҳтарам Р. Набиев дар бораи ба вазифаи Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудани шумо тавассути ахбори умум фармон дарҷ мегардад. Бо тезӣ рафта, дар курсии вазирӣ нишинеду корро сар кунед. Он чӣ ки шумо хостед, ҳамон шуд ва моро ҳам фаромӯш накунеду ба ягон мамлакати хубу фаровоннеъмат посол-мосол карда фиристонед. Хуб, акнун шаб бевақт шуд. Дурустакак шуморо дар утоқи кориатон табрик мекунему мебӯсем.

Хайр, аз номи мо келинро ҳам табрик кунед. Шояд хабари хушро шунида, фишорашон паст шаваду дарди сарашон бимонад. Он кас бисёр ҳам азият кашиданд, мунтазири чунин зафарҳо буданд. Ҳамчунин вақти таъсис намудани гурӯҳҳои сафарӣ ба хориҷа нерӯҳои демократию аҳзоби сиёсии ҷонибдоратонро аз хотир фаромӯш накунед! Бо ҳамин домани Отахон Латифӣ ва дигар дӯстони панҷакентиро пур аз чормағзи пуч

карда гуселонданд. Онҳо хушу хурсандона ба хонаҳои худ баромада рафтанд ва мунтазири баромадани фармони Раиси Ҷумҳур буданд...

Роҳбарони оппозитсия бошанд, мағзи сар об мекарданду фикр менамуданд, ки чӣ гуна «ҷавонмардон»-и мастҷоҳиро ба лаби дарё ташна бурда ованд, чунки онҳо ҳам барои табаддулоти давлатӣ хизмати «арзанда» карда буданд, ки вакили онҳо Дӯстмуҳамади Дӯст, Салим Аюбзод, Бурҳони Ғанӣ соҳиби курсии мансаб бигарданд. Охир, онҳо чӣ гуна аз майдони ғалаба дасти холӣ бармегарданд, нангу номусу орияти мастҷоҳигӣ чӣ мешавад?

Чунон ки бузургон фармудаанд:

Ҳуҷуми дард печидаст хастӣ то адам Беднл.
Ту ҳам гар гӯш дорӣ, нолае хоҳӣ шунид ин ҷо.

Роҳбарони оппозиция ба хулосае омаданд, ки Мансур Султоновро аз курсии ҷонишини раиси Кумитаи садою симои ҷумҳурӣ дур созанду ба ҷояш вакили гурӯҳи оппозиция аз Мастҷоҳ, сардабири рӯзномаи «Чароғи рӯз» Салими Аюбзодро шинонанд. Ба гурӯҳи дастгиркунанда (группа захвата) фармони қатъӣ дода шуд, ки илоҷе карда, Мансур Султоновро аз кӯчое набошад, дастгир намоянду ба ҳабсхонаи театри ба номи А. Лоҳутӣ оварда, азобу шиканҷааш диҳанд, то он ки аз баҳри мансабу хонаю ҷо баромада, аз Душанбешаҳр фирор намояд. Онҳо дар даст силоҳ ба кофтукови Мансур Султонов баромаданд ва ӯро аз утоқи кориаш дастгир карда, ба зиндони оппозиция таҳхонаи театри ба номи А. Лоҳутӣ, ки барои ба охир расонидани таъмираш наздики 2 миллион сӯм ёфта будем, партофтанд... Ин масъала бо тезӣ ҳалли худро ёфт, чунки барои ҳукуматдорон фарқе надошт, киро аз мансаб дур намоянд, ҳар талабе, ки роҳбарони оппозиция пешниҳод мекард, онҳо лаббай гӯён, даст пеши бар ин ҷо мекарданд. Ҳукуматдорон ҳамон замон барои аз вазифа сабукдӯш сохтани Мансур Султонов розигӣ доданд.

Бародарони мастҷоҳии тарафдори оппозиция, ки барои соҳиби мансаб шудани ҳамшаҳриашон заҳмати зиёде кашида буданд, аз он шодӣ мекарданд, ки бо амри худову дастгирии ҳазрати Муҳаммад мустафо саллаллоҳи алайҳи васаллам онҳо низ аз «дарбор» бенасиб набаромаданд. Ҳаммаслаконашон қадршиносӣ карда, ба вакили онҳо ҳам амалакеро лонқ диданд. Аз ҷунин илтифот болида, такрор ба такрор шукри зафарҳо мекарданд. Ва хурсандона, бо даҳони пур аз ханда Бурҳон Ғанӣ пеш-пешу онҳо аз дунболи ӯ аз боргоҳи тақсими вазифа баромада, ба хонаҳои худ рафта, мунтазири дар ахбори умум дарҷ гардидани фармони Раиси Ҷумҳур шуданд.

Ба Мӯсо-паҳлавон мансаб нарасид. Ӯ дар дил орзуи соҳиби мансаби раис, ё муовини раиси Гумруки ҷумҳурӣ шудаашро мепарварид. Вале чӣ мегӯед, ки дар он шабу рӯз дар «дарбори тақсими вазифа» сухан ҳамеша муқобили амал амалӣ буд, зеро дар дохили оппозиция боз оппозицияи дигаре буду дар дохили маслиҳат боз маслиҳатҳои хоссае буд, ки то ҳол зоҳирану ботинии барои бисёриҳо торику номаълум монда.

Пас аз гуселонидани он гурӯҳи оппозиция, ки зодаи Зарафшон буданд, Давлат Худоназаров, Шодмони Юсуф, Муҳаммадшариф Химмататзода, Давлати Исмон ва Тоҳири Абдуҷаббор маслиҳати хосса оростанд. Дар рафти маслиҳат ба хулосае омаданд, ки ягон мансабро ба гурӯҳи оппозицияи водии Зарафшон додан лозим нест.... Бахусус, мансаби Вазири умури хориҷа ва робитаҳои иқтисодию байналхалқӣ ва ҷонишини раиси Кумитаи Садою симои ҷумҳурӣ нуқтаҳои бисёр ҳам ҳассосу ҳалкунанда мебошанд.

Аз ин лиҳоз онҳо якҷиҳатона ба сарвазир А. Мирзоев пешниҳод карданд, ки ба вазифаи Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии байналхалқӣ муаллими донишкадаи педагогии забони русии Душанбешаҳр Худойбердӣ Холиқназаров, ба вазифаи ҷонишини раиси Кумитаи Садою симо бошад, Маҳмадалӣ Ҳайтовро таъин кунад. Таклифи онҳо аз тарафи ҳукумат ва Раиси Ҷумҳур бе мамониат пазируфта шуд. Бо ҳамин рӯзи дигар тавассути воситаҳои ахбори умум фармони Р. Набиев «Дар бораи ташкили ҳукумати Муросои миллии Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон» дастраси мардуми ҷумҳурӣ гардид, ки дар он гурӯҳи оппозиционие, ки аз водии Зарафшон буд, ному насаби худро наёфта, ба набудани ҳақиқату адолат ва фиреби дӯстонашон, ки нисбаташ мегуфтанд: Тоҷикистон интизори Рустам (Давлат Худоназаров) аст, «Ӯ аз мо боло буд ва мо ӯро аз зер дида натавонистем» («Ч. Р.», № 22 (43) 1992 с.) дучор гардида, бори дигар боварӣ хосил карданду ғамгин гаштанд. Охир, аз кӣ ҳам менолиданд? Аз дӯстону ҳамфикрони «демократ»-и худ ё аз тақдири нобасомони худ ва ё аз дигарон... Оҳи сард аз дили пурдард кашиданду гуфтанд: — бисёр афсӯс, моро фиреб доданд! Битавонистанд моро ба ҳамдиёриёни худ ҷанг андохта, рӯтурши мардум созанд...

Воқеан, тамоми нақшаҳои кашидаашон чун хубобчаҳои болои кӯлмакҳои боронӣ баҳорӣ пеши назар пайдо мешуданду дафъатан ғайб мезаданд.

Бояд иқрор шуд, ки аз рӯи ҳақиқат, бе тарафкашию маҳалгароӣ онҳо аз ҷиҳати донишу малакаи корӣ, ақлу заковат, истеъдоди фитрӣ аз Абдунабӣ Сатторзода ва Отахон Латифӣ якчанд сару гардан паст меистоданд, вале «Бубин, тафовути раҳ аз кучост то ба кучо!»

Агарчӣ пешниҳод нисбати ба вазифаи Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии байналхалқӣ таъин кардани Отахон Латифӣ воқеан ба манфиати ҳукумати Мусолиҳаи миллӣ буд, вале афсӯс, ки инсон ноҷавонмардиҳои зиёду ҳаёт қонунҳои нонавиштаи худро дорад. Ҳамин буд, ки Шодмони Юсуф, Давлат Худоназаров, Муҳамадшарифи Ҳиммататзода, Давлати Исмон ва Атобеки Амирбек побанди ҳисси маҳалгароӣ шуда, барои ба курсии вазирӣ нишондани ҳамдиёри худ Х. Холиқназаров, ки ба ғайр аз дарси маҳалгароӣ сабақи дигаре аз илми дипломатияи иқтисодӣ нагирифта буд, камар бастанд... Ин гуфтаҳоро фаъолияти баъдинаи Х. Холиқназаров дар курсии вазирӣ ба хубӣ исбот намуд. Дар озмунҳои ташкилнамудаи ин вазорат барои кору хониш дар курсҳои дипломатӣ қариб ба таври пурра ҷавонони Бадахшонию қаротегинӣ «ғолиб» омаданд.

Имрӯзу фардо худо шоҳид аст, ки Отахон Латифӣ, Лоиқ Шералӣ, Додоҷон Атовуллоев, Баҳманёр, Сафар Абдулло, ва умуман нерӯҳои «демократӣ»-и ноҳияи Панҷакент барои рушду камол ва таблиғи Давлат Худоназаров хизмати беминнати зиёде кардаанд. Дар давраи интихоботи Раиси Ҷумҳур Отахон Латифӣ раиси штаби интихоботии Давлат Худоназаров буд. Шаҳрвандон худ гувоҳанд, ки ин штаб бо сардории Отахон Латифӣ барои ноил шудан ба ғалаба чӣ гуна ҷонбозиҳо мекард: шабу рӯз медавид, аз тамоми воситаҳо истифода мебурд, ба корҳои паст даст мезад, шеъру мақолаҳо навишта ӯро ба осмонҳо мебароварду ба Рустами достон ташбеҳаш медоданд. Кам монда буд, ки Давлат Худоназаровро дар қатори пайғамбарон гузоранд. Вале Давлат Худоназаров хизматҳои бебаҳои Латифиро ҳамсафонашро зери по гузошт, ғурури маҳалгарони ӯ боло гирифт ва чун каргаси гуруснаи болои маслуки ҳаром афтода чашмонаш раҳнамоёну маддоҳонашро надида монданд.

Ҳар кас ба меҳнату ҷонбозиҳои худ дилаш месӯзад. Чӣ илоҷ, забону дили бисёр касон на ҳамеша ҳамоҳанганд.

Ба ҳамин тариқ, Отахон Латифӣ, Додоҷони Атовулло, Дӯстмуҳаммади Дӯст, Сафар Абдулло ва дигар бародарони зарафшонӣ, ки ба номи ин водии дар ҳақиқат зарфишон иснод оварданд, аз майдони муборизаи «таксими курсӣ» бо сари ҳам, дили пурдарду алам, бадани ларзон ва умедҳои барбодрафта хориҷ шуданд. Доғу ҳасрати мансаб дар дили онҳо лона гузошта, ба мағзу устухонашон ҷо шуда бошад ҳам, бисёр дастнорас гардид. Ба фикрам, ҳасрати ҷоман амал пӯшидани ин орзуҳояшонро ба гӯр хоҳанд бурд...

Вале бояд дарк кард, ки ҳақиқат дар ҳама давру замон ҳамеша нисбӣ буд ва нисбӣ хоҳад монд, чунки ҳар фард ҳақиқатро бо фаҳмишу ақлу заковати худ баҳо медиҳаду ҳара-

кат мекунад, ки бахри манфиати худ бахо бидиҳад. Хеч кас, на шоху на гадо камбудию норасои худро пурра дида ва бахо дода наметавонад. То он замоне, ки муносибати инсонӣ вучуд дорад ва онро дуруст дарк намекунанд, то замоне, ки дар вучуди инсон нафс мавчуд асту мағзу пайвандашро мемакад, куввахои неку бад, хайру шар хар дакика ба хам дар вучуди ӯ дар чанганд ва дар замири инсон қувваи нафс ва худбинӣ амал мекунад, намегузорад, ки ба амалиёту хакикат бахои пурра дода шавад.

Алалхусус, он шуурнокие, ки имрӯз бештари зиёнёни мо доранд, пурра ба касалии маҳалгаройӣ гирифтор шуда, хакикатро низ аз диди маҳалли хеш мавриди интикод карор медиҳанд, ки ин бисёр даҳшат аст, ки ханчар ба камари якпорчагии давлати точикон мезанад. Ёдовар мешавам, ки касалии маҳалгаройӣ ва пастии шуурнокӣ буд, ки барои мансаб шуда, дастаи нохалафону куррахарон хуни хазорхо мардуми бегуноҳро резонданд.

Барои чанги бародаркуширо ба роҳ андохтан солҳои дароз мардумро гумроҳ намуданд, нақшаҳо кашиданд, силоҳ чамъ оварданд, дар таҳхонаҳои масочид ба чои дарси ислому каломи Оллоҳ ба чавонон машқҳои чангӣ омӯзонданд, оқибат падару модаронро ашкрезону чигарбирён карданд, обрӯи дини мубини ислом ва миллати точикро дар арсаи чаҳонӣ резонданд ва шарафи миллатро ба замин заданд. Дар назди миллату китоби муқаддаси Қуръони мачид чинояте содир карданд, ки бо луфтанаш забон лол мешаваду бо шуниданаш гӯшҳо кар. Наузанбиллоҳ!!

Аз тарафи дигар, рохбарони опозиция сарвазири чумҳурӣ А. Мирзоев ва дигар шахсони масъул натавонистанд, ки ақли солимро ба кор баранду ба Р. Набиев он ҳукумати Муросои миллиеро пешниҳод намоянд, ки дар ҳақиқат аъзоёни он бо обрӯю эътибор, бо эҳтироми шахсии худ, ақлу заковат ва кордонию коршиносӣ битавонанд мардуми азияткашидаю ба шӯромадаро ба муросо даъват намоянд. Онҳо битавонанд, ки миёни тамоми мардуми марзу буми чумҳурӣ, қатъи назар аз миллату мазҳаб ва маҳаллаш, бираванду чун бародар сӯҳбат бикунанд. Тавонанд, ки фикру акидаи солими хешро бифаҳмонанд, мардумро ба муросо даъват намоянд. Ва халқ ба онҳо бовар кунад, силохро ба замин бигзорад, ба бародаркушӣ хотима бахшаду аз паси кори нишон равад ва зиндагии худро сомон диҳад. Вале бисёр афсӯс, ин тавр нашуд: ба ҳайати ҳукумати Муросои миллӣ ашхосе ворид гардиданд, ки барои халқи чумҳурӣ намоён набуда, арзише надоштанд ва кори арзандае низ то ба сари кудрат омаданашон накарданд, кариб касе

онҳоро намешинохт, ба қисми онҳо бо чашми нафрат менигаристанд.

Бо мақсади фамидани он, ки кӣ кӣ аст, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи таъсис намудани ҳукумати Муросои миллӣ ба хонандагони арҷманд пешкаш мекунам:

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### «Дар бораи ташкили ҳукумати муросои миллии Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Тибқи созише, ки миёни Президент, Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳосил гардид, қ а р о р м е к у н а м:

1. Ҳукумати муросои миллии Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати зерин ташкил шавад:
Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон — Мирзоев Акбар.
Муовини аввали сарвазир, намояндаи ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Маскав — Каримов Ҷ. Ҳ.

Муовини сарвазир — Саидмуродов Ҳ. М.
Муовини сарвазир — Хайруллоев С.
Вазорати умури дохила — Навҷувонов М. Н.
Вазорати робитаи хориҷӣ — Холиқназаров Х. И.
Вазорати обу ободонӣ — Нуров А.
Вазорати тандурустӣ — Инъомов Ҷ.
Вазорати маориф — Вазиров З.
Вазорати саноат — Умаров К.
Вазорати алоқа — Усмонов И.
Вазорати кишоварзӣ — Акбаров Ҳ.
Вазорати таъминоти иҷтимоӣ — Абдураҳмонова М. С.
Вазорати нақлиёт — Сафаров Б.
Вазорати савдо ва захираҳои моддӣ — Солиев Х. З.
Вазорати матбуот ва ахбор — Маҳмадов Б. А.
Вазорати иқтисодиёт ва моликият — Давлатов И.
Вазорати ҳифзи муҳити зист — Назриев М. Н.
Вазорати адлия — Абдуллоев Ф.
Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон — Азимов Ҳ.
Кумитаи давлатии сохтмон ва меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон — Абдуллоев Т. А.
Кумитаи давлатии варзиш ва туризми Ҷумҳурии Тоҷикистон — Рустамова З. С.
Кумитаи давлатии кор ва таълими коргарони Ҷумҳурии Тоҷикистон — Зуҳуров Ш.

Кумитаи давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Каримов И. Х.

Кумитаи амнияти миллӣ — Солеҳбоев А. А.

Кумитаи мудофиа — Раҳмонов Б. Н.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев.

шаҳри Душанбе, 11 маи соли 1992.

Ба ин рӯйхат муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҷаноби» Давлати Исмонро ҳам бояд ҳамроҳ намуд, чунки онро баъди ба имзо расидани фармони мазкур бо фишору зӯроварии оппозиция таъин гардонидаанд. Акнун биёед, бо ҳамроҳии Шумо, хонандагони арҷманд, дафтари аъмоли баъзе аз узвиятҳои ҳукумати Муросои миллии Девони Вазиронро аз нуқтаи назари қонун таҳлил намоем, то ки аввал худи мо ба як хулосаи мушаххасе биёем ва бифаҳмем, ки онҳо кистанд ва оё бо ақлу хирад худ метавонанд ҳукумати Муросои миллиро дар ҷумҳурие, ки чандин миллату халқият зиндагонӣ мекунад, идора карда, оромиву ободии онро таъмин намоянд?

Дар ин маврид месазад, ки аввало истилоҳи ҳукумати Муросои миллӣ аз ҷиҳати қонунию мантиқӣ таҳлил гардад. Мо бояд пеш аз ҳама ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҳукумати миллӣ шиносем ва эътирофу эҳтиром кунем. Сипас, ҳукумати таъсисёфта битавонад ҳуқуқу манфиатҳои тамоми миллатҳои дар Тоҷикистон кору зиндагонӣ мекардагиро бо механизмҳои мавҷудаи давлат дар ҳар вазъияту шароити ба миён омада баробар ҳимоя бикунад.

Ҳукумат ҳимояи реалии ҳуқуқу манфиатҳои дигар миллатҳоро танҳо ба воситаи вакилони эшон, ки дар дастгоҳи раёсати ҳукумат вориданд, метавонад таъмин намояд. Агар мо хоҳем, ки воқеан давлати демократию ҳуқуқбунёд созем, бояд ибтидо худамонро аз маризии сироятқунандаи миллатчигию маҳалгароӣ табобат кунем. Хуну мағзу пайвандамонро пок кунем ,зоҳиран ва ботинан покиза бошем. Фарзандонамонро дар рӯҳияи дӯстию бародарӣ нисбат ба дигар халқу миллатҳо тарбия намоем. Давлати демократию дунявии ҳуқуқбунёдро бо сафсатафурӯшиву чашмбандӣ, гапҳои сохтаву бофта, шиорпаррониҳои сурху сабзу сиёҳи бе замина сохтан имконнопазир аст. Барои ин заминаи реалӣ, дили софу пок ва бегараз бояд дошт!

Имрӯз, аз як тараф ҳукумат чунин базаи реалӣ насохтааст, аз тарафи дигар, шумораи зиёди аъзоёни он ва интеллигенция, аҳзоби сиёсии имрӯзаи тоҷик дилҳои пур аз кудурату рақобат нисбати якдигар доранд, ки бештарашон қонибдори пешравии ҷамъият, некӯаҳволии халқи он мебошанд. Барои тавзеҳи ин андеша ба сифати далел аснодеро пешкаш медорам:

Ба ивази ин «мўъҷиза» ҷумҳурӣ ва халқи он ба ғайр аз костагии иқтисодиёту сиёсат бохти гўшношунид кард — ҳазорҳо шаҳрвандон маъюбу маслуқу бехонумон шуданд, ихтилофоти амиқу аниқ миёни маҳалҳо ва миллатҳо ба даст овард, обрўи милати тоҷик дар чашми ҷаҳониён коста гардид...

Ҳаман инро ман ба дўши аҳзоби сиёсӣ, роҳбарони мухолифин Шодмони Юсуф, Муҳаммадшариф Ҳиммatзода, Давлати Исмон, козикалон Акбар Тўраҷонзода, Тоҳири Абдуҷаббор, Давлат Худоназаров ва он зиёиёне, ки ҷониби табоҳкорро дастгирӣ мекарданду ба оташ ҳезум монда, аз дур «завқ бурда, ришханд мезаданду барои амалӣ шудани чунин аҳдофи хеш ахбори умум ва Садою симои ҷумҳуриро чун моли падарашон истифода мекарданд, ҳавола мекунам....

Илова бар ин, ҳама ҷор мезананду иддао доранд, ки муросои миллӣ таъмин карда шавад. Охир, он чӣ гуна таъмин гардад, ки дар ҳайати ҳукумати Муросои миллии таъсиснамуда якто ҳам аз бародарони ўзбекзабону русзабон нест. Агарчӣ зиёда аз 1.250 ҳазор аҳолии Тоҷикистон ё 25 фоизро бародарони ўзбек ташкил медиҳанд, ба ғайр аз қирғизону туркманҳо ва қазоқҳо. Зиёда аз 500 ҳазор русзабонон дар Тоҷикистон кору зиндагонӣ мекунанд. Пас, чаро аз миёни онҳо як ё ду марди кордон, мутахассиси дорои ақлу хиради баланд пайдо нагардид, ки сазовори вазифаи аъзои ҳукумати Муросои миллӣ бигардаду мардуми ҳаммиллату ҳамзабони худро ба муросою мадоро даъват кунад?! Пас, дар бораи кадом муросо сухан меравад?

Ва имрўз кадоме аз он ашхосе, ки аъзои ҳукумати Муросои миллӣ шудаанд (Давлати Исмон, Худойбердӣ Холиқназаров, З. Вазиров, Ҳайдаршоҳ Акбаров, Бозоралӣ Сафаров, Маҳмадаёз Навҷувонов) метавонанд, ки ба назди бародарони ўзбек, туркман, қирғиз ва рус баромада, онҳоро ба муросои миллӣ даъват кунанду аз кўч бастан боздошта, аз роҳи бародаркушию бадбинӣ баргардонида, нагузоранд, ки аз ватани худ, аз он сарзамине, ки хуни нофи падару бобоёнашон рехтааст, бираванд.

Аз ҳаман онҳо маъзарат мехоҳам, ба шахсияти онҳо хурдтарин зиддияте низ надорам ва имондорона мегўям, ки касе аз онҳо аз ўҳдаи чунин вазифаи муқаддас набаромаданд, ба пеши мардум нарафтаанду дар оянда ҳам баромада наметавонанд!? Ҳукумати онҳо оқибат надорад!

Чаро? Посухи ин савол он аст, ки онҳоро шумораи ночизи мардуми ҷумҳурӣ мешиносанд, алалхусус миёни бародарони ўзбек, туркман, қирғиз, русзабонон ва ғайра маҳбубияту шиносоии лозимаро надоранд. Ба пиндори ман, онҳо, ки хуни мардумро резонда, бо зўрии силоҳ сари қудрат омадаанд, ба

садоқати мардум ҳеҷ гоҳ сазовор нахоҳанд гардид. Ба чохе, ки канданд, худашон хоҳанд афтид!

Аз тарафи дигар, танҳо аз вилояти Бадахшони Кӯҳӣ, чӣ тавре ки мегӯянд, иштиҳо дар вақти хӯрок пайдо мешавад, ба ҳайати ҳукумати Муросои миллӣ панҷ нафар вазир дохил шудааст. Имкон дорад, ки онҳо шахсони болаёқату кордон бошанд, вале дар вақти таъсис намудани ҳайати ҳукумати Муросои миллӣ мебоист роҳбарони мухолифин ва дигар шахсони масъул панҷ панҷаро ба даҳон назада, каме инсофу андеша мекарданд, ки дар ҳайати Тоҷикистон дигар вилояту водиҳо ҳам вуҷуд доранду вуҷуд доштани чумҳурӣ ба онҳо низ вобастагӣ дорад, ҳуқуқу манфиати онҳоро ҳам касе бояд ҳимоя кунад. Охир, шахсони кордону бо ақлу хирад ва мутахассисони хуб дар водии Ҳисор, Кӯлоб, Зарафшон, Хуҷанд, Душанбе-шаҳр ва дигар водию вилоятҳо вуҷуд доштагист...? Пас, чаро аз ин водиҳо ягон вазир, ягон аъзои ҳукумати Муросои миллӣ нест? Охир, инсоф ҳам лозим аст!!

Чавонони Шоҳмансур даъвои бисёр дурусту қонунӣ карданд, ки барои курсии мансаб шуда, студияи телевизионро бо азобу машаққати зиёде чонро ба кафи даст гирифта, ишғол намуданду вазифае, ки дар назди онҳо роҳбарони оппозиция гузошта буданд, «сарбаландона» ичро карданд. Вале дар вақти тақсими мансаб аз хотири роҳбарони оппозиция фаромӯш шуданд. Ба онҳо ягон мансабро раво надиданд... Албатта, амалиёти онҳо мансабталабонаю ноҷавонмардона ва «қаҳрамоначашон» барои пул буд, ки барои курсии мансабу пул шуда бадбахтиро насиби мардуми чумҳурӣ карданд.

Чаро чунин рафтор намуданд?!

Магар барои ба даҳонашон кулф задан як курсии вазириро ба чавонони Шоҳмансур додан мумкин набуд? Охир, хизмати «шоиста» карда буданд-ку? Магар дар дохили зодагони Шоҳмансур ҳама дузду чинояткор буд, ягон шахси болаёқату кордон ва дорои ақлу заковат ёфт нашуд?

Не, ин чо асли масъала дигар аст ва якинан мӯчиби асосии ин кор маҳалгароист!

Охир, вақте ки аз як вилоят ба ҳайати ҳукумати Муросои миллӣ панҷ нафар вазир ё аз як водӣ ду нафар муовини Сарвазир дохил гардид, чаро ба шоҳмансуриҳои хидмати хирсона карда амалакеро раво надиданд? Чунки дар он шабу рӯз роҳбарони оппозицияро саги девона газида буду ба гайр аз курсии мансаб чизи дигарро чашмашон намедид, вале ашхоси миёнарав ва ҳукуматро чӣ газида буд, то фикр намоянд, ки ин амали эшон дар байни аҳолии маҳалҳо, вилоятҳо ва водиҳои дигари чумҳурӣ нофахмиҳои зиёдеро ба бор оварда, сабаби даргириҳои тоза ба тозаи ҷанги бародаркушӣ мегардад?

Охир, ин ашхос наметавонанд муросои миллиро таъмин намоянд, зеро дар миёни мардуми дигар вилояту водӣ, алалхусус, дар ин вазъияти муташанниҷи ҷумҳурӣ, ки ҷанги бародаркушӣ давом карда истодааст, таъсир, обрӯй ва эҳтироми казоие надоранд. Бино бар ин, то имрӯз касе аз онҳо ба назди мардуми вилояти Қӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ленинобод ва водии Ҳисор набаромадааст. Мардумро ба муросою мадоро, гирифтани пеши роҳи хунрезию бародаркушӣ даъват накардаасту барои боздоштани шахсоне, ки ҷои истиқоматашонро тарк карда истодаанд, чорае наандешидааст. Баръакс, худашон баъзан ошкоро ва пинҳонӣ барои чунин корҳои «нек» шароити мусоид фароҳам оварданд. Ё бо ин роҳ мехостанд миллати баргаштабахти худро аз ин бадбахтию хонумонсӯзиҳо бароранд? Охир, инсоф диҳед, онҳо ҳам фарзанди ҳамин миллати бесарнавишт мебошанд. Онҳоро ҳам модари сарсахту зори тоҷик таваллуд кардааст; дар хуну мағзу пайвандашон нангу номуси ин миллат ҷойгир шудааст.

Пас, барои ҳалол карда хӯрдани маошн «вазирӣ» кор мебояд кард, заҳмат мебояд кашид, ранҷ мебояд бурд!!

Вале ҳайҳот, ки онҳо аз ӯҳдаи иҷрои вазифаи мукаддаси худ наҳоҳанд баромад, чунки аксаран белаёқатанд.

Мардуми ҷумҳурӣ ва ҳатто ҷаҳон бисёр хуб дарк кард, ки ба сари мансаб омадани ин гурӯҳи ноасл ба сари мардум бадбахтӣ оварду хуни ҳазорҳо мардуми бегуноҳро резонд.

Баъзе аз онҳо донишманди бузург ё мутахассиси хуби соҳаи хеш бошанд ҳам, малакаи ташкилотчигӣ, сиёсатмадорӣ надоранд. Дар ҷумҳурӣ шахсоне, ки нисбати онҳо аз ҷиҳати ақлу заковат, сиёсатмадорию ташкилотчигӣ, мутахассиси хуби соҳаи худ будан чанд сару гардан баландтар меистанд, хело зиёданд. Бояд иқрор шуд, ки онҳо ҳатто аз вазирони пештара, ки чонишини курсии онҳо гаштанд, афзалияте надоранд. Метавонам бо ҳамроҳии Шумо ҳар яки онро бо роҳи муқоиса бо дигарон таҳлил кунам ва ин набояд ба иззати нафс ва шахсияти онҳо расад ва агар чунин шавад, пешакӣ маъзарат мехоҳам. Биёед, шахсияту ташкилотчигӣ, кордонию ақлу заковати собиқ вазири кишоварзии ҷумҳурӣ Ваҳҳоб Воҳидовро бо Ҳайдаршоҳ Акбаров муқоиса намоем ва худи хонандаи амиқназар хулоса барорад. Бояд иқрор шуд: — Ҳайдаршоҳ Акбаров каму беш аз адабиёт бохабар аст, танҳо аз ҳамин ҷиҳат аслашро надониста эҳтиромаш мекардам. Вале хуб медонам, ки ӯ аз ӯҳдаи иҷрои вазифаи раиси комиҷроияи ноҳияи Қалъаи Хумб набаромад, агарчӣ худ зода ва истиқоматкунандаи ҳамин ноҳия буд. Ва депутатҳои халқи ноҳияи Қалъаи Хумб бо як овоз ӯро аз ин вазифа сабукдӯш сохтанду каси дигарро интихоб карданд. Охир, ӯ ки дар ноҳияи худ эҳтирому эътибо-

рӣ ҷиддиву самимӣ касб накарда бошаду дар ноҳияи Қалъаи Хумб ва вилояти Бадахшони Кӯҳӣ ба ӯ ягон вазифаро лоиқ надидаанд, чӣ тавр метавон бори ғами панҷуним миллион нафарро бар ӯ бор кард?!

Ёд дорам, собиқ раиси Шӯрои Олӣ Қадриддин Аслонов, аввал ӯро иғвогару белаёқат ҳисобида, ҳатто ба вазифаи мутахассиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ба кор нагирифта буд.

Рӯзе Нарзулло Дӯстов Ҳайдаршоҳ Акбаровро ба назди ман овард. Он вақт вазифаи мушовири давлатии назди Президенти ҷумҳурӣ онд ба назорати иҷрои қонун, фармонҳои президент, қарорҳои Девони Вазиронро иҷро мекардам. Дар сӯҳбат Ҳайдаршоҳ Акбаров ба мо арзи дил кардаву собиқ Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Қ. Аслонов, роҳбарони ВАБҚ ва ноҳияи Қалъаи Хумбро тавре ки тавонист сиёҳ кард ва хоҳиш намуд, то ӯро ба кор қабул намоям. Азбаски дар кумитаи назоратӣ ҷои холӣ набуд, ба ӯ фаҳмондам, ки хоҳиши ӯро қабул карда наметавонам. Сипас, Ҳайдаршоҳ Акбаров аз мо илтимос кард, ки аз раиси Кумитаи Шӯрои Олӣ онди масъалаҳои аграрӣ ва шуғли аҳолӣ Ҳикматулло Насриддинов илтимос намоем, то ки ӯро ба вазифаи мутахассиси кумита ба кор қабул намояд. Рости гап, ба хотири Нарзулло Дӯстов ва ба нияти он, ки як нафар музтару корафтодаи имдодталаб ба мақсад расида бошад, ба аҳволи Ҳайдаршоҳ Акбаров раҳмам омаду рафта хоҳиш кардам, ки илоҷе карда ӯро ба кор қабул намояд. Ба гумонам, дигар ҳоҷати шарҳу баён набудагист.

Хулоса, агарчӣ Ҳайдаршоҳ Акбаров дар зодгоҳи худ аз ӯҳдаи раиси комиҷроияи як ноҳияи бисёр хурд, ки ба як хоҷагӣ баробар аст, набаромада, дар миёни мардуми худ обрӯю эҳтиром пайдо накарда бошаду ҳамдиёронаш ӯро аз ноҳия ҳатто пеш карда (чӣ тавре ки худи ӯ ба мо арз кард) бошанд, пас чӣ гуна дар вазъияти бисёр ҳам гирехбаставу ҳассоси кунунии иқтисодӣ, кризиси сиёсӣ, нофаҳмию бародаркушӣ, рақобат дар миёни маҳалҳо метавонад аз ӯҳдаи роҳбарӣ кардани Вазорати кишоварзӣ, ки қариб 70 фоизи ҷумҳуриро ташкил медиҳад ва таъминоти халқи ҷумҳурӣ ба маҳсулоти он чашмнигарон аст, барояд?!

Бонси бадбахтист ва бисёр нофаҳмост, ки вақто ӯро ба ин вазифаи бисёр ҳам масъул пешниҳод карданд, кадом хислату тавонойӣ ва ташкилотчигии ӯро ба ҳисоб гирифта бошанд? Оё худи ӯ ба ишғоли ин вазифаи ниҳоят мушкилу ҳассос ба кадом гурда ва ҷуръату эътимод ризоияти хешро дода бошад?!

Агар Ҳайдаршоҳ Акбаров дар ноҳияю вилояти хеш обрӯю эҳтиром надошта бошад, маъзарат мехоҳам, чӣ гуна метавонад, ки фикру ақидаи хешро онди ҳалли ин ва ё он масъалаи кишоварзӣ бо деҳқонону роҳбарони хоҷагӣ ва мутахассисони

соҳаҳои мухталифи зироати дигар ноҳияю вилоятҳои ҷумҳурӣ пешниҳод намояд. Имондорона мегӯям, ҳеҷ гоҳ ба ин малака, донишу ақлу заковати ӯ намерасад ва нахоҳад расид, ки ин бисёр бад аст.

Аз ин сабаб дар давоми 6—7 моҳ ба ягон ноҳияю вилоят ва хоҷагиҳои ҷумҳурӣ набаромадааст, бо деҳқонону мутахассисон, роҳбарони хоҷагӣ ҳамсӯҳбат нашудааст, мардумро ба меҳнати софу пурсамар ва якдилӣ даъват накардааст. Кори арзандае нисбати адои вазифаи худ ба анҷом нарасонидааст. Дар бораи мӯътадил гардонидани вазъи ҷумҳурӣ, гирифтани нерӯи роҳи ҷанги бародаркуш хонаю ҷойи худро партофта ба дигар ҷумҳуриҳо рафтани деҳқонону мутахассисони варзидаи кишоварзӣ, несту нобуд гардидани зироатҳои хоҷагии кишлоқ, ки деҳқонон ба умеде дона ба хок рехтаанд, иқдоме накардааст. Суханҳои ӯро кӣ ҳам гӯш мекарда бошад?! Аввал донишу обрӯву эҳтиром ва баъд суҳан гуфтаанд. Пас, чӣ гуна ӯ метавонад, ки мардумро ба муросои миллӣ даъват намояд?

Дар муқоиса бо ӯ охир, Ваҳҳоб Воҳидовро деҳқонону мутахассисон, коркунони кишоварзии ҷумҳурӣ хуб мешинохтанд. Малакаи ташкилотчигӣ сиёсатмадорӣ, ақлу хирад ва одаму одамгарӣ дорад, ӯ метавонист ба ҳаман деҳаҳо, ноҳияву вилоятҳои ҷумҳурӣ сафар намуда, ба мардуми он, қатъи назар аз миллату маҳаллаш ҳамсӯҳбат шуда, ҳақиқати талхро бифаҳмонаду онҳоро ба муросои миллӣ даъват намояд, пеши роҳи хунрезӣ, аз ватан фирор кардани меҳнаткашонро бигирад...

Ё ин ки вазири корҳои хориҷӣ ва алоқаҳои иқтисодии байналхалқии ҷумҳурӣ Х. Холиқназаровро бо собиқ вазири корҳои хориҷӣ ва алоқаҳои иқтисодии байналхалқӣ Л. Қаюмов ҳаматарафа муқоиса намоем.

Бубинед, Х. Холиқназаров кист? Як нафар инсони маъмул, собиқ корманди хурди илмии институти ховаршиносӣ ва чанде муаллими институти педагогии забони русӣ, ки солҳои охир ҳатто чои кори аниқу амиқе надошта, лаҳзае ҳам дар Вазорати корҳои хориҷӣ ва алоқаҳои иқтисодии байналхалқӣ кор накардааст. Дуруст аст, ки ӯ ба сифати тарҷумон муддате дар Афғонистон буд, вале ӯ аз ягон мактаби дипломатӣ нагузаштааст. Афзалияташ он буда, ки аъзои Ҳизби демократ аз Бадахшон будааст.

Мумкин, Х. Холиқназаров ҳамчун хатмкунандаи факултаи забонҳои Шарқ бо забони форсии тоҷикӣ равону зебо ҳарф мезанад ва чӣ тавре ки як зумра намояндагони ахбори умум, аз ҷумла рӯзноманигори «Чароғи рӯз», ки дар дурӯғу тӯҳмат устукон надорад, ӯро ҳамчун дипломати варзида полиглот, ки ғайр аз забонҳои форсӣ, РУСӢ ВА англисиро равон мидонад ва дар арабӣ ҳам ба андозае балад мебошад, таърифу тавсиф

намуда, ба мардуми ҷумҳурию хориҷӣ муаррифӣ кардааст, вале тарси ман аз он аст, ки онҳо чун пештара ҳама чизро аз будаш зиёд нишон дода, мардумро ба иштибоҳ меандозанд. Ҳаман инро вақт нишон медиҳад...

Вале бо боварии том мегӯям, ки дар ҷумҳурӣ мутахассисони соҳаи вазорати умури хориҷӣ ва робитаҳои байналхалқӣ хело зиёданд, ки сари хешро дар ин соҳа сапед намуда, ними умри худро дар хориҷа гузаронидаанду сиёсати хориҷиро хуб медонанд, чанд мактабу курсҳои олии дипломатиро ҳатм кардаанд, забонҳои зиёди хориҷиро хуб медонанд. Ба замми он дар миёни ҳаман мардуми ҷумҳурӣ обрӯю эҳтироми хуб доранд ва метавонанд мардумро ба муросо даъват намоянд.

Мисол: чаро ба вазифаи Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурмуҳаммад Холовро таъин накарданд, ки ҳам худ аз водии Қаротегин мебошаду ҳам зиёда аз 15 сол аст, ки дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон кор карда истода, то ба вазифаи консули сафоратхона расидааст, якчанд забонҳои хориҷиро медонад, ба ғайр аз маълумоти олии шарқшиносӣ боз маълумоти олии дипломатӣ низ дорад, худ бисёр сиёсатмадори варзида буда, ақлу заковати волову олӣ дорад. Падари ӯро мардуми ҷумҳурӣ хуб мешиносанд ва эҳтиромаш мекунанд. Илова бар ин, имони комил шаҳодат медиҳад, ки ӯ на танҳо дар миёни мардуми водии Қаротегин, балки дар миёни тамоми халқи ҷумҳурӣ обрӯю эҳтироми хуб дорад.

Имрӯз ӯ яке аз ҷавонмардони бохирадн водии Қаротегин ба ҳисоб меравад. Метавонад дар миёни мардум бираваду онди таъмини муросои миллӣ бо эшон сӯҳбат намояд, барои пеши роҳи хунрезиро гирифтан ва бесилоҳ гардонидани мухолифин кӯшиш ба харҷ диҳаду кӯмаки амалӣ намояд...

Охир, дар вақти ҷо ба ҷо кардани кадрҳо, таъсиси ҳукумати Муросои миллӣ бояд лаҳзае андеша кард!!

Ё ин ки Оҳунлар Оламовро аз вазифаи Вазири наклиёт бе ягон асос озод карданду Бозоралӣ Сафаровро гӯё чун вакил аз мардуми вилояти Кӯлоб ба ин вазифа таъин карданд. Аввало О. Оламов мутахассиси олии соҳаи наклиёт буд ва кори соҳаро хуб медонист. Пеш аз таъини вазифа месанҷиданд, муайян мекарданд, оё Бозоралӣ Сафаров дар назди мардуми вилояти Кӯлоб заррае обрӯю эътибор дорад?... Магар метавонад барои таъмини муросои миллӣ хидмат бикунад, ҳуқуқу манфиатҳои мардуми Кӯлобро ҳимоя намояд? Оё метавонад ба вилояти Кӯлоб рафта, назди мардуми он суханронӣ намояд? Охир, онди ҳалли ин масъала бояд ба мардуми Кӯлоб маслиҳат мекарданд, фикру ақидаи онҳоро ба ҳисоб мегирифтанд...

Ҳангоме ки кас фармони Президентро дар бораи таъсиси

Ҳукумати муросои миллӣ аз назар мегузаронаду мувофиқ омадани онро бо номаш таҳлил мекунад, саволҳои зиёду пай дар ҳами бечавоб ба миён меоянд. Ҳаллу фасли ин саволҳо ҳамон вақт имконпазир мебуд, ки агар Ҳукумати муросои миллӣ аз рӯзҳои нахустин метавонист, ки вазифаи худро иҷро намояду пеши роҳи хунрезию бародаркуширо бигирад, кӯчбандию аз марзи ҷумҳурӣ фирор кардани мардумро боздорад, муҳофизати бехатарии онҳоро таъмин намояд, ҳамаи масъалаҳои ба миён омадани ҷонибҳои мухолифро бо роҳи гуфтушунид, гузашт кардан, бахшидани гуноҳи якдигар, ҳаллу фасл менамуд. На бо роҳи нарафтан пеши мардуми азияткашида, ибрози дӯғу даранг, ҳимояи як гурӯҳи мардум ва ба воситаи Садою симои «мардумӣ» таҳқири тарафи муқобил...

Бояд иқрор шуд, ки дар тамоми давру замон, алалхусус дар вазъияти кунунӣ барои ҳаллу фасли ҳар як масъала ба арбоби давлат ақлу заковати солиму фаросати нозук лозим аст, чунки арбоби давлат пеш аз ҳама симои миллат аст. Шӯрбахт миллате, ки сарвару арконнишини хасакиву тасодуфӣ ва «кадушоҳ»-и кӯтоҳақл дошта бошад. Ва пасту залил шудани обрӯю эҳтироми оппозиция вобаста ба вакилони онҳо мебошад, ки сабукфикртар омадаанд. Чӣ тавре ки дар урфият мегӯянд: «Модар чӣ гуна, духтар намуна».

Агар вакилони оппозиция камхираду кӯтоҳназар бошанд, мардум баҳоро пеш аз ҳама ба оппозиция ва саркардагони онҳо нисбат медиҳад... Дар ҳақиқат мардуми тамоми ноҳияҳо аллакай баҳои худро додаанд, ки оппозиция кисту вакилони онҳо кӣ ва **онҳое, ки тавассути табаддулоти давлатӣ сари қудрат омадаанд, кистанд?!**

Биёед, бо ҳам қазоват намоем, ки оппозиция: Ҳизби наҳзати ислом, Қозиёт, Ҳизби демократ, созмонҳои мардуми «Растохез», «Лаъли Бадахшон») тавассути фишороварихон зиёду хунрезиҳо сари қудрат омаданд, ҳукумати ҷумҳуриро зери даст гирифтанд, вале бубинед киро ба вазифаи муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон онди назорат аз болои ограншои муҳофизати ҳуқуқ ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, таъмини амнияти давлат пешниҳод карданд, агарчӣ дар сохтори Девони Вазирон, чунин мансаб пешбинӣ нашуда ва он бар хилофи Қонуни Асосии ҷумҳурӣ буд ва Раиси Ҷумҳур ҳуқуқи ба сохти давлат тағйирот даровардан надошт, ин ваколати сессияи Шӯрои Олӣ буд, вале нерӯҳои «демократӣ»-ю ҳомиёни «дини мубини ислом» «гӯр сӯзаду дег ҷушад», гуфта Давлати Исмонро ба чунин вазифаи пурмасъулият пешбарӣ намуданд.

Давлати Исмон, соли таваллудаш 1952, маълумоташ «олӣ», бо азобу машаққати зиёд шӯъбаи ронбонаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистонро соли 1990 хатм

кардааст. Умрашро ба «семочка» (писта)-фурӯшӣ, яъне «семочка»-ро аз як кас харида, ба дигарон бо чанд тини иловагӣ фурӯхтан гузарондааст. Дар бораи кори ургонҳои ҳифзи ҳуқуқ, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, амнияти давлатӣ, ҳуқуқу вазифаҳои онҳо камтарин иттилоъ ва хурдтарин тасаввуротро надорад.

Магар чунин шахс ба опозиция обрӯву эътибор меорад? Ҳаргиз! Баръакс рӯи сиёҳи оппозицияро боз ҳам сиёҳтар мекунаду мардумро дилсардтар.

Магар оппозиция аз миёни мардуми Дарвоз, Бадахшон ва Қаротегин шахси дигарро арзандаю босавод, ҳуқуқшиносу ҳуқуқдони дорои таҷрибаи амалӣ дар ургонҳои ҳифзи ҳуқуқ ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ доштаро наёфт, ки ҳам ба манфиати умумии ҷумҳурӣ ва халқи он бошаду ҳам барои баланд гардидани обрӯйи оппозиция хизмат намояд?!

Чунин шахсон аз ин водиҳо магар каманд? Дар давоми 27 соли корам бисёр ҳуқуқшиносҳои варзида, мутахассисони кордону болаёқати соҳаи муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро аз ин водиҳо медонам ва хуб мешиносам, ки агар ба ҷои Давлати Исмон яке аз онҳо пешбарӣ мешуданд, давлат ва халқи ҷумҳурӣ манфиатнок мегардиду мардуми кишвар каму беш дилгарм мешуд ва ба фардо боварӣ ҳосил мекард.

Пас, чаро оппозиция ба ин роҳ нарафт, Давлати Исмонро шахси ягона ҳисобид?

Чаро ягон шахси болаёқату мутахассиси хубро пешбарӣ накард?

Мумкин миш-миши мардум аз ҳақиқат дур набошад, ки Шодмони Юсуф, Муҳаммадшариф Ҳиммататзода ва Давлати Исмон аслан аз як кундаву бо ҳам хешованду ҳамдеҳаанд. Аз ин рӯ, пофишории онҳо ҳатто сари маҳалгароӣ не, балки «кундагароӣ», яъне «такка бошаду шир диҳад» будааст!

Чуноне ки мебинем, васвасаҳои тумтароқи ҳизбиву ҷомеадорӣ ва назару дурнамоии ишон аз остонаи даҳлезашон ба рӯйи ҳавлӣ набаромада, андаруни ҷордевори «Сангвор» монда! Ло ҳавла ва лоқуввата илло биллоҳил алиюл азим!

Агар ин тавр бошаду ҳисси ғафлатпарвари хешутаборчигӣ ва ҳамдеҳагӣ бар маҳалгароӣ ғолиб баромада, фарохтар аз остонаи «Сангвор» барояшон бегона бошад, оё дар ин сурат аҷали миллату демократия ва давлат фаро намерасад?! Агар чунин бошад, бо таассуф мегӯям, ки вой бар ҳоли ин давлату ин демократия...! Вой бор ҳоли миллат, ки гирифтори чунин носозгорӣ ва бадбахтиҳо гардидааст...!

Роҳбарони оппозиция гулӯ дарронида худро одамони солиму поку доно ҳисоб мекарданд-ку? Пас, чӣ гуна онҳо дарк на-

карданд, ки бо ин «донишу фаҳмиш ва ақлу фаросат» оё Давлати Исмон дар ин вазифаи бисёр масъулу ҳассос кор карда метавонад? Оё кормандони соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, ки бисёр одамони зираку худписанданд, амру фармонҳои ӯро ичро мекарда бошанд? Ба пиндори ман, агар худро эҳтиром мекарда бошанд, дастурҳои ӯро ҳеҷгоҳ ба инобат нахоҳанд гирифт! Чунки акнун замони кор фармудани ақлҳову фаросатҳост, на асои пир ба ҷойи пир!!

Гирди номи падар чи мегардӣ,
Падари хеш шав агар мардӣ.

Агар онҳо дар ақидае бошанд, ки давлатро бо силоҳ гирифтаанду ҳамон тавр мардумро бо силоҳ кор мефармоянд, мутлақо хато мекунанд ва окибат худро сарнагун хоҳанд кард!!

Аз ҷониби дигар, Давлати Исмон ҳамчун муовини Сарвазири ҳукумати Муросои миллӣ бо мақсади таъмин намудани муросои миллӣ то кунун ягон кореро ба анҷом нарасондааст. Ӯ наметавонад ба назди бародарони ӯзбекзабону туркманҳо ва русзабонҳо раваду ҳарфи кобили қабули мардум бигӯяду онҳоро ба муросои миллӣ даъват кунад. Ӯ наметавонад ба водии Ҳисор, Кӯлоб, Зарафшону Ҳуҷанд Ғозималику Ёвон рафта, мардуми он минтақаҳоро ба сулҳу салоҳ, муросою мадоро, қатъ кардани ҷанги бародаркушӣ, набастани кӯчу тарк накардани Ватан, супурдани силоҳ даъват намояд. Ва то имрӯз, ки хуни ҳазорҳо мардуми бегуноҳ рехтааст ҳазорҳо модарону падарон ҷигарбирёну хоҳарону бародарон ашкрезон шудаанд, ӯ ба назди касе нарафтасту коре барои мӯътадил гардонидани авзои чумҳурӣ накардаст. Охир, барои ба назди мардум рафтан, онҳоро баҳри муросои миллӣ даъват кардан донишу ақлу заковат доштан лозим аст. Охир, маро роҳбарони оппозиция бубахшанд, Давлати Исмон на дорои илми назариявӣ асту на амалӣ, на сиёсатмадор. Имондорона мегӯям, ки як ҷумлаи ҳамвор дар чорчӯбаи тахассуси худ навишта наметавонад. Пас, аз кадом сарчашмаҳо ӯ дорои донишу ақлу фаросат мегардад...

Чунин муовини Сарвазири ҷумҳурӣ ба кӣ лозим аст, ки танҳо маошхӯру мошинсавор бошаду дастуру фармонҳои «кадушоҳона»-и бемантиқ ва куррахарона диҳад?!

Оё чунин курсиншин шикасти маънавии мардуми бо нангу номуси водии Қаротегин, оппозиция ва дар интиҳо ҷазои бадтарини миллати соҳибфарҳанги точик нест?!

Не... шарофатмандона таъкид мекунам, ки ба мардуми поки водии Қаротегин чунин ашхоси камсаводу беақлу чоҳил ва бетаҷриба чандон лозим нест, зеро онҳо табиатан худ шахсони бофарҳанг буда, ашхоси соҳиби ақлу фаросатро эҳтиром мекунанд.

Оппозиция ҳам бояд шахси бесаводу бефарҳанг ва кӯрдилро баргузидан хеш надонад! Эҳтиром накунад, чунки онҳо — оппозиция муқобили сохти давлати конституционӣ мебошанд ва модом ки чунин аст, бояд ҳаматарафа доною пуркувват буда, аз ҷиҳати илму фарҳанг ва зеҳнияту фаросат мутахассисон хубу зиёдтар варзида буданашон зарурати аввалиндараҷа бошад.

Вале афсус ки кувваи ҷисмонӣ ва силоҳдори оппозиция дар Тоҷикистон назар ба қувваи илму фарҳанг, ақлу фаросати он хеле аст.. Ин шоҳадати он аст, ки онҳо бо роҳи табаддулоти давлатӣ, рехтани хуни бегуноҳон, барангехтани ҷанг миёни бародар бо бародар, пароканда кардани Тоҷикистон, дар микёси ҷаҳон резондани обрӯю эътибори миллати тоҷик ба сари қудрат омаданд, на бо роҳи демократия, интихоботи мардумӣ... Чунки барои кори бадро кардан, бародарро бо бародар ҷанг андохтан, одамро куштан, хонаи касеро оташ задан, ашки хурду калонро резондан, гӯшу бинии бегуноҳонро буридан, теша бар решаи дини муқаддаси ислом задан, иқтисодиёт, фарҳанг, маданият ва расму оинро поймол кардан ақлу фаросати зиёде лозим набуда, балки аз паси хоҳишҳову васвасаҳои шайтони рачим рафтан саҳл кор будааст!

Агар оппозиция чунин бошад, табиист, ки онҳо аз Давлати Исмон дигар шахси босаводу бофарҳанге надоштаанд, ки ба мансаби олии ҳокимияти ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд...

Вале аз тарафи дигар, ба оппозиция чунин шахси аблаҳу модарбахато, дӯстдорандаи курсии мансаб ба монанди Давлати Исмон лозим ва зарур буд, чунки маҳз бо дасти ӯ бисёр корҳои пасту ғайриинсониро бо мақсади пуркувват намудани «Гурди миллии оппозиция», таъмин намудани онҳо бо силоҳ, тиру туфанг, фишор овардан ба органҳои муҳофизати ҳуқуқ, зидди ҷинояткорӣ ва таъмини амнияти давлат ба анҷом расониданд. Муллоабдуғаффор (ҷабҳаи Южний), қозикалони ҷумҳурӣ Ҳоҷиакбар Тӯрачонзода, Резвон (ҷабҳаи Кофарниҳон), Қорӣ Қиёмиддин (ҷабҳаи Ғозималик), Қорӣ Саидашраф (ҷабҳаи Кӯргонтеппа), Қорӣ Муҳаммадӣ (ҷабҳаи Қолхозобод) ва дигарон бо кӯмаку дастгирии чунин аъзоёну сарварони Ҳукумати Муросои миллӣ соҳиби танку мошинҳои зиреҳпӯш шуданду барои куштани бародарони худ, оташ задани хонаҳои онҳо камар бастанд. Хуни ҳазорҳо мардуми бегуноҳро резонданд, ҷанги бародаркушро пуршиддат намуданд.

Қориёни Қуръон, ҳочиёни аз зиёрати Маккаи Мунаввара баргашта савори танку мошинҳои зиреҳпӯш дар вилояти Кӯргонтеппа, шаҳри Душанбе, ноҳияи Кофарниҳон зери парчами ислом ҳаракат намуда, мардуми бегуноҳу бесилоҳро тирборон мекарданд, Мардумеро, ки аждодаш ё зодаи вилояти Қӯлоб, Ҳисору Ғозималик, вилояти Ленинобод ва ё ӯзбек буданд, зери

азобу шиканҷаҳои зиёде ба қатл мерасонданд. Ба пиндори ман, онҳо ҳадафи маҳв ва аз арсаи сиёсат дур кардани фарзандони беҳтарини миллатро назди худ чун вазифаи аввалин гузошта буданд. Онҳо ҳадиси Ҳазрати Муҳаммад Саллаллоҳу алайҳи ва салламро: «Чун муслиме бар муқобили бародараш силоҳ бардорад, фариштагони худо ӯро лаънат мекунанд, то замоне, ки ин силоҳро ба ҷояш бигзорад» фаромӯш карда буданд!

Қормандони Вазорати Қорҳои Дохилии ҷумҳурӣ, алалхусус, сарвари он М. Навҷувонов ва роҳбарони Қумитаи Амнияти Миллӣ бошанд, барои ҳарчӣ зудтар зафарёбии онҳо чун ғуломони халқабаргӯш кӯмак мерасониданд. Вазири корҳои дохилӣ М. Навҷувонов, роҳбарони КАМ ҷумҳурӣ А. Солибоев ва Ҷ. Аминову, О. Пояндашоев, Раиси Қумитаи Мудофиа генералмайор Б. Р. Раҳмонов ба нақораи Давлати Исмон рақс мекарданд, ки ҷунбондани сару синаашон фоҳишагие беш нест!

Сари ин нукта танҳо таассуф бояд хӯрд ва дареғи бисёр, ки Тоҷикистон соҳиби чунин оппозиция гардида!!

Дареғу дард бар ҳолат миллати тоҷдору бостонии тоҷик, ки андар миёни ҷамеи дували олам, ки оппозицияаш аз роҳи талоши қонунӣ, демократия, пайдо кардани обрӯву эҳтиром дар байни мардум ба сари қудрат омаданро ҷустуҷӯ дорад, мухолифини «бофарҳанг»-и мо барои мансаб шуда, дар охири асри XX бар сари бародари худ силоҳ бардошт, битавонист бародарро ба бародар муқобил гузорад, Ватани азизамонро ба пора-пора гардидан мувоҷеҳ созад. Вазъияти ноҳинҷори садаи даҳӯм, ки ба чашмони бобои шоирони олам мех кӯфтанду давлати Оли Сомонро пароканда сохта, халқи тоҷикро парешон намуданд, аз нав ба вучуд омад. Имрӯз ба дидаи наберагони бегуноҳу маъсум ва пасовандони Оли Сомон гулмехҳо куфта, дасту пои онҳоро чун шоҳаҳои дарахт мебурранд, зинда ба зинда чашму гӯшу бинӣ бурида, пӯсту ноҳун мекананд, батни модаронро чок карда, тифлаконро гирифта, сар мезананд...

Худоё, ин чӣ ваҳшоният ва бедодист, ки бар дили кӯрдилон андохтӣ?!!

Худоё, он шахсоне, ки миллати кӯчаки маро ба ин рӯзи сахт овардаанду дар ҳар хонадон ҷигари падарону бародаронро бирён карда, ашки модарону хоҳаронро резондаанд, кӯр гарданду рӯзи хушу рӯшноиро набинанд!!

Худоё, дуои ҳазорон-ҳазор бекасу маслукмондагон, ятимону бенавоён мустаҷоб шаваду қони чунин қотилону ташкилкунандагон, роҳбарони оппозиция бо сахтиҳо бадар равад, Омин!!

Аз тарафи дигар, Давлати Исмон дар чашми мардуми Тоҷикистон ва вакилони онҳо шахси чиноятқор ба ҳисоб меравад, чунки пас аз оне ки сессияи 13-уми Шӯрои Олӣ бо овоз-

диҳии пинҳонӣ истеъфои маро қабул накард, ҳамон замоне, ки раиси комиссияи ҳисоботӣ депутат Эмомалӣ Раҳмонов протоколи баҳисобгирии овозҳоро хонд, Давлати Исмону Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Шодмони Юсуф аз толор хеста, бо қаҳру ғазаб «намешавад», гуфта баромада рафтанд. Сипас, ҳамон шаб бо роҳбарии Давлати Исмон 17 нафар депутати Шӯрои Олиро гаравгон гирифта, ба таҳқиру шиканҷа дучор гардонд. Дар ҳаққи ӯ аз тарафи додситонии Душанбешаҳр парвандаи ҷиноятӣ кушода шуда буд, вале бо сабаби буздилию тарсончакӣ, содиқ набудан ба вазифаи давлатии худ аз тарафи баъзе масъулон Давлати Исмон ба ҳабс гирифта нашуд ва адолати судӣ сурат нагирифт. Ӯ яке аз сабабгорони ҳодисаҳои хунини моҳи май ба ҳисоб меравад. Аз ин сабаб ӯ ҳеҷ гоҳ миёни мардуми Тоҷикистон обрӯю эҳтиром пайдо нахоҳад кард.

Агар Давлати Исмон мусулмони комилу шахси имондор мешуд, ба яккаву ягонагии худованди карим боварӣ медошт, раҳми мардуми Тоҷикистонро мехӯрд, аз рӯзи аввал, вақте ки бародарони кӯлобӣ ва дигар мардуми ҷумҳурӣ бо мақсади бадаст даровардани ваҳдати миллӣ, гирифтани пеши роҳи бародаркушӣ, ягонагии Тоҷикистон истеъфои ӯро талаб карданд, ҳатман мебоист, ки ба истеъфо мерафту Акбаршоҳ Искандаров дастгираш намешуд. Қасам ба номи худои яккаву ягона, ки нооромии ҷумҳурӣ бозошта мешуду пеши роҳи ҷанги бародаркуш, рехтани хуни мардуми бегуноҳ гирифта мешуд.

Охир, ин натанҳо талаби бародарони кӯлобӣ, балки талабу хоҳиши аксари мардуми ҷумҳурӣ буд.

Бад-ин сабаб агар ӯ ҳақиқатан сарсупурдаи дини муқаддаси ислом мешуд, ба худои яккаву ягона боварӣ медошт, имони худро солим нигоҳ медошт, аз азоби дӯзах метарсид, чаро гузошт, ки барои сари қудрат омадани ӯ хуни ҳазорҳо бегуноҳон резад, ҳазорҳо мардуми меҳнаткаш бе хонаю ҷой гардад? Чаро ӯ мукобили иродаи халқ рафтор карда, истеъфоро напазируфт?! Чаро имрӯз намояндагони Ҳизби наҳзати ислом худро пояи дини муқаддаси ислом мешуморанду чун мусулмони «имондор» тер бар сари бародарони худ мекашанд? Чаро барои қуштани бародари мӯъмину мусулмони худ аз мамлакатҳои хориҷа зархарид мебиёранд? Чунин чароҳо зиёданд!...

Пӯшида нест, ки ба ин рафтору кирдори номардумонаи худ «теша» ба решаи дини муқаддаси ислом заданд!! Эътиқоди мардумро на танҳо аз қорию қоризода, эшону эшонзода, қозию қозикалонҳо, имому имомчаҳо, балки аз дини муқаддаси ислом низ фарсахҳо дур намуданд. Наузанбиллоҳ, ба гуфтаи наш забон намегардаду гӯш ношунаво мешавад, онҳо фардо

рӯзи қиёмат чун кундаи пӯсида дар оташи дӯзах хоҳанд сӯхт, имрӯз низ сазовори ҷазоянд!!

Боре рӯ ба худои ягона карда, ҳақиқатро ба мардум бигӯем, ки баъди ин ҳодисаҳои нангин сафи намозхонону масҷидравҳо афзуд ё коҳид?! Ба ҳамаи ин дар назди парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам кӣ ҷавоб медиҳад?

Ба назари онҳо чунин аст, модоме ки ишон сари қудрат нишастаанд, ҷавобгӯйи ҳеҷ кадом бадбахтии рухдода нестанд. Ба ҳар ҳол, агарчӣ онҳо аз қонуну мардум наметарсанд, магар аз рӯзи Растохез наметарсанд?! Охир, рӯзи бозпурсе ҷавоб додан онди гуноҳҳо ҳаст, ки Оллоҳи таъоло дар Қуръони маҷид хабар додааст. Ва ман аз худованди ҳаждаҳ ҳазори олам мехостам, илтичо мекардам, ки гунаҳкорони ҳақиқии ин ҷанги бародаркушӣ агар дар ин дунё бо гуноҳи роҳбарони кунунии ҷумҳурӣ бечазо монанд, (иншооллоҳ, ки анқариб ба ҷазо мерасанд!) рӯзи қиёмат ба ҷазои сазовор ноил гардонад!

Ёдовар мешавам, ки Давлати Исмон аз «музаффариятҳо» ва дастгирии роҳбарони ҳукумати ғайриқонунӣ саргаранг гардида, то оғози сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд, то даме ки ҳарду пои Акбаршоҳ Искандаров аз узангуи мансаб канда нашуд, дарк накарда буд, ки ӯ бо роҳи резонидани хуни мардуми бегуноҳ, содир **кардани табаддулоти давлатӣ ба сари қудрат омадааст**у монанди хаси болои об аст ва курсии мансаб, автомашини хизматиаш ҳосили пур аз хуни инсон будани панҷаҳояш аст! Ва маошш мегирифтагии ӯ бо хун оғуштааст... Рӯзе мерасад, ки дар назди Қонун ва аз ҳама муҳим назди виҷдони хеш (агар заррае дар вуҷудаш боқӣ монда бошад) ҷавоб хоҳад дод.

Охир, ӯ дарк намекунад, ки садҳо давлату давлатдорӣ, садҳо ҳокиму ҳокимият, ҳазорҳо симу зар ба як тори мӯйи инсонҳои шаҳидгардида, тифлакони бепарастормонда намеарзад. Ошкор аст, дар рӯзгори пурдаҳшати ҷомеаи мо, ки ба ҷойи ақл неруи ҷоҳилонаву автомат гап мезанаду қадри инсон ба чунин пастӣ расида. Аз ин рӯ, шеъри Ҳофиз ба ёдам меояд:

Зоҳидон, к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,
Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.

Имрӯзҳо миёни ҷомеа баҳсу мунозираҳои бесуд ва таъқиби инсонҳо давом дорад. Дар ҷомеа ашхосе пайдо шудаанд, ки аз хуни ноҳақ рехтан намегарданд, намеҳаросанд, ҳатто тифлакону «мушти пар»-ҳоро ба қатл мерасонанд, муносибате, ки онҳо ба бародарони ҳамхуни худ раво доранд, дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ фашистони гитлерӣ ҳам раво намедиданд. Имрӯз миллатҳои дигар аз тарси ҷони хеш аз ин сарзамин кӯч бастаанд ва онҳо бовар доранд, ки оне, ки хуни бародари хеш

рехтааст, дар рехтани хуни дигарон дастонаш хеҷ гоҳ намеларзанд. Вале афсӯс, хуни бечорагону бенавоён мерезад, на хуни саркардагон, қорию қоризодагон, эшону эшонбачаҳои шӯрапушту ҷангандоз.

Хулоса, аз таҳлили иҷмолии ин гуфтор бармеояд, ки ҳайати Ҳукумати муросои миллӣ нодуруст ва хатто аз остонаи хона берун нарафта тартиб дода шуда ,шахсони белаёқат ба он ворид гардида, он ба «Ҳукумати муросои маҳал» табдил ёфтааст. Бо ин сабаб Ҳукумати муросои маҳал, на миллӣ аз ӯҳдаи вазифаи худ ҳанӯз набаромада истодааст ва яқинан наметавонад, ки мардуми ҷумҳуриро ба муросову мадоро даъват намояду битавонад ба мӯътадил гардидани вазъи сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ саҳми назаррас дошта бошад. Ва оқибат аз тарафи халқи ҷумҳурӣ сарнагун хоҳад шуд. Омин!!!

Фармони дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил менамоем:

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**доир ба таъсиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо мақсади такмили сохтори мақомоти ҳокимият ва идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е қ у н а м:

1. Дар давраи гузариш то вақти дар заминаи серҳизбӣ интихоб кардани парлумони нав, аз ҷумлаи депутатҳои халқ ва намояндагони аҳзоби сиёсӣ ва ҷунбишҳо дар асоси баробар Маҷлиси миллӣ таъсис карда шавад, ки мақомоти маъқулшуморандаи лоиҳаи конунҳое мебошад, ки аз тарафи кумитаҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд.

Қабули Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасдиқи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи Шӯрои Олии худи ҳамин даъват Ҷумҳурии Тоҷикистон мешавад, ки ваколатҳои он то интихоботи парлумони нав боқӣ мемонад.

2. Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчоя бо намояндагони аҳзоби сиёсӣ ва ҷунбишҳо дар бораи ҳайати Маҷлиси миллӣ таклифҳо пешниҳод кунад.

3. Маҷлиси миллӣ якҷоя бо Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳтарин доир ба Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низомнома таҳия намояд.

4. Ҳамин фармон аз лаҳзаи имзо шуданаш эътибор дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. НАБИЕВ.

ш. Душанбе, 12 маи соли 1992.

Вақто ки кас ҳар як банди ин фармони Раиси Ҷумҳурро таҳлил намуда, бо Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои башар муқоиса менамояд, беихтиёр ба уқёнуси фикру андеша ғӯтавар мешавад.

Худоё, мақсаду мароми роҳбарони оппозиция ба ҳама маълум буд: «роҳе ёбанду давлатро зери даст бигиранд». Маслиҳатчиёни дохилию хориҷии онҳо бо мақсади хок пошидан ба чашми аҳли башар, ҳаракат ба харҷ медоданд, ки коре бикунанду табаддулоти давлатиро пардапӯшона бо дасти Раиси Ҷумҳур амалӣ гардонанд. Бесабаб набуд, ки онҳо аввало Раиси Шӯрои Олӣ ва ноиби Президентро бо дасти Раиси Ҷумҳур аз сари кудрат дур намуданду сипас, ба худи ӯ чун занбӯр ба асал часпиданд. Онҳо чун саги сӯзанхӯрда давуғеҷ мекарданд, ки Шӯрои Олиро ҳам зери дасти худ бигиранду вакилони халқи ҷумҳуриро аз маърака дур созанд. Бо ин мақсад дар банди якуми фармони мазкур омадааст: «...аз ҷумлаи депутатҳои халқи ҷумҳурӣ ва намояндагони аҳзоби сиёсӣ ва ҷунбишҳо дар асоси баробар Маҷлиси миллӣ таъсис карда шавад, ки мақомоти маъқулшуморандаи лоиҳаи қонунҳое мебошад, ки аз тарафи кумитаҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд». Яъне, бо ин роҳ оппозиция мехост, ки ба вакилони онҳо ҳуқуқу ваколатҳои депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шаваду бо як гурӯҳ депутатҳои халқии худӣ салоҳияти сессияи Шӯрои Олиро, ки дар Конститутсияи ҷумҳурӣ пешбинӣ карда шудааст, ба зиммаи худ гиранд ва масъалаҳои ба сессия вобаста бударо ҳаллу фасл намоянд. Бояд гуфт, ки чунин тартиби таъсиси Маҷлиси миллӣ дар ягон қонуни башар ва давлати ҷаҳон вуҷуд надорад. Ин танҳо мардумфиребию қонуншиканӣ аст!

Охир, чӣ гуна, аз рӯи кадом қонун ба вакилони оппозиция, ки аз тарафи халқ интихоб нагардидаанд, зиёда аз ин, қисме аз онҳо дар давраи интихоботи депутатҳои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ як бору ду бор номзадии худро монда, мағлуб гардида буданд, метавонанд, ки ҳуқуқу ваколатҳои депутати халқи ҷумҳуриро ба зиммаи худ бигиранд. Бинобар он дар кадом асос имрӯз ба онҳо ҳуқуқи валокату имтиёзҳои депутати халқии ҷумҳурӣ дода мешавад?

Охир, чунин ҳуқуқу ваколатро танҳо зиёда аз дах ҳазор интихобкунандагон ба таври овоздиҳии пинҳонӣ ба вакили худ дода метавонанд. Ва вакили мардум дар сессияи Шӯрои Олӣ онди ҳалли масъалаҳои рӯзнома аз номи интихобкунандагони худ сухан меронаду овоз медиҳад ва ҳуқуқу ваколатҳои интихобкунандагони худро муҳофизат менамояд. Яъне, интихобкунандагон ҳуқуқу ваколати худро дар як мӯҳлати муайян ба вакилашон медиҳанд.

Пас, вакилони оппозиция, ки аз тарафи касе интихоб нагардидаанд, касе ҳуқуқу ваколатҳои худро ба онҳо надодааст, дар Маҷлиси миллӣ аз номи кӣ, бо ҳуқуқу ваколати кадом интихобкунандагон иштирок намуда, сухан ронда, овоз медода бошанд?! Ҳуқуқу ваколатҳои интихобкунандагони кадом ҳавзан интихоботиро ҳимоя мекарда бошанд?!

Охир, мувофиқи конституцияи ҷумҳурӣ, регламенти Шӯрои Олӣ барои қабул гардидани ҳар як қонуну қарор бояд, ки 116 депутати ҷумҳурӣ аз номи зиёда аз 1.160 ҳазор интихобкунандагон овоз диҳанд, пас чӣ гуна вакилони оппозиция — чор худобехабар, чор куррахару модарбахатое, ки барои амалӣ сохтани ниятҳои нопоки худ «ҳизбу ҷамъият» сохтаанд, метавонанд, ки аз номи зиёда аз 1.160 ҳазор интихобкунандагони ба онҳо нафратдошта ҳарф бизананд ва овоз бидиҳанду қонуну қарор қабул намоянд?!..

Аз тарафи дигар, мувофиқи қонунҳои башар Маҷлиси миллӣ дар сессияи Шӯрои Олӣ ва танҳо аз ҳисоби депутатҳои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ташкил ва интихоб карда мешавад.

Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу ваколати ба чунин фармон имзо кардан надошт. Аз тарафи дигар, масъалаи таъсиси Маҷлиси миллӣ мавриди баррасии Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷунбишҳои мардумӣ нагардида буд ва зимнан дар протоколи созиши миёни Президент, Ҳукумат ва роҳбарони мухолифин аз 7. 05. 1992 с., низ дар ин масъала ҳарфе гуфта нашудааст. Ба пиндори ман, роҳбарони оппозиция аз «муваффақиятҳо» саргаранг гардида, масъалаи Маҷлиси миллиро дар вақти гуфтушунид фаромӯш кардаанд, аммо пешвоёну хоҷаҳояшон баъдан ба худ омада, ба онҳо роҷеъ ба ташкили Маҷлиси миллӣ маслиҳату дастурҳо додаанд.

Хулоса, фармони Р. Набиев «Дар бораи ташкил намудани Ҳукумати Муросои миллии Девони Вазирон» аз 11 маи соли 1992 ва дояр ба таъсиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 маи соли 1992 аз ҷиҳати шаклу мазмун пурра бар хилофи Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои исботи ин фикр таваҷҷӯҳи Шумо, хонандагони арҷмандро ба далелҳои зерин ҷалб хоҳам кард:

1. Дар Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловагиҳояш, ки имрӯз амал мекунад, калимае дар бораи Ҳукумати муросои миллӣ, Маҷлиси Миллӣ, ҳуқуқу салоҳиятҳои он ва принципи фаъолияти кораш гуфта нашудааст. Дар моддаҳои 125, $125^1$, $125^2$, $125^3$, $125^4$, $125^5$, $125^6$, $125^7$ — Конституцияи ҷумҳурӣ бошад, танҳо сухан дар бораи тартиби таъсис ёфтан, структура, ҳуқуқу ваколатҳо ва принципи фаъолияти кории Кабинети Вазирони ҷумҳурӣ рафтааст у халос. Яъне мафҳум,

структура, ҳуқуқу ваколатҳо ва принципи фаъолияти кории Ҳукумати муросои миллӣ ва Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конституцияи амалкунандаи ҷумҳурӣ нишон дода нашудааст.

2. Дар банди 1 протоколи созиши байни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон аз 7.05.1992 с. гуфта шудааст: «Сафорони кунунии нерӯҳои сиёсӣ, миллӣ ва мазҳабиро ба назар гирифта, Ҳукумати муросои миллии Девони Вазирон таъсис дода шавад, ки дорои ҳуқуқу салоҳияти васеъ мебошад» ва ҳамчунин принципи кории он зикр ёфтааст. Яъне, дар Протоколи мазкур пешниҳод шудааст, ки Ҳукумати муросои миллӣ бо ҳуқуқу салоҳиятҳо ва принципи фаъолияти корнаш дар асоси Қонун таъсис дода шавад.

Бояд зикр кард, ки дар Протокол нишон дода нашудааст, ки аз тарафи кадом орган ҲММ бояд таъсис карда шавад, аз ҷумла гуфта нашудааст, ки ҲММ бо фармони Раиси Ҷумҳур таъсис карда шавад. Дар бораи таъсиси Маҷлиси миллӣ, ҳуқуқу ваколатҳои он бошад, дар Протоколи созиш ҳарфе сабт нагардидааст.

Дар ҳақиқат, сессияи чаҳордаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 1992 қонун «Дар бораи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани тартиби бевоситаи идоракунии Президентӣ» қабул кард ва дар моддаи 99 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пункти 32 — идоракунии бевоситаи Президентӣ дар муддати шаш моҳ илова карда шуд. Дар асоси ин қонун як қисми ҳуқуқҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дар п. 8, 9, 10, 13, 17, 19, 20, 21, 24, 25, 27 ва 31 моддаи 99 Конституцияи Тоҷикистон ва Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон п. 9, 11 ва 12 моддаи 108 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шуда буд, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд. Вале ҳуқуқи Шӯрои Олӣ доир ба қабул ва даровардани тағйироту иловаҳо ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар п. 1 моддаи 99 Конституцияи ҷумҳурӣ омадааст, ба Президенти ҷумҳурӣ дода нашудааст. Яъне, танҳо сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аз се ду ҳиссаи овозҳои депутатҳои халқӣ метавонад, ки ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Ҳукумати муросои миллии Девони Вазирон ва Маҷлиси миллии Тоҷикистон, ҳуқуқу ваколатҳояшон тағйироту иловаҳо дохил намояд, на Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба ин далел таъсис намудани Ҳукумати муросои миллӣ ва Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон норман конституционӣ буда, танҳо пас аз даровардани иловаҳо ба моддаи 99 Конс-

титуцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ, таъсис гардиданаш муяссар мегардад.

Мувофиқи Қонуни Асосӣ имрӯз ҳуқуқу ваколати даровардани иловаҳо ва тағйиротро ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо сессияи Шӯрои Олӣ дорад. Бинобар ин, ваколати таъсис намудани Ҳукумати муросои миллӣ ва Мачлиси миллӣ, муайян кардани ҳуқуқу салоҳиятҳо ва принципи фаъолияти кории онҳо сирф ба ӯҳдаву салоҳияти сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут аст. Ба Раиси Ҷумҳур Конституцияи ҷумҳурӣ чунин ҳуқуқ надодааст!

Аз тарафи дигар, касе ҳуқуқи маҳдуд сохтани ваколатҳои конституционии вакилони халқро ҳам надорад, чунки ин ваколатро ба онҳо халқ додааст.

Охир, чӣ гуна ҳуқуқи ваколати депутатии вакилони халқ ба охир нарасида, онҳоро аз ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои интихобкунандагонашон, қабули қонуну қарорҳо дур сохта, ҳуқуқу вазифаи онҳоро ба ӯҳдаи вакилони оппозиция гузошта мешудааст? Охир, чунин ҳалли масъала дар ягон қонуни ҷумҳурӣ ва башар ишон дода нашудааст-ку?! Ва чунин шакли қонунгузорию давлатдориро таърихи башар намедонад, алалхусус, давлатҳои демократию дунявӣ. Ин танҳо роҳи амалӣ гардонданн табаддулоти давлатӣ дар ҷумҳурӣ буд.

Чаро ойди чунин қонуншиканиҳо то ҳол олимони шинохтаи тоҷик, ҳуқуқшиносону сиёсатмадорон ақидаи худро баён накардаанду ҳарфе нагуфтаанд?

Чаро чунин амалиёти ғайриқонунии оппозицияро Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарварони он тарафдорӣ карданд?

Чаро чунин ҳуҷҷатҳои ғайриқонунӣ, ки теша бар решаи давлати қонунии навтавлид мезад, Раиси Ҷумҳур зери фишору таҳқир имзо гузошта, барои ҳарчӣ зудтар амалӣ гардидани табаддулоти давлатӣ ҳиссагузор шуд?

Чунин тадбиру фармонҳои зери фишори силоҳ имзогардида, мутаассифона, зиёданд, ки сабабгори ба кулфату бадбахтӣ дучор гардидани мардуми Тоҷикистон гардиданд... Вале афсӯс, сад афсӯс, Раиси Ҷумҳур дар ин шабу рӯз аз тарсу воҳима ба ҳама пастиҳо розӣ буд ки танҳо ҷанги бародаркуш бозгашта шаваду хуни мардум нарезад, ҳуҷҷатҳоро аз назар нагузаронда имзо мегузошт, дилаш ба касе ё чизе намесӯхт, танҳо фикри сиҳату саломат монданн мардумро дошт.

Рӯзи 10 май соли 1992, шабона аз шаҳри Хуҷанд тавассути телефони ВҶ ба Раиси Ҷумҳур тамос гирифта, хоҳиш намудам, ки ба гуфтаи роҳбарони оппозиция — «қувваи сеюм»

бовар накунад, ба ҳар гуна фармонҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла ба фармон дар бораи таъсиси Ҳукумати муросои миллӣ, Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз вазифа сабукдӯш кардани Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев, таъин намудани ҷонишинҳои Сарвазири ҷумҳурӣ имзо нагузорад, зеро ин фармонҳо бар хилофи қонун буда, ба салоҳияти сессияи Шӯрои Олӣ дохил мешаванд, на ба салоҳияти Раиси Ҷумҳур, чунки нормаҳои конститутсионӣ мебошанд. Раиси Ҷумҳур дар ҷавоб гуфт: «Шумо вазъияти маро ба ҳисоб гиред, онҳо талаб карда истодаанд, ки Давлати Исмонро ноиби президент таъин намоям!» Дар ҷавоб гуфтам: аввало Нарзулло Дӯстовро ғайриқонун аз вазифаи ноиби президент озод кардед, Шумо ҳуқуқу ваколати Ноиби президентро таъин намудан ва озод кардан надоред, ин корро қатъиян накунед! Н. Дӯстовро бо монанди Шумо халқи ҷумҳурӣ бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб кардааст. Ному фамилияи ӯ дар бюллетени овоздиҳӣ буд. Конституцияро поймол накунед. Агар вазъиятатон душвор бошад, амниятатонро таъмин натавонанд кардан, фавран ба вилоятҳои Кӯлоб ё Ленинобод омада, корро идома диҳед...

Бояд андеша кард, ки чӣ гӯям ва чиро имзо намоям, беҳ аз пушаймонӣ, ки чаро гуфтам, чаро имзо кардам.

Сипас, мӯҳтарам Нурулло Ҳувайдуллоев гӯшаки телефонро аз дасти ман гирифта, бори дигар гуфтаҳои маро такрор карда, қонунро ба Р. Набиев фаҳмонданд.

Баъд аз ин, раиси кумитаи шаҳри Хуҷанд Абдуғанӣ Абдуллоҷонов ба Р. Набиев дар ҳузури мо бисёр ҷасурона чунин гуфт: «Мӯҳтарам Раҳмон Набиев, аз паси Шумо ду миллион мардуми вилоят истодааст, ба ҳар гуна фармонҳо имзо нагузоред, фармонҳои имзокардаи Шумо ғайриқонун мебошанд, агар саломатиатон бад шуда бошад, ба беморхона рафта хоб кунед, духтурон ба Шумо хулоса медиҳанд ё фавран ба Хуҷанд биёед...»!

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда даста-даста фармонҳо аз тарафи Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ба имзо мерасиданду тавассути ахбори умум дастараси мардуми ҷумҳурӣ мегардиданд. Нисбаташ аз роҳбарони оппозиция суханҳои нарму таърифомез шунида мешуд, ки табъашро хуш месохту нафрати мардуми ҷумҳуриро нисбати ӯ дучанд мекард, ки оппозиция интизори он буд. Вале бо сабабҳои норавшан дурандешона фикр намекард, ки ин таърифҳо сохтакоронаанду муваққатӣ, зери ҳар сухани роҳбарони оппозиция чизе ниҳон аст, ки ифодагари мақсаду мароми онҳо мебошад. Ва рӯзе мешавад, ки фурсати муносиб ёфта, чун сагони хапгир почаи ӯро газида, қасд ба ҷону мансабаш менамоянд, ба халосгаре зор мешавад, вале касе на аз дӯстону на аз бегонагон ба ӯ наменигаранд, ба ҳоли худ ме-

Рӯзхои гирдихамой дар майдони «Шахидон». 2 май соли 1992.

Майдони «Шахидон» хангоми хондани намози пешин. 8 мая соли 1992

Занон дар гирдихамоии майдони «Шахидон»

Ҳудоё, аз рӯи кадом оёти Қуръони мачид ва ҳадиси пайғамбар Муҳаммади мустафо бошад, ки чавонзанҳо дар майдони «Шаҳидон», дар ҳузури даҳҳо ҳазор гирдиҳамомадагон ниятн намози чамоа кардаанд.

Занонро сипар намудан ночавонмардй нест?!

Худоё, ин писарбача ба сари кӣ мушт бармедошта бошад?!

Майдони «Шахидон». 29-уми апрели 1992.

Аз рахи гушам адӯ хушам бибуҷ

Ҳангоми тақсим кардани пул ба чавонони майдони «Шаҳидон».

Майдони «Шахидон» баъд аз имзои протоколи Созиш ҳам конеъ нагардида, барои максадҳои дуртар пофишорй мекунанд. 10. 05. 92.




Гирдихамомадагони майдони «Шаҳидон», ки ба афсуи (гипноз)-и нотикон кори Киёмиддини Ғози, Саид Абдуллохи Нурӣ, хочи Акбар Турачонзода, эшони Саидашраф ва дигарон афтидаанд.

Ифтихори ғолибияти мухолифин дар майдони холигардидаи «Озодӣ».

Яке аз дастаҳои мухолифин дар дохили бинои Шӯрои Олӣ.

Горатн хуччатҳо ва амволи утоқҳои Шурои Олй.

Маҳсули «хизмат»-и нотиқони гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон», ки мардумро ба чиҳод, ба ҷанг даъват намудаанд.

Часади халокшудагон.

монаду афсӯс мехӯрад, вале бояд иқрор шуд, ки пушаймонӣ то ба имрӯз ба касе сӯд набахшидааст...

Чуноне ки Фирдавсии бузург фармуда:

Чу бечора гардию печон шавӣ,
Зи гуфтори ҳарза пушаймон шавӣ.

* * *

Роҳбарони оппозиция ҳарчанд ба Протоколи созиш имзо гузошта, мушғули тақсими вазифаҳо буданд, вале ҳанӯз ором намегирифтанд, аз шодию хурсандӣ ба ҳам мепечиданду якдигарро ба оғӯш гирифта мебӯсиданд, ки дар давоми даҳҳо сол оқибат офтоб ба рӯи онҳо нурпошӣ карду ба «ғалаба» мушарраф гардиданд.

Гирдиҳамой дар майдони «Шаҳидон» авҷ мегирифт, ҳар нокасе, ҳар куррахаре, ки боре ба халқу миллати ҷумҳурӣ кори арзандае накардааст, майдонро васеъ дида, худро сарсупурдаи милат ҳисобида ба минбар баромада, тавассути баландгӯяк мардуми гумроҳшударо ба ҷанг, ба ғалабаи қатъӣ даъват мекард ва чанде аз фарзандони содиқи миллатро хоини халқу Ватан ҳисобида, ба қатл расонидани онҳоро қотеъона талаб мекард.

Ба пиндори ман, ин ҳама баромаду пешниҳодҳо аз рӯи нақшаи муайяни саркардагони оппозиция ба амал меомад. Чунки суханроніҳои «ҳомиёни» дини ислом (мазҳаби «Ваҳҳобия» Саид Абдуллоҳи Нурӣ, Қорӣ Садриддин, генерали мардумӣ Қорӣ Муҳаммадӣ, Эшони Саидашраф, Эшони Алломаи Турсунзода ва дигарон аз рӯи як нақша сурат мегирифт-даъват ба ҷангу хунрезӣ ва ғалабаро ба даст даровардан, ба қатл расонидани чанде аз фарзандони срасупурдаи миллат. Дар натиҷа 8 маи соли 1992 соати 12.00 генерали мардумӣ Қорӣ Қиёмуддин дар назди гирдиҳамомадагон аз номи дини мубини ислом, Ҳизби нахзати ислом, Ҳизби демократ, созмонҳои мардумии «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон» ҳукми қатли як гурӯҳ фарзандони сарсупурдаи миллат, аз ҷумла, Нарзулло Дӯстов, Абдумалик Абдуллоҷонов, Сафаралӣ Кенҷаев, Атахон Сайфуллоев ва Нурулло Хувайдуллоевро қироат намуд.

Мардуми гумроҳшуда ва аз худ бадаррафта низ аз ҳар тарафи майдон овоз баланд карда, фарёд мезаданд: «Хоинони дини муқаддаси ислом, хоинони миллатро парронданн лозим, парронданд..!»

Сипас, аксҳои онҳоро дар назди Кохи Президент гузошта, ба қалби ҳар қадомашон ханҷар заданд.

Ҳамон шабу рӯз агар касе аз мо ба дасти он худобехабарони ноинсоф меафтид, аз сад чон як ҷонаш халосӣ надошт.

Вале чизи дигаре, ки барои ман тирик менамуд он буд, ки гирдиҳамомадагон дар бораи истеъфои Сарвазири ҷумҳурӣ ва аъзоёни ҳукумат ҳарфе намегуфтанд, агарчӣ ҳамаи камбудиҳое, (пастравии сатҳи зиндагии мардум, боло рафтани нарх, набудани маҳсулот дар мағозаҳо, надодани замин ба мардум...), ки онҳо ноибар мекарданд, ба ҳукумат дахл доштанд, на ба Шӯрои Олӣ, Додситони Кулли Ҷумҳурӣ ё идораи Садою симо.

Хулоса, гапу гапчаҳо ва нимкосаҳои зери коса хело зиёд буд....

Чунин вазъиятро кас мушоҳида намуда, беихтиёр ба фикр фурӯ меравад, ба худ меандешад: худоё, чӣ гуна бандагонатро соддаю худбовар офаридай, ки ба суханҳои бофтаю сохтаи ҳар касу нокас, дасисабозу мансабталаб, фосиқу беимон бовар намуда, бе таҳлилу тафтиш, муайян намудани ҳақиқати ҳол тайёранд, ки хуни ноҳақ бирезанд, шахсони бегуноҳро сар зананд.

Охир, ману Нарзулло Дӯстов, Атахон Сайфуллоев, Нурулло Ҳувайдуллоев, Абдумалик Абдуллоҷоновро барои кадом гуноҳҳоямон ба қатл мерасонанд?!

Аз рӯи кадом далелу бурҳон ҳар нафари онҳо хоини дини муқаддаси ислом, хоини миллати худ будаанд?!

Ҳар кадоме аз онҳо, алҳамдулиллоҳ, мусулмонанд, умри худро дар хизмати халқ гузарондаанд, Атахон Сайфуллоев нависанда, муаққиқ, олим аст, асарҳои зиёде офаридааст....

Инсоф диҳед, дурӯғу тӯҳмат ҳам андоза доштагист? Ҳар фард бояд худотарсонаю имондорона ҳарф бизанад! Охир кач нишастану рост гуфтан ҳам хунар аст!...

Бо чунин таҳдиду таҳқирҳо ҳамаи мо аз Ватан беватан, аз хона бехона бо аҳли аёлу фарзандон овораю саргардон шудем. Қисме пушту паноҳи худро вилояти Ленинобод ҳисобида ба ин ҷо омад, қисми дигар паноҳгоҳи худро дар шаҳру вилоятҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон дарёфт намуд.

Рӯзи 10 мои соли 1992-юм дӯсти бисёр ҳам азизам Мавлон Мирзоев ба Қаршӣ рафт, ҳамон рӯз ман бо ҳамроҳии мухофизатгаронам Самеъҷон Орифов ва Михаил Убайдуллоев ба Хуҷанд меомадам, Абдумалик Абдуллоҷонов бо собиқ раиси комитрояни вилояти Ленинобод Ҷ . Р. Шокиров илоҷе карда, ҷони худро гирифта, аз чанголи золимину хунхорони майдони «Шаҳидон» гурехта, ба шаҳри Хуҷанд омада буданд. Хона ва утоқи кории Абдуллоҷоновро ноинсофон талаю тороҷ кардаанд.

Рӯзи дигар дар рӯзномаи «Чароғи рӯз» акси мо шаш нафарро — ман, А. Абдуллоҷонов, Н. Ҳувайдуллоев, Н. Дӯстов, А. Сайфуллоев ва В. Воҳидов бо сарлавҳаи «Барои содир кардани чинояти давлатӣ онҳоро Вазорати Қорҳои Дохилии ҷумҳурӣ кофта истодааст» чоп карда буданд, инчунин шарҳ додаанд:

«Дар сафи ғайбзадагон Рашид Олимов, Шодӣ Шабдолов, Амиркул Азимов, Абдусаттор Ҷабборов, Абдулло Очилов ва бисёр дигарон ҳастанд. Бархе аз онҳо вақти аз Душанбе бадар рафтан худро мурда вонамуд карда, ҳамроҳонашон миён баставу «вой, додарам» гӯён посбонҳоро фирефтаанд. Бархеи дигар ришу мӯйлаби сунъӣ часпонда дастор бастаанд».

Вале имрӯз он рӯзноманигорону аҳли «қаламон»-и модарбахато дар куҷоянд? Бубинед, ки ришу мӯйлабашонро баҳри чӣ тарошидаанд?! Вале касе аз ҳукуматдорон, ва ургонҳои маъмурӣ ба воситаи ахбори умум, на шифоҳию на хаттӣ ба рӯзноманигори «Чароғи рӯз» тазаккури расмӣ надоданд, ки бо гунохи набуда ашхоси бегуноҳро гунаҳкор насозанду дар назди халқи ҷумҳурӣ ва ҷаҳон обрӯю эҳтиромашонро нарезонанд. Чӣ тавре ки мегӯянд: Туро газад, маро чӣ ғам? гуфта, ҳама ба даҳон об гирифта, хомӯш буданд. Ҳар кас дар фикри он буд, ки илоҷе биҷӯяд, роҳе биёбаду ба ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, генерали мардумӣ Қорӣ Саид Қиёмуддини Ғозӣ, Муҳаммадшариф Химмататзода, Шодмони Юсуф ва Давлат Худоназаров наздик шаваду ба онҳо хидмат кунад, то он ки зиндаю сари мансаб бимонад.

Ҳангоме кас номардни «ҷавонмардоне»-ро мебинад, ки барои мансабу беҳбудии шахсии худ тайёранд шарафу вичдони худро бифурӯшанд, даст ба гиребони худ бурда, мегӯяд: «Худоё, чаро мегузорӣ, ки чунин бешарафу беимонҳо, он бандагоне, ки мард зода шудаанду занвор ҳаёт ба сар мебаранд ва занвор мемиранд, дар рӯи замин қадам бизананд?!»

То имрӯз бо нақшаҳои кашидаи оппозиция яке аз фарзандони барӯманди миллати тоҷик, Додситони Кулли ҷумҳурӣ, депутати халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев аз дасти чанд номарди ҷоҳил ва палид ваҳшиёна ба қатл расонда шуд. Ба сари ман чандин маротиба тир кушоданд, умр боқӣ будаасту то ҳол зинда мондаам. Таҳдиди ба қатл расонидани ману Нарзулло Дӯстов ва Атахон Сайфуллоев то ҳол идома дорад ва хоинони миллати тоҷик ҳанӯз аз хун сер нашудаанд.

Як нукта то ба имрӯз бароям муаммост. Ба қозикалони ҷумҳурӣ Ҳоҷиакбар Тӯраҷонзода нисбати дигарон ман наздиктар будам, аз хурдиамон ба хонаи ҳамдигар рафтуомад доштем, дар рӯзҳои баду неки якдигар шарик будем, чӣ тавре ки бӯрҳо худи ӯ иброз дошт, «мо гӯшту нохунем». Вале, вақте ки ҳокимият ба дасти оппозиция гузашт, Ҳоҷиакбар Тӯраҷонзода бароя бехатарона дар зодгоҳам шаҳри Душанбе зиндагонӣ кардан маро даъват накард. Аммо чӣ гуна, дар асоси чӣ ӯ ва дигар роҳбарони оппозиция баъзе тарафдорони моро даъват карда, ба шаҳри Душанбе бурда, дар курсии мансаб шинонданд?

Ва аз ҳамон рӯз оппозиция ба воситаи Садою симо, рӯзномаҳо — ҳамон рӯзномаҳое, ки «сояи онҳоро аз девор метарошиданд», дар таърифу тавсифи онҳо камар баст. Худоё, чӣ сирре дар ин ҷо инҳон аст, ин ҷо ҳам дар зери коса нимкосае ҳаст?!

Барои оппозиция ин ҳама пирӯзиҳо кофӣ набуд. Чӣ тавре ки мегӯянд, «чашми танги марди дунёдорро ё қаноат пур кунад ё хоки гӯр», дар фикри он буданд, ки ҳарчӣ бештар чизҳои дигарро низ ба даст биёранд. Аз ин рӯ, тасмим гирифтанд, ки утоқи кории дигаронро кофтуков намоянду чизу чоеро он ҷо бударо ба даст биёранд ва ба яғмо бибаранд, ки бурданд!

Чӣ тавре ки мегӯянд, «иштиҳо дар вақти хӯрдан пайдо мешавад». Яке аз роҳбарони оппозиция Шодмони Юсуф ба онҳо мурочиат карда, иброз дошт: «Бародарони оқилу доно, истед! Шумо чӣ кор карда истодаед, аз муваффақияти ночиз набояд саргаранг шуд, ин ҳоло ибтидои кор аст, пирӯзиро то ба охир бояд бурд ва ин коммунистони бадбахту бехудоро нимчон набояд раҳо кард. Ҳоло мо чойҳои асосиро: Вазорати Корҳои Дохилӣ, Қумитаи Амнияти Миллӣ ва Прокуратураи чумҳуриро зери даст нагирифтаем, ҳама қувва, яроқу аслиҳа, сирру асрори давлат дар он ҷо ниҳон аст! Бино бар он, чӣ тавре ки утоқу сандуқҳои фӯлодини кормандони Шӯрои Олӣ, Девони Вазирон ва дастгоҳи Раиси Чумҳурро кофтуков кардему маводу ашёи зиёде ба даст овардем, он ҷойҳоро ҳам ҳамин тавр бояд кард!...»

Ин иқдоми «нек»-ро дигарон маъқул донистанд ва аз гуфтаи ҳазрати Абдураҳмони Ҷомӣ ғофил гаштанд, ки:

Ту ғарра машав ба зӯри сарпанҷаи худ
К-он ҷо, ки зиреҳгар аст, пайконгар аст.

Дар он лаҳзот бесарусомонӣ, ваҳшоният дар майдони «Шаҳидон ба дараҷае аз доираи одобу имон баромада буд, ки ҳоҷат ба баёну шарҳу эзоҳи он нест. Силоҳҳо ба ган даромада буданду ҳама чизро силоҳ ҳал мекард. Танҳо он чиз аламовар буд, ки ҳаммазҳабону ҳамхунон аз хориҷи Ватан ин ҳама вахшат, бефарҳангию кӯрдилӣ ва фиску фуҷури наберагони Рӯдакию Сино, Ҷомию Саъдиро ба чашми худ дида, нисбати миллати тоҷик хулосаҳои талх бармедоштанд...

* * *

10 мои соли 1992, соати 8-и саҳар сарварони оппозиция дар утоқи Раиси Чумҳур ҷамъ омаданд. Раиси раёсати ҳизби демократи Тоҷикистон Шодмони Юсуф оиди вазъи сиёсӣ, аҳдофи минбаъдаи нерӯҳои «демократӣ» дар роҳи расидан ба пирӯзиҳои ниҳой, генерали «мардумӣ» Қорӣ Қиёмуддин ва гене-

рал-майор Б. Раҳмонов дар бораи пурра намудани ҳайати шахсии Гурди миллии оппозиция ва мусаллаҳ гардонидани он ахбор доданд.

Баъд аз шунидани фикру ақидаи дигар иштирокдорони ҷамъомад нерӯҳои «демократӣ» ва мазҳаби «Ваҳҳобия» ба мазмуни зайл қарор қабул карданд:

— гирдиҳамоӣ дар майдони «Шаҳидон» давом дода шавад;

— аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилояти Қӯрғонтеппа ва дигар ҷойҳо даъвати мардум ба гирдиҳамоӣ идома дода шавад;

— бинои Кумитаи Амнияти Миллӣ ва Вазорати Қорҳои Дохилии ҷумҳурӣ муҳосира карда, мувофиқи рӯйхати тартибдодашуда сохибмансабони даркорӣ ба гаравгон гирифта шаванд;

— Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд зери итоати нерӯҳои «демократӣ» қарор дода шуда, худи ҳамин рӯз бо дасти Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ва Раёсати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Раиси Шӯрои Олӣ Сафаралӣ Кенҷаев аз вазифа сабукдӯш намуда, Акбаршоҳ Искандаров Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

Сипас, ҳар як узви ситод аз паи иҷрои вазифа шитофт.

Қарибии соати 16.00, 10 маи соли 1992 як гурӯҳ гирдиҳамомадагони мусаллаҳи майдони «Шаҳидон», ки силоҳро аз ҳисоби Гурди миллии дар майдони «Шаҳидон» таъсисёфта гирифта буданд, бо ҳамроҳии як тӯдаи гипнозшудаву ақлбохта ва фиребхӯрдаи бесилоҳ бо роҳнамоии дуто мошини зиреҳпӯш, ки ҳар яки он дорои ҷанд нафар ҷавонони силоҳбадаст буд, бо роҳбарии «генерали мардумӣ» Қорӣ Киёмуддину Қорӣ Муҳаммадӣ ва генерал-майори урду — мушовири давлатии Президенти ҷумҳурӣ оид ба масъалаҳои дифоъ Б. Р. Раҳмонов, ки штаби оппозицияро сардорӣ мекард, «Оллоҳу акбар!», «Е марг, ё ғалаба!» гӯён чун сел аз майдони «Шаҳидон» ба тарафи майдони «Озодӣ» ва аз он ҷо сӯи Кумитаи Амнияти Миллӣ хуҷум оварданд. Агар касе садди роҳи онҳо мешуд, наузанбиллоҳи миназзолимин, сар аз танаш ҷудо мегашт. Дар чашми онҳо ҳама коммунист, бехудо ва кофир менамуд, чунки дар муддати якуним моҳ воизону «олимону» машоихи майдони «Шаҳидон» мардумро тавассути ташвиқоту тарғибот ба чунин рӯхия «тарбия» намуда, ба ҳадди ҷунун расонида ба дини мубини ислом, ба Қуръони мачид қасам дода буданд. Вале имондорона мегӯям, ки муборизаи онҳо барои мустаҳкам намудани дини ислом набуда, танҳо ва танҳо баҳри сохиби мансаб гардидан буду халос.

Охир, бисёрии онҳоро хуб мешинохтам, ки ба дини мубини ислом ягон алоқае надоштанд. Як қисми ин ҷонзодони гандумнамоӣ ҷавфурӯш чизе аз фармоишу дархости фарзу суннати исломиро намедонанд ва ба ҷо наовардаанд, ҳарфе аз ис-

лом намедонанд, камина тайёр аст, ба ҳар яки онҳо зону ба зону бинишинаду дар бораи дини мубини ислом, оёту сураи Қуръони маҷид, ҳадиси пайғамбар ҳазрати Муҳаммад мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам баҳс ба миён оварад. Бисёрии онҳо бинои мусулмонӣ, усули дин ва нияти ғуслашонро намедонанд. Онди ин масъала борҳо ба Қозикалони ҷумҳурӣ ҳочӣ Акбар Тӯраҷонзода ҳамсӯҳбат шуда гуфта будам: «Шумо Қозикалони ҷумҳурӣ ҳастед, саводи бисёр хуби динӣ доред, чӣ гуна ба чунин шахсоне, чун Шодмони Юсуф, Тоҳири Абдуҷаббор, Отахон Латифӣ, Давлат Худоназаров, Мирбобо Мирраҳимов, Дадоҷони Атовулло, Маҳмадаёз Навҷувонов ва дигарон ҳамтабақу ҳамфикр ва ҳамсухан шудаед, ки аз онҳо бӯи дини мубини ислом, оёту ҳадиси Қуръони маҷид намеояд, ягон суннати пайғамбарро ба ҷо наовардаанд», Ба гуфтаҳои ман аксаран розӣ мешуду вале кори худро давом медод. Ба пиндори ман, куввае буд ҳам аз дохил ва ҳам аз хориҷи кишвар намегузошт, ки ӯ аз нақшаи кашидаи онҳо берун барояд.

Боре Эшони Тӯраҷон дар ҳузури дигарон гуфт: «Писарам Ҳоҷиакбар, холо ҳам дер нашудааст, аз роҳе, ки пеш гирифтаед, баргардед. Ин кори бандаи мӯъмину мусулмон нест». Дар ҷавоб ӯ гуфт: «Дар наздатон гунаҳкорам, вале роҳи бозгашт надорам, миёни ду оташ мондаам, тақдирам ба худо...»

Афсӯс ки чунин ашхос дини мубини исломро шармандаву эътиқоди муслиминро заиф менамоянд ва рӯзе хоҳад расид, ки мардум аз паси чунин зоҳҳои бадмур сар ба рукуду суҷуд наҳоханд овард.

Хулоса, онҳо бо доду фарёд ва бонгу итоб ба тарафи майдони «Озодӣ» чун сели дамон наъразанону ваҳшаткунон равон шуданд....

Агарчӣ Протоколи созиши миёни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, аҳзоби сиёсӣ ва ҳаракатҳои «мардумӣ» соати 2-и шаби 7 майи соли равон ба имзо расида буд. Дар он аз тарафи оппозиция: Шодмони Юсуф, Давлат Худоназаров, Муҳаммадшариф Ҳиммататзода, Тоҳири Абдуҷаббор, Атобеки Амирбек ва дигарон имзо гузошта буданд ва онҳо котеъона кафолат дода буданд, ки аз соати ба имзо расидани Протоколи созиш нуқтаҳои асосии он дар бораи қатъ кардани гирдиҳамоӣ, ҷамъ намудани силоҳ, эълон кардани оташбас, аз муҳосира озод кардани Қохи Раиси Ҷумҳур, идораи симо, фурудгоҳ, вокзали қатораҳо ва ғайра иҷро мегардад.

Бо чунин мазмуни ӯҳдадорӣ дар Протоколи созиш шахсони миёнарав: Отахон Латифӣ, Лонқ Шералӣ, Акбари Турсунзод, Рашид Раҳимов, аз тарафи ҳукумат Сарвазири ҷумҳурӣ Акбар Мирзоев ва дигарон имзо гузошта буданд.

Чаро онҳо қонуншиканӣ карданду бар хилофи ӯҳдадории

гирифтаашон амал намуданд, яъне онҳо моёнро фиреб дода, имзоямонро гирифта, чун пештара кори «сермаҳсул»-и худро давом доданд... Ва имкон дорад аз ин корашон дар дил завқ ҳам карда бошанд, аммо бояд онҳо дарк кунанд, ки ин амалашон ноҷавонмардона, ноинсофона ва ниҳоят разилона буда, рӯзе хоҳад расид, ки сахт пушаймон шаванду ин иқдоми ботил мағз ба мағзашонро ба сӯзиш биёварад.

Онҳо чун селоб бо доду фарёд ба майдони «Озодӣ» ворид гардида, чун пештара бе ягон муқобилият барои «Озодии Ватан» ба пеш, ба сӯи ВКД ва ҚАМ-и ҷумҳурӣ кӯдакону мӯйсафедони бесилоҳ пеш-пешу «ҷавонмардон»-и силоҳдор якҷоя бо мошинҳои зирехпӯш аз қафо ҳаракат намуданд.

Замоне ки ба биноҳои ВКД ва ҚАМ наздик шуданд, ҚАМ-ро ба муҳосира гирифта, аз силоҳҳо ба тарафи он тир кушоданд ва талаб карданд, ки кормандони ҚАМ яроқҳоро супоранд. Ва бори якум буд, ки муқобилиятро эҳсос карданду чун мурғони пойсӯхта ва шағолони дузд бо шевану фарёд, ашкрезону танларзон ҳар кӣ бо ҳар роҳе, ки пайдо мекард, ду поро чор по-ву думро хода карда, қони хешро ба саломат мебурданд.

Ин овозаро фаҳмида, мардони майдони «Шаҳидон» ҳаволаи занону духтарони бо худ овардаро ба худо карда, мисли гурбаи аз об баромада роҳи гурезро пеш гирифтанд, қариб буд, ки майдон холӣ гардад, вале кормандони ҚАМ хоҳиш рехтани хуни касе набуданд ва бинобар ин аз паси он «шермардон»-е, ки барои нӯшидани хуни кормандони содиқи ҚАМ ва ишғол намудани ҚАМ-ӯ ВУД омада буданд, ҳамла набурданд. Баръакс, барои захмиёнро ба беморхонаҳо фиристодан чораҳои зарурӣ андешида, кӯмаки хешро дареғ надоштанд. Вагарна, он «шермардон»-и хонашеру майдонғариб онаи зорашонро аз Уҷқӯрғон медиданд.

Дар натиҷаи чунин амалиёти бемазмуну чиноятқоронаи роҳбарони оппозиция 9 нафар ҳалок гардида, 24 кас захмин шуд ва 2 мошини зириҳпӯш аз кор баромад.

Дар давоми чор моҳи роҳбарии мо сарварони ҳизби наҳзати ислом, қозиёт, нерӯҳои «демократӣ» бо кӯмаку дастгирии «ахбори умум» ду моҳ мардумро гумроҳ карда ба Қуръони шариф қасам дода, аз кору зиндагӣ чудо карда, ба гирдиҳамоӣ даъват намуданд. Дар ин муддат рӯзе ба ҳисоби миёна зиёда аз 5—10 ҳазор одам дар корхонаю хоҷагиҳои ҷамъиятию шахсӣ ва давлатӣ кор накарданд, маҳсулот истеҳсол накарданд, вале аз ҳисоби маҳсулоти ҷамъият рӯз гузаронданду боз даъво карданд, ки нарху наво қимат, мағозаҳо холӣ, қонунҳо сохта, аз ин рӯ, роҳбарон бояд истеъфо бидиҳанд... Корхонаҳои давлатию ҷамъиятӣ ва шахсӣ кор накарданд, бо мамолики хориҷию собиқ Иттиҳод шартномаҳо баста нашуд. Он

шартномаҳое, ки баста шуда буд, бо сабаби муташаннич гардидани вазъи ҷумҳурӣ амалӣ нагаштанд. Ҳудамон маҳсулот истеҳсол накардем ва дигар мамлакатҳо чизе надоданд. Муносибатҳоямонро ба мамлакатҳои собиқ иттиҳод вайрон кардем. Бигӯед, гирдиҳамоиҳо чӣ доданд ва ба фондаи ҷумҳурӣ чӣ ба даст овардем?! Оё нарху наво арзон шуд? Мағозаҳо аз маҳсулот пур гашт? Зисту зиндагии мардум беҳтар гардид?

Имондорона мегӯям: не!!! Баръакс, нарху наво баланд шуд ва боз баландтар хоҳад шуд, мағозаҳо холӣ буд, холитар мегардад. Зисту зиндагонии мардум боз бадтар хоҳад гашт. Касе дарк намекунад ҷумхурии мо соле 1500 миллион тон гандум мехарид. Имсол аз кадом давлат мехарида бошаду ба ивазаш чӣ медодаем. Шинор? Сафасата, дурӯғ, бӯҳтон ва ё гирдиҳамоӣ?! Воқеан, мумкин аст ба дунёи сармоя гирдиҳамоиро фурӯхт, вале кадом давлати баргаштабахт онро мехарида бошад?!

Аз ин гирдиҳамоиҳо ҷумҳурӣ ва халқи шарифи он як «мӯъҷизаи бисёр хубе» ба даст оварданд: якчанд шахси бемансаб, ки шабу рӯз дар фикру хаёли мансаб буданд, муваққатан, бо зӯрии силоҳ соҳиби курсӣ гардиданд...

Пас аз он, ки роҳбарони оппозиция мардумро бо дасти худ ба марг дучор намуданд, боз бешармона бо мақсади дар чашми мардуми гумроҳшуда хок пошидан амалиёти чиноятқоронаи худро пардапӯш карда, рӯзи 11-уми маи соли 1992 дар майдони «Шаҳидон» ҷанозаи «шаҳидони гулгункафан» — роҳи «ҳақиқату озодӣ»-ро эълон намуданд. Вале ягон нотиқе, ягон олиме, ягон шердиле, ягон ҳуқуқшиносу курсинишине намегуфт, ки барои ба даст даровардани кадом озодию ҳақиқат,кадом адлу адолат ин ҷавонон шаҳиди «гулгункафан» гардидаанд? Мардуми ҷумҳурӣ, миллати тоҷикро аз зери дасти кадом халқи «хунхор» озод карданӣ шуданд? Ба онҳо боз чӣ гуна озодию баробарҳуқуқӣ лозим буд? Ҳуқуқу манфиати онҳо аз тарафи кӣ поймол карда шудааст? Ва оқибат, кӣ ба кӣ ҳуҷум карда буд?!

Чаро, барои амалӣ гардидани кадом мақсад онҳо бо силоҳу мошинҳои зиреҳпӯш ба бинои КАМ ҳуҷум оварданд?! Магар ин табаддулоти давлатӣ набуд?!

Рӯзи 11 майи соли 1992 ҳама қорию қоризодагон, эшону эшончаҳо, ҳочию ҳочизодагон, ки гунаҳкори асосии хунрезиҳо буданд, дар тан либосҳои кабуд, дар сар саллаҳои сафед, дар даст тасбеҳҳои хориҷӣ ба чои астағфируллоҳ гуфтан, дар ҷазди худои яккавву ягона тавбаю надомат кардан «Ё маг, ё ғалаба!» гӯён ба майдони «Шаҳидон» дохил шуданд, ки аз рӯяшон ба чои нури илоҳӣ ҷаҳолату хун меборид.

# НАМОЗИ БЕТАҲОРАТ

Барои хондани ҷаноза дар майдони пур аз ифлосӣ саф кашиданд, агарчӣ дар чанд қадам онсӯтари майдони «Шаҳидон» масоҷиди Ҳоҷиёқуб ва Сариосиё воқеъ гаштааст, ки ҷанозаи ҳалокгаштагонро дар он ҷо, дар ҷои ҳалолу покиза, чӣ тавре ки дини мубини ислом онро талаб мекунад, хондан мумкин буд. Вале ҷаҳлу ҷаҳолати онҳо ғолиби оёту ҳадиси Қуръони маҷид ва талаботи шариати ислом гардид.

Дар сафи намоз ба қатори онҳо Шодмони Юсуф, Тоҳири Абдуҷаббор, Бозор Собир, Мирбобо Мирраҳимов, Давлат Худоназаров, Гулрухсор Сафиева ҳам агарчи бетаҳорат буданду бӯй аз мусулмонӣ набурда буданд, даст ба гӯш бурда, гӯё намози ҷанозаро ният карданд... Чанде аз оёти Қуръони азимушшаън тиловат шуду ҳама дуои ҷони зиндаҳою фотиҳаи рӯҳи фавтидагонро бар ҷой меоварданд. Ба хешу ақрабо ва аҳли байти мурдагон таъзия ва тасаллият баён намуда, мегуфтанд: «Ҳар касе имрӯзу фардо дар ин ҷанг барои устувор намудани пояҳои дини муқаддаси ислом шаҳид мегардад, қалиди ҷаннатро бо худ мебарад, ҳафт пушташро шафоат намуда, сазовори биҳишт мегардад. Дарҳои биҳишт бар рӯи ӯ кушода асту шаст ҳуриони биҳиштӣ интизораш. Арвоҳи онҳо дар ҷаннат ҳамеша шоду ҷовидонаанд. Ин ваъдаи парвардигори кариму раҳим аст. Худованди ҳаждаҳ ҳазори олам шаҳид шуданро насиби бандагони бехтаринаш мегардонад...»

Маълум мешавад, ки «ҳомиёни» дини ислом бандагони бехтарини худо набудаанд. Агар бандагони бехтарин мебуданд, пеш аз бечорагону гумроҳшудагон, деҳқонзодагон шаҳид мешуданд, қалиди биҳиштро бо худ мебурданд ва аз оғӯши нарму гарми 60 ҳури ғилмон роҳат мекарданд ва намедонам аз ин маргашон биҳиштиён бурд мекарданд ё халқи тоҷик...

Маълум мегардад, ки эшон бандагони бехтарин набуда, ба ғазаби оллоҳ гирифтор гардида ва наҳс будаанд... Вале онҳо бо чунин маккорию найрангу суханбозиҳо мардуми аламзадаю раҳгумкардаро бовар кунонда, боз ҳам гумроҳтар менамуданд, ки роҳи пешгирифтаи онҳо дуруст ва бо розигии худост.

Ҷасади ҷавононро ба қабристон гусел мекарданд.

* * *

Сипоҳе ғазабпешаву хашмгоб,
Чу диданд рӯе чунон бе никоб.
Зи тоби ҷавонӣ ба ҷӯш омаданд,
Дар он доварӣ сахткӯш омаданд.

Гирдиҳамой шиддат мегирифт, нотиқон девонавор баромад карда, кормандони КАМ ва Раиси Ҷумҳур Р. Набиевро тан-

қиду таҳдид мекарданд, ба гуноҳи набуда гунаҳкор месохтанд. Аз ҷумла, шоири «халқ» Бозор Собир ба гирдиҳамомадагон иброз дошт: «ман аз ибтидо зидди ҳукумати Маҳкамову Набиев ва хама гуна гуфтушунидҳо будам, аз дасти Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ҳеҷ гоҳ ягон кори савоб наомада буд ва намеояд. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба мардуми кӯҳистон, ҷануби Тоҷикистон дӯст нахоҳад шуд. Бо роҳи инқилоб ҳукуматдоронро сарнагун кардан лозим... Зиёда аз понздах сол аст, ки бо фарзандонам бо онҳо мубориза мебарем».

Дар охири суҳан Бозор Собир бо ғазаб гуфт: «Нест бод Кенчаев! Дӯстов! Набиев!! Инқилоб!! Инқилоб!! Инқилоб!!» ва гирдиҳамомадагон ба ӯ ҳамовоз мешуданд. Вале Бозор Собир ғофилу бехабар аз офаридан бузургон буд:

Ҳарчанд ки бозуи ҷавонӣ зӯр аст,
Мағрур машав, чашми ғурурӣ кӯр аст.
Бо ман-манӣ гар мех занӣ ноҷоя,
Фардо сари вай дар даҳани анбур аст...

Вале гирдиҳамомадагон ва ӯ боре ба худ савол намедоданд, ки дар давоми солҳои охир дар ягон ҷое кор намекунанд, аз ҳисоби кӣ, кадом хоин ҳаёт ба сар мебаранду соле якчанд маротиба ба давлатҳои хориҷа сафар мекунанд...

Давлати Исмон ва Муҳаммадшариф Ҳиммататзода ба хешовандони шаҳидон таъзия баён намуда, иброз доштанд: «То он рӯзе, ки Р. Набиев аз сари қудрат дур нагардад, мо ҳеҷ гуна мусолиҳаро қабул наҳоҳем дошт...» Шумо сарсупурдагони роҳи барқарор намудани дини мубини исломро ба инқилоб даъват мекунем. Роҳи мо якто: «Ё марг, ё ғалаба!»

Ба бадбахтии бузург рӯзи 11 маи соли 1992 бар хилофи ду созишномаи расмӣ, роҳбарони мухолифин гирдиҳамоиро то саҳари 15 маи соли 1991 давом доданд. Гурди миллии онҳо бо мошинҳои зиреҳпӯш ва силоҳ Душанбешаҳр ва ноҳияҳои атрофи онро зери назорати худ гирифта, ҳар гуни бедодгариҳо — дуздию ғоратгарию одамкушӣ мекарданд, мардумро зери тарсу ваҳм нигоҳ медоштанд. Наклиёти мусофиркаш ва аксарияти корхонаҳо, муассисаҳо кор намекарданд.

Вазорати умури дохилии ҷумҳурӣ чун пештара нисбати бедодгариҳо чорае намеандешиду дар муҳофизати гирдиҳамомадагону роҳбарони онҳо буд. Вуҷуд надоштани ҳокимияти ҷумҳурӣ ба хама маълум буд. Аз рӯи навбат баландгӯяки майдони «Шаҳидон»-ро яке аз идеологҳои оппозиция Давлат Худоназаров гирифта ,гуноҳи худ ва сарвaрони оппозицияро онди ҳодисаҳои 10 маи соли 1992 пардапӯш намуда, мардумро даъват намуд, ки аз хоби гарон бархезанд, вақти мубориза расидааст, на гуфтушунидду тартиб додани созишномаҳо бо Раиси

Ҷумҳур. Роҳи мо якто: «Ё марг, ё ғалаба»! Вале мардуми гирдиҳамомадаро барои озод кардани майдони «Шаҳидон» мувофиқи талаботи ду ҳуҷҷати расмӣ даъват накард.

Ҳамоно гирдиҳамоӣ дар майдони «Шаҳидон» идома дошт. Рӯзи 14-уми майи соли 1992 дар назди ҳозирин генерали «халқӣ» Эшони Саид Қиёмиддин, генерали «халқӣ» Қоримуҳаммад-ҷони Ғуфрон, қозикалони ҷумҳурӣ Ҳоҷиакбар Тӯрачонзода, раиси Кумитаи Мудофиаи Тоҷикистон генерал-майор Баҳром Раҳмонов, раиси Ҳизби наҳзати ислом Муҳаммадшариф Ҳиммат-зода, раиси созмони мардумии «Растохез» Тоҳири Абдуҷаббор, раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон Шодмони Юсуф ва дигарон сухан ронданд. Онҳо дар бораи мардонагӣ, истодагарӣ, шарафу номуси мардуми «пойдоману ҳақиқатҷӯйи» гирдиҳамоӣ сухан ронда, чунин иброз намуданд:

— Муборизаи гирдиҳамомадагон буд, ки Ҳукумати муросои миллӣ ва Маҷилиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфту тарафдорони мо соҳиби якчанд курсии ҳукуматӣ гардиданд:

— Ин муваффақиятҳо, албатта, бе хунрезӣ ба амал наомаданд. Дар ин роҳ бисёр бегуноҳон шаҳид шуданд, вале онҳо дар ҷаннат роҳат доранду рӯҳашон ҳамеша зиндаву ҷовид ҳамроҳи мо барои пойдор намудани дини мубини ислом мубориза бурда истодаанд. Онҳоро Шумо намебинед, эшону эшонзодагон, қориёни Қуръон бо илми ғайб мебинанду ҳамсӯҳбат мегарданд...

— Ҳамаи он ғалабае, ки нерӯҳои оппозиционӣ ба даст оварданд, аввало хости худои яккаву ягона бошад, сонияи хизмати шоистаи гирдиҳамомадагон, Гурди миллӣ бо роҳбарии генералҳои халқӣ, уламо, рэкетёрҳо, ҷавонони далеру шуҷоъ буд...

Хоини Ватан ва халқу миллати тоҷик раиси Кумитаи Мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майор Баҳром Раҳмонов риштаи суханро ба даст гирифта, ба гирдиҳамомадагон чунин гуфт: «падарону модарон ва бародарони азиз! Ман ҳам эшонзодаам, падару бобоям эшон гузашта, аз дасти ҳукумати шӯравӣ рӯз надида буданд. Имрӯз чун эшонзода ба тарафи шумо, мардуми поку ҷавинрода гузаштам ва тайёрам ҳар супорише, ки аз тарафи роҳбарони оппозиция дода мешавад, қасам ба арвоҳи поки падару бобоям, ба хотири ривоҷу равнақи дини мубини ислом ва барқарор намудани ҷумҳурии исломӣ сарбаландона ва ғуломвор иҷро менамоям. Суханҳои генерали ҳарбӣ Баҳром Раҳмоновро шунида ,кас беихтиёр ба фикр фурӯ меравад. Худоё, чаро аз як лой чанд тоифа бандагон офаридай? Яке ростқавлу покзабон, дилсофу ҷавонмард, дигаре дурӯғгӯю дилсиёҳ, номарду фосиқ, ки агар вазъияти номувофиқ ба сараш ояд, тайёр аст ҳама чизи азизаш — имону модарашро ҳам бифурӯшад. Наузанбиллоҳ, онҳо чӣ гуна мемурда бошанд?!

Хулоса, гирдиҳамой дар майдони «Шаҳидон» авҷ мегирифт, эшону эшонзодагон, «уламову ҳочиён» барои савоб гирифтан даву ғеҷ мекарданд, то ки баландгӯяки минбарро бигиранду сухане бигӯянд.

Рӯзи 15 маи соли 1992 майдони «Шаҳидон» пур аз одам буда, генерали мардумӣ корӣ Қиёмиддин чун пештара аз муваффақиятҳо сухан ронда, мардумро даъват мекард, ки барои дини мубини ислом силоҳ бигиранду мубориза баранд. Кас ба майдон менигаристу чеҳраҳои мардумро медид, ки чӣ тавр он ришсафедону чавонон бо рӯҳи болидаву чеҳраҳои хандон даст ба дуо бардоштаанд. Аз он ки як даста масхарабози сияҳдил, хоину ҷоҳил ва душмани миллату дину мазҳаб ба монанди корӣ Саид Қиёмиддину мулло Абдуғаффор, Тӯрачонзодаву мулло Саид Абдуллоҳи Нурӣ, Шодмон Юсуфу Тоҳири Абдуҷаббор, Саид Ашрафу Бозор Собир ва амсолонашон ақлашонро дуздидаву чашми ҳақбини вуҷудашонро кӯр кардаанд, парвое надоранд.

Хурсанду масрур вале бехабар аз онанд, ки бо дасти худ, бо ҳамон дастоне, ки ба дуо бардоштаанд хуни ноҳаққи чигаргӯшаҳои хеш, додару бародарони худро рехтаанд.

Бехабар аз он, ки ба иғвоҳо, дасисаҳо ва дурӯғу бӯҳтони як иддаи худобехабар бовар карда, ба решаи авлоди худ, миллати худ, дину мазҳаби хеш теша заҳрогин задаанд.

Бехабар аз он, ки куфрони неъмат кардаанду худованд рӯзе подоши амалашонро ба кафҳои дасташон хоҳад гузошт. Хулоса, бехабар аз он, ки рӯзе мерасаду он «ҳомиён»-и дини мубини ислом, «падарон»-и миллат онҳоро ба дасти тақдир супурда, худ барои наҷоти хеш мисли кӯрмушҳо ба ҳар сӯрохӣ хазида, паноҳ мебаранд ва соате мерасад, ки аз ни ғуруру шодмонӣ дар симояшон нишоне нахоҳад монд ва онҳо боз ба хамин майдон бармегарданд. Бармегарданд ба хотири буридани ноне, пораи либосе. Бармегарданд ба хотири паноҳ бурдан, бармегарданд на бо мошинҳои нави тезрафтор ва автобусҳои мулоимкурсӣ, балки бо трактору тележкаҳо ва самосвалҳои болокушода, вале танҳо, бе «пешвоён», бе нотиқону воизони «оташсухан»!!

## «ҲАМ ДУЗДИВУ ҲАМ ПЕШХЕЗӢ»

Чӣ тавре ки дар урфият мегӯянд, «Забони нокасу муттаҳам ҳамеша дароз аст», Шодмон Юсуф тавассути расонаҳои ахбори умум баромад карда, боз кормандони КАМ ва дивизияи 201-уми гарнизони ҳарбии Душанбешаҳрро муҷрим донист, ки гӯё мардуми бегуноҳу бесилоҳро парронданд ва ҷавобгӯи ху-

ни шаҳидони «гулгункафан» русхо ва Артиши Русия мебошад. Вай аз рӯи маколи «Ҳам дуздию ҳам пешхезӣ» амал карда, барои хок пошидан ба чашми халқ гунаҳкори асосӣ фирқаи 201-и Русияро дониста, унвонии Раиси Ҷумҳури Федератсияи Русия Б. Н. Ельцин эътирознома фиристода, иброз дошт, ки: «Б. Ельцин набояд фаромӯш кунад, ки дар Душанбе ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ садхо ҳазор русзабонҳо зиндагӣ доранд ва дар лаҳзаҳои зарурӣ ҳамаи онҳо гаравгони моянд».

Эътирози ӯ бисёр ҳам соддалавҳонаю кӯрдилона, аҳмаконаю миллатгароёна буд, ҳукуки таҳқир кардани русзабонҳоро касе ба ӯ надода буд. Ин яке аз сабабҳои асосии фирор кардани бародарони русзабон, мутахассисони хубу варзида, аз ҷумҳурии мо ва тира гардидани муносибати Ҷумҳурии Федератсияи Русия, мардуми он нисбат ба давлати кӯчаки Тоҷикистон ва миллати тоҷик гардид. Ин хатойи снёсии ҷиддӣ буд, ки то имрӯз ба ҷумҳурии мо зарари ниҳоят калони моддию маънавӣ оварда истодааст... Ба мукобили изхороти Шодмон Юсуф ҳамаи ташкилотҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ мурочиатнома қабул карда, ақидаи Шодмон Юсуфро зери тозиёнаи танқид қарор дода, изҳор карданд, ки мардуми русзабони Ҷумҳурии Тоҷикистон комилҳуқуқ буда, ҳеҷ гоҳ гаравгони оппозитсия ё ким-кадом гурӯҳи нохалафе нахоҳад шуд!... Аммо ҳайратовар он аст, ки касе аз роҳбарон на Раиси Ҷумҳур, на Сарвазир, на Раёсати Шӯрои Олӣ, на шахсони маъруфи ҷумҳурӣ ва на ургонҳои муҳофизати ҳуқуқи инсонӣ аз Шодмон Юсуф пурсон нашуданд, ки худи ӯ кист? Кӣ ба ӯ ҳукук додааст, ки як миллати дигарро таҳқир намояду гаравгон гирад?! Кӣ ба ӯ ичозат додааст, ки тавассути Садою симои ба ном «мардумӣ»-и ҷумҳурӣ чунин баромади ноҷавонмардонаву иғвогарона намояд? Кӣ ба ӯ ҳукук додааст, ки миёни мардуми балокашидаю бенавои Тоҷикистон ва мардуми русзабон иғвову ҷанг андозад?! Касе масъалаи ҷавобгарии ӯро нагузошт. Агарчӣ бо гуфтаи Акбаршоҳ Искандаров давлати ҷумҳурӣ амал мекард... Илова бар ин, А. Искандаров вазифаи давлатии худро сӯиистеъмол намуда, беимонона хоини миллат Шодмон Юсуфро хост, ки сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия таъин намояд. Вале давлатдорони Федератсияи Русия ин иқдоми нопокро напазируфтанд...

Ҳар як фард бояд имондорона, аз рӯи ақлу хираде, ки худованд ба ӯ додааст, вазъи ба вуҷуд омадаву ҳаводиҫи ба вукӯъ пайвастаро таҳлил намуда, аз рӯи имону виҷдон бигӯяд, ки гунаҳкорони ҳалоку маъюб гаштани як идда ашхос дар назди бинои ВУД ва КАМ-и ҷумҳурӣ киҳоянд? Қормандони ВУД КАМ, гарнизони ҳарбии Душанбешаҳр ё шахсоне, ки аз тарафи оппозитсия ба Протоколи созиш имзо гузоштанду онро

иҷро накарданд ва бо мақсади забт намудани КАМ кӯшун кашиданд?!

Охир, кӣ онҳоро маҷбур карда буд, ки бо тиру туфанг барои муҳосира намудани КАМ ва ҳамла ба он иқдом намоянд?!

Барои ба ин саволҳо ҷавоби қаноатбахшу объективона ёфтан, бояд ба далелҳои зерин мурочиат кард:

— Аввало, тавре ки ёдовар шудем, Протоколи созиш миёни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои мардумӣ соати 2.00 шаби 7.05.1992 с. ба имзо расида буд. Онро аз тарафи оппозиция раиси Хизби наҳзати ислом М. Ҳиммат-зода, раиси Хизби демократ Ш. Юсуф, раисони созмонҳои мардумии «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон Т. Абдуҷаббор ва А. Амирбек дар иштироки шахсони миёнарав: Отахон Латифӣ, Л. Шералӣ, А. Турсунзод ва Р. Раҳимов тартиб дода ва ба имзо расонда буданд.

Худи ҳамон рӯз Сарвазири Ҷумҳурӣ А. Мирзоев бо ҳамроҳии роҳбарони оппозиция онди тартиби иҷрои Протоколи созиш ҳуҷҷати расмӣ: услуҳои иҷрои протоколи созишнома тартиб дода буд.

Дар бандҳои 5, 9, 10 ҳуҷҷати номбурда зикр гардидааст:

— Раёсати оппозиция (Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократ, созмонҳои «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон») баъд аз имзо шудани протоколи созиш вазифадоранд фавран фурӯдгоҳ, истгоҳи поезд, Кохи Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, студияи телевизионро аз муҳосира озод намоянд.

Дар майдонҳо ба кандани ҳаймаҳо, супоридани силоҳҳо ҳатман шурӯъ мекунанд. Вале ин талаботи ҳуҷҷатҳои расмӣ аз тарафи роҳбарони оппозиция то 18.05.1992 с. иҷро нагардид. Агарчӣ майдони «Озодӣ» рӯзи 7 мои соли 1992 пурра озод гардида буд.

Пас, саволе ба миён меояд: «Чаро роҳбарони оппозиция талаботи ду ҳуҷҷати расмиро, ки худи онҳо имзо карда буданд, иҷро накарданд?!

Чаро мардумро бо мошинҳои зиреҳпӯшу бо силоҳ ба тарафи бинои КАМ ва ВУД фиристодаанд?! Барои ҳалли кадом масъалаҳои ҳал нагардида?!

Охир, протоколи созиш ба имзо расида буд, майдони «Озодӣ» озод шуда буд-ку?!

Ҳама талаботи оппозиция аз тарафи Ҳукумат ва Раиси Ҷумҳур қабул гардида, иҷро шуда буд!

Охир, ҳама фармонҳое, ки оппозиция 7.05.1992 с. бо хоҳиши дили худ тартиб дода буд, Раиси Ҷумҳур имзо гузошта буд. Аз ҷумла: — дар бораи бекор кардани вазъияти фавқулодда ва вақти комендантӣ дар Каламрави шаҳри Душанбе;

— Дар бораи барҳам додани бригадаи таъиноти махсус ва баталони алоҳидаи ҳайати он;

— Дар бораи аз штати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтиёри Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор кардани Кумитаи Аминияти Миллӣ ва Кумитаи Мудофиаи ҷумҳурӣ;

— Дар бораи аз вазифа сабукдӯш кардани раиси Кумитаи Мудофиаи ҷумҳурӣ Ф. Н. Ниёзов, ноиби президент Н. Д. Дӯстов, раиси Ширкати давлатии садою симои ҷумҳурӣ А. С. Сайфуллоев;

— Дар бораи беэътибор донистa шудани фармони Президенти ҷумҳурӣ «Оид ба ҳайати Шӯрои Президентӣ»;

— Дар бораи ширкати давлатии Симо ва садои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

— Дар бораи ташкил намудани Ҳукумати муросои миллии Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

— Дар бораи таъсис намудани Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Ҳамин тариқ, як зумра фармонҳо бекор карда шуданд, агарчӣ аксарияти он фармонҳо дар вазъияти ба миён омада лозим буданд ва асос барои эътибор соқит кардани онҳо набуд.

Номзадии шахсони мансабталаб ва курсии мансабҳое, ки онҳо менишастанд, муайян гардида, фармонҳои Раиси Ҷумҳур ба имзо расида буд... Пас, кадом масъала бардошта буданд ки Раиси Ҷумҳур ҳал нанамуд?

Оё сабаб чӣ буд? Боз ҳалли кадом масъаларо интизор буданд, ки сабаби ба иҷро нарасидани протоколи созиш мегардид?

Ба ин саволҳои пайдарҳаму беохир то ҳол касе ҷавоб надодааст ва бояд касе ё гурӯҳе ба ин саволҳо дар назди халқ, дар назди Қонун, дар мурофиаи суд ва дар назди хешовандону дӯстони он шахсоне, ки 10 маи соли 1992 дар назди ВУД ва ҚАМ-и ҷумҳурӣ ва дар дигар ҷойҳо то 18 маи соли 1992 ҳалок гардидаанду маъюб шудаанд, ҷавоб диҳад.

Аз баровардани хулоса онди ному насаби ашхоси гунаҳкори 10 маи соли 1992 худдорӣ мекунам, агарчанде онҳо маълуманду ному насаби қисме аз онҳоро зикр намудаам ва ҳалли ин масъаларо ба органҳои тафтишотӣ ва худи хонандагони гиромӣ мегузорам. Худи Шумо баҳои воқеъбинонаву объективона диҳед: Оё ба маргу маъюб гардидани зиёда аз 30 шахс, аз кор баромадани ду мошини зиреҳпӯш, ки даҳҳо миллион сӯм арзиш доштанд, кӣ гунаҳкор аст? Охир, кормандони ҚАМ-и ҷумҳурӣ дар коргоҳи худ нишаста, машғули адои вазифаи хидматии худ буданд-ку?! Ё он роҳбарони оппозиция, ки аҳдшика-

ний карда, пас аз ба имзо расидани ду ҳуҷҷати расмӣ гирдиҳамойиро давом доданду боз мардуми бесилоҳу босилоҳро бо мошинҳои зиреҳпӯшу генералҳои «мардумӣ» ба сари командони ҚАМ-и ҷумҳурӣ фиристоданд?

Ё он шахсони миёнарав ва Сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоев, ки ҳуҷҷатҳои расмии созишро тартиб дода имзо карда буданду кафолати фавран иҷро гардидани ҳар банди онро ба зимман худ гирифта буданд? Чаро ба амалӣ гардидани он камар набастанд, қадаме ба пеш нагузоштанд?!

Президенти Ҷумҳурӣ бо максади гирифтани пеши роҳи оғози ҷанги бародаркуш вазниниро ба худ гирифта, бисёр кӯтоҳандешонаву тангназарона рафтор намуда, зери накоҳи онҳо раксида, чӣ тавре ки дар боло ёдовар шудем, як даста фармонҳои худро лағв намуда, як силсила фармонҳои ғайриқонунӣ ба тасвиб расонид. Ҳарчанд ки аксарияти фармонҳои Президенти Ҷумҳурӣ ғайриқонунию бар зарари давлати қонунӣ буда, теша ба решаҳои ӯ мезад ва дар он шабу рӯз бекор кардани бисёр фармонҳо ба манфиати оппозиция буд, ки табаддулоти давлатиро метезонид. Худи ҳамон рӯз рӯзномаи «Садои мардум», ки органи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, дар давоми як шабонарӯз пӯсти худро дигар карда, бо имзои иҷрокунандаи сардабир М. Мирбобоев дар саҳифаи аввал фармонҳои Раиси Ҷумҳурро тахти сарлавҳаи «Пирӯзии адлу шарафи мардуми тоҷик муборак!» бо ҳарфҳои калон-калон пешкаши хонандагон гардонид. Бо ин рох амалиёти оппозицияро тарафдорӣ намуда, кӯмаки худро бахри ҳарчӣ тезтар амалӣ гардидани табаддулоти давлатӣ дареғ надоштааст.

Худоё, чаро бандагонатро чандрӯю чандзабон ва ноҷавонмард офаридай, ки аз вазиши бодҳои ночиз, ки ба ҷунбонидани барги дарахт қудрат надоранд, симояшонро дигар мекунанду зери накоҳи ҳар касу нокас мераксанд.

Ҳамон як зумра командоне, ки имрӯз ҳам дар рӯзномаи «Садои мардум» адои вазифа мекунанд, ақидаашонро чӣ гуна дигар кардаанду бо кадом рӯ ба мардуми ҷумҳурӣ худро намоиш медода бошанд?!

Бармегардем боз ба таҳлили ҳаводиси рӯзҳои 7—18 маи соли 1992.

Ба талабу дархостҳои Протоколи созиш нигоҳ накарда роҳбарони оппозиция барои давом додани ҷанги бародаркуш тайёрии чиддӣ медиданд. Бо ин максад гурӯҳи силоҳдори Гурди миллии оппозиция бо қувваи силоҳ аз муҳофизони ҳарбии дар ноҳияи Кофарниҳон будаи Вазорати муҳофизати табиати ҷумҳурӣ рӯзи 10 маи соли 1992, соати 19 15 дақика 3 поя тӯпи артиллерӣ, 11 май, соати 18.30 дақика аз ноҳияи Турсунзода ду поя дастгоҳи ракетӣ, аз ноҳияи Колхозобод 14 июни соли

1992, соати 24.00 ду поя дастгоҳи ракетӣ, 20.06.92 с., соати 19.30 дақиқа 2 поя тӯпи артиллерӣ, 21 июни соли 1992, соати 8.00 ду поя тӯпи артиллерӣ, 26 июни соли 1992, соати 20.00 1 поя тӯпи артиллерӣ ва 29 июни соли 1992, соати 12.00 4 поя тӯпи артиллериро гирифта, ба муқобили мардуми ҳуд, куштани занону кӯдакон истифода бурданд, хуни садҳо бегуноҳон, хуни бародарону хоҳарон ва тифлакони ҳудро резонданд, ҳар чизи шарифе, ки дар ҳуд доштанд, ботилкорона куштанд, хонаҳояшонро оташ заданд, мардуми рӯзнодидаро ашкрезону дар ба дар карданд. Худоё, имрӯз он саркардагон, он «падарон», он «модарон»-и миллат, ки ҳудро вориси миллати тоҷик меҳисобиданд, кучоянд?! Чаро пинҳону гурезонанд?! Фарзандони ҳудро аз «хоби гарон бедор карда», ба хун олуданду ҳуд чисми манфуру сарҳои бемағзашонро гирифта, куҷо ғайб зада бошанд?!

Акнун онҳо аз гуноҳи содиркардаи ҳуд шармандаанд ва рӯй надоранд, ки ба назди мардум бароянду ба чашмони пурашки онҳо нигаранд... Акнун онҳо аз кадом номус, аз кадом кеш, аз кадом имон ҳарф мезада бошанд?! Боз киро, кадом мардуми бечораю бенаворо гумроҳ намуда, даъват мекарда бошанд, ки «аз хоби гарон бархезанд»?! Оё миёни миллати тоҷик, халқи ҷумҳурӣ боз баргаштабахтоне ёфт мешуда бошанд, ки ба суханҳон пур аз фитнаи онҳо гӯш намоянду ба даъваташон бархезанд?!

Не, ҳеҷ гоҳ! Чӣ тавре ки дар урфият мегӯянд: «нобино асояшро як бор гум мекунад». Мардуми тоҷик, халқи ҷумҳурӣ хуб дарк кард, ки кӣ кӣ аст!...

11 маи соли 1992 Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери фишори оппозиция қонунро зери по намуда, ба қабули қарорҳои зерин иқдом намуд:

## ҚАРОРИ

**Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сабукдӯш кардани Кенҷаев С. аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Кенҷаев Сафаралӣ вобаста ба имконнопазирии даъвати иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳозира ва бо назардошти ба Протоколи созишномаи Президент, Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гузоштанаш, ҳамчунин вобаста ба вазифаҳояшро дар амал иҷро накардани ӯ аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабукдӯш карда шавад.

Масъалаи мазкур мувофиқи созишномаи зикршуда ба мухокимаи иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ пешниҳод шавад».

**Муовини Раиси Шӯрои Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **В. Приписнов.**

## ҚАРОРИ

### Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Иҷрои вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Искандаров Акбаршоҳ гузошта шавад.

**Муовини Раиси Шӯрои Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **В. Приписнов.**

Рӯзи 12—13 майи соли 1992 қарорҳои мазкур новобаста аз он, ки сар то по ғайриқонуниву бар хилофи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд, тавассути ахбори умум дастраси мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд.

Барои исботи ғайриқонунӣ будани қарорҳои мазкур ба хонандагони мӯҳтарам, далелҳои зиёди раднашаванда вуҷуд дорад ва онҳоро пешкаш менамоям:

ЯҚУМ. Мувофиқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таклифи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сессия аз тарафи депутатҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда мешавад, ки он ҳуқуқ дорад:

Яъне, муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба амал мебарорад танҳо аз рӯи сӯпориши Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сипас, чӣ гуна, аз рӯи талаботи кадом моддаи Қонуни Асосии Ҷумҳурӣ муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон В. Приписнов бо қарори худ Раиси Шӯрои Олиро, ки сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб кардааст, аз вазифааш сабукдӯш намудааст. Боз дар кадом асос?! Дар асоси он, ки гӯё «вобаста ба имконнопазирии даъвати иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳозира» ва «ҳамчунин вобаста ба вазифаашро дар амал иҷро накардани ӯ»!!

Ва худи ҳамон рӯз В. Приписнов бо қарори худ иҷрои ва-

зифаи Раиси Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ӯҳдаи муовини Раиси Шўрои Олӣ Искандаров Акбаршоҳ мегузорад.

ДУЮМ. Муовини Раиси Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Приписнов В. И. ва азъоёни Президиуми Шўрои Олӣ мувофиқи талаботи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу ваколати муҳокима ва ҳалли масъала дар бораи сабукдӯш кардани Кенчаев Сафаралӣ аз вазифаи Раиси Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ин вазифа таъин кардани Акбаршоҳ Искандаровро надоранд. Ҳалли маъалаҳои номбурда ба ваколати иҷлосияи Шўрои Олии Ҷумҳурӣ дохил мешавад. Аз ин рӯ, муовини Раиси Шўрои Олӣ Приписнов В. И. ва аъзоёни Президиуми Шўрои Олӣ қарори ғайриқонунӣ қабул намуда, конуншиканиро нобахшиданӣ содир карданд.

СЕЮМ. Баъд аз он, ки Протоколи созиш миёни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳзоби сиёсӣ ва ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон 7. 05. 1992 с. ба имзо расид, Раёсати Шўрои Олӣ ягон чорае барои даъвати сессияи Шўрои Олӣ ба харҷ надод. Дар кори сессияи чаҳордаҳуми Шўрои Олӣ танаффус эълон карда шуда буд ва Президиуми Шўрои Олӣ масъалаи давом додани кори сессияро баррасӣ накарду ҳуҷҷати лозима қабул нанамуд, гузаронидани рӯзи сессияро эълон накард.

Бо вуҷуди он, ки ман ба Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ва кормандони Президиуми Шўрои Олӣ борҳо занг зада, панҷ маротиба барқия фиристонида, хоҳиш карда будам, ки кори сессияи чаҳордаҳуми Шўрои Олӣ дар яке аз шаҳрҳои вилояти Ленинобод давом дода шаваду ҳамаи масъалаҳо ҳаллу фасли конунии худро ёбанд ва пеши роҳи ҷанги бародаркуш, ки ғулғулаи он аз ҳар кунҷу канори ҷумҳурӣ омада истодааст, гирифта шавад, вале онҳо хомӯширо раво диданд. Чунки ба мағлубият дучор мегардиданд...

Ба пиндори ман, агар роҳбарони ҷумҳурӣ Р. Набиев, А. Мирзоев ва Президиуми Шўрои Олии Ҷумҳурӣ аз бинӣ дуртарро медиданду ба ин дараҷа тангназар намебуданд ва танҳо фикри курсии худро намекарданду дилашон ба халқу миллати тоҷик ва давлати навбунёди он заррае месӯхт, фикру ақидаҳои пешниходкардаи маро ба ҳисоб гирифта, дар давоми моҳи майи соли 1992 дар яке аз шаҳрҳои вилояти Ленинобод кори сессияи чаҳордаҳумро давом медоданд.

Дар кори сессия вакилони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, намояндагони ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳод ва хориҷаро даъват намуда, ба депутатҳои Шўрои Олӣ шароити дурусти корӣ муҳайё мекарданд, бисёр масъалаҳои умдаи ҷумҳурӣ ҳаллу фасли конунии худро меёфтанд... Имони комил дорам, ки пеши роҳи

сар задани ҷанги бародаркуш гирифта мешуд, ҷумҳурӣ ва халқи он ба чунин бадбахтиҳо гирифтор намешуд.

Вале афсӯс ки суханҳои ман ба гӯшҳои пунбадори онҳо асар накард, аз санг садо омаду аз онҳо не. Сабабаш ба ман маълум буд. Онҳо кӯтоҳандешона ва бисёр ҳам тангназарона рафтор намуда, танҳо дар фикру ҳаракати дар курсии мансаб устувору қоим мондан буданд. Вале кӯрдилию кӯтоҳбинӣ нагузошт, ки онҳо бо чашми дил фардои ҷумҳуриро бубинанд.

Кӯтоҳақлона андешиданд, ки бо аз курсии мансаб дур гардидани Нарзулло Дӯстов, Атахон Сайфулоев, Ваҳҳоб Воҳидов ва Сафаралӣ Кенҷаев, дигар ҳама ором мегирад, ҷангу ҷидол хомӯш, дастархонҳо пуру лабрез ва ишон бо роҳбарони оппозиция «оиннома»-е месозанду косаи давр меронанд. Чунин суханҳою пешниҳодҳоро дар гуфтушунидҳои якҷоя Шодмон Юсуф, Муҳаммадшариф Ҳиммatзода ва Давлат Исмон борҳо ба Раиси Ҷумҳур ва дигар роҳбарони ҷумҳурӣ иброз дошта буданд.

Афсӯс ки ба суханҳои сохтаю бофта ва маккоронаи сарварони оппозиция роҳбарони ҷумҳурӣ соддалавҳона бе таҳлилу додани баҳои ҳаққонӣ ба ҷараёни ҳаводис бовар карда, он далелҳои кофии раднашавандаеро, ки мақсаду мароми тайёрии тӯлонии оппозиция ва «артиши 2 7 ҳазораи миллии босилоҳро» чун ойна равшан исбот менамуд, фаромӯш карданд.

Роҳбарони оппозиция дигар мақсади худро пинҳон намекарданд, бино бар он, рӯзи 8 майи соли 1992 дар гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» бо баландгӯяк чунин эълон намуданд: «муваффақияти ба даст омада ин ҳанӯз оғози кор аст ва ғалаба бояд то охир бирасад!!»

Аз ин ҷо шароит барои идома додани кори сессияи чаҳордаҳӯми Шӯрои Олӣ пурра мавчуд буд, фақат ба ин майлу хоҳиш зоҳир кардани роҳбарони ҷумҳурӣ зарур буд. Онҳо хуб медонистанд, ки депутатҳои халқи ҷумҳурӣ истеъфои Нарзулло Дӯстов, Нурулло Ҳувайдуллоев ва Сафаралӣ Кенҷаевро қабул нахоҳанд кард ва баръакс аз Раиси Ҷумҳур, Раёсати Шӯрои Олӣ ва Сарвазир ҷиддӣ талаб хоҳанд кард, ки: — чаро дар давоми якчанд моҳ Гурди миллии ҷумҳурӣ, агарчӣ аз буҷаи давлат барои таъсиси он 30 миллион сӯм ҷудо карда шуда буд, таъсис дода нашудааст;

— Чаро 37 адад мошинҳои зиреҳпӯш дар давоми зиёда аз 3 моҳ бе ронанда хобидаанду касе барои пайдо кардан ва таълим додани ронандаҳо хурдтарин иқдомеро ба кор набурд?

— Чаро Президент, Президиуми Шӯрои Олӣ ва Раиси онро фиреб дода, фармон дар бораи аз вазифа сабукдӯш кардани Вазири Корҳои Дохилӣ М. Навчувоновро имзо накард?

— Чаро Кумитаи Амнияти Миллӣ ва Кумитаи Диёри ҷум-

ҳуриро зери итоати худ гирифта ,амнияти мардуми ҷумҳуриро таъмин накард?!...

Чунин чуну чароҳои зиёде ба миён омада, ки теша бар пояҳои ноустувори давлати қонунӣ зад...

ЧАҲОРУМ. Рӯзи 7-уми маи соли 1992 оппозиция борҳо маро бо ду нафар муҳофизонам зери борони тир гирифт, вале умрамон дароз будаасту хости худо набудаасту мо зинда мондем, ҳукумат ва Раиси Ҷумҳур амнияти моро таъмин накард ва бинобар ин 8-уми маи соли 1992 аз шаҳри Душанбе хориҷ шудам. Бинои Шӯрои Олӣ то 18 май дар муҳосираи оппозиция буду касе кор намекард ва рӯзи 8, 9, 10, 11 маи соли 1992 ба Раиси Ҷумҳур спм зада,дар кучо будани худро гуфта будам. Илова бар ин, рӯзи 11 маи соли 1992 аз шаҳри Хуҷанд ба Раиси Ҷумҳур, Президиуми Шӯрои Олӣ ва Кумитаи Назорати Конституционӣ барқия фиристода талаб карда будам, ки қарори Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ аз 11. 05. 92 с. нисбати ман ғайриқонунӣ мебошад. Пас, чӣ гуна, аз рӯи кадом мантиқ дар қарори Президиуми Шӯрои Олӣ яке аз сабабҳои аз вазифа сабукдӯш намудани маро «вобаста ба вазифаҳояшро 8, 9, 10 маи соли 1992 иҷро накардан» овардаанд. Вале барои чӣ, бо кадом сабаб иҷро накардани вазифаро огоҳона шарҳ намедиҳанд.

Аз тарафи дигар, чӣ гуна вазифаамро иҷро мекардам, ки гирдиҳамоӣ дар майдони «Шаҳидон» 15 маи соли 1992 пас аз дар майдон хондани намози ҷумъа хотима ёфту хаймаҳоро рӯзи 16, 17 май ҷамъ намуданд. Бинои Шӯрои Олиро 18. 05. 92 с. аз дасти ғосибон озод карда, ба кормандон супурданд.

Охир, чунин будани ҳақиқати ҳолро роҳбарони ҷумҳурӣ хуб медонистанд-ку?!

Охир, роҳбарони оппозиция барои ҳаллу фасл намудани масъалаҳои худ ба тафреҳгоҳи Кабинети Вазирони Ҷумҳурӣ он мансабдоронеро мебурданду амнияташонро таъмин мекарданд, ки масъалаҳоро ба фоидаи онҳо ҳал намоянд. Дар ҳаққи ман ҳукми қатл бароварда буданд ва дастаи махсусе чун сагони бӯйгир маро кофтуков мекард, таъмини амниятамро касе ба зиммаи худ нагирифта буд, пас чӣ гуна метавонистам ба кор биравам?!

Пас, чаро Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, муовини Раиси Шӯрои Олӣ В. И. Приписнов боре ҳам маро накофт, мақомоти худро сӯиистеъмол намуда, ба қабули қарорҳои ғайриконституционӣ даст заданд? Акбаршоҳ Искандаров, ки курсии Раиси Шӯрои Олиро шаб дар хобу рӯз дар ҳаёл медид, бо чунин дасисабозиҳою қонуншиканиҳо ба он соҳиб гардиду ҳукмрониро сар кард, ки кард!

Ба пиндорам, онҳо кайҳо ба хулосае омада буданд, ки дар

лат аз даст рафтаасту хизматӣ дигар хоҷаро бояд кард. Ҳолу аҳволи мардуми ҷумҳурӣ, миллати тоҷик чӣ мешавад, барои онҳо фарке надошт...

Бо қабул намудани чунин қарорҳои ғайриконститутсионӣ аркони сеюми давлати навзоди тоҷикоиро низ ба дасти фундаменталистону ваҳҳобиён — душманони қаттолу ғаддори миллиту Ватан супориданд ва **барои ҳарчӣ тезтар амалӣ гардидани табаддулоти давлатӣ дар сарзамини ҷумҳурӣ ҳиссаи қобилонаи** худро гузоштанд. Вақто ки Акбаршоҳ Искандаров сари қудрат омад, чун лӯхтаки дасти оппозиция зери нақораи онҳо рақс мекард ва ҷанги рӯиростро ба муқобили мардуми азияткашидаи вилояти Кӯлоб ва тарафдорони онҳо эълон намуд. Ва хуни ҳазорҳо мардуми бегуноҳ бо роҳбарию дастгирии Акбаршоҳ Искандаров аз тарафи Гурди миллии оппозиция ва қисми зиёди кормандони Вазорати умури дохилаи ҷумҳурӣ рехта шуд, ки шуд!

Аз ин рӯ, бояд ҳар аъзои Президиуми Шӯрои Олӣ, муовини Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ В. И. Приписнов, ки сабабгори ғайриқонун ба сари қудрат овардани Акбаршоҳ Искандаров шуданд, бояд дар назди Қонун ва халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб диҳанд, иншооллоҳ, ки медиҳанд!

## ХИЁНАТ БА ҚОНУН

Бояд иқрор шуд, ки оппозиция дорои идеологҳои бисёр ҳам ҷасуру пуркувват ва зирак буда, машваратчиёнаш низ хеле варзидаю кордон буданд. Дар як шабонарӯз 24 соат кор мекарданд, ба‌ле мондагиро намедонистанд, дар байнашон вазифаҳо хуб таксим шуда, ба ҳар кас мувофиқи қобилияту истеъдодаш вазифа супурда шуда буд. Ҳар кас ба вазифаи хеш содиқ ва дилгарму дона баҳри иҷрояш камар баста буд. Аз чиҳати моддӣ хуб таъмин буданд, лозим мешуд, дар як шабонарӯз ба Маскав ё дигар мамолики хориҷӣ рафта, аз маслиҳатчиёни «оқил»-у «доно»-и хеш дастурҳо ва маслиҳатҳои лозима гирифта меомаданд.

Оппозиция ҳамеша моҳиронаву маккорона вазъияти ба миён омадаро таҳлил карда, ба бурду бохти табаддулотҳои давлатии дар кишварҳои хориҷ (Ирон, Гурҷистон ва ғайра) ба вуҷуд омада муқоиса менамуданд ва лаҳзаҳои бе‌ҳтариниро, ки табаддулоти давлатиро зери пардаи демократия пинҳон мекард, ба нақша гирифта, барои иҷрои он камар мебастанд. Бо ин роҳ мехостанд, ки ба **чашми мардуми ҷумҳурӣ ва ҷаҳон хок пошанду ҳақиқати ҳолро, яъне бо қувваи силоҳ табаддулоти давлатии аз тарафи фундаменталистон содиршударо зери парда ниҳон доранд.**

Бо ин мақсад якчанд нохалафу кӯтоҳандеш ва мансабпарастеро зери қаноташон, ки пур аз хуни рехтаи инсонҳост гирифта, амалиётҳои ғайриконституционии худро бо дасти онҳо қонунӣ кунонида, ба халқи ҷумҳурӣ ва ҷаҳон муаррифӣ мекарданд, ки гӯё ин ғалабаи демократия мебошад. Вале онҳо бехабар буданд, ки халқ худ гавҳаршинос аст, ҳама чизро мебинаду баҳо медиҳад, кадом амалиёт қонунӣ асту кадомаш бар хилофи қонун...

Афсӯс, сад афсӯс, ки онҳо битавонистанд, роҳе биёбанду зери қаноти пур аз хуни худ кормандони Кумитаи Назорати Конституционии ҷумҳуриро — онҳоеро, ки ойди муқаддасии қонун, эҳтиромаш он дар ҳама вазъияту шароит дар сессияи Шӯрои Олӣ пеши намояндагони халқ савганд ёд карда буданд, гирифта афсун кунанд ва ин тангназарон савганди додаашонро се талоқ карда, ба равиши об бел заданд. Ба хотири нигоҳ доштани курсии мансаб, ба боварии оппозиция сазовор гардидан, амали зишту ноҷавонмардона содир намуда, аз домани оппозиция дудаста дошта, дар натиҷаи кӯрдилию тангназарӣ бе таҳлилу тадқиқи қонунӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои расмӣ, гузарондани санҷиш, пешниҳод намудани далелҳои кофӣ, додани баҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ кӯр-кӯрона «вазъи сиёсии ҷумҳурӣ ва таҷрибаи конституционии ҷаҳонӣ»-ро далел оварда, баъзе аъзоёни Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон ва Раёсати Шӯрои Олии ҷумҳуриро, ки аз 7 то 12 маи соли 1992 қабул шудаанд, «ҷома»-и қонунӣ пӯшониданд.

Масалан, фармонҳо ва қарорҳо «Дар бораи аз вазифаи Нозири Президенти ҷумҳурӣ сабукдӯш сохтани Нарзулло Дӯстов», «Дар бораи ташкил намудани Ҳукумати муросои миллии Девони Вазирони ҷумҳурӣ» аз 11.05.1992 с. ва доир ба таъсиси «Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12.05.1992 с., қарорҳои Президиуми Шӯрои Олӣ аз 11.05.1992-ро қонунӣ ҳисобиданд. Ва ин ҷо бо таассуфи хеле зиёд бояд хотирнишон кард, ки агар чунин аъзоёни қонунӣ бошанд ва ё асоси қонунӣ дошта бошанд, дар он сурат аз умқи дил фарёд бояд кашид ва аз мағзи ҷон нидое бароварда, ки «вой бар ҳоли чунин қонуну сад дареғи қонундонӣ!»

Бароҳ таваҷҷуҳи хонандагонро мӯҳтарам, зарур мешуморам, ки якчанд нуктаи хулосаи Кумитаи Назорати Конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи баъзе санадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз 7 то 12 маи соли 1992 қабул шудаанд, таҳлил намоям.

ЯҚУМ. Кумитаи Назорати Конституционӣ дар маҷлиси худ ойди он панҷ масъалае, ки баррасӣ намуда, хулоса бароварда аст, вазифадор буд, аз як тараф маҳсоне, ки сухан дар бораи эътироф накардани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо мерафт (Н.

Дӯстов, А. Сайфуллоев, В. Воҳидов, Ф. Ниёзов ва маро), аз тарафи дигар мансабдорон (Раиси Ҷумҳур Р. Набиев, Сарвазири Ҷумҳурӣ А. Мирзоев ва аъзоёни Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро), ки фармону қарорҳоро имзо кардаанд ва ё вакилони онҳоро даъват намояд. Фикру ақида, далелу бурҳонҳои пешовардаи ҳар яки онро таҳлил намуда, дигар далелҳои кофии мавҷударо ба ҳисоб гирифта, сипас, хулосаи лозима барорад. Вале ин тавр нашуд, талаботи конунро иҷро накарданд, ҳуқуқу манфиати тарафҳоро поймол намуда, хулосаи кумитаро зери фишори оппозиция паси дарҳои пӯшида баровардаанд...

ДУЮМ. Хулосаи Кумитаи Назорати Конститутсионии (КНК) Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди панҷ масъалаи зикрёфта бо ибораи «вазъи сиёсии ҷумҳурӣ ва таҷрибаи конститутсионии ҷаҳон» бе далелу бурҳон ва таҳлили қонун «асоснок» карда шудааст. Мувофиқи талаботи қонун хулосаи Кумитаи назорати конститутсионӣ ҳуҷҷати ҳуқуқӣ ҳамон вақт ҳисоб мешавад, ки ба Қонуни Асосии ҷумҳурӣ мувофиқ будан ё набудани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро таҳлил намуда, баҳои ҳуқуқӣ диҳад. Бинобар ин хулосаи Кумитаи Назорати конститутсионӣ бояд бо қонунҳои амалкунанда ва моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шавад. Аз сабаби он, ки хулосаи Кумита оиди панҷ санади мутазаккира ба Конститутсияи Ҷумҳурӣ мухолифат доранд, қисми зиёди номгӯи он ҳуҷҷатҳо, принципи кории онҳо дар Қонуни Асосӣ вуҷуд надоранд, бинобар ин мутахассисони Кумитаи назорати конститутсионӣ нативонистанд, ки қонуне ё моддае аз Қонуни Асосӣ биёбанд, ки хулосаи худро вақҳноку пуркувват намоянд.

СЕЮМ. Дар хулосаи КНК омадааст: «Протоколи созиши байни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, аҳзоби сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон аз 7 мая соли 1992 аҳамияти ҳуқуқмуқарраркунӣ дошта, дар санадҳои мақомоти давлатии дахлдор инъикоси худро меёбад: «Ва протоколи созишро ҳуҷҷати қонунӣ ҳисобида, барои ба конститутсияи ҷумҳурӣ мувофиқат доштани панҷ ҳуҷҷати расмӣ асос намудаанд.

Вале муаллифи хулоса тарафи дигари масъаларо вобаста ба он, ки ягон моддаи протоколи созиш аз тарафи мухолифин иҷро нагардида буд, бо сабабҳои номаълум ба ҳисоб нагирифтааст.

Охир, ҳар як ҳуҷҷати созиш дар он ҳолате эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад, ки агар аз ду тараф иҷро гардад. Агар тарафи мухолиф талаботи протоколи созишро ба иҷро нарасонад, он протокол ғайриқонунӣ ҳисобида қувваи ҳуқуқии худро гум менамояд. Ҳамчунин дар Протоколи созиш нишон дода шуда буд, ки масъалаи истеъфои Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикис-

тон дар сессияи навбатии Шӯрои Олӣ гузошта шавад. Пас, чаро онро дар Раёсати Шӯрои Олӣ диданд?

ЧАҲОРУМ. Дар ягон моддаи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таъсис ва принципи кории «Ҳукумати муросои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», механизм ва аз тарафи кӣ аз вазифа сабукдӯш сохтани Ноиби Президенти Ҷумҳурӣ нишон дода нашудааст. Ҳаллу фасли ин масъалаҳои зикрёфта ва сабукдӯш намудани Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисме аз онҳо (ноиби раиси ҷумҳур) ба хоҳиши халқи ҷумҳурӣ дохил мешаванд.

ПАНҶУМ. Охир, мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 42 Қонуни оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 153 Қонуни мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) коргар ва хизматчӣ танҳо дар асоси қарори асосноки органҳои тафтишотӣ бо иҷозати прокурор баъди ба ӯ эълон намудани айбнома аз вазифаи хизматиаш дур карда мешавад. Дар ҷумҳурӣ қонуне, ки тартиби дигари аз вазифа дур сохтани шахсро муайян кунад, вуҷуд надорад ва аз ин сабаб Кумитаи Назорати Конституционӣ хулосаи худро оиди ин масъала бо ягон моддаи қонун мустаҳкам накардааст. Ба муқобили ман ва Н. Дӯстов касе айбнома эълон накардааст. Ба ивази ҳамаи ин, депутати Шӯрои Олиро бе иҷозати сессияи Шӯрои Олӣ аз вазифа озод кардан қатъиян мумкин нест. Ба пиндори ман, таърихи башар намедонаду ёд надорад ҳолатеро, ки муовини Раиси Шӯрои Олӣ бо қарори худ Раиси Шӯрои Олиро аз вазифа дур созад.

Оё онҳо қонунҳоро намедонанд, ки ба қонуншиканиҳо роҳ додаанд? Не, медонистанд. Ҳамаи онҳо олим буданд, таҷриба бои корӣ ҳам доштанд...

Охир, суди конституционии Федерацияи Русия як фармони Президенти Федерацияи Русия Б. Н. Ельцинро оиди қатъ намудани амалиёти ҳизби коммунист дар муддати якчанд моҳ дар мурофиаи судӣ муҳокима намуд, тарафҳо ва шоҳидонро пурсид, хулосаи чандин экспертҳо ва мутахассисонро шунид, ҳуҷҷатҳои зиёдеро таҳлил намуд ,сипас, ба як хулосаи муайян омад.

Пас, чӣ гуна Кумитаи Назорати конституционии Тоҷикистон нисбати панҷ ҳуҷҷати расмие, ки табаддулоти давлатиро дар ҷумҳурӣ таъмин намуд, дар давоми ду-се рӯз, бе даъвату гӯш намудани тарафҳо, шоҳидон, мутахассисон ва омӯзиши ҳуҷҷату қонунҳо, хулосаи экспертиза, «худам вазиру шоҳам Тоҳири Абдуҷаббор», гуфта ба хулосае омад, ки «он ҳуҷҷатҳои ҳукукӣ ба Қонуни Асосии ҷумҳурӣ мухолифат надоранд»!!

Оё онҳо нисбати вазифаи худ аз рӯи садоқату адолат амал

намуданд?! Оё онҳо барои худро ба роҳбарони оппозиция шарик кардан имонашонро захролуд накарданд, мардуми ҷумҳуриро ба иштибоҳ андохта, зери хатар нагузоштанд?! Оё дар амалиёти онҳо хиёнате нисбат ба халқи ҷумҳурӣ ниҳон набуд?! Оё ботину замири онҳо тоза буд? Не, бовар намекунам!!

Таассуф ва бисёр таассуф бар ҳоли зори чунин Кумитаи Назорати конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон! Вой, бар ҳоли зори чунин олимон, ҳуқуқшиносону иқтисодчиён, ки тавонистанд бе далелу бурҳон, сиёҳро сафед ҳисобанду дастраси мардуми ҷумҳурӣ гардонанд ва бори дигар мардумро гумроҳ бисозанд, ки сохтанд!!

Оё онҳо минбаъд ба чашми мардуми ҷумҳурӣ нигоҳ карда метавониста бошанд?! Оё онҳо фикр накарда бошанд, ки хулосаи Кумитаи Назорати конституционӣ чун ҳуҷҷати расмию ҳуқуқӣ дар таърихи кишвар сабт хоҳад шуд, олимону таърихшиносон, ҳуқуқшиносону сиёсатмадорон рӯзе онро омӯхта, баҳо дода, бар ҳоли онҳо чӣ мегуфта бошанд?!

Охир, чӣ гуна дар давоми ду-се рӯз дар бораи се фармони Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ва ду қарори Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ки **табаддулоти давлатиро дар ҷумҳурӣ амалӣ гардонид**, белро ба равиши об зада бе таҳлили қонунию сиёсӣ, овардани далелҳои раднашаванда, бо суханҳои умумӣ, ки аз ду ҷумлаи бемантику бесаводона иборат мебошанд, ба хулосае омад, ки «фармонҳои Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон ва Қарорҳои Президиуми Шӯрои Олӣ ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад», ва мардумро ба иштибоҳ андохт (рӯзномаи «Садои мардум», № 130 (353) аз 30 маи соли 1992).

Хушомадгӯёну лагандбардорон, тамаллуккорону сустиродагон бадтар зи душманонанд, ки аз худ дур бисозаш. Чуноне ки шоир гуфтааст:

Хушомадгӯ гар аз дунё барафтад,
Халал дар кори шоҳон камтар афтад.

Бо ин роҳ, ба пиндори ман, кормандони Кумитаи Назорати конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракат намуданд, чораҳо андешиданд, ки амалиёти ғиноятқоронаи оппозицияро қонунӣ ҳисобида, ба чашми мардуми ҷумҳурӣ хок пошанд ва ҳиссагузори ҳарчӣ тезтар амалӣ гардидани табаддулоти давлатӣ, ба сари ҳокимият омадану мустаҳкам гардидани роҳбарони оппозиция бошанд. Агарчӣ ҳар яке аз кормандони кумита хеле хуб медонистанд, ки аз даст то оринҷи гурӯҳҳои мухолифин (Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократ, созмонҳои мардумии «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон») пур аз хун буд...

Вале таърих гувоҳ аст . Аз паси пардаи сиёҳи дудолуд об

талхчехраҳо падид хоҳанд омад. Он рӯз хоҳад расид: оне, ки барои осоиши тану бақои курсии худ хост аз халқ чизе пинҳон созад, ҳақиқатро зери по намояд, ҷазояшро хоҳад дид. Иншоаллоҳ! Пайғамбари назми оламшумули мо Ҳофиз хуб фармудааст:

Ман агар некаму гар бад, ту бирав худро бош,
Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт.

Халқ бузург аст, ҳарчанд дорои донишу казоёии ҳуқуқию сиёсӣ набошад ҳам, аммо бо ақли расою дили бино ҳақиқату адолат, сафеду сиёҳро бе ёрии каси дигар хуб фарқ мекунад ва худ баҳо медиҳад, «кӣ кӣ аст?», «рӯи Кӣ дар ҷамъият сиёҳ асту рӯи Кӣ сафед». Вой бар ҳоли он ашхосе, ки халқ ӯро ба бадӣ ёд намояду аз забону назари халқ афтад...

Билохира, агар чунин Назорати Конституционӣ бошад, имондорона мегӯям ва онро таърих исбот менамояд, ки дар миёни якчанд моҳ аз он Конституция ба ғайр аз муқова дигар чизе боқӣ нахоҳад монд!!

* * *

Мувофиқи Протоколи сеюм дар қатори дигар фарзандони дилсӯзи миллат, ки зери доираи оппозиция рақсидан намехостанду қабоҳати амали оппозицияро хеле барвақт ҳис карда буданд, аз вазифа сабукдӯш кардани раиси Ширкати давлатии Садою симои тоҷик, олими шинохта, мунаққид, адабиётшинос Атахон Сайфуллоев низ зикр шуда буд. 7 май соли 1992 Атахон Сайфуллоев бе ягон сабаб зери фишор бо фармони ғайриконунии Раиси Ҷумхур Р. Набиев аз вазифа сабукдӯш гардид.

Сипас, бо талабу дархости роҳбарони оппозиция ва хоҳиши Сарвазири ҷумҳурӣ Р. Набиев фармони дигарро ба мазмуни зайл имзо кард: «Ширкати давлатии сиёмо ва садои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёри Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва президенти ин ширкат аз ҷониби Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад». Яъне, ба сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоев ҳуқуқ дода шуд, ки сарварони Ширкати давлатии садою симои «мардумии» ҷумҳуриро бе дахолати каси дигар таъин намояд ва аз вазифа сабукдӯш созад.

Акнун роҳбарони гурӯҳҳои мухолифин давуғеҷ мекарданд, ки ба вазифаи раиси Ширкати давлатии сиёмо ва садои ҷумҳурӣ номзадии шахсеро пешниҳод намоянд, ки ба онҳо содику вафодор бошаду ғуломвор хидмат кунад.

Ҳар гурӯҳи мухолиф номзадии ҳамдиёри ё аъзои ҳизбу соз-

монҳои худро пешбарӣ мекард. Дар вақти муҳокимаи номзадҳо Шодмон Юсуф, Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Давлат Исмон ва Давлат Худоназаров ба хулосае омаданд, ки пешниҳоди Тоҳир Абдуҷабборов оиди ба вазифаи раиси Ширкати давлатии садою симои ҷумҳурӣ таъин кардани Мирбобо Мирраҳимов, ки солҳои зиёд дар шӯъбаи фалсафаи Академияи илмҳо кор карда, ҳамзамон заҳмат мекашид, муовини раиси ҳаракати мардумии «Растохез» мебошад, қобили қабул аст, чунки номбурда содику вафодор буда, ҳеҷ гоҳ аз хати кашидаи онҳо нахоҳад баромад. Бо ҳамин Мирбобо Мирраҳимовро табрику муборакбод карда гуфтанд: «Пагоҳ саҳари барвақт қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ба вазифаи раиси Ширкати симо ва садои «мардумии» Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин кардани ӯ ба имзо мерасад, дер намонда рафта корро қабул карда, аз паи иҷрои вазифа шавад. Муборизаҳо ҳоло дар пеш аст, бояд ғалабаро пурра ба даст дарорем!! Мирбобо Мирраҳимов аз ҷой бархеста, дар назди роҳбарони оппозиция даст пеши бар гирифта, қасам ёд намуд, ки аз хати кашидаи онҳо барои ғалабаи наҳзати ислом, «нерӯҳои демократӣ» хизмат менамояд.

Бо ҳамин роҳбарони оппозиция ба раиси Девони Вазирони ҷумҳурӣ А. Мирзоев номзадии Мирбобо Миррахимовро ба вазифаи раиси Ширкати давлатии симо ва садои мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карданд.

Аслу насаб ва киву чикора будани Мирбобо Миррахимовро роҳбарони оппозиция ва Сарвазири ҷумҳурӣ хуб медонистанд ва аз он иттилои комил доштанд, ки ӯ солҳои дароз ҷосуси Кумитаи Бехатарии Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, барои пулу мол шуда, даҳҳо фарзандони бехтарини миллатро фурӯхта сиёҳ кард, аз болои онҳо ахбороти бардурӯғ дод ва охирон барои содир намудани ҷиноят ба маҳкама кашида шуда буд...

Ба бадбахтии халқи тоҷик бори дигар бояд иқрор шуд, зеро оппозицияаш аз Мирбобо Миррахимов дида шахси муносибтару фарзонатаре ва саломате надошту наёфт. Ин бори дигар шаҳодат медиҳад, ки роҳбарони оппозицияро боз ҳам хубтар бишиносем ва донем, ки онҳо зотан дуруғгӯй, чиноятқору аз таги дор гурехта, фосиқу ҳаром ва носолим буданд. Бинобар ин, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Мирзоев ба вазифаи Раиси Ширкати давлатии симо ва садои мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирбобо Миррахимовро таъин кард. Агар кас аз рӯи аклу заковат, одаму одамгарӣ, илму фарҳанг ва кордонӣ Атахон Сайфуллоевро бо Мирбобо Миррахимов муқоиса намояд, бе муболиға дарк мекунад, ки фарқи онҳо замину осмон аст.

Охир, Атахон Сайфуллоев пеш аз ҳама ақлу заковат ва хиради баланд дорад, олими забардаст, адабиётшинос ва нависандаи хушсалиқа буда, дар тараққии илму адаби тоҷик саҳми босазо гузоштааст. Дар мавзӯъҳои зиёди илми адабиётшиносии тоҷик асарҳои илмии барҷастае офаридааст, ки номбардори ин профессори шинохта мебошанд.

Ғайр аз ин, ӯ дар тарбияи кадрҳои соҳаи мазкур мавқеи сазовор дошта, шогирдони зиёдеро тарбия ва ба роҳи ҳаёт фотеҳа додааст. Солҳои раиси Ширкати давлатии симою садо буданаш Сайфуллоев тавонист як коллективи аҳлу тифоқ ва кордону меҳнатӣ ташкил карда, дар атрофи худ беҳтарин қаламкашону хабарнигорон ва наттоқону кормандони хуби техникиро гирд оварад. Симою садои тоҷикро то тавонист симои тоҷикӣ бахшид.

Мирбобо Миррахимов бошад, шахси ҳазрагӯй, иғвоандоз, намакбаҳарому чиноятқор ва рӯҳан мариз, рӯз дар хаёлу шаб дар хоб мансабро медид, аз қадом намакдоне, ки намак хӯрд, сипас онро зери по кард. Дар роҳи ба даст овардани аҳдофи шуми худ аз қабеҳтарин амал, зишттарину пасттарин рафтор ва тӯҳмату иғво рӯ намегардонд.

Як давраи муайян ӯ ба навиштани рисолаи илмӣ дар мавзӯи атеистӣ, чӣ тавре ки мегӯянд, бехудой машғул буд. Бо роҳи шак овардану дини мубини исломро сиёҳ кардан ва мусулмонони ҳақиқиро дар чашми мардум масхараю шарманда карда нишон додан рисолаи «илмӣ»-ашро ба охир расонда, номзади илми фалсафа шуд.

Яке аз иштирокдорони фаъоли баҳманмоҳи хунин буда, дар вақтаи хуни бегуноҳон ҳамдасти дигар дӯстонаш мебошад. Узви Кумитаи 17 шуданаш низ ҳосили ҳамин «заҳматаш» аст, яъне ӯ иғвогар ва моҷароҷӯйи гузарост.

Сонитар дар гирдиҳамоии 15-рӯзаи майдони «Озодӣ», моҳи сентябри соли 1991 ба узвияти Раёсати гирдиҳамой дохил шуда, баландгӯякро соҳибӣ карда, таи чанд рӯз ҳарзагӯй намуда, ҳар чӣ ки мехост мегуфт, ба ҳар касе, ки мехост тӯҳмату бӯҳтон мезад, мисли девонаҳо соатҳо ваъз мегуфт. Худаш дарк намекард, ки чӣ мегӯяд. Ҳамин корнамоии ӯву ӯ баринҳо буд, ки мардуми бечора аз кору зиндагӣ, аз ҷамъоварии ҳосили бо арақи ҷабин рӯёнидааш монд.

Билохира, вақто ки Мирбобо Миррахимов дар курсии мансаб худро дид ва худ, ки аслан ҳушёри комил набуд, боз худам шоҳу таъбам вазир гуфта, мадҳуштар гардид. Аввало муовинони худ Мансур Султонов, Бобоҷон Икромов ва Маҳмудовро, ки мутахассисони шинохтаи соҳаи садою симои ҷумҳурӣ буданд, бо амри худ аз вазифа сабукдӯш намуд ва ба ҷои онҳо дӯстони шабеҳи худаш Маҳмадалӣ Ҳаитов ва Аҳмадшоҳ

Комиловро, ки чун ӯ ба барангехтани иғво дар миёни мардум устухон надоштанд, таъин намуд. Новобаста аз он, ки масъалаи аз вазифа сабукдӯш ва ба вазифа таъин намудани муовинони раиси Ширкати давлатии садою симои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ваколати раиси Девони Вазирони ҷумҳурӣ дохил мешуд...

Қисми зиёди хабарнигорону нотиқон, мутахассисони бехтарини касбиро, ки барои беҳ гардидани кори идораи садою симои ҷумҳурӣ ҳиссаи арзандае гузоштаанд, ба монанди С. Қурбонов, А. Ҳасанов, С. Неъматова, Ҷ. Султонов, Ҷ. Расулов, Х. Сулаймонов ва ғайра бе ягон асоси қонунӣ, бо амри худ аз вазифа сабукдӯш гардонд. Қисми дигари онҳо услуби корбарии сардорро дида, «бо чунин девонаҳо кор наҳоҳем кард», гӯён даргоҳи Ширкати давлатии садою симои ҷумҳуриро тарк гуфтанд. Чӣ тавре ки дар урфият мегӯянд: «девона ба кори худ ҳушёр аст», Мирбобо Миррахимов чунин рафторро дуруст шуморида, майдонро фароҳу ҳукуматро бесару сомон дида, ба ҳар баҳона дар давуғечи он буд, ки ҳарчӣ бештар кормандони Ширкати давлатии садо ва симои ҷумҳуриро аз кор сабукдӯш намуда, ҷои онҳоро аз одамони иғвоангезу ба оппозиция содиқу фармонбардор пур намояд.

Бо ин мақсад, бар хилофи талаботи қонунҳои ҷумҳурӣ, Қонуни оид ба меҳнат ва башар Мирбобо Миррахимов «озмун» эълон карда, қарор дод, ки тамоми наттоқони Ширкати давлатии садою симоро аз ҳафт то ҳафтодсола аз ғалбер гузаронанду шахсоне, ки ақидаи солим доранду вазъияти ба амал омадаро бо ақли расову дили бино мебинанду дарк мекунанд аз вазифа сабукдӯш намояд, ашхосеро, ки ба рафтору кирдори ӯ мувофиқанд, ба кор қабул намояд. Барои ӯ ягон қонуни ҷумҳурӣ амал намекард.

Охир, аз рӯи талаботи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва дигар қонунҳои амалкунанда, бояд озмунҳо дар сурати мавҷуд будани ҷои холӣ барои ишғоли вазифа ё таъсиси корхонаю ташкилоти нав гузаронда шаванд, на барои қариб пурра аз ҷои кор маҳрум кардани хизматчиён. Ба ному насаби ашхоси зер таваҷҷӯҳ кунед: Саёҳат Қараева, Мӯҳтарам Мақсудова, Абдумалик Саломов, Заррина Аҳмадова, Қутбия Икромова, Маҳбуба Саидова, Лутфия Юсуфова, Александра Леонова, Гулчеҳра Макариева, Мусаллама Мухторова, Санавбар Раҳимзода ва боз чанд нафар.

Инҳо наттоқони беҳтарини садо ва симои ҷумҳурӣ буданд, ки дараҷаи оливу якуму дуюми маҳорат ва аз 10 то 30 соли собиқаи корӣ доштанд ва тайи солҳои зиёде дар барномаҳои гуногуни садову симо барандагӣ карда, писанди мардуми ҷумҳурӣ гардидаанд. Александра Леонова барои хизматҳои ар-

зандааш ҳатто бо унвони «Қорманди шоистаи маданият» қадр шудааст.

Бояд хотиррасон шуд, ки дар яке аз мусоҳибаҳои худ Мирбобои Миррақим чунин иброз доштааст: «Сохтори кор аз кадрҳо бисёр вобаста аст ва дар мо бошад, на ҳама мутахассисон аз ҷиҳати касбӣ ба талаботи журналистикаи муосир ҷавоб гуфта метавонанд. (рӯзномаи «Тоҷикистон», № 9, соли 1992). Чӣ тавре ки дар беамакӣ харро амак гуфтаанд, боре Мирбобо Миррақимов гиребони худро бӯй намекунад, ки худи ӯ кист, оё мутахассиси варзидаи соҳаи садою симост?

Пӯшида нест, ки дар байни кормандони Ширкати давлатии садо ва симо наттоқон аз ҷумлаи касбу кори гуногун ҳастанд ва онҳо забон ва саводи хуб доранду умре аз паи касби наттоқӣ нон хӯрда, ихтисоси ҳуҷҷатии худро қариб фаромӯш кардаанд. Масалан, Мӯҳтарам Мақсудова аслан ҳуқуқшинос буда, зиёда аз 23 соли ҳаёти худро ба кори садою симо бахшидааст. Дар давоми ин солҳо асосан барномаҳои русиро бисёр хубу форам бо забони нарму суфта мебурд, вале дар озмун аз он кас талаб карда шудааст, ки бо забони тоҷикӣ вазифаи наттоқиро иҷро намояд...

Ин ҳама барои Мақсудова саҳнаи «Озмун» набуда, саҳнаи никоргирӣ буд. Зеро он кас солҳои аз кор ронда шудани дӯстони «раис» — Маҳмадалӣ Ҳаитов ва Аҳмадшоҳ Комилов вазифаи раиси комиссияи тафтиши корҳои ин ду нафар ноҷавонмардони рӯсиёҳи маҳалгаро ба ӯҳда доштааст.

Баъди ду рӯзи «озмун» бидуни фармони аз кор сабукдӯш намудан милисаҳои дарбон «аз беамакӣ харро амак» ҳисобида, супориши Мирбобо Миррақимовро дастур намуда, нагузоштанд, ки кормандони маъруфи Ширкати давлатии садою симои ҷумҳурӣ, ки ақидаи мустақил доштанд, аз дарвозаи ширкат дароянд. Хулоса, Мирбобои Миррақим бо ҳамроҳии Маҳмадалӣ Ҳаитов ва Аҳмадшоҳ Комилов, бо хоҳиши дили худ ҳукм ронданду худро шоҳу таъбашонро вазир ҳисобида, қонуншиканӣ ва ҷиноятҳои зиёде содир намуданд. Вале афсӯс ки лаҷоми онҳоро сарвазири ҷумҳурӣ А. Мирзоев ва каси дигар намехост бигирад...

Рӯз аз рӯз кор ба дараҷае мерасид, ки идораи садо ва симои ҷумҳурӣ ҳодисаҳоро яктарафа шарҳ медод, гуноҳи оппозицияро ба сари мардуми Қӯлобу Қӯрғонтеппа, Ғозималик ва водии Ҳисор бор мекард. Майдонҳои ҷанги бародаркушро роҳбарони оппозиция Шодмони Юсуф, Муҳаммадшариф Ҳиммататзода, Давлати Исмон ва Давлат Худоназаров дар вилояти Қӯрғонтеппа ташкил мекарданду садҳо мардуми бегуноҳро сар мебуриданд, месӯзонданд, зинда пӯст мекандаанд, дасту по, гӯшу бинӣ мебуриданд, ба даҳони тифлакон мум

мерехтанд... Вале ҳамаи инро ба сари ҷавонмардони Гурди миллии вилояти Кӯлоб, ситоди «Наҷот»-и Кӯргонтеппа ва Фронти халқии Тоҷикистон бор мекарданду ба мардуми ҷумҳурӣ муаррифӣ мекарданд ва бо ин роҳ нафрати халқро боз ҳам зиёдтар мекарданд. Бо ин роҳ, агар бо тавфиқи ҷавонмардони Фронти халқӣ шиддати ҷанги бародаркуш паст мешуд, садою симои ҷумҳурӣ ба он рӯёи мерехту аланган оташи онро аз пештара баландтар мегардонид. Садҳо ҳодисаҳои ваҳшиёна куштани занону тифлакон ва пирамардонро, ки аз тарафи фундаменталистону ваҳҳобиён ба қатл расидаанд, ба гардани дигарон бор намуда, миёни мардум шӯру ғавғо меандохтанд.

Кор ба дараҷае расид, ки нафрати мардум ба садою симои ҷумҳурӣ зиёд гардид-аз дидану шунидан аш даст кашиданд. Онҳо бошанд, монда нашуда бо ҳама «ҷояшон» зӯр зада, фазои ҷумҳуриро пур аз дурӯғу бӯҳтону тӯҳмат месохтанд. Охируламр ҳамин тавр шуд, ки мардум нисбати садову симо нафрат пайдо кард. Акнун мардуми вилоятҳои Кӯлобу Ленинобод ва водии Ҳисор аз тамошои симо даст кашиданд, вале Мирбобо Мирраҳимову ёронаш ҷор зада, телевизионро «мардумӣ» мегуфтанд. Охир, кадом мардум? Мардум баҳои худро нисбати телевизиони «мардумии» Тоҷикистон кайҳо дода буданд ва онро телевизиони Мирбобою Тӯраҷонзода номиданд ва ТМТ-ро ба ҳар маънӣ шарҳу эзоҳ медоданд.

Хулоса, сабабгори тамоми нооромӣ ва авҷ гирифтани маъракаи ҷанги бародаркуши ҷумҳурӣ ва азобу шиканҷаҳои халқ садову симо буд, ки таҳти сарварии хоинони миллат Мирбобо Мирраҳимов, Маҳмадалӣ Ҳаитов ва Аҳмадшоҳи Комил фаъолият мекард. Ва онҳо барои хиёнате, ки ба миллати тоҷик содир намудаанд, бояд рӯзе дар курсии маҳкумият нишаста, дар назди қонуну халқ ҷавоб диҳанд. Боварӣ дорам, ки он рӯз фаро хоҳад расид. Чунин шакл гирифтани кори садову симои ҷумҳурӣ пеш аз ҳама ба сустии фаъолияти Сарвазир ва Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ва то як андоза ба дастгирии онҳо алоқамандӣ дошт.

## ШОГИРДОНИ НОРАФТАРОҲ ВА УСТОДОНИ ХОРИҶӢ

Таърих гувоҳ аст, ки ҳеҷ гоҳ дар сарзамини тоҷикон аз ҷониби пайравони мазҳаби ҳанафӣ (имом Абуҳанифа ибни Собит Ҳайбонӣ 699—767) валвалаву нохушӣ ва ё ҷангу ҷидолҳои хунин рух надода буданд, чунки мардуми тоҷик аз рӯи ахлоқи ҳамидаи ҳазрати Имоми Аъзам амал намуда, ҳамеша худотарсу бар дину мазҳаби аҷдодии хеш содиқ буданд ва ҳар-

гиз одати тафриқаандозиву гурӯҳбандӣ байни заминаи ислomии ишон вуҷуд надошта. Охир, таърих ёд надорад, ки миллати тоҷик ба даст силоҳ гирифта, ба касе ҳуҷум карда ё дар гиридиҳамоҳои расмию ғайрирасмӣ ширкат варзида бошад. Миллати мо худашро ҳамеша аз ҳуҷуми ачнабиён ҳифз карда омадааст. Кадом миллату қабилаҳо ба сарзамини тоҷикон ҳуҷум накарда, хуни мардуми онро нарезонда буд? Чӣ шуд, ки имрӯз тоҷик ба муқобили тоҷик, мусулмон ба муқобили бародари мусулмони худ силоҳ гирифта ҷангид, хуни бародари худ ва ашки модару хоҳари худро резонд? Ватандорро беватан кард, ному насаби бузургони миллат аз ҳазрати Рӯдакӣ то Айнию Турсунзодаро ба замин зад. Решаи ин ҳама сарсахтиҳову бадбахтиҳо аз кучо сар зад, нақшакашону тарроҳон ва лаҷомбадастони он киҳоанд, ки моварои ин ҳама бародаркушиҳо гавҳари мақсуд бармедоранд ва чаро маҳз чунин бенизомиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, аз пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе оғоз ёфт?! Ин ҳама тасодуфӣ сар зад ё аз рӯи нақшаи кашида? Муассисону ташкилкунандагон ва кашандагони чунин ботилнақшаҳо ашхоси дохилиянд ва ё табаои хориҷӣ?! Худоё, чунин ваҳшоният ро мардуми тоҷик, мӯъмину мусулмон, алалхусус, муборизони дини мубини ислом, аз кӣ омӯхта бошанд, ки барои ба шаҳодат расондани бародар ё хоҳару модари худ усулҳои ғайриинсониро истифода мебаранд, ки дар давран Ҷанги Бузурги Ватанӣ фашистон истифода набурдаанд?

Аз ҷумла, куштани шахсони бесилоҳ, шиками модарро пора намуда, тнфлонро гирифта сар задан, пӯст кандан, гӯшу бинӣ буридан, нохуни дасту по кандан, чашм кофтан, бадани инсонро бурида намак пошидану сипас ба қатл расонидан, ба даҳони одамони зинда муми тафта рехтан, зинда ба зинда гӯр кардан, бо воситаи буғи ҳаммом одамонро ба қатл расондан, ба ҷасади инсон беҳурматӣ кардан ва ғайраву ғайраҳо.

Дар ин бора закитабъе гуфтааст:

Фарёд, ки ин миллати кӯчаки ман,
Бо худкушиҳо намуда касди меҳан,
Ин бехирадӣ зи кист бар мо мерос,
Лаънат ба ҳамоне, ки бибошад душман.

Ба чунин саволҳои беохир вақту таърих ҷавоб хоҳад дод.

Вале имрӯз баъзе мушоҳидаҳои банда, ки шоҳиди воқеии бадбахтиҳо будам ва таҳлили ҳуҷҷатҳои лозима, ҳамсӯҳбат гардидан бо шахсоне, ки дар ин задухӯрдҳо ширкат варзидаанд ба он шаҳодат медиҳанд, ҳодисаҳои хунине, ки насиби халки рӯзнадидаву хокбарсари Тоҷикистон гардид, маҳсули «ранҷи» ҷандинсолаи созмонҳои махфикори ҷосусии хориҷианд, ки

аз бемасъулиятию кундфаҳмӣ ва ноӯҳдабароии роҳбарони ҷумҳурӣ, идеологияи лаванди коммунистӣ, ургонҳои фалаҷшудаи бехатарии давлатӣ, мақомоти муҳофизати ҳуқуқ ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ моҳирона истифода карда, ба кишвари азияткашидаи мо хело пеш сар халондаву ёра зада, реша давонда, ба хуну мағзу пайванди иддае ҳамватанони сустпаймону хоини миллати мо ҷо шуда, бо пулу мол, долларҳои хориҷӣ онҳоро ба хидмати ғуломӣ моил намуданд. Онҳо аз барҳам хӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ ва суст шудани пояҳои давлат аз ҳаёхую ҷангҳои дохилию ҳизбии давлатӣ истифода бурда, алалхусус, дар давраи «Горбачёвшина» пардапӯшона, миёни мардуми «бо ақлу хирад», зиёнёну эҷодкорон, табибону диндорон, рӯзноманигорону «падар»-у «модар»-и миллат бо «самар» хизмати хирсона карданд, бо ҳар роҳу восита, ақидаи худро мустаҳкам намуданд.

Ба истиқлолият соҳиб гардидан ва бе урдую лавозимоти ҳарбӣ мондани ҷумҳурӣ барои сияҳкорони дохилию хориҷӣ ҳамчун маводи таркэанда хизмат намуд. Боре Раиси Ҷумҳур Р. Набиев гуфта буд: «Истиқлолият барои мо ҳамчун санги аз осмон омада фурӯ омад. Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз ба ин тайёр набуд».

Аз як тараф, ҳақ ба ҷониби Президент буд, чунки истиқлолиятро аз собиқ Иттифоқ бе тайёрӣ гирифтем. Бароямон чизе мерос нарасид, аз ҷумла, лавозимоти ҳарбӣ ва урду. Аз дигар тараф, Президент ҳақ набуд, чунки гурӯҳҳое аз давлатҳои ҳамдину ҳаммазҳаби мо ба ин ҳолат кайҳо омода буданд. Пешгомони онҳо ҳанӯз солҳои 1985—1986 барои оянда замина омода сохта буданд.

Зархаридони ватанфурӯшро тез-тез ба хориҷа даъват намуда, кисаҳояшонро пур намуда, дастур медоданд ва барои амалӣ гардондани нақшаҳои хеш истифода бурданд.

Ин буд, ки баъзе ҷаламусулмону авбошу рэкетёру аз дунё бехабарон ҳам ба ҳукми ҳомиёни дину Ҳизби наҳзати ислом чун одамони поку садоқатманд ба дини мубини ислом дар солҳои охир бе пул, бе ягон мамониат сафари ҳаҷ карданд ва аз ҳақиқат дур нест, ки онҳо молу сармояҳои гаронеро аз разведкаҳои хориҷӣ тӯҳфа гирифта, ба кори хонниву разилӣ, ҳайнотиву мардумфиребӣ ва содир кардани ҷиноятҳои вазнин даст ёзониданд.

Чунин бесарусомоние, ки дар сарзамини мо ба вуҷуд омад ва аркони давлат ба дараҷае пӯсидаву фарсуда буд, чунин фалаҷӣ ва бесарусомонӣ дар ягон давлати собиқ иттифоқ дида намешуд, ҳақиқати талх ин аст, ки созмонҳи хуфиякори ҷосусии хориҷӣ, идеологҳои онҳо чунин вазъиятро ба ҳисоб гирифта, «меҳру таваҷҷӯҳашон»-ро ба кишвари тоҷикон эҳёд намуданд. Сипас, ҷараёнҳои мазҳабии бо роҳҳои сунъӣ ба кишва-

ри тоҷикон экспортшудаи «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин» аз ҷумлаи натоиҷи амали ишон аст. Ба пиндори банда яке аз сабабҳои асосие, ки ба ҷумҳури мо экспорт шудани ин ҷараёнро далолат кард дар он аст, ки дар давлатҳои мусулмонии ҷаҳон мақсаду мароми талху торики мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин»-ро хуб дарк намуда, мавқеашонро танг карданд, аз тарафи дигар, бенизомию бесоҳибие, ки солҳои тӯлонӣ дар кишвари Тоҷикистон амал мекарду ба зинаҳои олиаш расида буд, мувофиқи табъи онҳо буд.

Барои исботи ин фикр ба таваҷҷӯҳи хонандагони гиромӣ далелҳои раднашавандаи зеринро пешкаш менамоям:

ДАЛЕЛИ АВВАЛ. Ба суханҳои қозикалони мусулмонони ҷумҳурӣ Ҳоҷиакбар Тӯраҷонзода таваҷҷӯҳ намоед: «...Ба ҷаҳонбинии ман «Ихвон-ул-муслимин», ки дар матбуоти Ғарб онҳоро ҳамчун иртиҷоён ба қалам медиҳанд, таъсири зиёд расондаанд. Ман онҳоро файласуфҳои хуб мешуморам». («Ҷавонони Тоҷикистон», 9 ноябри соли 1991, таҳия аз газ. «Экспресс»).

М. Ҳимматзода — раиси Ҳизби наҳзати ислом мегӯяд: «Кору амали мо асосан тавассути кутубу дастуроте, ки аз ҷонибӣ хоҷагони хориҷӣ барои иҷрои вазоиф дастраси мо мешуданд, ба роҳ монда шуда буд. Дар ин маврид донишҷуёне (хон. разведкачиёни хориҷӣ), ки муҳассилини мамолики хориҷӣ буданд, ба мо кӯмакҳои хубе карданд. Кутубу рисолоти пешгомону пешвоёни давлат ва ҳаракатҳои исломии олам Шайх Ҳасани Банно, бародарон Саид Қутб ва Муҳаммад Қутб, Саид Ҳавво, Абдуллоҳ Мавдудӣ боис гардиданд, ки мо бо худ роҳ ёбем, тарзу усули муборизаро биомӯзем. Ислом танҳо иборат аз ибодат нест. Ислом ҳам дин, ҳам давлат, ҳам сиёсат, ҳам дунё ва ҳам охират аст». («Чароғи рӯз», 24, 1992).

ДАЛЕЛИ ДИГАР. Аввалин маротиба мазҳаби «Ваҳҳобия», ки пардапӯшона бо номи «Созмони ҷавонон» дар вилояти Кӯргонтеппа таъсис ёфта буд, Соли 1978-ум бо сарварии Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар назди кумитаи вилоятии ҳизби коммунист гирдиҳамоӣ гузаронда, ба бинои Кумитаи Марказии ҳизби коммунисти вилоят ҳуҷум намуда, тартиботи ҷамъиятиро вайрон карда, дару тирезаи бинои КМ ҲК вилоятро шикаст. Вале ҳукуматдорон ба ин амалиёти ҷиноятқоронаи мазҳаби «Ваҳҳобия» пасе панҷа нигариста, аҳамияти лозима надоданд...

ДАЛЕЛИ СЕЮМ. Тирамоҳи соли 1989 ҚБД-и ҷумҳурӣ ошкор гардидани амалиёти гурӯҳи инженер Башир (мутахассиси тахрибкорӣ ва диверсионӣ, омири идораи ҷосусии Гулбиддин Ҳикматёр) ба рӯзноманигорон иттилоъ дод: пул, маводи мадҳушкунанда, аслиҳа ва адабиёти динӣ барои ҷосусони фундаментализми исломӣ дар Тоҷикистон. Маводи номбурда ки аз дасти фиристодаҳои он сӯи дарё гирифта шуда буданд, шаҳодат

медоданд, ки гурӯҳҳои муҷоҳидони Афғонистон дар симои иддае шахрвандони ҷумҳурии мо ҳамакида дошта бошанд.

ДАЛЕЛИ ЧОРУМ. Рӯзе ба банда муяссар гардид, ки бо таклифи Қозикалони ҷумҳурӣ Хоҷиакбар Тӯраҷонзода ва супориши собиқ Раиси Ҷумҳур Қаҳҳор Маҳкамов чун мушовири давлатии Президенти ҷумҳурӣ оид ба назорати қонунҳо, фармонҳои президент, қарорҳои Девони Вазирон ва ҳамоҳангии органҳои маъмурӣ дар маҷлиси васеи қозиёти ҷумҳурӣ ширкат варзам. Дар маҷлис аз тарафи Шӯрои Олӣ Даврон Ашӯров иштирок дошт. Он бо сарварии қозикалони ҷумҳурӣ Хоҷиакбар Тӯраҷонзода мегузашт. Аз суханронии қозикалон дарк кардам, ки ҳама баҳри ҳаллу фасл намудани як масъала ҷамъ омадаанд: «барқарор кардани сулҳ миёни мазҳаби ҳанафӣ ва мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин». Чӣ тавре ки иброз карданд, дар давоми садсолаҳо миёни онҳо аз ҷанги назариявӣ дар бисёр ҷойҳо, нохияҳо ва шаҳрҳо ба ҷанги амалӣ гузаштаанду хавфи рехтани хуни мардуми бегуноҳ аз назар дур нест. Тарафдорони мазҳаби ҳанафӣ аллома Ҳикматуллоҳи тоҷикободӣ, эшони ҳоҷӣ Саидашраф, эшони ҳоҷӣ Халилҷони кумсангирӣ, эшони ҳоҷӣ Аллома аз шаҳри Турсунзода, эшони Абдуқуддус ва дигарон буданд. Тарафдорони мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин» бошанд: ҳоҷӣ Муҳаммадшариф Ҳимматзода, ҳоҷӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ, Давлат Исмон, қорӣ Саид Қиёмиддини Ғозӣ, ҳоҷӣ Абдуғаффор, Қорӣ Муҳаммадҷон ва дигарон буданд.

Вақто ки онҳо бо ҳам баҳс менамуданд, ҳар яке аз тарафҳо бо далелу бурҳон, бо сураву оёти Қуръони маҷид, ҳадиси пайғамбар ҳазрати Муҳаммади мустафо саллоллоҳу алайҳи васаллам, тарафи мазҳаби дигарро гунаҳкор меҳисобиду изҳор мекард, ки ин ду мазҳаб бо ҳам муқобиланду ҳеҷ гоҳ ҳамфикр нахоҳанд шуд. Агар дар Тоҷикистон мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин» ба сари қудрат биёянду мазҳаби ҳукмрон гарданд, наузамбиллоҳ, аз олимону уламо, пешвоёни мазҳаби ҳанафияи дини мубини ислом чизе боқӣ нахоҳад монд...

Аллома Ҳикматуллоҳи тоҷикободӣ, ки бори аввал мушарраф ба дидори ишон гашта будам, шахси пурдону камсухан ва хубмуҳоварабу хубқавора будааст, ки аз рӯяш нур меборид. Бо сураю оёти Қуръон, ҳадиси пайғамбар Муҳаммади мустафо, бо далелу бурҳони кофии раднашаванда исбот кард, ки мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин»» бар хилофи фармудаҳои худованди карим, Қуръони маҷид ва ҳадиси пайғамбар мебошанд. Сарвари мазҳаби «Ваҳҳобия» (Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб) дар миёнаҳои асри XVIII дар Арабистон ин ойинро асос гузошт. Танҳо дар сарзамини Арабистони Саудӣ ба ҳайси мазҳаби ҳукмрон эътироф гардида, барои зери ҳокимияти

хеш муттаҳид кардани тамоми ҷумҳурихои Арабистон мубориза мебурд, аз ин рӯ ба ин навъ ҷунбишҳоро дар нуқоти олам дастгирӣ намудаанд. Ҷонибдорони он дар дигар кишварҳо низ вуҷуд доранд ва барои ривоҷу равнақ ёфтан, ба сари қудрат омадан давуғеҷи зиёде карда астодаанд. Вале пӯшида нест, ки амалиётҳои ғайриисломию ваҳшиёнаи «ваҳҳобиён» ва «Ихвон-ул-муслимин» тайи асрҳо то ҳанӯз мардуми мӯъмину мусулмонро дар саросари ҷаҳон аз ишон дилхунук намудааст, ки аз шунидани калимаи «Ваҳҳобия» ҷон дар баданашон ноором мегардад. Охир, шикастану хароб сохтани мазорҳои ҳазрати саҳобагон раҳматуллоҳи алайҳ дар Маккаву Мадина, ҳуҷум ба масҷиди ҳарамайни Қаъба, даст кашидан аз авлиёпарастиву парастиши ҷойҳои муқаддас ва ғайра чист? Суханашро давом дода Аллома Ҳикматуллоҳ гуфт: «Имрӯз мо намегузорем, ки мазҳаби «Ваҳҳобия» дар ватани мо амал намуда, ба хуну мағзу пайванди мо ҷой гираду ба сари мардумн шарифамон бадбахтӣ орад!

Охир, мо аҳли ислом тарафдорони мазҳаби ҳанафӣ (Имоми Аъзам) хуб медонем, ки мақсаду мароми «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин» чист. Ва агар худо накарда, ба сари қудрат биёянд, дини мубини ислом хор мегардаду хуни мардуми бегуноҳ мерезад...

Охир, ин мазҳаб дар назди худ мақсад гузоштааст, ки урфу одати гузаштагони мо, мазҳаби ҳазрати Имоми Аъзам, гуфтаҳои ҳазрати Муҳаммадро поймол намуда, Қуръони маҷидро, ки ҳар сураву оёти он аз тарафи худованди карим ба миён омадааст, бо фаҳмиши худ таҳлил намояд. Наузанбиллоҳ, ба гуфтану шуниданаш кас осӣ мегардад ва мо, ворисони мазҳаби Ҳанафӣ барои тозагии мазҳаби Имоми Аъзам, ояндаи фарзандонамон хуни худро мерезонему намегузорем, ки онҳо сари қудрат биёянд».

Боз эшони Ҳикматуллоҳ суханашро давом дода гуфт: «Барои мазҳаби Ҳанафӣ ҳизби наҳзати ислом лозим нест. Ҳизби мо Қуръони маҷид аст, ки аз тарафи худои яккаву ягона ба рӯи замин омадааст». Фардо рӯзи қиёмат аҳли исломро аз риоя ва пос доштани Қуръони маҷид мепурсанд, на аз билети Ҳизби наҳзати ислом. Хулоса, далелҳои кофӣ, ки эшону уламоёни мазҳаби Ҳанафӣ пеш кашиданд, ба он шаҳодат медод, ки мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин» (бародарони муслим) дар ҷумҳурии кӯчаки мо солҳои тӯлонӣ ҷорӣ гардида реша давонда, тарафдорони зиёди дохилию хориҷӣ дарёфт карда бӯдааст, ки хавфу хатари онҳо мусулмонони ҳанафимазҳабро ба андешидани чораҳо, гирифтани пеши роҳи ин марази сироятқунанда дар давуғеҷ андохта буд.

Сар задани ҷанги мазҳабӣ аз назар дур набуд, дар бисёр

ҷамъомаду ҷанозаҳо тарафдорони ин ду мазҳаб муштбагиребон шуда будаанд. Ба пиндори ман, тарафҳо тайёрии лозима ҳам дида буданд. Ҳамсояҳои ҷануби мо ғофил намонда буданд. Онҳо фурсатро аз даст надода, ба ҷумҳурӣ дар сохтмони масҷиду мадраса, фиристодани Қуръон, додани пулу мол, тайёр намудани (аз ҷумла, дар хориҷа) имом-хатибон кӯмак мерасонданд. Ба ҳар ҳол, саъй меварзиданд, ки Тоҷикистонро ба мадори манфиатҳои сиёсати ҷаҳонии худ бикашанд. Ҳар кӯмаке, ки мерасонданд, табъан умедворӣ таҳтониеро молик буд.

Вале афсӯс ки роҳбарони ҷумҳурӣ, ургонҳои таъмини бехатарии давлат, ҳизби ҳукук, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ кӯтоҳназару мағрури мансаб гардида, бемасъулиятӣ зоҳир намуда, барои пеши роҳи ҷунин маразро гирифтан хурдтарин чорае наандешидаанд, қадаме ба пеш нагузоштаанд. Қисми саркардагони ҷумҳурӣ, ургонҳои маъмурию давлатиро долларҳои хориҷӣ ба дараҷае саргарму дилпур ва кӯру кару шефта карда буд, ки равияи «Ваҳҳобия»-ро дастгирӣ карда, ҳамфикрии худро зоҳир намуданд. Ҳамаи ин бемасъулиятӣ, холабеғамӣ, беназоратию беинтизомӣ, ки солҳои охир дар ҷумҳурӣ ҳукмфармо буд, ба мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин» шаронти бисёр хуб фароҳам оварда, ки амалиёти худро дар ҷумҳурии мо назар ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ васеъ ба роҳ андохта, ба иддае мардуми гумроҳзадаю фурӯхташуда чун дастёрони беминнат гирди худ ҷамъ оварду нақшаҳои сиёҳи хешро амалӣ мегардонд ва алоқаро ба мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин»-и дохили собиқ Шӯравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон пуркувват гардонид.

Чӣ тавре ки ҳуҷҷатҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ҷонибдорони мазҳаби «Ваҳҳобия» баъди омӯзиши ақоиди фалсафӣ-динии Абӯҳомид-ал-Ғаззолӣ, Муҳаммад Абдурашид Ризо ва дигарон эҳсос намуданд, ки мақсаду мароми «Ваҳҳобия»-ро мардуми тамоми мамлакатҳои мусулмонӣ хуб дарк кардаанд ва барои аз миён бурданаш ҷамар бастаанд. Бинобар ин, ба такмили мазҳаби «Ваҳҳобия» пардохтанд, дар натиҷа соли 1928 Ҷамъияти «Ихвон-ул-муслимин» («бародарони муслим»)-ро бо сарварии Шайх Ҳасан-ал-Банно дар Миср таъсис намуданд. Бо ин роҳ ба чашми мусулмонони башар хок пошиданд, яъне ном дигар гардиду мазмун ҳамон «Ваҳҳобия» боқӣ монд, ки монд!

Ҷонибдорони дигари «Ихвон-ул-муслимин» асосан идеологи покистонӣ Абдулло Маъдунӣ, файласуфони мисрӣ ва суриягӣ Саид Қутб («Фи залол-ил-Қуръон», «Маъолим-фит-тарик», «Қутуб ва шахсият», (бародари ӯ) Муҳаммад Қутб, Абдуссалом Фараҷ (Ал-Фариза, Ал-Ғонба), Ҷуҳаймон-ал-атеибӣ (Сабъа расоил», «Даъват-ул-ихвон»), Мустафо-ас-Сибъӣ («Иштирокият-

ул-ислом»), С. Ҳавво («Ҷуиндуллоҳ Сақофатан ва Ахлоқатан») ва дигарон мебошанд.

То имрӯз байни файласуфону сиёсатмадорон, шарқшиносону ҷомеашиносон ин ҷараён — ду тарафи асосии равия ва мақсади мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин»; моҷароҷӯён (экстремистҳо) ва миёнаравҳо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Яке аз амалиётҳои асосии «Ваҳҳобия» ва «Ихвон-ул-муслимин», ки онҳо бо ҳам монанд мебошанд, ин кӯшишу ғайрати ҳомиёни онҳо бо тариқи зӯрӣ инқилобу табаддулоти давлатӣ, овардани фишор ба давлатдорон, терроркорҳои сиёсӣ бо усулҳои ваҳшиёна куштани муқобилони хеш, таҳрибкорӣ, лату кӯб, тарсу воҳимаафканӣ ва амсоли инҳо, ифтитоҳ намудани низоми Ҷумҳурии исломӣ. Бо мақсади гумроҳ задан, дар атрофи худ муттаҳид намудани мардум, қариб тамоми гурӯҳҳои «ваҳҳобӣ» (ихвонӣ) дар ҳама давлатҳои исломӣ ҳукуматҳои дар сари ҳокимият бударо ғайриисломӣ эълон менамуданд ва барои сафед намудани амалиётҳои нопоку ноҷавонмардонаи худ далелҳои зиёде бофтаю сохта шафеъ меоварданд. Бо ин роҳ миёни мардум ғавғо меандохтанду бо истифода бурдани гирдиҳамоиҳо, террор ва куштори фарзандони барӯманди сарсупурдан миллат, барои содир намудани табаддулоти давлатӣ чораҳои «судбахш» меандешиданд. Аз ин сабаб дар баъзе давлатҳои исломии арабӣ бошад, аз шунидани номи «ваҳҳобӣ» (ихвон) баданашон ба ларза медарояду рангашон дигар мегардад. Мисол: мардуми Сурия «ихвон»-ро бо номи «Ихвон-уш-шаётин» (бародарони шайтон), дар Алҷазоир бо лафзи истеҳзоомези «Пулемётҳои дастӣ» ба забон мегиранд. Ҷонибдорони ин мазҳаб дар бисёр кишварҳо амалиётҳои ноҷавонмардона содир намудаанду хуни мардуми бегуноҳро резондаанд: Октябри соли 1954 онҳо ҳаракат намуданд, ки табаддулоти давлатӣ ва террор ба ҷони Президенти Миср Ҷамол Абдулносир бикунанд, апрели соли 1974 ҳамлаи мусаллаҳона ба коллеҷи низомии Қоҳира, қатл ва зарбу кӯби мусалаҳон, соли 1977 ташкили бетартибиҳои оммавӣ дар шаҳру ноҳияҳои Миср, ба қатл расондани собиқ вазири авқоф — Аз-Заҳобӣ, марти соли 1981 ҳуҷуми дастаҳои террористии «ихвон» дар донишгоҳи Алҷазоир, Аннабо, Қустантиния, Стиф ва Батнои Алҷазоир ва ба шаҳодат расонидани донишҷӯёни зиёде, ки ақидаҳои тоза доштанд, октябри соли 1981 ошӯби хунини «ихвониҳо» ба ғарази ба амал баровардани табаддулоти давлатӣ дар Димишқ, ки таи якчанд рӯз зиёда аз сесад мардуми бегуноҳ ваҳшиёна ба шаҳодат расонида шуданд, маи соли 1990 шаҳодати Раиси Парлумони Миср Р. Маҳҷӯб, июни соли 1992 террори шахсияти барҷастаи Алҷазоир, сардори ҳукумати он кишвар Муҳаммад Будияф ва ғайра (рӯзномаи «Тоҷикистон» № 1

(30), аз 29.01.93 с.). Гузаронидани гирдиҳамоӣ, террори шахсиятҳои сиёсӣ, ба шӯр овардан ва мухолифи ҳамдигар намудани мардум, ин яке аз усулҳои бисёр ҳам санҷида ва маъмулии «Ваҳҳобия» (ихвон) мебошад, ки онро ба таври васеъ ва бисёр нуқтарас истифода мебаранд.

Ва ин террорҳои сиёсӣ дар ҷумҳурии мо ҳам аз рӯи усулҳои санҷида содир гардиду фарзандони барӯманди миллат: Муродуллоҳи Шерализода, Нуруллоҳ Ҳувайдуллоев, Рустам Абдураҳимов, Сайфиддин Сангов, Қурбоналӣ Имомов, Лангарӣ Лангариев, Ботур Исҳоқовро бо ду писараш (Акраму Икром), Мавлон Олимов, Қароматуллоҳ Қурбонов, Шералӣ Файзалиев, Махсум Олимӣ ва дигаронро ваҳшиёна ба шаҳодат расонданд, ки ин амали дасти тарафдорони мазҳаби «Ваҳҳобия» («Ихвон-ул-муслимин») буд. Бояд иқрор шуд, ки мисолҳои зикрёфта қатрае аз баҳр аст, ки аз тарафи гурӯҳҳои «ихвонӣ» ҳамарӯза дар кишварҳои исломӣ ба вуқӯъ мепайванданд. Аз ин сабаб, дар қонунҳои давлатҳои Сурия, Ироқ, Урдун нисбати шахсоне, ки ба узвияти созмонҳои «ихвон-ул-муслимин» дохил мегарданд, ҳукми қатл пешбинӣ карда шудааст.

Намуди дигари кордонию корбарии «Ваҳҳобия» (Ихвон-ул-муслимин) ин истифода бурдани усулҳои гуногуни муборизаи мебошад. Яке аз онҳо бо ҳар восита роҳ ёфта, ба дохили дигар гурӯҳу аҳзоби сиёсӣ ворид гардида, ба манфиати амалӣ гардидани ақида ва нақшаҳои худ фаъолият менамоянд. Онҳо чораҳо биандешиданд, «заҳмати зиёд» ба харҷ доданд, то он ки бо ҳар роҳу восита аввало дар атрофи Қозиёти ҷумҳурӣ, мадрасаи назди он ҷо шуда эшону уламоён, пешвоёни мазҳаби Имоми Аъзамро ба иштибоҳ андохта, бовар кунонанд, ки онҳо ҷонибдори мазҳаби ҳазрати Имоми Аъзам мебошанд. Қисми онҳоро бо пулу зари дохиливу хориҷӣ хариданд.

Бо чунин роҳҳои макру ҳилла дар давоми якчанд сол миёни мардуми ҷумҳурӣ реша давонда ва мавқеи худро устувор намуданд. Оиди ин ақида Раиси ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон Муҳаммадшарифи Ҳиммататзода чунин иброз дошт: «Ҳаҷ 15 сол қабл муборизаро алайҳи режими коммунистӣ оғоз намудааст. Он ҷамъияти хонагие, ки ӯву ҷонибдоронаш 15 сол муқаддам пинҳонӣ ташкил дода буданд, имрӯз ба дараҷаи ҳизби пуриқтидоре омада расид. Ва ҳоло ин ҳизб беш аз 60 ҳазор аъзо дораду дар ояндаи наздик ба сари қудрат хоҳад омад ва дар Тоҷикистон давлати исломӣ сохт...» («Ҷавонони Тоҷикистон», № 82 (8568), 01.08.1992 с.).

Пас аз он, ки бо чунин роҳҳо Ҳизби наҳзати ислом мавқеи худро мустаҳкам намуду созмонҳояш дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъсис ёфтанд, ба таври махфӣ муташаккилона амал мекард. Баъд масъалаи таъсис намудани Наҳзати исломро ба

миён оварданд. Ба ин мудохилаи созмонҳои пинҳонкори ғайрирасмии «ихвонӣ»-и Афғонистон, як қисм давлатҳои араб, давлатҳои исломии ҳамсоя ҳиссагузор мебошанд. Бо роҳи гузаронидани гирдиҳамоӣ дастгирии фаъолонаи Қозиёти ҷумҳурӣ, созмонҳои «Демократӣ» дар шароити таъсири дипломатии намояндагони ҷаҳон, овардани фишор ба депутатҳои Шӯрои Олӣ бо кӯмаку дастгирии собиқ Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Қадриддин Аслонов Ҳизби наҳзати ислом аз тарафи Вазорати адлияи ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шуд. Яке аз нуктаҳои асосии барномаи он «бунёд намудани давлати исломӣ» буд. Баъди ба қайд гирифтани Ҳизби наҳзати ислом созмонҳои онро дар ҳама шаҳру ноҳия таъсис намуданд. Бо ин роҳ битавонистанд, ки дар атрофи худ қозиёт, донишҷӯёни мадрасаҳо, ба воситаи эшону уламои номдори ҷумҳурӣ тарафдорони мазҳаби ҳанафӣ, Ҳизби демократ, ҳаракатҳои мардумии «Растохез», «Лаъли Бадахшон» ва «Носири Хисрав»-ро ҷамъ намуда, баҳри амалӣ гардондани ақидаи мазҳабии худ истифода баранд.

Вақто ки эшону уламоҳои номдори ҷумҳурӣ, аҳзоби сиёсӣ, зиёиёни ноустувор ва рӯзноманигорони пулпараст бо ёрию дастгирии хориҷа Ҳизби наҳзати исломро ҷонибдорӣ намуданд, ба ташвикоту тарғиботаш «камар» бастанд, дар як муддати кӯтоҳтарин Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон (ҲНИТ) тарафдорони зиёде пайдо намуд. Дар ҳар ноҳия, корхонаю дехаҳо ташкилоти ибтидоии ҳизби наҳзати ислом таъсис гардид. На фақат дар ҷомеа ба қувваи асосии сиёсӣ табдил ёфт, инчунин то ҳадде тақвият пайдо намуд, ки тавонист (на фақат ба маблағи хайрия) **дар ҷумҳурӣ табаддулоти давлатӣ ва ҷанги бародаркушро ба амал бипайвандаду кушишхонаи чашмнодидаву гӯшношунидро ба роҳ андозад.**

Бесабаб набуд, ки дар сессияҳои аввали Шӯрои Олии ҷумҳурӣ (1990) қозикалон Ҳоҷиакбар Тӯраҷонзода борҳо изҳори ақида намуд, ки мукобили таъсис намудан ва ба қайд гирифтани Ҳизби наҳзати ислом мебошад. Вале касе дарк накард, ки зери суханҳои ӯ чизе ниҳон аст ва барои пеши роҳи онро гирифтан, чораҳои лозима андешида нашуд. Яъне ҳоло барои ба қайд гирифтани Ҳизби наҳзати ислом вазъият дар ҷумҳурӣ пухта нарасида ва мардум тайёр набудааст.

Бинобар ин, пас аз ба қайд гирифтан Ҳизби наҳзати исломро тарафдорӣ намуда, Тӯраҷонзода гуфт:

«...Ман гумон мекунам, вақти он расидааст, ки номи ташкилкунандагони Ҳизби наҳзати исломро дигар пинҳон надорем, онҳо дӯстони наздиктарин ва ҳамкорони мананд. Вақте ки дар ҷумҳурӣ ҳанӯз қонунҳо дар бораи матбуот қабул нашуда буд, дар хусуси ҳизби наҳзати ислом ман ба онҳо гуфтам, ки ҳатман каме сабр кунанд, чунки саросемагӣ метавонист

ҳамаи қувваҳои зиддиисломии ҷумҳуриро муттаҳид намояд...» («Ҷавонони Тоҷикистон», 9 ноябри соли 1991).

Бояд иқрор шуд, ки Ҳизби наҳзати ислом тавонист олимон ва идеологҳои варзидаи дохилию хориҷиро фаро гирад. Аз ин ҷо амалиётҳои худро танҳо аз рӯи нақшаҳои кашидаи созмонҳои пинҳонкори «Ихвонӣ»-и баъзе давлатҳои исломӣ ва кишварҳои араб амалӣ мегардонид...

«Ҷамъияти исломии Афғонистон», «Ҷабҳаи миллии исломии Афғонистон», «Ҳизби исломии Афғонистон» (ки бо ХНИ Тоҷикистон робитаи зич дорад) усулҳои бароямон бештар дастрас — тайёр намудани силоҳбадастони тоҷикро дар пойгоҳҳои низомии худ, фиристодани гурӯҳҳои худро барои бурдани амалиёти ҷангӣ, қочоқи аслиҳаро пеш гирифта, онҳоро эҷодкорона ривоҷу равнақ доданд. Ба ин мазмун мактубе ба номи сарҳадбонон афтодааст: «Мо, мусулмонони Афғонистон, шукри худованд мекунем, ки дар Тоҷикистон ҷиҳод ғалаба кард ва байрақи ислом ба шариат барафрошта шуд. Кофирон ва аҳли бидъат — коммунистону зархаридони онҳо ва думравону лагандбардорони онҳоро бикушед ва несту нобуд кунед. Худо хоҳад, Шумо, бародарони мусулмон, дар ин ҷанги зидди аҳли бидъат хаста нахоҳед шуд. Мо дар роҳи ҷанги одилона ва муқаддас бар зидди кофирон ҳеҷ гуна кӯмак ва ҳамкориро дареғ нахоҳем дошт».

Аз рӯзи аввал ташкилотҳои Ҳизби наҳзати ислом бар хилофи қонун амал намуда, ба корҳои давлатию сиёсӣ ва хоҷагидорӣ, ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо дахолат мекард. Бо роҳи фишороварӣ, гузарондани гирдиҳамоӣ вакилони худро дар комиссияҳои давлатию ҷамъиятӣ онди ҳаллу фасл намудани масъалаҳои сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ ҳамроҳ менамуд. Вале нисбати амалиётҳои ғайриқонунии он аз тарафи ургонҳои маъмурӣ, аз ҷумла, Вазорати адлияи ҷумҳурӣ ва Девони Вазирон чораҳои судбахш андешида намешуд. Баръакс аз тарафи роҳбарони ин мақомотҳои давлатӣ дастгирӣ меёфт, ки ёфт!

Ё ин ки ба ёд оред, оғози гирдиҳамоии охирҳои моҳҳои амрелу маи соли 1992 майдони «Шаҳидон»-ро.

— Чанд рӯзи аввал нотиқони майдони «Шаҳидон» тавассути баландгӯякҳо ва радиостанцияи шахсӣ «Гимн»-и Ҷумҳурии Исломии Ироиро «Амрико, Амрико, марг ба найранги ту!» ба «Золимин, золимин, марг ба найрангатон!» иваз карда бо замзама мехонданд. Ё ин ки дар майдони «Шаҳидон» чун накарот садо додани нидоҳои «Гулбиддин бо мост!», «Зинда бод Гулбиддин!» чӣ мазмуне дошт?!

Таҳлил нишон медиҳад, ки Гулбиддин Ҳикматёр, ки Сарвари Ҳизби исломии Афғонистонро бар ӯҳда дорад, аз мутаассибтарин аҳзоб ва ашаддитарини ҷонибдори мазҳаби «Вах-

ҳобия» — аниқтар гӯем ҳизби «Ихвон-ул муслимин» андар миёни муҷоҳидини афғонӣ ба шумор меравад...

Саволе ба миён меояд, чаро мардуми тоҷик ба чунин роҳ рафта, роҳгум заданд?! Чаро касе аз олимону зиёнён ва сиёсатмадорон, ки ба мардуми гирдиҳамомадагон қаробату хамнишинӣ ва хешовандие низ доштанд, ба назди онҳо баромада, иброзн ақида накарданд, ки «ҳой, халоиқ, роҳи пешгирифтаи шумоён ғалату иқдоматон ботил ва аз он бӯи хун меояд!»

Бале, рӯзноманигорону рӯзномаҳои ба ном демократии «Сухан», «Чароғи рӯз», «Сомон», «Адолат», «Дунё», «Ҷавонони Тоҷикистон», бахусус, садою симои ба ном «мардумӣ»-и Тоҷикистон, ки беимонона барои соҳиби пули бедардимиёну харом шудан ва ба ҳотири бепул аз ҳисоби хоинии миллат ба зиёрати Маккаю Мадина рафтан, имону вуҷудашонро фурӯхтанд, халқро ба иштибоҳ андохтанд, чунон ташвиқот намудаву мардумро гумроҳ карданд, ки гӯё Тоҷикистон дигар начотдиханда ва мушкилкушое ба сатҳи «пешвоён»-и исломиҳо (Ҳизби наҳзати ислом) ва неруҳои «демократӣ» надорад!

Чаро «Чароғи рӯз», ки ҳар дам чун муассису сардабири аввалу сонияш фитнаафрӯзӣ мекард, «Адолат», ки аз ҳақиқату адолат тиҳӣ монда буд, «Ҷавонони Тоҷикистон», ки ноҷавонмардона теша ба решаи Тоҷикистон мезад, боз рӯи чопро медидаанд?

Чаро бо чунин роҳу василаи пурнангу ноҷавонмардона як гурӯҳ зиёёну эҷодкорон, ки худро гули сари сабади халқу миллати Тоҷикистон меҳисобиданд, рафтанду қадам барниҳоданд?! Чаро онҳо шарафу имони худро фурӯхтанд, халқи зудбовару камсавод, аз сиёсат дур ва нотавонро гумроҳ карданд, гӯё ин роҳ мағозаҳо аз маҳсулот лабрезу нарх арзону некӯаҳволии халқ беҳ мегардид?! Оқибат бадбахтиро насиби заҳматкашони ба хок нишастаи миллатамон гардонданду худ бо кисаҳои пур аз долларҳои хориҷӣ чун кӯршабпаракҳо дар лахзаҳои дамидани субҳи мурод ба давлатҳои хориҷа фирор карданд. Фирори номардона, ки он «давидани гӯсола то коҳдон»-ро монад!...

Охир, мазҳаби «Ваҳҳобия» он қадар мақбул ва қобили пазириш мешуд, қобили ба халқу миллат беҳбудӣ овардан мебуд ва решаҳои дини мубини исломро пурқувват сохта метавонист, чаро пайравони он бар хилофи гуфтаҳои Қуръони мачид амал намуда, тамоми зиёратгоҳҳои саҳобагони ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар Арабистон несту нобуд менамуданд?! Ҳол он ки он ҳазрат ҳанӯз ҳини барҳаёт буданашон аз мазори саҳобагони олиқадри шодравонашон зиёрат ба ҷой меоварданд. Ё агар фалсафаи ҷангҷӯёнаи «файласуфҳои хуб» ин қадар қобили қабул мешуд, чаро дар кишвари исломии Сурия ҳатто кӯдакон аз шунидани номи «ихвон» ба ларза меоян-

ду тарсу ҳарос вуҷудашонро фаро мегирад?! Ва ё кулли муслимини рӯшанфикри шариатпаноҳи олам бечизу бесабаб гумраҳону тақлидпешагони наҳзати «Ихвон-ул-муслимин»-ро бо нафрату адовати тамом «Ихвон-ул-шаётин» меномиданд?! Гумон намекунам.

Пас, ин «бародарон»-и одамсурати шайтонсират чӣ касонеанду чӣ мақсаду ниятҳои шуме доранд?!

«Ал-ихвон-ал-муслимин» («Бародарони мусулмон») гуфта, дар осори сиёсиву ҷомеашиносӣ аъзои созмони мазҳабию сиёсии «Ҷамъияят ал-Ихвон ал-муслимин», «Ҷамъияти «Бародарони мусулмон»-ро дар назар доранд, ки соли 1928 дар Исмоъилияи Миср аз ҷониби Ҳасан ал-Банно таъсис ёфта буд. «Ҷамъияти ихвон ал-муслимин» дар ибтидо сохту таркиби мураккабе дошта, унсурҳои ахавияти сӯфиён ва аҳзоби ҳозираи авторитари ихвонии аврупоиро фаро мегирифт. Фаъолияти ҷомеаи мазкур ба бунёди «Ҷамъияти адолати исломӣ», ки бар принципҳои исломӣ (дар шакли «Сафои аввалия»-ашон) ба ҳайси сарчашмаи ягонаи идеология, қонун ва нормаҳои ахлоқӣ асос ёфта бошад, нигаронда шудааст. Ва мувофиқи андешаи идеологҳои ҷамъият, ба дарёфти ин мақсад аз «роҳи инкишофи исломӣ», ки ҳам ба роҳи капиталистиву ҳам социалистӣ зид гузошта мешавад, нонл метавон гашт.

Ҷамъияти «Бародарони мусулмон» аз фаъолияти накӯкориву маърифатпарварӣ (солҳои 1928—1936) то ширкати фаъолона дар ҳаёти сиёсӣ тавассути террору зӯроварӣ ҷодаи душворгузареро тай намудааст. Баъди қатли Ҳасан ал-Банно (соли 1949) ҷамъияти мавсуф ба се гурӯҳи мустақил ва ин гурӯҳҳо минбаъда ба созмону дастаҳои мустақили дигар ҷудо шуданд ва методи қатлу кушторро маҳаки кору рафторашон қарор доданд.

Ин даставу гурӯҳҳои қотилу ғаддор, ки минбаъда дар саросари олами мутамаддин ба сифати «Созмонҳои экстремистии исломӣ» «шӯҳрат» ёфтанд, соли 1954 дар Миср аз ҷониби ҳукумат, ки сарвариашро Ҷамол Абдулносир (1918—1970) бар ӯҳда дошт, барои фаъолияти харобкоронаашон бар зидди режими республикавӣ ғайриқонунӣ эълон карда шуданд. Аммо дар ҳолати пинҳонкорӣ ҳам ин ташкилоти хун аз ниятҳои нопокашон даст нашуста, нохун ба хуни фарзандони бузурги миллат ранг мекарданду чандин дафъа қасди барҳам задани ҳукумати қонунӣ ва қасди ҷони сарварони кишвар намуданд. Аз ибтидои солҳои ҳафтодум, дар давраи ҳукуматдории Анвар Содот фаъолияти «Бародарони муслим» ҷонноктар гардид. Анвар Содот бо чунин дастаҳои ифротӣ роҳи муросоро пеш гирифта ,аз қувваи тахрибкорашон барои пиёда сохтани мақсадҳои ғаразнокаш истифода мебурд. Ва ниҳоят, соли 1981 худаш

аз тарафи яке аз чунин дастаҳо («Ал-чиҳод ал-ислом») ба қатл расонида шуд. Баъди ин воқеа бори дигар фаъолияти як қатор дастаҳои ифротии исломии «Ҷамъияти ихвон ул-муслимин» дар Миср манъ кардаву аксари роҳбаронашон ба ҳабс гирифта шуданд.

Бо вуҷуди ин дар охири солҳои ҳаштодум дар Миср даҳҳо гурӯҳу дастаҳои «Ҷамъияти ихвон ул-муслимин» дар фаъолият буданду теша бар решаи фарҳангу тамаддуни миллату мамлакаташон мезаданд. Ҳоло чунин дастаҳо тахти байрақи созмони ифротии «Ат-такфир в-ал-ҳичрат» машғули куштору терроранд. Алҳақ,

Ҳар чо, ки расад пойи асири қатағон,
На мурда кафан ёбаду на зинда ватан!

Мувофиқи маълумоти снёсатшиносон, имрӯз ҳам дар қаламрави бештар аз 30 мамлакати ҷаҳон даставу гурӯҳҳои гуногуни «Ихвон ул-муслимин» тахти номҳои мухталифи фиребо бедодгариву хушомӣ мекунанд, ки «Ҷамъияти ҳимояи Қуръон»-и Тунис аз ҷумлаи онҳосту дар шикасту рехти иқлиби исломии Эрон дасти тамом дорад. Ва ё дастаҳои фидоии муҷоҳидинк афғон, ки дар қаламрави Покистону Эрон ва мамолики араб омодабоши тахрибкориву қаттолӣ мегиранд, аз намунаҳои даҳшатовартарини «экстремизми исломӣ» ва «шогирдон»-и муваффақтарини мактаби «Ихвон ул-муслимин» ба ҳисоб мераванд. Ва табиист, ки «Ихвониёни Тоҷикистон» ҳам аз ягон ҷиҳат аз «устодону бародарон»-и мавсуфи худ камӣ надоранд!

Мутаассифона, хорбуттаи «ихвонӣ» шабеҳи аҷириқест, ки лозиму нолозим дар ҳар гуна замин реша медавонаду наштар ба чону тани гулу гиёҳҳои муфид мезанад. Аз ин рӯ, дар саросари олам деҳқону боғбонони бохирад ин маразпечаки беномусро решакан кардаанду мекунанд. Беҳуда нест, ки ҳанде пеш дар шаҳри Минск (!) яке аз штабҳои ғайриқонунии «ифротиёни исломӣ» ба боди фано дода шуд. Биандешед: дар Минск! Ва ё рӯзи 5-уми апрели соли 1993 Президенти ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон мӯҳтарам Ислом Каримов дар конфронси матбуот бо ширкати Президенти Туркия ҷаноби Турғут Ӯзол оламиёнро воқиф намуд, ки дар ин кишвари дӯсту ҳамсояи мо замин дар зери пойи ифротиёну ихвониён меларзад. Оре,

Афсӯс маҳур, ки сӯхт олам,
Магӯй, ки хас каму ҷаҳон пок.

Акнун бори дигар ба ёд меорем рӯзҳои пурдаҳшату нанговари майдони «Шаҳидон»-ро ва лаҳзае андеша намоем дар атрофи мӯҳтавову мазмуну ҳадафи суханронии ба ном «генерали мардумӣ» қорӣ Санд Қиёмиддини ғозӣ, ки гулӯ дарронда

мегуфт: «...Мо гурӯҳҳои мусаллаҳ дорем. То алҳол 27 ҳазор нафар номнавис шудааст. Бояд тазаккур дод, ки ин кор, яъне омода сохтани афкоре, ки аз манофеъи мо ҳимоя карда тавонанд, ҳамин рӯзҳо оғоз нашудааст. Ба ин кор мо 15 сол боз, яъне аз вақти таъсиси Ҳизби наҳзати ислом шуғл дорем. Имкон дорем, ки ҳамаро мусаллаҳ созем. Бо бародарони мучоҳид Аҳмадшоҳи Масъуд, Бурҳониддини Раббонӣ ва Гулбиддини Ҳикматёр иртиботи хеле қавӣ дорем...» («Садои мардум», № 83 (335), аз 25 апрели 1992).

Чуноне ки маълум шуд, Бурҳониддини Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд аслан дар Афғонистон давлати исломии Суннимазҳаб ташкил карда истода дар асл онҳо ба мазҳаби ваҳҳобиёну ихвониён сарукоре надоранд. Ватанфурӯшону мансабталабони нотавони тоҷик бошанд, дар қатори Гулбиддини Ҳикматёр номи онҳоро сирф ба хотири рохгум задани мардум барои баланд бардоштани пуфузи бемояи худашон ба забон мегирифтанд! Нобуд бод он сухану бурида бод он забонҳо!!

Аз ҳақиқат дур набудани ин суханҳоро дарк намуда, муддате ба фикр фурӯ рафтаму ба худ андешидам:

— Худоё, Ҳизби наҳзати ислом дар дохили давлате, ки гӯё ургонҳояш хуб кор мекарданд, чӣ гуна 15 сол амал кардааасту гурӯҳи 27 ҳазораи мусаллаҳ ташкил намудааст?! Дар дохили давлати қонунӣ, ки дорои ин қадар артиши мусаллаҳ будаааст?! Яроқи мутаъаддидаро аз кучо (кӣ) харидаасту ба кадом роҳ овардааст?!

Пас, кучоед сарварони пешин?! Чаноби Паллаев! Инсоф кучо шуду вазифашиносиву масъулият кучо шуд?! Эй «бибизанон» ва эй сармастон», то бубинед, ки зери бағал шағолбачҳоятон ба «шер» табдили шакл кардаанд?! Кучоед, мансабдорону собиқадорони серхарочоту камбизоати амнияти давлат?! Магар хоби гарони ваҳмангез Шуморо мадҳуш сохта ва ё чуръаи «оби ноб» мастатон карда?!

Эй бехабарон, чаро бигзоштаед, ки мазҳаби «Ваҳҳобия» — он гӯркови тамаддун то ин дарача реша давонаду пуркувват гардад?!

Чаро ин амалиёти чиноятқоронаи онҳо саривақтӣ аз чониби хукумату ургонҳои ҳифзи хукук ошкор карда нашуд?!

Охир, агар кӯмаку дастгирии моддию маънавии хорича намешуд, аз кадом ҳисоб ишон амалиёт мекарданду соҳиби силоҳ мегаштанд?!

Ҳар фарди чумҳурӣ бояд бо ақлу хираду вичдони худ қазоват намояд, ки агар Ҳизби наҳзати ислом аз рӯи дурнамои тахтонии аниқ амал намекард, ба хотири чӣ 15 сол тайёрӣ мединду 27 ҳазор артиши миллии мусаллаҳ ҷамъ меовард?!

Қазоват кунед, ин ҳизби сарсахт ва ҷонибдорони ботиландеш барои мансаб шуда, бо кӣ ҷанг карданӣ буду киро куштан мехост?!

Оё дар таъминоти дини мубини ислом ва Қуръони маҷид оёту ҳадис ёфт мешуда бошад, ки барои куштани мусулмон мусулмонро иҷозат дода бошад.

Худованди мутаол дар сураи Муоида кушта шудани фарзандони ҳазрати Одамро баён мекунад ва мегӯяд, **ки аз ин сабаб мо навиштем, ҳукм кардем, ки агар инсоне бегуноҳ як инсони дигарро кушад, хуни ӯ заминро фасод кунад, дар рӯи замин таҷовузгарӣ намояд, туғён кунад, ҳамчуноне ки тамоми инсонҳоро кушта бошад! Куштани як инсон маънои куштани тамоми инсонҳоро дорад.** Вой бар ҳоли шахсоне, ки ба гуфтаҳои ҳар касу нокас боварӣ карданду иштирокчиёни доимии гирдиҳамоиҳо дар Душанбешаҳр гардида, ба домаи ғазаб гирифтору ҷанги тоҷикро ба тоҷик оғоз намудаанд!!

Мавриде, ки ин сатрҳоро менавиштам, аз дӯстам Ш. Камолӣ як силсила шеърҳоро гирифтам, ки муҳтавои онҳо бар алайҳи ташкилкунандагону саркардаҳои гирдиҳамоиҳои Қӯрғонтеппаву Душанбе буда, сахт мазаммат менамояд. Аз ин силсила як рубоиеро пешкаши хонандаи хушзавқ медорам:

Аз ҳамватани оқил падар меполам,
В-аз бехирадони бесамар меполам.
Аз тоҷики раҳгуми бародаркуши худ,
Чун шаршараҳо шому саҳар меполам!

Хоинони қотилу беномус ғайр аз он, ки аз хориҷа силоҳ мегирифтанд, барои бо азобу машаққати зиёд қатл кардани бародарони худ аз хориҷа, махсусан аз Афғонистон, «мутахассисон»-ро даъват карда, аз «ҳунари волоии» ҷаллодиашон бе пӯштпӯшту мунтазам истифода мебурданд.

Саволе ба миён меояд, ки магар ин қабил мардум ҳақ доранд, ки худро тоҷик номанд ва дар сарзамини Тоҷикистон ҳаёт ба сар баранд? Ба фикри ман, онҳо бояд ҳатман барои ҷиноятҳои гӯшношунидаи худ дар назди қонун ҷавоб диҳанд!!

* * *

Бояд иқрор шуд, ки ба ҷонибдории оппозиция файласуфону идеологҳои хуби ҷумҳурӣ ва хориҷа камар баста буданд, ки бисёр ҳам муташаккилона ва бошавқона кор мекарданд. Ин дастаи муҷаҳҳаз ҳуҷҷатҳои зиёди дохилию хориҷиро таҳлил намуда, оид ба ҷою вақту тартиби гузарониданӣ амалиёти навбатӣ таклифу пешниҳодҳои мушаххас мекарданд Аввало, оппозиция барои санчиш дар Кӯлобу Душанбе, Ҳуҷан-

ду Ӯротеппа ва Панҷакенту Ҳисор якчанд маротиба гирдиҳамой гузароиданд. Аммо амалиётҳои онҳо дар Кӯлобу Хуҷанд, Панҷакенту Ӯротеппаву Ҳисор барор нагирифт. Мардуми баномусу ватандори ин шаҳру ноҳияҳо гирдиҳамоиро пароканда намуданд, «нерӯҳои демократӣ»-ву аъзои ҳизби наҳзати ислому «муллоҳои» дайдуро зада, сур карда, хаймаҳояшонро сӯзонданд, ки «хас каму ҷаҳон пок» бошад. Мардум нагузошт, ки зодгоҳашон ба майдони ҳарбу зарби сиёсӣ ва ҷангу ҷидол мубаддал шуда, халқи он ноором гардад, чунки ҳар фарди бохираду тоҷик зодгоҳаш, ватанашро чун модар, чун гавҳараки чашм эҳтиёту эҳтиром менамояд ва хеҷ гоҳ намегузорад, ки бадгуҳару нохалафе ва куррахару мансабталабе рехтагоҳи хуни нофашро ба майдони ҳарбу зарб ва гирдиҳамоиҳои гуногун табдил дихад.

Биноан, идеологҳои оппозиция амиқан мавзеи гирдиҳамоиро таҳлил намуда, маъракаи ҳарбу зарб ва гузаронидани гирдиҳамоиҳоро дар Душанбе ба нақша гирифтанд. Дар Душанбешаҳре, ки мувофиқи асноди радиопазири таърих, дар гузашта деҳаи хурде будааст қариб ягон сокини ҳозираш аслан хаминҷойӣ нест, хама аз дигар шаҳру навоҳӣ ва давлату ҷамоҳир омадаанд. Ба ин муносибат воқеае пеши назарам меояд. Боре, дар даврахои интихоботи Раиси Ҷумҳур Аслиддин Соҳибназаров, ки довталаби вазифаи нойиби Раиси Ҷумҳур буд, дар вақти сӯҳбат бо лаҳну услуби хосаш иброз дошт: «Дӯстам Сафаралӣ, дар интихоботи Раиси Ҷумҳур Шумо бе ягон монеа ба ғалаба поил мегардед. Ва пас аз се моҳ қувваҳои «демократӣ» ва «ислом» командаи Шуморо аз сари қудрат дур месозанд. Ҳоло ҳам бошад, аз роҳат баргард. Ту ҳоло хеҷ чизро намедонӣ, ҳамаашро баъд мефаҳмӣ....»

Азбаски дӯстони дерина будем, бо заҳрханда аз ӯ пурсон шудам: «чӣ хел, бо кадом роҳ моро аз сари қудрат дур месозед, агар махфӣ набошад, то он, ки асоямонро ба рӯшной занем». Ӯ дасти росташро ба китфи ман партофта гуфт: «Охир, гуфта будам-ку, Шумо бисёр чизҳоро намефаҳмед, таҳлил надоред, идеологҳои Шумо кор накарда истодаанд, вазъияти ҷумҳурӣ ва ҷаҳонро таҳлилу дарк накарда истодаанд!

Ҳама давлатҳои ҷаҳон тарафдори демократия мебошанд, Шуморо режими коммунистӣ меноманд, Шумо аппарати таблиготӣ надоред...

Аз тарафи дигар, имрӯз тафаккури мардум ва вазъият дигар аст. Мардуми ҷануб дигар намегузоранд, ки шимолиҳо ҳукмрои бошанд! Ҳоло ҳам дер нашудааст, худатро ҳайф накун, аз ақидаат гард, аз баҳри мӯйсафед бароед, бо мо будед, бо мо монед. Мардуми шимол Шуморо дастгирӣ накарда буд, имрӯзу фардо ҳам дастгирӣ нахоҳад кард!...

Хайр, барои хамнину намак буданат як далели дигар мебиёрам, худат онро тахлил намуда, бахо дех. Вазорати Корхои Дохилй, Кумитаи Амнияти Миллй ба бозихои сиёсй хамрох намешаванд, муносибаташон бо оппозиция хуб аст, дивизияи 201-и дар шахри Душанбе буда дар итоати Федерацияи Русия мебошад, ки бе иҷозати Президенти Федерацияи Русия Б. Н. Ельцин ва сессияи Шўрои Олии Федерацияи Русия хукуки гузаронидани амалиёт надорад ва чунин супоришро сессияи Шўрои Олй хеч гох намедихад. Рохбарони оппозиция масъаларо бо онхо назондаанд... Вакто ки вазъият дар Душанбешахр муташанниҷ мегардад, ба мухофизати он касе камар намебандад ва дилсўзе надорад, хама аз тарсу воҳима бисёрии шахриён пулу молашонро гирифта, ба ватани бобоии худ фирор менамоянд. Мардуми ғайриточик бетарафиро интихоб менамояду Душанбешахр пурра ба дасти оппозиция хохад гузашт».

Ҳар шаҳр қонуниятҳои дохилии инкишофи худро дорад. Ва ин қонуниятҳо асосан марбути тарзи тафаккури сокинони он мебошанд. Душанбе чй шахрест ва чй гуна инкишоф ёфтааст? Сокинони асилу қадима дорад ва онҳо киҳо бошанд? Барои ба хулосае омадан, аввал ба таърихи пайдоишу инкишофи он назар меандозем.

Душанбе дар солҳои Ҳокимияти Советй дар ҷои собиқ қишлоқи хурду назарногири Душанбе сохта шудааст. Душанбе ҳамчун қишлоқ ҳанӯз соли 1676 дар ярлиқи хони Балх Субҳонқул Баҳодур, ки ба подшохи рус Федор Алексеевич фиристонда буд, ёдовар шудааст. Душанбе то ибтидои асри XX қароргоҳи амалдори хурд (бекча) буд, ки ӯ ба беки Ҳисор итоат мекард. Аз соли 1907 Душанбе қароргоҳи тобистонаи беки Ҳисор гардид. Соли 1924 пойтахти РАСС Тоҷикистон қарор дода шуд. Пас аз пойтахти ҷумҳурй гардиданаш рӯ ба тараққй ниҳод, сохтмони комбинати саноатй анҷом ёфт, ки ба он осиёи навардй, заводи рарған, заводи собун, станцияи электрии дизелй (иқтидораш 78 квт) дохил мешуд (Энциклопедияи Советии Тоҷик, ҷ. 2, сах. 353). Бо ҳисоби мардуме, ки аз гўшаю канори ҷумҳурй барои кору зиндагй ба пойтахт омаданд ва мардуми атрофи он дар соли 1926 Душанбе ҳамагй наздики 6 ҳазор аҳолй дошт. Шумораи аҳолии Душанбе то соли 1924 муайян нагардидааст. Соли 1939 83 ҳазор, 1959 225 ҳазор, 1 сентябри соли 1979 500 ҳазор нуфуз дошта, ҳоло наздики 600 ҳазор аҳолй дорад.

Тахлил нишон медихад, ки шумораи аҳолии қишлоқи Душанбе то соли 1924 бисёр ҳам кам будааст ва қисми зиёди он солҳои 1920—1924 вақто ки амири Бухоро Саид Олимхон (сентябри соли 1920) гурехта ба Душанбе меояд, дар задухўрдҳои

шадиди дутарафа нест нобуд мегарданду аз ватан беватан мешаванд.

Ҳоло аҳолии Душанберо бештар аз 650 ҳазор нафар мардум ташкил медиҳанд, ки қисми онҳо авлоди тоҷикони Қаротегину Хуҷанд, Зарафшону Бадахшон, Ҳисору Хатлон ва Ғозималиқанд. Мардуми қадимии Душанбешаҳр аслан дар деҳоти Шоҳмансуру Сариосиё буданд, ки онҳо ҳам аз гирду атрофи шаҳр ҷамъ омада, дар давоми зиёда аз 70 сол бо дигарон омезиш ёфтанд.

Аз ин сабаб Душанбешаҳр мисли шаҳрҳои бостонии Хуҷанду Кӯлоб, Самарқанду Истаравшан қариб, ки ватандори «муқимӣ», расму ойину анъанаи қадимае, ки аз насл ба насл мегузашту мардум эҳтиромаш мекарданд, надорад. Чаро Ҳисору Хатлон, Хуҷанду Ӯротеппа, Қаротегину Зарафшон, Бадахшону Ғозималик то имрӯз расму ойинҳои бобоӣ ва анъанаҳои гузаштагонро нигоҳ доштаанд?! Барои он, ки дар тӯли таърих як навъ умумияту ваҳдати қавмӣ пайдо кардаанду дарвоқеъ аҳолии таҳҷоӣ доштанду доранд. Аммо дар ин гуфтаҳо ягон таҳқир ё беэҳтиромӣ ба мардуме, ки пойтахти чумҳуриро обод кардаанду ҳар як кӯча ва шаҳрчаи Душанбешаҳр вобаста ба он, ки мардуми кадом водӣ хаёт ба сар мебарад, расму русум ва анъанаи бобоёни худро ба ҷо меоваранд, ҷой надорад.

Воқеият чунин аст, ки халқи ҳар водию шаҳру ноҳия гурӯҳи рекэтёрони худро доштанд, мардуми бомаърифаташ аз рӯи маҳалли бобоёнашон Шӯро ё ҷамъиятҳои махсус таъсис намуда буданд. Бисёрии онҳо дар зодгоҳу макони гузаштагони худ бо умеде, ки дар он ҷо ҳузуру ҳаловати давлати пириро ба сар баранд хонаю дар сохтаанд. Аз ин рӯ, роҳбарони оппозиция мавзеи гирдиҳамоиҳоро дар Душанбе қарор дода, бисёр ҳам дилпурона иқдоми номуборак намуданд. Онҳо ҳар чӣ мехостанд, ба воситаи баландгӯякҳо мегуфтанд. Чанд рӯзе тавонистанд шаҳрро ноорому ифлос гардонанд. Ба хотир биёред чанд гирдиҳамоиҳои ғайриқонуниеро, ки дар майдони «Озодӣ» аз тарафи оппозиция оғоз ёфта буд. Яке аз он гирдиҳамоиҳо моҳи сентябри соли 1991 созмон дода шуд, ки зиёда аз 17 рӯз давом кард. Роҳбарони оппозиция тавонистанд, ки шайхону уламо, пешвоёни дини мубини ислом, занону кӯдаконро ба майдон ҷамъ оранду ба ҳар ҷои он хайма зананду гуруснанишинии сунъй ташкил бидиҳанд. Ва бо ин хама обрӯю эътибори давлати Тоҷикистону халқи тоҷикро дар тамоми дунё паст заданд. Ба чор тараф ҷор мезаданд, ки гӯё дар Тоҷикистон режими коммунистӣ ғалаба кардаасту ҳама кофирон сари қудрат омадаанд, хатаре барои аз байн бурдани дини мубини ислом ва ба қатл расонидани муслиму уламо ба миён омадааст. Роҳбарони фаъоли оппозиция Давлат Худоназаров, Шодмон Юсуфов, Аслиддин

Соҳибназаров, Мақсуд Икромов, Ҳоҷиакбар Тўраҷонзода, Муҳаммадшариф Ҳимматзода ба давлатҳои ҷаҳон барқия фиристонида хоҳиш намуданд, ки Тоҷикистонро дар муҳосираи иқтисодӣ қарор диҳанд...

Одамоне, ки табнатан ба бадрафторию бадкирдорӣ одат карда буданд, инак, дар рохи ичрои мақсадҳои ғаразноку нопоки худ майдонро васеъ дида, ҷавлон мезаданд. Ба ҳар восита даъвугеҷ мекарданд, ки фарзандони некноми миллатро бадном созанд, сиёҳкорию разилиро ба авчи аъло расонанд. Боре баҳри некие кардан, оқибати рафтори ғаразнокашонро пешбинӣ намудан ва ба эътидол овардани ҷумҳурӣ ҳаракате накарданд. Гўё дар ин мазмун шоир аз онҳо пурсидааст:

Сад бор бадӣ кардиву шарми ту наомад,
Некӣ чи бадӣ дошт, ки як бор накардӣ.

Барои ҳар як шайху алломаи ҷумҳурӣ дар майдони «Озодӣ» хайма заданд, бо ёрию мусоидати комиҷроияи Душанбе соҳиби зиёда аз 80 хаймаю юрта гардиданд, ба хаймаҳои онҳо хати барқ пайваст намуда, бухориҳои баркӣ гузоштанд. Зери пои ҳар яке қолину кўрпачаҳои махмал партофта, сипас доҳиёни дини мубини ислом, мўйсафедони барнорўй 70—80-соларо гумроҳ намуда, ба майдон оварда, дар хаймаҳо ҷо намуданд. Дар даромадгоҳи хаймаҳо навиштанд: «Гуруснанишинони роҳи озодӣ, барои барқарор намудани дини мубини ислом». Дар ҳар хаймае ба ғайр аз шири мурғ дигар хама чиз мухайё буд.

Миёни Хайманишинон шахсиятҳои бузург, ба монанди эшони Саидашраф, эшони Тўрачон, Алломаи Турсунзода — эшони Олимҷон ва дигарҳо буданд, ки ҳар яки онҳо 10—15 хазор мурид доштанд. Сипас, муридонро тавшиқот мекараданд, бо Қуръон тарс медоданд, ки бояд ҳар рўзе як маротиба ба зиёрати пешвоёни дини мубини ислом ташриф биёранд, ба зиёраташон бираванд, ҳамеша дар атрофи онҳо бошанд. Ба хазинаи гирдиҳамоӣ маблағ супоранд, то фардо рўзи қиёмат онҳо чун шамъ роҳашонро нурпошӣ бикунанд. Дар акси ҳол ҷояшон дўзаху луқмаи имрўзашон ҳаром мешавад. Мардумро гумроҳ намуда, аз кору бори хочагӣ дур карда, бо шўру ғавғо ба майдони гирдиҳамоӣ оварданд. Вақто ки онҳо ба зиёрати пешвоёни худ медаромаданд, аз суханронӣ ва даъвати ғаразноки онҳо нисбати ҳукумати қонунӣ нафраташон зиёдтар мегардиду барои содир намудани табаддулоти давлатӣ замина гузошта мешуд.

Он рўзҳо дар баробари хаймахои алломагон, эшону қориёни Қуръон хаймае қомат афрохта буд, ки дар даромадгоҳаш ҳаймаи шоира Гулрухсор Сафиева сабт гашта. Ин ҳамон шоираи ба қавле, хушзавқи яхчист, ки саропойи шеъраш дарду алами

Яхч аст. Вокеан, ӯро баъзеҳо «модари миллат» унвон додаанд, ки бемодарӣ бех бувад!! Ин «зани занон» барои «озодиро» ба даст даровардан», либоси сафед пӯшида, чун кувон дар баҳри «гуруснашнинӣ» чанд сабоҳе ғӯта хӯрд.

Анбӯхи рӯзномашигорони ватаниву хориҷӣ чун каргасон ба болои сайд ҳамла меоварданду тавассути камераҳои аксбардорӣ хеш дар дари хаймаҳо навбат меистоданд ва акси эшону уламоро бардошта, ба онҳо ҳамсӯҳбат мешуданд ва маколаҳо чоп намуда, муборизони роҳи «озодӣ»-ро таърифу тавсиф намуда, роҳбарони ҷумҳуриро ба гуноҳи набудаю нашуда гунаҳкор ҳисобида, истеъфоияшонро талаб мекарданд.

Ҳоҷатхонаҳо лабрезу кӯчаю паскӯча пур аз пораи рӯзномаҳо бо акси эшону уламои намоёндори ҷумҳурӣ гардид. Ҳеҷ ҷонзоде ба худ саволе намедод, ки ба онҳо чӣ гуна озодӣ лозим аст?! Оё касе ҳуқуқу ваколатҳои онҳоро маҳдуд кардааст?! Охир, ҳар як эшону уламо зиндагонии шоҳона дошт-ку?! Онҳо шахсони боҳурматтарини ҷамъият буданд! Дари масҷиду мадрасаҳо ба рӯяшон кушода буду шумораашон дар давоми ду сол зиёда аз даҳҳо маротиба афзуд!

Охир, барои Гулрух эр Сафиева баринҳо кадом озодӣ, мустаҳкам намудани кадом дини ислом лозим буд, ки гуруснанишинӣ кард?! Худи ӯ борҳо дар эҷодиёташ аз мавҷуд будани озодӣ, баробарҳуқуқӣ ва демократия дар Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон ҳарф зада, онро таърифу тавсиф намуда, ба осмони ҳафтум мебардошт-ку?!

Боре, 20 марти соли 1983 Гулрухсор Сафиева дар иди Наврӯз иброз дошт.

«...Дар замони мо ҳанӯз чоҳилоне ҳастанд, ки ба чои тухми бахту шодӣ тухми дарду ҳасрат коштанро касб кардаанд. Мо бояд дар рӯзҳои ид ҳам инро аз ёд набарорем. Мо хушбахтем, ки Ватани бузургвори мо ҳомию ёвари сулҳу амонии дунёст. **Мо хушбахтем, ки Ватани мо, давлати мо, партияи Ленини бузург чун ҳомии бахту саодати башарияти тараққипарвар, чун ҳомии сулҳу амният дар тамоми дунё шинохта мешавад.**

Имрӯз яке аз вохӯриҳои дар арафаи иди Наврӯз, ки дар КМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон чой дошт, ба ёд меояд. Дар вохӯрӣ бо намояндагони насли калонсол, ветеранҳои партия, **онҳое, ки барои пирӯзии тантанаи имрӯзаи мо ҷонбозиҳо кардаанд, Котиби якуми КМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон Р Набиев ба тарбияи ватандӯстӣ ба ҳисси интернационалии меҳнаткашон диққати махсус дода, таъкид намуд.**

— Ватандӯстӣ бо адои фидокоронаи хизмати ватани худ, муҳофизати музаффариятҳои социализм зич алоқаманд аст».

Чаро имрӯз бешармона, ба рӯяш чарм кашида, пӯстинашро чаппа пӯшида, гуруснанишинӣ намуда, ҳамрадифи уламои ди-

ни ислом гардид? Охир, чаро боре ба худ савол намедиҳад, ки аз рӯзи худшинос гардиданаш кадом фарзи (айн ва кифоя) шариати дини мубини ислом ва Қуръони маҷидро ба ҷо овардааст?! Охир, рафтор, кирдор ва тартиби зисту зиндагонии ӯ ба ҷумҳурӣ маълум буд-ку?! Инсоф ҳам лозим будагист! Оё он нишасту бархости дирӯзаи «модари миллат», ки фарсахҳо аз талаботи дини мубини ислом дур буд, оё дар як мижа задан бибифотима гаштанаш анқариб буд?!

Ин қабил одамон, агар худо инсофашон медод, аввал гиребони худро бӯй мекашиданд, ки то куҷо ботинан покизаанд, баъд санги маломатро ба тарафи дигарон партоб мекарданд, то он ки дар назди халқу худо ва таърих хешро шармандаву меҳанро вомонда намесохтанд.

Охир, чаро Гулрухсор Сафиева дар давоми чанд рӯзи гуруснанишиниаш боре ба худ наандешид, ки дар кадом давра ва бо ёрию дастгирии кадом ҷамъият як духтари кӯҳистонӣ сазовори чунин эҳтирому эътибор шуда тавонист?! Лауреати мукофоти комсоломи умуми иттифоқ ва ҷумҳрӣ, намояндаи Шӯрои Олии собиқ СССР гардид. Агар ӯ дар давлати исломии мазҳаби «Ваҳҳобия» ҳаёт ба сар мебурд, оё ба чунин мартабаҳои воло ноил мегардид?!

Не, ҳеҷ гоҳ!

Ё ин ки ба дасту пои ҷавонони зиёде, аз ҷумла писари яккаву ягонаи «модари миллат» Гулрухсор Сафиева занҷир баста, дар назди бинои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ саф кашида, талаб кардаанд, ки Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Р. Набиев, ки навакак интихоб гардида буд, ба истеъфо равад... Оё ин аз рӯи одоби ҳамидаи мардуми ориёнажоди мо буд?!

Оё ин дар доираи инсофи исломӣ мегунҷид?! Ҳаргиз!

Дар ин давра ман бо мақсади пешгирӣ кардани ҷанги бародаркуш, ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ бо маслиҳати роҳбарони давлат бо ҳомиёни дини мубини ислом эшони Саидашрафи кӯрғонтеппагӣ, эшони-Алломаи турсунзодагӣ, қорӣ Қиёмиддини ғозималикӣ, эшони Тӯрачони кофарниҳонӣ ҳамсӯҳбат гардидам. Рӯзҳои ҷумъа дар масҷидҳои Ҳоҷӣ Ёқуб, Сариосиё, Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ суханронӣ карда, ба саволҳои аҳли ислом ҷавоб гуфтам. Фикру ақидаи худ дар боби мақсадҳои неки минбаъда, корҳои ба анҷом расондани Шӯрои Олӣ ва нақшаҳои ҳукумати қонунӣ дар самти аз бӯҳрони иқтисодӣ баровардани ҷумҳурӣ ва беасосу сактагиронаву мансабталабона будани даву този оппозиция, аз ҷумла, «нерӯҳои демократӣ» ва мазҳаби «Ваҳҳобия»-ро ба онҳо фаҳмондам. Ба саволҳояшон ҷавоб додам. Бисёр хуб пазироӣ намуданд.

Афсӯс ки ба ғайр аз эшони Ҳикматуллоҳи тоҷикободӣ дигар эшонҳо ва уламои мазҳаби ҳанафия бо сабабҳои номаълум,

зери таъсири касе ё чизе ақидаи худро тағйир доданд, ба чонибдории мазҳаби «Ваҳҳобия» пайвастанд, халқи зиёдеро гумроҳ намуда, аз паси худ бурда, ба оғоз намудани ҷанги бародаркуш сабабгор шуданд!...

Билохира, бо чунин роҳҳо битавонистанд, ки шаъну шарафи миллати тоҷикро дар арсаи ҷаҳон паст зада, гунаҳкору шармандасораш намоянд, ки гӯё дар кишвари тоҷикон принципҳои демокративу башардӯстӣ вуҷуд надорад, нисбат ба олимону уламои дини мубини ислом, эшону шайхон, аҳли адаб ва «модарону падарон»-и миллат беэҳтиромӣ зоҳир менамоянд. Агарчӣ касе аз шайхону уламо, эшону эшонзодагон гуруснанишинӣ эълон накарда буданд. Хаймаҳо пур аз хӯрокҳои гуногуну мевачот буданд. Ин ҳама беимонию мардумфиребӣ буд...

Боре ба хайман яке аз он эшонҳо рафтам, бидидам ки ҳама неъматҳои истеъмолии парвардигор вуҷуд дорад. Хандаомезона пурсон шудам: «Ҳазратам, шумо гуруснанишинӣ эълон кардаеду боз дар истеъмоли неъматҳо ҳастед?», тамасхуромез гуфтанд: «Не, писар, гуруснанишинӣ накардем, чилланишинӣ карда истодаем. Гуруснанишинҳо ба ғазаби худои таъоло гирифтор хоҳанд гардид...»

Дар сессияи Шӯрои Олӣ депутатҳои дурӯяву серӯя баромад карда, даст меафшонданду калла ҷанбонда, бо эҳсосот мегуфтанд:

«Дар майдони «Озодӣ» тайи чанд рӯз аст, ки шайху уламоҳои барҷаста, пешвоёни дини мубини ислом, қориёни Қуръони маҷид, нурпошони роҳи охирати мо ва шоираи номдору махбубӣ тоҷик, «модари миллат» Гулрухсор Сафиева гуруснанишинӣ карда истодаанду саломатии онҳо рӯз аз рӯз бад шуда истодааст. Рӯзи гузашта «падари миллат» дар назди гирдиҳамомадагон бо тани ларзон шеър хонда, ашк резонд...

Охир, мо чӣ гуна вакили халқ ҳастем, ки ба онҳо диламон намесӯзаду нон аз гулӯямон мегузарад?! Ба ҳамаи ин кӣ ҷавоб медиҳад?! Чаро роҳбароне, ки истеъфояшонро бузургони миллат пурсидаанд, ба истеъфо намебароянд...» Вале афсӯс, ки имрӯз ҳамон депутатҳо ҳоло дар сари қудрат мебошанду дар сессияҳои Шӯрои Олӣ иштирок намуда, бешармона ва имонфурӯшона тарзи дигар ҳарф мезананд. Канӣ ҷавонмардӣ? Канӣ он ахлоқи ҳамидаи инсонӣ? Ба чунин «ҷавонмардон»-и номардон номи ҷавонмард ҳайф асту онҳо яқинан зоғҳоеанд, бадмур!

Ҳамин тавр, гирдиҳамоии 15-рӯза давом кард, ки дар он асосан сокинони вилоятҳои Қӯрғонтеппа, Бадахшон ва як қисми ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ иштирок доштанд. Сокинони Душанбешаҳр, вилоятҳои Кӯлобу Ленинобод ангуштшумор буданд. Бошанд ҳам, муллоҳои дайду, чонибдорони мазҳаби «Ваҳҳо-

бия», ашхоси чинояткору аз зери дор гурехта буданд. Дар ин муддат ба воситаи баландгӯяки ташкилкунандагони гирдиҳамой ҳарчӣ ки мехостанд, мегуфтанд, касеро таҳқиру дашном доданд муқаддимоти сухангӯйии ишон буд. Бисёр шабҳо то субҳдам сухан мегуфтанд, шеъри Муҳаммад Иқбол «Аз хоби гарон хез!»-ро «замзама» мекарданд. Бисёр таассуф ва дарди бешумор, ки суруди М. Иқболро онҳо булбулвор такрор мекарданду ба мӯҳтавои он сар фурӯ намебурданд, чаро ки барои таъсисдиҳандагони чунин митингҳо танҳо издиҳоми мардум ва шӯру шавқи онҳо зарур буд, на воқеъбинонаву огоҳона ҷамъомадани халқ.

Нотиқони зархаридаро аз ҷумлаи бародарони қирғиз, қазоқ, ӯзбек ва русзабон дарёфта, ба онҳо сухан медоданд,ки қисмате аз мардуми тоҷикро таҳқир намуда, миллатҳои дигарро даъват мекарданд, ки ба майдони «Озодӣ» баромада, ба «нерӯҳои демократӣ» ҳамроҳ гардида, гирдиҳамомадагонро дастгирӣ намоянд. Майдони «Озодӣ» ва гирду атрофи он чунон ифлосу мурдор гардида буд, ки борҳо кормандони Вазорати тандурустӣ хулосаи худро ба воситаи ахбори умум ба мардуми ҷумҳурӣ расониданд, ки сар задани чандин намуди касалиҳои сирояткунанда дар Душанбешаҳр аз эҳтимол дур нест. Нақлиёти Душанбешаҳр аз ҳаракат бозмонда буд. Бисёр корхонаву муассисаҳо кор намекарданд. Роҳбарияти комиҷроияи Душанбешаҳр ба ҳамаи ин қонуншиканиҳо аз паси панҷа менигаристанд, чунки худ яке аз ташкилкунандагони гирдиҳамой буданд...

Дегҳои шӯрбою гӯштбирёну оши палав аз пули мардуми бенаво, мафияи дохилию хориҷӣ бо навбат тайёр мешуд, қисми донишҷӯёни Душанбешаҳр ба моҳияти вазъият чандон аҳамияти ҷиддӣ надода, ба майдон омадаву хӯроки бемузду миннат хӯрда, дақиқае чанд ба тарафдории гирдиҳамомадагон ба нидоҳои «озодӣ», «демократия», «истеъфо» ҳарфҳое гуфта, ба бунгоҳашон бармегаштанд...

Е ба хотир оваред гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон»-ро, ки зиёда аз 45 рӯз идома ёфт. Дар майдон ҳар рӯзе зиёда аз 5—10 ҳазор гирдиҳамомадагон ҷамъ меомаданд, ки гурӯҳи матбуотӣ таҳти сарварии собиқ корманди масъули ҳизби коммунист Теша Раҷабов ва Дӯстмуҳаммади Дӯст барояшон баромадҳо тайёр мекарданду нотиқон шабу рӯз аз рӯи ин матнҳо суханронӣ карда, касеро хоҳанд писханду таҳқир карда, истеъфояшонро талаб менамуданд. Аз валвалаву қиёмати халқнамудаи онҳо мардуми Душанбешаҳр ба риққат омада буданд. Чун пештара нақлиёти автомобилӣ, корхонаю ташкилотҳо вомондаву барнишаста буд. Мардуми бенаво оворао саргардон гардида, аз ифлосӣ хуручи касалиҳои сирояткунанда дар миёни шаҳриён авҷ мегирифт.

Гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» то дарачае афсун шуда, ба қиём расида буданд, ки вақто ба ном «генерали мардумӣ» қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ, қорӣ Муҳаммадӣ, мударрис ҳочӣ Садриддин ва қорӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ сухан мегуфтанд, пиру ҷавон, марду зани майдон бо як овоз «ё аллоҳу», «ё аллоҳу» гӯён алҳақ мезаданд (рақс мекарданд), ки аз овозу даҳшати онҳо майдони «Шаҳидон» дар ларза меомаду ҳавоси кас мерамид. Надоштани собиқадории шаҳрнишинӣ ва эҳтироми гузару авлодону касаба ишонро ба бетарафӣ кашонид.

Боре сабабу зарурати даҳшатро аз қозикалони ҷумҳурӣ Ҳоҷиакбар Тӯрачонзода пурсон шудам, дар ҷавоб гуфтанд: «Онҳо барои яккаву ягонагии худо ба муроқиба «экстаз» медароянд». Дар асл бошад, ин вонзон гулӯ дарронида, ба сари халқи бечора яке аз балоҳои охиразамонро оварданд. Бисёр бо таассуф бояд зикр кард, ки дар даврани гирдиҳамоиҳо шаҳрвандони Душанбе, агарчи нуфузашон зиёда аз 600 ҳазор буданд, ба ин вокеияти талх бепарвой зоҳир намуданд.

Вақто ки пешонии эшону уламои мазҳаби «Ваҳҳобия», нотиқони майдони «Шаҳидон» ба девори ҳақиқат зад, ба гуноҳи худ иқрор гардида, аз кардаашон пушаймон шуданд.

Аз ҷумла, 8.04.1993 с. ба воситаи оинаи нилгуни ҷумҳурӣ мударриси мадрасаи Душанбе ҳочӣ Садриддин баромад карда гуфтанд: «Мо олимону уламои дини мубини ислом, бо мақсади табаддулот кардану ҳукуматро ба даст гирифтан, мардуми аз сиёсат дурро гумроҳ сохтем, бо фармони қозии мусулмонони ҷумҳурӣ масҷид ба масҷид гашта, мусулмононро ба Қуръони маҷид қасам дода, ба майдон оварда, гирдиҳамонро ташкил кардем.

Аввало истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ Сафаралӣ Кенҷаев, баъд Президенти ҷумҳурӣ Р. Набиевро талаб кардем, агарчи онҳо ягон гуноҳе надоштанд. Имрӯз аз онҳо узр мепурсам, моро бубахшанд». Вале афсӯс ки баъди рехтани хуни инсон, корд ба устухон расидан пушаймон шуданд.... Ҳаёту мамоти шаҳри худро ба дасти моҷарочӯёни мансабталабу худобехабар супориданд. Аз гирдиҳамомадагон талаб накарданд, ки шаҳри онҳоро аз валвалаю ғавғоҳои сиёсӣ озод намоянд, ҳукуку салоҳиятҳои сокинони Душанбешаҳрро зери хатар нагузоранд, гирдиҳамоиҳоро дар шаҳру ноҳияҳои худ ташкил намоянд. То ки мардуми Душанбешаҳр ҳаёту сарнавишти худро бе дахолати каси дигар ҳалли фасл намояд, орому осуда кору зиндагӣ бикунад.

Афсӯс, ки ба ин масъала бештар аз паси панҷа менигаристанд, дилашон ба Душанбешаҳр, ба ободиву зебиҳои он намесӯхт, аз пайи он буданд, ки коре карда, аз бало худро канор бигиранд. Ба пиндори ман, сабаб дар он буд, ки аксарияти со-

кинон кӯтоҳандешагӣ карда, Душанбешаҳрро зодгоҳу ватани асосии худ намешуморианд. Дар фикри он буданд, ки ҳодисаи нохуше рӯй диҳад, бору буни худро баста, Душанберо тарк намуда, ба бунгохи падару бобоёни худ фирор хоҳанд кард. Аз ин сабаб, як қисм ҷавонони дайдую сарсаригарди Душанбешаҳр гумроҳ гардида, ба амали ноҷавонмардона даст ёзониданд. Барои пулу мол ва мансаб шуда, ба давлат ва халқи худ хиёнат намуданд, дасисакориҳои гирдиҳамомадагонро дастгирӣ карданд, мушт ба сари хоҳару бародар ва падару модари худ заданд. Агар ҷавонони Душанбешаҳр, ба монанди ҷавонмардони Кӯлобу Ҳисор, Хуҷанду Ӯротеппа, Панҷакенту Исфара дар асл ҷавонмард мешуданд, нангу номус медоштанд, Душанберо ватани худ меҳисобиданд, чун модар, чун гавҳараки чашм эҳтиромаш мекарданд, дар он сурат Душанбешаҳр ба майдони ҳарбу зарб ва валвалаю гирдиҳамоӣ табдил намеёфт, як идда мардуми моҷароҷӯйи Бадахшону як даста ваҳҳобимазҳаби Қаротегину Кӯрғонтеппа ва дигар раҳгумзадагону муқаллидони «ваҳҳобия» синаашро зери по намуда, майдонҳои лолазори онро ба харобазор табдил намедоданд. Барои амалӣ гардонидани мақсадҳои нопоку ғаразноки худ моҳҳо намоишу гирдиҳамоиҳо гузаронида, рӯзгори ороми сокинони онро ноором намесохтанд, се соли бартамом дар зери бори ғаму андӯҳу тарсу воҳима нигоҳашон намедоштанд.

Бояд, ки чун дар Кӯлобу Хуҷанд, Ҳисору Исфара ва Ӯротеппа худи рӯзи аввал гирдиҳамоӣ пароканда карда мешуд. Бояд зимомдорон аз ташкилкунандагони он қотеъона талаб мекарданд, ки ҳар гуна амалиёти снёсиро дар шаҳру ноҳияҳои худ бигзаронанд. Вале ин тавр нашуд. Ургонҳо ва роҳбарон қатъият нишон надоданд. Ба ин кор қувваю тавонои сокинони Душанбешаҳр мерасид. Агар онҳо муттаҳид мебуданду ҳисси ватанпарвариашон боло мегирифт, агар роҳбарони оппозиция қувваю ҷасорати мардуми Душанберо дарк мекарданд, аз амалӣ гардонидани нақшаҳои ғаразноки худ андеша мекарданд. Ва аз эҳтимол дур набуд, ки ҷумҳурӣ ба чунин вартаи бадбахтӣ дучор намегардид ва ҷанги бародаркуш ба авҷи аъло намерасид.

Саволе ба миён меояд, ки чаро вақте вазъияти оппозицияву ҳукумати ғайриқонунии «муросои миллӣ» ва азъзоёни Президиуми Шӯрои Олии зарҳариди онро ҷавонмардони баору баномуси Фронти халқии Тоҷикистон аз водии Ҳисор (Турсунзода, Шаҳринав, Ҳисор, Варзоб) ба танг овардану ба мағлубият дучор гардонданд, дар пустиии роҳбарияти онрӯзаи ҷумҳурӣ, ки ба қуваи силоҳ ба сари қудрат омада буданд ва комичроияи Душанбешаҳр, ки яке аз муттакои асосии ифротиён буд, кайк даромаду бо тани ларзону забони ғундагазида ва чун мурға-

ки ба дарди тухм гирифтор нафасҳои охирини ҳаёт мекашиданду ба чор тараф давуғеҷ мекарданд, роҳи халосӣ мекофтанд?! «Горди ба ном халқию демократӣ ва исломии ҳукумат» бо кумондонҳои ҷиноятқор ва хонашеру майдонгарибаш аз тарсу воҳимаи ҷавонмардони гуногунмиллати водии Ҳисор бо ранги рӯйи парида, монанди каси моргазида бар худ мепечиданду меларзиданд. Бо забонҳои пур аз кароҳат қумондонҳои онҳо Салим Муҳаббатов, Ҷумъахон Буйдоқов, Исматуллоҳ Ҳабибуллоев, Алии Шоҳмансурӣ, Абдулназар Ҷалликов, Давлатбек Маҳмудов ва дигарон, ки дастонашон то оринҷ дар хуни инсон ғӯтида буд, аз паси парда (ба воситаи садо ва симои «мардумӣ») бо сардорони Фронти халқии водии Ҳисор: Маннонпаҳлавон, Амирқул Азимов, Ибодулло Бойматов, Абдумалик Салимов, Сайфиддин Мирзоев, Раҳматҷон Холматов, Ҳабибулло Насриддинов, Давлат Муродов, Субҳон Мирзоев муроҷиат карда, илтиҷо менамуданд, ки бо онҳо сулҳу салоҳ банданд, бо ҳам дӯсту бародар бошанд. Вале фикр намекарданд, ки ба марги садҳо ҷавонмардоне, ки онҳо ҷавонмарг карданд, кӣ бояд ҷавоб диҳад? Нашъаи марги нобаҳангом, ки бисёронро чашониданд, кӣ бояд ҷавоб гӯяд?

Чаро рӯзи аввал тарафдори чунин ақида набуданд?! Оё баъди куштани бародари касе бо ӯ метавон бародар шуд?! Ҷавоби понздаҳ нафар ҷавонмардони «Востокмеркурий»-ро, ки ба қатл расондаанд, кӣ бояд бидиҳад?! Чаро ҳангоми ба синаҳои онҳо тир задан фикр накарданд?!

Агар онҳо ғами миллатро мехӯрданд, сулҳу салоҳ мехостанд, пас чаро ба ҳама гуна беномусӣ даст зада, нон хӯрда, ба намакдон туф карданд ва хонаи мардуму хазинаи давлатро ба ғорат бурда, харчӣ ба даст овардаанд, ба Бадахшон интиқол доданд?!

Охир, моҳҳои сентябру октябри соли 1992 Фронти халқии водии Ҳисор ба қумондонҳои Душанбешаҳр, бародарони бадахшонию қаротегинӣ, пешвоёни дини ислом, аҳзоби сиёсӣ, ба роҳбарони ҷумҳурӣ борҳо мурочиатномаву талабнома фиристода, аз нишон қотеъона талаб карда буд, ки аз қатлу ғорат кардани мардуми бегуноҳи Душанбешаҳр, ки онҳо хатлонию ленинободӣ, ҳисориюн ӯзбекзабонанд, талаву тороҷ намудани моликияти ҷумҳурӣ, ҷамъ овардани қувваю силоҳ ба муқобили бародарони хатлонӣ даст бикашанду баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои ба миён омада сессияи навбатии Шӯрои Олиро дар яке аз шаҳрҳои вилояти Ленинобод даъват намоянд. Вагарна, мо маҷбур мешавем, чораҳои қотеъона андешем!! Вале онҳо бо нашъаю ғурури «зафарҳо» аз роҳи бади худ барнагаштанд, қувваю ҷозибаи ҷавонмардони Ҳисори Шодмон, Шаҳринаву Тур-

сунзода чанд дастае аз Варзобу Ленин ва Душанбешаҳрро ба назар нагирифтанд.

Ҷанги бародаркушро идома доданд. Шабона мардуми бегуноҳро барои он, ки ҳисорию хатлонӣ, зарафшонию ленинободӣ ё русу ӯзбекзабон аст, мекуштанду молу мулкашро ба яғмо мебурданд, ки бурданд!

Дар давраи ҳукмронии «Ҳукумати муросои миллӣ», салтанатдории Акбаршоҳ Искандаров шӯъбаи хидматрасонии «Ёрии таъҷилӣ»-и Душанбешаҳр комилан амал намекард, чунки аз 64 автомашина (аз ҷумла, реанимобилҳое, ки бо аппаратураи нодири хориҷӣ ҷиҳозонида шуда буданд) панҷоҳтоашро шаҳидониҳо ба қишлоқҳои дурдасти водии Дарвоз, Қаротегину Помир ғосибона интиқол дода, боқимондаашро ғорату хароб намуда, ботил карданд. Ҳамин гуна ғоратгарӣ дар беморхонаҳо, муассисаҳои нақлиёт ва корхонаҳои шаҳр ба ҳукми мушт-зӯрон амалӣ гардид. Ва аҷабо, магар «демократияи исломӣ» чунин бошад?! Оё ин бехабарон аз андарзи пайғамбари ислом ҳазрати Муҳаммад мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам воқиф нестанд, ки он пешвои уммати ислом фармуда:

— аз он ҳафт чизе, ки бонси ҳалокати шумост, парҳез намоед: шак овардан ба Худо; сеҳру ҷоду намудан; ноҳақ одам куштан; рибо ва моли ятимро хӯрдан... (Ҳадиси 106). Вале гурӯҳи оппозиция аз ин гуфтаҳо ҳеҷ кадомашро ба ҷо наовард.

Ба ин манзур бо ташаббуси ҳукуматдорон, ки дар лаҳзаҳои маҳву нобудӣ қарор дошт, аз ҷони набаромада ҳазор умед гуфта, мардон зери чодар либоси занона пӯшида, пинҳон шуданд. Дар ҳавои сард зиёда аз 10 ҳазор (аҳбори телевизионӣ) занону модарони Душанбешаҳрро ҷамъ оварда, барои гуфтугузор бо роҳбарони Фронти халқии водии Ҳисор ва гирифтани пеши роҳи «ҷанги бародаркуш» пойи пиёда ба тарафи ноҳиян Ҳисор фиристоданд. Агар ин иқдоми нек, дилу хоҳиши мардум буд, пас чаро чунин иқдоми хубро занону модарони Душанбешаҳр нисбати гирдиҳамомадагоне ,ки зиёда аз ду моҳ мардумро ба дод оварда буданд, накарданд? Чаро аз рӯзи аввал талаб накарданд, ки гирдиҳамомадагон майдонро озод намуда, Душанберо тарк бинамоянд?! Вақто ки опозиция бо ёрию дастгирии як қисм кормандони ВҚД ва техникаи ҳарбӣ мардуми поҳияи Вахшу Бохтарро несту нобуд карданд, чаро чунин иқдоми некро пеш нагирифтанд?

Чунин чарохо зиёд аст, вале ба пиндори банда ҷавобаш яктост. Ин тоифаи дайду аз рӯйи нақшае, ки тарроҳони берунмарзиву бегона тарҳрезӣ намуда буданд, амалӣ мекарданд...

Ниҳоят, агар Душанбешаҳр чун дигар шаҳрҳо таърихи бостонӣ дошту сокинони он муқимию ватандори асил мебуданду

авлод ба авлод ва маҳал ба маҳал хешу табор мебуданд (чунон ки сирати шаҳрҳои бостониамон нишон медиҳанд), дилу дидашон ба зодгоҳу мардуми он месӯхт, ҳама якқавлаю якзабона мебуданд, ҷавонмардони қавиирода сарвар медоштанд, дар он сурат ҳеҷ гоҳ намегузоштанд, ки ҳар моҷароҷӯйи нохалаф ва ҳар беимону бепадари ҳаромзодаи мансабталаб барои ҳаллу фасли ниятҳои ғаразноки худ Ватанашонро зери по намояду ба майдони ҳарбу зарб табдил дода, мардуми онро ноорому парешон созад!!

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар вақти интихоб намудани маркази шаҳру ноҳия ва вилоят, алалхусус, пойтахти ҷумҳурӣ ба чандин қонунҳои понавиштаи ҳаёт аҳамият додан ва онҳоро дар мадди назари аввал қарор додан бисёр ҳам муҳим будааст, зеро ҷиҳати муайянкунандагии он дар таҷрибаи талхи рӯзгорӣ соли равон ба чашми оламиён мисли офтоб дурахшид! Ва дар замина ҳамин таҷрибаи талху пангини пойтахти кишварам ман гаштаву баргашта ба худ савол медиҳам: барои чӣ Хуҷанд ё Ҳисорро нею маҳз Душанберо маркази ҷумҳурӣ интихоб намудаанд? Агарчӣ Ҳисор таърихи кӯҳану мардуми муқиминишин дошт. Ҳисор дар гузашта як пораи Ориёи бузург, баъдан бошад, маркази Бухорои Шарқӣ ҳисоб мешуд, ки як вақте зери итоати мири Ҳисор водии Сариосиё, водии Қаротегин, Ғозималик, Қубодиён ва Кӯлоб будааст.

Дар натиҷаи кофтуковҳои бостонӣ маълум гардидааст, ки Термиз ва Қундуз ба Ҳисор дохил будаанд. Ҳисор чун маркази савдою иқтисодӣ-сиёсӣ ва илму фарҳанг дар ҷаҳон машҳур буд. Баъд аз ғасб гардидани ин сарзамин аз тарафи муғулҳо (қарни XIII) маркази пуркуввате бо номи Ҳисори Шодмон пайдо шуд. Аввалин беки Ҳисор фотеҳӣ он — Яъқуб-қушбегӣ таъин шуд, ки ба ӯ Кӯлобу Балҷувон, Қаротегину Дарвоз низ тобеъ буданд.

Ҷавоби онро дар снёсати бетаҳлилу сарсаронаи мустамликадории ҳукумати он замон дарёфтам. Ҳисор асрҳои аср яке аз марказҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратӣ дар миёни кишварҳои Осиё ба ҳисоб мерафт. Душанбе яке аз деҳаҳои дар кунҷи ғурбат мондаву зердасти мири Ҳисор буд. Мардуми ангушт-шумори он дорои урфу одат ва анъанаҳои хос ва тафаккури шаҳрдорию давлатдорӣ набуданд. Дар мавқеи кӯҳани фарохури анъаноти бостонӣ реша давонидани снёсати тозаву ҷадид, мисли ба нохун роҳ дар хоро буриданро дошт. Охир, мардуми муқиминишини шаҳри асилу ботамаддунро наметавон яксара бо зудтарин фурсат ҳимнизоми худ сохт ва таҳти тасарруф даровард. Вале бунёд кардани шаҳри нав ва ҳамназарони тарафдоронро сокини он сохтан нисбатан корест осон ва тарҳест ҷадид. Аз ҷониби дигар, ба пиндори камина, агар пой-

тахти ҷумҳурӣ Ҳисор мешуд, ҷавонмардони ҳисорӣ аз дур дастнигар намешуданду дар дохили дег меҷӯшиданд, барои роҳбарӣ кардани давлати навбунёди тоҷикон ҳиссаи сазовор низ мегузоштанд. Гумон мекунам, ҳукумати Шӯроҳо аз рӯи ҳамин дастур Душанберо маркази ҷумҳурӣ интихоб намуд, ки шаҳрест аз тарҳи кашидаи пролеткультчиён.

Азбаски Душанбе гӯё бесоҳибу ҷои холӣ буд, мардуми ҷонибдори Инқилоб тӯда-тӯда ба пойтахт рехтанд. Онҳо, албатта, худро сокин, ғамхорони Душанбешаҳр меҳисобиданд, барои ободу зебо гаштанаш камар бастаанд, ки дар бунёди он се насли тоҷику дигар миллатҳо умрфарсойӣ намудаанд, вале аксари шаҳрвандон меҳри мулки бобоиро низ дар дилҳояшон мепарваранд. Аз ин ҷост, ки ин шаҳр барои иддае манзили муваққатӣ буд ва имрӯз ҳам ин андешаи ботил дар ёду хаёли бисёриҳо маъво дорад. Биноан ,мавриди ба сари Душанбешаҳр пайдо шудани мушкилоте ҷони худро аз он варта берун мекашанд. Албатта, ин гуфтаҳо на бахотири мазаммати онҳоест, ки дар бунёд кардани пойтахт, таъсиси давлати тоҷикон саҳми босазо доранд. Ростӣ, аҳсант мегӯям ба бунёдгузоронаш, дуруд мефиристам ва шодбошияшон менамоям. Вале ибрози ҳақиқат арзиши хидматҳо, ҷонбозиҳои асилмардони онро коста намегардонад. Пас, агар чунин нест, чаро гурӯҳе баъди аз вазифа сабукдӯш шудан ва ё ба нафақа рафтан аз ин шаҳр рахти сафар мебанданд, давлати пирӣ дар зодгоҳи падару модари худ мегузаронанд ва ё васият мекунанд, ки манзили охиринашон мулки бобоияшон бошад?

Ҳатто бисёре аз пойтахтинишинон кӯшишу ҳаракат мекунанд, ки тӯю маъракаҳояшонро дар зодгоҳи бобогӣ бо хешу табори худ бигузаронанд. Дар Душанбешаҳр худро иҷоранишин меҳисобанд. Аз ин рӯ, Душанбешаҳр мавзеи қавму қабилаҳои халқамон ва дигар миллатҳост, ки аксари ҷиноятқорон ин ҳолатро баҳри амалиёти табоҳандешонаашон истифода мебаранд. Ҳатто миёни кормандони ургонҳои муборизаи зидди ҷиноятӣ чунин ибораҳо ба забон гирифта мешавад: ҷиноятқорони хуҷандӣ, кӯлобӣ, самарқандӣ, ургутӣ, шоҳмансурӣ ва ғайра.

Агар чунин намебуд, батарафию дилсардона муносибат намудани аксари сокинони пойтахтро нисбати ҳодисаҳои баҳманмоҳи соли 1990 ва август — сентябри соли 1991, 1992 чӣ гуна метавон шарҳ дод? Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо дар Душанбешаҳр гирдиҳамоӣ мегузашт, зиндагонии шаҳриён ноором мегашт, хатари ба миён омадани ҷанги бародаркуш чун субҳ равшан мегардид, аммо сокинони шаҳр мӯҳри хомӯшӣ ба лаб зада буданду гӯё ишон меҳмони ҳиндӣ ва чиниву америкоӣ бошанд, ки барояшон фарқ надошт, ки хоҷаи хонаи онҳо кӣ мешавад?...

Аз тарафи дигар, бояд иброз дошт, ки сокинони Душанбе-

шаҳр қатъи назар аз миллату мазҳабашон аз рӯи Қонуни Асосии Ҷумҳурӣ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт комилан баробарҳуқуқ мебошанд ва Душанбе зодгоҳу Ватани ягонаи асосии ҳар фарди он аст. Бинобан, вазифаи муқаддаси дӯстдории шаҳрвандии ҳар фарди ин шаҳр ҳам дар назди қонуну ҳам дар назди виҷдонашон маъмури аввалиндараҷа мебояд, ки дошта бошад!

Охир, Ватан танҳо зодгоҳи падару модар, бобою модаркалон нест-ку?! Ватан он ҷоест, ки ҳуни нофат рехтааст, зиндагӣ мекунияд аз обу ҳавояш баҳра мебарӣ. Пас, чаро сокинони Душанбешаҳр, бародарони русзабон, ӯзбекону қирғизону қазоқон, мардуми Хуҷанду Зарафшон, Хатлону Истаравшан, Ҳисору Кубодиён, Ғозималику Қаротегину Бадахшон ва ғайра бетарафиро интихоб намуданд? Ҳамин бетарафӣ оқибат сарчашмаи бадбахтиҳои тозашаҳри мулки кӯҳан гашт, ки вой бар миллату дареғи мамлакат! Бетарафиро қисми зиёди вазирону курсинишинони давлат ва зиёиёни ҷумҳурӣ роҳи дуруст ҳисобиданд ва аз зери панҷа ба вазъияти рӯз назар медӯхтанд. Тамошобинон, ҳамон одамони ноустувор, дудилаю дурӯя буданд, ҳастанд, чунки замири онҳо гирифтори чунин касалии сирояткунандаи маҳалгаройист. Аз дурӯягон, мунофиқон ҳама чизро метавон интизор шуд. Зеро онҳо аз имон дуранд. Ҳазрати Муҳамад Мустафо саллаллоҳу алайҳи васаллам фармудаст: «Маҳбубтарин ҷиҳод дар назди Худои таолло ин суханӣ ҳақ аст, ки барои ҳоким ва имоми золим бидуни тарс гуфта шавад» (ҳадиси 113). Ҳол он, ки мунофиқон барои мақому манфиати худ омодаанд, ки ҳанҷар ба синаи модар зананду мех ба чашмони падар бикӯбанд. Яқинан, ибтидои ин ҳама гирдиҳамоиҳо, ки оқибат ба хунрезиҳо, бародаркушиҳо, синаҳои чоки модарону вомондагии миллат ва хокнишинии тоҷик овард, дар асари бетарафӣ, мунофиқӣ ва дудилагию дурӯягии аксари шаҳрвандон, вакилону вазирон ва зиёиён аст? Халқро дар маҷмӯъ наметавон гунаҳкор донист.

Зеро аз нақшаҳои кашидани сиёсатшиносони хориҷии мазҳаби «Ваҳҳобия» ва бозиҳои пасипардагии як гурӯҳ мансабталошону сиёсатмаобони оқи падар на ҳама огоҳ буд. Вақто ки кас ба мардуми гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» ҳамсӯҳбат мешуд, аксарияти онҳо ақидаи беҳбудии зиндагии худро доштанд. Аз ин рӯ, ягон фарди ҷумҳурӣ, аз ҷумла, мардуми оддии водии Қаротегину Бадахшон гуноҳ надоранд.

Ваҳҳобияи дар зери чоми демократия ва мазҳаби ҳанафӣ пинҳон буда, як идда зиёиёни хоини миллат гардидаю ба домӣ фиреб афтида, барои ба даст даровардани ҳокимият мардумро гумроҳ сохта буданд. Зеро халқ ба удабою уламо, эшону қориёни Қуръон, зиёиёну «падарону модарон»-и миллат эътиқоди тамом дошта, аз пасашон мерафт, ки рафт!

Имондорона мегӯям, ки сатҳи пасти огоҳии сиёсӣ, мавҷудияти ҳиссиёти маҳалгароӣ, нуфузи таъсири пешвоёни дини мубини ислом, қасам додани шаҳрвандон бо Қуръони маҷид, ташвиқоту тарғиботи як зумра зиёнёну саркардагон, боло гирифтани манфиатҳои шахс ва тарсу ваҳм иддаи зиёди мардумро ба майдони ҳарбу зарб кашонид. Мардуми камсаводу аз сиёсат дур, миёни обу оташ мондаю гумроҳшуда ҳам гумон мекарданд: агар ворисони дини мубини ислом — Қозикалони мусулмонони ҷумҳурӣ, эшони Сандашраф, эшони Муҳаммадӣ, эшони Тӯраҷон, қорӣ Қиёмуддини Ғозӣ, эшони Алломаи турсунзодагӣ, Саид Абдуллоҳи Нурӣ, қорӣ Муҳаммадҷони бохтарӣ, эшони Халилҷони қумсангирӣ ва дигарон он ҷост, пешвоёни Ҳизби наҳзати ислом Муҳаммадшариф Ҳиммatзода, Давлат Исмон, ҳоҷӣ Мулло Абдуғаффор, мударрисони мадраса он ҷост, агар «падару модар»-и миллат он ҷостанд, шоири «фарзанди ватансаро» Бозор Собир он ҷост, агар як зумра зиёёну «сиёсатмадорони варзида»-и миллат: Давлати Худоназар, Отахон Латифӣ, Аслиддин Соҳибназаров, Шодмони Юсуф, Тоҳири Абдуҷаббор, Раҳими Мусулмониён ва дигарон он ҷост, як зумраи муайяни курсинишинони давлат он ҷост,— пас, дар он ҷо манфиати миллат, беҳбудии ҷумҳурӣ нуҳуфтааст.

Аз ин рӯ, чаро ба онҳо ҳамроҳ нашаванд?! Вале аксари мардум бехабар аз манфиатҷӯйиҳои шахсию мансабталошӣ ва гурӯҳҳои маҳалгаро будани ин тоифаи баршумориданам буданд, ки барои мансаб шуда, ба шири сафеди модар қасам ёд мекарданду тайёр буданд занашонро талоқ диҳанд ва изорро бар сар бипӯшанд, то андешаҳои нопокашон ҷомаи амал бипӯшад. Ин манзурро шоир гуфта:

Марде, ки зи покӣ «оби кавсар» мехӯрд,
Ҳар лаҳза қасам ба шири модар мехурд,
Рӯзе бирасид баҳри як мансаби хурд
Сарҳои ҳазору як бародар мехӯрд.

Аммо касе қудрат намекард, ки миёни мардум раваду ҳақиқати ҳолро бифаҳмонад. Кӣ ҳам мерафт? Зумраи зиёди соҳибмансабони раёсати ҳукумат, Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ВҚД, ҚАМ, идораи садою симои «мардумӣ» ва рӯзномаҳои шахсию ба ном озоди ҷумҳурӣ аз паи он буданд, ки ҳарчӣ тезтар табаддулоти давлатӣ дар ҳама рукнҳои давлатдорӣ ба вуҷуд ояду ҳукумати опозиция мустаҳкам гардад. Мамкин шахсони зиёде рафтору кирдори оппозицияро намеписандиданд ва гуфтаниҳое доштанд, амо аз тарсу воҳима роҳи бетарафию мунофикиро интихоб карда буданд. Вале дар ҳолате, ки хавфи аз миён рафтани миллати тоҷик ва давлати маҳбуби мо — Тоҷикистон таҳдид мекард, рӯзе, ки аз ҳарду тараф садҳо бародара-

рону хоҳаронн ҳамхуну ҳаммазҳаби мо аз заҳми силоҳ ё гурӯснагӣ ба шаҳодат мерасиданду аз ватан беватан мегардиданд, чӣ гуна метавон бетараф зист?!

Бетарафӣ, тарсончакӣ, бечуръатию канорапишиниро интихоб кардан ин хиёнате буд нисбати миллат, нисбати гузаштагони худ. Имрӯзу фардо бисёр амалиётҳои номардонаи зумрае аз роҳбарони ҷумҳурӣ, вазирон, роҳбарони як қисм вилояту ноҳияҳо, ташкилотҳои сиёсию ҷамъиятӣ зери назарам мегузарад, ба худ меандешам, худоё, ҳар яки онҳо аз ҳисоби халқи бенаво маош мегирифтанд, мошинсаворӣ мекарданд, соҳиби хонаҳои боҳашамату бустонсаро буданд, даме ки хатар ба сари миллат омад, чун химчаи тар тоб мехӯрданд, чун зани фоҳиша сари худро ба сад дар зада, хизмати чанд хоҷаро адо мекарданд. Рӯзона аз паси Р. Набиев гаштаву шабона масҷид ба масҷид қозикалон кофта, номфурӯшӣ мекарданд. Аз паси пардаи тирезаи хонаҳояшон зери муҳофизати хонумонашон чашмнигари он буданд, ки кӣ ғолиб барояд. Дар он сурат ишон чун рӯбоҳи маккор дум ҷунбонда, ба он тараф ҳаллос мезаданд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳамон вазирону курситалабон аз як тараф бо талаби Фронти халқии водии Ҳисор аризаи истеъфоро имзо карданду аз тарафи дигар пас аз он, ки Эмомалӣ Раҳмонов Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ интихоб гардид, мехроби худро ҷониби Кӯлоб гардонида даву ғеҷ мекарданд, ки тақдирҷунбоне бикобанду роҳе биёбанд, бо суханҳои бофтаю сохта ба боварӣ дароянд, ки гӯё дар фалон муҳорибаҳои шадид ба муқобили оппозиция иштирок доштаанд. Фалон ваҳҳобиро дар фалон ҷо кушта буданду қариб худашон низ «шаҳид» гардида... Бо ҳар роҳу васила чон меканданд, сар пеши пои дигарон фуруд меоварданд, ки коре бикунанд, то боз ба сари қудрат биёянд. Афсӯс, ки гоҳо ҳамин тавр ҳам шуд ва то ҳол шуда истодааст, ки чанд тан аз он мунофиқу тарсуён боз роҳе ёфта, худро чун мубориз ба муқобили оппозиция муаррифӣ намуданд, ба бовари сарвари ҷумҳурӣ ва қисми депутатҳои Шӯрои Олӣ ноил гардида, сари қудрат омаданд, ки ҳама зина ба зина теша ба решаи сохти давлати конституционии имрӯза хоҳад зад. Бад-ин манзур ҳадиси ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи васаллам айни муддаост: «Агар бишнавед, ки кӯҳе аз ҷои худ рафтааст, бовар кунед. Ва агар бишнавед, ки шахсе хулқи худро тағйир додааст, бовар накунед. Зеро хулқи инсон ҳар қадар тағйир кунад ҳам боз ба зоти аслӣ авдат (бозгашт) менамояд» (ҳадиси 231). Вале ба онҳо бовар карданд...

Чунин рафтори номардонаро мушоҳида карда, ба хотири кас абёти ҳазрати Ҳофиз меояд, ки фармуда:

Гасби майдони «Озодӣ» ва бинои Шӯрои Олӣ.

Харобкориҳо дар пешанд.

Кандани Парчами Ҷумхурӣ.

Сӯхтани Парчами Ҷумҳурӣ

Қумондонҳои мухолифин дар «музеи» дурӯғин, ки барои бухтон задан ба гирдиҳамомадагони майдони «Озодӣ» ташкил дода буданд.

Силохбадастони мухолифин ба амалиёти ошкоро гузаштанд.

Мухолифин шўру қиёме доранд.

Бинои ғоратзадаи Шӯрои Олӣ чандин рӯз дар тасарруфи мухолифин қарор дошт.

Гирдихамойй давом дорад.

Глазунов И. Ф.

Сутудатар он кас бувад дар чахон,
Ки некаш бувад ошкору нихон.

Рустами Абдурахим.

Зи ту ном бояд, ки монад баланд.

Сангак Сафаров.

Чахончӯй агар кушта ояд ба ном,
Бех аз зинда душман бад-ӯ шодком.

Лангарӣ Лангариев.

Чунин гуфт мӯбад, ки монад ба ном,
Бех аз зиңда душман бад-ӯ шодком.

Муллоҳайдар Шарифзода.

Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

Бурихон Ҷобиров.

Хӯреду дихеду равон парвареД,
Ба дасти хирад пои бад бишканед.

Абдусалом Курбонов.

Дари ном чустан далерй бувад.

Ҳар касе рӯзи бехӣ металабад аз айём,
Иллат он аст, ки ҳар рӯз батар мебинам.
Аблаҳонро ҳама шарбат зи гулобу қанд аст,
Кути доно ҳама аз хуни ҷигар мебинам.

Аз тарафи дигар, Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократ, ҳаракатҳои мардумии «Лаъли Бадахшон» ва «Растохез» дар мукобили сохти давлати конституционӣ тарафдори оппозиция буданд, ба мукобили давлати қонунӣ ҷанг эълон карданд ва давоми зиёда аз 10 мох хуни даххо хазор мардуми бегуноҳро резониданд, садхо ҳазор хамватанон, (хазорхо аъзоёни Ҳизби коммунист, иттифоқи касаба, ҷавонону занон) аз тарсу воҳима беватан шуданд, молу мулки давлатро ғосибони бепадари дайду ба яғмо бурданд.

Ба ин хама овози раҳбарони Ҳизби коммунист, ки дорои зиёда аз 70 хазор узвият буд, иттифоқи касаба, созмони ҷавонон, занон ва дигар аҳзоби сиёсӣ ва ҳаракатҳои мардумӣ, ки садҳо ҳазор аъзо доштанд, ба гӯш намерасид. Агарчӣ онҳо қувви бузургу тавоно ва дорои рӯзномаву маҷаллахо буданд, вале чун дигарон канорнишинию бетарафиро интихоб карданд, миёни мардум кор набурданд, ақидаву райъи худро муайян накарданд ва барои дастгирии ҳукумати конституционӣ бар алайҳи амалиётҳои ғайриқонунии фашистии оппозиция иқдоме накарда, ҳарферо ба забон наёварданд. Дар бисёр шаҳру ноҳияҳо, ташкилотхои ибтидоӣ ин аҳзоби сиёсӣ амал намекарданд. Бинобар ин, мардуми бенавою дур аз сиёсат дар миёнаи чорроҳан номуайян таваққуф доштанд, ки шоир гуфта:

Дар миёни чор дарё тахтабандам кардайӣ,
Боз мегӯйи, ки доман тар макун, хушёр бош.

Мардуми бечора намедонист, ки ҷониби кӣ роҳ гираду кадом ақидаю чӣ гуна сиёсатро ҷонибдорӣ намояд. Сиёсатмадорони оппозиция, ки гурги борондида буданд, ба ҳар роҳ миёни мардум маккорона кор мебурданд, ақидаи халқро тағйир дода, ба ҷониби худ мегардонданд. Аксаран, корбарии ифротиюн андар миёни мардум муштзӯрона ба амал меомад, ки дар як даст Қуръону дар дасти дигар ба ҷои шамшер калашников дошта, захматкаши бечораро бо занталокӣ ва марг таслими найранги хеш менамуданд.

Хулоса, оппозиция бисёр ҳам ҷонсахтона аз тамоми роҳу воситахои таъсиргузорӣ мохирона истифода мебурд.

Ба пиндори ман, агар рохбарони Ҳизби коммунист, иттифоқи касаба, созмонхои ҷавонон, занон ва дигар аҳзоби сиёсӣ ва ҳаракатҳои мардумӣ худро бетараф намегирифтанд, макому маромашонро муайян мекарданду ба ҳимояи халқу узвияти

асили хеш камар баста, ба муқобили амалиётҳои ифротиюн ҷанги идеологӣ эълон мекарданд ва ин ақидаро ба воситаи рӯзномаҳо, садою симо ва ташкилотҳои ибтидои худ ба мардуми ҷумҳурӣ мефаҳмонданд, бе муболиға аз қадамҳои аввал оппозиция заифу нотавон ва бечуръат мегашт. Амалиёти хунхоронаи худро то ба ин дараҷа намерасонид, зиёда аз 20 моҳ амалиёт гузаронда, шӯру валвала намекард. Дар он сурат аз ҳақиқат дур набуд, ки шумораи шаҳидони ҷанги бародаркуш ба ин тавр намеафзуду зарари иқтисодӣ яқинан ҷандин маротиба кам мешуд. Вале чӣ мегӯед, ки роҳбарони аҳзоби сиёсӣ, ҳаракатҳои мардумӣ ба қабулу таҳаммули чунин вазъияти бамиёномада пеш аз ҳама тайёр набуданд, тарсуйӣ зоҳир намуда, натавонистанд, ки ба ҳимояи аъзоёни ҳизбу созмону ҷамъияти худ бархезанд, аз паси худ касеро набурданд. Бе муболиға касе аз онҳо намедонад, ки ҷанд нафаре аз узвияти онҳо дар ин ҷанги бародаркуш шаҳид гаштаасту ҷанде бе ному нишон шудааст, ҷанде бе хонаю ҷой монда ва ҷанде тарки Ватан кардааст. Ҷанде Ҳизби коммунистро тарк карда, чун Аслиддин Соҳибназаров ба Ҳизби демократ пайвастааст.

Во аҷабо, охир ақаллан ба хотири муқаддасии маоши меҳнат ва сарвати ин созмону аҳзоб ва ҷамъиятҳо хурдтарин иқдом менамуданд, коре мешуд?!

Вақте ки дар комбинати маъдани кӯҳии Анзоб кор мекардам, дар он шабу рӯз дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ӯрдуи миллии оппозиция, ситоди «Наҷоти Ватан» бо ёрию дастгирии як қисм қувваҳои мусаллаҳи ВКД ҷумҳурӣ ва Ҳукумати муросои миллӣ ба муқобили қувваҳои мардумие, ки барои барқарор намудани давлати қонунӣ ва таъмин намудани амнияти мардуми бесилоҳи собиқ вилояти Қӯрғонтеппа бо роҳбарии ҷавонмардони ҷасур, фарзандони сарсупурдаи миллат Сангак Сафаров, Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Ёқубҷон Салимов, Файзулло Қуватов, Маҳкамбой Шарифов, Шералӣ Мирзоев, Тағойхон Шукуров, Абдуваҳҳоб Холиқов, Бӯрихон Ҷобиров, Восид амал мекарданд, ҷанги шадид мерафт, тасодуф бо якчанд аз роҳбарони мақомоти болои Ҳизби коммунисти Тоҷикистон вохӯрдам. Дар сари дастархони яке аз деҳқонзодаи асил, марди шинохтаи ҷумҳурӣ, раиси колхози ба номи С. Орҷоникидзеи ноҳияи Айнӣ Муллораҳим Аслиддинов бо онҳо ҳамсӯҳбат гардидем.

Дар вақти сӯҳбат аз онҳо пурсон шудам, ки чаро Ҳизби коммунисти Тоҷикистон дар ин рӯзҳои шадид то ҳол мавқеи худро муайян накардааст ва оё дар рӯзҳои наздик мақсади муайян кардани мақому мавқеи худро дорад ё не?

Дар ҷавоб яке гуфту дигаре тасдиқ кард: «Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон худро бетараф эълон кардааст, чунки рох-

барони ҷумҳурӣ, аз ҷумла, Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ва дигарон аъзогии худро дар сафҳои Ҳизби коммунист қатъ кардаанд».

Ҳаракат кардам ба онҳо бифаҳмонам, ки Ҳизби коммунист набояд дар ин шабу рӯз бетараф бошад, аз касе озори дил намояд, чунки Ҳизби назҳати ислом, Ҳизби демократи Тоҷикистон, ҷунбишу ҳаракати мардумии «Растохез»-у «Лаъли бадахшон» ва қозиёти ҷумҳурӣ ба муқобили Ҳизби коммунист ҷанг эълон кардаанд. Ҳизби коммунистро хунхор, аъзоёни онро кофир номидаанд ва агар оппозиция сари қудрат биёяд, аввалин кораш ҳамон хоҳад буд, ки амалиёти Ҳизби коммунистро қатъ бигардонад ва аз амал дур нест, ки аъзоёни онро кофир ҳукм намуда, сар аз тан ҷудо созад. Аз тарафи дигар, онҳо мардуми Хатлону Зарафшон, Ҳисору Ленинобод, Ёвону Ғозималик ва ӯзбекзабонро ба қатл расонда истодаанд, хонаю ҷои онҳоро оташ зада ,аз Ватан беватан карда истодаанд. Рӯзи гузашта оппозиция дар шаҳри Кӯрғонтеппа маҳаллаи ургутнишинро пурра оташ зад, мардумашро ба қатл расонид. Дар миёни онҳо магар аъзоёни Ҳизби коммунист, фарзанду хешовандони онҳо кам нестанд?! Ҳуқуқу манфиати онҳоро бояд Ҳизби коммунист ҳимоя намояд. Имрӯз роҳбарияти Ҳизби коммунист шумораи аъзои ба қатл расида, аз хонаву ҷой бадарға гардидаи худро медонад? Ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро чӣ гуна ҳимоя карда истодаанд?

Охир, агар Раиси Ҷумҳур аъзои Ҳизби коммунист набошад, ин мазмуни онро надорад, ки ҳизб мавқеи бетарафиро интихоб намояд. Ӯ вазифадор аст, ки ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя намояд, қатъи назар аз он, ки дар кадом вазифа кору хизмат менамояд. Ба таҳқиру таҳдиди дигар аҳзоби сиёси, ҳаракатҳои мардумӣ ҷавоби сазовор бидиҳад. Афсӯс ки онҳо маро нафаҳмиданд ва дар ақидаи худ устувор монда, пойҳоро дар лойи оташдон андохта, мачоли бардоштан надоштанд. Сипас, онҳоро ба тарафи Душанбе гусел карда, ба фикр фурӯ рафта, ба худ андешидам: — худоё, агар ақидаи роҳбарони ин ҳизби бисёр ҳам пуркуввату соҳиби таърихи кӯҳан чунин кӯтоҳандешонаву вомондаи бечораҳолона бошад, пас мавқеи он, ки дар арсаи сиёсат душмани зиёди хориҷию дохилӣ дорад, дар оянда чӣ гуна мешуда бошад?! Ба бетарафии ин ҳизб, ки пастию баландии ҳаётро зиёд дида, талхию ширинии зиндагиро асилтарин пайравонаш чашидаанд, чӣ гуна баҳо медода бошанд?! Охир, Ҳизби коммунист ва аъзоёни қавииродаи он дар давоми зиёда аз 95 сол боре сар хам накарда ва аз чизе натарсида буданд-ку?! Ҳамеша дар роҳи адлу адолат ва ҳақиқат мубориза мебурданд, ҳамеша бо халқ буданд, бадбахтии халқро бадбахтии худ меҳисобиданд. Ва имрӯз ба ин ҳизби пуркудрат чӣ шуд, ки ба бадбахтии халқи худ ҳамроҳ нест,

худро дар гӯшаи танҳойӣ гирифт. Охир, ин бетарафӣ ҳукми маргро дошт! Худоро шукр, ки андешаи коммунистони қаторӣ набуд. Айб дар сарони он буд.

Аксари коммунистони қаторӣ аз рӯзҳои аввали оғози ҷанги бемантиқ тайёр буданд ба муқобили гурӯҳҳои мухолифин бархезанд, шаъну шарафи ҳизбро ҳимоя намоянд, нагузоранд, ки ҳар нокасе, ҳар куррахари модарбахатое ба сари аъзоёнаш санг андозад. Халқ мӯҳтоҷи он буд, ки касе дар роҳаш нурпошӣ кунаду аз паси худ мардумро бибарад.

Бисёр таассуф, дилам ба ин ҳизби бечораву бесарвари асили коммунист месӯзад...

Бояд икрор шуд, ки дар ин рӯзи сиёҳе, ки ба сари халқи ҷумҳурӣ омад, на танҳо роҳбарони як Ҳизби коммунист, балки аксари мансабдорони иттифоқи касаба, созмонҳои ҷавонон, ҳаракатҳои мардумӣ ва бисёр роҳбарони ноҳияву шаҳр ва вилоятҳои ҷумҳурӣ аз муваффакиятҳои муваққатии ифротиюни оппозиция ба ларза даромада, ҳаракат мекарданд, ки ҳарчӣ мавқеи худ — бетарафиро вонамуд карда, хизматгори ду хоча шаванд. Ин бешарафию ҷиноятқорӣ ба муқобили миллати тоҷику мардуми Тоҷикистон буд. Ҷонибдорони оппозиция ноустуворию сустиродагии чунин роҳбаронро сӯиистифода карда, давуғеҷ мекарданд, ки аз тарафи мардум амалиёти онҳо ва Ҳукумати «Муросои миллӣ» дастгирӣ ёбаду мавқеаш мустаҳкам гардад.

Танҳо комиҷроияи вилояти Кӯлоб, амалиёти оппозицияро қатъиян, вилояти Ленинобод қисман маҳкум карданд, Ҳукумати муросои миллӣ ва таъсиси Маҷлиси миллиро эътироф накарданд.

Дар ҷавоби ин бунёдгароёни ислом бо дастгирии ҳукумат ва сарвари онвақтаи ҷумҳурӣ А. Искандаров вилояти Кӯлобро, ки дорои зиёда аз 850 ҳазор аҳолии мукиминишин аст, ба муҳосираи иқтисодӣ гирифтанд, дар давоми зиёда аз 6 моҳ фиристодани бору молҳои хоҷагии халқ ва хӯрокворирo манъ карданд, дар натиҷа ба ҳар сар аҳолӣ дар он рӯзҳо 50 грамм нон мерасиду халос. Мардумро гуруснагӣ тазйиқ медод, ки он яке аз сабабҳои ба қасалӣ дучор гардидани мардуми ноҳияҳои Фархору Москва ва Восеъ гардид...

Дигар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ, роҳбарияти ВАБК, шаҳри Душанбе, собиқ вилояти Кӯрғонтеппа, шаҳру ноҳияҳои онҳо ва як қисм ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ба таври бояду шояд мавқеи худро муайян накарданд. Ба мардум мақсаду мароми оппозицияро нафаҳмонданд, таклифу пешниҳодҳои комиҷроияи Шӯрои депутатҳои вилояти Кӯлобро ҷонибдорӣ накарданд, дурӯягӣ зоҳир намуданд, халқро дар чорроҳа айни қисматсозияш тани танҳо гузоштанд. Роҳбарони баъзе ноҳия-

хои собик вилояти Қўрғонтеппа, ВАБҚ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (асосан водии Қаротегин) фаромӯш карданд, ки онҳо дар хидмати давлати конституционӣ мебошанду намак аз намакдонаш хӯрдаанд. Онҳо пурра ба тарафи оппозиция гузашта, мардуми худро гумроҳ сохтанду бадбахтиро насибашон гардонданд. Қору кирдори оппозицияро дастгирӣ мекарданд ва умедвори он буданд, ки имрӯзу пагоҳ бародарони кӯлобӣ ва чавонмардони баору номуси собик вилояти Қурғонтеппа аз гуруснагию бе тиру силоҳӣ сар ба таслим мегузоранд.

Вале онҳо хатои чиддӣ карданд, ба иродаи мардум баҳои лозима дода натавонистанд!

Роҳбарияти комичроияи депутатҳои халқи вилояти Ленинобод рӯзҳои баъди табаддулоти давлатӣ, ки бисёре аз онҳо дар шаҳри Душанбе ба дасти гурӯҳҳои силоҳбадаст афтида, шоҳиди бевосита он бедодгариҳову зӯроварихо гардида, намаки ошн ифротиюни оппозицияро хуб чашиданд, дар акидаашон устувор буданд. Аз ҷумла, депутати халқи ҷумҳурӣ, раиси комичроияи депутатҳои халқи вилояти Ленинобод Ҷ. Шокиров рӯзи 09. 05. 92 с. илоҷе карда, аз дасти оппозиция ҷони худро халос намуда хамроҳи Абдумалик Абдуллоҷонов бо роҳи ағбаи Китоб ба Хуҷанд омаланд

Рӯзи 14 маи соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд иҷлосияи даҳӯми ғайринавбатии Шӯрои депутатҳои халкии вилояти Ленинобод даъвати XII бо иштироки депутатҳои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ки аз вилояти Ленинобод интихоб шудаанд, депутатҳои шаҳру ноҳияҳо баргузор гардид, ки дар он масъалаи «Дар бораи вазъи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» мавриди мухокима қарор гирифт.

Дар иҷлосияи депутатҳои халқи вилоят, намояндагони шаҳру ноҳия роҳбарони корхонаю ташкилотхо, депутатҳои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ баромад карда, амали ғайриконунии оппозицияро сахт махкум карданд, фармонҳои Раиси Ҷумҳур Р. Набиевро дар бобати таъсиси Ҳукумати муросои миллӣ, Маҷлиси миллӣ, аз вазифа сабукдӯш намудани баъзе роҳбарон ғайриконунӣ ҳисобиданд Изҳор намуданд, ки халлу фасли ин масъалахо ба ваколати Шӯрои Олӣ дохил мебошад. Аз ҷумла, депутати халқи Тоҷикистон, Долситони Кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев иброз дошт: «...**дар ҷумҳурӣ табаддулоти давлатӣ рух дода ва ашхосе ки бояд кайҳо ба чавобгарии чиной кашида мешуданд, ба сари ҳукумат омаданд. Ҳукумати муросои миллӣ ва маҷлиси миллӣ бар хилофи талаботи Конституцияи ҷумҳурӣ мебошад ва бояд, ки касе аз вакилони мардумӣ аз вилояти Ленинобод дар кори маҷлиси миллӣ иштирок наварзанд...**»

Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои депутатҳои халқи вилоят «Дар бораи вазъи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» аз 14 маи соли 1992

иборат аз 12 пункт қарор қабул кард. Дар 12 пункти қарор дар бораи амалиёти қонуншиканонаи оппозиция қариб чизе гуфта нашудааст, танҳо дар пункти 2 қарор омадааст:

«2. Вазъияти пуршиддати ба амал омадаро бар маҷмӯи хоҷагии халқи вилоят ба назар гирифта, аз сабаби қатъ гардидани фаъолияти мақомоти идораи ҷумҳурӣ роҳбарии бевосита ба тамоми корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва мақомота маъмурӣ, қатъи назар аз тобеияташон, то мӯътадилшавии вазъият ба ихтиёри комиҷроияи вилоят вогузор карда шавад.

Дар сурати минбаъда шиддатнок шудани бӯҳрони сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, вайрон гардидани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ Шӯрои вилоят ва комиҷроияи он ҳуқуқи қабул кардани қарорҳои дахлдорро нигоҳ медоранд».

Агар ин банди қарорро аз нуқтаи назари қонун таҳлил намоем, аниқу равшан мегардад, ки он қариб касеро ба чизе вазифадор наменамояд, амалиёти ягон тарафро дастгирӣ ё маҳкум намесозад, оқибати ҳуқуқӣ ҳам надорад. Ва ин банд ҳам оқибат дар коғаз бе амал монд, Ҳукумати «муросои миллӣ» эътироф карда шуд, опозиция қувват мегирифту кор чун пештара ба маҷрои худ равон гардид. Натиҷа он гардид, ки дар қарори иҷлосияи даҳуми ғайринавбатии Шӯрои депутатҳои халқи вилоят сухане дар бораи маҳкум намудани амалиётҳои ғайриқонунии оппозиция, содир гардидани табаддулоти давлатӣ, таъсиси Ҳукумати муросои миллӣ ночизтарин сухане намерафт. Инчунин вилояти Ленинобод, ки зиёда аз 60 фоизи буҷаи ҷумҳуриро таъмин менамояд, бе ягон мамониат чун пештара пурра ба буҷаи ҷумҳурӣ маблағ мегузаронду қомати хамзадаи ифротиюни оппозицияро рост мекард. Онҳо аз ҳисоби пули бедардимиёни халқи меҳнаткаши вилоят шумораи кормандони ВКД, ҚАМ-и ҷумҳурӣ ва маоши онҳоро зиёд карданд. Дар назди ВКД ҷумҳурӣ оиди беяроқ намудани мардум бо теъдоди 1000 нафар баталъоне таҳти сарварии полковники умури дохила Шоҳниёз Мирбосхонов таъсис намуд. Азбаски Ш. Мирбосхонов зери таблаки онҳо нарақсиду як зарра виҷдонаш ӯро азоб дода, аз қатли мардуми бегунох даст кашид, ӯро аз вазифа озод намуда, Зиробоншоҳ Аҳмадовро ба ин вазифа таъин карданд. Сипас, М. Навҷувонов, Иброншоев, Аҳмадов танҳо аз тарафдорони оппозиция (чавонони Бадахшону Дарвоз ва Қаротегин) сарбоз қабул карданд. Яъне, қисми урдуи «миллӣ»-и оппозицияро ҳилаи шаръӣ ёфта, «қонунӣ» карданд. Ба онҳо маоши баланд муқаррар намуда ,бо сарулибос, силоҳу аслиҳаи ҳозираҷамони ҷангӣ таъминашон намуда, ба ҷанг ба муқобили халқи собиқ вилояти Кӯрғонтеппа, ки барои дастгирии сохти давлати конституционӣ ба майдони «Озодӣ» омада буданд, фиристоданд. Онҳо дар якҷоягии «гурди миллии оппо-

зиция», «Ситоди нақоти Ватан»-и Шодмони Юсуф ва роҳнамоии қумондонҳои мазҳаби «Ваҳҳобия» Сайид Абдуллохи Нурӣ, генерали мардумӣ қорӣ Қиёмуддини Ғозӣ, қорӣ Муҳаммадӣ, эшони Саидашраф ва дигарон бо лавозимоти ҷангии ҳозиразамон мусаллаҳ гардида, ба муқобили халқи бесилоҳ, ба муқобили дастаҳои Файзалӣ Саидов, Абдуваҳҳоб Холиқов, А. Кавраков,Тағойхон Шукуров, Бӯрихон Ҷобиров, Имомуддин Умаров, Лангарӣ Лангариев, Маҳкамбой Шарифов, Ёқуб Салимов ва дигарон, ки баҳри ҳимояи ҳамдиёрони худ бархеста буданд, мечангиданд. Бо истифодабарии танку мошинҳои зиреҳпӯш, пулемёту гранатомётҳо садҳо бегуноҳонро ба қатл расонданду маконашонро оташ заданд, даҳҳо ҳазор мардумро фирорӣ карданд.

Оё ин рафтору кирдори роҳбарияти вилоят ба чӣ шаҳодат медиҳад? Ба бетарафӣ?! Ба дастгирӣ намудани амалиёти оппозиция ё муқобили он?! Ҷавоби ин саволҳоро ба ақлу заковати хонандагони гиромӣ вогузор менамоям, бигузор онҳо аз рӯи ақлу заковати худ ба чунин иқдоми роҳгумзананда худашон баҳои сазовор диҳанд.

ДАЛЕЛИ ДИГАР. Охирҳои моҳи май соли 1992 вақто ки оппозиция сармасти «ғалаба» буду ҷумҳурӣ рӯзҳои пуртаҳлукаро аз сар мегузаронд ва ҷанги бародаркушӣ дар ҳар кунҷу канори Хатлонзамину баъзе ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ба фоидаю манфиати ифротиюн анҷом меёфт, бо хоҳиши аҳли қалами вилояти Ленинобод, дар бинои рӯзноман «Ҳақиқати Ленинобод» конференцияи матбуотӣ гузаронидем. Дар он кормандони идораи Садо ва симо ва аҳли қалами (тарафдорони демократия) вилоят ширкат варзида буданд.

Дар давоми 1 соату 30 дақиқа ба саволҳои онҳо ҷавоб додам, амалиётҳои номардонаи оппозицияро, ки бо мақсади ба сари қудрат омадан, табаддулоти давлатӣ карда, ҷанги бародаркушро оғоз намуда, хуни ноҳақ резонданд, ба аҳли қалам фаҳмондам, то он ки мардуми вилоят ва ҷумҳурӣ аз ҳақиқат бохабар гарданд. Иштироккунандагон маро хуб пазируфтанд, бо шавқу ҳавас ва ҳиссиёти баланди ҳақиқатпарастию ватандӯстӣ савол медоданду ба ҷавоб гӯш мекарданд. Ҳар яке ваъда дод, ки ҳақиқатро дастраси мардуми вилоят мегардонад. Мутаассифона, касе аз роҳбарияти ҳамонвақтаи вилоят, гӯё ба сари аҳли қалам, ки ташнаи фаҳмидан ва дастраси мардум намудани ҳақиқат буданд, санги маломат задааст, ки бо ман конфронси матбуот гузарондаанд, нагузошт, ки ин воҳӯриро ба хонандагону шунавандагон ва бинандагони вилоят пешкаш **гардонанд.**

Худи ҳамон рӯз, пас аз анҷоми конфронси матбуот роҳбари идораи Садо ва симои вилоят мӯҳтарам Муҳаббат Мирсаи-

дова, ки ба назарам бисёр зани оқилу ҷасур ва бофарҳангу сарсупурдаи миллат аст, баҳри ҳақиқат муборизаи беамон мебараду дар талоши фаро расидани осоништагии миллат ва якпорчагии мамлакат аст, маро назди худ даъват намуд. Мо дуру дароз сӯҳбат кардем. Аз гуфтугузорамон пай бурдам, ки ӯ барои тақдири халқаш бо тамоми рагу пай ва ҳастӣ месӯзад ва ҳаракат мекунад, ки заррае ҳам бошад, барои ҳарчи тезтар ҳақиқатро ба мардум фаҳмондану барқароршавии амонӣ дар Тоҷикистон ҳиссагузорӣ намояд.

Муҳаббат Мирсаидова аз ман хоҳиш намуд, ки рӯзи дигар тавассути оинаи нилгуни вилоят дар муддати як соату бист дақиқа баромад намуда, ҳақиқатро оиди вазъияти сиёсии ҷумҳурӣ, амалиётҳои ғайриқонунии оппозиция ва сабабҳои оғоз ёфтани ҷанги бародаркуш ба мардуми вилоят иброз намоям. Чунки халқи вилоят ташнаи фаҳмидани ҳақиқати ҳол мебошад.

Таклифи ӯро қабул карда гуфтам: «Тайёрам бидуни ягон тарсу ваҳм ба халқ ҳақиқатро бифаҳмонам, то он ки ҳар фарди вилоят мавқею мароми худро муайян созад». Боз мутаассифона, касе аз роҳбарияти ҳамонвактаи вилоят бо андешаи гӯё «тезутунд (нестабильний) «нагардидани вазъияти вилоят» ба сари ӯ санги осиёро гардон намуду нагузошт, ки ин иқдом низ ҷоман амал пӯшаду ҳақиқати ҳолро мардум бифаҳманд.

Чунин занони нексиришро, ки ботинашон пур аз мардист, дида баъзе мардони заифмиҷози шиносамро ба хотир меовардам, ки дар тӯли воқеаҳои хунини Тоҷикистон чун мор мувофиқи фаслҳо пӯст мепартофтанд, ба хотир меовардам чун ин байт:

Занон мардона гоҳо роз гӯянд,
Заифиҳои мардонро чи гӯям?!

Эҳсос менамудам, ки ӯ дар оилаи бозаковате ба воя расида, тарбияи олиҷанобе гирифтааст. Зеро аз одобаш ба вачд меомадам. Худо ба ӯ натанҳо ақл, балки ҳусни расову ситораи гарме низ додааст. Бале, дар чеҳраи шахсони бузург ва оқил нури худо аксандозӣ мекунад.

Қош дар Тоҷикистони офатзадаи мо шумораи Муҳаббат Мирсаидова барин занони мардсират бисёру мардони заифмиҷоз камтар мегардиданд!...

Ҳол он, ки дар он шабу рӯз ҳоло сессияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ баргузор нагардида, маро аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабукдӯш накарда буданд, ду ҳафта пеш депутатҳои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, алалхусус, депутатҳои Шӯрои Олӣ аз вилояти Ленинобод интихобшуда бори дигар ба тарафдории ман овоз дода буданд. Гузашта аз ин, банда боз депутати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ будам, ҳуқуқи озодона иброз

зи назар ва баёни фикру ақидаи худро доштам. Чунин муносибати дилхунукона ва нобоваронаи роҳбарияти ҳамонвақтаи вилоятро дида, ростӣ, ба қадру қимати хеш хайфам омад! Пас, ба худ андешидам:

— Худоё, то чӣ андоза бандагонатро гумроҳу аз доираи маърифат орӣ ва аз хулқу атвори ҳамида фарсаххо берун сохтайӣ...

— Бо кадом ақлу заковат, бо кадом маърифат роҳбари вилоят дар замони сарнавиштсоз, ки дар як гӯшаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги бародаркуш кайҳо ба зинаҳои аъло расидааст у мазҳаби «Ваҳҳобия» зери чоман демократия дар пойтахт табаддулоти давлатӣ намуда, нияти сарбуррии фарзандони сарсупурдаи миллат ва аз миён бурдани давлати тоҷиконро дорад, чӣ гуна метавон имрӯз ин вазъиятро аз халқ пинҳон дошт?

— Магар метавон офтобро бо доман пӯшид?!

— Охир, халқ кӯру кар нест, ҳама чизро бе дахолати касе худаш хуб ба дарк мегираду мефаҳмад ва баҳои ҳаққонӣ низ медиҳад, ки хушбахтона ҳамин тавр ҳам шуд.

Магар нооромии ҷанубу маркази Тоҷикистон ин нооромии вилояти Ленинобод нест?! Магар чандин чавонмардони вилояти Ленинобод, ки дар марказ ва чануби Тоҷикистон сукунат доштанду аз тарафи оппозиция ба қатл расонда шуданд, ин шаҳрвандону фарзандони вилоятро ноором намекард?! Дар ноҳияи Бохтари собиқ вилояти Кӯрғонтеппа ба қатл расонидани рӯзноманигорони варзида, чавонмарди конибодомӣ Тӯра Қобилов ва чанде дигар оё мардуми вилоятро ноором накард?!

Оё ба қатл расондани депутати халқии чумҳурӣ Муродуллоҳи Шерализода — зодаи ин вилоят, ҳамдиёри Рӯдакии бузург хабари чиддӣ барои мардуми вилояти Ленинобод набуд?

Оё баъди чунин ваҳшониятҳо метавонист мардуми вилоят орому осуда ҳаёт ба сар барад? Пас, агар худо нахоста, мазҳаби «Ваҳҳобия» комилан ба сари қудрат меомад, аҳволи садоратнишинони вилояту дигар роҳбарони Ҳизби коммунист чӣ тавр мешуд?

Охир, хуб набуд ки мардуми тозасириштту инсондӯст ва адолатпарвари шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳарчӣ тезтар аз ҳақиқати ҳол воқиф мегардиду ҳар якеи он мавқеи худро дар ҷамъият муайян мекард. Он вақт фарқияти дӯсту душман чун рӯз равшан мегардид. Барои ҳимояи халқу Ватан, имондорона тасдиқ менамоям, садҳо, ҳазорҳо чавонмардони баору номуси вилоят ба муқобили оппозиционӣ хунхор камар мебастанду умри ҷанги бародаркушро кӯтоҳ месохтанд, ки даҳҳо ҳазор бародарону хоҳарони мо шаҳид гардиданд ва садҳо ҳазори он аз ватан беватан, боқӣ мондани миллати тоҷик, давлати он зери хавфу хатари маҳву нобудӣ наметонд. Ҳеҷ гоҳ мардуми бо

нангу номуси шимол, вақто ки ноилаи модарону хоҳарону бародаронашон ба гӯш мерасид, наметавонист, ки оромона зиндагонӣ намояд.

Бо ин мазмун шайх Саъдӣ шеъри хубе гуфтааст, ки мӯҳтавояш ба пайванди воҳиди инсоният нигаронида шудааст:

Бани одам аъзои як пайкаранд,
Ки дар офариниш зи як ҷавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад карор.
Ту к-аз меҳнати дигарон бегамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.

Бо максади он, ки табъи касе нохушу димоғаш насӯзад ва маро дар баҳои ғайриодилона муҷрим наҳисобанд, бори дигар масъалаи баҳо додани амалиёти баъзе роҳбарияти ҳамонвақтаи вилояти Ленинободро ба завқу ҳуши хонандагони гиромӣ вомегузорам. Бигузор, ҳар шахс худаш хулоса бароради қазоват намояд, ки рафтори роҳбарияти ҳамонвақтаи вилоят дар он рӯзҳои сиёҳу сангин оё бетараф буд? Оё кирдори ишон бар алайҳи гуфторашон набуд?! Пас, як чиз мисли рӯз равшан аст, ки онҳо зимни зарбулмасали халқ «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» амал мекарданд.

Ёдовар мешавам, ки дар давоми 15-рӯзе, ки дар Хуҷанд будам, танҳо якчанд дӯстонам, ҳамкорону шогирдонам Искандар Тӯраҳоҷаев, Ҷамшед Иброҳимов, Мирзосангин Қутфиддинов, Абдуманнон Ғозиев, Темурҷон Раҳимбоев, Раҳимҷон Юсуфов, Хабибулло Орифов, Қурбон Азизов, Ҳотам Азимқулов, Абдуғанӣ Абдуллоҷонов, Асадулло Ӯрунов ва дигарон бо ман буданд. Ростӣ, онҳо ҳар лаҳза маро самимона дилдорӣ менамуданд, ки шукри чунин инсонҳои асил мекунам. Роҳбарияти ҳамонвақтаи вилоят аз паи он буданд, ки ду пои дигар ёбанду аз ман бигрезанд. Вале таззодро бинед, ки дар он шабу рӯз Давлати Исмони хуношомро роҳбарияти шаҳру вилоят ва як қисми ноҳияҳо чунон боэҳтиромона аз фурудгоҳ пешвоз гирифтанду ноҳия ба ноҳия бурданду гуселонданд, ки амир Олимхон ангушти тааҷҷуб газад. Чунин навозишро нисбати ягон роҳбари чумҳурӣ касе дар ёду хаёл надошта. Охир, онҳо хуб медонистанд, ки Давлати Исмон чиноятқору дастонаш то оринч хунчакон аст. Ин ҳамон ҳаромзодаест, ки 20 апрели соли 1992 17 нафар депутати Шӯрои Олиро гаравгон гирифта, азобу шиканча дода буд ва аксари онҳо аз вилояти Ленинобод ва шарифмардони бохурмату боиззат ва собиқадорону шӯҳратмандон буданд.

Пас, чӣ гуна, бо кадом дилу дида ӯро қабул намуданд?! Чӣ шуд иҷроиши қарори сессияи ғайринавбатии Шӯрои депу-

татҳои вилоят?! Куҷо шуд изҳороти қабулкардаи комиҷрояи вилоят нисбати қонуншиканиҳои оппозиция?!

Бо кадом рӯву забон, (ки бурида беҳ) ба ӯ гуфтугузор ва арзу ниёз карданд ва бо кадом даст назди ӯ хӯрок гузоштанд, аз кадом боб бо ӯ қиссаҳо хонданд, Ло ҳавла вало қувата илло биллоҳил — алиюл-азим!!

Бо кадом рӯ имрӯз онҳо бо овои баланд, ки чаҳор кас бишнаваду ба гӯши калонҳо бирасад, мегӯянд: «Давлати Исмон дузду ҷиноятқор аст, ӯро парронданлозим...!»

Худоё, чаро андаруни ин миллати бетолеи хокнишин инсонҳое офаридайӣ, ки яке ростқавлу рострафтору ростгуфтор, дигаре замонасозу забонбозу даллаи бозор!..

Охир, ба инсон ҳаёт ҳамагӣ як бор насиб мегардад ва он бисёр зудгузар аст. Пас чаро иддаи ноаслон чун медонанд, ки дар ин дунё ягон чиз муқимӣ несту худи онҳо низ муқимӣ нестанд, вале барои мансаб, қарру фарри муваққатӣ шуда, ба роҳи номардиюавомфиребӣ мераванд, нони ҳалолашонро, ки бо арақи ҷабин ҷамъ овардаанд, нопоку олуда карда мехӯранд. Ва обрӯю эҳтироми чандинсолаашонро дар як ҳаракати ночо, як сухани бемантиқ аз дилу дидаи мардум дур месозанд!!...

Чаро дарк намекунем, ки халқ дили бино дорад, ҳаман чизро мебинаду баҳои одилона медиҳад?! Чаро наметарсем аз он, ки мабодо аз даҳони халқ афтему ба эҳтиромаш сазовор нагардем...?!

Вале бояд иқрор шуд, ки аксари кулли мардуми вилояти Ленинобод, шаҳру ноҳияҳои вилоят аз рӯзи аввали оғоз ёфтани гирдиҳамоиҳо дар Душанбешаҳр ва дигар ноҳияву шаҳрҳои ҷумҳурӣ муқобили чунин амалиётҳои оппозиция буд ва то имрӯз ақидааш тағйир наёфтааст.

Бале, комиҷрояи баъзе шаҳру ноҳияҳои вилояти Ленинобод нисбати амалиётҳои ноҷавонмардонаи мухолифин бе тарсу ҳарос ақидаи худро хело равшану ҷасурона иброз намуданд.

Давуҷеҷи ҷиноятқоронаи оппозиция ду маротиба мавриди муҳокимаи сессияи даҳум (11. 05. 1992 с.) ва ёздаҳуми (31. 07. 1992 с.) ғайринавбатии даъвати бисту якуми Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Қайроққум гардид. Ва зери сарварии раиси комиҷрояи шаҳр Муҳаммадҷон Файзуллоев таҳти раками 130, 133 бо мазмуни зайл қарор қабул кард:

— оппозиция аз гирдиҳамоӣ ба амалиёти истифодабарии силоҳ ба муқобили халқи бесилоҳ қадам гузошта, ҷумҳуриро ба ҷанги граждани оварда, якчанд касро ба қатл расонда, табаддулоти давлатӣ содир намуд;

— таъсис намудани Ҳукумати «муросои миллӣ», «Маҷлиси миллӣ» бар хилофи Конституцияи ҷумҳурӣ мебошад, чун-

ки таъсиси чунин органҳои олии давлатӣ танҳо ба ваколати ҷаласаи Шӯрои Олӣ дохил мешавад на Раиси Ҷумҳур;

— фавран Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев бояд, ки Конференцияи матбуот даъват намуда, ақидаашро нисбати амалиётҳои ғинояткоронаи оппозиция ба халқи ҷумҳурӣ ва хориҷа иброз намояд;

— қатъиян талаб карда шавад, ки Конституцияи ҷумҳурӣ ва Қонунҳои башар аз тарафи оппозиция риоя карда, ҳаққу ҳуқуқи Раиси Ҷумҳур, парламент ва ҳукумат муҳофизат карда шавад;

— аз ВКД ва КАМ-и Ҷумҳурӣ талаб карда шавад, ки онҳи бесилоҳ гардонидани қувваҳои оппозиция чораҳо андешанд;

— Қохи Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, Шӯрои Олӣ, студияи телевизион, фурудгоҳ ва истгоҳи қаторахо фавран аз муҳосира озод карда шаванд;

— қотеъона талаб карда шавад, ки амалиёти ғайриқонунӣ, таҳдиду таҳқирро нисбати Ноиби Президент Нарзулло Дӯстов, Раиси Шӯрои Олӣ Сафаралӣ Кенчаев, Додситони Кулли Ҷумҳурӣ Нурулло Хувайдуллоев, Раиси Кумитаи садо ва симои ҷумҳурӣ Атахон Сайфуллоев, раиси ҷамъияти «Ошкоро»-и вилояти Кӯлоб Рустам Абдурахимов фавран қатъ гардонида шавад;

— изҳороти ҷангҷӯёнаи раиси ҳизби демократи Тоҷикистон Шодмони Юсуф нисбати мардуми русезабон маҳкум карда шавад;

— қайд карда шавад, ки то ҳоло комиҷроияи вилояти Ленинобод нисбати табаддулоти давлатӣ, ки аз 5 то 7 маи соли 1991 содир гардид, мавқеи худро муайян накардааст.

Вақто ки кас ду ҳуҷҷати расмӣ — ҳалномаи комиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Қайроққумро бо ҳалномаи комиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилоят муқоиса намуда, таҳлили ҳуқуқию сиёсӣ менамояд, бе муболиға фарқи онҳо чун замину осмон аст!

Охир, чаро раиси комиҷроияи шаҳри Қайроққум Муҳаммадҷон Файзуллоев бо депутатҳои шаҳр бе тарсу воҳима, бе дудилагию дурӯягӣ, рӯйирост битавонистанд, ки ақидаи худро дар ҳуҷҷатҳои расмӣ иброз намоянд? Чаро дигарон чашмигарони ба кадом тараф тағйир ёфтани вазъият буданд, ки бегоҳ ба равиши об зананд?!

Афсӯс ки аз як модар мард ҳам таваллуд мешаваду ҳамаро ҳам... Инчунин вақто ки вазъияти вилояти Кӯлоб ва Кӯргонтеппаро ҷанги бародаркуш муташаннич гардонид, аввалин шуда, вилояти Ленинобод дасти ёрӣ дароз кард. Оре:

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳоливу дармондагӣ!
Дӯст он набвад, ки дар неъмат занад,
Лофи ёриву бародархондагӣ!

Ҳамагон огоҳанд, дар муддати кӯтоҳ ҳукумати вилоят чандин ҳазор гурезагони собиқ вилоятҳои Кӯлобу Кӯрғонтеппаро қабул намуда, барояшон то ҳадди имкон шароити зист фароҳам оварда. Танҳо дар давоми моҳҳои ноябру декабръ аз Хуҷанд ба вилояти имрӯзаи Хатлон, аниқтараш ба Кӯлобу Кӯрғонтеппа 173 маротиба самолётҳо парвоз намуда, гуреза кашондаанд, 41 маротибаи дигар хӯрокаву пӯшокӣ ва доруворӣ бурдаанд. Ба ин парвозҳои ба Термизу Душанбе кардаи тайёраву чархболҳо дохил намешаванд!

Харочоти думоҳа 39,9 миллион сумро ташкил медиҳад. Аҳсан!

* * *

Дар даҳаи дуввуми моҳи майи соли 1992, ки бо дӯстам Искандар Тӯраҳоҷаев чун бемор дар маркази барқарор намудани пардаҳои дил сукунат доштем, аслан ӯ касал буду ман чун гуреза, пардаҳои дили ман хӯб кор мекарданд, рақами телефони махфии ошёнаи маро намедонам чӣ гуна фаҳмида, собиқ ҷонишини аввали КАМ ҷумҳурӣ полковник Ҷӯрабек Аминов (ҳоло дар қайди ҳаёт нест) ба ҳуҷраи мо сим зад. Ба сабаби он ки ман ҳамчун гуреза пинҳонӣ дар он ҷо будам, гӯшаки телефонро Искандар Тӯраҳоҷаев бардошт. Сипас ба ман гуфт: «Шуморо аз КАМ Ҷӯрабек Аминов пурсида истодааст. Чӣ ҷавоб диҳам? Хоҳиши гап задан доред-мӣ?»

Гӯшаки телефонро гирифта, бо ӯ ҳамсӯҳбат гардидам. Пас аз ҳолпурсии бисёр ҳам самимонаю «фарзанди падарона» ба ман гуфт: «Акои Сафаралӣ (ҳамеша маро акои Сафаралӣ ном мебурд) ман бо Давлати Исмон, Хоҷиакбар Тӯраҷонзода ва Шодмон Юсуф гуфтугузор карда, ба хулосае омадем, ки бо Шумо дар Душанбе вохӯрда, баъзе масъалахоро маслиҳат намоем. Охир, мову Шумо як одамем ва намегузорем, ки дар пои Шумо хоре занад»

Дар ҷавоб ба Ҷӯрабек Аминов иброз намудам: «Мулло Ҷӯрабек, ташаккур ба ғамхориатон» ва хазломезона гуфтам: «аллакай дар пои ману халқи ҷумҳурӣ хор не, мех кубидед. Лекин ба шаҳри Душанбе рафтан наметавонам. Чунки ба Шумо боварӣ надорам, ки амнияти маро таъмин менамоед». Алкисса, барои ба Душанбе рафтан розӣ нашудам.

Сипас, Ҷӯрабек Аминов ба ман гуфт: «Акои Сафаралӣ, агар ман пагоҳӣ ба назди Шумо ба Хуҷанд равам, хоҳиши бо ман вохӯрдан доред?»

Ба ӯ гуфтам: «Марҳамат, биёед!»

Вохӯриро ба рӯзи дигар, соати 16-и рӯз дар фурудгоҳи Хуҷанд таъин намудем. Дар вақти муайян кардашуда боҳамроҳии Искандар Тӯрахоҷаев ба фурудгоҳи Хуҷанд ҳозир шудем, ки Ҷӯрабек Аминов омаданд. Мо дар курсии ақиби автомашина нишастем, Искандар дар курсии назди ронанда. Ба як ҷои беодам мошинро ронда, моро танҳо гузоштанд. Ҳаво хело гирифта буду майда-майда боронро худо дод.

Мо дуямон бо силоҳ будем, чунки аз ҳамдигар хавф доштем. Ҷӯрабек Аминов мақсади бо ман ҳамсӯҳбат гардиданашро чунин изҳор намуд: «Акои Сафаралӣ, бовар кунед, дили мо барои Шумо месӯзад, Шумо бояд бо дастаи мо ҳамроҳ бошед. Ба мо лозим ҳастед. Бо роҳбарони оппозиция Давлати Исмон, Шодмон Юсуф ва Ҳоҷиакбар Тӯраҷонзода ба хулосае омадем, ки Шуморо ба Душанбе баргардонем, ҳоло ҳозир ба ғайр аз вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ, дигар кадом вазифае, ки хоҳед, ба Шумо медиҳем, оянда тақягоҳи мо хоҳед гардид. Вале танҳо бояд, ки Шумо ба воситаи Садо ва симои ҷумҳурӣ, ахбори умум баромад намуда, Раиси Ҷумҳур Р. Набиевро гунаҳкори ҳамаи хунрезиҳо ҳисобида, истеъфояшро талаб намоед ва халқи ҷумҳуриро ба оромию эътироф намудани Ҳукумати муросои миллӣ ва Маҷлиси миллӣ даъват кунед».

Хуб гӯш карда, мақсаду мароми зоҳирии ӯро фаҳмидам, нопоку пур аз ғараз будани ботинашро дарк карда, ба ӯ гуфтам: **«Ҷӯрабек Аминов, Шумо маро кӣ ҳисоб кардед, он мурғе, ки Шумо куштед, кайҳо ман ӯро пар кандаам. Наход, Шумо бовар кунед, ки ман барои мансаб шуда, чизи барои инсон аз ҳама поку муқаддас, ки ин ақида ва номуси инсон аст, бифурӯшаму гунаҳкори ҳамаи хунрезию номӯътадилиҳо шумоёнро наҳисобида, Раиси Ҷумҳур Р. Набиевро ҳисобам! Охир, барои курсии мансаб шуда, Шумо тиру туфанг гирифта, табаддулоти давлатӣ кардед-ку, на Р. Набиев. Ба дӯстонатон бигӯед, ки хаёлашон хом аст ва ҳеҷ гоҳ барои мансаб шуда, ақидаамро дигар намекунам, мардуме, ки барои ҳимояам хеста буд, намефурӯшам ва ба Шумо, ҳаромпочакону чиноятқорон ҳамроҳ кор нахоҳам кард. Умри Шумо кӯтоҳ аст. Чӣ тавре ки сари қудрат омадед, ҳамин тавр ба хуни худ ғилтида, аз курсиҳои мансаб ҷудо мегардед. Халқ Шуморо чашми дидан надорад...»**

Миёни ҳамдигар суханони пасту баланду хело дағал гуфтем. Хост, ки бо роҳи тарсу воҳима маро ба даст бигирад, гуфт: «агар ин тавр бошад, барои хунрезиҳо Шуморо ба маҳкама кашида, ҷавобгар мекунанд».

Ба ғазаб омада, ӯро дашном дода гуфтам: **«Ҳой, разили модарбахато! Табаддулоти давлатиро Шумо содир кардед, бо**

зўрии силоҳ моёнро пеш карда, соҳиби мансаб шудед, хуни бағайри ҳақ резондед, боз ҷиноятқор мо будаем на шумо!

Охир Шумо, ҳаромпочакону душманони миллат ба муқобили давлати қонунӣ, халқи бесилоҳ силоҳ гирифтед-ку?!»

Овози дашном додани маро шунида, Искандар Тўрахоҷаев бо ронандааш давида омаданду моро ба оромӣ даъват карданд. Вагарна, рўй додани ягон ҳодиса миёни мо аз назар дур набуд, чунки ҳарду босилоҳ будем.

Бо ҳамин дар сари ғазаб дар нимароҳ, дар яке аз кўчаҳои шаҳри Хуҷанд бо ҳукм ўро аз автомашина фуровардам ва ба худ таъкид намудам:

Гар фишори зиндагӣ обат кунад мискин машав,
Мард бош, эй хастадил, шармандагӣ даркор нест

* * *

Рўзи дигар муайян кардам, ки дўстонам Ҷўрабек Муродов ва Нарзулло Дўстов дар шаҳрҳои гуногуни Ҷумҳурии Бародарии Ўзбекистон аз тарсу воҳимаи оппозиция аз зану фарзанд, хешу ақрабо ҷудо паноҳанда шудаанд. Барои боздид ба назди онҳо рафта, аз ҳолу аҳволашон бохабар гардида, дар хиҷолат мондам. Ба саркардагони оппозиция лаънат хонда, ба Оллоҳи таъоло муноҷот карда гуфтам: «Худоё, Ҷўрабек Муродову Нарзулло Дўстов ба ғайр аз меҳнати поку садоқатмандона нисбати халқу миллати ҷумҳурӣ дигар гуноҳе надоранд! Пас, чаро аз хона бехона, аз зану фарзанд ҷудо, аз ватан беватан шудаанд?! Охир, милати тоҷик, халқи ҷумҳурӣ бо номи Ҷўрабек Муродов ифтихор дошту дорад. Ҳар кучо қадам мегузошт, бо кафкўбӣ чун номбардори миллат истиқболаш мегирифтанд?! Бисёр мамкалатҳои ҷаҳон бо номи Ҷўрабек Муродов Тоҷикистонро мешиносҳанду ба халқи ў меҳру муҳаббат пайдо карда буданд?! Наход, ки саркардагони оппозиция ва ба ном «нерўҳои демократии ислом» то ин дарача нобиною бемаърифат ва сиёҳдил гардида бошанд, ки нисбати номбардори миллати худ таҳқиру шиканҷа раво бинанд?! Ўро Борбади асри XX, яке аз беҳтарин оҳангсозон ва сарояндаи намоёни халқи тоҷик ва собиқ Иттифоқ меномиданд!

Охир, дар ҷангҳои расмии байнидавлатӣ, мувофиқи қонуни байналхалқӣ тарафҳо ҳуқуқи гузарондани амалиётҳои номардона нисбати санъаткорону табибон надоранд. Чунки ишон фарзанди тамоми миллати ҷаҳон ба ҳисоб мераванд. Касбу кори онҳо ба ҳамаи миллатҳо хизмат расондан, табъи мардумро заррае ҳам бошад, хуш намудан аст. Беҳуда нисбати сиёҳдиле, бадсирате, бадтинате Саъдии бузург нагуфтааст:

Бо сияҳдил чи суд гуфтани ваъз,
Наравад мехи оҳанӣ дар санг!

Пас, дар мамлакати мо имрӯз, ки ифротиюн ба чунин номардиҳо даст задаанд, фардо дар назди таърих ба наберагони миллат чӣ ҷавоб медода бошанд?! Худоё, рӯзеро ато гардон,ки шаби торики мо ҳам равшан гардад, ҳақ ба ҳақдор бирасад ва мардуми ҷумҳурию ҷаҳон аз хунхории мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «нерӯҳои демократӣ» бохабар гардида, ҳангоми хулосабарорӣ дигар ба саҳву хато роҳ надиҳанд!

Бо чунин андешаҳо бори дигар ба Раиси Ҷумҳур Р. Набиев сим зада, хостам нисбати Ҷӯрабек Муродов ва Нарзулло Дӯстов изҳори ақида намоям, ки боз то кай онҳо гуреза мегарданд?! Вале он кас бо ман ҳамсӯҳбат шудан нахост, ё котиба маро пайваст накард. Алкисса миёни мо сӯҳбат баргузор нагардид. Баъдтар аз утоқи кории директори комбинати «Заря Востока»-и шаҳри Чкалов мӯҳтарам А. И. Нестеров бо телефони ВЧ ба Р. Набиев сим зада, дар вазъияти вазнин ғирифтор шудани Ҷӯрабек Муродов ва Нарзулло Дӯстовро иброз дошта, чанд таклифи мушаххас оиди ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ ва ба Ватан гардондани ин фарзандони барӯманду сарсупурдаи миллат таклифу дархост пешниҳод кардам. Вале таклифу дархости пешниҳод намудаам ба ӯ ё нафорид ва ё хуш наомад.

Бори дигар ба хулосае омадам, ки дар сиёсат дӯстию бародарӣ набудааст, сиёсат чизи бисёр ҳам нозуку хассос ва росташ, агар ба дасти ноасле афтад, ифлосу палид будааст, ки ба ғайр аз худ дигаронро чашми дидан надошта ва ҳар вакту замон тайёр будааст, ки ханҷар ба синаи бародари хамхуну хаммароми худ бизанад. Ман ба ҳамааш туф кардам, лек чӣ илоҷ, ба кавли ҳазрати Мирзо Абдулқодири Бедил: «Шод бояд зистан ношод бояд зистан!»

Танҳо марг аст, ки ваъда намедиҳад, кашолкорӣ намекунад. Ҳар гоҳ, ки хоҳад, меояд... Дигар ҳама чиз чорапазиру кушоише дорад. Қоил меоям, ки ин лаҳзаҳо дасту дилам аз дунё ҳунук шуду бори дигар номардии мардони «сиёсатмаоб»-ро фахмидам, ки корат афтад хочаанду корашон афтад ғулом».

Ба авроқи рангину пур аз ҳаводиси таърихамон рӯ оварда, бори дигар чанд китоби ин бахшро чун «Сиёсатнома»-и Низомулмулку» «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Мулло Ҳусайн ва «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров аз назари ибрат мутолиа дошта, худро дарёфта, шукр кардам, ки бар рағми душманони халқам зиндаам.

# МӮЪТАКИДИ АДОЛАТ

**Зиндагӣ мубориза аст ва бояд дар зиндагӣ мубориз буд.** Аз ин рӯ, ба хулосае омадам, ки ба хамааш туф карда, назди хар касу нокас сар хам накарда, ба комбинати маъдани кӯхии Анзоб ба сифати коргари оддӣ ба кор дарояму бо синфи коргар якҷоя кор карда, хаёту зиндагиро пеш барам. Бо хамрохии дӯсти наздикам, фарзанди сарсупурдаи миллат, чавонмарди покзамиру босалика Амиркул Азимов ба ноҳияи Айнӣ, назди котиби аввали Ҳизби коммунисти ноҳия, депутати мардумии Тоҷикистон Мирзобек Мирзобадалов омада, аз ӯ хоҳиш намудем, ки барои ба кор дохил гардидан ба вазифаи кӯхкани оддӣ кӯмак расонад, чунки бо сардори комбинати маъдани кӯхии Анзоб мӯхтарам Глазунов Иван Федорович шиносӣ надоштам.

Сухани маро нашикаста Мирзобек Мирзобадалов саҳарии рӯзи дигар, ки якшанбе буд, хамроҳамон ба шахрчаи Сарвода рафт. Мо дар кӯча мунтазир шудему М. Мирзобадалов барои ҳалли масъала ба хонаи роҳбари комбинат мӯхтарам И. Ф. Глазунов рафт. То омадани Мирзобек Мирзобадалов, ростӣ сад фикр дар сарам печутоб мехӯрду аз дилам мегузашт: «Оё ӯ маро дуруст мефахмида бошад? Барои ба кор кабул кардан розигӣ медода бошад? Ё чун дигарон аз тарси оппозиция, хукуматдорони имрӯза хохиши ба ман хамсӯҳбат шудан надорад, чунки дар он шабу рӯз Президиуми Шӯрои Олӣ бо сарварии таҳошокаду А. Искандаров ва «Хукумати муросои миллӣ» пурра зери назорати ифротиюни оппозиция амал мекард!

Охир, Раиси Ҷумхур аз хайати оппозиция метарсид ва хатто ба воситаи телефон бо ману Нарзулло Дӯстов гуфтугӯ кардан намехост.

Бар ҳамин акида будам, ки Мирзобек Мирзобадалов аз хавлии Иван Федорович баромад ва мунтазири он будам, ки аз забони ӯ чӣ гуна суханхо бурун меомада бошад. Бо табассуми хоссаашон гуфтанд: «Иван Федорович бисёр одами ачоиб будааст, чун иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ «Закалкаи Сталинӣ» амал карда истодааст. Вақто ба ӯ гуфтам Сафаралӣ Кенҷаев бо максади ба комбинати Шумо ба сифати кӯхкан ба кор даромадан омадааст, ӯ саросема шуда, ба ман сухане нагуфта, ба хонаи дастурӣйшӯӣ даромада, ба риштарошӣ сар кард. Изхор намуд, ки ранги рӯямро ба тартиб оварда, баъд ба назди он кас мебароям. Он кас барои ман Раиси Шӯрои Олии ҷумхурӣ мебошанд».

Ростӣ, суханхои ӯро шунида, ба риккат омадаму ба худ андешидам: «Худоро шукр, ки дар дунё одамони поку кавнирода холо хам будаанд»

Баъди якчанд дакика Иван Федорович бо либосхои тоза-

ву риши тарошида назди мо баромада, самимона маро ба оғӯш гирифта бӯсид, ки пӯшида намонад, ашк дар чашмонам ҳалқа зад. Сипас гуфт: «Сафаралӣ Қенҷаев, Шумо барои ман Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон будед, ҳастед ва мемонед. Шумо худи пагоҳ директори комбинату ман чонишини Шумо. Агар нахоҳед, вазифаи чонишини директор онд ба сохтмони асосӣ холист. Худи пагоҳ фармон бароварда, Шуморо ба ин вазифа таъин менамоям. Вале ҳеҷ гоҳ намегузорам, ки Шумо коргари қаторӣ, кӯҳкан шуда, кор кунед. Ва коргарони комбинат низ намегузоранд, ки Шуморо ба сифати коргари оддӣ ба кор қабул намоям, чунки онҳо комилан чонибдоратон мебошанд. Ва то ҳол шиорҳои комбинати маъдани кӯҳии Анзоб «Мо бо Шумоем, Сафаралӣ Қенҷаев!»-ро накандаанд». Суханашро давом дода гуфт: «То ҳал гардидани масъалаи манзил дар меҳмонхонаи комбинат бемузд зиндагонӣ мекунед. Дар давоми як ҳафта барои Шумо хона меёбем, ки бо аҳли оилаатон бо ҳам зиндагонӣ намоед. Агар барои таъмини амнияти Шумо муҳофизатгарон лозим бошад, аз рӯи чадвал коргарони комбинат Шуморо муҳофизат менамоянд. Дар он шабу рӯз фарзандонам дар ҳар ноҳия, дар хонаи ҳар кас чошу парешон буданд...

Сипас, маро ба ошхона даъват намуда, мехмоннавозӣ кард. Ба оламу одамгарӣ ва инсони поку бузург будани ӯ изҳори миннатдорӣ баён намудем ва имрӯз ҳам назди чунин инсони асил сари таъзим фуруд меорам!

Мутаассифона, чунин роҳбаронро ба монанди Иван Федорович, бо меҳру часур ва чавонмарди ҳақиқиро бисёр чустааму камтар ёфта...

Номи ин шахсро дар чумҳурӣ бе муболиға, қариб ҳамаи одамон медоданд. Иван Фёдорович Глазунов аз зумраи он роҳбарони дар давраи рукуд ангуштшуморест, ки дар давоми фаъолияти меҳнатиаш манфиати коргаронро ҳамеша дар мадди аввал мегузошт. Вақте ки И. Ф. Глазунов соли 1973 ба комбинат ба ҳайси сармуҳандис омада буд, он яке аз коргоҳҳои ақибмондатарини соҳа ба шумор мерафт. Комбинати маъдани кӯҳӣ, ки роҳбариаш қариб 20 сол боз дар дӯши ӯст, аз 1 январи соли 1974 инчониб ҳамаи супоришҳои истеҳсолиро мунтазам ичро мекунад.

Натича ин шуд, ки 1 июни соли 1992 ба ичрои вазифа сар кардам, ки дар гирду атрофам чавонмардони покдилу покдоман, сурсупурдагони миллат ба монанди Муҳаммадӣ Сафаров, Наврӯзбой Сангинов, Еқубчон Арбобов, Азизмурод, Шукрулло Сафаров ва дигарон чамъ омаданд. Онҳо намегузоштанд, ки дақиқае танҳоӣ кашам. Вақто мардум фаҳмид, ки дар комбинати маъдани кӯҳии Анзоб адои вазифа дорам, аз ҳама

гӯшаю канори ҷумҳурӣ, шиносу ношинос, соҳибони касбу ихтисоси гуногун ба ман сим мезаданду ба хабаргириям меомаданд, алалхусус ,бародарони кӯлобӣ Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров, Муллоҳайдар Шарифов ва дигарон.

Қариб, ки рӯзи кориам аз қабули меҳмонон сар мешуду ба гуселашон ба охир мерасид. Роҳбарияти ноҳияи Айнӣ: раиси комитроия У. Ҷунайдов бо ҷонишинҳояш Гулчеҳрахон Саъдуллоева, Ф. Мерганов, Д. Холиқов, котиби ҲК ноҳия Мирзобек Мирзобадалов, Мавҷуда Бобоева, раиси колхози ба номи С. Орҷоникидзе Р. Аслиддинов, раиси колхози «Россия» М. Пиров, раиси колхози ба номи Энгельс Самеъҷон Шокиров, муҳаррири рӯзномаи ноҳиявӣ С. Туйғунов, раиси колхози ба номи А. Лоҳутӣ И. Иноятов, раиси колхоз Илҳомҷон Қурбонов, мардони бомаърифату бонангу номуси ноҳияи Айнӣ акои Муллоназрӯз, Ҳасан Қаримов, Махсум Одинаев, Қорӣ Қаримов ва ва дигарон намегузоштанд, ки пас аз кор дақиқае танҳо бимонам.

Рӯзҳои истироҳат маро ба тамошои манзараҳои зебои ноҳия мебурданд, то он ки лаҳзае худро тани танҳо набинам. Чун рагу пайванди марказ ва ҷануби ҷумҳуриву вилояти Ленинобод аз ағбаи Анзоб сурат мегирад, медидам, ки аз Қӯрғонтеппаву шаҳри Душанбе ҳазорҳо мардум кӯч баста ба вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистону вилояти Ленинобод дар як рӯз зиёда аз ҳазор ҚамАЗ мерафтанд, ростӣ, дилам хун мегиристу дунё дар назарам тираву торик менамуд. Вале чӣ илоҷ! Осмон баланду замин сахт. Барои ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ панҷ маротиба ба Раиси Ҷумҳур Р. Набиев, и. в. Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров барқия фиристода, илтиҷо кардам, ки ҳарчӣ тезтар иҷлосияи Шӯрои Олӣ дар яке аз шаҳрҳои вилояти Ленинобод даъват карда шавад ва дар он талабу дархости ҷавонмардони вилояти Кӯлоб ва Қӯрғонтепа, ки тарафдори ҳукумати қонунӣ мебошанд, гузошта шавад.

Дар кори сессия вакилони оппозиция, вилояти Кӯлобу Қӯрғонтеппа, раисони комитроияҳо, намояндагони ҷумҳуриҳои бародарии собиқ иттифоқ, Созмони Милали Муттаҳид даъват карда шаванд. Бояд дар вазъияти оромию таъмини амният онҳо бо ақлу заковати худ ба як хулосае, ки ба мақсаду мароми тарафҳон мухолиф мувофиқат дорад, биёянду депутатҳои Шӯрои Олӣ масъалаҳои ба миён омадаро ҳаллу фасл намоянд, ва ҷанги бародаркушӣ ҳарчӣ зудтар хотима ёбад. Ба ҳалли ин масъала заррае таъхир намудан хатари аз миён рафтани миллати тоҷик ва давлати навбунёди онро ба миён оварда метавонист. Ҷанги бародаркуш рӯз ба рӯз майдони амалиёти худро васеъ карда истода, зери домани худ деҳаҳои нав, колхозу совхозҳо, ноҳияҳои тозаро бо афроди миллати мухта-

лиф кашида истодааст. Ин хеле оқибати нохушу тазйиковар дорад. Вале чӣ мегӯед, ки эшон аз рӯи принципи «Худам шоҳу табъам вазир» амал карда, ба вазъияти баамаломада дурусту амиқназарона баҳо надод, таклифу пешниҳодҳои каминаро раз пиндошта, ба эътибор нагирифтанд. Ба эътибор нагирифтан ва сабаби даъват накардани сессияи Шӯрои Олӣ, алалхусус, дар яке аз шаҳрҳои вилояти Ленинобод аз тарафи А. Искандаров мисли рӯз равшан буд, чунки ӯро ифротиюни оппозиция ба сари қудрат оварда буду ҳеҷ гоҳ қонибдори гузаронидани инқилосия набуд, биноан, аз қониби ин тамошокаду хурдтарин кӯшише ба харҷ намерафт. Оппозиция хуб медонист, ки амалиёти эшон аз қониби аксарияти депутатҳои Шӯрои Олӣ дастгирӣ нахоҳад ёфт, чунки сиёсати пешгирифтаи онҳо пуффаки тифлонаро мемонд.

Вале чаро Раиси Ҷумҳур Р. Набиев даъват ва гузарондани сессияро дар яке аз шаҳрҳои вилояти Ленинобод намехост, ҷавобаш барои ман муаммоест сарбаставу бисёр тазйиковар.

Охир, Раиси Ҷумҳур метавонист бо фармони худ сессияи Шӯрои Олиро даъват намояд, чунки тарзи идоракунии президентӣ ба ӯ ин ҳуқуқро вогузор намуда буд!

Аниқу амиқ, ки чунин бемасъулиятии эшон сабабгори тӯл кашидани ҷанги бародаркуш ва зина ба зина, аз ноҳия ба ноҳия гузаштану васеъ гардидани чунин амалиёт гардид. Ҳаман ин сабаби рехтани хуни ҳазорҳо бегуноҳон, аз ватан фирор кардани садҳо ҳазор мардуми бенаво гардиду рӯзгору ҳаёти мардум талх шуда, тоҷики тоҷбарсар хокнишину хокбарсар гардид!

Ба пиндори ман, агар Раиси Ҷумҳур ва Раёсати Шӯрои Олӣ аз рӯи ақли солиму дурандешона амал мекард, ҷанги бародаркушро дар моҳҳои аввал боздоштан комилан мумкин буд. Вале лавандиву тарсуйӣ ва меҳри амал онҳоро дар иқдоми қатъии масъала забуну бечора медошт, ки барои сиёсатмадори асил корест ношоиста ва амалест табоҳу хафакунанда. Дар омади гап гӯям, ки зиндагиномаи онҳо амали қаҷхисобонаи Султон Муҳаммади Хоразмшоҳро, ки давлати мутамаркази Хоразмшоҳиёнро аз даст дода буд, ба ёд меовард.

Сипас, боз ба унвони Раиси Ҷумҳур ду барқияи дигар ба мазмуни зайл фиристондам: «Барои боздоштани ҷанги бародаркуш, зери сарварии Шумо маҷлисе даъват карда шавад, бо иштироки роҳбарони вилоятҳо, аъзоёни ҳукумату Президиуми Шӯрои Олӣ, органҳои муҳофизати ҳуқуқ, намояндагони ҷумҳуриятҳои собиқ иттифоқ, ва тарафҳои мухолиф. Онҳо талабу дархости худро пешниҳод намоянд, ҳар яки онро таҳлил намуда, бо назардошти баёни тарафҳо мавқеи худро аниқу амиқ равшан бигӯед, ки қонибдори кадом нуктаҳои аки-

дан ин ва ё он тараф ҳастед. Ва ҳуҷҷати лозимӣ қабул карда, қувваи ҳукуматро барои иҷрои он сафарбар намоед».

Афсӯс ки Раиси Ҷумҳур нисбати ҳалли ин масъала ҳам аз паси панҷа нигарист.

Пас аз ин вазъияти ҷумҳурӣ рӯз ба рӯз муташаннич, доираи ҷанги бародаркуш васеъ мегардид. Шумораи шаҳидону маъюбон меафзуд, хатари аз миён рафтани миллати тоҷик, давлати он ба миён меомад, бо мақсади андешидани чорае бо депутатҳои Шӯрои Олӣ, ки аз вилояти Ленинобод интихоб шудаанд, дар ноҳияи Ғончӣ ҷамъ омада ба қароре омадем, ки барои гирифтани пеши роҳи хунрезӣ ҳатман сессияи Шӯрои Олӣ дар шаҳри Панҷакент даъват карда шавад, чунки роҳбарияти вилоят изҳори ақида кардааст ,ки гӯё агар сессия дар шаҳри Хуҷанд даъват карда шавад, вазъияти шаҳри Хуҷанд ноором мегардида бошад. Бо ҳамин барои даъват намудани сессияи навбатии Шӯрои Олӣ талабнома бо имзои зиёда аз 92 депутати халқии Тоҷикистон ба унвони иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров фиристодем.

Вале чун пештара А. Искандаров талаби қонунии депутатҳоро ба ҳисоб нагирифт, сессияи Шӯрои Олиро даъват накард. Агарчӣ ин талаби конституционии депутатҳо буд ва А. Искандаров ҳуқуқу ваколати даъват накардани сессияи Шӯрои Олӣ надошт. Ҷанги бародаркуш ҳамоно идома дошту ифротиюн мунтазири ғалабаи қатъӣ буданд...

## МУҚОВИМАТИ ҚӮЛОБ

Марҳилаи асосиштаи муборизаи барои ҳокимият дар ҷумҳурӣ ҳамон рӯзе интиҳои худро дарёфт, ки оппозиция зери парчами «демократияи исломӣ» майдонҳои «Шаҳидон»-ро бар алайҳи «Озодӣ» шӯронида, худро ғолиб ҳисобиду нагузошт, ки мардуми майдони «Озодӣ» оромона бе таҳқиру таҳдид ба кулбаҳои хеш баргарданд.

Ҳангоми баргаштан мардуми майдони «Озодӣ»-ро бо мошинҳои зиреҳдор, силоҳи дастӣ таҳқир намуда, ба мағлубият сарзаниш карданд ва чандин ҷавонмардони бесилоҳро дар роҳи Душанбе — Қӯлоб ба шаҳодат расонданд, мошинҳоро оташ заданд, ки натиҷаи ин ҳама кӯрдилиҳо тухми яъсу ноумедиро ба бор овард.

Рӯзи 7 мои соли 1992 вақто ки протоколи созиш миёни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, аҳзоби сиёсӣ ва ҳаракатҳои мардумӣ ба имзо расид, майдони «Озодӣ» аз гирдиҳамомадагон озод гардид, чонибдорони оппозиция, ки бо силоҳ (автомат) ва мошинҳои зиреҳдор мусаллаҳ буданд, аҳдшиканӣ карда, роҳ-

барони гирдиҳамоии майдони «Озодӣ» Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров ва Давлат Сафаровро аз назди иморати Умури ҳарбии муҳофизати марзи ҷумҳурӣ, ки дар назди кинотеатри ба номи Ҷомӣ воқеъ гардидааст, дастгир карданд. Онҳоро бо таҳқиру шиканҷаи гӯшношунид ба майдони «Шаҳидон», сипас ба ҳабсхонаи «демократияи исломӣ», ки дар таҳхонаи Кохи Раиси Ҷумҳур воқеъ гардида буд, бурданд. Дар давоми панҷ шабонарӯз нисбати ҷавонмардони бомаърифату сарсупурдаи миллат, ки барои иброз намудани ақидаи ростини халқ ба Душанбе омада буданд, номардиҳои зиёде карданд. Онҳоро заданд, баданҳояшонро хуншор карданд, таҳқирҳои ғайриинсонӣ намуданд. Чӣ тавре ки Сангак Сафаров гуфтанд: «Азобу уқубате, ки он номардон насибамон гардондаанд худашон медонанду худо. Ба ҳамаи номардиҳои маргзадагони модарбахато тоб оварда, дар таҳхонаи торик гуруснаву ташна, гоҳе аз тақдири худ маълумот мекардаму гоҳе аз осмони қаҳрафтор шикоят менамудам».

Бе кӯрпаю кӯрпача дар рӯйи фарши сементӣ шабро рӯзу рӯзро ба шаб мепайвастанд. Паи ҳам пурсандагони девсирату ҳаромзодагони дар даст силоҳ ба паздаҳон омада, истинтоқ намуда, мушту лагати ноҳақ бар сари ҳақиқатҷӯён ва ҷигарбандону наҷотдиҳандагони миллат мезаданд, сару рӯ ва тану бадани онҳоро хуншор мекарданду мерафтанд.

Шаби сеюм, буд, ки дастаи дигари диверсантҳо дохили зиндон гардиданд, ки дар гирди сар матои сафед бо навиштаҷоти «фидойӣ», «ё марг, ё ғалаба», чашмҳо чун машъали сӯзон медурахшиданд: «Эй модарбахатохои номусулмон! Эй ҳимоятгарони коммунистон, расидем, ки панҷа ба ҷонатон занем!

Яке аз онҳо девонавор овоз баланд карду бифармуданд, ки аз ҷой хезанд. Сангак Сафаров, ки пастию баландии ҳаётро зиёд дида буд, аввалин шуда аз ҷой бархест, сипас Рустам Абдураҳимов ва Давлатбек Сафаров бархостанд. Бо таҳқиру таҳдиди силоҳ аз онҳо пурсон карданд: «Эй ҳаромзодагони чинояткор! Росташро бигӯед, Шуморо ба майдонии «Озодӣ» кӣ даъват кард?!» Ба Сафаралӣ Ҷенҷаев чӣ гуна муносибат доред, ки бо шиорҳои «Мо бо Шумоем, Сафаралӣ Ҷенҷаев», «Нест бод қозӣ!» ба Душанбе омадед?!

Охир, Сафаралӣ Ҷенҷаев кӯлобӣ нест-ку?! Чаро ба ҳимояи Акбар Мирзоеви кӯлобӣ барнахестед?? Барои хизматҳоятон кадом вазифаҳои равғаниро бароятон ваъда карда буданд!» Вагар нагӯед, ту, ту, ту-ро (сари автоматро ба бадани ҳар кадоми онҳо халонда) «ба тавре бикушем, ки мурғони ҳаво ба ҳоли Шумо — душманони дини мубини ислому душманони қозиқалон талх нолаву шеван кунанд».

Дар ҷавоб онҳо гуфтанд: «Мо ба таҳқир сазовор нестем,

дар назди касе гуноҳе содир накардаем. Ба майдони «Озодӣ» моро чашмакзаниҳои қозикалони мусулмонони ҷумҳурӣ Ҳоҷиакбар Тӯраҷонзода бо Акбаршоҳ Искандаров овард, ки озодона фикру ақидаамонро иброз намоем. Мо барои ҷанг наомада будем, силоҳ надоштем, фикр кардем, ки давлати мо демократӣ асту баён намудани ақида озод аст. Касе аз мо ба Сафарали Ҷенҷаев хешованд нест ва боре бо ӯ ҳатто пиёлаи чой ҳам нанӯшидаем, он шиорҳо ақидаи зиёда аз як миллион халқи ҷумҳурӣ аст, ки намояндагонаш дар майдони «Озодӣ» ҷамъ омада буданд.

Ин суханҳоро шунида, яке аз онҳо, ки марди бадҳайбату паҳлавонҷусса буд, наъра кашиду затвори автоматро кашиду сар дод, ки тир дохили стволи автомат гардид, дастро ба тукмача бурда, ба парронданӣ тайёр шуда, девонавор гуфт: «Эй ҳаромзодагон, чӣ, аз куштан наҷот ёфтед?! Тасаввур кардед, ки даст аз Шумо бармедорам?! Не, ҳаргиз!! Ту, ту, туро сагвор мепарронам.

Ҳа, мепарронам, душмани демократияи ислом ҳастед...?

Рустам Абдураҳимов, ки аъзои баданаш сиёҳу кабуд буд, ба дард тоб оварда, ба онҳо нигариста гуфт: «Шумо метавонед, чӣ тавре ки хоҳед, ҳамон тавр моро ба азобу шиканҷа гирифтор намуда бикушед, Имрӯз бо пои худ ба назди шумо омадаем. Вале Шумо пеш аз куштан фикри онро бикунед, ки куштани мо ҳеҷ гапе нест, вале мардуми Хатлон ва умуман ҷумҳурӣ барои ҳар тори мӯйи мо бармехезанд, он гоҳ пеши роҳи ҷанги гражданиро касе наметавонад, ки боздорад. Бинобар ин, поёни шаби сиях рӯзи равшан ҳам дорад...» Аз шунидани ин суханҳо ҷаллодон «боз мебиёем», гуфта аз зиндон берун рафтанд. Сипас, Рустам Абдураҳимов рӯ ба худо оварда гуфт: «Эй фалаки каҷрафтор ва эй сипеҳри ғаддор! То кай ба ман бозӣ мекунӣ! Муддати ҷанд рӯз аст, ки ба чои об дар гулӯи ман заҳр мерезӣ?!

Замона пеши ман оварда анҷуман рӯзӣ
Ки рӯзи равшани ман шуд ба маъни шаби тор.

Ҳарки бо душмании халқ равон аст чу бахр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.

Сипас, рӯзи дигар зери фишори силоҳ онҳоро ба симои «мардумӣ»-и ҷумҳурӣ бурданд ва хостанд, ки аз забони онҳо ба мардуми ҷумҳурӣ муаррифӣ намоянд, ки гӯё онҳо саҳв кардаанду бо талабу дархости роҳбарони ҷумҳурӣ мардумро гумроҳ намуда, ба майдони «озодӣ» овардаанд.

Рустам Абдураҳимов ва Сангак Сафаров агарчӣ санги осиёро ба сарашон гардон карданд, зери фишору шиканҷа гирифтанду ҷонашон зери хатар буд, ақидаи худро дигар накарданд,

ба роҳбарони оппозиция гуфтанд: «Шумо метавонед моро бикушед, мо ба мурдан тайёрем, вале аз хотир фаромӯш накунед, ки барои хуни ҳар яки мо ҳазорҳо мардуми Тоҷикистон қад-алам хоҳанд кард.

Дар оинаи нилгун ҳарчӣ, ки ҳақиқат аст, ҳамонро ба мардуми ҷумҳурӣ мегӯем. Ҳеҷ гоҳ барои ҷони худ шуда, мардуми ҷумҳуриро ба иштибоҳ намеандозем ва гумроҳ намесозем. Аҷдодони тоҷик чунин номардиро ба дӯши худ нагирифта буд ва имрӯз, ки мо наберагону пасовандони он аҷдодон ҳастем, ҳеҷ гоҳ қадам ба хиёнату пастӣ нахоҳем гузошт, то он ки фарзандону наберагонамон таънасори дигарон нагарданд. Ҳар фард, ки мард ба дунё омад, бояд ҷавонмардона ҳаёт бибарад ҷавонмардона аз дунё биравад, ки номе ба нек дошта бошад».

Аз ин рӯ, тавассути оинаи нилгун онҳо ақидаи худро гуфтанд...

Алқисса, дар рӯзи панҷум, пас аз таҳқиру шиканҷаҳои зиёд бо талаби қотеъонаи мардуми Хатлон ва тамоми ҷумҳурӣ онҳо битавонистанд, ки роҳе биёбанду аз дасти девсиратҳои ифротиюн ҷон ба саломат баранд...

Давраи маҳбасии онҳо мардуми ба ору номуси вилояти Кӯлоб исён бардошта, дар маркази шаҳри Кӯлоб ба гирдиҳамоиши чандинҳазорнафара ҷамъ омаданд ва қотеъона аз роҳбарони оппозиция ва ҳукумати ҷумҳурӣ талаб мекарданд, ки Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров ва Давлатбек Сафаров фавран аз дасти оппозиция озод карда, сиҳату саломат ба Кӯлоб гуселонда шаванд. Вагарна тамоми мардуми баору номус ва имондори Хатлонзамин тайёр аст, ки ба муқобили амалиётҳои беадолатонаи оппозиция бархезанд...

Вақто ки Рустам Абдураҳимов ва Сангак Сафаров, Давлатбек Сафаров ба шаҳри Кӯлоб омаданд, мардум ба пешвози фарзандони бонангу номуси худ баромада, шукри он карданд, ки онҳоро тансиҳат бозёфтанд.

Дар давоми якчанд рӯз ҷасадҳои ҷавонмардони Кӯлобро оварданд, ки аз тарафи гурди миллии опозиция дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Кофарниҳон, деҳаи Олий Совети ноҳияи Ленин ва дигар ҷойҳо ваҳшиёна ба қатл расонда, гӯшу бинӣ бурида, ҷасадҳо сӯзонда шуда буданд. Ин ваҳшонияти «демократияи исломӣ», «мазҳаби ваҳҳобия»-ро дида ,мардум бори дигар ба шӯр омад. Дар сари тобутҳои дӯсту бародарони ҳаммаром мардум нолаву шеван мекарданду наъра мекашиданд ва ашк мерезонданду савганд ёд мекарданд, ки «гардани тарафдорони мазҳаби «Ваҳҳобӣ» ва «Демократҳои хоини миллат»-ро хоҳанд шикаст, то ки Тоҷикистону тоҷикистониён бе тарсу ваҳм зиндагӣ намоянд.

Роҳбарони оппозиция, «демократияи исломӣ» кӯтоҳандешона амал намуда, ин савганди мардуми Кӯлобро, ки аз тарафи тамоми мардуми хайрхоҳи ҷумҳурӣ ҷонибдорӣ меёфт, ҳамчун зуҳуроти рӯҳафтодагии мағлубшудагон арзёбӣ карда, ба он аҳамият надода, чун гургони болои маслуқи ҳаром афтида саргарми таъсис намудани «Ҳукумати муросои миллӣ (маҳал)», Маҷлисии миллӣ ва тақсими мансабу имтиёзҳо буданд.

Ҳар ҳизбу гурӯҳ аз пай соҳиби мансаб гардонидани ҷонибдорони худ буд. Раиси Ҷумҳур ба афсуни оппозиция афтида, ба камбудии ҷиддӣ роҳ медод, бо дасти худ содиқонашро, ки сидқан ҷонибдораш буданд, аз сари қудрат дур менамуд, дар асл гаравгон ва бозичаи дасти «ғолибон» гардида буд...

Қумитаи садо ва симои «мардумӣ» чун аксари рӯзномаҳои ҷумҳурӣ шабу рӯз ба инкишоф додани дигаргуниҳои «демократӣ», таърифу тавсифи «наҷотдиҳандаи миллат» — Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократи ҷумҳурӣ, ҳаракатҳои мардумии «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон» даъват мекард. Мардуми майдони «Озодӣ», ҷонибдорони онро зери тозиёнаи танқиду таҳқир карор медод. Онҳо ва шаҳидони майдони «Озодӣ»-ро бо тафсири сохтаи кофиру номусулмон ҳукм мекард ва аз номи уламои рӯҳонии ҷумҳурӣ фатво медод, ки ҷанозаи онҳоро хондан, нонашонро хӯрдан норавост.

Мутаассифона, тамоми дастгоҳи таблиғотӣ дар дасти онҳо буд. Дар акидае буданд, ки агар ширро ҳам дар як рӯз сад маротиба сиёҳ гӯянд, шояд баъзеҳо бовар кунанд, ки мумкин дар ҳақиқат сиёҳ бошад.

Вале роҳбарони ҷумҳурӣ, Ҳукумати муросои миллӣ ва Президиуми Шӯрои Олӣ бо сарварии А. Искандаров барои гирифтани пеши роҳи чунин амалиётҳои ба ҷанг даъваткунанда қадаме ба пеш намегузошт. Баръакс барои ёфтану ба ҷавобгарӣ кашидани мардуме, ки ба майдони «Озодӣ» барои ҳимояи ҳукумати қонунӣ, Шӯрои Олӣ ва Раиси Ҷумҳур омада буданд Ҳукумати ҷамҳурӣ комиссия таъсис намуд. Оё беадолатӣ аз ин ҳам зиёд мешавад? Аз рӯи кадом инсоф роҳбарони ҷумҳурӣ яксаду ҳаштод фоиз тағйир ёфтанду ба таҳқири халқи худ, ки тарафдорашон буданд, камар бастанд? Ҷаро нисбати оппозиция, ки давоми 45 рӯз дар майдони «Шаҳидон» чиноятқориҳои зиёде ба анҷом расонд, ҳарфе нагуфтанд?!

Чунин рафтору суханҳои ноҷою кӯтоҳандешона ба оташе, ки рӯ ба хомӯшӣ мениҳод, маводи тарканда пошида, қаҳру ғазаби мардуми азиятқашидаю бо нангу номус ва ориятноки Кӯлобро дучанд мегардонд.

Вале роҳбарони оппозиция аз таъриху маданият ва номусу орияти Хатлониён (кӯлобиён) ғофил монда буданд ё медонистанду саргарми «ғалаба ва зафарҳо» буданд. Охир, онҳо

бояд дарк мекарданд, ки таърих шоҳид аст, ба сари мардуми Кӯлоб борҳо тиру туфанг кашида буданд, вале касе аз онҳо ба зафарҳои вокеӣ, ки манфиати мардумро фаро бигирад, мушарраф нагардида буд.

Барои исботи акида ба таваҷҷӯҳи хонандаи гиромӣ порчае аз таърихи кӯҳани кӯлобиёнро пешкаш медорам:

Дар аҳди қадим (асри VI то милод) Хуталон (Хатлон ё Кӯлоби ҳозира) дар ҳайати Бохтар ва давлати Ҳахоманишиён буд. Дар асри чаҳори то милод Искандари Мақдунӣ бо мақсади пурзӯр намудани иқтидори ҳарбию иқтисодии худ ба Хуталон (Хатлон) ҳуҷум меорад, ки ба муқобилияти шадиди ин мардум дучор мегардад.

Хуталон дар тасарруфи подшоҳии юнонии Бохтар (асрҳои 3—2 то милод) буд. Асрҳои 2 то милод ба ҳайати Тахористон, асрҳои 1—8 паси ҳам дар тасарруфи Кушониён, Ҳайтолиён ва хоқонии турк буд. (энциклопедияи Советии тоҷик, ч. 7, саҳ. 561).

Мувофиқи хабари Балозурӣ соли 699 Мухаллаб бо лашкари зиёде ба Хуталон (Кӯлоб) ҳуҷум меоварад, ки ҷанги шадид мешавад ва лашкари Мухаллаб ба муқобилияти сахти хуталиён дучор гардида, ба мақсад нарасида сулҳ мебандад. Дар аҳди Шоҳбол Хуталон мустақилияти худро нигоҳ дошт, баъди ӯ ба тахт Сочӣ нишаст. Волии Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ бо мақсади ба худ муттаҳид намудани Хуталон (соли 725) бо қувваи зиёде ба ин мавзеъ ҳуҷум менамояд. Хуталониён ба муҳофизати Ватани худ бархестанд, ҷанги шадид ба миён омад. Дар муҳориба хуталониён ғолиб омаданд, лашкари Асад ибни Абдулоҳ талафоти калон дода, рӯ ба гурез оварда, ба Балх ҷон мебаранд.

Муаррихи номӣ-Табарӣ хабар медиҳад, ки вақти ба ҷанги хуталониён шармандавор шикаст хӯрда, ба Балх баргаштани Асад ибни Абдулоҳ аҳли Балх дар ҳаққи ӯ суруди тамасхуромез офаридаанд, ки он бино ба маълумоти баъзе сарчашмаҳо аваалин шеъри тоҷикӣ ба шумор омада:

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия,
Обор боз омадия,
Хушку низор омадия.

Аз рӯи маълумоти муаррихи арабизабон Диноварӣ Хуталон яке аз аввалин вилоятҳоест ба ҳаракати Абӯмуслим ҳамроҳ шудааст. Хуталониён шӯриши Рофеъ ибни Лайсро низ тарафдорӣ кардаанд.

Дар ин давра шоҳи Хуталон Ҳошим ибни Баниҷурии Хуталонӣ буд, ки ӯ дар аҳди халифа Мӯътасим барои пахш намӯ-

дани исёни Бобаки Хуррамдин ҳамчун сарлашкари арабҳо таъин гардидааст.

Дар асрҳои пасон, яъне асри 13, истилогарони муғул дар баробари шаҳрҳои Осиёи Миёна ба Хуталон низ ҳуҷум оварданд. Натиҷаи ҷанг ҳамон шуд, ки Хуталон хароб гардид, вале мардумаш сар нафароварда, ҳар лаҳзаи муносиб қиём менамуданд. Аз асрҳои 17 дар манбаъҳои хаттӣ Хуталонро Кӯлоб ном бурдаанд.

Дар ибтидои асри XIX миёни Қундуз ва Хӯқанд барои ба зери итоати худ гирифтани Хуталон ҷанг оғоз мешавад. Дар натиҷа соли 1832 шаҳр ба харобазор мубаддал мегардад. Дар нимаи асри XIX ҳокими нави Кӯлобу Балҷувон Сарабек шаҳрро дар ҷои ҳозираи Кӯлоб аз нав меъморӣ кардааст. Инчунин мардуми Кӯлоб то Инқилоб низ дар гирди қаҳрамони халқамон Васеъ гирд омада, бар алайҳи ҷабру ситами феодалон ҷангидаанд ва ин мардум номус, фарҳанг, одату анъанаи кӯҳани худро маҳфуз дошта омада истодаанд.

Идеологҳои дохилию хориҷии оппозиция, Ҳукумати «муросои миллӣ»-и ҷумҳурӣ бояд Кӯлобу кӯлобиёнро ҳақиру ночиз намешумурд!!

Билохира, рафторҳои ноҷою бешарафона ва ҷангҷӯёнаи ишон сабабгори он гардид, ки мардуми вилояти Кӯлоб агарчӣ бо ҳам дӯсту ҳамкору ҳамсоя буданд, аз рӯи ақида ба ду гурӯҳи ба ҳам мухолиф тақсим шуда, бар алайҳи якдигар сангар гирифтанд. Яке тарафдори барқарор намудани «ҳокимияти қонунӣ, ки то 7 маи соли 1992-юм амал мекард, барҳам додани «Ҳукумати муросои миллӣ», «Маҷлиси миллии ҷумҳурӣ» ва дастгирии мазҳаби ҳазрати имоми Аъзам (ҳанафӣ). Дигаре ҷонибдори Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократи фундаментализми исломӣ, мазҳаби «Ваҳҳобия», Ҳукумати муросои миллӣ ва Маҷлиси миллӣ.

Вазъият дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Кӯлоб рӯз ба рӯз муташаниҷ мегашт, ҷонибдорони «демократияи исломӣ» ва мазҳаби «Ваҳҳобия» бо сардории сархатиби масҷиди мазҳаби «Ваҳҳобия»-и шаҳри Кӯлоб қорӣ Абдураҳим тарафдорони мазҳаби ҳанафӣ ва майдони «Озодӣ»-ро таҳқир мекарданду гаравгон мегирифтанд!....

Бинобар ин, ҳаракати мардумии шаҳри Кӯлоб «Ошкоро» бо сарварии Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Мулоҳайдар Шарифов, Саид Салимов, Зардакшоҳ Қурбонов, Бӯрихон Ҷобиров, Сайфиддин Сангов, Абдуназар Саидов, Қиммат Рустамова, Маҳмадшариф Шарифов, Иброҳимов, Абдусалом Қурбонов, Ҷомӣ ва чанде дигарон ба хулосае омаданд, ки тақдири мардуми Тоҷикистонро ба дасти ин беинсофҳо ва кӯрдилони мазҳаби «Ваҳҳобия» супоридан иштибоҳест

нобахшиданӣ ва хиёнатест азим. Тамоми насли ояндаи Тоҷикистони кунунӣ моро ва дигаронро нахоҳад бахшид. Агар мазҳаби «Ваҳҳобия» комилан ба сари қудрат ояд, аввал мардуми мусулмони мазҳаби ҳанафиро сар аз тан ҷудо менамояд, ки он мазҳаби аҷдодони мост ва онро зиёда аз 1400 сол бад-ин ҷониб гузашта ба гузаштагонамон пайраванд. Сипас, нерӯҳои демократӣ ва зиёнёни гумроҳзадаро, баъд мардуми бомаърифати ҷумҳуриро сарбур мекунанду давлати тозабунёди Тоҷикистонро чун тифли навзод, ки навакак ба қадаммонӣ шурӯъ намуд, харфе ба забон наоварда, нобуд месозанд.

Ба хотири наҷоти кишвар аз шарри урдуи мазҳаби «Ваҳҳобия»-и бедодгар, «нерӯҳои демократӣ»-и хоини миллат ва дигар косалесону лаганбардорони лаҷомгусастаи девсиришти ботиландеш дар шаҳри Кӯлоб, баъдтар дар аксарияти ноҳияҳои вилояти Кӯлоб Ситоди гурди миллии вилояти Кӯлоб таъсис ёфт.

Командири Гурди миллии вилояти Кӯлоб Саид Салимови 51-сола интихоб гардид, ки дорои маълумоти олии омӯзгорӣ мебошаду вазифаи ҷонишини раиси кумитаи иттифоқҳои касабаи вилоятро ичро мекард. Моҳҳои апрел — майи соли 1992 дар гирдиҳамоии майдони «Озодӣ» ширкати фаъолона дошта, дах фарзанди баркамол дорад.

Ҳини гуфтушунид дар Хоруғ борхо иброз дошт, ки то Ҳукумати муросои миллӣ ба истеъфо нараваду ҳукумати конунии то 7 маи соли 1992 барқарор нагардад, аз осудагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон харф задан ба ях навишта ҷониби офтоб доштанро монад! Хамчун нотиқи бомаҳорат ва ҳақиқатталаб эътироф гардидааст. Ба кори давлат дахолат намудани динро намепазирад. Дар байни мардуми Кӯлоб обрӯ ва эҳтироми хосаро дорост.

Вазифаи сардории ситоди Гурди миллии вилояти Кӯлоб ба зиммаи ҷавонмарди ҷасур Лангарӣ Лангариеви 35-сола гузошта шуд, ки ӯ дар колонияи корхои ислохоти мехнатии рақами 7, шаҳри Душанбе Вазорати Корҳои Дохилии ҷумҳурӣ вазифаи сардори отрядро ичро мекард. Аз соли 1983 то соли 1985 дар омӯзишгоҳи махсуси ВУД-и собиқ СССР дар шаҳри Чимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон таҳсил намудааст. Баъди хатми омӯзишгоҳ Лангарӣ Лангариев ба ихтиёри ВУД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристонда шуд. Баъди анҷоми гирдиҳамоии майдони «Озодӣ» Лангарӣ ҷои кор, хонаву дар, ҷахор фарзанду ҳамсарашро монда, хамрохи ҳамдиёронаш ба шаҳри Кӯлоб омада буд, то он ки ҳаёти бокимондаашро ба хотири озодии халқаш аз дасти он бедодгарони ноаслу девсирати беимон вораста созад.

Вақто ки хабари сардории Гурди милли вилояти Кӯлоб гар-

диданаш ба гӯши хоинони миллату ғуломмаромони садоқатманди «Ҳукумати муросои миллӣ» ва иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров расид, онҳо ноҷавонмардона рафтор намуда, бо мақсади аз ӯ қасос гирифтан аз пан нест намудани аҳли хонаводааш меафтанд. Шукри худо, ки одамони накӯкору ҳақиқатҷӯй будаанд, ки илоҷе карда, ҳамсару фарзандони ӯро аз шаҳри Душанбе гурезонида, ба паноҳгоҳе мебаранд, ки ин ба қаҳрамон кувваю мадори тозаву ҷадид мебахшад.

Дар он шабу рӯз Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров, Бӯрихон Ҷобиров, Қиммат Рустамова, Абдуназар Саидов, Абдусалом Қурбонов, Муллоҳайдар Шарифзода, Зардакшоҳ Қурбонов, Иброҳимов ва дигар ҷавонмардони ҷасуру қавиироди вилоят ба ташкили кори гурди миллӣ, ҷобаҷогузории отрядҳои гурди миллӣ, муҳофизат намудани мардуми бесилоҳи вилоят аз мазҳаби «Ваҳҳобия», таъмини яроқу аслиҳа, оиди ташкил намудани штабҳои гурди миллӣ дар дигар ноҳияҳои вилоят, мақсаду мароми гурди миллиро ба мардум фаҳмонда, маслиҳатҳо медоданд. Ҳамеша онҳо бо мардуми вилоят буданд.

Роҳбарияти ҳукумати маҳаллии вилоят амалиётҳои гурди миллии навташкилро ба хотири барқарор намудани қонуну қонуният дар вилоят ва умуман ҷумҳурӣ комилан тарафдорӣ ва дастгирӣ мекарданд.

Ситоди гурди миллии вилоят дар табақаи аввали бинои кумитаи Ҳизби коммунисти вилоят ҷойгир шуда буд. Дар он рӯзҳо матбуоти «нерӯҳои демократӣ», садою симои «мардумӣ»-и ҷумҳурӣ дар бораи гурди миллии вилоят ҳаёҳуйи нестандарҷаҳоне бардошта буданд, мақомоти Амнияти миллӣ ва Вазорати Қорҳои Дохилии ҷумҳурӣ таҳти сарпарастии ҷонишини раиси Ҳукумати муросои миллӣ Давлати Исмон бо кордонию роҳи кор нишон додани разведкачии собиқ Иттифоқ — ҷонишини аввали Раиси Кумитаи Амнияти Миллии ҷумҳурӣ, полковники ҳарбӣ Ҷӯрабек Аминов қариб ҳар рӯз бо роҳи истифода бурдани кувва нақшаи аз мӣён бардоштани штаби гурди миллиро мекашиданд. Ва барои амалӣ гардидани нақшаҳо чораҳо меандешиданд, мисли мурғи посӯхта сад тараф медавиданд, тайёр буданд, ки барои ба мақсади снёҳашон ноил гардидан аз хама чиз, аз ҷумла, имони надоштаашон низ бигзаранд. Охир, тамоми абзору аслиҳаи Вазорати Умури Дохила, Кумитаи Амнияти Миллӣ, Кумитаи Дифоъ, Раёсати Мудофиаи Граждани ба дасти онҳо афтида буд. Ба замми ин, боз чӣ қадар яроқу аслиҳае, ки гурди миллии оппозиция тайи 15 соли амалиёташ ҷамъ оварда буд, мавриди истифода қарор медоданд.

Ба хушбахтии бузург, нақшаҳояшон ҳубобчаҳои болои об-

ро монад, ки роҳи амалӣ гардондани онро ёфта наметавонистанд, чунки роҳбарияти ҳукумати вилояти Кӯлоб бо сарвари депутати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, раиси комиҷроияи депутатҳои халқии вилояти Кӯлоб, марди кордону қавиирода Қурбоналӣ Мирзоалиев, роҳбарони шаҳру ноҳияҳои он, аъзоёни Ҳизби коммунисти вилоят ва кормандони идораҳои муҳофизати ҳуқуқи инсон, муборизаи зидди ҷинояткорӣ амниятӣ давлатӣ якдилона, аз як гиребон сар бароварда, гурди миллии вилоятро дастгирӣ мекарданд ва аъзои фаъоли он буданд. Вилояти Кӯлоб қалъае гашта буд, ки агар парранда ба марзаш пар мезад, қаноташ месӯхт. Чунин ситодҳои гурди миллӣ бо риояи интизоми сахтгир дар шаҳру ноҳияҳои вилоят таъсис ёфт.

Ситодхо рӯзу шаб кор мекарданд, ахбороти ба даст омадаро таҳлил намуда, аз пакшаҳои разилонаи ба ном Ҳукумати муросои миллӣ воқиф мегаштанду тарҳи чораҳои судбахш мекашиданд. Мардуми ҷасуру сарсупурдаи миллат баҳри озодии миллат ва муҳофизати мардуми вилоят аз мансабталошони мазҳаби «Ваҳҳобия»-и зери пӯсти «нерӯҳои демократӣ» пинҳонгардида бе даъват ба ситодҳо омада, номнавис мекарданд. Сафи гурди миллии вилоят аз ҳисоби ҷавонони ҷасуру пастиву баландии ҳаётро чашида рӯз ба рӯз меафзуд, ҳама дар ақидаи он буд, ки бар рағми хоҳиши халқи ҷумҳурӣ, бо роҳи террори сиёсӣ нисбати фарзандони некноми миллат ва содир намудани табаддулоти давлатӣ Ҳукумати лӯхтаки «Муросои миллӣ» ба сари қудрат омада бошад ҳам, он тӯлонӣ нахоҳад монд.

Магар нашнидаед, ки гуфтаанд:

Кас натавонад гирифт ҷилави давлат ба зӯр,
Кӯшиши беҳуда аст усма ба абрӯи кӯр.

Вазияти сиёсӣ дар вилоят рӯз аз рӯз муташанниҷ мегардид, таъсири мазҳаби «Ваҳҳобия» бо дастгирии Ҳукумати «муросои миллӣ» дар вилоят авҷ мегирифт, ҷонибдорони оппозиция даъвои соҳиби мансабҳои давлатӣ гардидан мекарданд, шахсони силоҳбадаст дар вилоят сайру гашт мекарданд, як қисми зиёиёну курсинишинҳои «демократ» кӯтоҳандешона фикру ақидаи пешвоёни оппозицияро ҷонибдорӣ мекарданд.

Фикру ақидаи вакилони мардуми вилоят аниқу амиқ ва чун рӯз равшан нагардида, қисми мардум, ки аз сиёсат дур буд, миёнарав гардида, ростӣ, кадом тараф рафтанашро як муддат намедонист.

Бинобар ин, бо талаби депутатҳои Шӯрои вилоят ва ташаббуси раиси комиҷроияи вилоят Қурбоналӣ Мирзоалиев 12 майи соли 1992 сессияи ғайринавбатии Шӯрои депутатҳои вилояти Кӯлоб бо иштироки депутатҳои Шӯрои Олӣ, ки аз вилояти Кӯлоб интихоб гардида буданд, депутатҳои шаҳрӣ ва ноҳия-

ҳои вилояту роҳбарони корхонаву ташкилотҳо даъват карда шуд. Сессия масъалаи асосӣ — «Вазъи сиёсии ҷумҳурӣ»-ро мавридӣ баррасӣ қарор дод.

Дар кори сессия депутатҳо фаъолона иштирок намуданд, аксари онҳо баромад карда, фармонҳои Раиси Ҷумҳурро аз 07. 05. 92 с. ғайриқонунӣ ҳисобиданд ва талаб намуданд, ки онҳо бекор карда, ҳукумати то 7 маи соли 1992 амал мекардагӣ барқарор гардад.

Ҳамаи намояндагони халқи вилояти Кӯлоб, депутатҳои Шӯрои Олӣ, ки аз ин вилоят интихоб гардида буданду дар вилоят иҷрои вазифа менамуданд, амалиёти қувваҳои зиддихалқиро қатъиян маҳкум намуданд. Шӯрои намояндагони халқи вилоят дар шароити имрӯзаи ҷамъиятию сиёсӣ қарор қабул кард. Дар он аз ҷумла, таъкид мешавад, ки фармонҳои зиддиконституционии Раиси Ҷумҳур ва қарорҳои ҳукумат дар қаламрави вилояти Кӯлоб эътироф карда намешаванд, эътибори қонунӣ надоранд. Шӯрои намояндагони халқи вилоят ҳамзамон ҳамаи корхонаю муассиса ва хоҷагиҳои қаламрави вилоятро тобеи худ гардонд. Намояндагони халқ талаб карданд, ки иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҷумҳурӣ дар ҷои бехатар гузаронда, дар он вазъи ҳозираи ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ муфассал муҳокима карда шавад. Инчунин дар қарори сессияи Шӯрои вилоят гуфта шудааст, ки ҳадафи ягонаи ҳамаи тадбирҳои мо танҳо барқарор намудани сохти конституционии ҳукумати дар асоси қонун интихобшуда ва мӯътадил гардонидани вазъи ҷумҳурӣ мебошад.

Вале Ҳукумати «муросои миллӣ» қарорҳои иҷлосияи Шӯрои вилоятро ба эътибор нагирифт ва ба эътибор гирифта наметавонист, зеро одамони ба ҳукумат шомилшуда бо роҳи ғайриқонунӣ сари қудрат омада буданд.

Ёдовар бояд гардид, ки аз нахустин рӯзи оғози гирдиҳамоиҳо то бад-ин рӯз Қурбоналӣ Мирзоалиев бо мардуми худ буд. Дар рӯзҳои сангин, ки ҷисму ҷонаш зери хатар буд, аз роҳбарияти ҷумҳурӣ, Ҳукумати «муросои миллӣ», Раёсати Шӯрои Олӣ, хоинони миллат таҳқиру таҳдид мешунид, ҳатто яке аз сарварони мухолифин Аслиддин Соҳибназаров ва ҳоҷӣ Акбар Турачонзода тавассути оинаи нилгун ва дар гирдиҳамоие бар алайҳи ӯ ҷанг эълон карданд. Ин марди бедордилу ботадбир лаҳзае ҳаросон нашуд, аз роҳи интихобидааш фаро нанишаст, балки ҷазмтару нишонрастар иқдом мекард, ки кард!

Матонати ин шоистамарди Хатлонӣ зимни фармудаи бузургон инъикоси хешро дарёфта:

Мард бояд, ки ҳаросон нашавад,
Мушкиле нест, ки осон нашавад.

Дар тамоми ҷамъомаду баҳсу вохӯриҳо мароми худу ҳамсафонашро пофишоронаву ҷасурона ҷонибдор буда, мегуфт: «Роҳе ки мардуми Кӯлоб пеш гирифтааст, роҳи ҳақиқат аст, чунки мардони хатлонӣ барои барқарор намудани ҳукумати конунии то 7-ӯми майи соли 1992 бархестаанд. На барои соҳиби мансабу ҳукумат гардидан ва ҷо ба ҷо кардани ҳамдиёрони худ. Ҳақиқат хоҳ-нохоҳ, пирӯз мешавад...».

Нисбати чунин ҷавонмардони миллат бузургон гуфтаанд:

Ё раб ниҳоли давлати ту сарфароз бод,
Дарҳои фатҳ бар рухи бахти ту боз бод.

Дар ҷавоби қарори Комиҷроияи вилояти Кӯлоб Ҳукумати «муросои миллӣ», Президиуми Шӯрои Олӣ ва сарони «демократияи исломӣ» фиристонидани маҳсулоти хоҷагии халқ ва хӯрокворирро ба шаҳру ноҳияҳои вилоят манъ карданд. Мардуми вилоят дар муддати зиёда аз 7 моҳ дар блокадаи иқтисодӣ монд. Вале ҷавонмардони боматонату боору номуси хатлонӣ ба Ҳукумати «муросои миллӣ» ва роҳбарияти Шӯрои Олӣ сар нафароварда, қотеъона борҳо изҳор намуданд: «Онҳо ба акнадаи худ устуворанд, омода ҳастанд, ки аз гуруснагӣ бимиранду ба хоинони миллат сар нафароранд».

Охир, қуҷост он ҳама адолат, канӣ имону инсоф, эй бедодгарону ҷанобони «демократ»?! Мардуми вилояти Кӯлоб ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои ҳимояи давлати қонунӣ камар баста, дар гирдиҳамоӣ иштирок карда буданд. Ба хотири дифои ҳаққу ҳуқуқашон, на аз баҳри ҷоҳу тахту кулоҳ! Вақто ки Ҳукумати «муросои миллӣ» ва А. Искандаров ба сари қудрат омад чӣ гуна, бо қадом асос онҳоро оппозисия ҳисобиду оппозисиро (Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократ, Қозиёт, ҳаракати мардумии «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон) тарафдори давлат»?!

Қобили шодбошист ки мардум гирди пешвоёну роҳнамоёни дурандешу матини худ Рустам Абдурахимов, Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафаров, Талабшоҳ, Саид Салимов, Сайфуддин Сангов, Ҷомӣ, Бӯриҳон Ҷобиров, Абдусалом Курбонов, Абдуназар Саидов, Қиммат Рустамова, Маҳмадшариф Шарифов, Муллохайдар Шарифов, Файзалӣ Саидов, Иброхимов муттаҳид мешуданд. Ҳар фарди ҷонсӯзи ин мавзеи мардхез чигуна силоҳе, ки меёфт, ба даст гирифта барои муҳофизати молу ҷону номуси худ аз мазҳаби «Ваххобия» ва нерухои «демократӣ» ба ситоди гурди миллӣ шомил мегардид.

Рӯзу шаб ситод пур аз одам буд, ки дар як муддати кӯтоҳ чандин ҳазор ҷавонон ихтиёран ба ситод омада номнавис карданд. Риккатбории масъала бад-он буд, ки аксари ин мардум

силоҳ надошта ба нерӯи ҷисм такя меварзиданду дар ҷустуҷӯйи аслиҳа буданд.

Мардуми вилоят нони даҳонашро ба сандуқи хайрияи Ситоди гурди миллӣ мегузошт, ки дар натиҷа як чанд миллион сум ҷамъ омаду онро барои нигоҳ доштани гурди миллӣ ва кӯмак расонидан ба хонадони шаҳидгардидагону бебизоатон ба харҷ мерасониданд.

Аз ҷониби дигар, ҳаводорони оппозисия — мазҳаби «Ваххобия» ва неруҳои «демократия» дар ҳама шаҳру навоҳии вилоят ситодҳои худро низ таъсис дода буданд, ки мардумро гумроҳ сохта, дар ситодҳо номнавис намуда бо силоҳ таъмин мекарданд ва ба муқобили ҳамдиёрону ҳамсоягон роҳнамун мекарданд.

Сарварони ситодҳои оппозитсияро дар вилоят узви шӯрои уламои идораи Қозиёти мусулмонони ҷумҳурии Тоҷикистон, сархатиби масҷиди вилояти Кӯлоб хоҷӣ мулло Абдураҳим бар уҳади худ гирифта буд.

Агарчи шумораи тарафдорони онҳо чандон зиёд набуд, зеро аксарияти мардуми вилоят хуб дарк карда буд, ки аҳли мазҳаби «Ваххобия» ва неруҳои «демократӣ» кистанд ва мақсаду маромашон аз чӣ иборат аст. Вале онҳо тайёрии бисёр муташаккили собиқадор доштанд, захиран яроқу аслиҳаи ҳозиразамонашон ва ҷавонони силоҳбадасташон дар ин мавзеъ зиёд набошанд хам то ба дандон силоҳпӯш гардонида шуда буданд. Ин аз он шаҳодат медод, ки оппозитсия солиёни дароз дар масҷидҳо ба ҷои тоату ибодат, тавбаву надомат кардан, розу ниёз гуфтан ба Оллоҳи таъоло яроқу аслиҳа ҷамъ карда ба шогирдон таълими ҷангу одамкушӣ меомӯхтанду ҳукуматдорон бехабар...

Натиҷа бад-он ҷо мерасид, ки вазъият рӯз то рӯз дар вилоят тезутунд мегардиду ҳар соат тағйир меёфт, ба гурӯҳҳо таксим гардидани мардум равшантар мегардид, шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи ҷавонони силоҳбадаст мунтазам иртифоти сифат мепазируфт, ки аз рафтору гуфтори онҳо яқинан ба зуҳур пайвастани ҷанги граждани амалӣ мегардид.

Ҷидду ҷаҳди сарварони гурди миллӣ, органҳои умури дохилӣ, роҳбарияти вилояту шаҳр ва ноҳияҳои Кӯлоб барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии вилоят, гирифтани пеши роҳи беадолатию қонуншиканиҳо ва огоҳ ҷанги бародаркуш бе оқибат мемонд...

Ҷонибдорони мазҳаби «Ваххобия» ва «демократияи исломӣ» аз зафарҳои зоҳирӣ мағрур гардида, аз рӯи дастури «марказ» ва «хорича» амал намуда, дар ҳама гузаргоҳҳо постҳои худро гузошта буданд, мақсади дар вилоят низ ба амал пайвастани ҳодисоти Душанбешахрро доштанд.

Дар ҳар гӯшаю канори вилоят амалиётҳои ҷангҷӯёна мегузарониданд, мардумони бегуноҳро, ки ақидаашон ба онҳо мухолиф буд, гаравгон гирифта, ба масҷид, ба назди сархатиб ҳочӣ мулло Абдураҳим барои истинтоқ ва тазйиқу таҳдид меоварданд. Ба кормандони умури дохилии вилоят мукобилият нишон медоданд, дар дил нақшаи дар Кӯлоб содир намудани табаддулоти давлатӣ ва сари қудрат омаданро доштанд.

Рӯзҳои охир рӯҳониёни иртиҷоъпараст ва демократҳои калбакӣ дар кӯчаҳои вилоят ошкоро бо силоҳ гаштугузор менамуданд, ашхоси гаравгоншударо таҳқиру таҳдид мекарданду азобҳои гӯшношуниди ҷисмониашон медоданд, дар дилу дидаи мардум ваҳму ҳароси зиёдтар реша медавонд, ноустуворукалавандагонро бо тарсу пӯписа ҷонибдори ақидаи худ мекарданд. Хулоса, бо ин роҳ вазъиятро боз ҳам муташанниҷ мегардонданд, дар ҳар гӯшаю канори вилоят тарафдорони мазҳаби «Ваҳҳобия» даст ба таҳдиду таҳқир ва гаравгон гирифтани мардуми бегуноҳе, ки ақидаи онҳоро ҷонибдорӣ намекарданд, мезаданд. Дар масҷиди ҳочӣ мулло Абдураҳим гаравгонҳо беасос «кофиру номусулмон», «душмани дини ислом» ҳисобида, таҳқир мекарданд, зарари ҷисмонӣ мерасонданд, ин ҳама дасисаву пуписаро бар асоси он ки гӯё онҳо дар гирдиҳамойии «кофирон» дар майдони «Озодӣ» ширкат варзидаанду хайрия додаанду дар гирдиҳамойии аҳли ислом, ки бо сарварии пешвоёни дини ислом баргузор гашта буд, иштирок накардаанд, ҳукми шаръӣ дода, ҷомаи амал мепӯшониданд!

Қормандони Умури Дохилӣ, Кумитаи Амнияти миллӣ ва додситонии вилоят натавонистанд, ки пеши роҳи оппозитсияро бигиранду гаравгон гирифтагонро наҷот диҳанд. Дар натиҷа гаравгонгирифтагон беному нишон гардиданд ва қисме аз онҳо аз тарафи мухолифини ғаддор ваҳшиёна ба қатл расонида шуданд.

Бинобар ин, Гурди миллии вилоят бо дастгирии кормандони Умури Дохилӣ барои наҷот додани мардуми беяроқу бегуноҳ ба мукобили каллабурроні «Ваҳҳобия» ва перӯҳои «демократӣ» бархестанд. Мардумро ба риоя намудани қонуну ҳуқуқи инсон даъват карданд. Борҳо нисбати амалиётҳои ғайриқонунии оппозисия мардуми шаҳри Кӯлоб гирдиҳамой баргузор намуданд, онҳоро даъват намуданд, ки гаравгон гирифтаҳоро озод намоянд, ки он сабабгори оғоз гардидани ҷанги бародаркуш нагардад! Вале ба онҳо ҷизе таъсир накард, чунки Ҳукумати «муросои миллӣ», ки бар асоси назари як идда тангназарони фарохӯри ҷаҳли мураккаб рӯйи қудрат омад, танҳо куштору қатлу ғорат ҷизи дигареро намедонисту фикр мекунам донистан ҳам намехост.

Натиҷа ин шуд, ки косаи сабри мардум лабрез гардиду корд ба устухон расид, задухурд миёни гурди миллии вилоят

(бо сарварии Саид Салимов, Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафарову Рустам Абдураҳимов, Талабшоҳ, Бӯрихон Ҷобиров, Ҷомӣ, Абдуназар Саидов) ва қувваҳои оппозитсионӣ бо роҳбарии хоҷӣ мулло Абдураҳим оғоз гардид. Ҳосили ин набард ҳамон шуд, ки чанде шаҳид гардид, масҷиди хоҷӣ мулло Абдураҳимро гирифта, гаравгон гирифтагоне, ки зинда монда буданд, озод карданд. Хоҷӣ мулло Абдураҳим бо як зумра сарбозонаш ғайб зад. Ҳангоми кофтуков гурди миллӣ ва ургонҳои маъмурии вилоят аз таҳхонаи масҷиди вилоят чизу чораи знёде ба даст даровардаанд. Аз ҷумла: доллари хориҷӣ, яроқу аслиҳаи ҷангии ҳозиразамони истеҳсоли хориҷӣ, 199 дона компютери истеҳсоли хориҷӣ, 53 дона машинаҳои дарздӯзӣ, шаш ҳазор дона дарзмоли баркӣ ва ғайра...

Вақто ки кору кирдори мухолифинро таҳлил менамоем, таърихи начандон дури халқи тоҷик ва хурӯҷи муллобачаҳои кутоҳандешу ҷоҳили мадориси Бухороро дар соли 1918 — беихтиёр ба ёд меорем, ки нишон низ бо баҳонаи «ҷадидкушӣ» қариб тамоми афроди соҳиби рӯҳияи пешқадам доштаро аз дами теғ гузаронида буданд. Шарҳи ин воқеаҳо дар «Ҷаллодони Бухоро»-и С. Айнӣ ва «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ, бисёр нишонрасу возеҳ тасвири худро дарёфта, ки имрӯз ҳам қобили андарз асту мояи бедордилӣ. Вале наход, ки гиридҳамомадагони майдони «Шаҳидон» ва ҷонибдорони онҳо думболи ифротиёни мазҳаби «Ваҳҳобия»-ро гирифта, аз сабақҳои талхи гузашта бехабар монда бошанд ва ночизтарин хулосае набардоштаанд.

Ба ҳамин тариқ, дар давоми знёда аз ду моҳ дар гӯшаю канори шахру ноҳияҳои вилоят муборизаҳову задухӯрдҳо идома дошт. Қувваҳои ифротии мухолифин аз роҳи пешгирифтаи хеш пасорӯ намеомаданд. Оппозитсияи марказ ва Ҳукумати «муросои миллӣ» бо сарварии ҷонишини раиси Ҳукумати «муросои миллӣ» Давлат Исмон аз тамоми воситаву имкониятҳо истифода карда, ҳаракат мекарданд, ки ба қувваҳои оппозитсияи амалкунандаи вилояти Кӯлоб ҳамаҷониба кӯмак расонанд, то он ки вазъияти он вилоят муташанниҷтару бесарусомонтар ва норозигии мардум бияфзояд, доираи ҷанги бародаркуш тавсия пазируфта забонаҳои шаробори оташи он дигар ноҳиҳои вилоятро ҳам фаро гираду мазҳаби «Ваҳҳобия» комилан сари қудрат биёяд. Барои амалӣ гардидани мақсади хеш Давлати Исмон, Шодмон Юсуф, хоҷӣ Акбар Турачонзода, Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Аслиддин Соҳибназаров ва дигарон бо сарварии разведчики корварзидаи дар деги разветкаи собиқ СССР обутобёфта, ҷонишини аввали Қумитаи Амнияти Миллии Ҷумҳурӣ полковник Ҷӯрабек Аминов тарҳу нақшаҳо мекашиданд, бо усули борҳо санҷидаи созмони «Ихвон-ул-муслимин» гурӯҳ-

ҳои террористӣ ташкил намуда, барои несту нобуд гардондани фарзандони садоқатманди вилояти Кӯлоб мефиристонданд.

Барои исботи ин андеша кифоя аст, ки ба хонандаи гиромӣ тафсили яке аз ҳодисаҳоро пешкаш намоям:

Роҳбарони оппозисия ба дастгирӣ ва кӯмаки бешоибан иддае аъзоёни Ҳукумати «муросои миллӣ», ба ҷои ба муросо, сулҳу салоҳ даъват намудани халқи ҷумҳурӣ гурӯҳҳои зиёди террористӣ таъсис менамоянд. Онҳоро бо яроқу аслиҳаи ҳозиразамон таъмин намуда, барои аз миён бурдани фарзандони сарсупурдаи миллат ба гӯшаву канори ҷумҳурӣ мефиристонанд. Яке аз чунин гурӯҳҳо бо сардории Исматчаи Кӯлобӣ (ноҳияи Совет) бо 47 нафар ҷавонони (хоинони миллат) хело обутобёфта дар 7-автомашинаи сабукрав, дуто автомашинаи боркаш ва якто автомашинаи «ёрии таъҷилӣ» барои гузаронидани амалиётҳои террористӣ ба вилояти Кӯлоб фиристода мешавад. Онҳо бо намудҳои гуногуни яроқу аслиҳаи ҳозиразамони худию хориҷӣ таъмину омодабош гардонида шуда буданд.

3-юми июни соли 1992 дастаи ҷиноятккори Исматча ба муқобили мардуми вилоят барои содир намудани террор камар мебанданд. Дар роҳ ба ситоди гурди миллии ноҳияи Данғара, ҳуҷум оварда 11 аъзои ситодро бесилоҳ мегардонанд.

Сипас, онҳо роҳи ноҳияи Восеъро пеш мегиранд ва ба ситоди гурди миллии ноҳияи Восеъ ҳуҷум мебиёранд. Дар натиҷа сардор ва аъзоёни ситод — ҷавонмардони бо нангу номус ва имондори ноҳия, ки баҳри таъмин намудани амнияти мардуми ноҳия ҷонсипор буданду ситод таъсис намуданд, панҷ нафар бо сарварии Рустам Абдуллоев, Рустам Сабзаев ва дигарон аз дасти хоинони миллат ба қатл расонида мешаванд. Он рӯз ноҳияи Восеъ ба майдони мотам ва шевану азо мубаддал гардида буд. Мардуми ноҳия барои ба хок супоридани ҷавонмардони ҷасуру сарсупурдаи миллат, ки баҳри муҳофизати мардуми бенаво камар баста буданд, гирд омаданд. Ҳар фарди боору номус нисбати ҷавонмардони шаҳидгардида ва ояндаи ҳамқавмону ҳамдиёрон ва билохира ҳаммиллатони худ чун моргазида мепечиду ашк мерезонд.

Ҷасади ин фарзандони содиқи меҳанро дар қабристони маркази ноҳия гузоштанд, ки ҳоло ҷаноза сар нашуда буд, боз дастаи Исматча бо 7 автомошини сабукрав, ду автомошини ёрии таъҷилӣ, ҷамъ 47 нафар туфангдорон пайдо гардида, ҷасади он панҷ ҷавонро тавассути видеокамера аксбардорӣ намуданд. Ин бешарафӣ ва қаллобиву фашистиро онҳо бо мақсади аз экрани телевизиони «мардумӣ» сӯиистифода намуда, гуноҳро ба гардани роҳбарони гурди миллии вилоят — Лангариев, Сангак Сафаров, Саид Салимов ва Рустам Абдураҳимову дигарон ҳавола намудан карданд.

Тахминан соатҳои 14—15 гурди миллии вилояти Кӯлоб бо роҳбарии Лангарӣ Лангариев (зиёда аз 30 нафар) ва ноҳияи Маскав бо роҳбарии Бӯрихон Ҷобиров, Абдусалом Қурбонов (20 нафар) расида омад, ки миёни онҳо ҷанги шадиде рӯй дод. Натиҷа бад-он расид, ки аз дастаи Исматча 21 нафар ва аз гурди миллии вилоят 1 нафар ҷавонмарди миллаташ рус аз дастаи Лангарӣ ҳалок гардид. Ҷанг то соати 18 идома дошта, пасон бо ҳазор мушкилот мактулшудагонро ба хок супориданд.

Дастаи Исматча аз роҳи кӯҳ ба тарафи ноҳияи Совет саргурез шуд. Сипас, барои нақот додани дастаи ҷиноятқор Давлати Исмон мансаби давлатиро сӯиистифода намуда, ба роҳбари ХОЗУ Умури Девони Вазирони Ҷумҳурӣ Баҳром Сангинов супориш медиҳад, ки аз ҳисоби Қабинети Вазирон ба ноҳияи Совет чархбол фиристонад. Баҳром Сангинов аз иҷрои супориши Давлат Исмон саркашӣ намуда мегӯяд: «Чархбол танҳо бо фармони сарвазири ҷумҳурӣ Акбар Мирзоев ҷудо карда мешавад, дар Қонун дар бораи Девони Вазирон ба ҷонишинҳои Сарвазир чунин ҳукуқу ваколатҳо дода нашудааст». Давлат Исмон суханҳои Баҳром Сангиновро шунида, таҳқиромезона гуфт: «Ҳоҷати гап не, вақташ мерасад, онаи зората дар Учқӯрғон мебинӣ!». Баъд аз 30 дақиқа Сарвазири ҷумҳурӣ Акбар Мирзоев ба Баҳром Сангинов сим зада, супориш медиҳад, ки фавран талаботи Давлат Исмонро иҷро намояд. Чархболро аз ҳисоби Девони Вазирон ба ноҳияи Совет фиристоданд. Дар асоси супориши Сарвазир Баҳром Сангинов 8-уми июни соли 1992, соати 17.45 дақиқа аз шаҳри Душанбе чархболи МИ-8 № 25168 дар ҳайати командир Т. Т. Сардоров, пилоти дуюм О. Т. Тоҷибоев, борт-механик Т. И. Қароматов ва инспектори инспексияи Умури авиацияи граждании Ҷумҳурӣ А.Б. Идрисов ба ноҳияи Совети вилояти Кӯлоб парвоз карданд. Бо ҳамроҳии онҳо чор пассажир бо роҳбарии Салимов, ки номаш аниқ нагардид, парвоз намуд. Инчунин бо супориши Раиси ҚАМ-и ҷумҳурӣ А. Солеҳбоев барои таъмини бехатариашон корманди ҚАМ-и ҷумҳурӣ А. Пиров ҳам парвоз кард.

Ҳангоми парвоз бо панҷ пассажире, ки барои ҳимояи дастаи ҷиноятқори Исматча рафта истода буданд, дар салони чархбол аз зери либосҳояшон бронижилет пӯшиданд.

Соати 18.30 дақиқа чархбол каме дур аз маркази ноҳия нишаст, ки А. Пиров бо яке аз онҳо дар дохили чархбол монду се каси дигар фаромада, ба тарафи деҳа рафтанд, ки ҳама намуди силоҳ бо худ доштанд. Дар давоми 15 дақиқа 5 каси дигарро аз дастаи Исматча оварда, ба чархбол савор карданд, ки яке аз онҳо аз дасташ захмин гардида буд, дигарӣ пушташро қапида мегуфт: «Хайрият, ки броножелет доштуму зинда

мондум, вагарна ба монанди 21 нафар аз сад чонам як чонам халосӣ надошт! Ҳамита задан, ки тир монанди жола мерехт...»

Баъд чархбол баргашта ба Душанбе парвоз намуд. Дар рох пассажирҳо хохиш карданд, ки боз аз ким-кадом қишлоқ дигаронро гиранд, вале командир розигӣ надод, чунки сарборӣ бар муқобили вазни муайяншудаи тартиби парвоз буд. Пас аз ин дар ноҳияи Совет аз тарафи хешовандони чавонмардони гӯрамаргшуда як идда хешовандони Исматча зери таъқиб ва ҳатто ба қатл расонида шуданд. **Нишондоди командири вертолёти МИ-8 Сардоров Т. Т.:** «8 июни соли 1992 пас аз иҷрои супориши ВКД-и Тоҷикистон аз ноҳияи Панҷ ба шаҳри Душанбе баргаштем. Ба онҳо супориши Девони Вазирони чумҳурӣ дохил гардид, ки фавран ба ноҳияи Совет парвоз намоянд. Бо экипаж барои парвоз ба истгоҳи вертолётҳо омад, ки пас аз якчанд дақиқа инспектори СОП Идрисов ҳамроҳаш панҷ нафар парвозкунандагонро овард, ки барояш ношинос буданд. Вале яке аз онҳо — Пиров А. корманди масъули ҚАМ-и чумҳурӣ буд, ки рақами телефони хизматиаш 27-56-80 мебошад.

Пеш аз оғози парвоз Пиров А. аз ПДСП бо телефон ба чонишини Сарвазири чумҳурӣ Давлат Исмон гуфт: «Аз гурӯҳи таъсискардаи Шумо барои парвоз ба ноҳияи Совет, ки аз шаш нафар иборат буд, яке бо сабабҳои номаълум ҳозир нагардид». Давлат Исмон фармон ба парвоз дод.

Соати 17.45 дақиқа (вақти Москва) вертолёт ба ноҳияи Совет парвоз кард, инспектори СОП Идрисов бо онҳо буд ва на дуртар аз шаҳрчаи Совет ба замин фуромад, аз он чо боз панҷ нафари дигарро гирифта, ба Душанбе баргаштем.

Рӯзи дигар, яъне 9.06.1991 с. ҳангоми сӯҳбат сардори СОП фурудгоҳи шаҳри Қӯлоб С. Табаров иброз намуд, ки 8.06.1992 с. онҳо аз ноҳияи Совет гурӯҳеро бо сарварии Исматча бо вертолёт ба Душанбе оварда буданд...

**Аз нишондоди Пиров А.:** «8.06.1992 с. бо фармони Раиси ҚАМ-и чумҳурӣ А. Солеҳбоев бо мақсади аз ноҳияи Совет овардани захмиёну часади дастаи Исматча, ки дар ҷанги ноҳияи Восеъ ҳалок ва захмин гардида буданд, бо вертолёти МИ-8 ба ноҳияи Совет парвоз карданд. Бо ӯ боз чор нафар бо сардории Салимов парвоз карданд...»

**Аз нишондоди сардори ХОЗУ-и УД Кабинети Вазирони чумҳурӣ Боҳирҷон Сангинов:** «8-июни соли соли 1991 чонишини Сарвазири чумҳурӣ Давлат Исмон бо мазмуни зайл ба ӯ супориш дод: «Ҳой, Сангинуф, фавран як вертолёта ба ихтиёри бачаҳои мун бидеҳ ба ноҳияи Совет бираванд, дар унча корай, фаҳмидӣ. Супориши мна тез ҳал бикун, агане корута чатоқ менум...

Дар чавоб ба Давлат Исмон қоидан додани супориш барои

чархбол танҳо ба фармони сарвазири ҷумҳури Акбар Мирзоев ба амал бароварда мешавад гуфта фаҳмонда додам. Суханҳои маро шунида бо ғазаб гуфт: «Ман, ки натонум я масъалара ҳал кардан, барои чи хун резонда мансаб гирифтум...»

Баъд аз 30 дақиқа сарвазири ҷумҳурӣ Акбар Мирзоев сим зада гуфт: «Фавран фармони Давлат Исмонро ичро намоед. Ба роҳбарияти умури граждании Тоҷикистон супориш диҳед, ки ба ноҳияи Совет чархбол фиристанд...»

**Ҳодисаи дуюм**: Дастаи оппозисия бо супориши Давлат Исмон ва Мулло Абдураҳим барои силоҳ аз ноҳияи Маскав ба сарҳади ҷумҳурии исломии Афғонистон гузашта буданд, ҳангоми баргаштан 3.07.1992 миёни онҳо ва сарҳадчиён дар заставаи рақами 7 задухӯрде ба вуҷуд омад. Дар натича, аз сарҳадшиканон 5 нафар дастгир, яке кушта ва як нафар мегурезад. Сипас, бо фармони А. Мирзоев, ҷонишинаш Давлат Исмон 4.07.1992 соати 10.45 дақиқаи вақти Маскав бо супориши № 25427 бо экипажи командир А. В. Мелкозеров, парвозкунандаи дуюм А. Каримов, ва бортмеханик Р. Хомидов бо чархболи МИ-8 ба ноҳияи Маскав парвоз менамояд бо мақсади ҷасади оппозисионеронро ба шаҳри Душанбе овардан. Соати 11.05 дақиқа чархбол дар фурудгоҳи ноҳияи Маскав ба замин фуромад, ки аз тарафи гурди миллии ноҳия бо сарварии Абдусалом Қурбонов дастгир гардид. (Баёноти Давлат Исмон, Ҷӯра Иномов, Аскак Гаиббов, А. Қурбонов, А. В. Мелкозеров, гузориши додситони наклиёти Тоҷикистон аз 6.08.1992).

Бояд ба таваҷҷӯҳи хонандагони гиромӣ расонд, ки вақтҳои охир Исматча бо дастааш макру фитна ва мақсаду мароми оппозисияро хуб дарк намуда аз онҳо рӯ гардонда ба гузарондани амалиётҳои чангии зидди оппозисия камар баст.

Дар аввалҳои моҳи октябри соли 1992 Исматча бо дастааш борҳо ба ситодҳои дар Душанбе амалкунандаи оппозисия ва ВКД зарбаҳои ҷасурона зад. Афсӯс, дар яке аз муҳорибаҳо ӯ дар шаҳри Душанбе аз тарафи дастаи мусаллаҳи оппозисия ба қатл расонда шуд.

Ҳамин тавр, дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб вазъият беҳад муташанниҷ мегардид. Дар ҳар гӯшаю канор задухӯрдҳо ба миён меомад, ки бинои рехтани хуни бегуноҳон мегардид... Бо вуҷуди ин, дар давоми зиёда аз се моҳ вилояти Кӯлоб аз тарафдорони мазҳаби «Ваҳҳобия» ва нерӯҳои демократӣ», ки даст ба таҳқиру куштани мардуми бегуноҳ зада буданд, тоза гардид. Дар он заду хурдҳо як чанд ҷавонмардони ҷасури гурди миллии вилояти Кӯлоб шаҳид гардиданд. Қисми зиёде аз ифротиёни қотилу разил аз шаҳру ноҳияҳои вилоят фирор намуда, ба назди пуштибонҳои худ: ба Қозиёти ҷумҳурӣ, Ҳукумати «муросои миллӣ» ва Президиуми Шӯрои Олӣ омада, гир-

диҳамой кардаву ёрию дастгирӣ талабиданд. Аз вазъияти ба миён омада устокорона истифода бурда, гумроҳонро Давлат Исмон ва ситоди «Наҷоти Ватан» дар Душанбе ҷамъ намуда, қисми зиёдашонро барои ҷангидан ба муқобили ҷавонмардони вилояти Кӯрғонтеппа мефиристод...

## НАВҲАИ ВАХШОНЗАМИН

Баъд аз ба имзо расидани Протоколи созиш миёни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон ва аҳзоби сиёсию ҷунбишҳои мардумӣ, мардуми вилояти Кӯрғонтеппа, ки ба тарафдории ҳукумати қонунӣ барои изҳори талабу ақидаҳои сиёсиашон ба майдони «Озодӣ» омада буданд, чун дигар мардуми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба сукунат ҷойҳои худ баргаштанд. Вале гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон» бар хилофи созишнома амал намуда, аҳдшиканона зери ҷомаи «демократияи исломӣ» худро «ғолиб» ҳисобида, бо истифодабарии машинаҳои зиреҳпуш ва силоҳҳои дигари оташфишон нагузоштанд, ки мардуми вилоят (Кӯлобию Ғозималикӣ, арабу туркман, ӯзбеку русзабонҳо ва дигарон) орому осуда ба хонаҳои худ баргарданд.

Дар шоҳроҳи Душанбе-Кӯрғонтеппа онҳоро зери тозиёнаи таҳқиру таҳдид қарор медоданд, ба мағлубият сарзаниш кардаанд ва чанд ҷавонмардро гаравгон гирифта, қисме аз онҳоро ба шаҳодат расонданд. Раиси колхози ба номи Сангак Сафарови ноҳияи Бохтар Муҳаррама Мирзоалиеваро дар роҳ дастгир намуда зери шиканҷаҳои зиёде ба қозиёт оварданд, худо ба дили касе аз он палидон раҳму шавқатро ато намуд, ки ӯ ҷон ба саломат бурд. Садо ва симои ҷумҳурӣ низ бо овози баланду фахромез онҳоро сарзанишу маломат мекард ва ҳамоно башараҳои талхфоме чун Ҳайити лаққагӯшу Аҳмадшоҳи Комили норасид варсокӣ мехонданд.

Чунин амалиётҳои кӯтоҳадешонаю ҷангхоҳонаи оппозитсия ва идораи Садою симои «мардумӣ»-и Ҷумҳурӣ сабабгори он гардид, ки мардуми бошарафу соҳибномуси сермиллати вилояти Кӯрғонтеппа аз рӯзи ибтидо ки аз майдони «Озодӣ» ва «Шаҳидон» баргашта буданд ба ду гурӯҳи ба ҳам муқобил тақсим шуда сангарҳо гирифтанд.

Дар сангар аз як ҷониб «демократияи исломӣ», ҳизби нахзати исломӣ, қозиёти ҷумҳурӣ, эшону уламоҳои мазҳаби «Ваҳҳобия», нерӯҳои «демократӣ», зумрае аз Ҳукумати «муросои миллӣ», Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ, хол-хол намояндагони аксари шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, вале қисми зиёди онҳо мардуми водии Қаротегин, Дарвозу Бадахшон ва мӯътақидони Қозии Ҷумҳурӣ буданд, ки дигаронро гумроҳ сохта ба худ «пайваста» буданд.

Гурӯҳи дигар ҷонибадорони майдони «Озодӣ», ки барои баён кардани талабу ақидаҳои сиёсии худ омади дастгирии холисонаи Ҳукумати қонунӣ барҳеста буданд. Ба ин гурӯҳ намояндагони халқу миллатҳои гуногуни тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дохил мешуданд. Бешубҳа, меъёри асосӣ дар раванди қисми ду сангар ҷудо гардидани мардум силсилаи сабабу муҷиботи хешро молик аст, аз ҷумла пайравӣ ба ғояҳои муайяни сиёсӣ, мансубият ба ин ё он ҷараёни мазҳабӣ ва аз ҳама муҳимаш пастии фарҳангу ба қавму қабилаҳо ҷудо будани тоҷик ва харобии маънавиёту иҷтимоиёти халқамон будааст, ки ҳаст!

Хулоса, вазъият дар шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Кӯрғонтеппа рӯз ба рӯз пуршиддат мегардид, ҳукумати маҳаллӣ фалаҷ гардида буд, марказии вилоят, ноҳияҳои гирду атрофи он оҳиста-оҳиста зери назорати оппозисия мегузашт, умури дохилии вилоят бо сардории полковники милиса Ш. Маҳрамов ошкоро «демократияи исломӣ»-ро ҷонибдорӣ мекард, Кумитаи амнияти миллӣ ва додситонии вилоят аз рӯи ақидаю маҳал ба тарафҳо тақсим шуда буданд, гурӯҳи мазҳабии «Ваҳҳобия» бо роҳбарии сардабири рӯзномаи Ҳизби наҳзати ислом «Минбари ислом» ҳоҷӣ Саиди Абдуллоҳи Нурӣ зери ниқоби тарафдорони дини мубини ислом мазҳаби Ҳанафӣ ва неруҳои «демократӣ» дар совхози «Туркманистон»-и ноҳияи Вахш эшону мулло ва қориёни Қуръону муллобачаҳоро ҷамъ оварда, ситоди Бародарони мусулмонро таъсис намуд. Ва дар як муддати кӯтоҳ ҷонибдорони зиёдеро ҷамъ овард ва онҳоро бо силоҳи ҳозиразамон таъминашон намуд ва дар ниҳоят «Урдуи миллии «Бародарони мусулмон»-ро ташкил намуда, ба таҳқиру таҳдиди мардуми бегуноҳ, ки ягона ҷурмашон, ҷонибдории майдони «Озодӣ» буд, юриш ба амал пайваст.

Онҳо аз рӯйи тарҳи андешидаву нақшаи кашидаи мушовирини дохиливу хориҷии хеш пай ҳам гирдиҳамоӣ мегузаронидану талаби ба истеъфо рафтани раиси кумиҷроияи вилоят — Абдулло Аҳмадов ва ҷонишинони ӯ Усмонқул Шокиров ва Исмат Эшмирзоевро мегузоштанд, сабаби наҳустини ин амал ҳамин буда, ки яке аз онҳо зодаи вилояти Ленинободу дигаре миллаташ узбек буд. Ба монанди майдони «Шаҳидон» ҳар кӯчое, ки хостанд постҳо гузоштанд, гаравгон гирифтани афроди тамоми ҷумҳурӣ ба ғайр аз мардуми водии Қаротегину Дарвозу Бадахшон ва дигар тарафдоронашон амали носавоб ва номардонаи ишон буд! Бо роҳи фишору зӯроварӣ додани қасам ба Қуръони маҷид (зан се талоқ) ва ғайра қисми мардуми водии Қаротегинро, ки бетараф буданд ё ақидаи онҳоро ҷонибдорӣ намекарданд, ба ҷониби худ кашида муттаҳид намуданд. Миёни мардум корҳои зиёди идеологӣ мебурданд, ашхосе ки

онҳоро тарафдорӣ намекунад бо оёту ҳадис ӯро кофиру муртад ҳукм мекарданд, дигареро тарс медоданд, ки агар бетараф истад, ҷонибдорони майдони «Озодӣ» гӯё онҳоро сар аз тан ҷудо месохта бошанд. Мардуми бечора, ки солиёни дароз ба ҷуз аз досу болға, белу каланд дигар чизе насибашон нагардидааву аз снёсат фарсахҳо дур буд, аз тарафи ҳукуматдорон касе ба онҳо чизе намефаҳмонд, роҳе нишон намедод, то ба кадом тараф рафтанашонро бидонанд.

Бар замми ин ургонҳои Вазорати Корҳои Дохилии вилояту ҷумҳурӣ, қисман Кумитаи Амнияти миллӣ, Ҳукумати «муросои миллӣ», аъзоёни раёсати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ акидаи оппозисияро комилан тарафдорӣ мекарданд: Кумитаи садо ва симои ба ном «мардумии» ҷумҳурӣ дар як шабонарӯз (24 соат) қабоҳатандешиҳову дасисаҳои талхвашонаи «демократии» оппозисияро муаррифӣ карда, ба таърифу тавсифҳои бардурӯғи нерокомез мепардохт. Мардуме, ки барои муҳофизати Ҳукумати қонунӣ бархеста буданд, чун кофиру номусулмон, авбошу ҷинояткор муаррифӣ мешуданд. «Падару модари» миллат амалиётҳои ифротиюни мухолифинро таблиғу тарвиҷ, бузургдошти «родмардон»-и ҷапдаст шеъру таронаҳои дурӯғин иншо менамуданд. Пешкисватони бо ном ҷабҳаи «мардумӣ»-ро ба пайғамбару роҳбари бебадал васф менамуданд. Наузамбиллоҳ! Як қиом олимону зиёиёни калованда ва снёсатмаобони мансабталоши беномус амалиётҳои «демократияи исломӣ»-ро ҷонибдорӣ мекарданд, дар тавсифи он ҷонзодҳо мақолаю ҳикоя иншо менамуданд, миёни мардуми фарсахҳо аз снёсат дур ғулғулаҳои «истиқлолу» «озодӣ» барин истилоҳоти ройгонро ба нархи зар ба фурӯш мезаданд. Ва аз ҳама ҷиҳати нозуку умда ба бадбахтии бузург маҳалгароӣ мағзу пайвандашонро таг ба таг мехурду ба афсуни (гипнози) қориёни қуръон: ҳоҷӣ Саид Абдуллохи Нурӣ, қорӣ Муҳаммадӣ, қорӣ Қиёмуддини ғозӣ, Қозикалони ҷумҳурӣ, эшону уламоҳо ва ҷандин муллочаҳои дигар афтиданду ба ин бадбахтии гӯшношуниду ҷашмнодид гирифтор шуданд, ки доғи он садҳо сол андаруни мағзу равони мардуми тоҷик мерасад!...

Ин камбудии нобахшудании ҳукуматдорону снёсатмадорон, зиёиёну рӯзноманигорон мардуми ҳирадманду бо фарҳанги ҷумҳурӣ буд, ки демократияи исломӣ битавонист бисёр саҳлу содда бо суханҳои сохтаю бофта як қисме аз мардуми ҷумҳуриро ба тангкӯчаи сарбастаи тақдир гумроҳона ба вартаи ҳалокату павмедӣ ворид бигардонад.

Ба пиндори ман таҳлили (асноду далоили) расмӣ аз он шаходат медиҳад, ки яке аз мӯчиботи асосие, ки мардуми мехнатдӯсти водии Қаротегину Дарвоз, вилояти ҳудмухтори Бадахшони кӯҳиро гумроҳ гардонид, афсуни «демократияи исло-

мӣ» ва мазҳаби «Ваҳҳобия»-ву созмонҳои маҳалгаро буд. Онҳо тавонистанд бародарони мӯъмину мусулмон, ҳамнишину ҳаммаром, нону намакхӯрдаро ба ҷанги бародаркуш водор намоянду ҷумхурӣ ва халқи бечораю рӯзнадидаи моро ба ин вартаи ҳалокату бадбахтӣ оваранд. Натиҷагирӣ аз ин бедодиҳо ҳамон аст, ки даҳҳо ҳазор шаҳид, садҳо ҳазор гурезаю ломакон гардиданд, модарону хоҳарон ашкрезону падарону бародарон ҷигарбирён гаштанд. Ин костагӣ ва лаънатдорӣ аз бетарафӣ ва ноҷавонмардии аксарияти уламову фузало — хоса зиёиён, «хирадмандону» курсинишинон ва сиёсатмаобони зодаи водиҳои Қаротегину Дарвозу Бадахшон сар зад. Аз кулли онҳо маъзарат мехоҳам, ба касе аз онҳо хусумате надорам, бадро ба худо месупорам, чаро ки сари мардумозорӣ надорам, вале каҷ нишастану рост гуфтан ҳунари мард аст, биноан таниҳо ҳақиқати дидаву шунидаамро менависам, то он ки минбаъд фарзандони сиддиқи ин навоҳӣ ва умуман Тиҷикистони азиз ба чунин каҷҳисобиҳову васвасаҳои шайтонии қабоҳатзо гирифтор нагарданд.

Барои исботи ин андеша ба таваҷҷӯҳи хонандаи гиромӣ чанде далелҳои раднашаванда пешниҳод менамоям:

Бе муболиға, дар марзи ҷумҳурии мо ва берун аз он шумораи олимону зиёён, хирадмандону курсинишиноне, ки авлодан аз водиҳои Қаротегину Дарвоз ва вилояти Бадахшон мебошанд, ба даҳҳо ҳазор мерасад.

Мардуме, ки моҳи сентябри соли 1991 дар майдони «Озодӣ» ва апрел — майи соли 1992 дар майдони «Шаҳидон» гурусначинишинию гирдиҳамоии карданд, киҳо буданд? Аксарияти ишои ва муассисону ташкилкунандагони он мардуми маҳалҳои номбаркардашуда буданд. Магар падару модар ё ҳоҳару бародари онҳо набуданд? Бале, бояд иқрор шуд, ки миёни онҳо тарафдорони мазҳаби «Ваҳҳобия», аз ҳукуматдорон ранҷидагону ҷиноятқорон аз дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ҷамъ омада буданд. Вале шумораи чунин афроди дигар маҳалҳо ночиз буд, ки раванди снёсати пешгирифтаи мухолифинро муайян намекарданд, умуман ин тоифаҳо тарошапорае буданд бар болои мавҷҳои азими дарёи қиёми «ҷунбиши мардумӣ», ки бемуттако лаппиш мехӯрданду оқибат ба канорҳои соҳили бемуродиҳо чун кафкпораҳо пош мегардиданд. На ном доштанду на пулу на нон.

Пас чаро зиёёни собиқадору пештозону пешвоёни онҳо рафтору кирдори хирадмандона накарданд?! Чаро ба падару модар ва хоҳарону бародарони худ нафаҳмонданд, ки гумроҳ нашаванд, фиреftаи суханҳои дурӯғину мансабталошонаи роҳбарони оппозисия, побанду гирифтори афсуни «демократияи исломӣ» нагарданд, ки ин ҳама оқибат ба ҷанги бародаркуш,

рехтани хуни инсон хоҳад овард?! Кучост он ақлу заковати тоҷиконаю имону хиради ҷавонмардона?!

Охир онҳо аҳли сухану қалам, китобу куллиётҳо буданд, соҳиби курсиҳои воломақоми давлатию ҷамъиятии ҷумҳурӣ ва берун аз марзи он буданд! Аз хони саховатпешаи ҳамин давлат нон мехӯрданд, мағзу устухонашон бо нони ҳалолу бефаши ҳамин халқу ҷамъият мустаҳкам гардида буд?! Пас чаро нон хӯрданду ба намакдон туф карданд, нисбати беҳбудию равнақу ривочи давлати навбунёдаш, ки чун тифле акнун қадаммонии мустақилонаро ёд гирифтан дошт, теша бар решааш заданд?!

Чаро адлу адолтаро ба зулму ҷаҳолат табдил доданд?! Чаро касе аз онҳо дар назди гирдиҳамомадагони майдони «Шаҳидон», бо садою симо ё рӯзномаҳои ҷумҳурӣ баромад накарда, ақидаи худро нисбати амалиётҳои роҳбарони мухолифин Ҳизби наҳзати исломӣ, қозиёти ҷумҳурӣ, Ҳизби демократ, ҳаракатҳои мардумии «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон) муайян накарданд. Ғаразноконаю мансабталабона будани нақшаи оппозисияро фош накарданд! Ҳамдиёрону хешовандон ва ҳамшаҳриёни худро ба тамкин даъват накарданд, ки ин иқдоми номубораку киёми ишон хатари ба нестӣ бурдани миллатро ба бор хоҳад овард! Ақаллан боре нагуфтанд, ки ба суханҳои бофтаю сохтаи роҳбарони ифротиюни мухолифин бовар накунанд зеро аз рафтору кирдори онҳо бӯйи некӣ зоҳир нест! Охир аз барои худо инсоф диҳед, инсон ба ҳама некномиҳо нойл гардиданаш амрест нӯрошаванда, вале оё ба хотири хушбахтии муште қаҷназарону кӯрдилон мумкин аст, ки аз баҳри зану фарзанд, хешу табор ва вичдону номус бигзарему ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем?! Ман мефаҳмам, андарзи Ҳаким Фирдавсӣ ҳамон вақт зарурат дорад, ки агар бар алайҳи миллату марзу буми тоҷик бегонае лашкар кашад. На баҳри соҳиби курсии мансаб гардидани чанд қаҷхисобе, оқи падаре чун Тоҳир Абдуҷабборов, Шодмон Юсуфов, Давлат Худоназаров, Акбаршоҳ Искандаров, Муҳаммадшариф Ҳиммат-зода, Давлати Исмон, Бозоралӣ Сафаров. Модоме ки хатто дар зиндагии шахсӣ ва оиладорӣ иддаи ин чопзодҳо муваффақ нашуда бошанд, чун метавонанд бори ғаму андуҳи зиёда аз панҷу ним миллионро бикашанд?! Ҳушёр бошед, ки пасашон мисли дарбеҳи обшустаю фарсудагашта хоҳад дарид!

Агарчи роҳбарияти ҷумҳурӣ борҳо аз зиёнёну соҳибмансабон хоҳиш карда буд, ки ба мардуми худ ҳақиқати ҳолро бифаҳмонанд онҳоро рохгум назананд, ба фиребу найранги мазҳаби «Ваҳҳобия» наяфтанд. Дар ниқоби неруҳои «демократӣ» зуҳур намудани иддае ифротиюн ва мушовирони беруназмарзии ишон танҳо ва танҳо қабоҳатбору шеванзо чизи дигаре нест!!

Охир агар зиёиёни асили мо, сиёсатмадорону курсинишинони тамоми зинаҳо дар асл тарафдори кору рафтори оппозисия намешуданду аз майдони «Шаҳидон» хешовандон ва ҳамдиёрони худро мекашиданд, имондорона мегӯям, ки дар майдон ба ғайр аз иддае бадмасту нашъманд ва аз таги дор гурехтагӣ дигар касе намемонд. Бетарафиву бепарвоӣ нисбати қисмати хеш моро ба чунин рӯзи мудхиш роҳнамуи сохт!...

Иловатан қисми зиёди зиёнёну сиёсатмадорон маслиҳатчӣ ва ташкилкунандаи гирдиҳамоиҳо гардиданд. Ҳар гоҳ ки Шодмони Юсуф, Муҳаммадшарифи Ҳиммататзода, Давлати Исмон, Давлат Худоназаров, Амирбеки Атобек, Саид Абдуллохи Нурӣ, Қиёмуддин, Қозии ҷумҳурӣ ҳочӣ Акбари Тӯрачонзодаро меҳмонданд, сандуқи синаҳоро фарох боз карда ишонро ба оғуш мегирифтанду ба таърифу тавсифашон камари номуборак бармебастанд. Балегӯёни дарбориро мемонданд.

Имрӯз бошад, пас аз он ки мардум бадбахту хокнишин ва бехонумон гардид, дар болои қабри даҳҳо ҳазор ҷавонмардони ҷасуру тифлакони нав ҷашм бознамуда, занону пирамардони рӯзнадида сабзаи ҳасрат дамид, роҳбарони ифротиюни «демократияи исломӣ» чун рӯбоҳону шаголон думҳоро миёни дупо андохта, паноҳ ба лонаҳои мушовирони берун аз марзиашон бурдаанд.

Зумрае аз хирадмандону курсинишинҳои ин водиҳо инак сар бардоштанд, гоҳо дар рӯзномаҳо навиштаҷоти онҳоро мутолиа карда, суханҳояшонро аз барномаҳои телевизор аз мавзеъҳои Комсомолободу Ғарм мешунавем, ки онҳо ба мақсади худро ба ҳукумати нав ширин кардан як порча чарми ғафсро ба чеҳраҳои хеш кашида, пардаи ҳаёву исматро дарронда бо эҳсосоти зоҳиран ҷолибе даст меафшонанду гардан ёзонида вазни калларо аз ин китф ба он китф ҳавола карда, чун «шер» мегурранд ва роҳбарони оппозисия, мардуми гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон»-ро маззаммату гунаҳкор месозанд. Беинсофӣ ва намакбаҳарамиро бинед, ки аз кардаҳояшон пушаймон набуда, хешро мусичаҳои бегуноҳ вонамуд месозанд. Вой бар ҳолатон, дурӯягон!!

Охир «хонашеру майдонғариб» будан ҳам ҳадду ҳудуд дошташт?!

Агар оппозисия ба мағлубият дучор намегардиду роҳбарони он аз Ватан фирор намекарданд, магар инҳо имрӯз чунин суханҳоро мегуфтанд?

Имондорона мегӯям, Не!!!

Чунин шахсонро дидаву суханҳои онҳоро шунида авзоям дигар мешавад, пеши чашмонамро пардаи сиёҳфоме мегирад. Афсӯс мехӯрам, ки ин тоифа ҷонзодҳо баҳри манфиати шахсӣ ба ҳеҷ хел пастиҳо ва қабоҳатҳо равонанд. Охир, эй номардон,

ба ҷои чунин варсоқихониҳо зарур нест ба мардум бигӯед, ки дар ин кушишхонаҳову валангориҳо ҳиссаи буздиливу корношоямии Шумо ҳам буда?!

Охир, дар он шабу рӯз, ки як идда мансабталабони мазҳаби «Ваҳҳобия» ва неруҳои «демократӣ», ки асосан зодаи як водӣ буданду дар ҷавҳари ҷони онҳо васвасаҳои шайтони лаъин ҷойгир шуда, мағзу пайвандашонро раг ба раг заҳролуди маҳалгароӣ намуда буд, ба кини мардум камари номубораки баставу ба сари мардуми бегуноҳу азияткашидаи ҷумҳурӣ сангу осиёбро гардон мекарданд, шумо сустниҳодон, ки ҳаловати хони муборaки давлати қонунӣ кардаед, куҷо шудед? Фарзандони баруманди ин водиҳо: Махсумов А. Н., Паллаев Г. А., Мирзоев Я. Г., Искандаров А. И., Назаршоев М. М., Қаноат М., Г. Сафиева, Аслонов Қ. А., олимону нависандагон, шоирону шахсони маъруфу бофарҳанг ва садҳои дигарон, ки дар гонбу ҳозирашон эҳтироми зиёд дорам ва хеҷ гох мақсади ба хаққи ишон шарик гардиданду касеро озор додан надорам, бо обрӯю эхтироме, ки эшон миёни ҳамдиёрону хешу ақрабо ва ҳаммиллатон доштанд, метавонистанд, ки чораҳое андешанду ҳақиқати холро ба ҳамдиёрони аз сиёсат дуру ба афсуни мазхаби «Ваҳҳобия» ва неруҳои «демократӣ» гирифторшуда бифаҳмонанд, ба роҳи росту кирдори росту иқдоми рост мардумро ҳидоят намоянд.

Вале бисёр таассуфу дард, ки қисме аз онҳо ба ин кори хайр камари хирад набастанд... Мутаассифона, қисми зиёди онҳо ба даҳон об гирифта, бетарафиро сармашқи амали худ интихоб карда, аз дур бо хисси ғаразнокона чун тамошобин нигарони он буданд, ки чӣ гуна халқи Тоҷикистон, миллати тоҷик ба тамом махв мегардаду давлати тозабунёди Тоҷикон чун тифли кӯчаки ҳануз рохгардиро наомӯхтаву ҳарфе ба забон наёварда зор бимирад!!

Иддае дигар ба андозае гирифтору мафтуни марази маҳалгароию мансабталошӣ гардида буданд, ки мағзу пайванди нозпарвардаи хабисашон намегузошт, ки заррае орому осуда бошанд. Аз тамоми роҳу воситаҳо истифода мекарданд неруе ба харҷ бидиҳанду коре бикунанд, чорае биандешанд, ки мардум гумроҳтару бесаранҷомтар ба майдон ворид гарданд, ҷамъият номӯътадилу халқ аз роҳбарияти ҷумҳурӣ харчи бештар норизо гардад, ва натиҷа бад-он бирасад, ки табаддулоте ба миён ояду оби лоёлуд ба лаби чӯй баробар гардад, то ин башараҳои талхваш безаҳмат моҳии тиллойӣ ба даст биёваранд.

Ҳама воситаро истифода мебурданд, ки ба оташи хомӯш гардиданстода боз алангаи нав афрӯзанду дуди он ба фалак бипечад. Боре шоҳиди як гуфтушуниде будам, ки шояд ба ин

кор аҳамияте надошта бошад, вале мехоҳам ба ёди азизон бимонад:

Тахминан моҳи феврали соли 1992-юм дар меҳмонии шахси бисёр мӯҳтарам бо академики АУ Тоҷикистон Акбар Нусратуллоевич Махсумов сари як дастархон нишастем, ки ӯро ҳамчун олими шинохта, сиёсатмадори варзида, мутахассиси чашмкордони соҳаи хоҷагии кишлоқ хурмату эҳтироми зиёд мекардам. Дар вақти сӯҳбат, пас аз саду нимсаду саргармиҳо яку якбора риштаи суханро кушода, мӯҳтарам академик Н. А. Махсумов бо як қаҳру ғазабе, бо як нафрате нисбати роҳбарони ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ бо забони русӣ гуфт: «Посмотрите, через два месяца в Таджикистане будет крупный взрыв, никто из Вас неостанется у власти! За это перед народом вы все будете в ответе и тот кто голосовал за избрания алкоголика Рахмона Набиева Президентом Республики Таджикистан!»

Дар ин сӯҳбат одамони зиёде, аз ҷумла Ноиби Президенти ҷумҳурӣ Нарзулло Дӯстов, марҳум Нурулло Хувайдуллоев — Додситони кулли ҷумҳурӣ ҳузур доштанд. Суханҳои ӯро шунида, дар қалъаи баданам ростӣ, галаи гургони гурусна ворид гардид, дилам фурӯ рехт, тоқатам тоқ, ҳолам дигаргуну забонам лол гашт ва ба худ андешидам: «Худоё, ин чӣ андешаи гӯшношунида, чӣ даҳшате буд, ки аз забони чунин шахси хирадманду ҳаётдида, олими барчастаи тоҷик, сиёсатмадори варзидаю пухта ба рӯй омад?!

— Чаро дар назди мардуми зиёди гуногунихтисос, гуногунмаҳаллу гуногунмиллат ин суханро гуфт?! Оё дигарон чӣ фикр мекарда бошанд?! Чӣ гуна ба суханҳои академик, шахсе, ки мағзу устухонаш бо нони ҳукумат, ҳизби коммунист ва халқи Тоҷикистон шах шудааст, баҳо медода бошанд?!

— Магар ин пошидани маводи нафтӣ ба оташ набуд?!

Магар ин роҳи гумроҳ сохтани мардуми аз сиёсат дур ва даъват намудани онҳо ба гирдиҳамоӣ, нобоварӣ ба роҳбарияти ҷумҳурӣ, содир намудани табаддулоти давлатӣ нест?!

— Магар ин даъват ошкоро изҳор намудан ба роҳбарияти нави ҷумҳурӣ, ки акнун бо ичрои вазифа камар бастаанд, набуд?!

— Оё ин ақидаи ӯ тахминӣ буд ё нақшаи аниқи кашидаи оппозисия?!

— Агар нақшаи кашидаи оппозисия бошад, пас чигуна дастраси академики мӯҳтарам Махсумов А. И. гардид?! Ё ин аз нӯги хамир фатире буд! Ё боде буд, ки аз тӯфони ба сари миллати рӯзнодида омада истода хабар мерасонд?!

Сипас, барои муайян намудани ҳақиқати талх аз ӯ пурсон шудам:

— Муаллими мӯҳтарам, Акбар Нусратуллоевич, Шумо пастию баландии ҳаётро зиёд дидаед, дар зинаҳои гуногуни сиёсат ифодаи вазифа намудаед, олими бисёр ҳам намоёну варзида ҳастед ва сарварии академияи улуми хоҷагии кишоварзии ҷумҳуриро ба душ доред, шифоӣ ё хаттӣ бигӯед, ки чи кор кунем, бо кадом роҳ равем, кадом корҳоро мадди назари аввал ба анҷом расонем, то давлати навбунёди Тоҷикистон, ки чун тифли навзод қадамҳои аввалин гузошта истодааст, натарқаду мардуми бенаво бадбахт нагардад. Охир, мо ҳама фарзандони ҳамин халқ ҳастем ва бо ин халқу бо ин обу ҳаво ва табиату хоки муқаддасаш зиндаем. Ва имрӯз мо чӣ гуноҳ дорем, бо хоҳиши мардуму амри худованди карим интихоб гардидем, ҳамагӣ ду моҳ мешавад, ки сари қудрат омадаем, ҳар чӣ ки аз дастамон меояд, карда истодаем. Биёед пагоҳ ҳамсӯҳбат бошем ва шумо таклифҳои худро бигӯед, то мо бе ёрию дастгирии шумо чораҳо андешему аз таркидан Тоҷикистонро боздорем. Ё ақидаи худро нисбати камбудии мо ва роҳҳои варастани ҷумҳурӣ аз бӯҳрони снёсию иқтисодӣ хаттӣ баён намоед, то ба иҷроиши он камар бандем. Агар нисбати Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев хусумате ё зиддияти шахсӣ дошта бошед, ба худи он кас бигӯед. Охир, халқ аз миёни пуҳ номзад Раҳмон Набиевро Раиси Ҷумҳур интихоб намуд, ки ба зиёда аз 58 — фоиз овозҳо сазовор гардид. Шуморо халқ эътироф накард, даҳ ҳазор имзо ҷамъ намуда аз қайд гузаштеду ҳамагӣ панҷ ҳазор овоз гирифтед. Инсоф намоед, биандешед, магар ба ин Раҳмон Набиев гунаҳкор аст?... Масъалаи шахсиятро бо давлат махлут сохтан кори сиёсатмадорон ва умуман мардон нест!

Аммо академик парда аз рӯйи розаш набардошт.

Яқинан, зери суханҳои ӯ чизе ниҳон буд, вале пардае, ки онро сарпеч карда буд, аз рӯяш бардошта нашуд. Ва он чакша дар кучо кашида шуда буд, нюаён монд, харчанд мантиқи солим сӯйи хулосаи даркорӣ мебурд...

Пас аз ду моҳ таърих шоҳид гардид, ки оппозиция нақшаи содир намудани **табаддулоти давлатиро** хело пештар кашида будааст, ки як шингиле аз онро академик А. Н. Махсумов барои мо «нброз» намуда будааст...

Далели дигар: Боре «демократи машҳур» Давлат Худоназаров, ки курсии мансабро шаб дар хобу рӯз дар хаёлаш медид ва зумрае аз роҳбарони собиқи Хизби коммунисти вилояти Ленинобод Мулло Давлаташ меномиданд, ба воситаи симои «мардумӣ»-и чумҳурӣ чунин изҳор карда буд:

«Гуфтам ва боз такрор мекунам, ки ҷанги граждани боядшавад, ки дар он 1,5 миллион одам кушта мешавад, ҳамин

қадар захмин мегардад ва боқимонда қашшоқона умр ба сар мебарад». Ҳамин қабоҳатро низ дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» (16 январи соли 1993) бармехонем.

Ва боз як мусоҳибаи ҷонишини раиси Ҳизби демократии Тоҷикистон, адабиётшинос, доктори илми филология, профессор Раҳим Мусулмонқуловро ёдрас карданием, ки борҳо дар гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» ва ахбори умум таъкид намуда буд: «Агар гуфтаҳоямон амалӣ нашавад, мо даст ба яроқ мезанем!» (Рӯзномаи «Заҳматкаш», 13—20 мая соли 1992).

Магар бо чунин суханҳои пур аз бадбинӣ ба халқу миллат, ба давлати навбунёди худ метавон вазъи ҷумҳуриро мӯътадилу халқи ӯро аз балоҳо эмин гардонд?! Не, ҳеҷ гоҳ! Агар сароб чунин бошад, вой бар ҳоли пасоб!!

Баъди чунин «мехрубониҳо»-и «демократҳо» ва мансабталабони ҷумҳурӣ чӣ гуна рӯзи хушро шаҳрвандон интизор шуда метавонистанд?! Ҳақ ба ҷониби пайғамбари дини мубини ислом — ҳазрати Муҳаммади Мустафо мебошад, ки дар ҳадиси 230—84 гуфта: «Чун аз касе бишнавӣ, ки мегӯяд: «Мардум ҳалок шуд», бидон ки ин одам худаш халқро ҳалок кардааст»!

Инчунин, боре дар сӯҳбат ва дар матбуот ҳам мутолиа карда будам, ки депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷонишини аввали Раиси ҳизби демократии ҷумҳурӣ, ноиби Сарвазири ҷумҳурӣ Аслиддин Соҳибназаров иброз дошт: «дар муддати 70 сол рохбарони ҷумҳуриро аз шимол меоварданд, ки ба сари дигар мардум чормағз мешикастанду ҳукмронӣ мекарданд... Акнун мо кӯҳистониҳои ҷануб ҳуқуқи сарвари ҷумҳурӣ шудан дорем...»

Вай як бори дигар бо воситаи оинаи нилгун гуфта буд: «Вақти он расидааст, ки мо ба мардуми Кӯлоб, ба раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб, депутати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Қурбоналӣ Мирзоалиев ҷанг эълон намоем». Ҳама бояд мусаллаҳ гарданд...»

Магар ин гуфтаҳои аъзои раёсати Шӯрои Олӣ Аслиддин Соҳибназаров даъвати рӯйрасту бепарда, вале бешармонаву беадабонаи ватанамонро ба гурӯҳҳо тақсим намудан, мардумро ба майдон овардан ва ба ҷанг даъват кардан нест? Оё ин қӯтоҳандешӣ ва рафтори кӯр-кӯронаву ҷаҳли мураккаб набуд?!

Суханрониҳои «номбардорони миллат»-ро таҳлил намуда, суханҳои ҳаким Унсуралмаолии Қайковусро, ки дар асари хеш «Қобуснома» гуфтааст, ба ёд овардам:... «Ва агар ба ҷойи халқ некӯӣ натавонӣ кардан, бори бади хеш аз ишон бозгор,

ки бузургтарини мардум ва чавонмардтарини касон он аст, ки чунин зияд, ки гуфтам, то ҳам дар дунё ва ҳам дар охират осуда бошад ва ҳарду ӯро бувад»

Роҳбарони як қисми ноҳияҳои вилояти Кургонтеппа, водии Каротегин, Дарвозу Бадахшон, хоҷагиҳои алоҳида амалиёти ғайриқонунии оппозисияро дастгирӣ намуда, мардуми камсаводу аз сиёсат дурро бо суханҳои бофтаю пур аз ғараз гумроҳ сохта ҳар ҳафта шумораи муайяни мардумро бо рӯйхат барои иштирок намудан дар гирдиҳамоӣ ба майдони «Шаҳидон» мефиристоданд. Онҳоро аз чиҳати хӯрок, кӯрпаю кӯрпача, чои хоб таъмин мекарданд. Майдони «Шаҳидон» ҳар рӯз пур аз мошинҳои боркаши собиқ вилояти Кургонтеппа ва ноҳияҳои водии Каротегину Дарвозу Бадахшон буд, ки бору одам меоварданду дастбурд мебурданд...

Ҳангоми сӯҳбат узви Ҳизби наҳзати исломӣ, иштирокчии митинги майдони «Шаҳидон» А. Раҳимов гуфт:

— Ман бо даъвати дигарон ҳамагӣ 10 рӯз дар майдони «Шаҳидон» иштирок кардам ва бо ақли дилам ва чашми сарам дарку мушоҳида намудам, ки нотиқон ва сарварони майдони «Шоҳидон» дар дил ғаразе доранду ҳамагӣ маҳалгарою мансабталабанд. Зеро баъзеи онҳо аз тариқи микрофон рӯчрост шарм накарда мегуфтанд, ки гӯё дар вилояти Ленинобод килои шакар 88 тин асту дар водии Каротегин 100 сӯм. Ҳол он ки шамоли бӯҳрони сахти иқтисодӣ дар саросари Тоҷикистони азиз яксон вазидааст. Ҳоло ман дигар дар ягон маҷлиси Ҳизби наҳзати ислом иштирок намекунам, яъне ман як нафар аз он фиребхӯрдаҳое хастаму бас. Аз он чиҳат худро фиребхӯрда мехисобам, ки мақсаду мароми ғаразноки сарварони ХНИ-ро пай набурда, дар ҳавои «агар касе дар гардиҳамоии майдони «Шаҳидон» иштирок намояд рӯзи қиёмат ҳафт нафар хешу таборашро аз гуноҳашон маҳфират намуда, дохили ҷаннат мегардонад» сармаст шуда ба Душанбе, ба майдони «Шаҳидон» рафтам...

Рӯзи панҷуми мои соли 1992 зиёда аз 700 нафар колхозчиёни колхози «50-солагии Октябр»-и ноҳияи Қубодиён, вилояти Кургонтеппа бо сардории саргрономи колхоз барои иштирок намудан дар гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» бо автомашинаҳо то Қизил Қалъаи ноҳияи Ғозималик омаданд. Роҳбарони вилояти Кӯргонтеппа Абдулло Аҳмадов, Усмонқул Шокиров, Исмат Эшмуродов ва дигарон пеши роҳи онҳоро гирифта, нагузоштанд бо мошинҳо ба Душанбешаҳр биёянд. Вале ба ҳаман он нигоҳ накарда, то шаҳри Душанбе бо парчамҳои «Озодӣ» ё «Марг ё Ғалаба», «Инқилоб» пиёдаву са-

вора омаданд. Охир, ба инҳо чӣ намерасид, кадом озодӣ лозим буд?! Бар кӣ ғалаба мекарданд?!

Бар Сафаралӣ Кенҷаев, ки бо амри худою гардиши фалак бо роҳи демократӣ баъд аз Раҳмон Набиев ба ҷои Қадриддин Аслонов миёнӣ се номзад интихоб гардида буд?!

Охир, як умр Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон каротегиннюю бадахшонӣ буд, ягон ҳисорию зарафшонӣ гирдиҳамоӣ ташкил накарда ва истеъфои касеро напурсида буд-ку?!

Номардӣ ҳам ҳадду канор доштагист?! Охир вазифа меросӣ нест — ку?! Ба тақдир тан додан ҳам камолоти инсонист!...

Шодмони Юсуф, Муҳаммадшарифи Ҳимматзода, Ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзода, Давлати Исмон, Давлат Худоназаров, Гулрухсор Сафиева, Тоҳир Абдуҷабборов, Амирбек Атобеков, Маҳмадаёз Навҷувонов, Мирбобо Мирраҳимов, Ғоибназар Паллаев, Бозор Собир, Акбаршоҳ Искандаров ва садҳо зиёёну мансабдорон ва олимони дигар, «падарону модарони миллат», ки оппозицияро муассис буданд, дар Ватани худ тухми низоъро миёни халқи тоҷик коштанд ва ҳаракати ифротиюни мухолифинро рохбарӣ мекарданд, бо суханҳои бардурӯғу тӯҳматзо мардумро ба ҷанг даъват мекарданд. Вале касе аз ҳамдиёрон ба чунин ашхоси мурдасирату одамсурат ва шайтон аз баҳри худо чизе намегуфт, аз кирдору рафтори хоинонаю разилонаи пештирифта нисбат ба миллати худ, халқи ҷумҳурӣ онҳоро боз надошт! Яке бетараф, дигаре дастгиру ҷонибдорашон гардид. Охир, моро одам офаридаанд на дад, пас дастандаркорони таърихофарин бошем, на табоҳкорону шабаҳи таърих!! Чуноне ки пештар зикр кардам, пайғамбарамон ҳазрати Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи васаллам дар ҳадиси — 112—37 беҳуда нагуфтаанд, ки «Маҳбубтарин ҷиҳод дар назди Худои таоло сухани ҳақ аст, ки ба рӯйи ҳоким ва имоми золим бидуни тарс гуфта шавад».

Охир, моро модарон шир додаанду сари болинамон китоби осмонӣ гузошта буданд, ки рӯзе номбардоронашон кори хайреро анҷом медиҳанд, дуое ба арвоҳашон аз хешу бегона ба ирсол мерасад. Эй бехабарони сиёсатмаоб! Ақаллан як бор чашм боз намуда мисрае нахондаед, ки мӯҷиби зиндагӣ чист ва сармояи маънавии одам кадом аст?!

Ба коми худ манеҳ зинҳор як ҷом,
Ки эмин нест доим марди худком.
Ба чашми шуҳрат андар дӯст мангар,
Ки душманком гардӣ, эй бародар.

Худоё, имрӯз ба иддае мансабталаб, ки хешро тоҷикони тоҷдор мехонанд чи шуд, ки барои курсии мансаб шуда аз

бахри иффату покӣ, номусу имон гузашта ба модару шири сафеди модар, ки ӯро ба дунё овардааст, ба Қуръони мачид, ки роҳи ин дунёву охиразамонро мунаввару муайян месозад, дурӯғин қасамҳоро ба забонҳо меоранду чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.

Имрӯз онҳое, ки сабабгори чунин хунрезиву, бадбахтиҳои халқи чумҳурӣ гардидаанд, чӣ гуна ва бо кадом рӯ ба чашми мардум менигаранд?! Фардо рӯзи қиёмат дар назди худову Расули барҳақ чӣ гуна ҷавоб мегӯянд?! Оё он ҷо ҳам ба башараҳои талхашон чармӣ шутур мекашида бошанд?!

Билохира, натиҷаи далелу санадҳо ва мушоҳидаи шахсӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки гурӯҳи хиёнаткор тайи солҳои охир барои бо роҳи табаддулоти давлатӣ ба сари қудрат омадан ва ба мақсади нопокашон расидан тайёрии чиддие дида, аз ҳеҷ гуна қабоҳат рӯй нагардонидаанд!

Онҳо тӯли даҳсолаҳо дар таҳхонаҳои масҷиду хонаҳои алоҳида яроқу аслиҳаи ҳозиразамон ҷамъ намуда будаанд. Аз хонаи худ бо ҳамсоя роҳи зеризаминӣ канда будаанд. Солҳои зиёде ҷавононро шабона дар ҷойҳои махфӣ аз «каратэ», самбо» истифодаи силоҳ, ҷасурию бераҳмӣ, бадбинию золимӣ ва дигарҳо «таълим» медодаанд. Ойди тасдиқи ин фикр ва нумуи «ахлоқи ҳамидаи ваҳҳобиён» сӯҳбати писарчаи дувоздаҳсола Нуралӣ Ҳомидовро пешкаши хонандаи арҷманд хоҳам кард, ки гуфтааст:» ...мо 52 нафар аввалин хонандагони мактаби динии «Скавтин», мазҳаби «Ваҳҳобия» гардидем. Дар он ҷо дар давоми чаҳор сол ба ғайр аз таълими дини мубини ислом боз чаҳор забони хориҷӣ ва тарбияи ҷисмонӣ, аз ҷумла самбо, каратэ ва дигар намудҳои ҳарбӣ танбатани шарқиро ёд мегирифтем.

Дар ин муддат ман аллакай метавонистам бо забони русӣ ва англисӣ ҳарф занам, ҳамчунин тарҷума кунам, чанд ояти Қуръонро аз ёд кардам. Боре муллои мо Абдураҳим гуфт, ки пагоҳ маросими ботантана ёд кардани савганд баргузор мегардад. Мо бояд аз вафодории худ ба дини мубини ислом ва ба муаллими хеш савганд мехӯрдем. Касе ки баъд аз ёд кардани савганд онро мешиканад, ӯ рӯзи охират ба ҷазои Оллоҳи таъоло гирифтор мешавад.

Рӯзи дигар мо ба Қуръони муқаддас, ба шири модар, ба хуни бародарону хоҳарон савганд хӯрдем. Савганд хӯрдем, ки ба ислом ва ба хидматгузорони вай вафодор хоҳем монд.

Ин рӯзе буд, ки ман бо кӯдакии хушбахтонаи худ хайрбод гуфтам. Рӯзи дигар вақте мо назди мулло Абдураҳим омадем, ӯ аз савганди хӯрдаи мо ёдовар шуд ва гуфт, ки аз ин

пас ҳар суҳан ва амри муаллим қонун аст ва онро набояд шикаст.

Баъд аз ин ӯ ҳамаро рухсати рафтан дод ва маро боздошт. Вақте ҳама рафтанд, ӯ дарро аз дарун баста ба ман амр кард, ки либосамро кашам.— Барои чӣ домулло? — пурсидам ман. Дар ҷавоб дашноми қабеҳ шунида шуд ва ман аз тарс либосамро кашидам. Мулло худро бар рӯи ман партофт ва таҷовуз кард.

Вақте бо мошини худ маро ба хона мебурд, даст ба гулӯям бурда гуфт, ки агар ба касе дар ин бора гап занам, маро марг интизор аст.

Модарам пурсид, ки чаро чашмонам сурх аст. Гуфтам, ки сахт лат хӯрдам, миёнам дард мекунад. Чанд рӯз дар хона хоб кардам, баъд огоҳ шудам, ки ҳамаи ҳамсинфонам ба ин бало гирифтор шудаанд...

Бар замми ин, муаллимони тарбияи ҷисмонӣ низ баъд аз дарс маро таҷовуз мекарданд ва кофирона маънидод мекарданд, ки гӯё ин организмро обутоб медиҳад.

Рӯзе расид, ки ба мо чун ба ҳайвонот нишона гузоштанд. Бар дасти чап бо корд аломати пилюс (ҷамъ+) буриданд. Аз захми ҳарф хун бисёр рафт, вале ҳеҷ кас парво надошт.

Дар «Скавтин» «нишонагузорӣ» давом дошт. Вақте ки захми дастам сиҳат шуд, ба ман нишонаи нав гузоштанд. Муаллимони риёкор моро бовар мекунонданд, ки ин нишонаи мардонагӣ ва шикебоӣ аст. Кордро дар оташ сӯзон карда ба пӯсти болои гӯши рост мегузоштанд».

Худоё, чӣ даҳшате! Чӣ мазҳабе!

Бори дигар тасдиқ гардид, ки суханҳои «ҷенерали мардумӣ» қорӣ Қиёмуддини Ғозӣ, Раиси Ҳизби наҳзати ислом Муҳаммадшарифи Ҳимматзода аз ҳақиқати маҳз дур набудаанд. Аз ҷумла Муҳаммадшарифи Ҳимматзода гуфта буд:

«...Бале, бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ороми Бурҳониддини Раббонӣ мо ҳам сӯҳбати якҷоя доштем ва ҳам танҳо ба танҳо. Сӯҳбат асосан аз ислом ва аҳли исломи Тоҷикистон буд:

«Аз ҷумла банда, ҳарчанд густохӣ буд, вале тоқатам тоқ шуду мисле, ки маслиҳат медода бошам, ҷудоиву ихтилофи муҷоҳидинро накӯҳиш кардам, зеро ҳамин ҷудоӣ буд, ки баъди шармандавор хориҷ шудани артиши давлати шӯравӣ режими дастнишондаи коммунистон тахти сарвории Наҷиб се соли дигар тавонист, ки ба сари исломиён ҳукм ронад.

Чуноне гуфтам, мо 15 сол аст, ки пинҳону ошкор дар мубориза бар зидди сохти давлатдории ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарвари он ҳастем. Бародарамро чаҳор сол пеш гӯё ба гу-

ноҳи хиёнат ба Ватан ҳабс карда буданд. Яъне ӯ маҳбуси сиёсист. Ҳоло дар колоннаи ислоҳотии ноҳияи Ёвон аст. Умуман, барои ман хандаовар ва хам дардовар аст, ки байни ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сарҳад бошад ва вақте бихоҳӣ, ки он тарафи дарё гузашта, хешонатро бинӣ, артиши Руссия иҷозат надиҳанд».

Бубинед органҳое, ки таъмини намудани амнияти давлати қонунӣ ва халқи онро бар зиммаи худ доштанд, қисме хиёнат ба халқ карду дигаре дар хоби гарон буданд!... Аз хиёнату душманӣ суханҳо мешунидандуг гӯш ба карӣ меандохтанд!

Масҷидҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят аз хонаи худо, ки бояд ҷои тоату ибодат, қироати Қуръони маҷид, гуфтани розу ниёз ба худованди кариму раҳим мебуд, ба хонаи сиёсат, ҷаҳолат, ташвиқоти зидди давлатӣ, тайёр кардани «урдуи миллии бародарони муслим» «мазҳаби ваххобия», як гурӯҳ тоҷикро зидди дигар тоҷикон шӯрондан табдил ёфта буданд! Агар чӣ он гумроҳгарон борҳо тавассути расонаҳои ахбори умум, аз ҷумла рӯзномаи «Чароғи рӯз» № 24—45—1992, ва Ширкати садою симои «мардумӣ» ба ҳукумати ҷумҳурӣ ва халқи он гӯшрас карда буданд:

«Ҳизби наҳзати ислом дар ҷумҳурии мо таърихи 15-сола дорад, ки аввалин маротиба дар совхози «Туркманистон»-и ноҳияи Бохтари вилояти Қӯрғонтеппа соли 1978 пардапӯшона бо номи «Созмони ҷавонон» — бародарони ислом» таъсис ёфта буд. Сарвари он ваххобимазҳаб, кории Қуръон ҳочӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ интихоб гардида буд. Мувофиқи ояннамааш ҳадафи ҳифзу густариши ахлоқи исломии мазҳаби «Ваххобия» ва муборизаи сиёсӣ барои ҳокимият буд. Созмон аз тарафи органҳои давлатию ҳуқуқӣ ба қайд гирифта нашуда бошад ҳам, амал мекард, касе амалиёти ғайриқонунии онро боз намедошт.

— Ҳарчанд мо дар вазъи душвор ва пинҳонӣ шурӯъ ба амалиёт намудем,— мегӯяд Ҳимматзода,— вале қариб дар хама навоҳиву деҳоти ҷумҳурӣ хамназарону ҳамроҳон пайдо намудем, ки садоқатмандона узви Ҳизби наҳзати ислом гардиданд. Давлати Исмон дар синни 21-солагӣ (1978) узви Ҳизби наҳзати ислом ва яке аз ташкилкунандагони он гардид. Қору амали онҳо асосан тавассути кутубу дастуроте, ки дастрасашон мегардид, аз хориҷа ба роҳ монда шуда буд.

Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон дорои 27 ҳазор урдуи номнавис мебошад».

Пешвои дигари маҳзаби «Ваххобия» ҳочӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ ҳангоми суханронӣ боре иброз дошта буд:

«Алалхусус, муомилаи мо бо ҷосусони Давлати Шӯравӣ дар охири солҳои 70-ум, баъди ба таври фочиавӣ аз байн

рафтани роҳбару устоди мо, яке аз аввалин муассисони Ҳизби наҳзати исломӣ дар Мовароуннаҳр, аллома Раҳматуллоҳ (Раҳматуллоҳу алайҳ) хеле тезу тунд шуд. Мо чавонон, ҳеҷ гуна худдорӣ карда наметавонистем. Аз он ки аллома Раҳматуллоҳро қасдан дар роҳ бо мошини боркаши КамАЗ пахш карда куштанд. Фардои рӯзи фочиа бояд мо дар яке аз маҳалҳои Душанбе вомехӯрдем. Алломаро ҳини ба вокзали Роҳи Оҳан наздик шудан 18,5 метр дур аз роҳи мошингард ба шаҳодат расониданд».

Аз ин суханронии пешвоёни мазҳаби «Ваҳҳобия» бармеояд, ки онҳо тайи 15 сол бо ёрию дастгирӣ, расондани кӯмакҳои моддию маънавии аз тарафи мазҳабу ҷамъиятҳои «Ваҳҳобия»-и «Ихвон-ул-муслимин»-и давлатҳои хориҷа дар паю мақсади аниқу равшан намудани усулҳои муборизаи бахри содир намудани табаддулоти давлатӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон будаанд.

Барои амалиётҳои зидди давлатиаш Саид Абдуллоҳи Нурӣ ба маҳкама кашида шуда буд, вале ҳукуматдорону Ургонҳои муҳофизати ҳуқуқ, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ ба ӯ соддалавҳона муносибат намуда, ба амалиётҳои хоинонааш баҳои ҷиддӣ надоданд, пеши роҳи сезмонро нагирифтанд...

Тавассути муҳассилини хориҷиву дигар роҳҳои хиёнаткоронаю разилона ба ҷамъиятҳои беруназмарзии мазҳаби «Ваҳҳобия», ки дар хориҷа сукунат дошт, роҳ ёфта онди усулҳои бурдани муборизаи задани теша ба решаи давлати қонунӣ мулоқот мекарданд, дастур мегирифтанд. Тамоми ин гуна ҷасту хезҳо аркони давлатро сусту фарсуда мегардонд. Таассуфовар ки роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ агарчӣ қонунҳои одаму одамгарӣ, хоҷагидориро хело хуб медонистанд, зери сарпарастии Иттифоқ хуб хизмат карданд, вале маълум мегардад ки мутаассифона аз илми сиёсату сиёсатмадорӣ, ҳиссиёти миллӣ, мустаҳкам намудани рукнҳои давлат, қонуну қонуншиносӣ бисёр ҳам дар зинаҳои паст ва ҳатто ноаён монда будаанд. Ишон танҳо дар даву този он буданд, ки фармони марказро бидуни чуну чаро оиди ҷамъ овардани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, саноати хом, ба базаи маҳсулоти хом табдил додани ҷумҳурӣ, ҷо ба ҷо кардани мансабталошони аз марказ фиристодашуда начакондаю нарезонда самаранок ба мавриди иҷро бирасонанд. Ургонҳои муҳофизати ҳуқуқи инсон, зидди ҷиноятқорӣ, таъмини амнияти давлат, муҳофизати марзи ҷумҳурӣ ба ҳоли худ гузошта шуда буд, касе аз онҳо чизе талаб ҳам намекард. Кӣ ҳам талаб мекард?! Роҳбарони ҷумҳурӣ ба марказ боварӣ доштанду марказ ба онҳо...

Алалхусус солҳои даврани «бозсозию», «ошкорбаёнӣ» қариб, ки марзи ҷумҳурӣ бесоҳиб монд, ҳар касу нокас мехост бе

ягон мамоният ба хорича сафар намуда манофеи шахсиву хонанаи хешро амалӣ мегардонд, дар он давра қозикалони ҷумҳурӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзода бо ҳамроҳии сарварони Ҳизби наҳзати ислом, неруҳои «демократии» ҷумҳурӣ ба қумондонҳои мучоҳидини Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Гулбуддини Ҳикматёр ва дигарон дар шаҳри Москва, ҷумҳурии Покистон ва ҷумҳурии Исломии Афғонистон мулоқотҳо доштанд. Вале аз ҳукуматдорони расмӣ ба касе маълум нест, ки онҳо чӣ гуна ва бо иҷозати кӣ рафтанд, оиди ҳаллу фасл ёфтани кадом масъалаи ба ҷумҳурии Тоҷикистону ба халқи он вобаста гуфтугузор намуданд?

Дар асоси кадом қонун роҳбарони ҷумҳурӣ, КБД, ВКД-и Тоҷикистон чунин шароиту ваколати мулоқот намудани онҳоро бо қумондонҳои мучоҳиди Афғонистон муҳайё намуданд?

Хол он ки кисме аз онҳо ба Ҳизби наҳзати исломи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдору кӯмакрасон буданд. Мақсади ин ҳизб бошад, ба ҳар як фард маълум — бо роҳи табаддулоти давлатӣ омадан ба сари қудрат буд! Давлат бояд сиёсати худро дошта бошад. Фаромӯш набояд кард, ки давлати бесиёсат ҳотаест бе дарвоза...

Албатта ин ҳама бадиҳо сабабҳои хешро моликанд. Муҳимтарин мӯҷиби чунин костагӣ аз он, ки чун Иттифоқи Шӯравӣ фалаҷу нотавон гардид, роҳбарони ҷумҳурии мо, ки ба давлату давлатдорӣ ва сиёсату сиёсатмадорӣ мустақилона тайёр набуданд, аз ӯҳдаи мустақилона ҳаллу фасл намудани масъалаҳои давлатию ҷамъиятии бамиёномада баромада натавонистанд, ноӯҳдабароию бемасъулиятӣ зоҳир намуда, чун пештара мунтазири тағои хеш буда фармони марказро чашмдор буданд. Ин гуна ноуҳдабароиии ишон алалхусус дар солҳои горбачевӣ тешаи марговар ба аркони давлати навзоди тоҷикон зад, ки зад!

Ҷои таассуфу зикр аст, ки солҳои пасон дар ҳайати роҳбарияти ҷумҳурӣ барои кори давлату давлатдорӣ мутахассисони ҳуқуқшинос, таърихшиносу сиёсатмадорони варзида ва ғайра тамоман дида намешуд, ҳамин ҷиҳат низ ба назари ман бадбахтии соҳаи давлатдории моро ба бор оварда, ки оварда!

Дар вақти ҷо ба ҷо кардани кадрҳо диққати асосӣ ба мутахассисони соҳаи хоҷагии қишлоқ равона мегардиду халос!

Боз дар бисёр мавридҳо принципҳои давлатдорӣ нисбати таълиму тарбия ва ҷо ба ҷо гузории мутахассисон аз тарафи давлатдорон вайрон карда мешуд. Кору амал аз рӯи маколи аввал хешу баъд дарвеш ҷорӣ мегардид, ки фардиятҳои бохираду фарҳанг ва сарсупурдаи миллат рӯи об намебароманданд...

Таҷрибаи давлатҳои пешқадами Шарқу Ғарб нишон медиҳад, ки дар дуруст идора кардани давлат ҳиссаи ҳуқуқшиносон, таърихчиён, дипломатҳо, сиёсатмадорон, иқтисодчиён ва умуман илми гуманитарӣ беҳад калон ва нихоят муҳиму ҳалкунанда будааст.

Вой бар ҳоли давлате, ки назорати давлатиро аз болои ургонҳои асосии худ: вазифаи дифоъ, адлия, умури дохила, кумитаи амнияти давлатӣ, додситонӣ, додгоҳӣ, таъмини марзу буми ҷумҳур ки пойдор мондани давлат ба онҳо вобаста аст, месупорад, ки фарсаҳҳо аз ин соҳаҳои ҳаётан муҳими давлатӣ дуранду фаҳми ибтидоии хизматию ҳуқуқӣ надоранд.

Агарчи мумкин, ки ӯ мутахасис ва ташкилотчии хуби соҳаи худ, сохтмончӣ, инженер, табиб, бизнесмен, ҷуйборкан ва ғайра бошад... Бояд ҳар мутахассисро аз рӯи ихтисосаш истифода бурд, ки меҳнаташ самаранок гардад. Охир чигуна метавонад сохтмончӣ ё роҳкан бо Забони қонуншиносон, харбиён ва ғайра ҳарф гӯяду унсурҳои бисёр нозуки онро дарку фарқ намояд?

Гурӯҳи сиёҳкор аз рӯй нақшаҳои кашидаи мазҳабӣ «Ихвон-ул-муслимин»-и давлатҳои хориҷа амал намуда чорахо меандешиданд, даву ғеҷ мекарданд, ки ҳарчӣ тезтар табаддулот намоянду сари қудрат биёянд. Ҳадафҳои зиддимардумиро амалӣ гардонанд. Кӯшиш ба харҷ медоданд, ки мардумро аз тараққиёти кунунии ҷамъият боздошта ба даврахои ғуломдорӣ ва феодалӣ партоянд. Идеологҳои онҳо аз рӯи тавсия ва адабиётҳои хориҷӣ вазъияти ҳаррӯзаро хуб таҳлил намуда, таклифҳои мушаххасу нишонрас пешниҳод мекарданд ва бахри амалӣ гардидани нақшаҳои худ мубориза мебурданд.

Натиҷааш ҳамин шуд, ки халқи гумроҳзадаю аз сиёсат бехабари чанд навоҳӣ дар симои мардуми Кӯлобу Ғозималик, Ҳисору Зарафшон, Қубодиёну Хуҷанд (Ленинобод), русу узбек, туркману қазоқ душмани ашаддии худро дарёфт. Миқдори маҳалҳои ноором ва шумораи мусаллаҳони гурӯҳҳои мухталиф рӯз ба рӯз меафзуд, вазъият бошад, соат ба соат муташанниҷ мегардид. Аз рафтору суханронии онҳо бӯйи ғализи ҷанг, ташнаи хуни бародар будан меомад. Эшонҳо, муллохо, кориҳои Қуръон, ҳоҷиҳо саллаю ҷомае, ки барои розу ниёз гуфтан ба оллоҳи таъоло доштанд, акнун табдили чеҳра намуда ба либосҳои сарбозӣ, тасбеҳе ки бо ҳар донаи он номи худоро ёд мекарданд, бо автомату пулемёт, гранатомёту норинҷҳои тарканда, ҳойи намозро бо машинаи зирехпӯшу танк ивази кардаву омодабоши ҷанг буданд. Гурӯҳҳои зархариде, ки аз хориҷа (латишу чичен, ҳабашу афғон, узбекони мазҳаби вах-

ҳобия, арабу паштун) оварда буданду дар зери таҳхонаҳо тайёрӣ медиданд, бо силоҳ таъмин намуда, харитаи ҷойгиршавии мардуми вилоят, деҳаю ноҳияҳоро ба онҳо мефаҳмонданд.

Худоё онҳо ба кӣ ҷанг мекарданд, киро мекуштанду аз хонаю зану фарзанд ҷудо месохтанд?! Ҳамон бародаронеро, ки дар як мактаб дах сол хонданд, бо ҳам ширинии ҳаёт, давраи бачагии худро гузаронидаанд, садҳо бор аз як дастархон нону намак хӯрданд, модари яке дигареро шир додаву меҳмони якдигар гардида, ҳатто хешованди худро.

Барои чӣ, барои кадом гуноҳ?! Ба даст силоҳ гирифта, дӯстони бачагии худро куштанду боре напурсиданд, ки ӯ чӣ гуноҳе содир карда буд.

Пеш аз он, ки ҳамсинфи худро сар аз тан ҷудо бисозанд, пӯсту нохун бикананд, гӯшу бинӣ бибурранд боре давраи бачагии худро ба ёд наовардаанд, аз нону намак ва падару модараш андеша накардаанд? Чӣ гуна яке душмани қаттоли дигаре гашт?! Хонаат сӯзад душман, тавонистӣ баҳри амалӣ гардидани мақсадҳои нопоки худ бародарро қотили бародари худ созӣ...!! Ҳазорон тифлаконро бе падару ҷавонзанонро бе шавҳар, падару модаронро ҷигарбирён кардӣ! Худоё, кундаи дӯзах маконат гардад «мазҳаби ваххобия»! Омин!!

Саволе ба миён меояд, ки гурӯҳи демократҳои зоҳириву рӯҳониёни иртиҷоъпараст дар асоси кадом оёти калом тасбеху Қуръонро ба автомату пулемёт иваз карда, ба сари миллати мӯъмину мусулмони худ ҷаллодҳои зархариди хориҷиро бо яроқу аслиҳаи ҳозиразамон овардаанд, ки бародарони ҳамхуну ҳамқавми худро оғуштаи хун гардонанд?! Бале, ҳаракати сулҳхоҳонаи одамони бохираду бамаърифати вилояти Кӯрғонтеппа ва дигар мавзеъҳо бенатиҷа мемонд. Вале косаи сабр лабрез мешуду корд ба устухон мерасид.

Ачабо!

Мардуми зиёди мавзеи Қаротегину Дарвозу Бадахшон, ки дар вилоят сукунат доштанд, ба андешаҳои пучи демократҳои шайтону мардумфиреб ва мазҳаби «ваххобия»-и курситалаб дода шуда буданд ва мақсаду маромашон ягона ба сари қудрат омадан буд.

Баъди аз гирдихамомадагон озод гардидани майдони «Шаҳидон» оппозиция бо хамроҳи худ, бо мақсади давом додани ҷанг ба вилояти Кӯрғонтеппа чаҳор мошинаи зиреҳпӯш оварданд. Яке аз он дар совхози «Туркманистон» зери итоати ҳоҷӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ, дигаре дар заводи пахтаи Кӯрғонтеппа таҳти итоати ҳоҷӣ Саидашраф Абдулаҳадов ва раиси Ҳизби наҳзати исломи вилоят Абдурасулов ва ду мошини зи-

рахпўши дигар зери итоати дастаи ҷенероли «мардумӣ» Қорӣ Маҳаммадҷон амал мекард. Онҳо дар кӯчаҳои шаҳри Калининободу Кӯрғонтеппа, ноҳияҳои Бохтару Вахш чун аспи гусасталаҷом девонавор аз як самти шаҳр ба самти дигар «парвоз» мекарданду мардуми ҷонибдори майдони Озодиро зери таҳқиру шиканҷа карор дода, ба даст афтодагонро гаравгон мегирифтанд. Мардуми бенаво илоҷе мекофт, ки роҳе биёбаду худро аз баду шарри оппозисия маҳфуз дорад, шабро ба рӯзу рӯзро ба шаб пайваста, роҳи гуфтушуниду сулҳу салоҳро мекофтанд, ки ҷанги бародаркуш оғоз наёбаду ҷомеаи навзод вайрон нагардад. Охир мардуми вилоят қатъи назар аз маҳаллу миллаташон бо ҳам дӯсту бародар буданд дар рӯзҳои бадуу неки якдигар бо ҳам буданд. Ҳайҳот, ин кӯшишҳо мисли оби рехтаро ҷамъ намудан буд, зеро иддаи шаҳрвандон чунон ба варсоҳихонии «демократҳои исломӣ» дода шуда буданд, ки ширу тухми мурғро снёҳ мепиндоштанду бо алфози сохтаю бофта нафарони сангари муқобилро номусулмон мехонданд.

Дар ҳадиси ҳазрати Муҳаммад оварда шудааст, ки «фосиқ» (бедин) се аломат дорад: «Фасодангезӣ, зиён расондан ба мардум, инҳироф аз роҳи рост». Амали иддае рӯҳониёни исломро дида кас дар ҳайрат меафтад: — Наход, ки эшонзодаҳо, қориёни Қуръон гуфтаҳои ҳазрати Муҳаммадро нахонда бошанд? Ва ё, наузанбиллоҳ, нодида бигиранд?!

Агар хондаю фаҳмида бошанд, пас чаро фасоду зиёнвариро мояи равнақи кори худ пиндоштанду тухми бадбинӣ ва шӯру ғавғо миёни мардум кориданд? Чаро онҳо мардумро ба ҷанги бародаркуш даъват карда истодаанд? Чаро хоҳони бо роҳи гуфтугузор ҳал намудани масъалаҳои ба миён омада нестанд?

Алқисса, рӯз ба рӯз вазъият дар шаҳри Калининобод, Кӯрғонтеппа, ноҳияҳои Бохтару Вахш муташанниҷ мегардид, ба гаравгон гирифтани тарафдорони майдони Озодӣ ҳамоно дар ҳар гӯшаю канори вилоят мушоҳида карда мешуд, ки қисме аз онҳо бе ному нишон ғайб мезаданд. Баъд аз чанд рӯз ҷасадҳои онҳо аз заҳбуру каналҳо, дохили пахтазору чариҳо бо гӯшу бинии бурида, нохунҳои дасту по канда ва абгору пораношуда аз тарафи кормандони додситонӣ бо сарварии додситони вилоят Қодирҷон Ҷабборов ёфт мешуданд. Вале барои бурдани амалиётҳои тафтишотӣ, муайян намудани шахсони ҷиноятқор шароит муҳайё набуд. Ҳама ҳаракату даву ғеҷҳои прокурори вилоят Қодирҷон Ҷабборов баҳри муҳофизати қонун, ҳуқуқи инсон бе оқибат мемонд. Ҳангоми гузаронидани амалиёти тафтишотӣ аз тарафи горди миллии оппозиция муфаттиши прокуратураи шаҳри Кӯрғонтеппа И. Ғайбуллоев ба

қатл расонда шуд. Барои ба гаравгон гирифтани додситони ноҳияи Қубодиён Қурбоналӣ Муҳаббатов, ёрдамчии прокурори шаҳри Кӯргонтеппа Мироҷиддин Камолов оппозиция чораҳо меандешид. Писари сардори шӯъбаи Назорати умумии додситонии вилоят Ниёз Қароқуловро гаравгон гирифта, талаб намуданд, ки агар додситони вилоят Қодирҷон Ҷабборов ба истеъфо наравад, писарбачаро ба қатл хоҳанд расонд.

Бо чунин роҳҳои номардона ва кӯмаки «наҷотбахшанда»-и мардуми Кӯргонтеппа Давлат Худоназаров, раиси комитети иҷроияи вилоят Нуралӣ Қурбонов додситони вилоят, депутати халқи Тоҷикистон Қодирҷон Ҷабборовро аз сари қудрат дур сохтанд. Чунин рафтори ваҳшиёнаи оппозиция чун маризии саратонро ба дигар ноҳияҳои вилоят таъсир мерасонд. Ин ҳама тарафи дигарро маҷбур сохт, ки баҳри таъмин намудани амнияти мардуми деҳаи худ гурӯҳҳои худмуҳофизатӣ таъсис намоянд, рӯзҳои аввал чунин гурӯҳҳо дар шаҳри Қалининобод бо сарварии марди шуҷоъу ҳақиқатпараст, сарсупурдаи миллат, раиси кумитаи иҷроияи шаҳр Шералӣ Мирзоев таъсис ёфт.

Бояд қайд намуд, Шералӣ Мирзоев аз ибтидои оғози майдони Озодӣ то имрӯз ақидаашро тағйир надода дар вазъиятҳои сангин халқи худро танҳо нагузошт, буридаи нонро бо онҳо тақсим карда, баҳри таъмини амнияти мардуми шаҳр ҷонбозиҳо намуда, борҳо дар муҳорибаҳои шадид ба муқобили гурди миллии оппозиция ширкат варзида, ҷавонмардию қаҳрамониҳои беназир нишон дод ва нагузошт, ки фундаменталистони дайдую демократҳои мансабталаб қадами номуборакии худро ба марзи шаҳри Қалининобод гузоранду онро ба хок яксон созанд. Бе чуну чаро хизматҳои ҷавонмардонаи Шералӣ Мирзоев аз тарафи халқ арзёбӣ хоҳанд гардид ва бесабаб нест, ки имрӯзҳо номи ӯ бо ҷасурию шуҷоаташ дар дилу дидаи мардуми шаҳри Қалининобод ва ҷумҳурӣ нақши муассир бастааст. Ва дар хаққаш дуои хайр мекунанд...

Чу оҳиз бувад ёр ёрӣ кунем,
Чу сахтӣ барад, ростгорӣ кунем...
Қасе гирад аз халқ бо мо қарор,
Ки бошад чу мо поку парҳезкор.

Баъдан чунин ситодҳо дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят таъсис ёфтанд. Рӯзҳои аввал онҳо бо чӯбу калтак ва якчанд мил туфанги шикорӣ мардумро муҳофизат мекарданд...

Акнун садои силоҳ ҳар рӯзу ҳар шаб ба гӯш мерасиду зиёд мегардид, террори фардӣ авҷ мегирифт, мардум сари калобаашро гум карда, ба воҳима афтода буд. Горди миллии оппозиция дар кӯчаҳои вилоят бо силоҳҳои (автоматҳои «43»-и ис-

техсоли ҷумҳурии исломии Покистон ва снайпер) ошкоро мегаштанду ба таъқибу куштани мардум даст меёзониданд. Қормандони умури дохилӣ ва амнияти миллии вилоят ба онҳо чизе намегуфтанд. Умури дохилӣ бо сарварии полковник Махрамов дастгирию тарафдорӣ мекард, бе сару сомонӣ авч мегирифт. Мардуми вилоят аз тарсу воҳима кӯч баста, тарки Ватан мекарданд, ҳукуматдорон чун пештара фориғболу ноӯҳдабаро чун бечорагоне буданд ва ростӣ акнун мардуми сарсону саргардон бе роҳбару пешво монда буд. Беқонуниятию бесарусомонӣ гӯши фалакро кар мекард.

20 мои соли 1992 нисбати амалиётҳои ҷангҷӯёнаи оппозиция мардуми ноҳияи Вахш бо сарварии марди ҷасуру шуҷоъ Файзулло Қувватов, ки қони худро зери хатар гузошта, баҳри муҳофизати сокинони ноҳия камар баст, гирдиҳамоӣ гузаронида, ба Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев ва мардуми Тоҷикистон Мурочиатнома қабул карданд, аз ҷумла талаботҳои зеринро пешниҳод намуданд:

1. Ба воситаи телевизиони ҷумҳурӣ баромади мустақими Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев оид ба вазъи ҳозираи ҷумҳурӣ ташкил карда шавад.

2. Қарори ғайриқонунии Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон онди аз вазифа сабукдӯш кардани Сафаралӣ Кенҷаев бекор карда шавад.

3. Баромади Сафаралӣ Кенҷаев ба воситаи телевизиони тоҷик ташкил карда шавад.

4. Сессияи навбатии Шӯрои Олии ҷумҳурӣ дар маркази вилояти Ленинобод ё дар маркази ноҳияи Ёвон даъват карда шавад.

5. Масъали ташкили гвардияи миллӣ аз рӯи ба назар гирифтани манфиатҳои тамоми миллат ва халқияти ҷумҳурӣ ба амал оварда шавад.

6. Кори Садо ва симои тоҷик ба назорат гирифта, яктарафа нишон додани воқеаҳо бас карда шуда, барои баромади иштирокчиёни майдони «Озодӣ» вақти эфирӣ ҷудо карда шавад.

Вале талабу дархости мардум чун пештара бе оқибат монд...

Файзулло Қувватов ягона раиси кумитаҳояи ноҳия буд, ки аз дӯғу даранги мухолифин наҳаросид, ақиддаашро дигар накард, кӯч баста тарки ноҳия накард, халқашро танҳо нагузошт, баҳри таъмини амнияти сокинони ноҳия чорабиниҳои зиёде андешид, ҷавонони нотарсу ҷасурро гирди худ муттаҳид сохта, горди миллии «Начоти Вахш» таъсис намуд, борҳо дар задухӯрдҳо иштирок намуда, мардонагӣ нишон дод.

Борҳо бо кӯмаку мисдараваи раисони кумитаҳои ноҳияи Вахш Файзулло Кувватов ва шаҳри Калининобод Шералӣ Мирзоев намояндагони ҳарду тараф изҳори ақида намуданд, то ки ба ҳулосае биёянду кудурати оғози ҷанг, гаравгон гирифтани мардум ва ташкили террори фардиро аз миён баранд ва чун пештара дар сари як дастархон нишинанду кӯрок бихӯранд ва аз пан кору зиндагӣ шаванд. Вале суханону қавлу ахди ҳомиёни мазҳаби «Ваххобия» ва неруҳои «демократӣ» дар амал мухолиф мебаромад. Бо ҳар фитнаю дасиса, баҳонаҷӯӣ аз пан он буданд, ки роҳе биёбанду ба оташи газаби мардум маводи тарконандае пошида, ҷангро оғоз намоянд.

Ситодҳои мухолифин дар савхози «Туркманистон»-и ноҳияи Вахш, шаҳри Қалининобод, масчиди вилоятӣ, ки сардораш эшони Саидашраф Абдулаҳадов буд, шӯъбаи сеюми совхозтехникуми ба номи Куйбишеви ноҳияи Бохтар, ноҳияҳои Колхозобод, Қумсангир, Ҷилликул муташаккилона амал мекарданд.

Гурди миллии оппозисия стадиони «пахтакор» шаҳри Кургонтеппаро зери итоати хеш дароварда рӯз то шаб ошкоро машқҳои ҷангӣ мегузарониданд, ҳама бо силоҳҳои ҳозиразамони худию хориҷӣ мусаллаҳ гардонда шуда буданд. Онҳоро кормандони Умури Дохилии вилояту вазорат ва мутахассисони хориҷӣ ошкоро таълими ҷангӣ медоданд. Ба онҳо аз Вазорати Қорҳои дохилии ҷумҳурӣ панчто машинаи зиреҳпӯш дода шуд. Бо роҳбарони дастаҳои оппозисия хоҷӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ, эшони Саидашраф, мулло Асомуддин, мулло Қиёмуддини Ғозӣ, ки либосҳои муллоиро ба низомӣ иваз карда буданд, зери назари мутахассисони дохилию хориҷӣ ошкоро тарзи кори машинҳои зиреҳпӯшро меомӯзонидand. Яъне дар вилояти Кӯргонтеппа оппозисия якқавлаву муташаккилона тайёрӣ ба ҷанги бародаркуш мединданд. Чунин вазъиятро дида кас дар ҳайрат мемонду ба худ меандешид: — Худоё, онҳо тайёрӣ дида, бо кӣ ҷанг мекарда бошанд?!

— Бо ин тиру туфанг хонаи киро оташ зада, киро мекушта бошанд?!

— Наход, мӯъмину мусулмон, эшону қориёни Қуръон то ба ин андоза кӯрдилу ваҳшӣ, худобехабар гардида бошанд, ки тир ба синаи бародару мех ба чашмони падар бикӯбанд?!

— Охир, дини мубини ислом мардумро аз руйи гуфтаи Расули Акрам тарбия менамояд, аз кори баду рафтори бад эмину маҳфуз медорад, ба дили поку забони тоза доштан ҳидоят менамояд, мардумро аз иблисиву даду девӣ ба марзи фариштагӣ мекашонад! Дар ҳадиси 159—304 Муҳаммади Мустафо

саллолоҳу алайҳи ва олиҳи васаллам омадааст: «Эй бандагони Худо! Ба якдигар бародар шавед, якдигарро озурда на созед».

Пас чӣ шуд, ки тарғибгарони сустиҳоди дини мубини ислом — эшону эшонзодагон, қориёни Қуръони маҷид ва хомиёни дин дар ҷумҳурии мо аз муқаддасоти фариштагон ба чордевории валангори девӣ, даррандагиву хунхорӣ иқдоми номуборак намуданд.

Айбдор кист?!

Иштибоҳ дар куҷост?!

Агар воқеан ишон умматони ҳазрати Муҳаммади мустафо мебуданду аз рӯи мазҳаби Имоми Аъзам амал мекарданд, оё имкон доштанд, ки бар хилофи оёти Қуръону ҳадиси пайғамбар даст ба бадбахтиҳову даду девиҳо биёзонанд?! Не, ҳеҷ гоҳ!

Оре, холабеғамиву ноустуворӣ ва сустиҳодии роҳбарони ҷумҳурӣ, ки ба ҳоли мардуми бенаво аҳамияти зарурӣ надода, чун мулозимони ноустувор ба дастбусии султони тоза мешитобиданду умеди волояшон танҳо нигоҳдории мартабаи хеш буд, ин ҳоли табоҳро ба бор овард. Онҳо худҳоро чун ҷавобгари таъмини амнияти мардуми ҷумҳурӣ баҳри мӯътадилии вазъияти ба миён омада ба дарк намегирифтанду қадаме ба пеш намегузоштанд.

Рӯз ба рӯз косаи сабри мардум лабрез мегардиду шумораи ба шаҳодат расидани мардуми бегуноҳ меафзуд. Дар маҷлиси расмии вилоятӣ уламоҳои мазҳаби «Ваҳҳобия» бо сардории ҳоҷӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва эшони Саидашраф Абдулаҳадов мардумони бегуноҳро кофиру дӯзахӣ ҳисобида, ҳукми «шаръӣ» содир менамуданду дар ҳаммоми совхози «Туркманистон» онро ба мавриди иҷро мерасониданд. Ҳамчунин ин амали табоҳ дар дигар нуқоти вилоят доман паҳн карда буд. Тарзи иҷрои ба қатл расониданро ҳоҷӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва раиси Ҳизби Наҳзати исломи вилояти Қӯрғонтеппа қории Қуръон Абдурасулов бо роҳи сӯҳтан, гӯшу бинӣ буридан, дар буғи ҳаммом нигоҳ доштан, ба даҳони инсон муми сӯзон реҳтан, пӯст кандан, нохуни дасту по кандан, бадани инсонро бурида намак пошидан ва ғайра муайян мекарданд ва барои иҷрояш ба ҷаллодон фармон медоданд. Охир, ин амалиёти онҳо аз руйи кадом оёту сураи Қуръону ҳадиси пайғамбар Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст?! Магар онҳо ба чунин аъмоли зишташон мусулмонанд?!

Намедонам...

Беҳуда Басирӣ нагуфтааст:

Эй дил, ту чаро ба айб субҳон нашудӣ,
Аз кардагуноҳи худ пушаймон
нашудӣ.
Мулло шудию муддарису
донишманд,
Ин чумла шудӣ, чаро мусулмон
нашудӣ!

Дар кадом фармудаи Оллоҳи таъоло чунин ваҳшониятро муслимин нисбати мусулмон раво дидаанду шаръӣ ҳисобида. Бале, ёдам ин лаҳза аз ҷониби уламои сустниҳоди Ҳалаб пўшканнии Насимии Шервонӣ — шоири асри миёнагии Озарбойҷон меояд.

Дар ҳадиси 129—90 Ҳазрати Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу алайҳи вассалам омадааст: «Чун муслиме ба муқобили бародари мўъминаш силоҳ бардорад, фариштагони худо ўро лаънат мекунанд, то замоне, ки ин силоҳро ба ҷояш бигзорад»...

Дар миёнаҳои моҳи июни соли 1992 қассобони оппозисия падари Файзалӣ Саидов бобои Қурбони 65-соларо аз бозорчаи назди ТЭС-и шаҳри Қўрғонтеппа гаравгон гирифта, ба ҳаммоми (қассобхонаи!) совхози «Туркманистон» бурданд. Аз ин ҳодиса Файзалӣ бохабар гардид. Ў дар шўъбаи 1, совхозтехникуми ба номи Куйбишев барои муҳофизати мардум ситоде бо номи «Гурди Файзалӣ», ки ҳамагӣ на зиёда аз 10 силоҳ доштанд, таъсис намуда буд. Мақсаду мароми дастаи Файзалӣ — ин муҳофизати зану мард, хонаю дари сокинони совхозтехникуми ба номи Куйбишев буд. Файзалӣ дар фикру хаёли он буд, ки бо роҳи гуфтушунид бо мухолифин роҳи ҳаллу фасли масъалаҳои ба миён омадаро меёбад, дўстиву бародарии собиқаро ба ёдашон меорад. Охир Рўдакии бузург беҳуда нагуфтааст:

Чун теғ ба каф орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики худованд бадӣ нест фаромушт.

Ҳамаи мо мусулмон ҳастем, солҳои дароз ҳамсоя будем, дар як масҷид намоз мехондем, аз як ҳаво нафас мегирем, пас сабаби кину адоват варзидан, якеро гаравгон гирифтан, дигареро куштан чист?

Афсўс, ки даъватҳои Файзалӣ ва ҳамфикрони ў ба гўши оппозиция маъқул наомад...

Бинобар ин худи ҳамон шаб бо мақсади аз марг наҷот додани қиблагоҳаш аз ҷонибдорони мухолиф 40 нафарро гаравгон гирифт. Рўзи дигар бо маслиҳати тарафҳои мухолиф, ки ваъдаи қатъӣ доданд, ки падарашро сиҳату саломат ҷавоб медиҳанд, Файзалӣ Саидови якқавлаву якзабона ба суханҳои

Падари Файзалӣ Саидов — бобои Қурбони 65-сола, ки дар ҳаммоми «Туркманистон» вахшиёна ба қатл расонда шуд.

Файзулло ҚУВВАТОВ,
раиси кумитсояи нохияи Вахши вилояти Кӯрғонтеппа.

Шералӣ МИРЗОЕВ,
раиси кумиҷроияи шаҳри Калинободи вилояти Кӯрғонтеппа.

Кодирҷон ҶАББОРОВ,
собиқ додситони вилояти Кӯрғонтеппа, депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ёқуб Салимов, таваллудаш 1958, миллаташ тоҷик, соҳиби ду маълумоти олӣ: 1983 Донишкадаи Варзиш ва соли 1988 факултаи иқтисодии Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистонро хатм намудааст. Вазири Умури Дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал майёр мебошад.

Бозор Шовалиев, таваллудаш 27-марти соли 1960, зодаи шаҳраки Вахш, миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна, сохиби оила ва панҷ фарзанд (Зоҳуршоҳ, Амиршоҳ, Муборакшо, Шахноза ва Шоҳбоз) мебошанд. Дар муассисаи наклиёти автомобилии № 26 вазифаи устои таъмиргари аккумуляторҳоро ичро мекард. 20 июни соли 1992 соатҳои 3 шаб гурди миллии мухолифин бо дастгирии дастгоҳои алоҳидаи ВКД, бо техникаи вазнини оташфишон ба совхози «Вахш» ҳучум оварда.

Бозор Шовалиев, ки вазифаи қумондонро ба ӯҳда дошт, мукобилият нишон дод. Дар задухурдҳои минбаъда ҳалок гардид.

Алӣ Салимов, соли таваллудаш 1962, зодаи хоҷагии «Ленинград», ноҳияи Вахш, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, соҳиби оила ва фарзанд.

Дар мактаби миёнаи № 3 ноҳияи Вахш омӯзгор буд. Аъзои гурди «Наҷоти Вахш», 27. 06. 1992 дар хоҷагии «Вахш» аз дасти қотилони миллат ба қатл расонида шуд.

Сайфиддин Расулов, таваллудаш 1967, зодаи хоҷагии «Ленинград» ноҳияи Вахш, миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна, соҳиби оила ва ду фарзанд, дар беморхонаи ноҳия роианда буд. Аъзои гурӯҳи «Наҷоти Вахш» 20.06.1992 ҳангоми таъмин намудани амнияти мардуми совхози «Вахш» аз тарафи мухолифин ба қатл расонда шуд.



Остонкул Муродов, таваллудаш 1956, зодаи хоҷагии «Ленинград»-и ноҳияи Вахш, миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна, соҳиби оила ва 5 фарзанд. Дар беморхонаи марказии ноҳия ронанда шуда кор мекард. 7 майи соли 1992 дар майдони Озодии шаҳри Душанбе аз тири душмани миллат ҳалок гардид.

Абдуманнон Шоев, таваллудаш 23 марти соли 1960, зодаи шаҳраки «Вахши ноҳияи Вахш, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, соҳиби оила ва се фарзанд (Бахтиёр, Аскаралӣ ва Таҳмина) мебошад. Раиси кумитаи физкультура ва спорти комитрояи Вахш буда, аъзои гурӯҳи «наҷоти Вахш» буд. Субҳи 27.06.1992. Гурӯҳи оппозисия ва дастаи махсуси ВКД ҷумҳурӣ бо қувваи зиёди низомӣ ва танку мошинаи зиреҳпӯш «оллоҳу акбар» гӯён ба ноҳияи Вахш ҳуҷум оварданд. Ӯ барои ҳимояи зодгоҳаш аз дунёи пур-армон чашм пӯшид.

Эмомалӣ Мирзоев, таваллудаш 1955, зодаи ноҳияи Вахш, миллаташ тоҷик маълумоташ миёна, соҳиби оила ва панҷ фарзанд мебошад. Дар савдои хӯроки умумии ноҳияи Вахш фурӯшанда буд. Аъзои гурди «Нақоти Вахш» 27.06.1992 баҳри таъмини амнияти мардуми ноҳия Эмомалӣ Мирзоев чун дигар родмардони миллат дар ҷанги нобаробар аз тири душмани хуношом ҳалок гардид.

Махмудшариф Шарифов, 26.01.1965 дар шаҳраки Вахши ноҳияи Вахш ба дунъё омадааст, миллаташ тоҷик, соҳиби оила ва ду фарзанд. Дар вазифаи мошинисти ПМК-1 ноҳияи Вахш кор мекард, аъзои гурди «Начоти Вахш». Аз рӯзҳои аввал то охир дар мухорибаҳо иштирок намуда, ҷасорату қаҳрамониҳои беназир нишон додааст. 27.06.1992 дар задухӯрди шадид дар совхози «Вахш» ҳалок гардид.

Холиқов Абдулваҳоб

Таваллудаш 1953, зодгоҳаш шўъбаи якуми колхози «Ленинград»-и ноҳияи Вахш. Мудири мағозаи қисмҳои зарурии автомобилҳои сабукрав шуда кор мекард. Узви ҳизби коммунист, соҳиби 5 фарзанд.

Рӯзи 27 сентябри соли 1992 Абдулваҳҳоб бо мақсади расонидани дасти ёрӣ ба рафиқони ҷанговар ба шаҳри Қурғонтеппа рафт. Ӯ ҳамроҳи Ҳуҷамуроду Ҳабибулло ва Саидкабир буд. Бахти ин ҷавонмардон омад накард, душманони қотил аз пеши роҳи онҳо бо техникаи вазнини оташфишон баромаданд. Пас аз ду моҳ ҷасади ҳунуки Саидкабиру Ҳабибуллоро ёфтанд. Аз Ҳуҷамурод ҳам як каф хокистар оварда ба хок супориданд; вале аз Абдулваҳоб ҳанӯз дараке нест. Волидайну ҷигаргушаҳояш то ҳол роҳи ӯро интизоранд.

Ҳаммоми ба хурду калони Хатлонзамин маълуми совхози «Туркманистон». Қорӣ Муҳаммадҷон ҳокими ин бинои «одамхуру марговар» буд. Бо фармону иштироки ӯ дар ин ҷо садҳо ҷавонон бо ҳаёти ширин падруд гуфтанд. Ҳар рӯз Қорӣ Муҳаммадҷон чун Заҳҳоки морон сари даҳҳо ҷавононро як ҷо мехурд.

Гӯшаи дигари кушишхонаи таърихи нангини миллат, чое буд, ки шогирдони Ҳочӣ Саидашраф аз субҳ то шом мардуми бо онҳо ҳамақида набударо дар буғи ҳаммом сӯзонида баъди беҳолу мадор гаштан онҳоро зинда ба зинда пуст меканданд.



Намуди дохилии «Қушишхонаи таърихи. нангини миллат». Мурид-они «худотарсу» панҷвақтнамозхони қорӣ Санд Абдуллоҳи Нурӣ одамонро гурӯҳ-гурӯҳ ба ин ҷо оварда, аввал бо лагаду мушт, баъд тавассути ба сарашон рехтани оби ҷӯш гуноҳашонро ба гар-данашон «дайн» менамуданд. Баъд одамони «асир» гирифтаашон-ро чун ҳайвон хасӣ намуда, сипас аз дорулфано ба дорулбако мефиристониданд.

он палидону разилон бовар намуда, 40 нафар гаравгонгирифтагонро сиҳату саломат ҷавоб дод. Вале аз миён як рӯз, ду рӯз сипарӣ гардид, дараке аз падар набуд. У бо чашмони пур аз ашк нигарони роҳи падар буд. Ин боз фиребӣ навбатӣ буд. Пас аз се рӯз ҷасади падари Файзалиро лучу урён дарёфтанд, ки сӯзонда, гӯшу биниаш бурида, нохунҳояш канда, умуман ваҳшиёна ба қатл расонида шуда буд.

Қадом мӯъмину мусулмон ва дар қадом давлати исломии дунё ба чунин ваҳшоният нисбати мӯъмину мусулмони бегуноҳи 65-сола даст ёзондааст?! Ин ваҳшониятро дар ягон ҷое фарзанди инсон нахондаасту нашунида!

Дар ҳадиси 374 (317) Ҳазрати Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст: «Эй мардумон! Аз худованди таоло битарсед. Ба номи худо савганд ёд мекунед, ки агар мӯъмине бар мӯъмине зулм намояд, рӯзи қиёмат худои таоло аз вай интиқом хоҳад кашид (гирифт). Пас чӣ гуна, аз рӯи қадом оёту сураи Қуръон онҳо мусулмонанд? Не, бовар намекунам, агарчӣ бароям бисёр дардовару забонам ба гуфтаноаш намеравад, вале ошкоро мегӯям, ки наузанбиллоҳ, ин тоифа аз мусулмонӣ бӯе набурдаанд!!! Файзалӣ Саидов бо ҷигари бирёну ашки резон падари азизашро ба хок супориду дар назди қабраш савганд ёд кард, ки то қатрае дар бадан хун дорад, ба муқобили мухолифин меҷангаду ҷумҳуриро аз ваҳҳобиёни душмани миллат озод хоҳад намуд.

Ин гуна рафтору кирдорҳои номардонаю ваҳшиёнаи онҳо ниҳоят мардуми шаҳри Калининободу Кӯрғонтеппаву ноҳияҳои Вахшу Бохтарро ба шӯр овард. Албатта, бо ду-се автомати Калашников харифи то гулӯ мусаллаҳро тавба додан кори осон набуд. Мардум ва хоҷагиҳои ноҳия пул ҷамъ оварда, ба харидани силоҳ камар бастанд. Зеро илочи дигаре набуд. Дар ноҳияи Маскав дастаҳои мусаллаҳи Бӯрихон Ҷобиров ва Абдусалом Қурбонов амал мекарданд. Онҳо дар кори мусаллаҳ гардидани дастаи Файзалӣ Саидов саҳми арзанда гузоштанд. Баъдан ба дастаи Файзалӣ Саидов пайвастанд ва дар муҳорибаҳои зафаровари қумондони ҷавон ширкат варзиданд.

Дар ноҳияи Вахш бо ташаббуси ҷавонмардони сарсупурдаи миллат Қуддус Муродов, Қурбоналӣ Давлатов, Ӯктам Қуддусов, Аличон Салимов, Эмуриддин Умаров ва Шариф Сафаров зери роҳбарии Файзулло Кувватов ситод таъсис ёфт. Дар мадди назари аввал роҳбарии ситоди «Вахш» раиси Комитети созмони якдилон Мирзо Сатторов интихоб гардида буд.

Мардони сарсупурдаи миллат, ба монанди раисони комиҷроияи шаҳри Калининобод Шералӣ Мирзоев, комиҷроияи но-

ҳияи Бохтар Абдумаҷид Достиев, ноҳияи Вахш Файзулло Қувватов ва ҷанде дигарон, ки дилу дида ба зодгоҳашон ва халқи рӯзнодидаи он месӯхт, дар ҷустуҷӯи он буданд, ки чорае биандешанду ақаллан доираи ҷанги бародаркуш дар он мавзеъ тавсиа наёбад ва агар имконият бошад ин моҷарои махвкунандаи миллат битамом боздошта шавад.

Бинобар ин ишон ҷони худро зери хавфу хатар ва оташи тиру туфанг гузошта бо мақсади ба сулҳу салоҳ овардани тарафҳо, қатъ намудани ҷанги бародаркуш шаби 19-ӯми июни соли 1992 вакилони ҳарду ҷонибро ба мулоқоту машварат даъват намуданд. Дар вақти машварат тарафҳо ба қарор омаданд, ки ба бенизомиҳо ва қатл намудани мардум хотима медиҳанд. Дар даромадгоҳи ноҳияҳо аз ҳарду ҷониб посбонҳо гузоранд.

Инчунин, бо даву геҷҳои зиёде 20-июни соли 1992 дар фурӯдгоҳи шаҳри Кӯрғонтеппа миёни гурӯҳҳои мухолиф гуфтушунид баргузор гардид. Аз як ҷониб намояндагони вилояти Кӯлобу Кӯрғонтеппа Қурбоналӣ Мирозалиев, Рустам Абдураҳимов, Файзулло Қувватов, Шералӣ Мирзоев, Сангак Сафаров, Абдумаҷид Достиев ва дигарон, аз тарафи дигар бошад, Ёсмон Давлат, Саид Абдуллоҳи Нурӣ, Шодмон Юсуф, Давлат Худоназаров бо миёнаравии сарвазири Ҳукумати «муросои миллӣ» А. Мирзоев ва и. в. раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ А. Искандаров, дар ин машварат иштирок меварзиданд.

Дар гуфтушунид роҳбарони гурди миллии вилояти Кӯлоб ва гурди «Наҷоти Кӯрғонтеппа» талабу дархостҳои худро пешниҳод карданд, ки аз ёздаҳ банд иборат буд. Дар натиҷаи муҳокима ҳашт банди талаботи пешниҳодкардаи онҳо аз тарафи роҳбарияти ҳокимияту давлати ҷумҳурӣ ва вакилони оппозисия «маъқул» дониста шуд.

Дар ин бора протоколи созиш ба имзо расид. Бояд ҷанги бародаркуш қатъ мегардиду Сессияи Шӯрои Олӣ даъват гардида, кори худро давом медод, масъалаҳои пешниҳоднамударо ҳаллу фасл мекард. Ва ба замин гузоштани силоҳ аз ҳар ду тараф ба риоя намудани манфиати тарафҳо дар як вақт оғоз меёфт.

Мутаассифона ба баъзе соҳибмансабону роҳбарони оппозисия ин гуфтушунид ва созиши басташуда маъқул наомад. Чун рафтори ҳамешагиашон аҳдшиканиву бенамозӣ буд, бинобан агарчӣ ба ҳам даст дода бошанд ҳам, ҷонибдорони мухолифин — ифротиюни оппозисия аҳдҳоро талоқ доданд. Соати чору сӣ дақиқа 21 июни соли 1992 Гурди силоҳбадасти оппозисия бо сарварии Саид Абдуллоҳи Нурӣ, генерали мардумӣ корӣ Муҳаммадҷон бо машинаҳои зиреҳпӯшу танк чун дар-

рандагони девона аз тарафи совхози «Вахш» бо шиорҳои «оллоҳу акбар», «ё марг, ё ғалаба» ба тарафи мардуми бесилоҳ ҳуҷум оварданд. Ҷавонмардони совхози «Бахт»-и Вахш қаҳрамонӣ зоҳир намуда, ҳуҷуми номардони қасамшикастаро баргардониданду 282 силоҳу як танки худсохти онҳоро дар тасарруфи хеш даровардаанд. Бо ахбори Файзалӣ Саидов ва Шариф аз шаҳри Қӯлоб дастаи Лангарӣ Лангариев бо ҳамроҳии Абдуназар Саидов, Сӯҳроб Афғонов ҷамъ 21 нафар 21-уми июни соли 1992 ба ёрии ҷавонмардони Вахш омада буд. Дар задухурдҳо қаҳрамонӣ нишон дод, ки аз дастаи ӯ се ҷавонмард маҷрӯҳ гардид.

Рӯзи дигар васоили ахбори умум ва идораи садою симои «мардумии» ҷумҳурӣ ба чор тараф ҷор зад, ки гӯё кулобиҳо ба муқобили қаротегиниҳою дарвозиҳо ва бадахшониҳо ҳамла оварда бошанд. Мардумро ба иштибоҳ андохт. Ин аъмоли ғайриинсонӣ ва ваҳшиёна шоҳиди он аст, ки ин дастаи авбошон забони мулоқоту гуфтушунидро намефаҳманд. Зеро кайҳо тинати инсониро аз даст дода, ба даду даррандаи аз қафас ҷаҳида табдил ёфтаанд!

Он рӯз на танҳо дар Қурғонтеппа, балки дар деҳаҳои Бӯстонқалъа, Озодии меҳнат ва Сабзавоти ноҳияи Бохтар, инчунин деҳаҳои МОПР, Ҳаваскор, Андреев ва Микоянободи колхози «Ҳақиқат»-и ноҳияи Вахш бесаранҷомиҳову валангориҳо ва бенизомиҳои зиёд рух дод. Мухолифин хонаҳоро оташ заданд, ки дар чунин барҳам дарҳамиҳо талафоти одамон низ кам дошт.

Рӯзи 22-юми июн на ҳамаи корхонаҷот фаъол буд. Қӯдакистонҳо кор намекарданд. Бисёр одамон аз биму харос дар манозили хеш менишастанд. Бидуни мағозаҳои нон дигар нуқоти тиҷорат фалаҷу корӣ набуд.

Пас аз ин, роҳбарони оппозисия қувваи зиёде гирд оварданд. Бо ёрии онҳо аз ситоди «Наъоти Ватан» (бо сардории Шодмони Юсуф) чандсад силоҳбадаст ворид гардид. Вазорати Корҳои дохилӣ ба онҳо ҳамдастӣ намуд. Соати чору 30 дақиқаи субҳи 27-уми июни соли 1992 ҷонибдорони мазҳаби «Ваҳҳобия» ва нерӯҳои «демократӣ» бо қувваи хело зиёде: се мошини зиреҳпӯш, ду танк, зиёда аз се ҳазор нафар гурди миллии «Ваҳҳобиён», ки бо яроқу аслиҳаи ҳозиразамону хориҷӣ (автомат, снайпер, гранат, гранатамёт, пулемёти дастӣ) мусаллаҳ гардида буданд, аз тарафи совхози «Вахш» ва шӯъбаи сеюми колхози Ленинградии ноҳияи Вахш бо сардории Ёқуб Мирзоев ва мулло Амриддин таҳти роҳбарии ҳоҷӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва генерали мардумӣ корӣ Муҳаммадҷон таҳти шиорҳои «Оллоҳу Акбар» «ё марг ё ғалаба» ба ҳуҷуми сах-

ту шадид зидди мардуми бесилоҳ девонавор сар карданд. Ба муқобили онҳо гурди «Наҷот»-и Вахш бо сардории Абдувоҳҳоб Холиқови хуҷандӣ, Уктам Холиқови ӯротеппагӣ, Имомуддин Умаров (лақай) Ғуломҳайдар Холиқов, ки ҳамагӣ 42 нафар ҷавонмардони туфангдор буданд, муқобилият нишон доданд. Аз соати $4^{30}$ субҳ то соати 14 ҷанги шадид шуд, ки кувваҳои «Ваҳҳобия» аз рӯи шумораи ҷанговарон, яроқу аслиҳа ва техникаи ҷангӣ назар ба гурди «Наҷоти Вахш» садҳо маротиба зиёд буд.

Ёдовар бояд шуд, ки барои ғолибияти ҷанг бе эълони ҷангу ногаҳонӣ ҳамла овардан фактори бисёр муҳиму ҳалкунанда мебошад. Аммо ба ин нигоҳ накарда ҷавонмардони ноҳияи Вахш дар давоми қариб 10 соат қаҳрамонӣ нишон дода ба кувваи душман талафоти зиёде ворид оварданд. Ҷасурию мардонагӣ зоҳир намуда, хешро зери тири аду қарор медоданду мардуми бе силоҳ — занону пиромардон ва тифлону бегуноҳонро аз деҳаҳои гирду атрофи муҳорибаи ҷанг берун мебароварданд. Дар он муҳориба ситоди гурди «Наҷот»-и Вахш бо сарварии Абдувоҳҳоб Холиқов, Имоммуддин Умаров каҳрамониҳои бемислу монанд нишон доданд. Вале кувваи душман зиёд буд. Бо вуҷуди нишон додани муқобилияти шадид он рӯз сияҳкорони хунхор дар натиҷа савхози «Бахт», «Вахш», шӯъбаи 3, колхози Ленинградро ба хок яксон гардонда, пиру барно, тифлону занонро бераҳмона пӯст меканданд, гӯшу бинӣ бурида дасту по аз тан ҷудо месохтанд. Дар он муҳориба 54 нафар ҷавонмардоне, ки баҳри муҳофизати ноҳия, таъмини амнияти мардуми он мавзеъ қад алам доштанд, шаҳид гардиданд, 18 нафар захмину зиёда аз 60 нафарро асир гирифтанд.

Аз хуни инсон замини совхозҳои «Бахт» ва «Вахш» лолагун гардид, оби ҷӯйборҳо ба хун табдил ёфт. Доду фарёди пирони барнодилу занону кӯдакони рӯзнодида ба фалак печиду дуди тиру туфанг осмонро тира карда буд. Аз гиряи занону тифлакон, пиру ҷавон гӯши фалак кар шуда, ба ҳоли бечорагон осмону замин, кӯҳу пуштаҳо ҳам мегирист.

Худоё, ин чӣ бадбахтию ҷабру ситаме буд, ки ба сари бандагонат ато фармудӣ. Тифлоне, ки акнун чашм кушода дунёро дида, ҳанӯз лаззати шаҳди зиндагиро начашида буданд, ҷавонмардоне, ки дар дил ҳазорон умеду орзу доштанд, бо дарду ҳасрати гӯшношунид ҳамагон ба хоби абад зи дасти ин ҷаҳаннами халқнамудаи демократияи исломӣ дунёро падруд гуфтанд.

Охир онҳо чӣ гуноҳе дар назди Худованди ҳаждаҳ ҳазори олам содир карда буданд?!

Илоҳо, бишканад дасти камонсоз, бисӯзад хонаи ин мулло-

ву эшону корию ҷонибдори мазҳаби «Ваҳҳобия», ки аз садои ҳар чаҳор мулк вайрону оромиву осудагӣ барҳам ва яъсу навмедӣ доман паҳн кард. Шоир хуб гуфтааст:

Зери номи ҳукми дину рафъи таклифи чиҳод,
Нест кори ту ба ҷуз вайронию қатлу фасод,
Душмани ношоди дин гашта зи кирдори ту шод,
Баски арзон додаи ту ҳурмати динро ба бод,
Ҳақ набошад гӯямат шайтон ҳимоят мекунӣ,
Зинда бошӣ офаринат, хуб хизмат мекунӣ!
Риш баҳри ҳадъаи мардум дароз андохтӣ,
Хуни ноҳақ рехтӣ, аз кушта пушта сохтӣ,
Бо ақирони араб аз Тури Сино тохтӣ,
Дар қимори худ ту обурӯи миллат бохтӣ,
Рост мегӯйи, ки чун Умар хилофат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ!
Гуфта будӣ мо мусулмонем, зи ҷамъи муслимин,
Ҳомии амри худо, номусдори сирри дин,
Дар амал бунёдн дин кандӣ зи фарти озу кин,
Теғи хунрези ту бошад доимо дар остин,
Хун ҳамерезиву он гоҳаш назорат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ!

Барои аз зери тиру туфанг ҷон ба саломат бурдан рӯзи 28 ва 29 июн мардуми бокимонда, пиру ҷавон, зану мард, тани урёну пойи барахна, ашкрезону ҷигарбирён саргурез шуданд. Роҳи Вахшу Кӯлоб хати равандагони мӯрчагонро мемонд, ки ҳар кас ба холи худ буд, яке пиёдаву дигаре савора, яке дар даст кӯдаку дигаре дар китф гаҳвора, ҳамвора бо ашки резону тани ларзон аз бахри молу мулку хонаю ҷой гузар карда мегурехтанд, ҳеҷ кас парвои касе надошт. Гӯё қиёмат қоим шуда буду замину замон моту мабҳут монда, мардум ҳаракат мекарданд, ки ба зудии зуд марзи ноҳияи Вахшро падруд бигӯянду қадам ба сарзамини вилояти Кӯлоб бинихаид.

Рӯзе дар бемористони марказии ноҳия бо чанд мариз вохӯрдем, ки аз тири нохалафон захмин шуда буданд. Мудири шӯъбаи ҷаррохӣ Табаралӣ Баротов захми ҷавонеро тоза карда гуфт: «зери назоратам ду ҷавони тирхӯрдаро оварданд. Якеро начот дода натавонистам, дуюмӣ бояд шифо ёбад».

Ҳамин ҷо ба беморони захмин: Курбоналӣ Бӯстонов, Қурбон Ҷӯрақулов, Занҷир Аминов вохӯрдам. Ҳангоми сӯҳбат Мурод Курбонов гуфт:

— Оппозиция шабона ба дехаи мо хучум кард. Дар мактаб будам, аз он ҷо гурехтам. Моёнро тирборон карданд, тир расид. Ҳамон шаб 5 нафар яродор шудем, 4 кас мурд. Онҳо раҳму шафқатро намедонанд, кӯдакону занонро ҳам мекушанд. Захбуру чӯйхо аз часад пур шудааст. Касе ба чизе кор надорад. Ҳатто мурдахоро ба хок супурда наметавонем.

— Ин мусибат, даҳшат,— гуфт мӯйсафеди 85-сола, ки дар назди Қурбоналӣ Бӯстонов менишаст.— Ман иштирокчии ҷангҳои Италия, Финляндия, Олмон мебошам. Он вақт мо барои кӣ туфанг гирифтанамонро медонистем, аммо намедонам имрӯз бо кадом мақсад силоҳ мебардоранд. Аз кӯҳ дузду ғоратгарони туфангдор фаромада, ба водӣ ҳуҷум мекунанд. Онҳо мансаб мехоҳанд ва дар роҳи мақсад ин ҷавонони бегуноҳро қурбон мекунанд.

Мӯйсафед гиря мекард. Ашк рӯю риши дарозашро мешуст. У сахт дар шигифт буд. Аз ғаронии бори ба сари тоҷик омада, аз хору зор ва оҷиз мондани мардум ашк мерехт.

Симои пирамарди гирён то ҳол аз назарам дур намешавад. Талху тунд буд гиряи вай. Ҳангоми ашкрезӣ пайкари лоғару беқувваташ меларзид. У ба тақдири миллаташ мегирист, ки баъди ҳазор сол соҳиби давлат шуду онро идора карда натавонист. Барои орзуҳои барбодрафта, ба ҳоли табоҳи тоҷикон, ки гурӯҳи мансабҳоҳон ба ин рӯзи сиёҳ оварда расонд, ашк мерехт.

Ҳукуматдорони вилоят ва ҷумҳурӣ нисбати ин бедодгарӣ, гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, задани оташ ба хонаю ҷои мардум, беяроқ гардонидани туфангдорон, озод намудани ноҳияи Вахш ночизтарин андешае ҳам намекарданд. Гӯё чизе рӯй надода буд. Худоё, ин чӣ беадолатию ноинсофӣ нисбати мардуми бечораю меҳнаткаш буд!? Бо кадом дил, аз рӯи кадом инсоф ва ақлу хирад дар хонаҳои барҳаво бо завқаю фарзандони азизашон оромона мезистанду ба хотири ҷамъ хӯрок мехӯрданд, сухан мегуфтанду меҳандиданд. Чаро худи ҳамон рӯз роҳбарияти ҷумҳурӣ ба ноҳияи Вахш нарафт, аз ҳолу аҳволи халқи меҳнаткаш хабардор нагардид? Ҷон барои онҳо ширинӣ кард. Бале! Пас чаро Файзулло Қувватов, Шералӣ Мирзоев, Асомиддин Саидов ва дигарон ба тақдир тан дода, натарсиданд! Магар онҳо фарзанд надоштанд, ҷон барои онҳо ширин набуд?! Не, онҳо роҳбарони ҳақиқӣ бадбахтии мардумро бадбахтии худ меҳисобиданд! Роҳбаре, ки нисбати халқи худ чунин беэҳтиромию хунукназарӣ менамояд, магар ба ғазаби худованди карим гирифтор намешавад?! Магар аз даҳони халқ намеафтад, эҳтиромашро гум намекунад?!

Охир дар қатори ҳазорҳо ҷавонмардон аз роҳбарияти ҷумҳурӣ касе шаҳид мегардид, боке надошт. Воқеан қаҳрамони халқ мемонд... Ҳангоми соҳиби мансаб гардидан чун шери нар меғурранду худро наҷотдиҳандаи миллат меҳисобанд. Вақто ки ба сари халқу миллат бадбахтӣ омад, чун мурғони ба дарди тухм гирифтор ҷои паноҳ мекованд.

Инчунин ба назди гурезагон, ки дар ноҳияи Данғара зиё-

да аз 100 ҳазор ҷамъ омада буданд, касе аз онҳо нарафтанд, илова бар ин ба онҳо кӯмак намерасонданд. Гӯё ин ҳодиса табиӣ бошаду кайҳо интизорашро доштаанд. Роҳбарони сустиродаю нохалаф аз бадбахтии дигарон шод мегардиданд, дар баҳри маҳалгарой ғӯта мезаданд. Қурғонтеппа қариб, ки бе одаму валангор ва ба харобиҳои Мадоин шабоҳат дошт. Шояд ҳамин сабаб буда, ки матбуоти Руссия борҳо ин мавзеро шаҳри «мурдаҳо» номид. Оҳу нолаи модарон, шевани наварӯсон, ашкҳои зори атфоли ятиммондаи тоҷик қалбҳои тамоми афроди поквичдони сайёраро ба риққат оварда, ҷиноятфоҷиаҳои мудҳише, ки ба ном «оппозисия»-и хунхошоми мо ба сари мардуми Тоҷикистон оварда, ҳанӯз дар ҷаҳон ягон ҷаллоде нисбати мардуми хеш раво надидааст. Танҳо «демократия»-ву «исломиён»-и тоҷик қодир будаанд, ки ҳамсоя, хешу акрабои худро ба «ҷурм»-и «кӯлобиву ҳисориву ленинободӣ, ғозималикиву ӯзбек» буданаш дар кӯчаҳо шикор бикунанду маҳаллаҳоро саросар оташ бизананд. Бале, маҳз ҳамин ба ном «демократҳо»-ву «исломиҳо»-и мо будаанд, ки ба хотири расидан ба ҳадафи нопокона нақша кашида буданд, то як миллион халқро ба муҳосира гирифта ба роҳи гуруснагӣ ба ҳалокат бирасонанду ба зону дароранд ва «ғолибияти мутлақ»-ро барои хеш таъмин бисозанд. Қори хона ба бозор рост намеояд.

Ҳамаи ин бедодгарию ҷинояткорӣ нисбати миллат натавонист мардуми ҷумҳурӣ ва берун аз марзи онро бетараф гузорад.

Дар нохияҳои Вахшу Бохтар, шаҳри Калинободу Қурғонтеппа рӯз аз рӯз ҷанг авҷ мегирифт, мардум талаф меёфт, амалиёти мухолифин аз тарафи ҳукумат комилан дастгирию ҷонибдорӣ меёфт. Ба қувваи гурди миллии оппозисия доимо аз тарафи ВКД ва ситоди «Наҷоти Ватан» қувваи иловагӣ бо силоҳу техникаи ҷангӣ фиристода мешуд. Ба бадбахтии бузург ситоди «Наҷоти Ватан» чун структураи давлатӣ амал мекарду чун Раиси Ҷумҳур ва Сарвазир ба структурахои давлатӣ фармон медод. Аз тарафи роҳбарияти ҷумҳурӣ ба ситоди «Наҷоти Ватан» аз бинои муҳофизати граждании ҷумҳурӣ утоқҳои корӣ ҷудо намуда буданд. Онҳо акнун ошкоро амал мекарданд. Ба раиси ситод Шодмони Юсуф аз Кохи Девони Вазирон утоқи корӣ ҷудо карда буданд. Ӯ дар ҷамъомадҳо ва маҷлисҳои давлатӣ мавқеъи муайяну ҳалкунандае дошт. Идораи садою симо ва рӯзномаҳои ҷумҳурӣ дар хидмати ситод қарор гирифт. Ситоди «Наҷоти Ватан» ҷавононеро, ки тарафдори мухолифин буданд, ҷамъ оварда, ба онҳо силоҳ дода ба муқобили мардуми вилояти Қурғонтеппа, ки тарафдорӣ

майдони Озодӣ буданд, ба ҷанг мефиристонд. Ногуфта намонад, ки аъзоёни Ситоди «Наҷоти Ватан» дар Душанбе, Қурғонтеппа ва дигар мавзеъҳо бедодгариҳои гӯшношуниде карда буданд.

Таҳхонаҳои бинои мудофиаи граждании ҷумҳурӣ ба кушишхонаву ҷои истинтоқи рақибони сиёсӣ табдил дода шуда буд. Зиёда аз ин, ҷавонмардоне, ки имрӯз ба воситаи оинаи нилгун ва рӯзномаҳо кофтуковашон дорем, дохили он таҳхонаҳо даромада, бе ному нишон шудаанд. Ҷасади онҳо хӯроки моҳиёни дарёву мору мӯрон гардидаанд...

Охир, чӣ айбе дошт мухбири махсуси рӯзномаи «Нидои ранҷбар» Ҷумъахон Ҳотамӣ, ки ӯро аз назди бинои редаксия силоҳбадастони ситоди «Наҷоти Ватан» зӯран ба мошин бор карда, ба таҳхона бурданд! Баъди парронда, аз ҳар ду пояш захмӣ кардан боз Шодмони Юсуф ӯро «допрос» кардааст... Ҳамаи ин бедодгарию ҷиноятқорӣ дар пеши чашми ҳукуматдорони «Муросои миллӣ», Раёсати Шӯрои Олӣ, ВКД, КАМ содир мегардид. Вале ҳама бетараф буд, гӯё чизеро намедиданду намешуниданд...

Вилояти Қӯрғонтеппа қариб пурра зери назорати оппозиция гузашта буд, дар ҳар роҳу гузаргоҳ постҳои онҳо амал мекард. Теъдоди мошинҳои зиреҳпӯшу танкҳо хеле меафзуд. Ҷанги хонумонсӯз ноҳияи Колхозобод, Ҷилликӯл ва Қумсангирро комилан фаро гирифта буд. Шумораи ҷанговарони мухолифин аз ҳисоби ситоди «Наҷоти Ватан», ВКД-и ҷумҳурӣ ва зархаридони хориҷӣ меафзуд. Дар ҳар гӯшаю канори вилоят ҷавонписарону ҷавонмардонро гаравгон мегирифтанду сипас бе ному нишон гум менамуданд.

Ҷӯйбору каналҳо, дохили пахтазору ҷуворимакказор пур аз мурдаи инсон гардида буд. Дар ин водии тиллои сафедбор акнун гӯё дар заминҳо мурда корида бошанд, ки сари ҳар қадам ба чашм мехӯрад. Ростӣ, ин водӣ ба мавзеи хомӯшон шабоҳат дошт. Инсон то бад-он дараҷа бе қадру қимату берӯзӣ гашта буд, ки сагҳо одамхӯр шуданд. Мурдаи тоҷик то резишгоҳи Баҳри Арал хӯроки моҳиҳо гардид... Ҷойҳои одамнишин вайрону валангор гаштанд, аз бӯи мурдаи одамони мӯъмину мусулмон нафаси кас мегирифт. Роҳбарони ҷумҳурӣ, ҳукумати «Муросои миллӣ» ва раёсати Шӯрои Олӣ карру кӯр ва моту мабҳут шуда буданд, ки гӯё чизеро намедиданду овозе намешуниданд ва ҳарфе ба забон намеоварданд. Ҳама аз пан нақшае буд, ки чӣ гуна ба завҷаю фарзанд, хешу ақрабо ва дӯстонаш осебе нарасад, курсии мансабро барои худу мошинаи сабукравро барои ҳамсари саршор аз нозу карашмааш нигоҳ дорад ва дар оянда шояд ки соҳиби боз мансаби воло-

тару бамартабае бигардад. Аз паи он буд, ки ҳалол ё ҳаром дегаш ҳамеша бичӯшад. Парвои мардуми ба хоку хун палмосидаву ғилмидаи бенаво надошт. Қисми зиёди курсинишинон дар фикру ақидаи он буданд, ки кадом тарафе ғалаба ба даст биёрад, ҷонибдораш шаванду бо макру, ҳиллаю зару мол соҳиби мансабе гарданд. Бисёр таассуф ва сад таассуф, ки вокеан ин тавр ҳам шуд... Бисёр аз он палидону разилон роҳ ёфтанду боз соҳиби курсии мансаб гардиданд, ки имрӯз аз боло ба ҳоли мо менигаранду механданд!.. Вале ин хандаҳо табассуми пеш аз ҷонбаромаданро монад!

Вазъият дар ҷумҳурӣ рӯз ба рӯз тағйир меёфту мавқеъи мухолифинро мустаҳкам ва амалиёташиро ҷоиаи «қонунӣ» мепӯшонд. Дар маҷлису ҷамъомадҳо ҳукуматдорон бешармона ба мардуме ки барои муҳофизати давлати қонунӣ, ба муқобили бунёдгароёни «Ваҳҳобия» бархоста буданд «қувваҳои зидди давлатӣ» унвон медоданд. Ба оппозисия, ки бо роҳи ҷанги бародаркуш табаддулоти давлатӣ карда, сари қудрат омада буд, «қувваҳои ситоди «Наҷоти Ватан»-у давлатӣ ном ниҳоданд.

Бо иҷозати ҳукумат барои ситоди «Наҷоти Ватан» ҳисоби бонкӣ кушоданд, то он ки корхонаю ташкилотҳо, шахсони алоҳида барои дастгирии ситоди «Наҷоти Ватан» маблағ ирсол намоянду он пуркувват гардида, ба муқобили халқи худ бичангад. Дар давоми моҳҳои июл — ноябри соли 1992 ба ҳисоби бонкии ситоди «Наҷоти Ватан» бисёр корхонаю ташкилотҳо маблағ гузаронданд. Аз чумла:

— 15. 07. 1992 с. бо имзои Раиси Шӯрои иттифоқи касабаи ҷумҳурӣ Муродалӣ Солеҳов — 30 ҳазор сӯм;

17. 07. 92 с. бо имзои раиси ширкати тиҷоратию универсалии «Низо» Нозирҷон Тоҳирҷонов — 5.000 сӯм;

27. 07. 1992 с. бо имзои раиси корхонаи хурди «Малиш» Рустам Ҷаббарович Мавлонов — 10.000 сӯм;

28. 09. 1992 с. бо имзои раиси корхонаи хурди «Хатлон» Сайдалӣ Саидович Раҷабов — 10.000сӯм ва ғайра.

Бо ёрию дастгирии чунин ашхоси бешарафу хиёнаткори миллат ситоди «Наҷоти Ватан» маблағ ҷамъ намуда, силоҳу аслиҳа харида, гурди миллии оппозицияро пуркувват намуда, барои ҷангидан ба Вахшонзамин сафарбар менамуд, ки онҳо мардуми бесилоҳро барои ақидааш шуда, сар аз тан ҷудо сохта, молу мулкашро талаву тороҷ мекарданд.

Иловатан қисми зиёди зиёнёну сиёсатмадорон маслиҳатчӣ ва ташкилкунандаи гирдиҳамоиҳо ва таъминкунандаи пулу мол гардиданд, танҳо аз моҳи май то ноябри соли 1992 39-то

корхонаю ташкилотҳои ҷумҳурӣ расман ба ҳисоби Қозиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағ ирсол намудаанд. Аз ҷумла:

— 19 майи соли 1992 ассотсиацияи муштараки «Маяк» — 200 ҳазор сӯм;

— 2-юми июни соли 1992, корхонаи хурди «Даврон» — 100 ҳазор сӯм;

— 20 — июли соли 1992, корхонаи хурди «Арене» — 20 ҳазор сӯм;

— 19 — октябри соли 1992, ширкати «Виктория»-и Қазоқистон — 1 миллион сӯм;

— Сафоратхонаи ҷумҳурии исломии Ирон 25-уми август, 15-уми сентябр, 16-уми ноябри соли 1992—1331600 сӯм ва ғайра.

Аз ҳисоби ҷунин маблағҳои бедардимиён роҳбарони мухолифин силоҳу аслиҳа мехариданд, ҷанговарони зархаридро ва мамлакатҳои хориҷа даъват карда, барои ҷангидану ба қатл расонидан, несту нобуд кардани миллати ҳамдини худ ва халқи ҷумҳурӣ сафарбар менамуданд. Шахсоне, ки дидаю дониста ба ҳисоби Қозиёти ҷумҳурӣ маблағ ирсол намуда, гурди миллии оппозицияро пуркувват гардонидан ва барои ҷангидан ба муқобили халқи худ, ки баҳри ҳимояи давлати қонунӣ бархестанд, магар хиёнат ба Қонуни Асосӣ ва халқи ҷумҳурӣ накардаанд?! Пас чаро, бо гуноҳи кадом курсинишини тасодуфии ҷумҳурӣ хиёнатгарон то ҳол бечазо мондаанд?!

Чаро нисбати онҳо халқи ҷумҳурӣ чизе намедонад?!

Бале, он «бойбачаҳо» то ҳол дар назди қонун ҷавоб нагуфтаанд, курсии мансабро бо курсии судшаванда иваз накардаанд. Агарчӣ ҳукумати қонунӣ зиёда аз ҳафт моҳ аст, ки амал карда истодааст. Пас ба ҳамаи ин кадом курсинишини холабеғами бӯи тирро ҳис накарда гунаҳкор аст?! Охир дар он шабу рӯз, чӣ тавре ки дар халқият мегӯянд, «дузди зӯр соҳиби молро баста буд». Имрӯз чӣ...

Гардиши фалакро бинед, ки халқи бечора, коргару деҳқони оддӣ аз рӯйи нангу номус барои муҳофизати давлати қонунӣ бархесту, худ яккаву танҳо дар майдони ҳарбу зарб монда аз мухофизати давлат роҳбарони он бенасиб гардид. Роҳбарияти давлат, Ҳукумати «Муросои миллӣ», раёсати Шӯрои Олӣ барои курсии мансаб шуда, аввал имон, сипас халқро фурӯхту дар ҳолати ногувор гузошт. Дар назди халқу миллати ҷумҳурӣ силсилаи хиёнату хиёнаткорон бисёр афзуд. Бо пулу моли халқи бечора, ки ба арақи ҷабин кор карда ҳазинаи давлатро пур намуда буд, яроқу аслиҳа харида бар алайҳи худи он, баҳри несту нобуд карданаш нигаронидаанд. Вале он разилону хоинон ғофил аз он буданд, ки худо бо халқ бу-

ду дарёи ҳаводис равон ва он тоифаи ночиз тарошапораҳое болои мавҷҳои он. Худоё ин палидонро ба соҳили номуродиҳо бияндоз! Чунки сари душманӣ доранду чу мавҷ равонанд, иншоаллоҳ, ки зуд бошад сарҳои пур аз ҷаҳлу ғурур ва кину бадандеши хешро ба гирдоби ҳаводис фурӯ баранд!! Аз ин чо илми сиёсати пешгирифтаи ин тоифаро сиёсати ростину адолатнок наметавон шумурд, ки таърих чунин ангезаҳову васвасаҳои шайтониро бисёр дидаву шунида. Фикр мекунам, ҳар қарн чеҳраҳои сиёҳи хешро аз қабили Саъди Ваққосу Амир Муборизиддин, Чингизхону Гитлер, Мусалину дигаронро дида. Ин мушти ночиз андаруни миллати мо дар асри ҷадид такрори ҳамон сиёҳиҳои таърихи башаранд. Ин тоифа на танҳо душмани халқу миллатанд, балки душманони сарсахти маъбуди хешанд, ки шоир гуфта:

Пайғоми лаъли ёр набуд аз акиб рост,
Ҳар чо дурӯғгӯй бувад, душмани худост.

Чунин илми табоҳандеши сиёсату сиёсатмадорон, қисми зиёди роҳбарону курсинишинони номарду дурӯя, дурӯғгӯй будааанду кизбандеш мемонанд. Вале халқи олдӣ, ки бо захмату меҳнати ҳалол ба воя расида, мағзу устухонаш танҳо бо луқмаи покаш шах шудааст, ҳамеша ростқавлу рострафтор ва покниҳоду ҷавонмард будаву монда. Чӣ тавре ки Саъдии хирадманд фармуда:

Ҳар ки фарёдраси рӯзи мусибат хоҳад,
Гӯй: Айёми саломат ба ҷавонмардӣ кӯш.

Ҳазрати Ҷомӣ ин маъниро низ суруда:

Ҷавонмардо, ҷавонмардӣ биёмӯз,
Зи мардони ҷаҳон мардӣ биёмӯз.

Алқисса, бедодгарӣ ба фалак мепечид, хуни мардум мерехт, урдуи «миллии» «Ваҳҳобия» пуркуввату бо силоҳ ва соҳиби техникаи ҳозиразамон буда, чун дуд аз дохили кӯза берун шуда, фазои бегуфори Ватанамонро бо сиёҳии палидонаш ба шомгоҳи ғурбату фироқ табдил медод. Бар муқобили ин ҳама даррандагону қотилони миллат, ҷавонмардони ҷасури тоҷик фарзанди шуҷои сарсупоридаи миллат Файзалӣ Саидов бо дастааш, ки баҳри муҳофизати халқу Ватан бархеста буданд, такя ба худои яккаву ягона намуда, мубориза мебурд. Ӯ бисёр хуб медонист, ки роҳи маргборро интихоб кардааст. Вале барои наҷот додани миллат аз бадбахтиҳо мурданро шарафмандию сарбаландӣ меҳисобид.

Ҷонибдорони Файзалӣ Саидов ҳар рӯз меафзуд, миллатҳои гуногун ёри ӯ мегардид. Бо ҳар роҳ сохиби силоҳ мегардиданду неру мегирифтанду мардумро муҳофизат намуда, аз маҳву пестӣ начот медоданд. Ба ёрию дастгирии мардуми ноҳияи Вахшонзамин, бо амри худо марди ҷасуру некхоҳ Ёқуб Салимов омад. Дар муддати кӯтоҳ бо ҳамроҳии раиси кумитроияи ноҳия Файзулло Қувватов гурди «Начот»-и Вахш пуркувват гардида, ба қадри имкон яроқу аслиҳаи лозима ҷамъ оварда ба ҳимояи мардуми ноҳия камар бастанд.

Дар Ургутмаҳаллаи шаҳри Қурғонтеппа дастаи Маҳкамбой Шарифов, Азим Ғаниев (Азими зард) ки мардони хеле ҷасуру тавоно ва кордида буданд, бо Фарҳодҷон Ӯрунов мардуми деҳаро зери муҳофизати хеш гирифта, бо Файзалӣ Саидову Сангак Сафаров ва Лангарӣ Лангариев, Шералӣ Мирзоев, Бӯрихон Ҷобиров, Алимардон Қурбонов, Абдувоҳҳоб Холиқов, Имомиддин Умаров ҳамкорӣ мекарданд.

Вазъияти вилоят муташанниҷтар мешуд, қуввахо аз ҳар ду ҷониб пуркувват мегардид, акнун ҷангҳо тавассути машинаҳои зирехпӯш амалӣ мешуданд, оппозисия вахшонияти чашмнодиду гӯшношунид нишон медод, мардумро бо роҳҳои бисёр мудҳиш ба қатл мерасонд, тифлаконро пеши пеш шикамчок намуда дар панҷарахо меовехтанд, рахму шавқат дар дилу дидаи «мӯъмину мусулмон» намонда буд. Духтурону муаллимонро дар пеши чашми беморону шогирдон ба қатл мерасониданд.

Ҳар фарди худшинос ба вазъияти баамаломада назар афканда ба худ меандешид, ки боз андаке фурсат мегузараду аз тоҷикону Тоҷикистон заррае нишона нахоҳад монд, чунки мазҳаби «Ваххобия» зери ниқоби демократия бо зӯрӣ, резонҳои хун комилан ба сари қудрат омада буд, ки максадаш сар аз тан ҷудо намудани мардуме буд, ки ба онхо ҳамакида набуданд. Бо дасти А. Искандаров накшаҳои худро амалӣ мегардонд, мансабҳои давлатиро миёни ҳамин тоифаҳои сиёҳандеш тақсим мекарданд, даъвати Сессияи Шӯрои олиро бар ғараз оқиб мепартофту, даъват намекард: Дар баробари ин мардумро дар назди Шӯрои Олӣ гирд оварда Қозикалони мусулмонони ҷумҳурӣ узви Раёсати Шӯрои Олӣ ҳочӣ Акбари Турачонзода ва муовини вазири кишоварзии ҷумҳурӣ, аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ Аслиддин Сохибназаров дар ҳузури и. в. Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ А. Искандаров ишонро рӯйрост ба мусаллаҳшавӣ ва ҷанг ба мукобили мардуме, ки ба ҳимояи давлати қонунӣ бархостаанд, даъват карданд.

Барои мухолифин чунин шахси кӯтохкади кӯтохандеш ба мисли А. Искандаров чун боду хаво зарур буд. Баъд аз он ки мавқеи худро мустахкам мекарданд, дар аввалин лахзахои

мусоид ӯро аз миён мебардоштанд. Афсӯсу дареғ, ки ҷаҳонбинӣ ва ақлу хиради ин марди «соҳибмаълумот» ба қадри даркорӣ нарасида будааст. Ӯ нақшаҳои сиёҳи оппозисияро хуб дарк накард, пеши пойро нигариста андешаи фардоро аз ёд бароварду ба доми тарроҳону саркардагони мазҳаби «Ваҳҳобия» рӯз ба рӯз бештар фурӯ мерафт, ки рафт! Ин буд, ки дар давоми якчанд моҳ Тоҷикистонро абгору фано сохт, ҷанги бародаркӯшро тавсиа бахшид, ки чун марази сироятқунанда аз як деҳа ба деҳаи дигар, аз як ноҳия ба ноҳияи дигар доман паҳн мекард.

Бо дастгирии А. Искандаров ва Ҳукумати «муросои миллӣ» ситоди «Наҷоти Ватан» беш аз пеш пурқуввату бо силоҳу аслиҳа таъмин мегардид, Ҳар рӯз Шодмони Юсуф, ҷонишини аввали раиси ҚАМ Ҷӯрабек Аминов, Вазири корҳои дохилӣ Т. Иброҳимов аз ҳисоби «Ситоди Наҷоти Ватан», ҚАМ ва сарумури бесилоҳгардонии ВКД чумҳурӣ гурӯҳи ҷавононро ҷамъ оварда бо силоҳи ҳозиразамона (автомат, снайпер, нориҷи танканда, (гранат), гранатомёт, пулемётҳои дастӣ) ва машинаҳои зиреҳпӯш мусаллаҳ гардонида, ба ёрии оппозисия барои ҷангидан ба вилояти Қӯрғонтеппа бар алайҳи дастаи Файзалӣ Саидов, Шералӣ Мирзоев, Маҳкамбой Шарифов, Азим Ғаниев, Ёқуб Салимов, Бӯрихон Ҷобиров, Абдуваҳҳоб Холиқов, Имомиддин Умаров ва дигарон мефиристониданд.

Дар яке аз ҷангҳо Ёқуб Салимов ярадор гардид, ки ин барои дастаи ноҳияи Вахш фоҷиае буд ҷонкоҳу навмедкунанда. Охи халқро худо шуниду ӯ ба зудӣ табобат ёфт. Пас аз табобати кӯтоҳмуддат агар чӣ комилан табобат наёфта буд, ба хоҳишу пофишории табибон нитоҳ накарда Ёқуб Салимов ба ноҳияи Вахш, ба назди дастаи худ баргашт.

Ёқубҷон Салимов зодаи ноҳияи Вахши вилояти Қӯрғонтеппа буда, рӯзе, ки ба сари ҳамдеҳагону ҳамақидагони худ омадани бадбахтию нокомиро дарк намуд, дар назди имони худ савганд ёд кард, ки ҷои ӯ майдон — таъмини дифои мардум аст, на кунҷи хона.

Бинобар ин, бо ҳамсари меҳрубону фарзандони азизаш хайрухуш намуда, ба тақдираш тан дода, аз шаҳри Душанбе роҳи вилояти Қӯрғонтеппаро пеш гирифт... Дар ноҳияи Вахш роҳбарии гурӯҳи «Наҷот»-и Вахшро ба ӯҳдаи худ гирифта, ҷавонмардони ҷасуру шуҷоъро ҷамъ оварда, баҳри муҳофизати мардуми ноҳия камар баст. Дар бисёр муҳорибаҳо ширкат варзида, қаҳрамониҳои беҳамто нишон дод ва барои аз сари қудрат дур сохтани мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «демократия»-и ҷоҳу мансабталаб ҳиссаи сазовор гузошт.

Дар он рӯзҳо Файзалӣ Саидов, Ёқуб Салимов, Маҳкамбой

Шарифов, якҷоя бо Абдумаҷид Достиев, Файзулло Кувватов, ранси комиҷроияи депутатҳои шаҳри Калининобод Шералӣ Мирзоев барои гузаронидани гуфтушунид бо роҳбарияти ҷумҳурӣ, кувваҳои ҳукуматии ғайриқонунӣ, барои ба эътидол овардани вазъи вилоят ва ҷирифтани пеши роҳи ҷанги бародаркуш чидду ҷаҳди фаровоне ба харҷ доданд.

Мутаассифона, ҳаракатҳои онҳо бенатиҷа мемонд, тарафи муқобил хоҳиши бо онҳо вохӯрдан намекард ва агар вомехӯрданд ҳам, маккоронаю разилона ба суханбозӣ мепардохтанд. Сухан як буду амал дигар. Агар рӯзона қавл медоданд, ки ба ҷанги бародаркуш хотима бидиҳанд, субҳи дигар ба ин ё он деҳаи фоҷиабор ҳуҷум меоварданд. Агарчи тарафи мухолифи, Ҳукумати «муросои миллӣ» номардӣ зоҳир мекарду саргарми зафарҳо гардида, ҷангро идома медод, вале неруҳои наҷотбахши ҷумҳурӣ такя ба худову халқ намуда, суханҳои шоирая тавонои гузаштаамон Зебуннисоро ба — хотир оварда, аз роҳи пешгирифтаашон пушаймон набуда, дунёро ба чашми умед медиданд:

Навмед набояд шудан аз гардиши айём,
Ҳар шом, ки ояд зи пайи он саҳаре ҳаст.

Шукри он ки дар ҳама гӯшаву канор, андар ҳама даври замон бар муқобили бадхоҳону хиёнаткорон некхоҳону ҳақиқатҷӯён низ вуҷуд доранд, ки андешаву омоли тудаҳои аҳли заҳмату меҳнатро иброз дошта, камари ҳимматро бар алайҳи носозгориҳо барбастанд. Ҳамин гуна нерў сабабгори таъсиси наёфтани ҷанги бародаркӯш дар ин сарзамини ранҷдидаву балокашида гардид.

Дар вилоят гурӯҳи ҷавонмардон аз ҷумла Маҳмуд Бойматов, Мирочиддин Камолов, Сулаймон Назифов, Зиннатшо Раҳматов, ки миёни мардум обрӯю эҳтироми волоро касб карда буданд, бо мақсади гирифтани пеши роҳи ҷанги бародаркуш, даъват намудан ба сулҳу салоҳ ба ситоди маҳаби «Ваҳҳобия», ки он вақт дар бинои меҳмонхонаи шаҳри Кургонтеппа ҷой гирифта буд, рафтанд. Бо роҳбарони ситод ҳоҷӣ Саид Абдуллохи Нурӣ — Абдурасулов, мулло Абдуғаффор ва дигарон ҳамсӯҳбат гардида, таклиф намуданд, ки тайёранд вазифаи маёнравиро ба дӯши хеш бигиранду тарафҳои муқобилу мухолифро сари як миз бинишонанду нуктаҳои зид бударо муайян намуда, ба ҳаллу фасл ва рафъи онҳо камар банданд. Аз баҳри худо! тарафҳо аз гуноҳу ҷурми содир гардидаи ҳамдигар бигзаранду масъалаҳои ба миён омадаро бо роҳи гуфтушунид ҳаллу фасл намуда, пеши роҳи ҷанги бародаркушро бигиранд ва халқро аз маргу маҳв наҷот бахшанд.

Охир ҷавонмард он аст, ки бо мухолифин на бо роҳи силоҳ балки бо зиракӣ, ақлу хирад, бо роҳи гуфтушунид пеш ояд. Бо ин мазмун дар ҳадиси 312—(232) пайғамбар Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст: «Эй муслимин, машваратҳо барпо кунед. Эҳтиёҷоти хешро бо ҷамоат музокира намоед. Агар дар баъзе масъалаҳо дар миёнатон ихтилоф, зиддият зоҳир шавад, ба аксарияти оро (тадбир) андешидан ҳал созед». Танҳо каҷназару кӯтоҳандеш, ҷоҳилу бефарҳанг ва худобехабаре гуфтушунидро бо силоҳ иваз мекунад, ки ин ҷаҳли мураккаб аст бадбахтиовару навмедкунанда. Охир ин миллат садҳо шоирону олимонро дошта, ки зимни ҳазорҳо абёти хеш дар садҳо ҷилд девону баёзҳо ва маснавиҳову футувватномаҳо бартарии сулҳу оштихоҳиро сурудаанд, то мо пасовандон ақаллан зимни байте ба худ бияндешем, ки ба чи кор машғулему киро бо кӣ муқобил гузошта манфиат мебардорем;

Муроде, ки дар сулҳ гардад тамом,
Чӣ бояд сӯи ҷанг додан лаҷом?!

ё худ ин байт:

Дари чора бар чорагар баста нест,
Ҳама кор бо теғ пайваста нест!

Вале роҳбарияти ситоди мазҳаби «Ваҳҳобия» дархости хайрхоҳонаю сулҳҷӯёнаи ҷавонмардони миёнаравро напаризуфт ва ҳатто нисбати онҳо нафрату адоват ва таҳқиру тухматро низ раво дид.

Онҳо чун паланги дарранда меғурриданд, аз ягон чизе рӯй намегардонданд, гӯё дидагонашон хунчакон буд, рӯи онҳо бе нур гардида чеҳраҳо ба нақши ҳаюло шабоҳат дошт. Ба силоҳу тиру туфанги худ бо як ҳисси каноатмандӣ ва кибру ҷасурӣ менигариданд, гӯё нигоҳдори осмон бошанду агар бихоҳанд онро ба рӯйи заминӣён партоб намоянд, ки сар аз тани гурӯҳи муқобил ҷудо месозад, аъзои бадани мардуми бегуноҳро пора-пора мегардонданд, гӯшу бинӣ мебуриданд, шиками модарон чок намуда, тифлони навзодро сар мезаданд...

Наход як нафар ҳамсояи тоҷики мӯъмину мусулмон, ки аз рӯйи гуфтаи Оллоҳи таъоло сетарафа хешованду ҳақталабанд, шиками зани ҳамсояи тоҷики мӯъмину мусулмони дигарро чок кунаду тифли ба дунё наомадаро бикушад... Ё гӯшу бинӣ, дасту пойи ҳамсояи худро маҳз аз сабаби ин ки ӯ кӯлобӣ ё ленинободиву узбеку русзабон аст, аз тан ҷудо созаду ваҳшиёна бикушад?! Ин чӣ даҳшат аст?!..

Нисбати чунин худхоҳони ҳомиёни зоҳирии дини мубини ислом, ки амалашон бар хилофи китоби замину осмон — Қуръони маҷид аст, шоир фармуда:

Як дарахт аз тири рокетҳои ту истода нест,
Нест девору даре, к-аз дасти ту афтода нест,
Ғайри вайроний зи хайроти сарой ободй нест,
Гарчи вайрон кардани як шаҳр кори сода нест,

Ту магар ин корро дар ним соат мекунй,
Зинда бошй, офаринат, хуб хизмат мекунй!

З-устухони халқ хоҳй сохт бурҷу бораро,
Тарх кардан ихтилофи ғарминву кӯлобиро,
Ғусли хун додй дигар ин миллати бечораро
Аз Ватан навмед кардй мардуми ovораро,

Корхое дархури «тахсинни» миллат мекунй,
Зинда бошй, офаринат, хуб хизмат мекунй!

Охир, ин аз рӯйи талаботу фармудаи оёту сураи Қуръони маҷид ё хадиси пайғамбар Мухаммади мустафо ва дини мубини ислом аст? Магар ин харобу забуну нотавон кардан ва теша ба решаи дини начиби мубини ислом задан нест?!

Магар баъзе «ҳомиёни дини ислом» бо ин рох, ки хешу ақраборо бо хам ҷанг андохтанд, байни мардум тухми нифоқу душманй накоштанд, хиёнат ба дини ислом, хиёнат ба худою расули акрам накардаанд?!

Пас, онхо бигӯянд, ки чй гуна мусулмонанду барои тозагй ва асолати кадом дину ойин мубориза мебаранд?! Ба пиндори ман, амалиёти онхо ба ягон оёту сураи Қуръони маҷид мувофикат надорад, онхо на танхо душмани Ватану халқи онанд, балки мухолифу бархамзанандагони дини мубини ислом будаанд. Зеро:

Ислом ба зоти худ надорад айбе,
Хар айб, ки хаст, дар мусулмонии мост.

Нисбати чунин ҷохилон Низомии Ганҷавй аз забони Искандари фотеҳ аламу хасрати шахсияшро изхор намуда, таъкид мекунад, ки хуни бегунохони дар майдони масоф рехтаро Искандар ҳам бо ашки дида мешӯяд:

Ба ибрат дар он куштагон бингарист,
Бихандид пайдову пинхон гирист.
Ки «чандин халоиқ дар ин доругир,
Чаро кушт бояд ба шамшеру тир?!

Пас аз чанд вакт яке аз он мардони миёнараву некирода Сулаймон Назифов аз тарафи гурӯхи номаълум ба катл расонида шуд. Дигарон, махсусан М. Камолов дар чамъомадхои вилоятию шахрй, дар маҷлиси ботантанаи оппозисия дар совхози «Туркманистон» фикру андешахои худро барои ғайриконунй будани гирдихамоихои бемаънй, фавран бас кардани

ҷангу ҷамъ карда гирифтани силоҳ, ташкил кардани гурӯҳи миллӣ на дар назди ситодҳои тарафҳои мухолиф, балки дар назди комиҷроияи вилоят баромадҳо ва талабҳо мекарданд. Аммо афсӯс, ки оппозисия ба шӯр омада, маҳруру масту маҳрури муваффақиятҳои зоҳирии нопойдор гардида ба ягон фикру андешаву ҳаракати солим диққати ҷиддӣ намедод. Худро ҳокими мутлақ ҳисоб мекард, бехабар аз он, ки халқи ҷабрдидаи ҷониби муқобил дар лаҳзаҳои бехобӣ зимни андарзи

Аз ноумедиҳо басе уммед аст,
Поёни шаби сиях сафед аст,

амал менамуд.

Алқисса, бо даву ғеҷи «Ваҳҳобиён»-у неруҳои «демократӣ» ва қисми зиёди ҳукуматдорон доираи ҷанги бародаркуш, маҳру хиёнат, каҳру ғазаб, ҷаҳолату бадбинии якдигар рӯз ба рӯз васеъ мегардиду реша медавонид. Ба гирдоби ҷанг акнун на танҳо тоҷик, балки узбеку русзабонҳо низ кашида мешуданд, ки хавфу хатарро бештар менамуд.

Артиши «миллии» оппозисия, ки бо силоҳу техникаи вазнини ҷангӣ мусаллаҳ гардида буд, чун гургони гуруснае, ки гӯё дохили рама гардида бошанд, ба чаҳор тараф метохтанду ба оташ задани хонаҳо, ба қатл расонидани бародарони узбеку рус низ даст меёзониданд. Ин даҳшату ваҳшати ҷашмнодиду гӯшношунид буд, ки миллати тоҷик, давлати тоҷиконро дар чашми аҳли башар рӯсиёҳу шармсор месохт. Ин селоби пур аз хуне буд, ки гӯё аз тор ба зер шорида, пеши роҳаш харчӣ меомад, решакан намуда бо худ мебурд. Акнун имкони пеши роҳи онро гирифтан гарон буд, чунки қатраҳову ҷӯйҳо ба дарёи боҳашамате табдил ёфта буд. Чӣ тавре Саъдии бузург гуфтааст:

Сари чашма шояд гирифтан ба бел,
Чу пур шуд, нашояд гузаштан ба пил.

Бо роҳи террор намудани мардуми бесилоҳ занону кӯдаконе, ки дар Колхозободу Кумсангир, Ҷилликулу Курғонтеппа зиндагонӣ мекарданд ва барои он ки кӯлобию ленинободӣ, хисорию ғозималикӣ, узбеку рус буданд, гаравгон гирифта, бисёрашонро ба қатл мерасониданд, хонахояшонро оташ зада, молу мулкашонро талаю тороҷ мекарданд.

Бо максади гирифтани пеши роҳи ин бедодгарию ваҳшоият гурӯҳи «наҷот»-и нохияи Вахш, ки вақтхои охир онро Ёқуб Салимов сарварӣ мекард, ба мардуми Бадахшон, Дарвоз ва Қаротегин мурочиатнома фиристода илтичо ва котеона талаб намуданд: «аз ба қатл расонидани мардуми бесилохи кӯлобию ленинободӣ, узбеку рус, оташ задани хонахои онхо, талаю тороҷ намудани молу мулкашон қатъиян даст кашанд!..»

Вилояти Кӯрғонтеппа дар муҳосираи иқтисодӣ қарор гирифта буд, роҳбарияти ҷумҳурӣ Ҳукумати «муросои миллӣ» ба ҳолу аҳволи мардум хурдтарин аҳамияте намедод, роҳи оҳану автомобилгард зери итоати артиши оппозисия ва қувваҳои давлатӣ буд, маводи хӯрокаю пушокӣ ва сӯзишворӣ фиристода намешуд. Ҳарчӣ ки дар анборҳои вилоят буд, оппозисия сари вақт онро зери тасарруфи худ гирифта буд. Модарон худ гурусна буданду луқмаи охиринашонро ба муҳофизати халқ медоданд. Рӯзҳое буд, ки дар баъзе ҷойҳо ба сари нафаре 30—50 грамм нон мерасид. Вале мардуми ҷасуру қавиирода ба ҳама «мушкилиҳои ҳаёт тоб оварда, маромӯ ақидаи худро дигар накард, аз роҳи пешгирифтааш ақиб нагашт, ҷасурӣ зоҳир намуда, бо шиками гуруснаву пойи луч бар алайҳи машинаҳои зиреҳпӯшу танку тӯпи «Ваҳҳобия» баромада тавассути туфангҳои шикорӣ, шишаҳои дорои моддаҳои таркандаи худсоз истодагарӣ намуда, муборизаи мебурданду шарафу номуси диёру гузар ва зану кӯдаконро муҳофизат менамуданд.

Ҷавонмардони ватандӯст саргузашти қаҳрамононии ростини халқамонро аз қабили Ҳодӣ Кенҷаев, Сафар Амиршоев, Саидқул Турдиев, Чутак Урозов, Неъмат Қаробоев ва дигарон такроран нишон медоданд, ки ин амал ҷовидона хоҳад монд!!

Дар ин ҷанги бемантиқи хонумонсӯз ҳазорҳо ҷавонмардони ҷасуру боимон барои ҳифзи роҳи ақидаи пок ва номуси миллат шуда, ҷон ба ҳақ супурданд. Ҷасади ҷавононе, ки дар дил ҳазору як орзуву ҳавас доштанд, ҳама ба бодӣ фанову навмедӣ печид. Пайкарҳои ҳазорон ҷавонмардон тӯъмаи дарандагону паррандагон ва моҳиёни дарё шуд. Худоё, ин чӣ балою бадбахтие буд ба сари халқи мӯъмину мусулмон омад?! Охир онҳо чӣ гуноҳе содир карда буданд, ки инчунин кулфату бадбахтиро насибашон гардондӣ?!

Вале ҳамаи ин даҳшату ваҳшат ва фоҷиаи фанои миллат барои оппозиция ва ҳукуматдорон гӯё ҳеҷ менамуд. Баръакс онҳо аз ҳисоби «ҷавонони ғаюр»-и Душанбеву ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба артиши оппозиция қувваҳои иловагӣ ҳамроҳ менамуданд. Ичборан аз ҳар хонадон як ё ду касро даъват намуда, бо яроқу аслиҳа мусаллаҳ гардонида, барои ҷангидан бар муқобили бародарону падарони худ ба вилояти Кӯрғонтеппа мефиристоданд.

Чуноне ки қаблан изҳор доштем, 21 июни соли 1992 бо ташаббус ва таҳти роҳбарии Ҳизби демократи Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати исломи ҷумҳурӣ, ҳаракати мардумии «Растохез», «Лаъли Бадахшон» ва дастгирии ҳукумати «Муросои миллӣ»

дар шаҳри Душанбе ҷабҳаи мусаллаҳ барои пайваста бо «ҷанговарон» таъмин намудани «артиши миллӣ»-и ватанфурӯшон ситоди «Наҷоти Ватан» таъсис намуда, лоиҳа, Оинномаю барномаи онро тартиб дода буданд.

Ба аризаи сабти Оинномаи он раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон Шодмон Юсуф, наҳзати ислом — Муҳаммадшариф Ҳимматзода, роҳбари созмони мардумии «Растохез» Тоҳир Абдуҷабборов, роҳбари ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» Атобек Амирбеков имзо гузоштанд.

Онҳо ҳамроҳи аъзои дигари мақомоти роҳбарикунандаи ташкилотҳои ҷамъиятии зикршуда ба ҳайати шӯрои марказии он дохил буданд.

Дар шаҳри Душанбе, вилояти Қӯрғонтеппа, ноҳияҳои Кофарниҳон, Комсомолободу Ғарм ва дигар шаҳру ноҳияҳое, ки зери итоати оппозиция буданд, шӯъбаҳои ситоди «Наҷоти Ватан» таъсис ёфт.

Мувофиқи мактуби расмии Вазорати Корҳои Дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти рақами 520 аз 14 сентябри соли 1992 ҷабҳаи «Наҷоти Ватан» бо силоҳу аслиҳа мусаллаҳ буда ва дорои дастаҳо мебошад. Яъне, сарварони давлати Тоҷикистон дидаю дониста ба муқобили халқе, ки баҳри муҳофизати давлати Конституционӣ, сохти давлатдории онҳо бархоста буд, ба ташкилотҳои оппозиционӣ барои таъсис намудани ҷабҳаи бо яроқу аслиҳа мусаллаҳ гардидани «Наҷоти Ватан» иҷозат доданд. Пас, чӣ гуна ҷабҳаи «Наҷоти Ватан» метавонист, ки дар пойтахти ҷумҳурӣ, дар пеши чашми сарварони давлат амалиётҳои ҷангӣ гузаронад. Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳамаи давру замон сарварону роҳбарони давлат ба халқу давлати худ алоқаи ногусастанӣ дошта, кулли халқ ба давлати худ ҳамеша содиқ буд...

Магар роҳбарону соҳибмансабони дурӯяю серӯя ба ғазаби худо гирифтор намешаванд?!

Охир халқу худо гуфтаанд-ку...?!

Охир, ваъдаи офаридгор ҳаст, ҳар касе ҳалқро фиреб диҳад, ба ғазаби худо гирифтор хоҳад гардид! Наузанбиллоҳ!

Раиси ин ташкилоти мусаллаҳ сарвари Ҳизби демократи Тоҷикистон Шодмони Юсуф, ҷонишини ӯ Тоҳир Абдуҷабборов, аъзоёни ситоди «Наҷоти Ватан» А. Соҳибназаров, М. Файзиев, Ҷ. Азизматов ва дигарон гардиданд.

Шодмони Юсуф кист, чӣ гуна шахс аст?

Собиқ дастпарвари Ҳизби коммунист асту собиқ котиби аввали ташкилоти ҳизби коммунистӣ шӯъбаи фалсафаи Академияи улуми Тоҷикистон, собиқ ду даъват номзад ба депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби интихобкунандагон

дастгирӣ наёфт, собиқ шахси барои вазифаи котиби аввали ташкилоти ҳизби коммунисти Академияи улуми Тоҷикистон, гурӯҳи тарғиботии идеяи ҳизби коммунисти ҚМ ҲҚ Тоҷикистон ҷидду ҷаҳд намудаву муборизаҳо бурда, ба хушбахтии халқ комёб нашуда. Собиқ тарғиботчии идеяҳои олии марксизм-ленинизм ва идеяҳои атеистӣ баъди аз боло тағйир хӯрдани раванди ҷомеа «пӯстин»-ро якбора чаппа пӯшиду дар хизмати «хоҷа»-и дигар гузашта, дар никоби дигар баромад карда, аз бахри билети ҳизбие, ки онро чун гавҳараки чашм нигоҳ медошт, гузашт.

Ин ҳолатро адиби маъруфи Эрон Фаридуддини Санҷарӣ чунин маънидод кардааст: «Касе, ки дар зиндагӣ ҳадафи муайяне надорад ва идеяро думбол намекунад, ҳамчун ёвагӯй пайваста ҳайрону саргардон аст».

Имрӯзҳо Шодмони Юсуфро мардуми дохилу хориҷи кишвар бо тамоми никобҳои ба рӯ кашидааш хуб мешиносанд. Ба он ҳадде шинохтаанд, ки кулли мардуми ҷумҳурӣ то даҳсолаҳои охир бо «шарофати» номи эшон тифли дар хонадони хеш ба дунё омадаро багумон, ки Шодмон ё Юсуф ном ниҳанд. Ҳамчунин баробари шунидани номи ин талхваш дар бадани миллатҳои дигари ҷумҳурӣ мурғак медамад.

Агарчӣ Оинномаи ташкилоти мусаллаҳ — ситоди «Наҷоти Ватан» мувофиқи тартиби муқаррар кардаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» номнавис нашуда бошад ҳам, вай бо ёрию дастгирии ҳукумати «Муроссои миллӣ» бо сарварии Акбар Мирзоев, Раёсати Шӯрои Олӣ бо роҳбарии Акбаршоҳ Искандаров амалан муташаккилона фаъолияташро ба роҳ андохт.

22-юми июни соли 1992 Шодмони Юсуф бо иҷозати ҳукумат тавассути идораи Садо ва симои «мардумӣ»-и ҷумҳурӣ бар мардуми ҷумҳурӣ гӯшрас намуд, ки «Наҷоти Ватан» «таъмини вахдати миллӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон»-ро вазифаи худ меҳисобад. Ва ошкоро тамоми ҷавонони ғаюру «миллатдӯст»-ро, ки зодаи водии Бадахшону Дарвоз ва Қаротегин буданд ва равияи мазҳаби «ваҳҳобия»-ро ҷонибдорӣ мекарданд, ба ҳамкорию ҳамдастӣ даъват намуд. Дар ситод гумроҳзадагонро номнавис намуда, бо силоҳу аслиҳа мусаллаҳ мекард, сипас барои ҷангидан бо бародарони ҳамхуни худ ба вилояти Қӯрғонтеппа мефиристонд. Боре тавассути Оинаи нилгун иброз дошт: «Ман одами бадқаҳру ғазабам. Касе гуфтаамро иҷро накунад, мепарронам!» Ана демократу мана демократия!

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе аз тарафи ситоди «Наҷоти Ватан» гурӯҳҳои ташаббускор таъсис намуда,

ба он «Бародарони ислом», тоҷикони «Ихвон-ул-муслимин» ном дода буданд, ки дар деҳаҳову кӯчаҳо миёни мардум ташвиқоту тарғибот бурда, барои харидани силоҳ маблағ гирд меоварданду ҷавононро зери фишору тарсу воҳима гумроҳ сохта, ба ситоди «Наҷоти Ватан» ворид мегардониданд.

Ин амалу ин хабар вазъи ҷумҳуриро боз ҳам ноороми нисҳинҷор месохт. Чунин изҳороти бемантиқу ғаразноки Шодмон Юсуфро ҳанӯз мардум фаромӯш накардаанд. Охир худи ӯ кист?! Ва чаро Ватани тоҷикро ӯ наҷот медода бошад! Ҷумҳурии Тоҷикистон халқу роҳбар дорад, ки Ватанашро аз ҳар балову тоифае чун Ҳимматҳову Шодмонҳо наҷот диҳад. Сарвари Ҳизби демократи Тоҷикистон мардуми Тоҷикистонро аз кӣ наҷот медода бошад? Ва кӣ ӯро ба ин кор ваколатдор намудааст? Мандати кӣ дар дасти ӯст?! Охир халқ ва Шӯрои Олӣ ӯро вакилу намояндаи худ интихоб накарда буд-ку?! Худи ӯ кист?!

Бо ҳамин ситоди «Наҷоти Ватан» амалиётҳои сияҳкорона-ашро оғоз намуд, агарчи ҳамаи он ҳуқуқу вазифаҳое, ки ситоди «Наҷоти Ватан» ба дӯш гирифта буд ва салоҳияти Раиси Ҷумҳур, Девони вазирон, Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ва Президиуми он шомил буд. Аз тарафи Сессияи Шӯрои Олӣ бошад, ба ситод чунин ҳуқуқу вазифаҳо дода нашуда буд, то он ки мардуме, ки дилаш ба ин марзу бум сидқан месӯзад аз фаъолияти он нахаросад. Аз пайдоиши чунин ситодҳо вазъи ҷумҳурӣ бӯҳронӣ шуду авзои сиёсиаш ба таркиш рӯ ниҳод.

Вале касе дар бораи «қонунӣ» будану набудани ин ситоди хунхошому бебунёду ваколатхои он харфе ба забон намеовард. Агарчи амалиёти ҷиноятқоронаи ситоди «Наҷоти Ватан» ҳар рӯз, ҳар соат аз пеши чашми Раиси ҷумҳур Р. Набиеву Ҳукумати «муросои миллӣ» (бо сарварии А. Мирзоев) ва Раёсати Шӯрои Олӣ таҳти роҳбарии А. Искандаров мегузашту касе пишаки ин зотҳои бенамозро пишт намегуфт. Ҳаракатҳои ғайриконунию ҷиноятқоронаи ситодро боз намедошт. Баракс аз ҷониби аркони номбурдаи давлату ҳукумат мусалсал ҷонибдорию дастгирӣ меёфт. Кор ба дарачае расида буд, ки ситоди «Наҷоти Ватан» чун структураи олии Хокимият амал мекард. Дар мачлису ҷамъомадҳои Раёсати Девони Вазирон ва Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ Раиси ситоди «Наҷоти Ватан» Шодмони Юсуф дар курсии намоён ҷой мегирифту сухани ӯ ба оби зар сабт мегардид ва иҷроишаш аз ҷониби ургонҳои давлатӣ қатъона ба иҷро мерасид, ки расид!

Чунин вазъиятро мушохида намуда, кас ба хубӣ дарк мекард, ки Ҳукумати «муросои миллӣ», Президиуми Шӯрои Олӣ, Кумитаи назорати конституционӣ ва шахсан Президент дар

давлатдорӣ мавқеъи худро кайҳо аз даст додаанду зери нақоби роҳбарияти мухолифин китфҷунбону пойкӯбон мадҳушона дингилак мезананд, ки шикаста беҳ он қанотҳову нобуд бод он хиромиданҳо!!

Вой бар ҳоли миллати ҷабрдидаву балокашидаи тоҷик, шаҳрвандони гуногункешу мухталифмазҳаби ҷумҳурӣ, ки чунин роҳбарони сустиродаю тарсончак, бехираду дурӯя ононро сарварӣ доранд!

Магар ин шабаҳҳо намедонанд, ки сарвари халқ будан саҳлу содда нест, балки заҳмати пайваста асту ғайрату кӯшиш ва матонати азиму суботкорӣ, на даллагиву тарсуйӣ!!

Роҳбарияти ҷумҳурӣ аз тарсу воҳима бо таклифи ифротиюни мухолифин шахсонеро, ки бо роҳбарони оппозисия ҳамақида набуданд, аз вазифа сабукдӯш мекарду, ҷонибдорони мухолифинро таъйин менамуд. 19-ӯми июни соли 1992 бо фармони Раиси Ҷумҳур раиси Қомиҷроияи вилояти Кургонтеппа Абдулло Аҳмедов аз вазифа сабукдӯш гардида, Қурбонов Нуралӣ Ҳабибович ба ин вазифа таъин гардид. 22-ӯми июни соли 1992 раиси Қомиҷроияи ноҳияи Файзобод Назиров Т., ки ҳамеша ба муқобили оппозисия мубориза мебурд, бо фишори оппозисия аз вазифа сабукдӯш гардида, вақили нерӯҳои «демократӣ» Раҷабов Ҳамид ба вазифаи раиси Қомиҷроияи депутатҳои халқии ноҳияи Файзобод таъин карда шуд. Яъне Раиси Ҷумҳур пайваста зери фишори мухолифин тарафдоронашро аз сари мансаб дур месохт. Мавқеи оппозисия дар вилояту ноҳияҳо пуркувват мегардид.

Ба касе пӯшида набуд, Нӯралӣ Қурбонов авлодан аз ноҳияи Тавилдара (Вахиё) буда, дар чунин вазъи шадиду енёсӣ бетарафонаю бефаразона амал кардан барои ӯ бисёр сангин хатм мешуд, чунки дар вилоят миёни ду гурӯҳи бо ҳам муқобил ҷанг мерафт ва мӯҷиби умдаи он марази маҳалгарой буд. Яке ҳамдиёрони ӯ, алалхусус мардуми ду водӣ Қаротегину Бадахшон, дигаре тамоми халқу миллати ҷумҳурӣ, ки ақидаи мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «демократияи исломӣ»-ро чонибдорӣ намекард. Тасаввур кунед, ба кадом тараф ӯ бояд майл мекард?! Магар метавонист ба ҳар ду тараф як хела муносибат дошта бошад?! Не, ҳеҷ гоҳ! Охир, ҳар яке мо инсонему дар миёни инсонҳо зиндагиву муносибат дорем ва бояд иқрор шуд, ки дар мағзу устухони аксари мо хиссиёти маҳалгарой, ҳамдиёрчигӣ хело ҳам пуркувват ҷойгир асту реша давондааст. Инкор намекунам, агар чи вобаста ба таърихи пайдоишу рушду нумуи ҳар як водӣ, ба тафаккуру хирадмандӣ, фарҳангу ҷаҳонбинии фарзандони гузаштаю имрӯзаи он касали маҳалгарой дар яке каму дар дигаре зиёдаст, яке зери пар-

даву дигаре беникобу луччаку урён ин маразро чонибдорй мекунад. Маърифатнокй, хирадмандй ва чахонбинии хар фард на танхо ба дипломхои номзадию докторй ва академикй, эчод намудани асархои зиёди илмию бадей, ояридани шеъру тарона ва роману достонхо муайян мегардад, балки ба мухити зисти ишон, таърихи кўхан, ташаккул ёфтани чахонбинии синфи коргар низ вобастагии ногусастанй дорад. Дуруст аст, ки иддае зиёиёни мо бо сабабй мехнати пайваставу машаккати зиёд кадри имкон бо таърихи гузаштаю имрўзаи мардумони дунё дониши китобии худро тавсиа додаанд. Доираи чахонбиниашон васеъ гардидааст. Иддае аз инхо зохиран забони худро дигар мекунанд, метавонанд мардумро гирди худ чамъ биёранд, забонбозиву маккорй кунанд, вале тағйир хурдани ботини ишон амрест бисёр мушкил. Нагуфта намонад, ки Саъдй фармуда: «Тарбият ноаслро чун гирдакон бар гунбад аст»

Дар акидаи аксари мардуми чумхурй Давлат Худоназаров, Шодмони Юсуф, Возор Собир, Гулрухсор Сафиева, Мухаммадшариф Химматзода, хочй Акбар Тўрачонзода, Амирбеки Атобек, Додочон Атовуллоев, Аслиддин Сохибназаров, Ғоибназар Паллаев, Махмадаёз Навчувонов, Акбар Махсумов, Отахон Латифй, Рахими Мусулмониён ва даххо дигарон шахсони бисёр хам бомаърифату бофарханг ва мардумдўсти чумхурии Точикистон ба хисоб мерафтанд.

Онхо олиму донишманд, шоиру сиёсатмадор, дорои китоби шеъру достон хастанд, бо сухандонию шеърхонй миёни мардуми чумхурй обрую эхтиром пайдо кардаанд, ки мардуми зудбовар баъзеро «падарон»-у баъзеро «модарон»-и миллат гохо унвон бурдаанд. Вале таърих исбот намуд, ки дар амали ин ашхос зохир бар хилофи ботин буда. Сухан як будаву дидду амал дигар. Магзу пайванди онхоро касалии махалгарой то дарачае фаро гирифта буд, ки намедонистанд сарашонро ба кадом санг бизананд. Бинобан, мисраи шоир хувайдогари замири ишон аст, ки гуфта: «Чун нек назар кунй, хама душманат уст!

Алалхусус, мардуми точик, пеш аз хама зиёнёну олимон ва мансабдорони он бозсозию ошкорбаёниро махз аз хамин мараз камаршикан — махалгарой ороз намуданд. Ин холро хар як фарди чумхурй дар интихоботхои депутатхои Шўрои Олии чумхурй, шўрохои махаллй, интихоби Раиси Чумхур ба чашми сар дид. Бадбахтиро бинед, ки хар нохия, хар кабила новобаста аз кобилияту аклу хирад номзадхои хешро пешниход менамуд, гирдихамоихои пан хам ташкилнамудаи иддае нохияхо хосили табохи хамин мараз буд. Баъди хатми интихоботхо мардуми дехаи як номзад ба дигаре сари чанг дошта-

ду ногап буданд. Ҷонибдорони Давлат Худоназаров, ки бештари олимону зиёён дар атрофи номи ӯ гирд омада чун пайғамбар муаррафиаш карданд, пас аз мағлубият ба тарафдорони Р. Набиев, ки дар интихобот ғолиб шуданд, худи ҳамон рӯз дар назди бинои Филармония ошкоро сари ҷанг доштанд ва ҳукумати қонуниро дастгирӣ накардаид, ба таҳқиру истеҳзо пардохта аз рӯзи нахусту соати аввал гирдиҳамоиҳоро ташкил медоданд... Қасди мағлубият меситонданду бешармона ба бохташон тан намедоданд.

Дар яке аз суханрониҳояш номзад ба вазифаи Президенти ҷумҳурии тоҷикистон, ки мағлуб гардид, Давлат Худоназаров тавассути ахбори умум иброз дошт: «акнун тарафдорони мо ба Президенти ҷумҳурӣ Раҳмон Набиев ва ҳукумати ӯ мухолифини хунин мебошанд».

Чунин намуди демократияро худо танҳо ба ақлу хираду мухолифини тоҷикистон ато кардааст. Ин ҳам «бахти» миллати рӯзнадидаи тоҷик буда, ки бад-ин баландеши шабаҳи қабоҳатзоеро дар батни хеш парвариш дода.

Магар чунин рафтор аз фарҳанги оливу ақлу хираду воломақоми ишон шаҳодат медиҳад?! Магар ин амали реваншистӣ ба ягон қонуни башар ё принсипҳои демократӣ мувофиқат дошт?! Не, ҳеҷ гоҳ! Ҳамчунин яке аз сабабҳои асосии васеъ гардидани доираи ҷанги бародаркуш ин ба маҳалҳо пора-пора афтодани мардум буд. Магар дар чунин вазъияти ногувор метавонист Нуралӣ Қурбонов бетарафона амал намуда, вазъи вилоятро ба эътидол овараду пеши роҳи ҷанги бародаркушро гирад?! Албатта не!!

Гузашта аз ин, ӯ дар ташкилоти ҷавонон кор карда ноҷизтарин мафҳуме дар хусуси кори хоҷагидорӣ, давлатдорӣ ва сиёсату сиёсатмадорӣ наандӯхта буд. Биноан, дар даврае, ки дар вилоят миёни табақаҳо ҷанг даргирифта буд, ӯро мебоист ҳар дақиқа мустақилона оиди ин ва ё он масъала ҳалномаи шахсиашро пешниҳод намояд, ки кобили қабули манфиати ҳарду ҷониб шавад.

Охир, ҷавоне, ки дар ягон идораи давлатӣ мустақилона кор накарда бошаду ба «ин ҷо бизан»-и мушовирон амал намояд ва хурдтарин малакаи роҳбариву кордониро наомӯхта бошад, чӣ гуна метавонад вилояте, ки ягон аркони он коршоям набуда ва қариб чизе аз он бокӣ ҳам намонда аст, ба эътидол орад?!

Аз тарафи дигар, қувваҳои ҷангии оппозисия, ки дар ҳудуди вилоят зери роҳбарии ҳоҷӣ Саид Абдуллохи Нурӣ, Шодмони Юсуф, Муҳаммадшарифи Ҳиммататзода, Давлати Исмон ва дигарон амалиёт мебурданд, зодагону намояндагони ноҳи-

яи Тавилдара буданд. Пўшида намонад, ки ҳисси маҳалгаро-ию хешовандиро ин силсилаи зоғҳои бадмур луччаку урён мавриди диди «сиёсатмадори»-и хеш дар мадди назари аввал доштанд ва ишон намегузоштанд, ки Н. Қурбонови ҷавону кушишманду кўтоҳандеш вазифаи худро аз рўйи инсофу қонун ба мавриди иҷро бирасонад. Аз рўзҳои аввал ў гирифтори афсуни хочӣ Саид Абдуллохи Нурӣ, Қорӣ Муҳаммадҷон, ҳочӣ Саидашраф гардида буд. Аз субҳ то шом ҳамнишину ҳамсўҳбати онҳо буд. Ҳатто шахсони холису хайрхоҳи миллат борҳо ба ў ибрози ақида доштанд, ки ҳар чӣ зудтар аз хоинони миллат ҷудо бошад, бехтар аст. Ба ин хотир тасвири воқеае ҳуҷҷати боарзиш аст. Қорманди додситонии шаҳри Кўрғонтеппа Меъроҷиддин Камолов вазъияти рўз ба рўз табоҳ гардидаи шаҳру навоҳии вилоятро таҳлил намуда, оқибати ҷазги бародаркушро, ки рўзе чандин ҷавонмардон, занону кўдакон туъмаи он мегардиданд ва тарзи корбарии фарсаҳҳо аз мақсад дури раиси комиҷроияи вилоят Нуралӣ Қурбоновро мушоҳида намуда, яке аз рўзҳои августи соли 1992 бо ҳамроҳии шоир Зуҳуриддин Суярӣ ба комиҷроияи вилоят ба назди Нуралӣ Қурбонов мераванд, ки дар назди ў Вазири кор ва шўъли аҳолии ҷумҳурӣ Зуҳуров Ш. ва сардабири рўзномаи «Минбари ислом, яке аз саркардагони мазҳаби «Ваҳҳобия» Саид Абдуллохи Нурӣ нишаста буданд. Ба назди Н. Қурбонов даромада хоҳиш мекунанд, ки дақиқае онҳоро гўш намояд. Хоҳишашон қабул мегардад, Ш. Зуҳуров ва Саид Абдуллохи Нурӣ мебароянду онҳо даромада, пас аз ҳолпурсии хамдигар ба Нуралӣ Қурбонов мегўянд:

— Рўз аз рўз вазъияти сиёсии шаҳру ноҳияҳои вилоят бисёр ҳам баду ноҳинҷор гардида истодааст. Ба иғвои рўҳониёни мазҳаби «Ваҳҳобия» ва неруҳои «демократи» мансабпараст наздики чор моҳ аст, ки ҷанги бемантиқу хонумонсўз миёни миллатамон давом карда истодааст ва маълум, ки даҳҳо ҳазор мардум бенаво шуда ва ҷилои Ватан кардаанд.

— Ўзбекону русҳоро низ ин ҷанг ба доми худ кашида истодааст, ки тарки вилоят карда рахти кўч баста истодаанд. Чунин вазъият давом намояд, вилоят бе мутахассис мемонаду шаҳр валангор.

— вазъияти бе ин ҳам муташанниҷ аз вақте ки шумо вазифаи раиси комиҷроияи вилоятро ба ўҳдаи худ гирифтаед, боз ҳам рў ба фурурравӣ намуда, биноан, бо чунин тарзи корбарию сару ҳисоб бисёр метарсем, ки вазъияти вилоятро мушкил аст ба эътидол биёред.

Ба ақидаи мо барои ба эътидол овардани вазъияти вилоят зарур аст, ки чанд нкдоми қатъӣ риоя гардад:

— Аввало бояд нагузоред, ки Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва саркардагони «демократияи исломӣ» утоқи кории шуморо охурча намоянду маслиҳатчии ҳамарӯзиятон бошанд. Худатонро аз чунин ашхоси қаҷҳисобу нопок дур созед. Муносибати шуморо бо саркардагони мазҳаби «Ваҳҳобия» ва «Демократия исломӣ» тарафҳои мухолиф ва мардум мушоҳида карда истодааст, ки он вазъиятро тезутунд хоҳад кард.

— Аз ҳисоби мардуми бохиради вилоят, ки метавонанд манфиати тарафҳои мухолифро беғаразона ҳимоя намоянд, комиссияи бонуфузе бояд таъсис намуд, ки миёни роҳбарияти гурди миллии вилояти Кӯлоб, гурди наҷоти Қӯрғонтеппа ва оппозисия ба гуфтушунид пардозаду баҳри пайдо намудани ҳалли масъалаҳои бамиёномада чораҳо андешад.

Афсӯс, ки таъсири Саид Абдуллоҳи Нурӣ, Шодмони Юсуф, эшони Саидашраф, Муҳаммадшарифи Ҳимматзода ва чанде дигарон намегузошт, ки ӯ баҳри амалӣ гардондани талабу дархости мардуми хайрхоҳ, баҳри ба эътидол овардани вазъияти вилоят ибдоми шоистае намояд, чорае андешаду қадаме ба пеш гузорад. Маслиҳатҳо дар сухан мемонду ҷанги бародаркуш, оташ задани хонаҳои шахсию биноҳои давлатию ҷамъиятӣ идома меёфт.

Дар чунин мавриди хассос зарурат дошт, ки роҳбарият аз рӯи ақидаи қайҳо ҷанозаашро хондаву гӯру чӯб кардаи ҳафтодсола амал накарда ба ҷои ҷавони комсомол як нафар шахси корвазидаву дурбини ҷасурро мегузошт, то ҳолати ноҳинҷори вилоят ба эътидол ояду шаҳрвандон осуда. Биноан, ба чунин вазифаи масъулиятнок гузоштани Нуралӣ Қурбонов ҳатои сиёсӣ ва саҳлангории маҳзи роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ буд. Ин хатои нобахшудание буд, ки мардум комилан ба тарафҳо ҷудо шуда ба шӯр омаданду доираи ҷанги бародаркуш васеъ гардид. Аз тарафи дигар, бояд ки Нуралӣ Қурбонов вазифаро шунида об намешуду аз рӯи ақли солим амал намуда, вазни худро ба ҳисоб гирифта аз паси курсии мансаб намедавиду гуфтаи авомфиребонро дастгирӣ намекард, шояд худ миёншикану вазъияти вилоят то дараҷае оромтару осудагӣ баркарор ва ҳазорон-ҳазор мардумони бегуноҳ шаҳид ва сарсону саргардон намегардид...

Алқисса, роҳбарони оппозисия бо роҳи терору резондани хуни инсон, тавассути таҳдиду фишор овардан ба Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев барои ҳарчӣ зудтар зери даст гирифтани ноҳияю вилоятҳо нақшаҳо мекашиданду «ҷонбозиҳо» мекарданд. Дар он шабу рӯз барои Раиси Ҳукумату ҷумҳурӣ фарқе надошт, ки ба кадом ҳуҷҷату кадом масъала имзо мегузоранд...

Инчунин, раёсати Шӯрои Олӣ ҳам бо сарварии А. Искандаров аз руйи тарҳи кашидаи оппозисияву мушовирони дохилӣ ва берун аз марзи он амал намуда, дар даву ғеҷи он буд, ки ҳарчӣ тезтар роҳе биёбанду бо сабабҳои бофтаю сохта ба Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев фишор расонанд, то он ки фармонҳои ғайриқонунӣ ба табъ расанду табаддулоти давлатӣ дар ҳама ҷабҳаҳои соҳати зиндагии ҷумҳурӣ комилан амалӣ гардад. Чунки ӯ ягона фарде буд ки то андозае бо оппозисия мубориза мебурд.

Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ бар хилофи ҳуқуқу ваколатҳои худ 22 июни соли 1992 бо мазмуни зайл изҳорот қабул карда, пешкаши мардуми ҷумҳурӣ намуд:

— Дар як қатор ҷойҳо мақомоти ҳокимият, роҳбарияти онҳо дар бораи эътироф накардани Ҳукумати «мусолиҳаи миллӣ» изҳори ақида намуданд, аз иҷрои қарорҳои Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазирони ҷумҳурӣ даст кашидаанд. Онҳо ба тобеияти худ даровардани ҳамаи корхонаю ташкилотҳои дар қаламравашон воқеъгардида қарорҳои ғайриконститутсионӣ қабул кардаанд.

— Дар як қатор ноҳияҳо дастаҳои ғайриқонунӣ ташкил шуда, аз ҷумла дастаҳои мусаллаҳ ошкоро амал мекунанд. Дар айни ҳол мақомоти ҳифзи ҳуқуқ камфаъолиятӣ нишон дода, аксаран аз амалиёти ғайриқонунии ин ё он гурӯҳҳо чашм мепӯшанд.

Бо мақсади дарёфтани роҳи муътадил гардонидани вазъият ташкили Ҳукумати мусолиҳаи миллиро, ки он бояд воситаи ба даст овардани ризоияти ҷамъиятӣ гардад, дастгирӣ намудем...

— Раёсати Шӯрои Олӣ созишномаи байни роҳбарияти ҷумҳурӣ ва ҳизбу ҷунбишҳои дар оппозисия бударо онди ташкили Маҷлиси миллӣ дастгирӣ менамояд ва лоиҳаи он тартиб дода 29 мои соли 1992 ба Раиси ҷумҳур пешниҳод карда шуда буд. Ин саъю кӯшиши раёсат натиҷаи дилхоҳ надод...

— Боиси таассуфи зиёд аст, ки васеъ кардани ваколатҳои Раиси Ҷумҳур натиҷаи дилхоҳ надод. Чунин ба назар мерасад, ки Раиси Ҷумҳур дар ҳалли масъалаҳои таъхирнопазири ҳаётан муҳим камфаъолиятӣ ва бечуръатӣ зоҳир менамояд...

Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ дар асоси гуфтаҳои боло талаб менамояд:

— дар мӯҳлати кӯтоҳтарин мусодира кардани силоҳе, ки дар ихтиёри дастаҳои ғайриқонунӣ ташкилшуда ва шахрвандони алоҳида мавҷуд аст.

— Иҷрои бечунучарои санаду қарорҳои қабулкардаи Раиси Ҷумҳур ва Ҳукумат аз тарафи мақомоти ҳокимияти давла-

латии ҳамаи дарачаҳо, андешидани чораҳо оиди ба ҷавобгарии сахт кашидани роҳбароне, ки аз иҷрои онҳо саркашӣ мекунанд.

— таъҷилан баровардани фармон дар бораи ташкил намудани Шӯрои давлатӣ.

— фавран ба тобеъияти ҷумҳур даровардани қисмҳои ҳарбии дар қаламрави он воқеъгардида.

Вале бояд иқрор гардид, ки Раёсати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ бо сарварии А. Искандаров дар он шабу рӯз, ки аз дилу дидаи мардум хун меборид, хиёнате ба халқи ҷумҳурӣ намуд, барои иҷрои вазифаи муқаддаси худ, ки дар Қонуни Асосии ҷумҳурӣ нишон дода шуда буд, қадаме ба пеш нагузошт.

Ба таклифу дархости мардум нигоҳ накарда, барои гирифтани пеши роҳи ҷанги бемантиқу бародаркуш, ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ хурдтарин чорае наандешид, ки баҳри исботи он чанд далел меорам:

Аввал: Агарчӣ шахсан ман ба унвони Раёсати Шӯрои Олӣ, и. в. Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Акбаршоҳ Искандаров аз шаҳраки Сарвода панҷто баркия ва талабнома бо имзои зиёда аз 100 нафар депутатҳои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ дар мавриди ҳарчӣ зудтар даъват намудани сессияи Шӯрои Олӣ дар яке аз шаҳр ё ноҳияҳои вилояти Ленинобод фиристода будам, ҳамаи онҳо беҷавобу бенатиҷа монданд. Чаро онҳо бар хилофи талаботи Конститусияи ҷумҳурӣ нахостанд, ки сессияи Шӯрои Олӣ баргузор гардад ва масъалаҳое, ки барои ҳаллу фаслашон ҷанги бародаркуш давом карда истодааст, мавриди муҳокимаи вакилони халқи ҷумҳурӣ гардад? Бале, онҳо хуб дарк карда буданд, ки агар сессияи Шӯрои Олӣ, дар вилояти Ленинобод ё дигар шаҳру ноҳияе, ки зери итоати оппозицияи қарор нагирифтаанд, баргузор гардад, тарафдорони оппозисия, ки бо қувваи силоҳ соҳиби мансаб гардида буданд, бемансаб хоҳанд гардид.

Дуюм: Дар таги бинии аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ бар хилофи ҳамаи қонунҳои ҷумҳурӣ ва башар бо сарварии Раиси Ҳизби демократи ҷумҳурӣ Шодмони Юсуф дар шаҳри Душанбе ситоди «Наҷоти Ватан» таъсис ёфт, ки бо силоҳу аслиҳа мусаллаҳ буд ва барои амалиёти «самараноки» он Ҳукумати «муросои миллӣ» қисми бинои Мудофиаи Граждании ҷумҳуриро ҷудо карда дод. Кормандони онҳо ошкоро ҷавононро бо силоҳ таъмин намуда, ба вилояти Кӯрғонтеппа барои ҷангидан мефиристоданд. Оё ин аз рӯи виҷдону одамгарӣ буд?! Магар Раёсати Шӯрои Олӣ, Вазорати адлияи ҷумҳурӣ намедонистанд ки ташкил ёфтан ва амалиёти ситод пурра бар хилофи қонуни ҷумҳурӣ мебошад? Оё ҷавонони гумроҳгарди-

даро бо силоҳ таъмин намуда ба ҷанги бародаркуш ба вилояти Кӯрғонтеппа гуселонидан ҷинояти сахт дар назди қонун набуд? Оё ситоди номбаршуда метавонист бо ин роҳи гумроҳона пеша кардааш мардумро наҷот бидиҳад?! Ва аз кӣ?!

Не, хеҷ гоҳ!

Пас, чаро Раёсати Шӯрои Олӣ, ки ваколати бурдани назорат ояди якшакла иҷро намудани қонунро дар ҷумҳурӣ бар ӯҳдаи худ дошт, даҳонро пури об карда хомӯш меистод?!

Чаро ақидаи хешро ояди ин беадолатиро ҷиноятқорӣ муайян нанамуд ва изҳорот қабул накард?! Чаро раиси кумитаи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ оид ба қонунбарорӣ, қонуният ва муборизаи зидди ҷиноятқорӣ ва мурочиати гражданҳо Абдулло Ҳабибов нисбати ин масъала хомӯш монд, агарчӣ тавонист аз посбонҳои Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев баёнот бигирад, ки гӯё ғайриқонун ӯро посбонӣ мекунанд.

Чун қоида Раёсати Шӯрои Олӣ вазифадор буд, ки масъалаи таъсиси ситоди «Наҷоти Ватан»-ро дар ҷаласаи Раёсати Шӯрои Олӣ мавриди муҳокима қарор бидиҳад, аз тарафи кӣ ба қайд гирифтани онро муайян намояд ва дар бораи бар-ҳам задани ону ба ҷавобгарии қонунӣ кашидани сарваронаш масъала гузорад.

Чаро Кумитаи назорати конститутсионии ҷумҳурӣ нисбати фармонҳои Раиси Ҷумҳур, ки ба манфиати оппозисия буданд, ҳамзамон ҳоло имзои Раиси Ҷумҳур хушк нашуда хулосаи худро мебароварду кӯр-кӯрона фармонҳои ғайриқонуниро шарҳӣ ҳисобида, тавассути садою симои «мардумӣ» ва рӯзномаҳо ба мардуми ҷумҳурӣ муаррифӣ мекарданд, вале нисбати қонунӣ будан ё набудани ташкилоти хунхорситоди «Наҷоти Ватан» ин амалро надида гирифт?

Билохира, Кумитаи назорати конститусионии ҷумҳурӣ ва Раёсати Шӯрои Олӣ вазифаи муқаддаси худро содиқона иҷро накарданд, баръакс амалиёти ситоди «Наҷоти Ватан»-ро ҷонибдориву дастгирӣ намуданд, ки он бонси гумроҳ намудану ба иштибоҳ андохтани мардуми ҷумҳурӣ ва тӯл кашидани ҷанги бародаркуш гардид. Дар натиҷа мардуми зиёде шаҳиду маъюб ва бехонаю ҷо монд.

Сеюм! Аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ хуб медонистанд, ки таъсис намудани Ҳукумати «мусолиҳаи миллӣ»; «Маҷлиси миллӣ ва «Шӯрои давлатии ҷумҳурӣ» мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохт ва структураи давлат дохил мешавад ва дар Конститутсияи амалкунандаи ҷумҳурӣ пешбинӣ карда нашудааст.

Барои он ки чунин ургонҳои олии давлатӣ ташкил ёбанд,

бояд ки аввал ба Қонуни Асосии ҷумҳурӣ бо назардошти райъи аз се ду ҳиссаи шумораи умумии депутатҳои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ тағйирот дохил карда мешуд. Ба Конститутсияи Ҷумҳурӣ иловаро фақат сессияи Шӯрои Олӣ метавонад, ки дохил кунад. Аз ин ҷо, масъалаи дохил намудани илова ба Конститутсия, таъсиси Ҳукумати «мусолиҳаи миллӣ», «Маҷлиси миллӣ» ва «Шӯрои давлатӣ» аз рӯи Қонуни Асосии ҷумҳурӣ танҳо ба ваколати сессияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ дохил мешавад.

Баъноан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раиси Ҷумҳур чунин ҳуқуқу ваколатҳо надода буд. Пас чаро дидаю дониста ба Президенти Ҷумҳурӣ фишор оварданд. Вале Раиси Ҷумҳур акидаи худро дигар накард, ба таҳқиру таҳдиди Раёсати Шӯрои Олӣ ва силоҳбадастон нигоҳ накарда дар бораи ташкил намудани «Маҷлиси миллӣ» ва «Шӯрои давлатӣ» ҳуҷатҳоро имзо накард. Ростӣ, чунин иқдоми Раиси Ҷумҳур ба аввалин бор кӯшиши шоҳонае буд.

Чаҳорум. Парламент, Шӯрои Олӣ созмони конститутсионӣ мебошад, ки аз номи халқи ҷумҳурӣ қонунҳо қабул менамояд, иҷрояшонро назорат мебарад.

Маҷлиси миллӣ чӣ гуна созмон аст, дар асоси кадом банди Конститусия амал хоҳад кард, чӣ гуна ҳуқуқу салоҳиятҳо дорад? Чӣ гуна Маҷлиси миллӣ амал мекунаду қонун мебарорад, ҳол он ки аъзоёни онро халқи ҷумҳурӣ интихоб накардааст. Пас, онҳо на танҳо ҳуқуқи қонунӣ, балки ҳуқуқи маънавӣ ҳам надоранд, ки аз номи халқ қаласа ороянду қонун қабул кунанд.

Худро ба гӯливу нодонӣ задан ҳам бояд, ки ҳадду канор дошта бошад. Аз як тараф, ҷор мезанему гӯши фалакро кар менамоем, ки давлати дунявии ҳуқуқбунёди демократӣ месозем. Аз ҷониби дигар бошад, даъвои барҳам додани Парламенти қонуниро сарманшаи манфиатҳои чанд қаҷҳисоби норафтароҳе пеша кардаем. Пас, чӣ гуна давлати дунявии ҳуқуқбунёди демократиро бе Парламент тасаввур метавон кард? Чаро оппозисия ҳарисона дар фикри аз байн бардоштани парламент ва ба ҷои он вогузор намудани Маҷлиси миллиро пеш гирифт. Ба бисёриҳо ин чиз маълум аст, ҳоҷати шарҳу таҳлил нест... Чунки оппозисия бо ин роҳ мехост табаддулоти давлатиро дар Шӯрои Олии ҷумҳурӣ амалӣ гардонда, Шӯрои Олиро аз ҳуқуқу ваколатҳояш бенасиб гардонида, камаршикан созад.

Пас, чаро Раёсати Шӯрои Олӣ ва кумитаи назорати конститусионии ҷумҳурӣ ба фикри авантюристонаи оппозисия, ки пурра ҷонибдори амалӣ гардидани табаддулоти давлатӣ буд,

ҳамфикр гардид? Магар онҳо нозукиҳои қонунро намедонистанду саҳв карданд ва мардуми ҷумҳуриро ба иштибоҳ андохтанд?!

Не, қонунро хуб медонистанд ва ба иштибоҳ наафтида буданд!! Чунин ҳаракату тартиби ҳаллу фасли он шаҳодат медод, ки Раёсати Шӯрои Олӣ ва Кумитаи назорати конститутсионии ҷумҳурӣ барои нигоҳ доштани курсии мансаб ба оппозисия ҳамфикр гардида, аз паи ҳарчи бештар амалӣ гардидани табаддулоти давлатӣ ва овардани бадбахтӣ ба сари миллат буданд.

Панҷум. Аз тарафи дигар, дар протоколи созиш миёни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷунбишҳои мардумии дар оппозитция буда, ки 07.05.92 с. ба имзо расида буд, оиди таъсиси «Маҷлиси миллӣ» ва «Шӯрои давлатӣ» ҳарфе дарҷ наёфта буд. Пас, чаро Раёсати Шӯрои Олӣ дидаю дониста аз Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев қотеъона талаб намуд, ки ин ду ургони олии давлатиро таъсис намояд ва дар изҳороти худ мардуми ҷумҳуриро ба иштибоҳ андохта, ишонро аз муборизаи роҳи ҳақиқат боздошт? Ва Раҳмон Набиевро беадолатонаю ноинсофона ба гуноҳи набуда гунаҳкор сохт, обрӯ ва эҳтироми ӯро паст зад, магар ин ҷиноят набуд?!

Магар боз Раёсати Шӯрои Олӣ аз рӯи нодонистани қонун мардумро ба иштибоҳ андохту дудила сохт?!

Не, ҳеҷ гоҳ не...!!

Шашум. Раёсати Шӯрои Олӣ масъалаи ба ҷавобгарии сахт кашидани роҳбарони корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои шаҳру ноҳия ва вилоятҳое, ки ба тарафдории ҳақиқат ва ҳокимияти қонунӣ ба майдони Озодӣ омада буданд, гузошт. Чаро ин ҷалаботро нисбати корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳое, ки ба майдони Шаҳидон кумак расонда, дар гирдиҳамоии ғайриқонунӣ ширкат варзида буданд, нагузошт?!

Чаро дар боран ба муҳосираи иқтисодӣ гирифтани вилоятҳои Кӯлобу Кӯрғонтеппа ва ба гуруснагиву захролудӣ гирифтор шудани зиёда аз 1,5 миллион мардум изҳорот қабул накард?!

Ин чароҳо ва боз чанд чароҳои дигар воқеан ҷонибдории кадом ҳокимият (оппозиция ё қонунӣ) будани аъзоёни раёсати Шӯрои Олиро рушанӣ меандозанд, то он ки мардуми ҷумҳурӣ аёнан башараҳои талху дурӯяи фарзандони худро, ки вазифаи аъзои Президиуми Шӯрои Олиро ба дӯш доштанд бидонаду бишносад ва лаънат хонад, то бар дигаре мояи андарз бошад!!

## МУНДРИЧА


Аз муаллиф . . . . . 6
Пешгуфтор . . . . . 8
Оғоз . . . . . 13
Дасисаи аввал . . . . . 20
Дасисаи соний . . . . . 29
Аркони фалачшуда . . . . . 39
Раъйи соний . . . . . 43
Гаравгонгирии намояндагони мардум . . . . . 45
Вазифаи нав . . . . . 52
Чашмакзании кози-оғози чанги бародаркуш . . . . . 53
Дасисаи сеюм . . . . . 54
Иқдоми Президент . . . . . 67
Раъйи сеюм . . . . . 76
Курбонии аввал . . . . . 92
Тадбири барбодрафтаи Президент . . . . . 98
Қувваи сеюм . . . . . 129
Чиҳод, «Инқилоб» . . . . . 132
Протоколи созиш-гўркови давлати конуний . . . . . 155
Тақя ба зоти ҳақ . . . . . 174
Намози бетахорат . . . . . 233
«Ҳам дуздиву ҳам пешхезй» . . . . . 236
Хиёнат ба конун . . . . . 246
Шогирдони норафтароҳ ва устодони хоричй . . . . . 256
Мўътакиди адолат . . . . . 305
Муковимати Кўлоб . . . . . 309
Навҳаи Вахшонзамин . . . . . 328